**А. МУХТОРОВ, Ҳ. КАМОЛ,**
**А. САИДОВ**

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Китоби дарсӣ барои синфи 8 – уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2016**

**ББК 74.26 Я72**
**А-88**

**А-88.** А.Мухторов, Ҳ.Камол, А.Саидов. **Таърихи халқи тоҷик** (китоби дарсӣ барои синфи 8). Душанбе, Маориф, 2016. 304 саҳ.

Китоб воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва нимаи аввали асри XIX-ро дар Мовароуннаҳру Хуросон дар бар мегирад.

## Истифодаи китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-341-7**

**© Маориф, 2016**
**Моликияти давлат**

# ПЕШГУФТОР

Таърих илмест, ки аз давраҳои мухталиф оид ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва тамаддуну фарҳанги миллатҳо бо роҳу услубҳои гуногун маълумот гирд меоварад. Таърихнигорон ахбори гузаштаро аз сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ гирифта, онро бо ҳама ғановаташ баррасӣ менамоянд ва тасвири гӯёи зиндагии ҷомеаҳо ва инсонҳоро дар гузаштаҳои дур воқеъбинона аз нав эҳё мегардонанд.

Омӯзиши илми таърих барои ҳар шахс муҳим аст, зеро аз таърих инсон сабақ омӯхта, он чиро ки боиси рушду тараққист, ба он рӯ меоварад ва он чиро ки боиси ақибмондагӣ хоҳад шуд, аз он даст мекашад.

Илми таърих барои пешрафти ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат намуда, онҳоро аз гузаштаи пурифтихори аҷдоди худ, ки дар фарозу нишеби рӯзгорон бо комёбиву нокомиҳо рӯбарӯ шудаанд, ба марзҳои таърихии сарзамини аҷдодии худ, сарнавишти шахсиятҳои маъруфе, ки дар раванди пешрафти ҷомеаҳо дар гузашта саҳм гузоштаанд, огоҳ месозад.

Акнун шумо аз таърихи халқи тоҷик аз ибтидои асри IX аз замони ба сари ҳокимият омадани сулолаи Тоҳириён дар Нишопур (821-873) то миёнаи асри XIV, яъне то ба сари ҳокимият омадани сулолаи Темуриҳо шиносоӣ пайдо намудед.

Дар ин китоби синфи 8 шумо аз таърихи халқи тоҷик дар асрҳои XIV– нимаи аввали асри XIX маълумот пайдо мекунед. Ибтидои асри XIV мутобиқ ба замони пош хӯрдани ҳукумати марказии Ҷағатоиён дар Мовароуннаҳр мебошад. Дар нимаи дуюми асри XIV муборизаи байни амирон ва хонҳои муғулӣ дар Мовароуннаҳру Хуросону Эрон шиддат ёфта, боиси комилан заиф гардидани ҳокимияти хонии муғулҳо дар ин сарзаминҳо мегардад. Ин омилҳо сабаб мешаванд, ки қудрати идораи ҳокимиятро дар ин сарзаминҳо хонадони нав, ки асосгузори он Темуриён буд, ба даст гирад.

Бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ дар ин ҷо дар бораи чӣ гуна ҳокимиятро ба даст овардани Темурланг дар маркази Мовароуннаҳр – Самарқанд, хоинона ба қатл расидани роҳбарони наҳзати мардумии Сарбадорон дар Самарқанд, ҳуҷумҳои Темурланг ба мамлакатҳои гуногун, қатлу ғорати мардум ва харобии мамлакатҳо аз дасти Темурланг маълумот дода шудааст.

Империяе, ки Темурланг дар натиҷаи кишваркушоиҳояш ба вуҷуд оварда буд, баъд аз сари ӯ бар ҷой намонд. Худи

Темурланг низ пош хӯрдани империяашро пешбинӣ карда буд, ки ҳангоми зинда буданаш ин сарзаминро миёни писарон ва наберагонаш тақсим кард. Баъд аз Темурланг Шоҳрух, ки ҳокимиятро ба даст гирифт, бо мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ гашта, бо вуҷуди ин беш аз 40 сол ин сарзаминро идора кард. Аммо пас аз марги ӯ заволи босуръати давлати Темуриён, ки аз як марказ (дар замони Темурланг аз Самарқанд ва дар замони Шоҳрух аз Ҳирот) идора мешуд, оғоз гардид. Бо вуҷуди ин ки дар зоҳир дарборҳои Самарқанд, Ҳирот, Бухоро ва дигар шаҳрҳо дар гузашта ҳамчун марказҳои тамаддуну ва фарҳанг буданд ва адибон, фозилон, донишмандону ҳунармандон ҳамаи ин марказҳоро пур мекарданд, ҳомиёни ин табақаҳо андак-андак қудрати худро аз даст дода, барои дубора неруманд шудан ба бародаркушӣ пардохтанд. Қудратталабиҳои пай дар пай ва бешумори Темуриён боиси иваз шудани султонҳо мегашт. Ҳеҷ намояндае аз ин хонадон набуд, ки дар фикри ба даст овардани ҳукумат набошад ва бештари онҳо ба муддати на чандон зиёде дар ин ва ё он вилояти хурд ба қудрат мерасиданд ва раванди таҷзияи давлатро суръат мебахшиданд. Дар империяи як замон неруманди Темурланг дар нимаи дуюми асри XV бенизомӣ ва фасод авҷ гирифт. Парокандагии сиёсию иқтисодӣ, ҷудоихоҳии ҳокимони вилоятҳои мухталиф ва шиддат ёфтани ихтилофоти дохилӣ давлати Темуриёнро заиф намуд ва барои мутеъ сохтани Мовароуннаҳр ба бодиянишинони Дашти Қипчоқ шароит фароҳам овард.

Бо истифода аз ин буҳрони шадиди сиёсӣ қабилаҳои Дашти Қипчоқ, ки бо номи ӯзбек ёд мешуданд, бо сарварии Муҳаммади Шайбонӣ ба таври дастҷамъӣ ба сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон сарозер шуданд ва ба фоҷиаи дигари бузурге барои сарнавишти мардуми муқимӣ–тоҷикон оғоз бахшиданд. Хонадони Шайбониён дар Мовароуннаҳр ва қисман дар Хуросон то охири асри XVI ҳукмронӣ карданд.

Баъд аз Шайбониён сулолаи дигаре бо номи Аштархониён, ки дар таърих бо номи Ҷониён низ зикр шудаанд ва бо Шайбониён муносиботи хешутаборӣ доштанд, ба сари қудрат омада, то нимаи дуюми асри XVIII давлатдорӣ менамоянд.

Аз нимаи дуюми асри XVIII ҳокимият ба дасти хонадони Манғитиён гузашта, баъд аз истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русияи подшоҳӣ таърихи халқи тоҷик дар ду маҷро ҷараён мегирад. Ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони кунунӣ (Хуҷанд, Истаравшан, Конибодом, Исфара, Ашт, Панҷакент ва болооби Зарафшон) дар ҳайати генерал-губернатории Туркистон чун

мустамлика дохил шудаанд. Ноҳияҳои марказӣ, ҷанубӣ ва кӯҳистонии Тоҷикистон (водиҳои Ҳисор, Рашт, вилоятҳои Кӯлобу Бадахшон ва водии Вахш) дар ҳайати аморати Бухоро қарор гирифтанд.

Дар ин китоб ҳамчунин дар бораи вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии асри XIV то нимаи аввали асри XIX маълумот ба даст хоҳед овард.

Мувофиқи дастуруламал дар охири бобҳо иқтибосҳое, ки ба матни боб вобастагӣ доранд, аз сарчашмаҳои таърихӣ оварда шуданд. Ин иқтибосҳо илова бар он, ки шуморо ба услуби баёни асарҳои таърихӣ ошно месозанд, дар бештар донистани воқеаҳои таърихии он замон ба шумо ёрмандӣ мекунанд.

Таърихи асри XIV то нимаи аввали асри XIX халқи тоҷик барои хонандагони синфи 8 бори нахуст бо чунин густурдагии баёни воқеаҳо пешниҳод мешавад. Муаллифон умедворанд, ки омӯзгорони соҳибтаҷрибаи таърих баъди ошноӣ бо матолиби ин китоб пешниҳод ва нуқтаи назари худро иброз медоранд, то дар нашрҳои оянда ба инобат гирифта шаванд.

# МАВЗӮИ I
# ВАЗЪИ СИЁСИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV

## § 1. ШИДДАТЁБИИ МУБОРИЗАИ БАЙНИ ХОНҲОИ МУҒУЛ ДАР МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР СОЛҲОИ 60-УМИ АСРИ XIV

Баъди Мовароуннаҳро забт кардани муғулон хонҳои онҳо, ки сарварии ин сарзаминро ба даст гирифта буданд, ибтидо оини бутпарастии худро риоя менамуданд. Дар байни хонҳои муғул Кебекхон, ки солҳои 1318 – 1326 ҳукумат кардааст, барои пазириши дини ислом миёни хонҳои муғул хидмат намудааст. Аммо то дами маргаш Кебекхон ба оини буддоӣ содиқ монд. Баъд аз Кебекхон бародаронаш Илчиғидой (1326–1328), Дурратемур (1328 – 1330) ва Тармаширин (1330 – 1334) паси ҳамдигар хонҳои Мовароуннаҳр интихоб гардиданд. Дар замони хон Тармаширин ислом куллан ба дини хонҳои муғули Мовароуннаҳр табдил гашт. Хонҳои муғул барои пойдории ҳукумати худ дар Мовароуннаҳр аз бутпарастӣ даст кашиданд, зеро дигар намехостанд мардум ба хотири оини бутпарастияшон ба онҳо нафрат дошта бошанд. Бинобар ин, Тармаширин дини исломро қабул карда, ба худ номи султон Алоуддинро гирифт. Хонҳои муғул дар атрофи худ намояндагони рӯҳониён ва тоҷирони маҳаллиро ҷамъ намуда, сиёсати марказият додани ҳокимиятро пеш гирифтанд. Аммо ин рафтори онҳо боиси норозигии пешвоёни қабилаҳои муғул ва турк гардида, дар улуси Чағатой, яъне Мовароуннаҳр, муборизаи байни онҳо шиддат гирифт. Дар натиҷаи ин муборизаҳо пешвоёни қабилаҳои муғул нуфуз пайдо намуда, ҳокимияти хониро заиф гардониданд.

Дар нимаи дуюми асри XIV вазъияти сиёсию иҷтимоӣ дар сар то сари Мовароуннаҳр, Хуросону Эрон дар ҳолати парешонию ноором̣ӣ қарор дошт. Дар ҳар вилояту кишваре аз ин сарзаминҳо давлату ҳокимиятҳои зиёди мустақилу нимамустақиле, мисли Ҷалоириён дар Бағдоду Ироқи Араб (1340 – 1410), Оли Инҷӯ дар Форс (1342 – 1358), Чӯпониён дар Озарбойҷон (1344 – 1356 – 59), Музаффариён дар Язду Кирмон ва Форсу Исфаҳон (1313 – 1395), Сарбадорон дар Хуросони Марказию Ғарбӣ (1337 – 1388), Куртҳои Ҳирот дар Хуросони Шарқиву Ҷанубӣ (1245 – 1383) ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Ин давлатҳо на танҳо байни якдигар ҳамеша дар ҳолати ҷангу ҷидол қарор доштанд, балки аз дохил низ миёни мансабдорони онҳо барои ба даст овардани ҳукумат муборизаҳо мерафт.

Дар Мовароуннаҳр баъд аз солҳои 50-уми асри XIV сарзамини зери ҳокимияти Чағатоиён пора-пора гардида, ба бештар аз 30 мулки ҷудогона тақсим шуд. Ҳеҷ кадоме аз ин мулкҳо дар алоҳидагӣ қудрати бо душмани хориҷӣ муқовамат карданро надошт. Он замон дар Мовароуннаҳр Қазонхон (1333 – 1346) писари Бесвар аз улуси Чағатоӣ, ки бераҳмтарин ва золимтарин шахс буд, ҳокимият мекард. Соли 1345 шахсе бо номи Қазаған – аз амирони Мовароуннаҳр ва аз саркардагони ҳамон улус бар зидди ӯ бархост. Ӯ Қазонхонро мағлуб карда, ба қатл расонид ва Донишмандчӣ ном шахсро, ки насабашро ба писари дуюми Чингиз – Чағатой мерасонд, ба хонӣ таъйин намуд.

Бояд гуфт, ки баъд аз ба қатл расидани Қазонхон дар Мовароуннаҳр идораи ҳукумат аз насли Чингиз ба ашрофи кӯчии турк – амирҳо ва бекҳо гузашт. Бо дарназардошти ин ки мафҳуми ҳуқуқи меросии намояндагони хонадони Чингиз барои ҳокимият ҳанӯз ҳифз шуда буд, бинобар ин, дар Мовароуннаҳр қонуни нави ба мақоми хонӣ таъйин намудани намояндагони хонадони Чингиз ба вуҷуд омад. Амир Қазаған аз нахустин амироне буд, ки бо қонуни нави қабулгардида аз номи хони таъйиншуда ҳукумат кард.

Ду сол баъд амир Қазаған Донишмандчиро бо гуноҳи он ки ӯ аз насли Чағатой нест, ба қатл расонда, шахсеро бо номи Баёнқулихон, ки насаби ӯ низ ба Чағатой мерасид, хони Мовароуннаҳр таъйин кард. Аз соли 1347 амир Қазаған аз номи ин хон ҳокимияти Мовароуннаҳрро ба даст гирифта, онро идора мекард.

Амир Қазаған мисли дигар амирони муғулӣ ба лашкаркашию ғорати дигар сарзаминҳо, инчунин ба шикору зиёфат оростанҳо ҳамеша шуғл меварзид. Яке аз лашкаркашиҳояш ба тарафи Ҳирот дар соли 1351 буд, ки ин шаҳрро муддати 40 рӯз дар муҳосира нигоҳ дошт. Писари амир Қазаған – Абдуллоҳ бошад, ба тарафи Хоразм лашкар кашида, он вилоятро забт кард.

Соли 1358 амир Қазаған ба дасти шавҳари хоҳараш бо номи Қутлуғтемур ба қатл расид ва писари амир Қазаған – Абдуллоҳ дар Самарқанд ба тахт нишаст. Абдуллоҳ монанди падар Баёнқулихонро ҳамчун хон пазируфт. Чун Абдуллоҳ бо яке аз занҳои Баёнқулихон робита барпо кард, дере нагузашта Баёнқулихонро ба қатл расонид ва як тан аз хешовандони Чингизро бо номи Шоҳтемур ё Темурхон уғлун (1358 – 1360) хони Самарқанд интихоб кард ва аз номи ӯ ҳукумати ин ҷойро ба даст гирифт. Аммо яке аз амирони Абдуллоҳ бо номи Баён Сулдуз бар зидди ӯ бархост ва лашкаре ҷамъ оварда, ба тарафи

Кеш омад. Дар ин ҷо ба Баён Сулдуз шахсе бо номи Ҳоҷӣ Барлос ибни Бурулқӣ, ки пешвои қабилаи барлос буд, ҳамроҳ шуда, Абдуллоҳро ба қатл расонид. Нооромии бузурге дар минтақа ба вуҷуд омада, ҳокимият дар дасти амирони маҳаллӣ қарор гирифт. Хони нав – амир Баён Сулдуз, ки Ҳоҷӣ Барлос тобеъ ва муттаҳиди ӯ буд, дар Самарқанд истиқомат мекард ва ба кори мулк чандон эътиное надошт. Ҳамин тариқ, Ҳоҷӣ Барлос дар вилояти Кеш, амир Боязиди Ҷалоир дар Хуҷанд, Улҷоҳуқ ибни Буқо Сулдуз дар Балх, Кайхусраву Улҷойту дар Хатлон ва Муҳаммадхоҷаи Апардӣ дар Шибирғон ҳокимиятҳои маҳаллиро ба даст гирифтанд. Амир Ҳусайн – набераи Қазаған низ даъвои ҳукумат дар Кобулро мекард ва барои ба ин ҳадаф расидан фурсат меҷуст.

**Аз тарафи хони Муғулистон Туғлуқтемур ишғол гардидани Самарқанду Кеш**. Бо истифода аз ин вазъияти пешомада дар Мовароуннаҳр хони Муғулистон кӯшиш мекард то ин сарзаминро ба даст биёварад. Ин буд, ки хони он замони Муғулистон – Туғлуқтемур (1347–1363) дар моҳҳои феврал-марти соли 1360 бо лашкари зиёде барои забти Мовароуннаҳр вориди он гардид. Дар миёни ҳокимони ин сарзамин як нафар ҳам пайдо нагашт, ки бо ӯ мубориза кунад. Туғлуқтемур бо осонӣ Самарқандро гирифт ва ба тарафи Кеш ҳуҷум кард. Ҳокими Кеш Ҳоҷӣ Барлос ин шаҳрро гузошта, ба сӯйи Хуросон фирор намуд. Ҳамроҳи Ҳоҷӣ Барлос – Темур – писари Тарағай низ буд. Темур ба Хуросон нарафта, аз соҳили рӯди Ому ба тарафи Кеш баргашт ва бо Туғлуқтемур пайваст. Амирони Туғлуқтемур ба Темури 25-сола эътимод карда, шаҳри Кешро ба ихтиёри ӯ гузоштанд. Туғлуқтемур ба Темур рутбаи «туманбошӣ» (афсаре, ки ба даҳ ҳазор сарбоз фармондеҳ аст)-ро дод. Ба ин восита соли 1360 Темур – писари Тарағай дар як муҳити ҷанг ва нооромӣ дар Мовароуннаҳр қадам ба саҳнаи ҳодисаҳои замон зад.



*Тасвири нимпайкараи Темурланг, ки онро инсоншинос М. М. Герасимов дар асоси бақоёи ҷасади ӯ офаридааст.*

**Ба саҳнаи муборизаҳо ворид гаштани Темур**. Темур соли 1336 дар деҳаи Хоҷа Илғори шаҳри Кеш, дар хонаводаи Тарағай, ки аз қабилаи барлоси муғул буд ва дар асрҳои миёна сокини Мовароуннаҳр гардидааст, таваллуд шудааст. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо Темур насабашро ба Қарачори Нӯён, ки аз хешовандони Чингиз буд, мерасонад. Падари Темур, ки сарвате надошт,

зиндагиро дар деҳа авлотар аз шаҳр медонист.

Дар бораи шахсияти Тарағай сарчашмаҳои таърихӣ зикр кардаанд, ки ӯ бо шайхону дарвешон, бахусус бо Шайх Шамсиддини Кулол, ки орифи замони хеш буд, робитаи дӯстона дошт. То ҳанӯз маълумоти дақиқ дастрас нагардидааст, ки оё бобои Темур мусулмон буд ё не. Дар ҳар сурат аз ҷониби хонадони темурӣ пазириши ислом на дертар аз замони таваллуди Темур, яъне то соли 1336 ба вуқӯъ омадааст.

Тарағай соли 1360 вафот мекунад ва дар оромгоҳи хонаводагӣ дар шаҳри Кеш (Шаҳрисабз) дафн мегардад. Темур солҳои 1373–74 дар Кеш дар наздикии масҷиди ҷомеъ, ки марқади Шайх Шамсиддини Кулол он ҷо буд, оромгоҳи боҳашмате сохта, боқимондаҳои ҷасади падари хешро ба ин оромгоҳ интиқол медиҳад, то ояндагон ба шарофати мазори Шайх Шамсиддини Кулол оромгоҳи падари ӯро низ муқаддас дониста, зиёрат кунанд.

Темур дар ҷавонӣ чаҳор ва ё панҷ нафари савораро дар атрофи худ муттаҳид карда, ба дуздии гӯсфанду гов аз галаҳои ҳамсоягон машғул мешавад. Ин молҳои дуздиро ба хона оварда, аз як қисми онҳо зиёфатҳо меороcт ва бақияи онро байни ҳам тақсим мекарданд. Ҳамин тариқ, шумораи тарафдорони ӯ торафт зиёд шуда, то ба 300 тан расид. Темур бо ин гурӯҳ тамоми роҳҳои аз ин минтақа мегузаштаро зери назорат гирифта, аз ҳама бозаргононе, ки аз он ҷо мегузаштанд, хироҷу боҷ мегирифт. Хабари ин ҳодиса ба зудӣ ба гӯши султони Самарқанд расид. Вай фармон дод, ки Темур ва ҳамроҳонашро ҳар куҷо, ки бошанд, бигиранд ва бикушанд. Аз қабилаи Темур дар дарбори Самарқанд нафароне кор мекарданд ва онҳо аз ҳокими Самарқанд узрхоҳӣ карданд, то султон ӯро бибахшад.

## Сарчашма:

Хондамир дар бораи бераҳмиҳои Қазонхон менависад: «Қазон султон валади Бесвар…дар санаи 733 ҳ.қ. бар тахти салтанат суъуд намуд (нишаст) ва ливои зулму бедод афрохта, бунёди ҳаёти бисёре аз умаро ва нуйинонро барандохт… сиёсаташ ба мартабае буд, ки акобиру аъён ҳар сабоҳ, ки мутаваҷҷеҳи мулозиматаш буданд, аз ғояти ваҳм кафан дар зери ҷома пӯшида, аҳлу аёлро видоъ менамуданд…ва ҳар шом, ки аз қайди хидматаш наҷот ёфта, ба сиҳат назди фарзандон мерасиданд,… шукри илоҳӣ ба ҷой меоварданд ва назру садақот ба мустаҳаққон (муҳтоҷон) мерасониданд…».

**Хондамир. Таърихи ҳабиб-ус-сияр, ҷ. 3, Теҳрон, 1380 ҳ.ш, саҳ. 91.**

Дар бораи ба тахти Самарқанд нишастани Абдуллоҳ баъд аз марги падараш Қазаған Мирхонд чунин менависад: «Баъд аз ҳодисаи амир Қазаған валади ӯ амирзода Абдуллоҳ аз Самарқанд омада, ба ҷойи падар биншаст ва умаро сар дар мутобаат (тобеъшавӣ) ва мутоваати (итоат) ӯ оварда, бар маснади ҳукумат мутамаккин (ҷойгир)

гашт. Ва чун амирзода Абдуллоҳ ба Самарқанди фирдавсмонанд ҳӯ карда буд, хост, ки ба он тараф равад ва Баёнқулиро ба дастури маъҳуд (муқаррарӣ), ки ӯро хон ангошта буд, бо худ ҳамроҳ барад. Умаро аз роҳи давлатхоҳӣ маъруз гардониданд (арз намуданд), ки мақоми аслӣ гузоштан аз ҳазму таяққуз (ҳушёрию эҳтиёткорӣ) дур менамояд. Амирзода сухани носеҳон гӯш накарда, ба Самарқанд рафт. Ва дар он ҷо ҳам дар он сол бинобар тамае (умеде), ки ба ҳарами Баёнқулихон дошт, бар қатли он бечора иқдом намуд ва Темурхон уғлон писари Яйсун Темурхонро ба хонӣ баргирифт. Ва наъши (ҷасади) Баёнқулиро ба Бухоро бурда, дар ҷавори мазори фойизуланвори шайх Сайфиддини Бохарзӣ… дафн фармуданд. Ва умаро аз ин қазия мутаваҳҳим (тарсон) шуда, оғози мухолифат бо амирзода Абдуллоҳ карданд».

**Мирхонд. Таърихи равзат-ус-сафо, ҷ. 6, Теҳрон, 1380 ҳ.қ , саҳ. 4535.**

Хондамир дар бораи ишғоли Самарқанд ва Шаҳрисабз аз ҷониби Туғлуқтемур чунин маълумот медиҳад: «Туғлуқтемур… инони азимат ба тарафи Самарқанд маътуф гардонид (рӯй овард). Баъд аз вусули Ҷоноқийлоқ, ки наздики оби Хуҷанд аст, Улуғтемур ва Ҳоҷибеки Арканутӣ ва Бекҷекро бо фавҷе аз сипоҳи манғалой (пештоз) сохт. Чун ин тоифа аз оби Хуҷанд бигузаштанд, амир Боязиди Ҷалоир теғи хилоф дар ғилоф карда, ба эшон мулҳақ гаштанд (пайваст шуданд) ва рӯй ба Шаҳрисабз ниҳоданд. Амир Ҳоҷӣ Барлос ҳароси беқиёс ба худ роҳ дода, ба савби Хуросон таваҷҷуҳ намуд ва амир Темури Курагон то канори оби Ому бо амир Ҳоҷӣ ҳаминон буда, ҷиҳати маслиҳати интизоми муҳоми элу улус аз он ҷо иҷозати мурочиат талабид ва рухсат ёфта, ба урдуи умарои манғалой шитофт. Ва он ҷамоатро, ки хотир бар ғорату торочи хиттаи (вилояти) Кеш қарор дода буд, ба тақдири дилпазир аз мақоми хашму кин бигузаронид ва умаро… он ҳазратро маҳсуби хеш назди Туғлуқтемурхон бурданд ва он чи аз камоли киёсат (зиракӣ) ва фаросаташ маълум доштанд, арз карданд. Туғлуқтемурхон мансаби ҳукумати тумоноти Шаҳрисабзро, ки абоанҷад (аз падару бобо монда) ба умарои барлос мутааллиқ буд, ба амир Темури Курагон тафвиз фармуд (супорид)».

**Хондамир. Таърихи ҳабиб-ус-сияр, Теҳрон, 1380 ҳ. ш, саҳ. 398 – 399.**

Ахбори Ибни Арабшоҳ дар бораи роҳзанӣ ва ғоратгариҳои Темур: «Аз он замон, ки (Темур) аз итоати султон сар боз зад, бо ёрони хеш дар билоди Мовароуннаҳр роҳзанӣ пеша кард…Ва ҷамъе аз аҳли фасод бад-эшон пайвастанд ва шумораи ҳамроҳони ӯ ба 300 тан расид».

**Ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Теҳрон, 1381, саҳ.10 –12.**

## Санаҳои муҳим:

1336 – таваллуди Темур
1333 – 1346 – ҳукмронии Қазонхон дар Мовароуннаҳр
1347 – хони Мовароуннаҳр таъйин гардидани Баёнқулихон
1351 – лашкаркашии амир Қазаған ба тарафи Ҳирот
1358 – кушта шудани амир Қазаған
1360 (феврал-март) – ба Мовароуннаҳр ворид гаштани Туғлуқтемур

**Савол ва супориш:**

1) Сабаби аз бутпарастӣ даст кашидани хонҳои муғулро шарҳ диҳед. 2) Чаро амир Қазаған бар ҳокимияти Чағатоиён ғолиб омад? 3) Дар бораи ба тахт нишастани Абдуллоҳ ва Баён Сулдуз маълумот диҳед. 4) Чаро Туғлуқтемур ба Темур эътимод намуда, ба ӯ рутбаи «туманбошӣ»-ро дод? 5) Темур дар айёми ҷавонӣ ба чӣ корҳо машғул буд?

## § 2. МУБОРИЗА БАРОИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ҲОКИМИЯТ ДАР САМАРҚАНД

**Ҳуҷуми дубораи Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр ва ба тарафи истилогарони муғул гузаштани Темур**. Ҳангоме ки Туғлуқтемур дар Мовароуннаҳр буд, дар сарзаминҳои Туркистону Муғулистон, ки ӯ дар он ҷо ҳокимият мекард, байни амирони муғул ҷангу низоъҳо ба вуҷуд меояд. Туғлуқтемур барои ором кардани вазъияти кишвараш ба зудӣ Мовароуннаҳрро тарк мекунад.

Дар Мовароуннаҳр боз байни ҳокимони маҳаллӣ ва сарони қабилаҳои муғулу турк муборизаҳо шиддат гирифт. Туғлуқтемур дубора соли 1361 ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кард. Чун ба наздики Хуҷанд расид, ҳокими ин шаҳр амир Боязиди Ҷалоир ба истиқболи ӯ баромад. Инчунин, амир Баён Сулдуз – ҳокими Самарқанд низ изҳори итоат аз Туғлуқтемур кард. Туғлуқтемур то ба вилояти Кеш пеш омад. Баъди баргаштани Ҳоҷӣ Барлос аз Хуросон ба Кеш муносибаташ бо Темур хеле бад гардид. Бо шунидани хабари ҳуҷуми Туғлуқтемур Ҳоҷӣ Барлос бори дигар ба сӯйи Хуросон фирор карда, баъдан дар вилояти Сабзавор ба қатл расид.

Аз ҳокимони маҳаллӣ танҳо амир Ҳусайн–набераи Қазаған бар зидди Туғлуқтемур мубориза кард. Ӯ аз Кобулу Балх, ки доираи қаламрави ӯ буд, лашкари зиёде гирд оварда, то рӯди Вахш пеш омад. Мирхонд менависад: «Чун ҳар ду лашкар дар канори оби Вахш ба якдигар расиданд ва сафҳо биёростанд, Кайхусрави Хатлонӣ (ҳокими Хатлон) аз амир Ҳусайн ҷудо шуда,… ба мухолифон пайваст. Ва амир Ҳусайн… роҳи гурезро пеш гирифт».

Ҳамин тариқ, дар ҷангҳое, ки байни Туғлуқтемур ва амир Ҳусайн дар Мовароуннаҳр рух дод, амир Ҳусайн шикаст хӯрд ва ба ҷониби Хуросон паноҳ бурд.

Туғлуқтемур баъд аз шикасти амир Ҳусайн ва аз байн бурдани дигар мухолифони худ ва ғорати Бағлону Қундуз дубора хоҳиши ба Туркистону Муғулистон баргаштан кард ва писари худ Илёсхоҷаро ҳокими Мовароуннаҳр таъйин намуд.

Темур, ки шахси фурсатҷӯе буд, бо изҳори итоат аз Туғлуқтемур ба тарафи истилогарон гузашта, шаҳри Кешро дар ихтиёри худ нигаҳ дошт.

**Созиши Темур бо ҳокими Балх амир Ҳусайн ва хиёнати ӯ бар зидди Туғлуқтемур.** Хидмати Темур ба хони Муғулистон бисёр давом наёфт, зеро ӯ бо Илёсхоҷа созиш карда натавонист ва аз ин муносибати Темур Туғлуқтемур ба хашм омада буд. Темур аз қудрати Туғлуқтемур ба ҳарос омада, маҷбур шуд бо амир Ҳусайн муттаҳид шавад. Ин иттиҳод боис шуд то Темур бо хоҳари амир Ҳусайн – Улҷойтурқон низ издивоҷ кунад. Темур баъд аз шиддат ёфтани мухолифаташ бо Илёсхоҷа маҷбур шуд шаҳри Кешро тарк намуда, ба ҷустуҷӯйи амир Ҳусайн барояд. Темур баъд аз ҷустуҷӯи зиёде амир Ҳусайнро дар биёбонҳои Хоразм пайдо кард. Ҳар ду ба умеди ёрӣ гирифтан ба назди ҳокими Хоразм омаданд. Ҳокими Хоразм чун тарафдори хонҳои муғули Мовароуннаҳр буд, онҳоро бо ҷанг пешвоз гирифт. Бо вуҷуди ин ки дар ин ҷанг ҳокими Хоразм кушта шуд, Темур ва Ҳусайн низ талафоти зиёд дода, маҷбур шуданд фирор намуда, ба Марв биёянд. Аммо дар Марв онҳоро ҳокими он Алибек Ҷоникурбонӣ асир гирифта, ба зиндон андохт. Муддати ду моҳ Темур ва Ҳусайн дар зиндон буданд. Бародари Алибек, Муҳаммадбеки Ҷонӣ онҳоро харида, аз банд раҳо кард. Амир Ҳусайн ба сӯйи Ҳилманди Хуросон рафт ва Темур чанде дар Кеш дар назди хешовандони худ пинҳонӣ зиндагӣ кард. Баъд аз муддате ӯ бо гурӯҳе аз тарафдорони худ ба Ҳирот омад ва ба ҳокими он ҷо Малик Муиззиддин Оли Курт мулоқот карда, чанд вақти дигар дар паноҳи ӯ зиндагӣ кард. Аз ин воқеа амир Ҳусайн бохабар гашт ва ӯ низ ба назди Малик Муиззиддин омад. Аз омадани амир Ҳусайн ба Ҳирот Туғлуқтемур огоҳ шуд ва намояндаи худро ба назди Малик Муиззиддин фиристода, талаб кард, ки амир Ҳусайнро асир карда, ба назди ӯ фиристад. Малик Муиззиддин амир Ҳусайнро дар яке аз қалъаҳои худ ҳабс кард ва намояндаи худро ба назди Туғлуқтемур фиристода, хабари дурӯғин фиристод, ки амир Ҳусайн дар ҳабс вафот кардааст, то ин ки Туғлуқтемур ором шуда, ба ин ҷониб лашкар накашад. Амир Ҳусайн аз ҳабс фирор карда, ба ҷониби Қандаҳор рафт.

**Ба Систон фирор намудани Темур ва амир Ҳусайн. Захмӣ гардидани Темур ва Темурланг ном гирифтани ӯ.** Дар ин муддат Темур дар Ҳирот буд ва бо иҷозати Малик Муиззиддин ба тарафи Систон омад. Темур бо худ ин замон 500 савора дошт. Ӯ дар Систон ба ғорат кардани галаҳои гӯсфанду аспи мардум машғул шуд. Дар яке аз шабҳое, ки Темур ба ғорати галаҳо

меомад, мардуми Систон ба ӯ ва ҳамроҳонаш ҳамла карданд, ки дар натиҷа тарафдорони Темур зиёд кушта шуданд. Дар ин ҷанг Темур аз пойи рост захм бардошт ва аз ду ангушти дасти росташ маҳрум шуд. Темур худро ба яке аз хаймаҳои саҳронишинон расонид ва муддате пинҳонӣ худро табобат кард. Дар он ҷанг пойи росташ чунон зарба дид, ки то поёни умр мелангид ва ба ин ҷиҳат ӯро Темурланг номиданд.

Амир Ҳусайн ва Темурланг дар Хуросон лашкари қудратманде гирди ҳам оварданд. Барои онҳо имкон фароҳам омад, ки дубора вориди Мовароуннаҳр шаванд. Дар зимистони солҳои 1363–64 вазъияти Мовароуннаҳр дигар шуда, ҳукумати минтақа аз вуҷуди ҳукмронони муғул холӣ гашт.

**Аз тасарруфи хони Муғулистон озод кардани Мовароуннаҳр.** Соли 1363 Туғлуқтемур дар Кошғар вафот мекунад. Писари ӯ Илёсхоҷа барои ба даст овардани тоҷу тахти Муғулистон аз Мовароуннаҳр равонаи Кошғар мегардад. Аз ин фурсат истифода бурда, баҳори соли 1364 амир Ҳусайн ва Темурланг бо машварати ҳамдигар Илёсхоҷаро дар роҳ таъқиб намуда, ба ӯ зарбаи сахт мезананд. Дар натиҷа Илёсхоҷа шикаст хӯрда, муғулон аз Мовароуннаҳр ронда мешаванд. Баъд аз ин амир Ҳусайн ва Темурланг муваққатан ҳукмронии Мовароуннаҳрро ба даст гирифтанд. Мардуми Мовароуннаҳр амир Ҳусайн ва Темурлангро бад медид. Бадбинии халқ хусусан нисбат ба амир Ҳусайн бештар буд, зеро ӯ ба мардум зулми беандоза мекард. Ҳангоми шунидани арзу хоҳиши мардуми Самарқанд ӯ дар даст ҳамеша силоҳи шашпари оҳаниро дошта меистод. Аксар вақт амир Ҳусайн ба ҷойи ба арзу шикоят ҷавоб додан, ба шахси мурофиаткунанда дарафтода, ӯро бо шашпар бераҳмона мезад ва ба ҷазои сахт гирифтор мекард.

**Забти дубораи Мовароуннаҳр аз тарафи писари Туғлуқтемур – Илёсхоҷа. Шикасти амир Ҳусайн ва Темурланг дар муҳорибаи «Ҷанги гилӣ» ва ба Балх фирор кардани онҳо.** Хони Муғулистон намехост, ки барои ҳамешагӣ Мовароуннаҳрро аз даст бидиҳад, аз ин рӯ, ба хотири дубора соҳиб шудан ба сарзамини аздастрафтааш, ба ин самт хост лашкар кашад. Баъд аз вафоти Туғлуқтемур (соли 1363), писар ва вориси ӯ Илёсхоҷа бо мақсади дубора забт намудани Мовароуннаҳр баҳори соли 1365 бар зидди амир Ҳусайн ва Темурланг лашкар кашид. Амир Ҳусайн ва Темурланг қаблан аз лашкар кашидани Илёсхоҷа ба Мовароуннаҳр хабар ёфта, ба ҷанг тайёрӣ дида, лашкари бисёр ҷамъ карданд. Ду лашкар дар соҳили дарёи Чирчиқ бо ҳам рӯбарӯ шуданд. Ҷанг дар байни Чиноз ва Тошканд ба вуқӯъ пайваст. Ин ҷанг дар таърих бо номи «Ҷанги гилӣ» ё «Ҷанги лой» машҳур аст, зеро ҳангоми

ҷанг борони сел борида, ҳама ҷойро лой карда буд. Дар натиҷа аспҳо дар гилу лой лағжида меафтоданд ва талаф мешуданд. Лашкари Темурланг дар ин ҷанг тарафи рости лашкари Илёсхоҷаро ба ақибнишинӣ маҷбур кард, вале лашкари амир Ҳусайн дар тарафи чап аз лашкари Илёсхоҷа шикаст хӯрда, рӯ ба гурез овард. Дар натиҷа Темурланг ҳам маҷбур шуд, ки майдони ҷангро тарк кунад. Ҳамин тавр, Темурланг ва Ҳусайн дар ин муҳориба тамоман торумор гардида, нахуст ба Самарқанд, аз он ҷо ба Кеш ва аз Кеш ба Балх фирор карданд. Самарқанд он замон девори муҳофизатӣ ва қалъа надошт, ки дар ҳолати муҳосираи шаҳр аҳолӣ пинҳон шавад. Илова бар он, тамоми лашкар ва фармондеҳони Темурланг ва Ҳусайн низ ҳамроҳи онҳо фирор карда буданд. Дар ин ҷанг лашкари муғул беш аз 10 ҳазор нафарро аз даст дод.

## Сарчашма:

Низомиддини Шомӣ дар бораи «Ҷанги гилӣ» чунин менависад: «Ногоҳ ҳаво мутағаййир шуд ва абру борон падид омад ва камонҳову тирҳо ба мартабае расид, ки як тир чунончи ба хасм (душман) тавон андохт, намонд ва ҷомаҳову мӯзаҳо дар об ғарқ шуд ва дасторҳо бар сарҳо гарону сақил (вазнин) гашт ва гилу ваҳал (лой) дар мартабае буд, ки аспонро маҷоли ҳаракат намонд. Ва лашкари душман ҷомаҳои намад пӯшида ва осуда ба ҷойи худ ҳаракат накарданд».

**Низомиддини Шомӣ. Зафарнома, ҷ. 1, саҳ. 28.**

Хондамир дар бораи «Ҷанги гилӣ» ва шикасти амир Ҳусайн ва Темурланг чунин маълумот медиҳад: «Билохира, амир Шамсиддин бо тоифае аз мардуми ҷалодатойин (боғайрат) ба маърака расид ва... ба ҳайати иҷтимоӣ бар лашкари Мовароуннаҳр ҳамла карда, ғолиб омаданд. Амир Ҳусайн ва амир Темур бо хайлу ҳашм (аскарони савора ва навкарон) пушт бар маърака гардонида (яъне фирор карда), аспони эшон бар болои лою гил афтод ва даҳ ҳазор нафар аз лашкари Чағатой арсаи (дар майдон) талаф гаштанд. Ва умаро ба ҳаволии (гирду атрофи) Самарқанд ва Шаҳрисабз шитофтанд. Амир Ҳусайн бе таваққуф ба Солисарой рафт ва элу улуси (қавм ва қабилаи) худро аз Ҷайҳун гузаронид ва дар Шерту манзил гузид. Аммо амири Соҳибқирон (Темур) ба умеди он ки шояд муҳиме аз пеш тавонад бурд, рӯзе чанд аз об убур накард (нагузашт) ва дувоздаҳ қушун мураттаб сохта, Темурхоҷа уғлон ва Човарҷӣ ва Аббосро бо ҳафт қушун манғалой (пештоз) гардонид ва фармуд, ки ба тарафи Самарқанд раванд. Он тоифа аз он ҳазрат ҷудо гашта, аксар бо аъдо (душман) пайвастанд. Лоҷарам (ночор)... соҳибқирон... аз об гузашта, дар ҳудуди Балх ливои (байрақи) иқомат барафрошт (баланд кард)».

**Хондамир. Таърихи ҳабиб-ус-сияр. Бо муқаддимаи Ҷалолиддин Ҳумоӣ. Теҳрон, 1380 ҳ.ш , саҳ. 405 – 406.**

**Санаҳои муҳим:**

1361 – дубора ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кардани Туғлуқтемур
1363 – вафот кардани Туғлуқтемур дар Кошғар
1364 – ба муқобили Илёсхоҷа бархостани амир Ҳусайн ва Темурланг
1364 – аз Мовароуннаҳр ронда шудани муғулҳо
1365 – лашкаркашии Илёсхоҷа ба Мовароуннаҳр

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар бораи дубора ба Мовароуннаҳр ҳуҷум овардани Туғлуқтемур нақл кунед. 2) Аз чӣ сабаб Темурланг бо амир Ҳусайн муттаҳид гардид? 3) Нақл кунед, ки ҳокими Хоразм Темурланг ва амир Ҳусайнро чӣ тавр пешвоз гирифт ва онҳоро дар Марв кӣ аз ҳабс озод намуд? 4) Чаро ба Темур лақаби Темурлангро доданд? 5) Мақсади ба Мовароуннаҳр лашкар кашидани Илёсхоҷа дар соли 1365 аз чӣ иборат буд? 6) Чаро ҷанги байни Илёсхоҷа ва Ҳусайну Темурланг бо номи «Ҷанги гилӣ» машҳур гаштааст? 7) Натиҷаи ҷанг бо чӣ анҷом ёфт? 8) § 1-ро такрор намоед.

# МАВЗӮИ II
# ҶУНБИШИ САРБАДОРОН ВА МУБОРИЗАИ ОНҲО БАР ЗИДДИ МУҒУЛҲО

## § 3. ОМИЛҲОИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ҶУНБИШИ САРБАДОРОН

**Ҷунбиши Сарбадорон бо сарварии Мавлонозода дар Самарқанд.** Баъди шикасти амир Ҳусайн ва Темурланг ва фирори онҳо ба Балх муғулҳои истилогар гумон доштанд, ки бе ягон душворӣ ба Самарқанд ворид шуда, онро талаву тороҷ мекунанд. Ҳукуматдорони боқимонда ва ашхоси дигари мансабдори Самарқанд мехостанд, ки шаҳрро бе муқобилият ба муғулон таслим карда, ба ин восита ҷони худро аз марг наҷот диҳанд, вале кор ранги дигар гирифт. Дар чунин лаҳзаи мушкил мардуми бономус ва муборизи Самарқанд барои мудофиаи шаҳр ташаббусро ба дасти худ гирифта, рӯзи ҷумъа барои маслиҳат дар масҷиди ҷомеи шаҳр ҷамъ омаданд. Онҳо ҳифзи ватани худро аз ҳимояи ҷон муҳимтар дониста, роҳи мубориза ва муқовимат бо душманро интихоб намуданд. Шахсе бо номи Мавлонозода, ки яке аз шогирдони мадрасаи Самарқанд буд, ба минбар баромада, суханронӣ кард. Ӯ ба мардум муроҷиат карда, аз ҷумла гуфт, ки лашкари бешумори ғоратгарони муғул барои тороҷ намудани молу ашёи мардум ба шаҳр наздик шудаанд. Ҳукуматдорони шаҳр бошанд, бо шунидани ин хабар барои халосии ҷони худ шаҳрро тарк карда, гурехтанд. Ба ҷуз аз мубориза мардуми Самарқанд аз душман роҳи халосӣ надорад. Бинобар ин, мо бояд худамон шаҳрамонро аз душман мудофиа намоем. Агар касе масъулияти мудофиаи шаҳрро ба уҳда гирифтанӣ бошад, мо дар назди ӯ сари таъзим фуруд оварда, тайёрем, ки фармонҳои ӯро иҷро кунем.

Аъён ва ашрофи Самарқанд дар ҷавоби даъвати Мавлонозода хомӯш монданд ва касе ҷавоби мусбат надод. Он гоҳ ӯ гуфт, ки маълум мешавад касе ин масъулиятро ба зимма гирифтанӣ нест, бинобар ин, агар шумо маро дастгирӣ намоед, мудофиаи шаҳрро ба уҳдаи худ мегирам. Ҳамин тариқ, бо ризояти ҳамаи ширкаткунандагони он ҷамъомад вазифаи сардори мудофиаи шаҳр ба уҳдаи Мавлонозода гузошта шуд. Ҷамъомадагон қасам ёд карданд, ки дар роҳи мубориза барои дифои шаҳр қурбон мешаванд, аммо ғоратгарони муғулро ба Самарқанд роҳ намедиҳанд. Дар ҳамин ҷо 10 ҳазор ҷавон барои ҳифзи ватан дар пеши Мавлонозода савганди садоқат ёд карданд. Дар ташкили корҳои мудофиавӣ барои Самарқанд ба

ҷуз аз Мавлонозода боз Абӯбакри Калавӣ ва Мавлоно Хурдаки Бухороӣ низ саҳми бузург гузоштанд.

Ин муборизаи мардуми Самарқанд бар зидди муғулон дар таърих бо номи «Ҷунбиши Сарбадорон» маъруф гаштааст. Пайдоиши истилоҳи «сарбадор» ба шӯрише, ки соли 1337 дар Сабзавори Хуросон бар зидди хонҳои муғул ва заминдорони маҳаллӣ сар зада буд, алоқаманд аст. Шӯришгарон савганд хӯрданд, ки ё бедодгариҳоро дар Хуросон барҳам медиҳанд ва ё сари худро ба дор месупоранд. Бинобар ин, аз он замон номи Сарбадорон ба вуҷуд омадааст.

**Барномаи амалиёти ҷунбиши Сарбадорон ба муқобили муғулҳо.** Пешвоёни он мубориза барои мудофиаи Самарқанд тадбирҳои бисёр муҳим андешиданд. Мавлонозода рӯйхати мардуми ба хизмати ҳарбӣ мувофиқро тартиб дода, неруи мардуми шаҳрро барои омодагӣ ба мудофиа аз душман моҳирона истифода намуд. Аҳолии шаҳр дар муддати се шабонарӯз барои мудофиаи шаҳр тайёрӣ дид. Гирду атрофи шаҳрро бо сангарҳо иҳота карда, дар паси он сангарҳо тирандозони моҳирро пинҳон намуданд. Тамоми силоҳҳои дар шаҳр мавҷудбударо ҷамъоварӣ намуда, ба муборизон тақсим карданд. Шаҳрро ба қитъаҳо ҷудо намуда, дар наздикии дарвозаҳои шаҳр дидбонгоҳҳо гузоштанд. Даромадгоҳи асосии шаҳрро кушода дошта, дигар ҳамаи дарвозаҳоро бастанд. Дар ду тарафи хиёбони асосӣ сангарҳои мустаҳкам сохта, дар он ҷо одамони мусаллаҳро ҷойгир карданд. Дар охири хиёбон Мавлонозода бо шумораи зиёди тирандозони моҳир камин гирифта, барои ба душман зарба задан омода шуд. Нақшаи мудофиакунандагони шаҳр чунин буд: ҳангоми ба хиёбон дохил шудани саворагони муғул бояд онҳо ногаҳон аз ҷониби кӯчаҳои танги бо сангарҳо мустаҳкамшуда ба истилогарон зарбаҳои сахт мерасониданд. Барои риоя кардани интизом ва ба фармони Мавлонозода итоат намудан муҳофизони шаҳр ба Қуръон қасам ёд карданд. Мардуми шаҳр шабонарӯз меҳнат карда, дар муддати се рӯз шаҳрро барои мудофиа пурра омода сохтанд.

**Сарчашма:**

Абдурраззоқи Самарқандӣ доир ба мурочиати Мавлонозода ба аҳолии Самарқанд ва омодагии Сарбадорон барои мудофиаи шаҳр чунин менависад: «Чун амир Ҳусайн ва амири соҳибқирон (Темурланг) аз «Ҷанги лой» ба ҳазимат шуда (шикаст хӯрда), аз Ҷайҳун гузаштанд ва лашкари муғул ба ҳаволии Самарқанд расид, аҳолии он ҷо дар ин қазия (ҳодиса) ҳайрон буданд. Рӯзи ҷумъа хавоссу авом (одамони баландмартаба ва одӣ) дар масҷиди ҷомеъ ҷамъ омада, хотир бар амре қарор намегирифт. Дар ин ҳол марде донишманд аз бузургзодагони Бухоро, машҳур ба Мавлонозода тирандозе далер, шамшер ҳамоил карда (ба китф овехта), бар пой хост ва оҳиста-оҳиста рафта, ба болои

минбар баромад ва салом карда, овоз баровард, ки: – Ё маъшарулмуслимин (эй мусулмонон)! Имрӯз ғалабаи куффор (кофирон) ба қасди хонумони мусалмонон омадаанд. Ва ҳокиме, ки ҷизяи мусулмониро «боҷу хироҷ» ном карда, меситонад ва ба хотири худ мегирад, чун душман пайдо шуд, мусулмононро ба тарҳ рехт (партофт) ва аз пеши куффор гурехт! Ва ҳарчанд аҳолии ин шаҳр амонию суде диҳанд, халос нахоҳанд ёфт.

Ва рӯзи қиёмат суол аз шумо, бузургон хоҳад буд: Кист, ки мутасаддии (бауҳдагирандаи) ин амри ислом ва мутааҳҳиди (аҳдкунандаи) хавоссу авом шавад, то мо низ сар дар қадами ӯ ниҳода, ба хидматгорӣ қиём намоем?

Маҷмӯи акобири (мансабдорони) Самарқанд хомӯш шуда, касе ҷавоб надод. Мавлонозода гуфт: – Чун касе ба уҳда намегирад, агар ман мутааҳҳид шавам, мададу ҳамроҳӣ мекунед? Халоиқ мувофиқ шуда, ӯро ба сардорӣ қабул карданд. Мавлонозода хутбаи балиғ (мукаммал) адо карда, ба ҷанги куффор тариқ намуд (чора дид). Ва мардуми бисёр пеши ӯ ҳозир шуда, дафтари кадхудоён ва муҷаррадону ғурабо ба даст овард (яъне рӯйхати сардорони оила ва мардҳои муҷарраду муҳоҷирро тартиб дод) ва дар дарвозаҳо мустаҳфизон боздошт (муҳофизон таъйин намуд) ва сарҳои кӯчабоғҳоро чунон банд кард, ки савор дарнатавонад ва сарҳои бандро ба толорҳо маҳкам карда, тиркашҳои мураттаб сар то сари кӯчаҳо фурӯ бурид. Ва қавл кард, ки ҳеҷ офарида шабҳо ба хона наравад ва агар ҷое ҷанги сахт воқеъ шавад, мақоми худ нигоҳ дошта, ба мадад наравад ва аз сари девор бо муғулон қалоча накунанд. Ва дар чаҳор ҳадди шаҳр камондорони ҷалд (чусту чолок) таъйин кард ҷиҳати кумак ва як роҳ холӣ гузошта, ҷамъе дар камин нишонд ва худ бо понсад пиёдаи тирандоз дар поёни кӯчабоғ истод.

Ва қаровулони муғул фориғу ғофил (бепарво) ба он кӯча даромаданд ва аз камингоҳҳо гузашта, ба Мавлонозода расиданд. Ишорат кард, то дохил фурӯ кофта, санги дасту калмосанг ва тиру ҷӯбдасте дар кор омаданд, то муғулон сари асп гардонида, ҳазор кас маҷрӯҳ ва сад кас гирифтор шуданд».

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн, дастхати №347 аз Ганҷинаи дастхатҳои Институти шарқшиносӣ, саҳ. 195 – 196.**

### Санаи муҳим:

1337 – сар задани шӯриши Сарбадорон дар Сабзавори Хуросон

### Савол ва супориш:

1) Ба ҷунбиши мардуми Самарқанд кӣ роҳбарӣ мекард? 2) Чаро ин ҷунбиш номи «Сарбадорон»-ро гирифт? 3) Мазмуни мурочиати Мавлонозодаро ба аҳолии Самарқанд нақл кунед. 4) Шӯришгарон бар зидди истилогарони муғул чӣ гуна тадбирҳо андешиданд? 5) § 2-ро такрор намоед.

## § 4. МУБОРИЗАИ АҲОЛИИ САМАРҚАНД БАР ЗИДДИ МУҒУЛОНИ ИСТИЛОГАР

**Ба Самарқанд ворид гаштани лашкари муғул ва муқобилати аҳолии шаҳр бар зидди онҳо.** Хони муғул Илёсхоҷа, ки аз фирори Ҳусайн ва Темурланг ба Балх воқиф буд, умед дошт, ки Самарқанд бе мудофиа мондааст ва тасаввур кард, ки шаҳрро бе муқовимат бо осонӣ соҳиб мешавад. Баҳори соли 1365 дастаҳои пешҷангии лашкари муғул бе ҳеҷ гуна эҳтиёткорӣ ба воситаи хиёбони асосӣ ба маркази шаҳр дохил шуданд. Ҳангоми ба ҷойи камингирифтаи дастаи Мавлонозода расидани муғулҳо, ба мудофиакунандагони шаҳр ишора шуд, ки ба ҳуҷум гузаранд. Онҳо аз се ҷониб бар зидди душман ҳамла карда, аз паси сангарҳо муғулҳоро ҳам бо даст ва ҳам бо фалахмон сангборон намуданд. Муғулҳо, ки инро интизор набуданд, ба воҳима афтода, ба ҳар тараф гурехтанд, вале дар ҳама ҷой онҳоро тир ё санг дунболагир буд. Дар ин набард аз тарафи муғулҳо зиёда аз ду ҳазор нафар кушта шуд. Муғулҳо маҷбур шуданд ақибнишинӣ кунанд.

**Ғалабаи Сарбадорон дар Самарқанд.** Рӯзи дигар муғулҳо дубора ба Самарқанд ҳуҷум карданд, вале ба ғалаба муваффақ нашуданд. Ба тамоми кӯшиши онҳо барои ишғоли шаҳр зарбаи сахт зада мешуд. Пас муғулҳо ба назди мудофиакунандагони шаҳр қосид фиристода, иброз намуданд, ки агар ба онҳо тухфаҳои зиёд фиристонанд, онҳо шаҳрро тарк мекунанд. Ба ин пешниҳоди муғулҳо ҷавоби рад дода шуд. Он гоҳ онҳо шаҳрро ба муҳосира гирифта, ба ғорати аҳолии гирду атрофи он шурӯъ намуданд. Муҳосираи давомдор низ ба муғулон натиҷаи мусбат надод. Дар ин муддат ҳодисае рӯй дод, ки вазъияти мавҷударо дигаргун сохт. Дар урдугоҳи муғулҳои бодиянишин марази тоуни асп (бемории вабо) пайдо шуд ва шумораи зиёди аспони онҳо ба ҳалокат расиданд. Муҳосираи минбаъдаи шаҳр ба муғулҳо ғайриимкон гашт ва онҳо маҷбур шуданд, ки аз муҳосираи он даст кашида, ақибнишинӣ кунанд.

Ҳамин тавр, аҳолии Самарқанд, бо неруи худ ва бе иштироки намояндагони ҳукумат, тавонистанд шаҳри худро аз ҳуҷуми душманони аҷнабӣ сарбаландона дифоъ намоянд. Сарбадорон манфиатҳои табақаҳои заҳматкаши аҳолии шаҳрро ҳимоя мекарданд ва тамоми иқдомоти онҳо бар зидди манфиатҳои аъён ва ашрофи Самарқанд ва сулолаи муғулҳои ғоратгар равона гардида буданд. Дар ин мубориза бебизоатон дар Самарқанд бар зидди тавонгарон баромаданд ва табақаи заҳматкаши аҳолӣ аз золимон ва судхӯрони манфур ниқор гирифтанд.

**Барқарор шудани робита байни Мавлонозода бо амир Ҳусайн ва Темурланг. Аҳдшиканона ба қатл расонидани пешвоёни ҷунбиши Сарбадорон.** Ҳангоме ки Темурланг хабари аз муҳосираи Самарқанд даст кашида, ақибнишинӣ кардани муғулҳоро шунид, дарҳол амир Ҳусайнро аз ин хабар огоҳ намуд. Онҳо бо ҳам вохӯрда, ба чунин хулоса омаданд, ки ҳоло барои ишғоли Самарқанд шитоб накунанд, зеро аз муқовимати мудофиакунандагони шаҳр метарсиданд. Онҳо қарор доданд, ки аз макру ҳила истифода баранд. Бо ин мақсад амир Ҳусайн ва Темурланг баҳори соли 1366 бо лашкари худ ба наздикии Самарқанд омада, дар маҳалли Кони Гил қарор гирифтанд. Онҳо ба унвони роҳбарони Сарбадорон нома навишта, савганд хӯрда, изҳор намуданд, ки амали муборизонро дастгирӣ мекунанд. Дар ин нома зикр карданд, ки онҳо хоҳиши вохӯрдан бо роҳбарони Сарбадоронро доранд. Ҳамчунин, дар ин нома навиштанд, ки ҳокимияти шаҳри Самарқанд ба роҳбарони Сарбадорон дода мешавад ва ваъда доданд, ки касеро ҷазо намедиҳанд. Номаи онҳоро сафирони хушзабон бо туҳфаҳои гаронбаҳо ба Самарқанд оварданд. Ҳамроҳи ин фиристодагон намояндагони махсуси амир Ҳусайн ва Темурланг низ буданд. Вазифаи онҳо иборат аз он буд, ки ба шаҳр ворид шуда, барои забт кардани он замина тайёр намоянд. Роҳбарони Сарбадорон ба суханони маккоронаи ин фиристодагон бовар карда, ба лашкаргоҳи амир Ҳусайн ва Темурланг омаданд. Рӯзи аввал амир Ҳусайн ва Темурланг намояндагони Сарбадоронро гарму самимӣ қабул карданд. Вале рӯзи дигар, ҳангоми ба қароргоҳи онҳо расидан, ҳамаи намояндагони Сарбадорон дастгир гардида, ба қатл расонида шуданд. Аз байни онҳо фақат Мавлонозода аз марг наҷот ёфт. Ҳамин тавр, ҷунбиши мардумии Сарбадорон аз ҷониби амир Ҳусайн ва Темурланг аҳдшиканона пахш гардид. Амир Ҳусайн ва Темурланг дар охири баҳори соли 1366 аз нав ба Самарқанд соҳиб гардиданд.

Ҷунбиши Сарбадорони Самарқанд баъд аз ҷунбиши Сарбадорони Хуросон, ки дар нимаи аввали асри XIV ба муқобили сиёсати хонҳои муғул равона гардида буд, аз дуюмин ҳаракати бузурги мардумӣ бар зидди давлати муғулони Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Ҷунбиши Сарбадорони Самарқанд аз аҳамияти бузурги таърихӣ бархурдор аст. Танҳо мардум, ки ба муҳофизати ватани худ бархоста буданд, тавонистанд то ба охир бо душмани аҷнабӣ мубориза баранд ва муғулонро аз Мовароуннаҳр берун ронанд. Ба амирон ва феодалони чағатоии Мовароуннаҳр, ки пароканда буданд ва доимо бо ҳамдигар дар ҷангу ҷидол қарор доштанд, муяссар нагардид, то бо муғулони истилогар мубориза кунанд. Сарбадорон Самарқандро аз

муғулон озод карда, дар он ҳудуди як сол (1365 – 1366) ҳукмронӣ намуданд. Ҳадафи асосии Сарбадорон озод кардани ватан аз муғулон буд ва ба ин мақсад бо сарбаландӣ расиданд. Ин муборизаи онҳоро метавон муборизаи миллӣ-озодихоҳӣ номид. Аммо ин ғалабаи онҳо аз тарафи амир Ҳусайн ва Темурланг бо макру фиреб аз дасташон гирифта мешавад.

**Ба вуҷуд омадани ихтилоф байни амир Ҳусайн ва Темурланг. Кушта шудани амир Ҳусайн аз тарафи Темурланг.** Темурланг дар гирифтани ҳокимияти Самарқанд ва бо макру фиреб куштани роҳбарони Сарбадорон ба амир Ҳусайн ёрмандӣ кард. Аммо амир Ҳусайн ба ин нигоҳ накарда, баъзе аз тарафдорони Темурлангро, ки дар Самарқанд ва атрофи он ба ғорат ва бедодгарӣ машғул буданд, ҷарима баст. Аз ин рафтори амир Ҳусайн Темурланг ранҷида, ҷаримаи тарафдоронашро аз амволи бо ғорат бадастовардаи хеш пардохт ва бо ин робитаи худро бо амир Ҳусайн қатъ кард. Темурланг аз Самарқанд ба шаҳри Кеш баргашт. Чун ихтилофи ӯ ва амир Ҳусайн шиддат ёфт ва иловатан дар ин муддат ҳамсари Темурланг – Улҷойтуркон низ вафот карда буд, бинобар ин, барои Темурланг зарурати идома додани дӯстӣ бо амир Ҳусайн дигар боқӣ намонд. Ин ихтилоф сабаб шуд, то байни Темурланг ва амир Ҳусайн чандин ҷанг сурат гирад. Охирин ҷанги онҳо дар моҳи марти соли 1370 дар қалъаи Ҳиндувон, ки дар наздики Балх қарор дошт, ба вуқӯъ пайваст. Темурланг сипоҳи амир Ҳусайнро ба муҳосира гирифт, ки дар натиҷа лашкари амир Ҳусайн дар ин набард мағлуб ва худаш кушта гардид.

**Сарчашма:**

Ахбори Хондамир дар бораи тайёрии аҳолии Самарқанд ба муқобили ҳуҷуми муғулони истилогар чунин аст: «Чун амир Ҳусайн ва амир Темур шикаст ёфта, аз Ҷайҳун убур намуданд ва муғулони беимон ба азми наҳбу (ғорату) тороҷ ба савби (тарафи) Самарқанд таваҷҷуҳ фармуданд, селоби изтирори (парешонии) бинои субот ва қарори мутаваттинони (сокинони) он диёрро мунҳадим (вайрон) гардонида, Мавлонозодаи Самарқандӣ, ки ба сифати ҷилодат ва мардонагӣ иттисоф дошт (машҳур буд), мардумро ба дафъи муғулон таҳриз намуда (барангехта), дар бораи вуҷуби сиёнати нафс (зарурияти муҳофизати худ) ва мол ва аҳлу аёл суханон бар забон гузаронид. Самарқандиён он калимотро ба самъи ризо ҷой дода, зимоми ихтиёри худро дар қабзаи (дасти) иқтидори Мавлонозодаи Самарқандӣ ва Мавлоно Хурдаки Бухорӣ, ки тирандози ҷалд (чусту чолок) буд ва Абӯбакри Калавӣ, ки авсофи сарбадорӣ бар вай содиқ меомад, ниҳоданд ва эшон шаҳрро кӯчабанд карда, бар ҷодаи мамониати сипоҳи ҷита (муғулон) субот қадам варзиданд».

**Хондамир. Таърихи ҳабиб-ус-сияр. Бо муқаддимаи Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Техрон, 1380 ҳ.ш , саҳ. 406.**

Мирхонд дар бораи муборизаи аҳолии Самарқанд бар зидди истилогарони муғул чунин маълумот медиҳад: «Арбоби Самарқанд мутобаати (итоати) эшонро намуда, дар мақоми мамониат омаданд ва тариқи омадушуд масдуд гардониданд (банд карданд) ва асбоби муқобала ва муқотала соз доданд. Ва сипоҳи ҷита (муғулон) муддатҳо бар гирди Самарқанд хаймаи иқомат мутаннаб гардонида, дар тасхири (забти) он маросими эҳтимом ба ҷой оварданд. Ва чун айёми муҳосира имтидод (кашол) ёфт ва наздик ба он шуд, ки шаҳр мусаххар (мағлуб) гардад ва амволу димоъи мусулмонон дар маърази талаф ояд, насими азалӣ... вазида, вабо дар миёни аспони ҷита афтода, аз ҳар чаҳор асп яке (беш) зинда намонд ва аз ин ҷиҳат хавфу руъби (тарси) тамом бар замоири (қалбҳои) мухолифон истило ёфта, оҷиз ва саросема гаштанд. Ва баъд аз тақдими машварат маслиҳат чунон диданд, ки руҷӯъ намоянд (баргарданд) ва ба имзои ин азимат аксари он ҷамоат тиркашҳо бар пушт баста, пиёда ва мубтазал (хору залил) рӯй ба диёри худ ниҳоданд».

**Мирхонд. Таърихи равзат-ус-сафо, ҷ.6, Теҳрон, 1380 ҳ.ш, саҳ. 4569 – 4570.**

Ибни Арабшоҳ дар бораи чӣ гуна ба қатл расидани пешвоёни Сарбадорон менависад: Темурланг «ҷамъе аз ёрони хешро дар камин бигмошт ва муқаррар дошт, ки ҳар касро, ки ба сӯйи онон фиристад, нобуд кунанд. Пас сарони ақвомро аз ҳар пеша ва мақом бихонд ва ба дасти худ ҷоми саҳбо нӯшонд ва хилъати зебо пӯшонд ва чун навбат ба он тоифаи ошӯбгар (яъне Сарбадорон) расид, ҳамчунон якоякро бинавохт ва ба шарбати май ва хилъати фохир сарафроз дошт ва бо ишора ба сӯйи камингоҳ равона сохт, то хилъаташ бозгиранд ва ҷомаи зиндагониаш бидаранд ва чунон карданд, то як тан аз онон бар ҷой намонд. Ҳамаро ба диёри нестӣ ронданд... Темурро бад-ин тадбир асоси давлат устувор ва роҳи фармонравоӣ ҳамвор шуд».

**Ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷойиб-ул-мақдур фӣ ахбори Темур). Тарҷума ба форсӣ Муҳаммад Алии Наҷотӣ, Теҳрон, 1383 ҳ.ш., саҳ. 18.**

Маълумоти Абдурраззоқи Самарқандӣ дар бораи хоинона ба қатл расидани роҳбарони Сарбадорон: «Амир Ҳусайн аввали баҳор бо лашкари Балху Бадахшон ва Қундузу Бағлон ва Андхӯю Шибурғон озими Самарқанд шуд. Ва ба каррот (ба такрор) аҳком ба сардорони Сарбадорони Самарқанд фиристод. Мазмун он, ки моро бар шумо эътимоди куллист ва аз ҷамеи умаро беҳтар донистаем, то урду дар саҳрои Кони Гил наёрем, аслан истиқбол менамоед. Он мискинон тамаллуқи (хушомадгӯйии) он тарози муғул бовар карданд. Чун амир Ҳусайн ба Кони Гил омад, Сарбадорон анвои такаллуф (муроoти барзиёд ва сохта) тартиб дода, ба хидмат расиданд ва пешкашҳо ба арз расониданд. Ва амир Ҳусайн эшонро ба иноят (меҳрубонӣ) баргардонид. Рӯзи дигар тансуқоти (туҳфаҳои) зиёда оварда, чун ба Карёс расиданд, ба муҷиби фармуда ҳамаро гирифта, сиёсат (яъне қатл) намуд.

Амири соҳибқирон Мавлонозодаро дархост карда, аз пойи дор бозовард ва дигарон ба роҳи адам рафтанд. Ва амир Ҳусайнро

мамлакат софӣ шуда, мутамаккин гашт ва ҳирси ҷамъи мол бар ӯ ғолиб шуда, қоидаи зулму бедод бунёд ниҳод».

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн, дастхати №347 аз Ганҷинаи дастхатҳои Институти шарқшиносӣ, саҳ. 197.**

### Санаҳои муҳим:

1365 – муқовимати аҳолии Самарқанд бо сардории Мавлонозода бар зидди истилогарони муғул
1366 – ба қатл расонидани роҳбарони шӯриши Сарбадорон ва ҳокимияти Самарқандро соҳиб шудани амир Ҳусайн ва Темурланг
1370 (март) – охирин ҷанги Темурланг бо амир Ҳусайн

### Савол ва супориш:

1) Нақл кунед, ки сокинони Самарқанд ба муқобили истилогарон чӣ гуна муқовимат карданд. 2) Чаро истилогарони муғул дар ин муҳориба ба шикаст дучор омаданд? 3) Дар бораи аз тарафи амир Ҳусайн ва Темурланг бо макру фиреб ба қатл расидани роҳбарони шӯриши Сарбадорон маълумот диҳед. 4) Аҳамияти таърихии ҷунбиши Сарбадорон аз чӣ иборат буд? 5) Сабаби ихтилофи байни Темурланг ва амир Ҳусайнро шарҳ диҳед. 6)§§ 2 ва 3-ро такрор намоед.

# МАВЗӮИ III
# БА САРИ ҚУДРАТ ОМАДАНИ ТЕМУРЛАНГ ДАР САМАРҚАНД ВА ЗАБТКОРИҲОИ Ӯ

## § 5. ҲОКИМИЯТИ МОВАРОУННАҲРРО ГИРИФТАНИ ТЕМУРЛАНГ

**Амир эълон шудани Темурланг дар Хуросон. Омадани Темурланг ба Самарқанд.** Бо ғалаба дар Балх Темурланг ба фармонравоии мустақил расид ва худро дар Балх амири кабир эълон кард.

Темурланг пас аз куштани амир Ҳусайн зани ӯ Сароймулкхонумро, ки духтари Қазанхони Чингизӣ буд, ба никоҳи худ даровард. Сароймулкхонум бо номи Бибихонум низ маъруф буд. Чун ӯ духтари хони муғул буд ва зани калонии Темурланг ба ҳисоб мерафт, ба ин сабаб ба Темурланг лақаби Курагон, ки муғулон домодро мегуфтанд, дода шуд. Ба Темурланг фарзандонаш Мироншоҳ, Шоҳрух ва наберааш Улуғбек ва дигарон тақлид карда, бо хонадони чингизӣ пайванди хешу таборӣ барқарор карданд. Дар ин робита бояд гуфт, ки таърихнигори асри XVII Маҳмуд ибни Валӣ хонадони Темуриёнро Гуркониён низ номидааст.

Насаби Темурланг бевосита ба хонадони Чингиз намерасид, бинобар ин, пас аз гирифтани ҳукумати Мовароуннаҳр унвони хониро ба номаш илова накарданд. Аммо Темурланг аз намояндагони қабилаҳои муғулие буд, ки боҷуръат аз анъанаҳои муғулӣ дар Мовароуннаҳр тарафдорӣ мекард. Барои ваколатҳои зиёд доштан дар корҳои идораи давлат тарафдорӣ аз анъанаҳои муғулӣ ва робитаи хешутаборӣ бо хонадони хонӣ кифоят намекард. Аз ин рӯ, барои дар Мовароуннаҳр ҳаққи ҳукумати Темурлангро собит намудан, қиссаҳои хаёлиеро бофта баровroutcarданд. Мақсади ин қиссаҳо қонунӣ гардонидани ҳукумате буд, ки Темурланг бо макру фиреб ба даст овард. Мувофиқи ин қиссаҳои хаёлӣ гӯё бобокалони Чингиз – Кобулшоҳ бо бародараш–Качулӣ, ки аҷдоди афсонавии Темурланг ба шумор меравад, қарордоде ба имзо расонида буданд. Тибқи он қарордод авлоди Чингиз бояд ҳамеша шоҳ ва авлоди Качулӣ ҳокими мутлақи сарзаминҳои ишғолгардида бошанд. Бинобар ин, Темурланг худро соҳиби тахт ҳисоб мекард.

Мувофиқи анъанаи мавҷудбудаи он замон, ки бояд амири Мовароуннаҳр аз номи хони хонадони чингизӣ ҳукумат кунад, Темурланг низ ин анъанаро вайрон накарда, як тан аз хонҳои маъруфнабудаи чингизиро бо номи Сиюрғитмиш (1370–1388) хони Мовароуннаҳр эълон кард ва аз номи ӯ ҳукумат мекард.

Ибни Арабшоҳ менависад, ки Темурланг Сиюрғитмишро барои он хон интихоб кард, ки ғорату куштори худро бо номи ӯ анҷом диҳад, то мардум ӯро маломат накунанд. «Дар ҳоле ки, – менависад Ибни Арабшоҳ, – ҳар амире ба дасти Темурланг асир ва ҳар хон дар баробари вай нотавон буд».

Сиюрғитмиш дар лашкаркашиҳои Темурланг иштирок намуда, соли 1388 вафот кард.

Баъди амир эълон шудани Темурланг дар Хуросон, ибтидо қарор буд, ки Темурланг шаҳри Кеш – зодгоҳашро пойтахти давлати худ созад, вале ба далели маъруф будани Самарқанд ин шаҳрро пойтахт интихоб карда, 10 апрели соли 1370 худро соҳиби тахт эълон намуд.

Темурланг аз Балх ба шаҳри Самарқанд омада, ба фоҷиаҳои худ оғоз бахшид. Аз фоҷиаи Чингиз то фоҷиаи Темурланг якуним аср гузашта буд. Фоҷиаи Чингиз аз ҷониби Муғулистон ба Мовароуннаҳр омада буд, аммо фоҷиаи Темурланг аз Мовароуннаҳр оғоз гашта, аз миёни вайронаҳои давлати Чингиз шакл гирифта, дар муддати фармонравоии Темурланг ва хонадони ӯ саросари Хуросону Эрон ва Осиёи Хурдро арсаи тохтутози туркон сохт.

**Оғози забткориҳои Темурланг. Муборизаи мардуми Хоразм бар зидди лашкаркашиҳои Темурланг.** Темурланг эҳсос мекард, ки бе шикасти хонҳои Муғулистон ва ба худ тобеъ намудани Хоразм наметавонад ба осонӣ дар Самарқанд ҳукумат кунад. Темурланг пеш аз ҳама, ба мақсади таъмин кардани амнияти пойтахти давлати худ, нақшаи тобеъ намудани Хоразм ва хонҳои Муғулистонро кашид. Ӯ тайи солҳои 1370 – 1376 се бор ба Хоразм ва панҷ бор ба қаламрави хонҳои Муғулистон дар он сӯйи Сайҳун ҳуҷум кард. Ҳокими Хоразм Ҳусайн Сӯфиро тайи ин се ҳуҷум Темурланг асир гирифта натавонист ва танҳо вилояти Хоразмро ғорат ва вайрон карда, ба Самарқанд баргашт. Ба ӯ муяссар шуд, ки баъд аз даҳ соли ба қудрат расиданаш дар Самарқанд, яъне соли 1380 Хоразмро тобеи худ гардонад. Баъд аз фатҳ ва ғорати он вилоят донишмандон, косибон ва ҳунармандони Хоразмро ба шаҳрҳои Самарқанду Кеш кӯчонид ва ин шаҳри қадимро вайрон ва парешон сохт.

**Муносибати Темурланг бо се қудрати сиёсии Хуросон: Оли Курт дар Ҳирот, Ҷониқурбонӣ дар Тӯс ва Сарбадорон дар Сабзавор**. Темурланг некиҳои ҳокими Ҳиротро, ки ба ҳангоми паноҳ ҷустанаш ба он шаҳр карда буд, фаромӯш намуда, номае ба султони Ҳирот – Малик Ғиёсиддини Курт фиристода, аз ӯ хост, ки ин султон тобеи ӯ шавад ва ҳадяю тухфаҳои шоистае

барояш фиристад. Султони Ҳирот бо номаи таҳқиромез ба Темурланг ҷавоб гардонд. Темурланг бо гирифтани ин паём дар ғазаб шуд ва дар моҳи марти соли 1381 ба ҷониби Ҳирот ҳамлавар гардид. Тамоми он вилоятро забт карда, Малик Ғиёсиддини Оли Куртро тобеи худ сохт.

Темурланг бо фатҳи Ҳирот дарвозаҳои Хуросонро ба рӯйи худ боз кард. Барои забти комили ин сарзамин дигар монеае намонда буд. Темурланг тамоми ҳукмронони Оли Куртро ҳамроҳи худ ба Самарқанд овард ва баъдан ба қатл расонид. Дар тӯли солҳои 1381–1383 Темурланг чаҳор маротиба аз Самарқанд ба Хуросон лашкар кашид.

Дар ҳамон соле, ки Темурланг ба Ҳирот мехост лашкар кашад, аз Алибеки Ҷониқурбонӣ – ҳокими Калот ва Тӯс хоҳиш кард, ки дар гирифтани Ҳирот ба ӯ ёрӣ диҳад. Аммо Алибеки Ҷониқурбонӣ ин хоҳиши Темурлангро рад кард. Баъд аз гирифтани Ҳирот Темурланг ба тарафи сарзамини Ҷониқурбонӣ лашкар кашид. Пас аз муҳосираи тӯлонӣ Алибеки Ҷониқурбонӣ ба Темурланг таслим шуд. Темурланг ӯро ба Мовароуннаҳр фиристод ва каме баъд аз он дастур дод, то Алибеки Ҷониқурбониро ба қатл расонанд.

Ҳангоме ки Темурланг вориди Нишопур шуд, Хоҷа Алии Муайид–саркардаи Сарбадорони Сабзавор ба пешвози ӯ баромад ва ба вай пайваст. Темурланг ӯро дар мақоми ҳокими Сабзавор дубора тасдиқ кард. Хоҷа Алӣ то поёни умри худ ба Темурланг вафодор буд. Ӯ дар лашкаркашии Темурланг ба Луристон дар соли 1386 иштирок намуда, бар асари захме, ки дар он ҷанг гирифт, вафот кард.

**Тасарруфи Хуросон аз ҷониби Темурланг.** Темурланг тайи лашкаркашиҳои минбаъдааш ба Хуросон Қандаҳору Балхро гирифт ва пас аз он Пушанг ба дасти ӯ афтод, Исфароин ба хок яксон шуд ва Систон мавриди ғорати лашкари Темурланг қарор гирифт. Дар ҷараёни ин лашкаркашиҳо ба саркӯбии Амир Валӣ фармонравои туркманони Ҷузҷон шитофт ва ӯро ба итоати худ даровард. Соли 1383 вақте боз ба Ҳирот лашкар кашид, мардуми он ба дифоъ бархостанд ва дар он ҷо аввалин калламанораҳоро аз сари шӯришиёни кушташуда баланд кард. Дар тамоми ин муддат ҳар шаҳреро, ки аз Хуросон ишғол мекард, ба дунболаш ҷӯйи хуни сокинони он диёр равона мегашт. Темурланг бо ин аъмоли худ фоҷиаи ҳуҷуми Чингизро такрор кард. Ин бор вайронгар ва хунхори Хуросон дигар бутпараст набуда, балки фармонравои мусулмон буд.

Дар фосилаи ин ҳуҷумҳо, ки Темурланг байни Хуросон ва Мовароуннаҳр дар ҳаракат буд, ба ноҳияҳои Кошғар ва Дашти Қипчоқ низ тохтутоз кардааст. Ҳокими Кошғар амир Қамариддини Дуғлотро ба Дашти Қипчоқ [саҳроҳои байни Уралу Сибир, сарзаминҳои байни баҳри Хоразму (Арал) баҳри Хазар (Каспий) ва поёноби Сирдарё] ронда, баъди ғалаба бар хонҳои Дашти Қипчоқ яке аз хонзодаҳои муғулии он ҷойро бо номи Тухтамиш, ки худро аз хонадони Ботухон медонист, ба сари ҳокимият овард.

**Сарчашма:**

Мирхонд дар бораи муҳосираи қалъаи Ҳиндувон ва мағлубияти амир Ҳусайн чунин маълумот медиҳад: «Ва рӯзи дигар... ҷавонони ҷонибайн рӯй ба майдон ниҳода, даст ба тиру теғ кушоданд ва баъд аз ситезу овези (ҷангу ҷидоли) баҳодурони амир Ҳусайн аз ғояти бухлу имсок (бахилӣ ва хасисӣ), ки бар табиати ӯ ғолиб буд ва қуввати он надошт, ки зару сим виқояи (ҳимояи) ҷони ширин созад... Амир Ҳусайн аз камоли хавфу ҳарос дари дарвоза бибаст ва ҳазрати соҳибқирони зафарқарин (Темурланг) кас пеши ӯ фиристод, ки агар ҷон мехоҳӣ, давон аз қалъа берун ой. Ва ба қадам атрофу ҷавониб баста дид ва аз пасу пеш селоби балои ано (машаққат) ба ҳам пайваста, даст дар домани тазарруъ ва истимон (зориву талаби амон) зада, писари бузурги худро бо ҷавоне, ки ихтиёр карда буд, пеши ҳазрати соҳибқирон (Темурланг) равон сохта, гуфт: «дар мақоми инқиёду изъонам (итоату мутеиятам) ва ҷуз мутобаату мутовоат (тобеияту фармонбардорӣ) чорае намедонам».

Ва мутаоқиби дигареро фиристода, пайғом дод, ки «офтоби давлати ман ба ҳадди уфул (фурӯ рафтан) расида ва кавкаби иқболи ман аз хонаи иззу (иззату) бурҷи шараф ба дараҷаи ҳубут (фурудоӣ) ва манзилу бол интиқол карда, дархост аз ту, ки саодат ва фирӯзии ҳаминон дорӣ. Ҳамин аст, ки бар ҷони ман бибахшоӣ ва роҳ бар ман бикушоӣ, то аз ин тангнои (сахтию фишори) меҳнат ва машаққат берун омада, рӯй ба Каъбаи муаззама ниҳам ва зиёрати Байтуллоҳ ба ҷой оварда, аз ҷароиму осоми (хатоҳои) забон ба эътизору истиғфор (узрхоҳиву бахшиши гуноҳҳо) кушоям....Ва ҳазрати соҳибқирон... қарор бар он ёфт, ки рӯзи дигар ба саломат берун омада, ба ҳар ҷо ки хоҳад, биравад».

**Мирхонд. Таърихи равзат-ус-сафо, ҷ.6, Теҳрон, 1380 ҳ.ш, саҳ. 4618-4619.**

Хондамир дар бораи Алибеки Ҷониқурбониро бахшидани Темурланг чунин маълумот медиҳад: «Шайх Алӣ Баҳодур дар он айём, ки дар қалъаи Қаҳқаҳа нишаста буд, шабе хаёл намуд, ки ба қадами эҳтиёл (макру ҳила) худро дар қалъаи Калот андозад. Бо тоифае аз навкарони хосса пиёда ба кӯҳи баланд баромад ва... сабоҳ (вақти субҳ) далерони Ҷониқурбонӣ хабар ёфта, бар сари Шайх Баҳодур тохтанд ва ӯро гирифта, назди Алибек бурданд. Ва амир Алибек шайх Алӣ

Баҳодурро таъзим ва эҳтироми тамом намуд ва хиргоҳе (хаймае) ба такаллуфи наздик ба височи (манзили) хеш барои ӯ насб (ҷойгир) кард... Забони тазарруъ (илтиҷо) бикшод, ки хуни маро аз соҳибқирон… дармебояд хост. Амир Шайх Алӣ ин маъниро қабул намуд ва… нузули амир Темури Курагон гашт. Амир Шайх Алӣ ба мулозамат (хизматгузорӣ) шитофта, кайфияти изтирори (парешонии) Алибек ва иттибоъ (пайравӣ кардан) ба арз расонид ва гуноҳони эшонро авф талабид. соҳибқирон… ҷаримаи Ҷониқурбониёнро бахшид ва амир Алибек ба хидмат шитофт ва бештар аз пештар тарбият ва эъзозу (иззату) ҳурмат ёфт… ӯро бо тамоми элу улуси Ҷониқурбонӣ ба Самарқанд кӯчонанд. Ва ба нафсу нафис мутаваҷҷеҳи Мовароуннаҳр гашта, малик Ғиёсиддин Пиралиро бо авлод ҳамроҳ барад».

**Хондамир. Таърихи ҳабиб-ус-сияр, Теҳрон, 1380 ҳ.ш , саҳ., 433.**

**Санаҳои муҳим:**

1370 (10 апрел) – соҳиби тахт эълон шудани Темурланг
1370 – хони Мовароуннаҳр таъйин гардидани Сиюрғитмиш
1380 – Хоразмро тобеъ гардондани Темурланг
1381(март) – ҳамлаи Темурланг ба Ҳирот
1383 – ҳамлаи дубораи Темурланг ба Ҳирот
1383 – сохтани аввалин калламанораҳо дар Ҳирот

**Савол ва супоришҳо:**

1) Чаро унвони хонӣ ба номи Темурланг илова нагардид? 2) Барои чӣ ба Темурланг лақаби Курагон доданд? 3) Чаро Темурланг яке аз хонҳои маъруфнабудаи чингизиро хони Мовароуннаҳр эълон кард? 4) Дар бораи лашкаркашии Темурланг ба Хоразм нақл кунед. 5) Сабаби ба Ҳирот лашкар кашидани Темурланг аз чӣ иборат буд? 6) Лашкаркашиҳои Темурланг ба Хуросон ва хунхории ӯро нақл кунед. 7) §§ 3 ва 4-ро такрор намоед.

## § 7. ОҒОЗИ ЛАШКАРКАШИҲОИ ТЕМУРЛАНГ

**Ҳуҷуми сесолаи Темурланг**. Соли 1386 Темурланг ҳуҷуми худро, ки дар таърих бо номи ҳуҷуми сесола маъруф аст, оғоз кард. Ӯ аз тариқи Хуросон ба ҷониби Рай ва Мозандарон лашкар кашид. Ҳадафи ӯ аз ин лашкаркашӣ гирифтани Бағдод аз дасти султон Аҳмади Ҷалоир буд. Темурланг саъй кард нахуст Луристон ва Озарбойҷонро ишғол кунад ва дар ин мубориза Малик Иззиддини Лур – ҳокими Луристонро дар Хуррамобод мағлуб карда, асири худ сохт. Хуррамобод ва Буруҷардро вайрон карда, ба тарафи Озарбойҷон ҳаракат кард. Дар роҳи Озарбойҷон шаҳрҳои Султония ва Табрезро аз дасти султон Аҳмади Ҷалоир гирифт ва Гурҷистону Арманистонро тақрибан бе ҳеҷ муборизa ба даст овард. Бо Қароюсуфи Туркман, ки ҷонибдори султон Аҳмади Ҷалоир буд, Темурланг дар Диёрбакр

ҷангид ва Қароюсуф дар муқобили сипоҳи Темурланг тоб наоварда, фирор кард. Диёрбакр арсаи ғорат ва вайронии сарбозони Темурланг гардид. Баъд аз ин Темурланг барои танбеҳи Зайнулобидини Оли Музаффар – ҳокими Форс, ки аз қабули фармонравоӣ ба ӯ сарпечӣ карда буд, ба тарафи Шероз лашкар кашид. Бояд гуфт, ки Шоҳ Шуҷоъ Оли Музаффар – ҳокими пештараи Форс дар поёни умри худ бо номае ба Темурланг муроҷиат карда, изҳор дошта буд, ки писараш – Зайнулобидин, ки ба ҷойи ӯ ба тахт менишинад, аз ӯ итоат хоҳад кард. Аммо Зайнулобидин ба ин номаи падар эътиное накарда, фиристодаи Темурлангро, ки ба Шероз омада буд, иҷозати бозгашт надод. Дар роҳи Форс, ки аз тариқи Ҳамадон ва Исфаҳон мегузашт, Темурланг ин шаҳрҳоро ишғол кард ва андози вазнине барои сипоҳиёнаш аз мардуми ин шаҳрҳо ситонид. Мардуми Исфаҳон аз ин ҷабри Темурланг ба шӯр омада, дар моҳи декабри соли 1387 сар ба қиём бардошта, теъдоде аз сарбозони Темурлангро ба ҳалокат расониданд. Ин шӯриши хурд, ки ба қиёми мардумӣ табдил ёфта буд, дарвоқеъ Темурлангро сахт тарсонд. Вуқӯи ҳамчунин ҳодисаро Темурланг интизор надошт ва чун аз пойгоҳи худ – Самарқанд дур шуда буд, ин муқовимати мардум ҳастии онҳоро таҳдид ба ҳалокат мекард. Бинобар ин, Темурланг дар фурӯ нишонидани ин шӯриш аз ҳеҷ гуна аъмоли ғайрибашарӣ даст накашид. Интиқоми Темурланг аз сокинони Исфаҳон на танҳо ваҳшатнок, балки ваҳшиёна буд. Темурланг ҳукми қатли оми мардуми Исфаҳонро дод, ки 70 ҳазор тан дар он воқеа ба қатл расид. Ба дастури Темурланг аз сарони ин кушташудагон калламанораҳо сохтанд. Таърихнигори ҳамзамони Темурланг Ибни Арабшоҳ менависад, ки бузургони шаҳри Исфаҳон ба хотири дар дили Темурланг раҳм андохтан то ки қатли мардумро бас кунад, иддае аз кӯдаконро, ки ятим монда буданд, дар яке гузарҳои шаҳр, ки бояд Темурланг аз он ҷо мегузашт, гузоштанд. Темурланг ҳангоме ки бо гурӯҳи кӯдакон рӯ ба рӯ шуд, ба онҳо таваҷҷуҳ накарда, ҳамроҳи сарбозонаш роҳашро идома дод. Ин кӯдакон дар зери пойи аспон монда, ҳалок гардиданд.

Бо ин қатли ом Темурланг дар дили мардуми Шероз тарс афканда буд. Ҳокими Форс Зайнулобидин ба ҷониби Бағдод фирор кард, то дар даргоҳи султон Аҳмади Ҷалоир пинҳон шавад. Аммо дар байни роҳ дар наздикии Шуштар Зайнулобидин ба дасти писари амакаш Шоҳ Мансур асир афтод ва дар қалъаи Салосил ба ҳабс гирифта шуд. Соли 1387 Шероз таслими Темурланг шуд. Ҳарчанд ин шаҳр аз вайронкорӣ ва кушторҳои Темурланг эмин монда бошад ҳам, аммо мардуми Шероз ба Темурланг хироҷи зиёде дода, хонахароб шуданд.



***Тасвири калламанора. Амали рассом В.В. Верешагин***

Темурланг вилояти Форсро байни султон Аҳмад – бародари Зайнулобидин, ки ҳокими Кирмон буд ва Шоҳ Яҳё – писари амакаш, ки ҳокими Язд буд ва ба Темурланг итоат мекарданд, тақсим кард. Бо шунидани хабари шӯришҳое, ки дар Хоразм ва Дашти Қипчоқ рӯй доданд, Темурланг саросема вилояти Форсро тарк гуфта, ба Мовароуннаҳр баргашт.

Ба ҳар ҳол лашкаркашии сесолаи Темурланг нотамом монд, зеро ҳокими Форс – Зайнулобидин ба асорати Темурланг наафтод ва муҳимтар аз ҳама Бағдодро ба даст наовард.

**Ҳуҷуми панҷсолаи Темурланг**. Тобистони соли 1392 Темурланг сеюмин ҳуҷуми худро, ки дар саҳифаҳои таърихи ин давр аз ҷониби таърихнигорон бо номи ҳуҷуми панҷсола зикр шудааст, оғоз кард. Дар ин лашкаркашӣ ӯро писаронаш– Умаршайх ва Мироншоҳ, наберааш – Пирмуҳаммад (писари Ҷаҳонгир) ҳамроҳӣ мекарданд. Баҳонаи ин лашкаркашӣ саркӯб кардани шӯришҳо дар Мозандарон, танбеҳ намудани Оли Музаффари Форс ва ҳадафи асосӣ ба даст овардани Бағдод буд. Дар Мозандарон Сайид Камолиддини Маръаширо, ки ба истиқлол расида буд, Темурланг саркӯб кард ва ӯро ба асорат гирифта, аз тариқи киштӣ ба Хоразми вайрона фиристонд. Чанде дар Мозандарон монд ва дар моҳи декабри соли 1392 барои танбеҳ додани Оли Музаффар аз тариқи Рай ба Буруҷард ва аз он ҷо ба Дизфулу Шуштар омад. Темурланг ба таъқиби шоҳ Мансури Оли Музаффар, ки тамоми Музаффариёнро бар зидди ӯ ба мухолифат бархезонида буд, оғоз кард. Шоҳ Мансур бо андак сипоҳи вафодори худ дар Рай бо Темурланг ба ҷанг бархост ва ҷасорату шаҳомати фавқулодаи ӯ боис шуд, ки дар ин

ҷо ба Темурланг зарба занад, аммо худи ӯ захмӣ гардида, ба дасти сипоҳиёни Темурланг асир афтод ва кушта шуд. Дар моҳи майи соли 1393 Темурланг дигар шоҳзодагони Оли Музаффарро, ки ба мухолифати ӯ бархоста буданд, аз миён бардошт. Ҳокимияти вилояти Форсро ба писари худ Умаршайх вогузор карда, ба ҷониби Бағдод бар зидди султон Аҳмади Ҷалоир лашкар кашид. Дар моҳи августи соли 1393 Темурланг тахтгоҳи деринаи Аббосиён – Бағдодро тақрибан бидуни ҷанг фатҳ кард. Султон Аҳмади Ҷалоир Бағдодро раҳо карда, ба ҷониби Шому Миср фирор намуд.

Темурланг чанд муддат дар Бағдод монда, ба лашкаркашӣ ба тарафи Шому Миср тайёрӣ медид. Дар ин муддат, яъне дар моҳи январи соли 1394, писари Темурланг – Умаршайх, ки аз Форс ба дидорбинии падар меомад, дар наздикии Бағдод аз ҷониби мардуми маҳаллӣ кушта мешавад ва Темурлангро ба шиддат мотамзада мекунад.

Ҳукумати Форсро Темурланг ба наберааш – Пирмуҳаммади Ҷаҳонгир вогузошта, барои тасхири ноҳияҳои шимоли Байнаннаҳрайн ба он ҷониб ҳаракат кард ва дар Тикрит, ки паноҳгоҳи роҳзанони курду араб буд, калламанораҳо барпо сохт. Чун аз лашкаркашии Тухтамишхон ба ноҳияҳои Арон ва Дарбанди Қафқоз огаҳӣ ёфт, рӯ ба тарафи Қафқоз кард. Арманистону Гурҷистонро дубора фатҳ намуд ва дар Қафқоз Тухтамишхонро шикасти сахт дод. Ба таъқиби Тухтамишхон аз вилоятҳои Черкес убур карда, дар соҳили дарёи Волга бори дигар ба Тухтамишхон зарба зад ва лашкари ӯро пароканда сохт. Аз ин ҷо ба дохили хоки Русия ба тохтутоз пардохта, шаҳри Маскавро гирифта, дар ин ҷо ғорату куштор намуд. Шаҳрҳои Сарой ва Аштархон (Астрахан) низ мавриди ғорат ва харобкориҳои Темурланг қарор гирифтанд. Темурланг дар бозгашт ба Озарбойҷон чанде вақти худро барои хомӯш кардани ошӯбҳо сарф карда, ҳукумати Озарбойҷон ва вилоятҳои ғарбии Эронро ба писараш–Мироншоҳ ва Хуросону ноҳияҳои шарқиро ба писари дигараш – Шоҳрух вогузошта, билохира, баъд аз панҷ соли ҷангҳои хунин ба Мовароуннаҳр боз гашт.

Ҳосили сеюмин ҳуҷуми Темурланг низ мисли лашкаркашиҳои пештарааш ба ҷуз аз ба даст овардани ғаниматҳо, куштори инсонҳои бегуноҳ ва харобии кишварҳо аз чизи дигаре иборат набуд ва ин ҳамаро ӯ навъе аз рисолат ва маъмурияти илоҳии худ медонист.

**Забти Ҳиндустон ва қатли сад ҳазор асир**. Темурланг дар тӯли се ҳуҷуми худ сарзаминҳои мусулмоннишинро хароб карда, қатлу куштор менамуд. Ин бор ҳуҷуми худро ба Ҳиндустон, ки дар моҳи марти соли 1398 оғоз карда буд, «ғазавот зидди куффор номид», дар ҳоле ки подшоҳи он замони Ҳиндустон султон Маҳмуди Туғлуқӣ низ мусулмон буд ва дар Деҳлӣ фармонравоӣ

мекард. Темурланг Панҷоб ва Мултонро ишғол карда, дар моҳи декабри соли 1398 дар наздикии Деҳлӣ сипоҳи султон Маҳмуди Туғлуқиро мағлуб намуд. Тибқи хабари муаллифи «Таърихи равзат-ус-сафо» Мирхонд қабл аз вуруд ба Деҳлӣ Темурланг аз тарси шӯриши эҳтимолии 100 ҳазор ҳиндуи дар роҳ асир афтода, фармон медиҳад, ки онҳоро ба қатл расонанд. Ин ҳодиса 17 декабри соли 1398 дар соҳили дарёи Ҷамаи наздики Панипат ба вуқӯъ пайваст.

Ба ҳангоми воридшавӣ ба Деҳлӣ сипоҳиёни Темурланг фармон гирифтанд, то мардуми Деҳлиро қатли ом намояд, ки дар натиҷа 80 ҳазор нафар аз сокинони шаҳр кушта шуданд. Дар ин куштор на танҳо ҳиндуҳо, балки мусулмонони шаҳр ҳам ба ҳалокат расиданд. Бисёре аз ҳиндуҳо барои он ки худ ва аъзои хонаводааш ба дасти туркон наафтанд, худро бо аъзои хонавода ва тамоми молу амволи хеш оташ заданд. Султон Маҳмуди Туғлуқӣ ба ноҳияҳои шарқии Ҳиндустон фирор кард ва Темурланг ӯро дунболагирӣ карда, ноҳияҳои атрофи дарёи Гангро ғорату вайрон намуд. Ӯ қаламрави шоҳони Туғлуқиро байни сардорони лашкари худ, ки омодаи ҳифз ва идораи он набуданд, тақсим карда, бо ғаниматҳои бисёре Ҳиндустонро тарк кард. Дар муддати панҷ моҳу ҳабдаҳ рӯзе, ки Темурланг дар Ҳиндустон буд, ба ҷуз аз ғорату куштори мардуми бегуноҳ ва вайронии ин сарзамини афсонавӣ чизе аз худ ба ҷой намонд. Ин лашкаркашӣ, ки чаҳордаҳ моҳ тӯл кашид, Ҳиндустонро ба қаламрави фармонравоии Темурланг низ дохил накард.

**Ҳуҷуми ҳафтсолаи Темурланг**. Ҳангоме ки дар Ҳиндустон Темурланг ба ғорату куштор машғул буд, ба ӯ аз нооромиҳо ва ошуфтагии авзои Эрон, бахусус Озарбойҷон, ки писараш Мироншоҳ дар он ҷо ҳукумат мекард, хабар расониданд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ Мироншоҳ бар зидди Темурланг изҳори мухолифат мекунад. Изҳори мухолифат кардани Мироншоҳ дар номае, ки навишта ба Ҳиндустон ба падараш мефиристад, баён шудааст. Мироншоҳ дар ин нома адабро нигоҳ надошта, Темурлангро мазаммату таҳқир менамояд. Ин сабаб шуд, ки Темурланг Ҳиндустонро ба зудӣ тарк намуда, ба Самарқанд биёяд. Ҳамчуноне ки сарчашмаҳои таърихӣ хабар медиҳанд, бар асари афтодан аз болои асп мағзи сари Мироншоҳ осеб мебинад ва ӯро дучори парешонии ҳавос мекунад. Дар натиҷаи ин беморӣ Мироншоҳ ба корҳои ношоистае даст зада, иддае аз шахсиятҳои маъруфро ба қатл расонида, хазинаро бо айшу нӯш холӣ мекунад. Девонагии Мироншоҳ то ба ҷое расида буд, ки фармон медиҳад қабри Хоҷа Рашидуддини Фазлуллоҳро, ки пешвои тариқати ҳуруфия буд, кушоянд ва боқимондаи ҷасади ӯро дар қабристони яҳудон дафн намоянд.

Бо шунидани хабари лашкаркашии Темурланг ба Озарбойҷон, Мироншоҳ ба урдуи ӯ меояд. Темурланг ҳайатеро пешакӣ ба Табрез–маркази идории Мироншоҳ фиристод, то корҳои ӯро тафтиш кунанд. Дар натиҷаи тафтиш зердастони Мироншоҳ, ки бе фармони ӯ ҳеҷ кореро анҷом намедоданд, гунаҳгори асосӣ дониста шуданд. Мувофиқи хабари Мирхонд бо фармони Темурланг ширкаткунандагони маҷлисҳои Мироншоҳ: олими маъруф Мавлоно Муҳаммади Кӯҳистонӣ, мусиқидонони бузург Устод Қутбуддини Нойӣ, Ҳабиби Удӣ ва Абдулмуъмини Гӯянда ба қатл расонда шуданд. Шоири маъруфи тоҷик Камоли Хуҷандӣ низ мавриди ғазаби Темурланг қарор гирифт ва дастур дод шоирро ба мавзеи Валиёнкӯҳи Табрез табъид намоянд.

Темурланг бо қатли олимону ҳунармандон, ки гуноҳе надоштанд, мардумро бовар мекунонид, ки воқеан ҳам барои ҷазо додани Мироншоҳ омадааст. Ӯ Мироншоҳро аз ҳукумати Озарбойҷон барканор карда, ба ҷойи ӯ писари Мироншоҳ– мирзо Абӯбакрро таъйин мекунад. Бо вуҷуди ин ки Мироншоҳро аз вазифа барканор намуд, ба гуфтаи Мирхонд, баъд аз ин низ Мироншоҳ «дар мақоми салтанат бар маҷмӯи шоҳзодагон муқаддам менишаст».

Шоҳрух писари дигари Темурланг, ки аз ҷониби падар ҳокими Хуросон таъйин шуда буд, дар ин ҳуҷум ба сипоҳи Темурланг пайваст. Ин лашкаркашии Темурланг ҳарчанд панҷ сол тӯл кашида бошад ҳам, аммо он бо номи «ҳуҷуми ҳафтсола» маъруф аст. Дар моҳи сентябри соли 1399 Темурланг нахустин зарбаро ба Гурҷистон, ки мардумаш даст ба ошӯб зада буданд, ворид кард. Темурланг ба зимистони сарду пурбарф, ки дар асари он лашкараш талафоти зиёд дида буд, нигоҳ накарда, аз роҳи Қарабоғ ба ҷониби Гурҷистон ҳаракат кард. Дар тайи роҳ Темурланг ҳар кучое, ки калисо медид, вайрон намуда, шӯришиёни гурҷиро, ки аз бими ӯ дар кӯҳҳо паноҳ бурда буданд, таъқиб карда, қалъаҳо ва сангарҳои онҳоро дарҳам мешикаст. Пешрафт дар Гурҷистон ӯро ба сарҳади давлати Усмонии Туркия расонида буд. Ин замон султони Туркия Илдирим Боязид буд, ки бо лашкаркашӣ ва ғалабаҳои худ Аврупоро ба ларза оварда, бар Осиёи Хурд фармонравоӣ мекард. Ду рақиб, ки ҳар ду мағрур, бераҳм ва ғоратгар буданд, дар муқобили ҳамдигар қарор гирифтанд. Темурланг Арзрум ва Арзинҷонро, ки дар қаламрави Боязид буданд, ғорат карда, ба ҷониби Севос ҳаракат намуд. Мардуми Севос ба муқовимат бархостанд, аммо дар моҳи августи соли 1400 Севос аз ҷониби Темурланг фатҳ шуд. Бар хилофи одате, ки дар ҷангҳои дигараш дошт, Темурланг асирони мусулмонро, ки аз сипоҳи Боязид гирифта буд, афв намуд. Ин ба он сабаб буд, ки ӯ намехост дар ақибгоҳи худ аз ҷониби мусулмонони ин ҷо таҳдид шавад, аммо чаҳор

ҳазор арманиро, ки ҳамроҳи мусулмонон ба дифоъи Севос бархоста буданд, зинда ба гӯр кард.

Темурланг барои ҷанг бо султон Боязид баҳона меҷуст. Бинобар ин, аз ӯ дархост кард, то султон Аҳмади Ҷалоир ва Қароюсуфи Туркманро, ки назди Боязид паноҳ ҷуста буданд, ба ӯ таслим кунад. Аммо Боязид ин дархости Темурлангро қабул накард. Фазои ҷанг бо султони Усмонӣ барои Темурланг фароҳам омад.

Темурланг нахуст яке аз шарикон ва ҳампаймонҳои Боязид – султони Миср Малик Носирро хост аз байн бибарад ва ба ин мақсад ба ҷониби Шом–ба қаламрави султони Миср ворид гашта, дар моҳи октябри соли 1400 Ҳалабро гирифт. Муддати се рӯз Ҳалаб арсаи ғорати лашкари Темурланг гашт ва ғаниматҳое, ки аз ин ҷанг ба даст овард, бо корвоне ба Самарқанд фиристод. Дар наздикии Димишқ як тан аз фидоиёни исмоилия бо мусоидати султони Миср суиқасде ба Темурланг кард, аммо ин суиқасд бемуваффақият анҷомида, он шахс дастгир ва ба қатл расид.

Султони Миср натавонист, ки ба лашкари Темурланг муқовимат намояд ва аз Шом ба Миср фирор кард. Темурланг Димишқро забт кард. Дере нагузашта мардуми ин шаҳр бар зидди ӯ шӯриш бардоштанд. Темурланг ин шӯришро бераҳмона пахш карда, дубора Димишқро фатҳ намуд ва дар масҷиди ҷомеи он ба номи худ хутба хонд.

Темурланг аз Шом бори дигар ба ҷониби Бағдод лашкар кашид. Мардуми Бағдод бар зидди лашкари Темурланг мубориза бурданд, ки дар асари ин мубориза теъдоди зиёде аз тарафдорони ӯ кушта шуданд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, Темурланг ҷангро идома дода, дар моҳи июни соли 1401 Бағдодро муҳосира кард. Муҳофизони Бағдод ҳудуди як моҳ муқовимат карданд. Ниҳоят, 9 июли соли 1401 Темурланг Бағдодро фатҳ намуда, ҳукми қатли ом дод. Дар натиҷа беш аз чил ҳазор аз сокинони Бағдод кушта шуданд. Ҳокимияти шаҳри Бағдодро ба наберааш Абӯбакр – писари Мироншоҳ супорида, Темурланг ба ҷониби Гурҷистон ҳаракат кард ва зимистони он солро дар Қарабоғ сипарӣ намуд.

Дар муддате, ки Темурланг дар Гурҷистону Қарабоғ буд, Қароюсуфи Туркман ба ҷониби Бағдод лашкар кашид ва хост ин шаҳрро аз дасти набераи Темурланг – Абӯбакр бигирад. Аммо Абӯбакр дар ҷанги назди Бағдод Қароюсуфро шикаст дод ва ӯ ба назди Боязид гурехт. Султон Аҳмади Ҷалоир бошад, дар назди султони Миср Малик Носир қарор дошт.

Темурланг ба султони Усмонӣ – Боязид номаи таҳдидомез навишта, боз султон Аҳмади Ҷалоир ва Қароюсуфи Туркманро талаб кард. Султон Боязид, ки баъд аз ғалабаҳо дар Аврупо ва Осиёи Хурд хеле мағрур шуда буд, Темурлангро дар номаи

ҷавобӣ дашном дода, талаби ӯро рад кард, ки дар натиҷа ҷанг байни онҳо ногузир шуд. Дар моҳи июли соли 1402 дар шимолу шарқии Анқара байни лашкари султон Боязид ва Темурланг ҷанг оғоз шуд. Лашкари Боязид бо вуҷуди гармои сахт ва беобӣ диловарона бо душман ҷангид, аммо дар ин мубориза султон Боязид шикаст хӯрда, асир афтод. Таърихнигори ҳамзамони Темурланг Ибни Арабшоҳ дар китоби худ «Аҷойиб-ул-мақдур фӣ ахбори Темур» менависад, ки Темурланг Илдирим Боязидро дар қафаси оҳанине маҳбус карда буд ва ҳар куҷое, ки мерафт, ҳамроҳи худ мебурд. Ба ин таҳқири Темурланг Боязид тоқат накарда, дар моҳи феврали соли 1403 дар наздикии Оқшаҳр вафот кард. Сабабҳои шикасти султони Усмонӣ – Боязид он буд, ки дар муддати ҳуҷуми Темурланг ба Гурҷистон ва Бағдод ӯ лашкари худро бо ҷанги Темурланг омода накарда, бештари вақти худро ба шикору истироҳат мегузаронид. Илова бар ин, Боязид баъзе амирони худро, ки аз ночорӣ дар наздикии Анатолия ба Темурланг таслим шуда буданд, бо иғвои Қароюсуфи Туркман танбеҳ дод. Ба ин сабаб қисме аз лашкари Боязид аз ӯ ранҷиданд ва дар ҷанги Темурланг мубориза накарданд.

Султони Миср – Малик Носир аз шикасти Боязид ба ҳарос афтод. Барои он ки ба боварии Темурланг дарояд, ӯ султон Аҳмади Ҷалоир ва Қароюсуфи Туркманро, ки дар сарзаминаш паноҳ бурда буданд, ба ҳабс гирифт. Ин султон барои пешгирӣ кардани лашкаркашии Темурланг ба Миср, назди ӯ сафири махсуси худро фиристод ва ба воситаи сафир хабари тобеъ будани худро ба Темурланг расонид. Бо ин амал султони Миср сарзамини худро аз вайронӣ ва харобкориҳои Темурланг наҷот дод.

Темурланг ҳанӯз аз Осиёи Хурд берун нарафта буд, ки хабари марги набераааш Муҳаммад султон (писари Ҷаҳонгир), ки ӯро Темурланг валиаҳди худ мехонд, ба ӯ мерасад. Муҳаммад султон 13 марти соли 1403 дар синни 19-солагӣ вафот мекунад. Дар ҳамин айём хони муғул – султон Маҳмудхон, ки Темурланг ба риоя ва пайравӣ аз расми замони худ баъди марги падараш – Сиюрғитмиш ӯро дар соли 1388 хони Мовароуннаҳр интихоб карда буд, вафот мекунад. Темурланг дар замони зинда будани султон Маҳмудхон расман ягона амири бузурги Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафт ва аз номи ин хон ҷангҳои бераҳмона мебурд. Султон Маҳмудхон дар лашкаркашиҳои Темурланг иштирок карда, ҳатто соли 1402 дар набарди назди Анқара султон Боязиди Усмониро ба асорат гирифт. Баъд аз вафоти султон Маҳмудхон дигар аз байни хонҳои муғул касеро фармонраво интихоб накарда, Темурланг худ ҳокими мутлақи сарзаминҳои забткардааш гардида, амр дод, то дар масҷидҳо хутбаро ба номи ӯ хонанд ва сиккаҳо ба номаш бароранд.

Темурланг дар моҳи апрели соли 1404 вориди Султония шуда, аз тариқи Хуросон Ҷайҳунро убур карда, ба Самарқанд боз гашт.

**Сарчашма:**

Маълумоти Мирхонд дар бораи ҳуҷуми Темурланг ба Озарбойҷон чунин аст: «Билҷумла… ин аҳвол ба самъи ҳазрати соҳибқирон (Темурланг)… расид, ки султон Аҳмади Ҷалоир лашкарҳо ҷамъ оварда, аз Бағдод ба Табрез омадааст. Ва он ҳазрат амирзода Мироншоҳро бо тоифае аз умарои номдорони даргоҳ ба расми манқалой фиристод ва шайх Алӣ Баҳодурро дар Оғруқ гузошта, худ низ равон шуд. Султон Аҳмад хабари таваҷҷуҳи лашкари фирӯзасар шунида ва калимаи ал-фирору фи вақтиҳи зафарун (фирор дар вақташ зафар аст) бар забон ронда, ба ҷониби Бағдод шитофт. Ва ҳазрати соҳибқирон (Темурланг)… амир Ҳоҷӣ Сайфиддинро бори дигар бо умаро ва баҳодурон ба такомишӣ (дунболагирӣ) равон фармуд.

Ва чун эшон ба султон Аҳмад расиданд, хидматашро эҳмол ва асқол (бепарвоӣ ва вазнинӣ) гузошта, ҷон аз он варта берун бурд. Ва Илёсхоҷа писари амир шайх Алӣ Баҳодур бо маъдуде чанд (якчанд нафар) аз ақиб рафта, дар мавзеи Намакзор султон Аҳмадро дарёфт ва бо ӯ гурӯҳи анбӯҳ буд. Ҳарбе саъб (шадид) рӯй намуд ва Илёсхоҷаро захми гарон расида, султон Аҳмад аз он маҳлака (хатар) халос ёфта, дар рафтор бо боди сабо ҳаминонӣ намуда ва ҷароҳати Илёсхоҷа ба суулмизоҷ мунҷар шуда (анҷом ёфта), заҳмати фаровон кашид…. ва дар пояш андак нуқсоне боқӣ монд.

Ва дар он юриш дар Нахҷувон хунрезиши азим воқеъ шуд ва мардуми бисёр арзаи талаф гаштанд, аз он ҷумла, Қиморӣ иноқ миқдори 500 кас ба коҳдуд ҳалок сохт ва тару хушки он вилоят ба оташи интиқом бисӯхт. Ва мамолики Озарбойҷон дар таҳти тасарруфи бандагони соҳибқирон (Темурланг)… омада, он ҳазрат ба ҳаволии (гирду атрофи) Ғозон нузул фармуда, акобиру ашроф ва содоту уламои Табрез мубодарат (кӯшиш) ба хидмат намуда, саодати дастбӯсӣ дарёфтанд ва ба муҷиби (мувофиқи) фармон моли амонӣ бар арбоби он вилоят ҳавола рафта, дар андак замоне ба вусул пайваст (яъне ба мақсад расид)».

**Мирхонд. Таърихи равзат-ус-сафо, ҷ.6, Теҳрон, 1380 ҳ.ш., саҳ. 4706-4707.**

Мувофиқи маълумоти Ибни Арабшоҳ, ҳангоми дар Ҳиндустон будани Темурланг Мироншоҳ ба ӯ мактуб навишта, мухолифати худро ба Темурланг изҳор менамояд ва мазмуни он мактуб чунин аст: «Ҳамоно дарозии даврони зиндагӣ ва шикастагӣ ва нотавонӣ ҷисми туроcт ва ночиз намуда ва аз анҷоми маросими раёсат ва иҷрои умури сиёсат бидоштааст. Пас шоистатар он ки роҳи ибодат ва бандагӣ гузинӣ (интихоб намоӣ) ва дар гӯшаи узлати парҳезгорӣ нишинӣ, то замонат сар ояд (яъне ба охир расад). Фарзандон ва наводагони ту тавонанд, ки амри раиятро риоят ва кори лашкару кишварро кифоят (бас) кунанд.

Туро, ки нишони марг дар чеҳра падид аст, ба кори салтанат чӣ кор аст? Агарат чашми биност, ки тавонад нек аз бад ҳар чиз шинохт, яке бояд аз кори ин ҷаҳон бо мар саройи дигар пардохт…

Магар надонӣ, ки даври зиндагиро поён аст ва гӯр охирин манзили ҳар корвон?

…Ту бар ҳама ҷаҳониён чира (ғолиб) шудӣ ва азл (дур) кардӣ, аммо аз дини Худо густурдаӣ, аммо бисоти ғорату яғмо барангехтаӣ, аммо оташи ҷавру фасод ва фурӯрехтӣ асоси кинаву бедод.

Ту агар бар осмонҳо бар шавӣ (боло равӣ) хештан ба пойгоҳи Фиръавн нарасонӣ ва агар пояи коҳҳо ба зирва (қулла)-и кӯҳҳо гузорӣ, яке чун биҳишти Шаддод сохтан натавонӣ.

Пас боре бад-ин мардумон бингар, ки бар ҷаҳон дасти тасаллут (ҳокимият) кушуданд ва наҳйҳо (манъ) карданд ва амрҳо фармуданд ва саранҷом даргузаштанду бирафтанд ва роҳи саркашону гунаҳкорон дар пеш гирифтанд.

Пас беҳтар он ки корҳо ба кордон супорӣ ва хона ба хонаи Худо во гузорӣ ва фармони Худо ва расул ва онон, ки ба дини вай даромадаанд, пазирӣ (қабул кунӣ), вагарна ту низ дар шумори он касон дароӣ, ки рӯйи замин ба ғалабаву қаҳр гирифтанд ва бедод барошуфтанд…»

**Ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷойиб-ул-мақдур фӣ ахбори Темур). Тарҷума ба форсӣ Муҳаммад Алии Наҷотӣ, Теҳрон, 2536 шоҳаншоҳӣ, саҳ. 105 – 109.**

## Санаҳои муҳим:

1386 – оғози ҳуҷуми сесолаи Темурланг
1387 – фатҳи Шероз аз тарафи Темурланг
1387 (декабр) – шӯриши мардуми Исфаҳон
1392 – оғози ҳуҷуми панҷсолаи Темурланг
1393 (май) – аз миён бардоштани шоҳзодагони Оли Музаффар
1393 (август) – фатҳи Бағдод аз тарафи Темурланг
1394 (январ) – фавти писари Темурланг – Умаршайх
1398 (март) – оғози ҳуҷуми Темурланг ба Ҳиндустон
1398 (декабр) – мағлубияти султон Маҳмуди Туғлуқ дар наздикии Деҳлӣ
1398 (17 декабр) – қатли 100 ҳазор нафар асири ҳинду дар соҳили дарёи Ҷамаи наздики Панипат.
1399 (сентябр) – нахустин зарбаи Темурланг ба Гурҷистон
1400 (август) – фатҳи Севос
1400 (октябр) – фатҳи Ҳалаб
1401 (9 июл) – фатҳи Бағдод
1402 (июл) – оғози ҷанги байни лашкари султон Боязид ва Темурланг дар Анқара
1403 (феврал) – вафоти Боязид
1404 (апрел) – ба Самарқанд бозгаштани Темурланг

## Савол ва супориш:

1) Ҳуҷуми сесолаи Темурлангро шарҳ диҳед. 2) Дар бораи қиёми мардуми Исфаҳон бар зидди Темурланг ва аз ҷониби Темурланг ба ҷазои сахт гирифтор шудани аҳолии Исфаҳон

маълумот диҳед. 3) Ҳуҷуми панҷсолаи Темурланг ва ҳадафҳои онро шарҳу эзоҳ диҳед. 4) Темурланг дар Ҳиндустон ба чӣ гуна бедодгарӣ ва куштор даст зад? 5) Дар бораи лашкаркашӣ ва бераҳмиҳои Темурланг бар зидди Гурҷистон, Туркияи Усмонӣ, Димишқ ва Бағдод нақл кунед. 6) Сабабҳои шикасти султони Усмонӣ – Боязид аз чӣ иборат буд? 7) Султони Миср Малик Носир бо кадом роҳ сарзамини худро аз ҳуҷуми Темурланг наҷот дод? 8) § 5-ро такрор намоед.

## § 8. МУНОСИБАТИ ТЕМУРЛАНГ БО ТУХТАМИШХОН. УСУЛҲОИ МУБОРИЗАИ ТЕМУРЛАНГ БА ҲАНГОМИ ЗАБТКОРИҲОЯШ

**Муборизаи Темурланг бо Урдаи Сафед ва Урдаи Тиллоӣ. Шикасти Тухтамишхон.** Ғиёсиддин Тухтамишхон ёздаҳумин аз хонони Урдаи Сафед дар Дашти Қипчоқ ва аз хонадони Урдо ва Боту буд, ки солҳои 1376 – 1395 дар ин ҷо ҳукумат мекард. Дар он ҳангом миёни ҳукмронони Дашти Қипчоқ зиддият авҷ гирифт. Ин сарзамин бо номи «улуси Ҷӯҷӣ» зикр мешуд ва дар он ду хонигарӣ – Урдаи Тиллоӣ ва Урдаи Сафед мавҷуд буданд. Темурланг Тухтамишро дар муборизаҳои зидди хони Урдуи Сафед – Урусхон (1361–1377) истифода мебурд. Ба кумаки Темурланг Тухтамиш вилояти Сайрон ва Сиғноқро ба даст овард. Аммо ӯ дар асари ҷанге, ки бо Қутлуқ-бӯғо, писари Урусхон дошт, шикаст хӯрд ва ба даргоҳи Темурланг паноҳ бурд. Темурланг Тухтамишро дубора ба он минтақа барои гирифтани сарзаминҳои аздастрафтааш фиристод. Дар ин ҷанг низ Тухтамиш шикаст хӯрд. Ӯро ба Бухоро ба назди Темурланг оварданд. Урусхон аз Темурланг талаб кард, ки Тухтамишро ба ӯ таслим кунад. Аммо Темурланг дар соли 1376 ба сарзаминҳои Урусхон лашкар кашида, Тухтамишро ҳукмрони Урдаи Сафед таъйин кард. Дар соли дигар Тухтамиш музаффариятҳои дигаре ба даст оварда, ҳар ду урдаи Дашти Қипчоқро зери итоати худ даровард. Дар ибтидо Тухтамиш бо Темурланг муносибати дӯстона дошт, аммо бо ба даст овардани ду урда Тухтамиш неруманд шуд ва барои Темурланг ба душмани хатарнок мубаддал гашт.

Дар баҳори соли 1378 хони Дашти Қипчоқ – Тухтамиш аз роҳи Дарбанд ба тарафи Озарбойҷон, ба сарзаминҳое, ки Темурланг забт карда буд, лашкар кашид. Темурланг дар ҷанги Тухтамиш писараш Мироншоҳро бо лашкари зиёд фиристод, ки дар натиҷа Тухтамиш шикаст хӯрда, фирор намуд.

Соли 1385 Тухтамишхон бори дигар аз Дарбанд ба Табрез ҳуҷум намуда, ин шаҳрро ғорат кард. Тухтамишхон дар қатори дигар ғаниматҳои худ яке аз шоирони маъруфи форс-тоҷик

Камоли Хуҷандиро, ки дар Табрез зиндагӣ мекард, чун асир ба маркази Урдаи Сафед – шаҳри Сарой (дар наздикии Астрахани ҳозира) бурд, ки муддати зиёде дар он ҷо монд.

Ба ҳангоми лашкаркашиҳояш ба Исфаҳону Шероз соли 1387 ба Темурланг хабар расид, ки Тухтамиш ба ҷониби Мовароуннаҳр лашкар кашидааст. Ин дафъа Темурланг писари дигараш Умаршайхро ба ҷанги ӯ ба Утрор фиристод. Тухтамиш дар ин ҷанг ғалаба ба даст овард ва Умаршайх бо сипоҳи боқимондаи худ ба Андигон ақибнишинӣ намуд. Баъд аз ин ғалаба гурӯҳе аз лашкари Тухтамиш аз роҳи Хоразм ба қасди гирифтани Бухоро омад, вале ба онҳо муяссар нашуд, ки ин шаҳрро забт намоянд. Хондамир дар «Ҳабиб-ус-сияр» менависад, ки чун ӯзбекон (яъне лашкари Тухтамиш) донистанд, ки забти шаҳр ба осонӣ муяссар намешавад, ба харобии вилоятҳои Мовароуннаҳр пардохта, шаҳри Саройро оташ зада, то Кӯйтан ғорату тороҷ намуданд.

Хабари нобасомониҳои Мовароуннаҳр ба Темурланг, ки ба гирифтани шаҳрҳои Эрон машғул буд, расид. Ӯ фавран сӣ ҳазор лашкари савораро зери сарварии амир Усмони Аббос ба таъҷил аз роҳи Язд равонаи Самарқанд кард ва худаш низ баъди тақсими ҳукуматҳои Шероз, Исфаҳон, Кирмон, Сирҷон ба хешовандон ва тарафдоронаш дар моҳи феврали соли 1388 ба тарафи Самарқанд раҳсипор шуд.

Дар охири соли 1388 Тухтамиш дарёи Сайҳун (Сирдарё)-ро убур намуда, ба ҷониби Темурланг лашкар кашид, аммо дар ин ҷанг Темурланг ғалаба кард. Барои он ки Тухтамиш дигар ба сарзаминҳои забткардаи Темурланг ҳуҷум накунад, ӯ ба Дашти Қипчоқ ҳамлавар гардид. 19 июни соли 1391 Темурланг ба бузургтарин ҷанг бар зидди Тухтамиш мепардозад. Баъди шикасти лашкари Тухтамиш ва фирори ӯ мисли ҳамешагӣ Темурланг ба ғорату куштор машғул шуд. Дар моҳи октябри соли 1391 Темурланг бо лашкараш аз Сайроб гузашта, ба Утрор расид. Муддати ин ҳуҷум ба Дашти Қипчоқ ёздаҳ моҳ буд.

Соли 1394 ҳангоме ки Темурланг Гурҷистон ва пойтахти он Тифлисро забт мекард, ба ӯ хабар доданд, ки лашкари Тухтамиш аз Дарбанд гузашта, баъзе вилояти Шервонро ғорат кардааст. 28 феврали соли 1395 Темурланг ба тарафи Тухтамиш бори охирин лашкар кашид ва ба гуфтаи Шарафиддин Алии Яздӣ дар «Зафарнома», то «ӯро аз нав гӯшмоле диҳад, ки дигарбора пойи ғурур аз ҳадди қудрати худ фаротар наниҳад». Темурланг баъди шикасти Тухтамиш Темурқутлуғ-уғлонро дар Дашти Қипчоқ хон таъйин намуд.

Аз хонҳои Дашти Қипчоқ Тухтамиш ягона касе буд, ки аз Темурланг намеҳаросид ва доим бо ӯ дар ҷанг буд. Аз ахбори сарчашмаҳо маълум мешавад, ки хони Урдаи Сафед ва Урдаи

Тиллоӣ – Тухтамиш ҳамеша ба Темурланг бо назари таҳқир менигарист ва ӯро сазовори ҳукумат намедонист.

**Ваҳшонияти Темурланг ҳангоми забткориҳояш.** Баъд аз Чингиз дуюмин чеҳраи бераҳму хунрези таърих Темурланг аст ва аз забткорони олам дигар касеро наметавон бо вай қиёс кард. Дар бисёр маврид Темурланг аз Чингиз бераҳмтар будааст. Ба ҳар ҷое, ки лашкари ӯ мерасид, маргу вайронӣ ба ҳамроҳ мебурд. Вақте ки Темурланг фармони қатли ом ва ғоратро дар як шаҳр медод, сарлашкарони ӯ парчами сиёҳро боло мекарданд. Шаҳре, ки дар он парчами сиёҳи Темурланг афрошта мешуд, комилан хароб ва ба вайрона мубаддал мегашт.

Дар бораи ҳуҷуми дуюми Темурланг ба Хуросон ва фатҳи Сабзавор ва ба қалъаи Бадрободи он паноҳ бурдани мардумро Мирхонд тасвир карда, менависад, ки баъди шикасти мардуми Сабзавор, Темурланг ду ҳазор касро аз қалъаи Бадробод берун оварда, зинда болои якдигар ниҳода, аз болои онҳо гил рехт ва хишт чида, девори баланд сохт. Чанд рӯз ин девор меҷунбид, то мардум комилан ҷон доданд.

Темурланг ҳангоми лашкаркашияш тамоми иморатҳою иншооти обёрии Систонро вайрону валангор кард, ки баъд аз он Систон дигар обод нагашт, ҳатто осори он харобкорӣ то имрӯз дар он сарзамин ба назар мерасад. Ба гуфтаи Ибни Арабшоҳ Темурланг барои он ки ӯро дар Систон ланг карда буданд, ин вилоятро ба ин ҳоли табоҳ овард. Ба ибораи Мирхонд темуриён Систонро «маъвои зоғу заған гардониданд».

Дар соли 1387 Темурланг аз Ҳамадон гузашта, ба Исфаҳон наздик шуд, чун бузургони шаҳр изҳори итоат карданд, Темурланг бар исфаҳониён моли амонӣ, яъне барои зинда монданашон андози вазнин бор кард, ки мардум аз уҳдаи адои он набаромада, ба шӯр омаданд ва хироҷгундоронро бо сипоҳиёнашон ба қатл расониданд. Темурланг ба ғазаб омада, бо лашкари худ ба шаҳр ҳуҷум овард ва ҳукми қатли оми мардуми ин шаҳрро дод, ки 70 ҳазор тан дар он воқеа ба қатл расиданд. Дастаҳои лашкари Темурланг, ки ба «даҳҳазора», «ҳазора» ва «сада» ҷудо мешуданд, дастур гирифтанд, то ба теъдоди сарбозони худ сарҳои буридаи мардумро оварда, ба маъмурони Темурланг биспоранд. Мувофиқи ахбори Мирхонд дар «Равзат-ус-сафо», баъзе сипоҳиёни Темурланг, ки аз куштани мардум хаста шуда буданд, сарҳои буридаро аз «ёсоқиён», яъне сарбозони муғулии Темурланг мехариданд, то аз номи худ ба маъмурон биспоранд. Ӯ менависад, ки дар аввали рӯз нархи сарҳои бурида 20 динор хариду фурӯхт мешуд ва чун куштор хеле зиёд шуд, дар охири рӯз баҳои як сари бурида ба ним динор расида буд. Ба фармони Темурланг аз ин сарони буридаи мардуми Исфаҳон дар атрофи қалъаи шаҳр 50 калламанора сохтанд.

Темурланг соли 1388 ба Хоразм лашкар кашида, дар асари он ҳуҷум шаҳри Хоразмро ба хок яксон намуда, дар ҷойи он ҷав кошт ва кулли аҳолии шаҳрро ба Самарқанд кӯчонид. Баъд аз ин кӯчонидани маҷбурии мардум дар он сарзамин теъдоди тоҷикон хеле кам шуд.

Темурланг аз Қарабоғ бо лашкари худ ба Туркия ҳуҷум намуда, шаҳри Сабастия (Сиваси имрӯза дар Туркия)-ро муҳосира кард. Шаҳриён аз оқибати кори Темурланг андеша карда, бо ӯ дар гуфтугӯ шуданд, ки аз шаҳр мебароянд ва барои Темурланг тухфаҳои қимат дода, ҷони худро мехаранд. Темурланг розӣ шуд ва қасам ёд кард, ки хуни касеро намерезад. Мардуми шаҳр баромада, тухфаҳои худро супурданд. Аммо Темурланг ба ваъдаи худ вафо накарда, фармон дод, ки чоҳҳо кананд ва 5000 одами аз шаҳр ба пешвози ӯ баромадаро зинда дар он чоҳҳо гӯрониданд. Қисми зиёди аҳолии Сабастияро ба асирӣ бурданд, ки аз ҷумлаи он асирон 9000 духтари қадрас буд.

**Ғорати мамлакатҳои истилошуда аз тарафи Темурланг.** Тамоми лашкаркашиҳои Темурланг ошкоро ғоратгарона буданд. Масалан, ҳангоми ҷангҳояш бо Тухтамиш ободиҳои соҳили дарёи Волгаро чунон тороҷ ва хароб намуд, ки дар он ҷо қаҳтӣ ва гуруснагӣ рӯй дод. Лашкари тороҷгари Темурланг ноҳияҳои ободи шимоли Ҳиндустонро ваҳшиёна ба харобазор табдил дода, аз Ҳиндустон сарвати беандоза ба даст оварда, пас аз рафтани Темурланг дар Ҳиндустон фақат шаҳру деҳаҳои хароб ва вабою гуруснагӣ боқӣ монд. Темурланг Арманистонро, ҳамчуноне ки шоҳидон менависанд, бо дами теғ, бо асорат, бо қаҳтию азоби мардум ба биёбон мубаддал сохт. Пас аз гирифтани шаҳри Ҳирот дар соли 1381 ҳатто дарвозаҳои қадимаи ин шаҳрро, ки ба қавли таърихнигори он вилоят Мирхонд «муғарраҳ (ғарқ) ба оҳану музаййян (зинатдодашуда) ба нақшу китоба буд», ба шаҳри Кеш фиристод.

Темурланг ба ҳангоми лашкаркашиҳо ва ҳукумати 35-солааш шаҳрҳои Балх, Гурганҷ, Ҳирот, Исфароин, Сабзавор, Заранг (Систон), Қандаҳор, Астаробод, Боруҷард, Тӯс, Исфаҳон, Шероз, Табрез, Султония, Омул, Нахҷувон, Сюник (Қарабоғи Кӯҳӣ), Ани (маркази тиҷоратии Арманистон, ки аҳолиаш иборат аз тоҷику арманиҳо буд), Сурмалу (ҳоло Игдир дар Туркия), Диёрбакр (Амиди имрӯза дар Туркия), Сабастия, Деҳлӣ, Фатҳобод, Панипат, Туғлуқпур, Диболбур, Ҷамма, Бағдод, Ҳалаб, Димишқ, Сарой, Астрахан (Ҳоҷитархон), Маскав, Азов ва дигар шаҳрҳову қалъаҳову водиҳои мамлакатҳои гуногунро ғорат ва вайрону валангор кардааст. Ғаниматҳое, ки аз ин шаҳрҳо ба даст меовард, барои хурсанд нигоҳ доштани сарлашкарон ва аскаронаш ба онҳо тақсим карда, боқимондаи онро бо корвонҳо ба Самарқанд мефиристод.

**Маҷбурӣ ба Самарқанд овардани мутахассисони беҳтарин аз мамлакатҳои истилошуда.** Ба ҳангоми ҳуҷумҳояш ба кишварҳои гуногун Темурлангро иморатҳои шоҳнишин, корвонсаройҳо ва масҷидҳои онҳо ба ҳайрат оварда буд. Бинобар ин, мехост дар Самарқанд ва зодгоҳаш Шаҳрисабз чунин биноҳо созад.

Темурланг соли 1381 вилояти Ҳиротро забт карда, баъд аз вайрон кардани қалъаи Ҳирот чанде аз ҳунармандони онро маҷбуран ба Самарқанд кӯчонид. Пас аз гирифтани Тӯс дар соли 1381 теъдоди зиёде аз мардуми онро ба Самарқанд фиристод. Ин мардум чун ғулом дар сохтани биноҳои боҳашамат истифода мешуданд.

Мувофиқи ахбори Мирхонд дар Деҳлӣ чандин ҳазор аҳли ҳунару санъатро асир карда, ба шоҳзодагону умаро тақсим намуданд. Темурланг барои худ сангтарошонро интихоб кард, зеро мехост дар Самарқанд масҷиди ҷомеъ аз санги тарошида бисозад.

Ғорату тороҷи кишварҳо ва шаҳрҳои зиёд аз тарафи Темурланг боис мешуд то корвонҳои бешуморе бо сарвати беҳисоб вориди Самарқанд гарданд. Ҳамроҳи ин корвонҳо меъморон, косибон ва ҳунармандони зиёде чун асир ба пойтахти ӯ фиристода мешуданд. Шаҳри Самарқанд маркази донишмандон, ки аксаран мазҳабӣ буданд ва косибону ҳунармандон гардид. Кошинкории биноҳоро ҳунармандони Ҳирот ва нуқракориро ҳунармандони бағдодӣ ба уҳда доштанд. Санги яшм аз Хутан ва санги мармар аз Табрез ба Самарқанд ворид мешуд. Дар Самарқанд ва Шаҳрисабз биноҳое монанди биноҳои Ҳирот, Исфаҳон, Бағдод ва ғайра пайдо мешуданд.

**Робитаи аврупоиҳо бо Темурланг.** Соли 1404 Темурланг баъд аз ҳуҷуми ҳафтсола ба Самарқанд баргашт ва тақрибан баъд аз як моҳи омадани вай ба Самарқанд сафирони мамлакатҳои дуру наздик, ки аз ҷониби подшоҳонашон барои табрики ғалабаҳои Темурланг вазифадор шуда буданд, ба пойтахти ӯ ворид гардиданд.

Дар миёни онҳо, аз ҷумла Руи Гонсалес де Клавихои испанӣ – сафири дарбори Костилия буд, ки баъди баргаштан ба ватанаш гузориши муфассале аз ин сафари худ навишт, ки он бо номи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд, ба дарбори Темур» (1403 – 1406) маъруф аст. Дар ин китоб дар бораи маҷлисҳои дарбори Темурланг, одобу анъанаҳои маъмул дар ҷашнҳои туркону муғулон маълумоти муфассал ва беназире дода шудааст.




***Харитаи лашкаркашиҳои Темурланг***

Аврупоиҳо бо робита намудан бо Темурланг ва дарбори ӯ мехостанд ба ин восита аз лашкаркашии Темурланг ва вайронии сарзаминҳояшон пешгирӣ намоянд. Онҳо бо тухфаҳои бисёр гаронбаҳо ба дарбори Темурланг меомаданд. Темурланг низ онҳоро қабул мекард ва дар навбати худ ба шоҳони онҳо номаи ҷавобӣ ва тухфаҳо мефиристод.

**Нақшаи ҳуҷум ба Чин ва марги Темурланг**. Темурланг, ки ин замон 72 сол дошт, ҳанӯз рӯҳияи ҷангҷӯйии худро аз даст надода буд. Ба ҷойи он ки якчанд муддат дар Самарқанд монда, хастагии ҷангҳои тӯлониро аз худ ва лашкараш барорад, ӯ баръакс, дар андешаи забту ғорати мамлакатҳои нав афтод. Сарзаминҳои зиёде, ки дар натиҷаи лашкаркашиҳои Темурланг ба даст омада буданд, пеш аз ҳама ба низому тартиб ва ҳукумати ягона зарурат доштанд. Аммо Темурланг ба ҳукумати ягона ва назму тартиб коре надошт ва марди ҷангу ошӯбу вайронӣ буд. Аз ин рӯ, андешаи лашкаркашии нав ӯро ором намегузошт. Ин бор Темурланг мамлакати Чинро ҳадафи ҳуҷуми худ қарор дод. Чизе, ки дар ин айём замони ин лашкаркаширо тезонид, омадани сафири Чин ба дарбори ӯ буд. Сафири Чин аз ҷониби подшоҳи худ аз Темурланг талаби пардохтани хироҷро кард. Ин талаб Темурлангро ғазабнок карда буд. Дар машварате, ки бо амиронаш орост, зарурати ҷанг бо Чинро ногузир донист. Дар моҳи ноябри соли 1404, ки зимистони сарде буд, Темурланг аз Самарқанд ба охирин лашкаркашии худ ба сӯйи Чин раҳсипор шуд. Лашкари ӯ аз Сирдарёи яхбаста убур карда, баъди чанд моҳ ба шаҳри Утрор, ки дар соҳили рости Сирдарё воқеъ аст, расид. 12 феврали соли 1405 Темурланг бемор шуд ва ба гуфтаи Шарафиддини Яздӣ дар «Зафарнома», «мараз ва шиддати он замон то замон меафзуд».

Бо вуҷуди ин ки табиби ҳозиқе мисли Мавлоно Фазлуллоҳи Табрезӣ дар табобати ӯ саъй мекард, аммо шиддати бемории зиёд мешуд ва шаби чаҳоршанбеи ҳабдаҳуми шаъбони санаи 807 ҳиҷрӣ мутобиқи 18 феврали соли 1405 милодӣ Темурланг дар чодари низомии худ дар Утрор ҷон дод.

**Васияти Темурланг дар бораи баъди ӯ ба тахти Самарқанд нишастани Пирмуҳаммад.** Темурланг чун фаҳмид, ки бемории ӯ илоҷнопазир аст, амирон ва аҳли хонаводаи худро, ки дар ин лашкаркашӣ ҳамроҳаш буданд, ба наздаш даъват карда, васияти худро ба онҳо эълон кард. Мувофиқи хабари Шарафиддини Яздӣ дар «Зафарнома», Темурланг аз ҷумла дар васиятномааш гуфтааст: «Акнун фарзанд–Пирмуҳаммади Ҷаҳонгирро валиаҳди… худ гардонидам, ки тахти Самарқанд таҳти фармони ӯ бошад… шумо мебояд, ки мутобеати… ӯ ба ҷой оваред (ба ӯ итоат кунед)… ва рӯй ба фарзандон карда, фармуд, ки ҳарчи дар боби маслиҳати мамолик гуфта омад, ёд доред… ва қабзаи

шамшерро ба дасти шуҷоату мардӣ маҳкам бигиред, то ҳамчу ман аз мулку подшоҳӣ бархурдорӣ ёбед».

Баъди вафоти Темурланг сарлашкарон ва дигар хоссу наздикони ӯ дар машварате, ки дар Утрор байни ҳамдигар намуданд, аҳд карда, савганд хӯрданд, ки васиятҳои ӯро ба ҷо меоранд.

Чун сарлашкарони Темурланг ҳанӯз азми лашкаркашӣ ба Чинро мекарданд, бинобар ин, воқеаи марги Темурлангро аз дигарон пинҳон доштанд. Ҳатто занҳои Темурлангро аз пӯшидани либосҳои мотамӣ ва изҳори навҳаю гиря манъ карданд, то душманон ба зудӣ аз он ҳодиса огоҳ нашаванд. Як сабаби махфӣ доштани марги Темурланг аз ҷониби сарлашкарон дар ин ҳуҷум ин аз як тараф ҳифз намудани империяи Темуриён то ба тахт нишастани Пирмуҳаммад бошад, аз ҷониби дигар он буд, ки сарлашкарони ҳамроҳи Темурланг ба Утрор рафта ҳанӯз хаёли забти Чин ва соҳиб гаштан ба ганҷи фаровонро дар дил мепарвариданд. Бинобар ин, гурӯҳе аз сарлашкарон ба ин хулоса омаданд, ки ҷасади Темурлангро пинҳонӣ ба Самарқанд фиристода, лашкаркаширо ба ҷониби Чин идома диҳанд. Онҳо бовар доштанд, ки бо ворид шудан ба хоки Чин бо ин анбӯҳи лашкар ҳам воқеияти марги Темурлангро пинҳон медоранд ва ҳам соҳиби сарват мегарданд. То расидани тобути Темурланг ба Самарқанд, хабари марги ӯ дар саросари Самарқанд паҳн шуда буд. Аммо касе ба марги Темурланг бовар надошт, зеро мувофиқи ахбори Клавихо, Темурланг ду маротиба хабари дурӯғини марги худро аз ҷониби гумоштагонаш эълон карда буд ва ба ин восита мехост бидонад, ки дар марги ӯ кӣ хурсандӣ мекунад. Мувофиқи ахбори ин намояндаи сафорати испанӣ ҳар касе, ки он замон дар хабари дурӯғини марги Темурланг шодӣ кард, ӯ бидуни таъхир қатлаш намуд.

Гурӯҳи сарлашкарон, ки баъди вафоти Темурланг муваққатан роҳбарии лашкару корҳои идории давлатро ба дӯш доштанд, ба тамоми шоҳзодагон ва ҳокимони империяи Темурланг мактуб фиристода, супориш доданд, ки ҳушмандӣ ба ҷой оваранд ва асло ғафлат нанамоянд, то душманон аз он истифода накунанд. Яке аз наздикони Темурлангро бо номи Хизр Қучин ба таъҷил ба ҷониби Ғазнин равона карданд, ки Пирмуҳаммадро аз ҳодисаи вафоти Темурланг ва васияти валиаҳдӣ, ки дар бораи ӯ карда буд, огоҳӣ диҳад, то ҳарчи зудтар ба тахтгоҳи Самарқанд шитобад.

Ҳамчуноне ки дар таърих маълум аст, он замон ки ҳокими мутлақи давлатҳои империявӣ аз байн мерафт, барои расидан ба ҳокимияти мутлақ байни хешовандони он ҳоким ҷангҳо рух

медод, ки боиси пора-пора шудани давлат мегардид. Империяи Темуриён низ аз ин истисно набуд. Валиаҳд эълон шудани Пирмуҳаммад агарчи ба зоҳир аз ҷониби амирон ва шоҳзодагону маликаҳо қабул шуда бошад ҳам, аммо баъди марги Темурланг гуфтушунидҳои пасипардагӣ барои ба қудрат расидани дигар аъзои ин хонадон миёни хешовандони Темурланг шурӯъ шуда буд. Аз ҷумла як гурӯҳ ҷонибдори он буданд, ки ба тахти Самарқанд писари хурдии Темурланг–Шоҳрух бояд бинишинад. Бо вуҷуди ин ки хабари марги Темурлангро аз набераи духтариаш – султон Ҳусайн, ки дар Ясаву Сайрон муқим буд, пинҳон доштанд ва ба гуфтаи «Зафарнома» танҳо аз «шиддат ёфтани» бемории Темурланг ба ӯ хабар доданд, аммо вай ба воситаи одамони наздикаш аз марги бобояш хабар ёфт. Бинобар ин, таъҷилан ҳамроҳи ҷонибдорони худ ба тарафи Самарқанд ҳаракат кард, то соҳиби тахти Самарқанд гардад. Аммо мардуми Самарқанд ба султон Ҳусайн иҷозат надоданд, ки вориди шаҳр шавад. Султон Ҳусайн бо нагирифтани фармони амирони Темурланг, ки ба ӯ дода буданд, ба Самарқанд ҳуҷум бурд ва аввалин зарбаро барои пош хӯрдани империяи Темуриён ба он зад. Ин ҳуҷум боис гардид то амирону сарлашкарони Темурланг ба Чин лашкар накашанд ва ба Самарқанд бозгарданд.

Васияти Темурланг, ки ҷойнишини худ наберааш Пирмуҳаммад (писари Ғиёсуддин Ҷаҳонгир)-ро интихоб карда буд, бар асари мухолифатҳои хонадони темурӣ иҷро нагардид. Набераи дигари Темурланг ҳокими Тошканд Халил султон (писари Ҷалолуддини Мироншоҳ) баъди як моҳи марги Темурланг, яъне 18 марти соли 1405 Самарқандро забт кард ва ба тахт нишаст.

Халил султон бо гирифтани ҳукумат дар Самарқанд миёни хонадони темурӣ кинаю нифоқро барангехт. Баъд аз ин воқеа империяи темурӣ мудом гирифтори ҷангҳои дохилӣ мешуд, ки ба заиф шудани ин давлат сабаб мегардид.

**Сарчашма:**

Ускуф (епископ)-и Султония, ки бо Темурланг аз наздик шиносоӣ ва дӯстӣ дошт ва ҳатто Темурланг ӯро боре ба сафорат назди шоҳи Фаранг фиристода буд, дар бораи шахсияти Темурланг аз худ ёддоште боқӣ гузоштааст, ки он то имрӯз дар Китобхонаи миллии Порис нигаҳдорӣ мешавад. Ӯ менависад: «Бераҳмтар аз ин мард дар ҷаҳон ёфт намешавад. Ва агар муқобили чашми ӯ сад ҳазор марду зану кӯдакро сар бибуранд, кучактарин таъсир дар вай намекунад. Ва борҳо иттифоқ афтода, ки тамоми сокинони як шаҳрро то охирин кӯдаки ширхор ба қатл расонида ва на ба зан тараҳҳум намуда ва на ба пирмардони садсола». Ҷойи дигар менависад: «Вақте ки Темурбек фармони қатли ом ва ғоратро дар як шаҳр содир мекунад, парчами сиёҳ бармеафрозад ва шаҳре, ки дар он парчами сиёҳи Темурбек

афрошта шуда бошад, аз сафҳаи рӯзгор нобуд мешавад. Ман тасаввур намекунам, ки дар ҷаҳон бераҳмтар аз Темурбек марде омада бошад ва шояд ҳаргиз наёяд.

Ҳангоме ки Темурбек ба Рум рафт, шаҳреро, ки байни Арманистон ва Ангурия буд, мавриди муҳосара қарор дод ва вақте дар шаҳр ғалаба кард, тамоми саканаи он шаҳрро дар чоҳҳои он ҷо андохт ва чоҳҳои шаҳрро бо ҷасади касоне, ки зинда ба чоҳҳо андохта мешуданд, пур кард».

**«Манам Темури ҷаҳонкушо», Теҳрон, чопи севум, саҳ. 424 – 425.**

Ғорати Систонро Абдурраззоқи Самарқандӣ чунин тасвир кардааст: «Қалъаву ҳисор ва хонаву девори он шаҳрро гирифтанд ва ба ҷорӯби ошӯб ва дасти ғорату тороҷ дафоину хазоини (ганҷу хазинаҳои) он балдаро (шаҳрро) рӯфтанд ва ғаноими (молҳои аз душман гирифташуда) гавҳару зар ва нафоиси (чизҳои қимати камёб) лаоливу (луълуву) ҷавҳар, ки ба тӯли замон дар Систон ҷамъ омада буд, ҳазрати Соҳибқирон (Темурланг) фармуд, ки аснофи лашкарро аз он вуҷӯҳ баҳравар гардонанд... Ва [Систон] харобу вайрон шуд».

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн, дастхати №347 аз Ганҷинаи дастхатҳои Институти шарқшиносӣ, саҳ. 319.**

Бинобар шаҳодати Низомиддини Шомӣ дар «Зафарнома», шумораи кушташудагони Исфаҳон он қадар зиёд буд, ки аз он миён бо фармони Темур «то ҳафтод ҳазор адад сари одамӣ ба зоҳири Исфаҳон ҷамъ карданд, намунаи рӯзи растохез дар он шаҳр зоҳир шуд... Ва фармуд то аз он сарҳо манорҳову гилтӯдаҳо сохтанд».

**Низомиддини Шомӣ. Зафарнома, ҷ. 1, саҳ. 105.**

Ин воқеаи мудҳиши Исфаҳонро сарбози баварӣ–Иоҳанн Шилтбергер дар китоби худ «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427» бо ҷузъиёташ тасвир кардааст, ки таърихнигорони исломӣ фош намудани ин ваҳшонияти Темурлангро ба худ раво надиданд. Ӯ менависад: «Бошандагони шаҳрро гирд оварда, фармуд, то ҳар кӣ бештар аз 14 сол дошт, ба қатл расонида шавад ва аз хуни кӯдакони аз яксола пойин даргузашт… Пас фармуд, то занону кӯдаконро ба саҳро ронданд ва он ҷо кӯдакони аз ҳафтсола пойинро ҷудо сохт. Ва баъд аз ин ба ҷанговаронаш фармуд, ки кӯдаконро поймоли аспҳои худ созанд. Мушовирони хоссаи Темурланг ва модарони ин кӯдакон дар пеши пойи ӯ афтоданд ва илтиҷо намуданд, ки ба кӯдакон раҳм кунад. Ӯ гӯш надод ва фармони худро такрор кард, вале ягон тан аз лашкариёни ӯ ба иҷрои фармон майл накард. Темурланг бар онҳо хашм гирифта, худ аспро бар рӯйи кӯдакон ронд ва изҳор дошт, ку бинад кист, ки ҷуръат намуда, аз ӯ пайравӣ намекунад. Пас ҷанговарон маҷбур шуданд, ки аз ӯ пайравӣ намуда, кӯдаконро поймоли наъли аспони худ кунанд. Тамоми кӯдакони поймолшуда наздик ба ҳафт ҳазор кас дар шумор омад».

**Иоганн Шилтбергер. Путешествие по Европе, Азии и Африке с 1394 по 1427 год, Баку: Элм, 1984, саҳ. 29.**

Клавихо гирифтани шаҳри Сабастияро дар Туркия аз тарафи Темурланг чунин тасвир мекунад: «Чун Темур ин ҳол мушоҳада кард, дарҳол фармуд, то чоҳҳои бузург канданд ва изҳор дошт, ки қасам хӯрда ва ваъда додааст, ки хуни касеро намерезад, аз ин рӯ, фармон содир кард, ки ин одамонро дар чоҳҳо андозанд ва буғӣ карда кушанд ва аз он сабаб, ки лашкариён муфлису бечора ҳастанд, ба шаҳр дароянд ва ғорат кунанд. Вай чунин ҳам кард, бо фармони ӯ тамоми аз шаҳр баромадагонро дар чоҳҳо зиндабазинда гӯрониданд ва баъдан шаҳрро то нестӣ ғорат намуда, пурра ба замин яксон карданд».

**Руи Гонсалес де Клавихо. Дневник путешествия в Самарқанд ко двору Тимура (1403 – 1406), Москва: Наука, 1990, саҳ. 67.**

Таърихнигори арманӣ Фома Метсопский, ки худ шоҳиди воқеаҳои забту ғорати ватанаш аз тарафи Темурланг буд, дар китоби худ «Таърихи Темурланг» менависад: «Марде ба номи Темурланг… бераҳм, беҳаё ва хунхор, сахт пурғазаб, манҳус… дар Шарқ, дар Самарқанд падид омад…Магар касе гуфта метавонад, ки чӣ миқдор мардум кушта ва ба асорат бурдааст. Ин танҳо ба Худо маълум аст. Сар то сари мамлакат аз асирони арманӣ пур шуд… тамоми кишвари мо вайрону валангор гардид… ҳама ҷо ба шиканҷаву азоб ва қатлу асорат, ба хун оғушта гашт. Пас аз рафтани Темур дар сарзамини мо гуруснагии даҳшатнок ҳамаро фаро гирифт. Мардум сагону гурбагонро хӯрданд, писарону духтарони худро бирён карданд; шавҳар занро, зан шавҳарро… ва сер намешуданд, оқибат худ мемурданд. Моро тавони он нест, ки он чи ба чашми худ дидем ва бо гӯшҳои худ шунидем, ҳамаро нақл кунем, зеро насли одамӣ нобуд шуд… Кӣ қодир аст, ки ҳамаи он даҳшатафканиҳои ин даҷҷоли малъуни бераҳму беҳаёи хунхори ситамгарро нависад? Ман ба таври хеле мухтасар аз ин даҳшатҳое, ки мо худ дидем ва аз асирони ба пеши мо омада ва аз соҳибони он асирон шунидем, онҳоеро, ки баъд аз мо меоянд, шинос карданиям… Асиронро ба кишвари мо сарлучу пойлуч, гуруснаву ташна оварданд. Ҳар як чағатоӣ 20 асир бо худ дошт, бештаре аз онон дар роҳ афтида мемурданд ва ин чағатоиён бо санг сари он мурдагонро мешикастанд, то зинда намонанд ва баъдан онҳоро партофта мерафтанд. Инро мо бо чашми худ медидем ва шахсан мешунидем… Мо дар он ҳангоме ки бо асирон рӯ ба рӯ меомадем, имкони ёрӣ додан надоштем, гиряву лобаи онон моро тазйиқ медод ва ба хотири он, ки онҳоро набинем, аз эшон мегурехтем».

**Фома Метсопский. История Тимур-ланка, Баку, 1957, саҳ. 55 – 67**

Фома Метсопский нақлеро аз забони шоҳиди воқеаи қатли оми Димишқ чунин меорад: Пас аз ишғоли шаҳр «лашкариён ба фармони ӯ, ки мегуфт: «Дар ихтиёри ман шумо 700 ҳазор нафаред, имрӯзу пагоҳ барои ман 700 ҳазор сар биёваред ва аз онҳо ҳафт манора бисозед ва агар касе сар намеорад, сари худи ӯ бурида гардад. Лашкари беадади ӯ тамоми мардумро ба теғу хун кашиданд. Чун мардон тамоман кушта шуданд ва дигар сари мард намонд, ба буридани сарҳои занон шурӯъ карданд. Лашкар фармудаи ӯро иҷро кард. Оне, ки натавонист сареро бурида кунад, аз дигаре онро ба 100 танга мехарид ва дар ҳисоб

месупурд… Аз чунин бадбахтиву куштор ба мо писари рӯҳониамон Мхитар аз шаҳри Ван ҳикоят кард. Худи ӯ ба як мушкиле аз дасти онон халосӣ ёфта буд».

**Фома Мецопский. История Тимур-ланка, Баку, 1957, саҳ. 65 – 66**

## Санаҳои муҳим:

1376 – ба сарзаминҳои Урусхон лашкар кашидани Темурланг
1378 – ба тарафи Озарбойҷон лашкар кашидани Тухтамиш
1381 – вилояти Ҳиротро забт кардани Темурланг
1381 – фатҳи Тӯс
1385–ба асорат гирифтор шудани Камоли Хуҷандӣ аз тарафи Тухтамишхон
1387 – лашкаркашии Тухтамиш ба ҷониби Мовароуннаҳр
1388 – лашкаркашии Тухтамиш бар зиддии Темурланг
1388 – лашкаркашии Темурланг ба Хоразм
1391 (19 июн) – ҳамлаи Темурланг бар зидди Тухтамиш
1394 – фатҳи Тифлис аз ҷониби Темурланг
1395 (28 феврал)–охирин лашкаркашии Темурланг бар зидди Тухтамиш
1404 (ноябр) – лашкаркашии Темурланг ба ҷониби Чин
1405 (12 феврал) – ба беморӣ гирифтор шудани Темурланг
1405 (18 феврал) – вафоти Темурланг
1405 (18 март) – ба тахти Самарқанд нишастани Халил султон

## Савол ва супориш:

1) Дар бораи ба Тухтамиш ёрӣ додани Темурланг нақл кунед. 2) Чаро Тухтамиш барои Темурланг душмани хатарнок гардид? 3) Дар бораи муборизаҳои Тухтамиш бо Темурланг маълумот диҳед. 4) Ваҳшонияти Темурлангро дар шаҳрҳои Хуросон ва шаҳри Сабастияи Туркия шарҳ диҳед. 5) Темурланг мамлакатҳои истилокардаашро чӣ гуна ғорат мекард? 6) Чаро Темурланг мутахассисони беҳтаринро аз мамлакатҳои истилошуда ба Самарқанд меовард? 7) Робитаи аврупоиҳоро бо Темурланг шарҳ диҳед. 8) Сабаби ба Чин лашкар кашидани Темурланг дар чӣ буд? 9) Васияти Темурланг ва марги ӯро шарҳ диҳед. 10) Чаро амирони Темурланг воқеаи марги ӯро аз дигарон пинҳон доштанд? 11) Кӯшиши султон Ҳусайнро барои дар Самарқанд ба тахт нишастан шарҳ диҳед. 12) Баъд аз марги Темурланг кӣ ба тахти вай нишаст? 13) §§ 5 ва 6-ро такрор намоед.

# МАВЗӮИ IV
# ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРИ XV

## § 9. ВАЗЪИ КИШОВАРЗӢ ВА ЗАМИНДОРӢ

**Ташкили корҳои обёрӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон.** Дар давраи истилои муғулҳо вазъи кишоварзии кишвар ниҳоят хароб гардида, аксари заминҳои корам ба чарогоҳ табдил шуда буданд. Дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар ин соҳа дар Мовароуннаҳру Хуросон баъзе дигаргуниҳо мушоҳида мешаванд. Темурланг бо ғорати шаҳрҳои Эрон, Ҳинд, Осиёи Сағир ва зӯран овардани неруҳои моҳири корӣ ба Самарқанд, ба ободии Мовароуннаҳр, бахусус пойтахти он Самарқанд иқдом мекунад. Бинобар ин, чун Темурланг ва авлодони ӯ ғорату харобкориҳои худро бештар берун аз Мовароуннаҳру Хуросон анҷом медоданд, соҳаи кишоварзӣ дар ин сарзаминҳо рӯ ба тараққӣ ниҳод. Заминҳои зироатии дар замони ҳуҷуми муғулҳо комилан харобшуда барқарор гардида, масоҳати заминҳои корам васеъ шуданд. Барои барқарор намудани иншооти обёрӣ ва сохтмони каналу ҷӯйҳои нав корҳои зиёде анҷом меёфтанд. Аз ҷумла, дар водии дарёи Марғоб қариб 20 канал бароварда шуд. Баъдтар Шоҳрух садди асосии обро, ки бо номи Султонбанд машҳур буд, барқарор карда, каналҳои лойзеркардашударо тоза намуд. Дар воҳаи Марв бо ташаббуси султон Ҳусайн қисми зиёди заминҳои зироат обёрӣ шуданд. Дар баъзе вилоятҳои дигари мамлакат, аз ҷумла дар ноҳияҳои Ҳирот ва Самарқанд низ корҳои обёрӣ анҷом дода шуд.

Дар ҳавзаи Зарафшон, ки аксари аҳолиро тоҷикон ташкил мекарданд, хоҷагии заминдории воҳаи Панҷакент бо суръати хеле паст барқарор мегардид. Дар ҷойҳое, ки аҳолӣ бармегашт, аз нав барқароркунии низоми обёрӣ ба чашм мерасид. Ин аз он шаҳодат медод, ки аҳолии ба кӯҳҳо фирорнамуда ба макони зисти худ бармегаштанд. Дар ин давра як қатор ҷӯйҳои зеризаминие (корезҳо), ки аз ҷониби муғулҳо ба вайрона табдил шуда буданд, аз нав сохта шуданд. Масалан, ба ҷойи корези харобгаштаи Ҳазорнова корези Ҷӯйи Эшон сохта шуд, ки дарозии он 5 км-ро ташкил мекард. Дар воҳаи Самарқанд низ дар соҳаи обёрикунӣ корҳои зиёде ба анҷом расиданд, ки он ба рушди соҳаи боғпарварӣ мусоидат намуд. Дар натиҷаи обёрӣ дар вилояти Самарқанд, як тумани нав бо номи Анҳор таъсис ёфт ва дарозии ҷӯйбори Анҳор то 75 км расонида шуд.

Дар он давра чунин қарор қабул шуда буд, ки агар касе дар роҳи обёрикунии мамлакат ташаббус нишон дода, заминҳои бекорхобидаро кишт мекард, соҳиби имтиёзҳо мегардид ва мавриди қадрдонӣ қарор мегирифт.

Дар ин давра рустанипарварӣ асосан ба воситаи обёрикунии сунъӣ амалӣ мегашт. Дар Марв ва гирду атрофи он зироатҳои ғалладона, дар Тирмиз гандум ва ҷав, дар Марғоб шолӣ, нахуд, арзан ва ғайра парвариш менамуданд.

Дар водиҳои дарёи Сир ва Ому ба соҳаи боғпарварӣ ва мевапарварӣ машғул буданд. Дар Хуҷанд бештар парвариши анор ва нок, дар Конибодом ва Исфара зардолу ва бодом ривоҷ ёфта буд. Ба соҳаи ангурпарварӣ, обчакорӣ ва парвариши сабзавот дар тамоми гӯшаву канори Мовароуннаҳру Хуросон машғул буданд.

Бо вуҷуди васеъ гардидани майдонҳои кишт ва рушди соҳаи кишоварзӣ дараҷаи техникии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҳамон сатҳе ки пештар буд, боқӣ монд.

**Навъҳои моликият ба замин. Суюрғол ва шаклҳои он.** Дар асрҳои XIV–XV дар Мовароуннаҳру Хуросон чор навъи заминдорӣ вуҷуд дошт: заминҳои давлатӣ, вақф, заминҳои милкӣ ва суюрғол.

**Заминҳои давлатӣ.** Дар маъхазҳои хаттӣ ин навъи заминдориро заминҳои мамлука меномиданд. Майдони заминҳои давлатӣ нисбат ба навъҳои дигари заминдорӣ зиёдтар буданд, аммо ба хазинаи давлат аз ин навъи замин қисми хеле ками андоз ворид мегардид. Дар ин давра заминҳое низ буданд, ки ба сокинони деҳаҳо тааллуқ доштанд ва ин гуна заминҳо моликияти давлатӣ ба ҳисоб мерафтанд. Заминҳое, ки дар онҳо боғҳои ҳокимон парвариш мешуданд, аз ҷумлаи заминҳои давлатӣ ба шумор мерафтанд.

**Суюрғол.** Дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар Мовароуннаҳр ва Хуросон навъе аз инъомҳои феодалӣ вуҷуд дошт, ки онро суюрғол меномиданд.

Дар асри XV шаҳру вилоятҳои калон ба намояндагони хонадони Темуриён ба таври суюрғол тақсим карда мешуд. Намояндагони ҳарбию феодалӣ бошанд, ба заминҳои васеъ ва сершумор соҳиб мегаштанд. Дар айни замон баъзе маҳалҳои аҳолинишин ва деҳаҳои хурд ба мансабдорон ва ашхоси наздики ҳокимон ҳамчун суюрғол ба таври инъом пешкаш карда мешуд. Яке аз шаклҳои хеле маъмули суюрғол милки хоссаи аъзои хонадони салтанатӣ ба шумор мерафт. Аслан ҳамаи ин суюрғолҳо аксаран хусусияти меросӣ ба худ гирифта буданд ва аз ин рӯ, гоҳе онҳоро суюрғолҳои «абадӣ» меномиданд. Баъзан соҳиби суюрғол қисми даромади вилояти худро мебоист ба хазинаи ҳукумати марказӣ месупурд. Гоҳе ин суюрғолҳо аз тарафи ҳукумати марказӣ тамоман гирифта ва ё ҳаҷман кам карда мешуданд.

Баъзан чунин мешуд, ки соҳибони суюрғол амалан ба ҳукмрони соҳибихтиёр табдил меёфтанд ва ҳукумати марказӣ

дар муборизаи зидди онҳо оҷиз мегардид. Шахсоне, ки тавассути суюрғол ба вилоятҳо соҳиб мегардиданд, ҳуқуқ доштанд, ки бе иҷозати ҳукумати марказӣ худашон дар он ҷо мансабдоронро таъйин намоянд. Ҳангоми ҳамчун инъом ба даст овардани суюрғол ба соҳиби он санад (ярлиқ) дода мешуд, ки он муҳр дошт ва бо имзои шахси суюрғолдиҳанда тасдиқ мегардид.

Дар баробари ин гуна суюрғолҳои калон суюрғолҳои хурд ҳам вуҷуд доштанд, ки ҳуқуқи соҳибашон аз бисёр ҷиҳатҳо маҳдуд буд.

Дар ин давра сипаҳсолорон ва ҳатто саркардаҳои хурд, ки дар майдони ҷанг корнамоие нишон медоданд, ба гирифтани суюрғол мушарраф мегардиданд. Баъзан шахси рӯҳонӣ ҳам соҳиби суюрғол мешуд.

Яке аз сабабҳои асосии ноустуворӣ дар ҳаёти сиёсии давлатдории Темуриён кишварро ба суюрғол тақсим кардани онҳо буд, зеро соҳибони суюрғол дар милки худ дар корҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ истиқлолияти пурра доштанд.

Илова бар ин, он замон боз як навъи дигари моликият ба замин вуҷуд дошт, ки онро тархонӣ мегуфтанд. Шахсиятҳои бонуфуз бо фармони подшоҳ барои хизматҳои шоистаашон ба унвони тархонӣ мушарраф мегардиданд ва ба онҳо иноятномаи махсус дода мешуд. Ин гуна ашхос аз замин ва милке, ки дар ихтиёри худ доштанд, ба давлат ҳеҷ гуна андоз ё хироҷе намепардохтанд.

Баъзе тархонҳои соҳиби замини зиёд дар давлат вазифаҳои баландро ишғол карда, вилоятҳои калонро идора менамуданд. Яке аз тархонҳои маъруфи асри XV Дарвеш Муҳаммад, амаки султон Аҳмад (1469–1494) буд. Як қисми заминҳои ба ӯ тааллуқдошта аз пардохти андоз озод буданд. Деҳқонони зердасташ баъд аз гирифтани унвони тархонии ӯ андозро на ба хазинаи давлат. балки ба худи султон Аҳмад месупориданд.

Дар охири асри XV даромади зиёди давлатӣ. ки аз деҳқонон ва сокинони шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Шаҳрисабз ва ғайраҳо ҷамъоварӣ мешуд, ба фоидаи тархонҳо мегузашт. Тархонҳо дар Мовароуннаҳр ҳуқуқҳои сиёсии зиёдеро соҳиб гашта буданд. Дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар Мовароуннаҳру Хуросон инъомҳои тархонӣ бениҳоят афзун гардиданд ва дар ниҳоят амалҳои тархонҳо ба заифшавии давлат сабаб гардид.

Навъи дигаре аз заминдорӣ бо номи ушрӣ буд, ки ба сайидон ва хоҷагон тааллуқ дошт. Соҳибони ин гуна заминҳо ба давлат фақат ушр, яъне даҳяки ҳосилро хироҷ медоданд. Заминҳои ушрӣ моликияти хусусӣ буда, ба тариқи мерос аз насл ба насл мегузашт.

**Амволи вақф.** Навъи дигари моликият ба замин ин заминҳои вақф буданд, ки ба муассисаҳои динӣ тааллуқ

доштанд. Вақф милкест, ки аз тарафи касе барои масҷид, мадраса, мазорҳо ва умуман ба муассисоти динӣ васиқа карда шуда бошад, ба шарте, ки аз даромади он фоида гирифта шаваду харидуфурӯш нашавад. Хангоми тартиб додани васиқа ё худ вақфнома ҳузури шоҳидон ҳатмӣ буд. Дар асри XV захираи заминҳои вақф назар ба давраи гузашта афзунтар гардид. Дар ин давра фаъолияти бинокорӣ вусъат ёфта, дар бисёр шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон мадраса, масҷид, мақбара ва хонақоҳҳо сохта шуданд. Ҳамаи ин иморатҳо аз ҳисоби амволи вақф бунёд мегардиданд. Масъули амволи вақф мутаваллӣ буд. Муассисаи махсусе вуҷуд дошт, ки идораи вақфро ба таври умумӣ назорат менамуд. Сарвари ин муассисаро садр мегуфтанд. Дабирхонаи садр аз сарвати вақф андози махсусе мегирифт, ки аслан барои таъмини маоши кормандони муассисаи мазкур харҷ мешуд. Амволи вақф аз чунин назорати садр ва андози ӯ фақат бо фармони махсуси подшоҳ метавонист озод гардад. Садр ва маъмурони вай кӯшиш мекарданд, ки аз даромади вақф ҳиссаи бештаре ба даст оваранд. Ба сабаби суиистеъмоли аз ҳад зиёд баъзе садрҳо аз вазифа барканор мешуданд.

**Заминҳои милкӣ.** Навъи дигари моликият заминҳои милкӣ буданд, ки ба ашрофон ва рӯҳониён тааллуқ доштанд. Заминҳои милкӣ чунин шакли моликияти шахсие буданд. ки бо хизмати давлатӣ алоқаманд набуданд ва соҳибонашон метавонистанд онҳоро озодона фурӯшанд ё ҳамчун мерос ба каси дигар диҳанд. Дар зери мафҳуми милк тамоми дороии соҳиби он, ба мисли замин ва ҷӯйборҳову корезҳо дохил мешуданд, ба шарте ки онҳо аз ҷониби худи соҳиби милк ё наздикони собиқашон харидорӣ ё коркард шуда бошанд.

Аз даромади заминҳои милкӣ фақат як ҳиссааш ба давлат тааллуқ дошт. Дар асри XV аксари заминҳои милкии ашрофон ва рӯҳониён аз пардохти як ҳиссаи даромад ба хазинаи ҳукумати марказӣ озод шуданд. Ин гуна имтиёзҳо ба воситаи санади тархонӣ ба расмият дароварда мешуд. Заминдороне, ки ба мақоми тархонӣ мерасиданд, барои ягон хизмати шоёнашон аз боҷу хироҷ озод мегардиданд ва ҳамаи гуноҳҳои онҳо бахшида мешуд. Илова бар ин, онҳо боз ҳуқуқ пайдо мекарданд, ки бе ҳеҷ мамониат ба назди подшоҳ дароянд.

Заминҳои милкие, ки аз онҳо андоз меситониданд, ба ду қисм ҷудо мешуданд: хироҷӣ ва ушрӣ. Қисми бештари заминҳои милкӣ ба ашрофон тааллуқ доштанд. Яке аз шахсиятҳои соҳиби заминҳои зиёди милкии ин давр Кӯкалтош ном кас буд. ки дар тамоми гӯшаву канори Мовароуннаҳру Хуросон замин дошт. Ӯ ҳатто дар Миср ҳам замин харида буд. Соҳиби заминҳои зиёди дигари он давр шахси машҳур, пешвои силсилаи нақшбадия Носируддин Убайдуллоҳ ибни Маҳмуди Шошӣ маъруф ба Хоҷа Аҳрори Валӣ ба шумор мерафт. Ӯ дар Мовароуннаҳр 1300

қитъаи калони замин дошт.

Дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV навъи дигари замин бо номи милки ҳурри холис вуҷуд дошт. Роҳи асосии ташкил ва такмили ин навъи замин дар байни соҳиби милки хусусӣ ва давлат аз рӯйи тақсими ҳиссаи даромади ба онҳо муқарраршудаи заминҳои милкӣ иборат буд. Чунончи, давлат аз заминҳои милкӣ аз се ду ҳиссаи даромад ва шахси молик аз се як ҳиссаи онро соҳиб мешуд.

**Навъҳои андоз.** Сиёсати гирифтани андоз дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV пурра ба манфиати ҳокимони кӯчманчии турку муғул равона мешуд. Тамоми мушкилоти андозсупорӣ ба дӯши аҳолии муқимӣ, яъне тоҷикон вогузор гардида буд.

Дар он замон андози асосии замин хироҷ ба шумор мерафт, ки ба ду шакл ситонида мешуд: яке ба тариқи мол, яъне ҳиссае аз ҳосили замин ва дигаре аз рӯйи масоҳати замин ба тариқи пул пардохт мегардид. Хироҷ асосан ба шакли мол рӯёнида мешуд ва он ҳаҷми муайяне дошт.

Ҳокимон ҳангоми ситонидани хироҷ ба талаботи шариат риоя менамуданд, вале дар баъзе ҳолатҳо бо хоҳиши худ ба он баъзе тағйирот илова мекарданд. Ҳолатҳое буданд, ки баъзе вилоятҳо ба муносибати ин ё он ҷашнҳо муддати муайяне пурра аз хироҷ озод мегардиданд. Барои мисол, Шоҳрух соли 1394 ба муносибати таваллуди писараш Иброҳим султон кишоварзонро ба муддати як сол аз додани хироҷ озод намуд. Ё ин ки Темурланг ҳангоми аз ҷанги панҷсола (1392–1396) баргаштанаш, деҳқонони Самарқандро дар муддати се сол аз хироҷ озод намуд. Дар ин ҳолатҳо миқдори зарари хироҷ аз ҳисоби ғанимат ва даромадҳои аз ҷанг бадастомада ҷуброн мегардид.

Дар сарчашмаҳо қайд гардидааст, ки баъзан амалдоронро барои суиистифода аз вазифа ва худсарона зиёд кардани ҳаҷми хироҷ ҷазо медоданд ва ҳатто маҷбур мекарданд, ки андози барзиёд ситонидаашонро ба деҳқонон баргардонанд. Баъзан бо дархости ашхоси бонуфуз миқдори хироҷ коҳиш дода мешуд.

Бояд қайд намуд, ки Темурланг аслан ҷонибдори беҳ гардидани зиндагии халқи меҳнаткаш набуд. Ҳангоми татбиқ кардани чунин сиёсат ӯ, пеш аз ҳама, манфиати хазинаи худро дар назар дошт, зеро суиистеъмоли андозситонон ба воридшавии андоз ба хазинаи давлат таъсири манфӣ мерасонид. Ин чорабиниҳои Темурланг дар навбати худ бар зидди ҳокимон ва ашрофони саркаш ва мустаҳкам намудани ҳокимияти марказӣ равона гардида буд. Ба ҳар ҳол ин тадбирҳо то дараҷае барои

барқарор гардонидани хоҷагии вайронгаштаи деҳқонон мусоидат менамуданд.

Ба ғайр аз хироҷи замин дар асри XV боз андозҳои дигари иловагӣ вуҷуд доштанд, ки ба ҳар кадоме аз онҳо баҳои қонунӣ дода, ҳам ба шакли пул ва ҳам ба шакли мол аз мардум меситониданд. Қисме аз чунин андозҳои иловагӣ барои таъмини маоши соҳибмансабон харҷ мешуд. Бори аз ҳама гарон барои аҳли меҳнат дар он замон ин бемузд кор фармудани онҳо дар сохтмон ва таъмири ҳисору қалъа, кофтан ва тоза кардани ҷӯйбору корезҳо ва ғайраҳо буд, ки онро «бегорӣ» меномиданд.

Дар замони Темуриён аз мардум барои корҳои бозаргониву тиҷорат андози пулие ситонида мешуд, ки онро тамға мегуфтанд. Тамғаро дар Моварооуннаҳр муғулҳо ҷорӣ карда буданд ва хилофи шариати исломӣ буд.

Дар ин давра боз чунин андозҳо вуҷуд доштанд: аворизот, сардарахт, доруғона, зобитона, миробона, муҳассилона, мушрифона, ҳаққулавориҷа, мирҳазорона, дудӣ, саршумор, саркаллагӣ, улоғ, ясавулӣ, пешкаш, номбардори қӯшун, ихроҷот, ҷизя ва ғайра. Илова ба ин андозҳо ба дӯши аҳолӣ уҳдадориҳои зиёди дигаре низ бор мегардиданд, ки дар шариати исломӣ пешбинӣ нашуда буданд. Боиси тазаккур аст, ки баъзе қабилаҳои кӯчманчӣ, ки дар қӯшунҳои давлатӣ хизмат мекарданд, аз супоридани андоз ва уҳдадориҳо озод буданд.

**Эътирози аҳолӣ нисбат ба андозгириҳои ғайриқонунии маъмурон.**

Андозе, ки аз оммаи меҳнаткаш ситонида мешуд, хеле вазнин ва миёншикан буд. Ин бори гарон, хусусан, ҳангоми ҷангҳои байниҳудӣ, ки боиси чандин маротиба ҷамъ кардани ҳамон як андозу молиёт ва ҷорӣ намудани андозҳои нав мегардиданд, боз ҳам афзунтар мешуд. Илова бар он, маъмурони хироҷ аз мансаб суиистифода намуда, барои фоидаи худ андозҳоро аз рӯйи меъёри муқарраргардида зиёдтар ҷамъ мекарданд. Ҳамаи ин аҳолии шаҳру деҳотро маҷбур мекард, ки ба муқобили ҳокимият бо шаклҳои мухталиф эътироз намоянд. Баъзан деҳқонон ба ин беадолатиҳо тоқат накарда, ба вилоятҳои дигар кӯчида мерафтанд. Ин ҳукуматдоронро маҷбур мекард, ки андозҳои аз меъёр зиёдаро бекор кунанд. Муқовимати ошкори мардум, ки дар вақти ҷангҳои байнихудии шоҳзодагони темурӣ аз андозҳои иловагии беохир хонахароб шуда буд, дар сарчашмаҳо хотиррасон гардидааст. Масалан, ҳангоми Хуросонро забт кардани султон Ҳусайн, амалдорони нави ӯ ба сари аҳолӣ андозҳои иловагӣ бор карданд ва сокинони Ҳирот ба ин амали онҳо эътирози ниҳоят сахт баён намуданд. Султон Ҳусайн маҷбур шуд, ки ҳам андозҳоро бекор намояд ва ҳам он

амалдорони худсарро аз вазифа дур созад. Ҳодисаҳои дар натиҷаи эътирози мардум бекор шудани андозҳо ба муҳлатҳои гуногун боз чандин маротиба ба вуқӯъ пайвастанд. Темуриён барои барқарор намудани қудрати пардохти молиёт ба аҳолӣ гузаштҳои муваққатӣ карда, дар ин роҳ бо худсарии маъмурон низ мубориза мебурданд. Дар сарчашмаҳо на фақат ҳодисаҳои аз мансаб дур кардан, балки ҳатто қатл намудани ин қабил маъмурони худсар низ зикр ёфтааст.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо яке аз аломатҳои ғайримустақими мавҷудияти ҷамоатҳо тақсимнашавандагии замини деҳот мебошад. Ҳангоми хариду фурӯш ва ё ба вақф бахшидан қитъаҳои ҷудогонаро аз минтақаи умумии замин ҷудо намекарданд.

### Сарчашма:

Абдурраззоқи Самарқандӣ дар бораи бекор кардани як навъи андоз – тамға маълумоти зерин медиҳад: «Тамғаи Самарқанд ва Бухоро, ки маблағи сангин буд, мутлақан барандохтанд ва аҳкоми ҷаҳонӣ мутеъ дар ин боб мукаммал сохтанд ва ҳазрати салтанат ваъда фармуд, ки дар тамоми мамолики маҳруса (ҳудуди ҳифзшавандаи мамлакат) тамға ва ҷамеи муноҳиро (манъ кардашударо) барандозанд… Пеш аз идрок чизе бар раият ҳавола надорад ва агар ба зарурат воқеъ шавад, зиёдат аз ду донг (шашяки ҳар чиз) асли мол наситонанд ва се қист (ҳисса) молро мутолиба (талаб) кунанд. Яке дар саратон ва дигаре дар сунбулаву мизон ва татимаро дар қавс ба ваҷҳ ниҳанд ва ихроҷот (хароҷот) то он замон ки машруҳ (рӯйхат) ба арз нарасонанд ва дар он боб ҳукми ҳумоюн дуруст нашуд, харҷ наяндозанд ва агар хилофи он воқеъ шавад, девониён (кормандони девон) мустаҳаққи (лоиқи) қатл бошанд».

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн. Ҷилди 2, Лоҳур, 1949, саҳ. 1333 – 1335.**

Мирхонд дар бораи андозситонии ҳокимон ахбори зерин медиҳад: «Дар ин сол се бор молиёт аз мардуми шаҳри Ҳирот гирифтанд: якеро мирзо Шоҳмаҳмуд – писари Бобур, дуюмро мирзо Иброҳим султон – писари Алоуддавла, севумро мирзо султон Абусаид. Яке аз умуре, ки сабаби харобӣ ва поймол шудани раоё гардид ин буд, ки муҳассилони зару мол барои лашкар мегирифтанд ва доруғагон дар мавозеъ ва музореъ аз мардум доруғона мехостанд ва ёсоқон (лашкариён) ғорату тороҷ аз ҳадд мегузаронданд».

**Мирхонд. Равзат-ус-сафо. Таҳзиб ва тахлиси доктор Аббоси Зарёб. Теҳрон, 1373, саҳ. 1192.**

Маълумоти вақфномаи соли 1470 дар бораи ба вақф додани қарияи Доиҷ: «…Мустасно аст аз ин қария вақфи як қитъа замини обхӯр ва қобили зироат ва як боғи маъмур (обод) ва заминҳои дигари

қобили зироат. Ва ин ҳама пайваста аст ба ҳамдигар ва дар мулки ҳазрат воқифи мазкур аст ва маҳдуд аст бар ин ваҷҳ, ки ҳадди шарқии ин маҷмӯъ мепайвандад ба саканиёти деҳбошон ва баъзе ба кӯли Қалъа... Ва низ мустасност аз ин қарияи Доиҷ вақфи заминҳои Сулаймоншоҳӣ, ки мамлука аст ва машҳур аст ба ҳудуди муайяна. Ва низ мустасност аз вай як қитъа замини… муштамила бар саканиёт ва ин маҳдуд аст бар ин ваҷҳ, ки шарқи он ва шимоли он мепайвандад бар заминҳои обхӯр ва қобили зироат, ки аз ҷумлаи вақф аст».

**Вақфномаи Хоҷа Аҳрор аз 25 январи соли 1470 дар бораи ба вақф додани қарияи Доиҷ… ба фоидаи масҷид ва мадрасае, ки дар гузари Дарби Сӯзангарони шаҳри Самарқанд воқеъ буд. Чехович О.Д. Из источников по истории Самарканда XV в. // Из истории зпохи Улугбека. Ташкент, 1965, саҳ. 332 – 333.**

Маълумоти Абдурраззоқи Самарқандӣ дар бораи ба суюрғол додани мавзеи Дуҷийл ба ҳамсари амирзода Абӯбакр: «Мавкиби ҷалол (Темурланг) ба ҷониби Султония муовидат намуд ва раоёти офтоби ишроқ ба савқи билод омад ва амирзода Абӯбакрро дувист сар асб ва сад ҳазор динори капакӣ ва сад даст ҷабба инъом фармуд ва дар ақиби амирзода Рустам ва боқӣ умаро равон сохт ва ҳарами шоҳзодаро, ки духтари амир Сайфиддин буд, Дуҷийл, ки аз тавобеи Бағдод аст, суюрғол фармуда ва рухсат фармуда, ба тарафи Султония баргашт».

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн.Ҷилди 2, китоби 2. Бо эҳтимоми доктор Абдулҳусайни Навоӣ. 1383, саҳ. 1005.**

### Савол ва супориш:

1) Вазъи кишоварзӣ дар ин давра дар кадом ҳолат буд? 2) Дар соҳаи обёрӣ чӣ гуна тадбирҳо меандешиданд? 3) Дар бораи суюрғол маълумот дода, шаклҳои онро номбар кунед. 4) Навъи заминдории тархонӣ чӣ маънӣ дорад? 5) Замини ушрӣ ба кӣ тааллуқ дошт? 6)Амволи вақфро шарҳ диҳед. 7) Дар бораи заминҳои милкӣ ва заминҳои милки ҳурри холис маълумот диҳед. 8) Хироҷ бо кадом шаклҳо ситонида мешуд? 9) Навъҳои андозро номбар кунед. 10) Ҷаро аҳолӣ ба муқобили ҳокимият эътироз баён менамуд? 11) § 7-ро такрор намоед.

## § 10. ВАЗЪИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЮ ПУЛӢ

**Ислоҳоти пулии Улуғбек дар соли 1428.** Таҳқиқи мадракҳои сиккашиносӣ нишон медиҳад, ки дар асри XV муносибатҳои молию пулӣ рушд намуда буд. Дар ин давра ҳаҷми умумии истеҳсоли молҳои сермасраф афзун гардида, табақаҳои васеи ҷамъияти шаҳр ва қисман аҳолии деҳот ба муносибатҳои молию пулӣ робита доштанд. Тиҷорати пулӣ дар доираи истеъмоли умум ба василаи сиккаҳои мисӣ ба вуқӯъ мепайваст.

Улуғбек соли 1428 ислоҳоти пулӣ ҷорӣ кард. Мақсади асосии ин ислоҳот аз он иборат буд, ки барои савдои чаканаи молҳои сермасраф шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Сокинони шаҳр ва аҳолии деҳот ба ин беш аз ҳама манфиатдор буданд.



***Сиккаҳои дар аҳди Темуриён зарбшуда***

Мазмун ва моҳияти ин ислоҳот чунин буд: дар соли 1428 ҳамаи сиккаҳои мисии пастқурби пешина аз эътибор соқит шуданд. Дорандагони сиккаҳои мисии пастқурб метавонистанд онро дар давоми як муддати муайян ба сиккаҳои нави нисбатан баландқурб иваз намоянд. Сиккаҳои нав аз соли 1428 сар карда дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Шоҳрухия, Андиҷон, Қаршӣ ва Тирмиз зарб мешуданд. Пас аз ба анҷом расонидани ивази ин сиккаҳо зарби сиккаҳои мисӣ фақат дар Бухоро иҷро мегардид. Ҳамаи зарбхонаи шаҳрҳои дигар баста шуданд. Бо пулҳои Бухоро дар тамоми гӯшаву канори Мовароуннаҳру Хуросон мол харидан мумкин буд.

Ислоҳоти пулии соли 1428 ба гардиши тиҷорати дохилӣ мувофиқ буда, барои рушди минбаъдаи мубодилаи молҳои хурд мусоидат менамуд ва ба талаботи аҳолии шаҳру деҳот ҷавобгӯ буд.

**Ислоҳоти пулии Хусравшоҳ.** Баъдтар дар даҳсолаи охири асри XV гардиши умумидавлатии сиккаҳои мисӣ тамоман нобасомон гардид. Соҳибони мулкҳо бо мақсади ҳарчи бештар фоида гирифтан, ба зарби сиккаҳои худ шурӯъ намуданд. Дар натиҷа дар мамлакат буҳрони гардиши пул сар зад. Дар чунин вазъият ҳокими Ҳисор Хусравшоҳ соли 1501 ислоҳоти пулӣ гузаронид. Дар асоси ин ислоҳот вилояти Ҳисор ба ҷойи сиккаҳои гуногун ва беэътиборшуда сиккаҳои якхела дарёфт намуд. Зарбхонаи шаҳрҳои хурд баста гардид.

Тибқиислоҳоти Хусравшоҳ тангаҳои қаблӣ қобили истифода набуданд. Ҳамаи тангаҳои куҳна аз гардиш гирифта шуда, ба ҷойи онҳо тангаҳои нав истифода гардиданд. Солҳои 1501 – 1502 дар Ҳисор, Қундуз ва Тирмиз ба зарби сиккаҳои мисии дудинора шурӯъ намуданд, ки дар як тарафи он ҷойи зарбхона ва қурби он бо забони тоҷикӣ сабт гардида, дар тарафи дигараш тасвири оҳу буд.

Минбаъд сиккаҳои мисӣ фақат дар Ҳисор, Тирмиз ва Қундуз бароварда мешуд. Он вақтҳо сиккаи мисиро динор мегуфтанд. Маҳсули зарбхонаи ин се шаҳр дар тамоми мулк як хел гардиш мекард. Барои осонтар намудани амалиёти тиҷоратӣ сиккаҳоро ба се арзиш – якдинора, дудинора ва тангаи майда зарб мезаданд.



*Навъи тангаи дудинораи Ҳисор*



*Навъи тангаи мисии дудинораи Қундуз*



*Навъи тангаи мисии дудинораи Тирмиз*



*Намуди тарафи дигари тангаҳои дудинораи Ҳисор,Қундуз ва Тирмиз*

**Вазъи тиҷорати дохилӣ.** Темурланг ҳангоми лашкаркашиҳояш аз минтақаҳои мухталиф ҳунармандони касбу кори гуногун ва косибонро ба Мовароуннаҳр, хусусан, ба Самарқанд мефиристод. Дар натиҷаи тараққӣ намудани касбу ҳунар вазъи тиҷорати дохилии мамлакат беҳтар гардид.

Барои рушди савдо ва ҳунармандӣ дар бисёр шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон бозорҳои болояш пӯшида ва иншооти мухталифи тиҷоративу ҳунармандӣ сохтанд. Чунин иншоотҳои тиҷоратӣ, ки гӯшаю канори шаҳрро зинат медоданд, бештар дар Самарқанду Ҳирот қомат афрохтанд.

Байни шаҳрҳои мухталифи Мовароуннаҳру Хуросон тиҷорат сурат мегирифт. Косибону ҳунармандон молу ашёи худро дар бозорҳо ба аҳолӣ пешкаш менамуданд.

Аз Шероз ба Самарқанд ва Султония матоъҳои абрешимӣ, пашмӣ, пахтагӣ ва ашёи дигар ворид мегардид. Яке аз шаҳрҳое, ки дар он тиҷорати дохилӣ тараққӣ ёфта буд, шаҳри Табрез буд. Дар ин шаҳр дар байни манзилҳои зист барои тиҷорат растаҳои махсус сохта шуда буданд, ки дар онҳо ҳунармандон молҳои худро ба аҳолӣ пешкаш менамуданд.

Тоҷирон аз Самарқанд ба шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳру Хуросон шириниҳои мухталиф, астарҳои мӯйина ва абрешимӣ, рангҳо ва ашёи дигар мебурданд.

Умуман, дар ин давра дар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон дар соҳаҳои гуногун рушди босамари меҳнат ба чашм расида, ҳаҷми истеҳсоли молҳои гуногун инкишоф меёфт. Вале истисмори аз ҳад зиёди аҳолии шаҳр, ба дасти феодалони алоҳида мутамарказ гардидани иншооти тиҷоративу ҳунармандӣ ва шаклҳои феодалии идоракунии шаҳрҳо ба рушди онҳо монеъ мегардид.

Барои боз ҳам беҳтар гардидани вазъи тиҷорат зарби сиккаҳои мисӣ ва иштироки бештари сокинони шаҳру деҳот дар муносибатҳои молию пулӣ нақши калон бозид.

**Равобити тиҷорӣ ва дипломатиии Темуриён бо мамолики хориҷӣ.** Ишғоли мамлакатҳои дигар ва аз ин ҳисоб васеъ намудани ҳудудҳои мамлакат ба Темуриён имконият дод, ки вазъи иқтисодии кишварро беҳтар намуда, қудрати ҳарбии онро баланд бардоранд. Ин шароит фароҳам овард, ки дар охири асри XIV – ибтидои асри XV равобити тиҷорӣ ва сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон бо як қатор мамолики хориҷии дуру наздик вусъат ёбад.

Темурланг соли 1393 намояндаи худ Савоиро барои барқарор намудани равобити тиҷоративу дипломатӣ ба Сурия ва Миср фиристод. 1 августи соли 1402 Темурланг ба подшоҳи Фаронса Карли VI нома фиристода, аз ӯ хоҳиш намуд, ки ҳар ду давлат бояд барои густариши равобити тиҷорӣ тоҷирони худро ба мамлакати якдигар фиристонанд ва ба ҳамаи онҳо амният фароҳам оварда мешавад.

Барои барқарор намудани равобити хориҷии тиҷорӣ ва дипломатии давлати Темуриён нақши Самарқанд, ки дар роҳи

муҳимми тиҷорӣ–аз Чин ба мамлакатҳои ҳудуди баҳри Миёназамин ва Ҳиндустон воқеъ аст, хеле муҳим буд, Тибқи ахбори сафири испанӣ Руи Гонсалес де Клавихо, ки солҳои 1403 – 1406 ба Самарқанд сафар карда буд, ҳар сол аз Ҳиндустон, Чин ва мамлакатҳои дигари дуру наздик корвонҳои пурбор бо молҳои гуногун барои тиҷорат ба Самақанд меомаданд.

Равобити Темуриён, махсусан бо Чин хеле устувор буд. Темурланг соли 1387 намояндагони дипломатии худро бо сардории Мавлоно Ҳофиз ба Чин фиристод ва бо онҳо чун туҳфа 15 асп, 2 шутур ва матоъҳои гуногун ирсол намуд. Аспҳои фиристодаи темуриҳо ба хитоиҳо хеле маъқул афтод ва ҳар сол ба Чин шумораи зиёди асп фиристода мешуд. Бар ивази ин аз Чин сангҳои қиматбаҳо ва ашёи дигар мефиристоданд. Ҳамин тариқ, байни давлати Темуриён ва Чин робитаҳои тиҷориву дипломатӣ густариш ёфт. Дар байни ҳар ду-се сол ба Самарқанду Ҳирот сафирҳои хитоӣ меомаданд ва дар навбати худ аз Мовароуннаҳру Хуросон ба Чин сафирҳо фиристода мешуданд. Корвонҳои хитоӣ ба воситаи уқёнуси Ҳинд ба Самарқанд мемаданд. Ҳангоми дар Самарқанд будани сафири испанӣ Клавихо аз Чин ба Самарқанд қариб 800 шутури сербор омада буд.

Солҳои баъдӣ низ робитаҳои дипломатии ҳар ду кишвар густариш ёфтанд. Соли 1421 дар ҳайати сафирони темурӣ, ки ба Чин рафта буданд, шахси маъруфи он давр Хоҷа Ғиёсуддини Наққош низ шомил буд. Ба ӯ супориш дода шуда буд, ки рӯзномаи сафарро тартиб диҳад ва он минбаъд ба яке аз асарҳои арзишманд табдил ёфт, ки олимони дигар аз он истифода бурдаанд.

Дар нимаи дуюми асри XV рафтуомади сафирон байни ин ду кишвар каме коҳиш ёфт ва сабаби онро императори Чин дар номааш ба Шоҳрух бо бесарусомониҳои дар давлати Темуриён рӯй дода алоқаманд медонад.

Дар ин давра равобити тиҷориву дипломатии Мовароуннаҳру Хуросон бо мамлакатҳои дигар, мисли Миср, Ҳиндустон Русия ва ғайра низ барқарор буданд.

Соли 1439 султони Миср Зоҳир Сайфуддин Чақмоқбек сафири худ Ҷиҷқабукро ба Ҳирот фиристод ва дар номааш аз Шоҳрух хоҳиш намуд, то ӯ барои вусъати равобити тиҷориву дипломатии байни ҳар ду кишвар кӯшиш намояд. Шоҳрух дар ҷавоб соли 1444 сафорати худро бо сардории Шамсиддин Муҳаммад Замзамӣ ба Миср фиристод, ки он аз ҷониби ҳокими Миср хуб пазируфта шуд. Пас аз як сол ба Миср ба сифати сафир ду шахси маъруфи он давр – Шайх Нуриддин Муҳаммад

ал-Муршидӣ ва Мавлоно Шамсиддин Муҳаммад Абҳарӣ фиристода шуданд.

Чунин равобит байни Мовароуннаҳру Хуросон бо Ҳиндустон низ устувор буд. Соли 845ҳ.қ./1441 – 1442 Темуриён бо сардории муаррихи маъруф Абдурраззоқи Самарқандӣ ба дарбори ҳокими Ҳиндустон Бинҷиғор ҳайти сафоратеро фиристоданд. Ин муаррих натиҷаи сафарашро дар китоби машҳури худ «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» баён намудааст. Пас аз ба ватан баргаштани ин сафорат Бинҷиғор дар ҷавоб сафорати худро ба Ҳирот фиристод.

Равобити тиҷоративу дипломатии давлати Темуриён бо Русия барқарор буд. Соли 1464 сафорати шоҳи Русия Ивани III аз Москва ба Ҳирот омада буд.

Дар ин давра равобити тиҷоративу дипломатии Темуриён бо давлатҳои дигар низ вуҷуд дошт. Бисёр тоҷирон аз Туркия, Ироқ, Феодесия, Сурия, Малайзия ва ғайра барои тиҷорат ба шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон меомаданд.

Рушди тиҷорат бо мамолики хориҷӣ барои инкишофи соҳаҳои мухталифи косибиву ҳунармандӣ, зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолот ва рушди савдои дохилӣ мусоидат менамуд.

## Сарчашма:

Дар бораи гардиши сиккаҳои давраи Темуриён дар китоби «Таърихи Эрон» чунин маълумот омадааст: «Ҳатто дар давраи темурӣ ҳам сиккаҳои мухталифи роиҷ дар ҷараён буд. Шавоҳиде дар бораи вуҷуди сиккаҳои зер аз соли 1440 дар даст аст: дар Мовароуннаҳр динори капакии нуқра бо вазни 8 грамм, дар ғарби Эрон беш аз се навъ динори роиҷ мавҷуд буд, ки робитаи онҳо бо динори капакӣ шинохта шудааст, яъне динори Бағдод ва ё Шероз, динори ироқӣ ва динори Табрез. Ба зоҳир динори ироқиро мустақиман метавон аз динори роиҷи мутақаддими Табрез пайгирӣ кард ва ҳол он ки динори табрезии қарни понздаҳум барои нахустин бор дар замони Темуриён зоҳир шуд. Дар он замон робита байни ин чаҳор навъ динори нуқра роиҷ ба қарори зер буд: як динори капакӣ муодил бо се динори бағдодӣ (ё шерозӣ), шаш динори ироқӣ ва нуҳ динори табрезӣ буд».

**Таърихи Эрон. Давраи Темуриён. Пажӯҳиши Донишгоҳи Кембриҷ, тарҷумаи Яъқуб Ожанд, Теҳрон, 1378, саҳ. 273.**

Дар китоби «Таърихи Эрон» доир ба вазъи тиҷорат дар шаҳрҳои Султония ва Самарқанд ахбори зерин оварда шудааст: «Султония шаҳри пурҷамоате аст, вале аз ҳайси бузургӣ ба пояи Табрез намерасад. Аммо Султония муҳимтарин маркази мубодилаи коло барои туҷҷор ва колои онҳост. Бахусус дар моҳҳои июн, июл ва август корвонҳои бузурге аз муштариён бо молуттиҷора ба ин шаҳр мерасанд. Ин шаҳр дар моҳҳои ёдшуда пурҷанҷол ва шулуғ аст ва маболиғи ҳангуфте (зиёде) вориди хазона мекунад. Бинобар ин, ҳарсола гурӯҳи

азиме аз бозаргонони Ҳинд меоянд ва ҳама гуна адвия (дору) меоваранд. Беҳтарин анвои адвияеро, ки дар бозорҳои Сурия барои фурӯш арза мешавад, ба ин шаҳр меоваранд. Ин адвия иборатанд аз: мехак ва чавзи ҳиндӣ ва газонгабин ва пӯсти чавз ва ғайра. Ин адвия ҳаргиз ба бозори Искандария намерасад, то битавон аз махозини он ҷо харид… Ҳар гуна абрешим аз Гелон…, ки дар он колоҳо ва маҳсулоти бисёре сохта ва таҳия мешавад, ба ин шаҳр ҳамл мегардад. Абрешими Гелон аз Султония ба Димишқ ва низ дигар манотиқи Сурия ва Туркия ва Кифо (дар Қрим) содир мешавад.

…Самарқанд бозори бузурге барои тавлиди колоҳо буд, чаро ки Темурланг пешаваронро (ҳунармандонро) аз ҳар синф маҷбур ба иқомат дар он сохта буд. Дар ин шаҳр бозаргонони зиёде аз туркон, аъроб, марокашӣ аз анвои тираҳо, масеҳиёни чун Юнон ва арманиён, католикҳо ва настуриҳо дар канори ҳиндуён тиҷорат мекарданд, чаро бозорҳои Самарқанд мамлӯ аз колоҳое буд, ки аз сарзаминҳои дурдасту бегона назири Русия, Тотористон, Чин ва Ҳинд вориди он ҷо мешуд.

Ин колоҳо шомили чарм, катон, парниён, равған, гиёҳони тиббӣ, адвия…. буд, ки харидорон бо таъкиди фаровон бар кайфияти болои маҳсулоти чинӣ буд, ки пешаваронаш ҳам монанди пешаварони хитоӣ аз тарафи муҳимот ва устодӣ дар ҷаҳон шинохта шуда буданд, толиби хариди онҳо буданд. Клавихо аз корвоне бо 800 шутур суҳбат медорад, ки аз Чин коло ва молуттиҷора ба Самарқанд меовардааст…. Яке аз муҳимтарин далоили арзиш ва аҳамияти тиҷорӣ ва бозаргонии Самарқанд ва Султония дар ин буд, ки ин ду шаҳр иқоматгоҳ ва урдугоҳи низомии Темурланг ва ҳокими ғарби Эрон – шоҳзода Мироншоҳ буд».

**Таърихи Эрон. Давраи Темуриён. Тарҷумаи Яъқуб Ожанд, Теҳрон, 1378, саҳ. 196 – 197.**

Маълумоти Абдурраззоқи Самарқандӣ дар бораи омадани сафирони Хитой ба Самарқанд: «Дар ин вило аз вилояти Хитой элчиён аз пеши Дой Минкхон–подшоҳи Чину Мочин ва соири ин мамолик расиданд. Фармони ҳумоюнӣ нифоз пайваст, ки шаҳру бозорҳо оина банданд ва ҳар санъат дар камоли ҳунар зоҳир карда ва дукони худро ороянд ва умаро ба расми истиқбол берун рафта муқаддами эшонро бар худ муборак доштанд ва ҳамаро ба таъзими тамом дари шаҳр оварданд….Ҳазрати хоқони саид фармон фармуд, ки Боғи Зоғонро чун боғи ҷинон ороста, ясовулони баҳромсавлати зарғомсутуват ҳар касро маҳал ва мақом таъйин фармуданд ва ҳазрати хоқони саиди хуршедталъат чун офтоб бар авҷи рифъат ва сарири салтанат баромад ва узамои умаро элчиёнро ба шарафи дастбӯсӣ расонида ва табрикот гузаронида, суханони эшон арза доштанд».

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн. Ҷилди 2, китоби 1. Бо эҳтимоми доктор Абдулҳусайни Навоӣ. 1383, саҳ. 158.**

Маълумоти Абдурраззоқи Самарқандӣ дар бораи ба Хитой ҳамчун сафир фиристодани Муҳаммади Бахшӣ: «Чун муҳимоти элчиёни Хитой кифоят шуд, иҷозати инсироф ёфта, муовидат фармуданд ва Шайх Муҳаммади Бахшӣ ба расми рисолат бо эшон

равон шуд ва чун подшоҳи Хитой то ғоят дини ислом қабул накарда бар муқтазои шариат намераванд. Ҳазрати хоқони саид аз рӯйи дӯстӣ ду насиҳатномаи арабӣ ва форсӣ фиристод, то бошад, ки ба нури ҳидояти имон мушарраф шаванд.... Ва дар ин вақт аз он тараф элчиён расиданд ва туҳфаҳо оварданд ва хабари саломатии эшон ва маъмури он мамолик гуфтанд. Муҳаббат ва дӯстӣ, ки миёни падарон буд, бар муҷиби муҳаббатулобои қаробатулабно тоза гашт. Мо низ аз ин тараф Муҳаммади Бахшӣ элчӣ (сафир) фиристодем то хабари саломатӣ расонад. Муқаррар он аст, ки ин маънӣ сабаби ободонии мамолик ва некномии дунё ва охират аст. Тавфиқи риояти иттиҳод ва муроқибати шароити видоди рафиқи аҳл тариқ бод.

Ҳазрати хоқони саид фармуд, ки элчиёни атрофро чун элчӣ Муҳаммад Қаромон, ки бо туҳафи Рум омада буд ва малик Қутбиддини Систонӣ ва элчӣ Пирак аз Гармсер… ва ҳамаро ба инъом ва икром навохта, иҷозати мурочаат намуд».

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн.Ҷилди 2, китоби 1. Бо эҳтимоми доктор Абдулҳусайни Навоӣ. 1383, саҳ. 161 – 164.**

Маълумоти Абдурраззоқи Самарқандӣ дар бораи аз ҷониби Темурланг ба Сурия ва Миср фиристодани сафирҳо: «Дар соли 795 ҳ.қ. /1392-1393 ҳазрати Соҳибқирон Шайх Совиро, ки фарзонаи аср буд, бо булукоти шоҳона ба ҷониби волии Шом (Сурия) ва Миср ал-малик аз-зоҳир Барқуқ ба расми рисолат фиристода буд ва пайғом дода, ки пеш аз ин подшоҳон, ки аз насли Чингизхон буданд, бо мулуки он мамолик низоъ доштанд ва ба он сабаб заҳмат ба аҳолии Шом ва он ҳаволӣ мерасид ва дар охир ба мусолиҳат анҷомид ва чун подшоҳи саид Абӯсаид (ба) ҷивори раҳмати ҳақ пайваст ва аз насли Чингизхон подшоҳи нофизфармон намонад, мулуки тавоиф падид омаданд. Ин замон чун собиқаи инояти моликулмулк азза шаънаҳу, тамоми мамолики Эрон бо Ироқи Араб, ки дар ҷивори он мулк воқеъ аст, мусаххари фармони мо гардонид, некхоҳии халоиқ иқтизои он мекунад, ки ҳаққи ҳамсоягиро риоят карда, абвоби муросала ва мукотибат мафтуҳ гардад ва элчиён даромадшуд бошанд, то роҳҳо эмин шавад ва тиҷорат ба амн ва ҳузур тараддуд намоянд ва ин маонӣ муҷиби оромиши билод ва осоиши ибод бошад, вассалом.

Бинобар он истидъои султон Исо ҳокими Мордийн намуда фармуд, ки азимати Шом ва Миср мусаммам аст, мебояд, ки лашкарҳо ҷамъ оварда, ҳарчанд зудтар ба мо пайвандад ва чанд рӯз интизор бурда маълум шуд, ки ҷонибаш ба чунин ҳазрате тағофул мефармояд».

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн. Ҷилди 1, китоби 2. Бо эҳтимоми доктор Абдулҳусайни Навоӣ. 1383, саҳ. 689–690.**

Маълумоти Абдурраззоқи Самарқандӣ дар бораи ба назди Темурланг омадани сафирони волии Кашмир Искандаршоҳ: «16 моҳи ҷумодилохири соли 801 (23 феврали соли 1399) мавкаби ҳумоюн дар баробари қарияи Поила, ки аз навоҳии Ҷамуст, нузул фармуд ва қосидон, ки аз Деҳлӣ ба Кашмир пеши Искандаршоҳ рафта буданд, бо элчиёни ӯ расиданд ва арза доштанд ки Искандаршоҳ эҳроми бандагӣ баста, рӯйи ниёз ба қиблаи иқбол оварда, ба мавзеи Ҷабҳон омад ва

қосидони ӯ бо элчиён аз ҷониби урдуи аъло расиданд ва тақрир карданд, ки умаро маслиҳат чунон дидаанд, ки Искандаршоҳ се ҳазор асп ба расми пешкаш овард ва машорилайҳи ҷиҳати тавҷеҳи он ба Кашмир бозгашт то баъд аз итмоми он муҳим дигарбора мутаваҷҷеҳи пойбӯс шавад. Он ҳазратро ин сурат писандида нанамуд. Фармуд, ки Искандаршоҳ моро таклифи моло яток кардаанд ва ба зиёдат гунҷойиши ҳавсалаи ӯ талаб доштаанд ва ҳаждаҳ моҳ элчиёни ӯро иноят ва иҷозат намуда, муқаррар фармуд, ки ба ҳеҷ чиз боз намонад ва чун 28 рӯз аз ин таърих гузарад, дар лаби оби Синд ба урдуи ҳумоюн ояд ва Муътамад Зайниддин аз ҷумлаи амирзода Рустам, ки як навбат аз Деҳлӣ ба Кашмир рафта буд, боз бо элчиёни Искандаршоҳ ӯро равон фармуд».

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн. Ҷилди 1, китоби 2. Бо эҳтимоми доктор Абдулҳусайни Навоӣ. 1383, саҳ. 793-794.**

Маълумоти Клавихо дар бораи тиҷорати Самарқанд бо мамлакатҳои хориҷӣ: «Самарқанд на танҳо бо моводи хӯрокворӣ, балки бо матоъҳои абрешимӣ ва пашмин, атлас, камка (матои шоҳии гулдори қадимӣ), ки дар он ҷо истеҳсол менамоянд, инчунин бо астарҳои мӯйина ва абрешимӣ, шириниҳо, рангҳои лоҷвардӣ ва амсоли онҳо маъруф аст. … Ин шаҳр бо молҳое, ки аз давлатҳои дигар ворид мешаванд, хеле ғанӣ аст. Аз Русия ва Тарталия чарм ва матоъҳои катонӣ, аз Хитой матоъҳои абрешимӣ, ки навъи беҳтарини онҳо дар ин ҷо истеҳсол мешавад ва атлас, ки мегӯянд он дар олам беҳтарин аст, махсусан, навъи бенақшу нигори он қимати арзандатаре дорад. Аз Хитой инчунин мушк ворид мешавад, ки он ба ҷуз аз Хитой дар ҷойи дигар нест. Аз он ҷо инчунин ёқути сурх ва алмос, марворид ва ғайра меоранд. Аз Ҳиндустон ба Самарқанд шириниҳо. чормағзи қаранфул, гули дорчин, занҷабил ва ғайра ворид мешаванд….

Аз Самарқанд то шаҳри асосии Хитой, ки Камолак (Хонбалиқ) ном дорад ва яке аз шаҳрҳои бузурги он империя ба шумор меравад, шашмоҳа роҳи пиёдагард аст, ки дар давоми ду моҳи он дар роҳ ба ҷуз аз галабонон, ки дар саҳроҳо галаҳои худро мечаронанд, касе во намехӯрад. Моҳи июни ҳамин сол аз Камолак ба Самарқанд қариб ҳаштсад уштури сербор омад».

**Руи Гонсалес де Клавихо. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд, ба дарбори Темур (1403 – 1406). Тарҷумаи И.С. Мирокова. Москва: Наука, 1990. саҳ. 138 – 141.**

### Санаҳои муҳим:

1428 – ислоҳоти пулии Улуғбек

1464 –ба Ҳирот омадани сафорати Русия

1501 – ислоҳоти пулии Хусравшоҳ

### Савол ва супориш:

1) Барои чӣ Улуғбек дар соли 1428 ислоҳоти пулӣ гузаронид? 2) Дар бораи ислоҳоти пулии Хусравшоҳ нақл намоед. 3) Вазъи тиҷорати дохилӣ ва хориҷии давлати Темуриёнро шарҳу эзоҳ диҳед. § 8-ро такрор намоед.

## § 11. ШАҲР ВА ШАҲРДОРӢ

**Вазъи шаҳрҳо дар асри XV**. Дар ин давра нисбатан фаъолшавии табақаҳои миёна ва поёнии шаҳр ба мушоҳида мерасад. Коргоҳҳои умумии косибон дар шаҳрҳо устувор гардида, косибону ҳунармандон дар чашнҳое, ки аз тарафи ҳукуматдорон барпо мешуданд, иштирок намуда, маҳсули меҳнати худро арза медоштанд. Нақши табақаи миёнаи аҳолии шаҳр–косибон, ҳунармандон, тоҷирон, амалдорон ва рӯҳониёни миёнаҳол дар ҳаёти фарҳангии шаҳрҳо меафзояд. Шумораи зиёди шоирону мутафаккирони пешқадам аз байни ҳамин табақаи аҳолӣ баромада буданд ва онҳо офарандаи сарватҳои маданӣ ба шумор мерафтанд. Шоирон, навозандагон ва базлагӯён акнун на фақат дар боргоҳи аъёну ашроф ҷамъ меомаданд, балки дар дуконҳои китобфурӯшӣ, дар коргоҳи косибон ва дар майдону бозорҳо низ баҳсу мунозираҳои адабӣ, маҷлиси шеърхонӣ ва мушоираҳо барпо мекарданд. Ин гуна маҳфилҳои адабӣ ва ҳунарӣ дар Ҳирот, Самарқанд ва бисёр шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳру Хуросон мавҷуд буданд.

Аз тарафи дигар, шаҳр дар ин давра ба ҳамон ҳолати феодалии худ боқӣ монда, истисмори аҳли заҳмат беш аз пеш давом мекард. Навъҳои моликияти замине, ки дар деҳот вуҷуд доштанд, дар шаҳр низ дучор мегардиданд. Қисми асосии замин дар ихтиёри давлат ва ашрофу рӯҳониён буд ва фақат як қисми ночизи он ба истеҳсолкунандаи бевосита тааллуқ дошт. Агар дукон, коргоҳ ё манзили истеҳсолкунанда дар замини давлат, вақф ва ё милки феодал воқеъ гардида бошад, ӯ ҳатман дар ягон шакле ҳаққи иҷораи заминро мепардохт. Аз ин рӯ, байни сокини шаҳр ва деҳқон тавофуте вуҷуд надошт.

Замин ва бисёр муассисаҳои тиҷоратӣ ба заминдорон тааллуқ доштанд. Косибон ва дукондорони камбизоат на фақат замин, балки коргоҳ, дукон ва манзилро ҳам ба иҷора мегирифтанд, ки ин боиси боз ҳам бештар ба феодал тобеъ шудани онҳо мегардид.

Як хусусияти асосии шаҳрдорӣ боз аз он иборат буд, ки баъзе навъҳои андози аз аҳолии деҳот меситонидаро аз аҳолии шаҳр низ мегирифтанд. Баробари ин, аҳолии шаҳр ба корҳои маҷбурӣ низ ҷалб карда мешуд.

Дар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон худидоракунии ҳақиқӣ вуҷуд надошт. Идораи шаҳр ба уҳдаи шахси аз тарафи ҳукумати марказӣ ва ё ҳокими вилоят таъйингашта гузошта мешуд. Шаҳрҳо доимо воситаи инъому подошҳои ҳокимон ба шумор мерафтанд.

Дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии шаҳрҳо баъзе мухолифатҳо ба чашм мерасиданд. Аз як тараф дар шаҳрҳо тараққиёт ба мушоҳида расида, соҳаи касбу ҳунар рушд меёфт, аксари аҳолӣ ба муносибатҳои молию пулӣ ҷалб шуда, дар соҳаи фарҳанг падидаҳои нав ба зуҳур меомаданд. Баробари ин баъзе омилҳое низ вуҷуд доштанд, ки тараққиёти шаҳрро халалдор мекарданд. Аз ҷумла аҳолии меҳнаткаши шаҳр ба истисмори бераҳмона дучор гардида, аксари моликияти заминҳо ва биноҳои тиҷоративу пешаварӣ ба ихтиёри як ашроф ё рӯҳонӣ тааллуқ доштанд ва дар шаҳрҳо аслан шаклҳои феодалии идоракунӣ амал мекарданд.

**Вазъи касбу ҳунар.** Дар ин давра ба касбу ҳунар диққати махсус дода, барои инкишофи он тадбирҳои зиёд анҷом меёфт. Темурланг ва дигар намояндагони хонадони темурӣ бисёр ҳунармандону косибони бомаҳоратро аз гӯшаю канори дунё чун асир ба шаҳрҳои Самарқанд, Шаҳрисабз ва Ҳирот оварда, аз касбу ҳунари онҳо хеле босамар истифода мебурданд. Бо мурури замон иттиҳодияи муассисаҳои ҳунармандӣ арзи вуҷуд мекард ва қудрати истеҳсолии онҳо неруманд мегашт. Ҳунармандони ҳамкасб дар як маҳал зиндагӣ намуда, ҷамъияти косибони бозор ва ё макони тиҷорати муайяни худро ташкил мекарданд. Косибону ҳунармандон дар ҳаёти шаҳр нақши бениҳоят муҳим мебозиданд.

Дар мамлакат дар натиҷаи ба тиҷорату ҳунармандӣ машғул шудани шумораи зиёди аҳолӣ дар соҳаҳои нисбатан муҳимми ҳунармандӣ, монанди сохтмон, коркарди оҳан, бофандагӣ, чармгарӣ ва соҳаҳои дигари ҳунармандӣ тамоюли тахассуси касбу ҳунарҳои маҳдуд ба назар мерасид, ки он нишонаи афзоиши талабот ба маҳсулоти ҳунармандӣ буда, ба рушду самаранокии меҳнат мусоидат менамуд.

Дар аксар мавриди ҳангоми дар шаҳрҳои марказӣ аз ҷониби ҳокимон барпо гардидани ҷашнҳо ҳунармандон иштирок намуда, маҳсули меҳнати худро ба намоиш мебароваданд ки ин аз нишонаи баланд будани нақши косибиву ҳунармандӣ дар мамлакат гувоҳӣ медод.

Вазъи кор ва зиндагии ҳамаи косибону ҳунармандон яксон набуд. Ба ҷуз косибони озод гурӯҳе ҳам вуҷуд дошт, ки ҳаёти сангину ногуворро аз сар мегузарониданд. Он косибону ҳунармандоне, ки Темурланг аз кишварҳои дигар ба шаҳрҳои Самарқанду Шаҳрисабз ба зӯр оварда буд, дар вазъияти ғуломӣ умр ба сар бурда, мавриди истисмори бераҳмона қарор мегирифтанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ дар Самарқанд қариб 1000 ҳунарманди асир маҷбурӣ кор карда, маҳсулоти гуногун истеҳсол мекарданд.

Боз гурӯҳи косибоне буданд, ки дар коргоҳи умумӣ ҷамъ омада, таҳти роҳбарии халифа фаъолият менамуданд. Халифа аз

тарафи ҳукумат таъйин мешуд ва ба сифати кор назорат мекард. Маҳсулоти ин коргоҳ на ба бозор, балки бевосита ба идораи давлат мерафт.

Косибону ҳунармандон аз додани андозҳо озод набуданд. Баъзан онҳо ба корҳои маҷбурӣ низ сафарбар гардида, илова бар он, аз онҳо андозҳои бевоситаи касбу ҳунар ситонида мешуд. Умуман, аҳли ҳунар аз зулму ситами мансабдорону ҳокимон азобу шиканҷаи зиёд мекашид.

**Сарчашма:**

Клавихо дар бораи тиҷорати шаҳри Табрез чунин маълумот медиҳад: «Дар корвонсаройҳо дуконҳо ва дафтарҳо сохта шудаанд, ки аз онҳо истифодаҳои гуногун мебаранд. Чун аз ин корвонсаройҳо хориҷ шавем, ба хиёбонҳо ва бозорҳое мерасем, ки дар онҳо ҳама гуна коло (матоъ) фурӯхта мешавад. Дар бозор матоъҳои абрешиму пунба (пахта) ва тофтаю абрешими хом ва ҷавоҳироту ҳама гуна зарфҳо метавон ёфт. Дарвоқеъ, гурӯҳи касири (зиёди) бозаргонон ва миқдори бисёри коло дар ин шаҳр вуҷуд дорад. Бинобар ин, масалан дар баъзе аз корвонсаройҳо, ки дар онҳо васоил ва лавозими ороиш ва атриёти занон фурӯхта мешавад, занон ба дуконҳо ва ҳуҷраҳои онон меоянд, то аз онҳо бихаранд, зеро ин занон атру равғани бисёр ба кор мебаранд. Ҷомаи занон дар хиёбон иборат аст аз матои сафеде, ки саропо онҳоро мепӯшонад ва ниқобе аз мӯйи асп, ки бар чехра меафкананд, то ҳеҷ кас ононро нашносад».

**Сафарномаи Клавихо. Тарҷумаи Масъуди Раҷабниё, Теҳрон, 1366 ҳ.ш., саҳ. 162.**

Маълумоти Клавихо дар бораи ободонии шаҳри Самарқанд: «Темур мехост, ки шуҳрати Самарқандро баланд бардорад. Ҳангоме ки ӯ ягон кишварро забт менамуд, ҳунармандон ва косибонро ин ҷо мефиристод, то шаҳр ва гирду атрофи онро серодам ва обод гардонад. Аз Димишқ ба Самарқанд ҳунармандони соҳаи тирандозӣ ва камонсозӣ, косибони шишасоз ва гилкор, аз Туркия устоҳои аслиҳа ва ҳунармандони дигар чун хишткорон ва устоҳои соҳаҳои дигари сохтмонро ҷамъоварӣ намуд.... Темур ба ин шаҳр аз ҳар ҷониб зану марди зиёдеро овард, ки шумораи онҳо аз 150 ҳазор зиёд буд».

**Руи Гонсалес де Клавихо. Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (1403 – 1406). Тарҷумаи И.С. Мирокова. Москва: Наука, 1990. саҳ. 139.**

**Савол ва супориш:**

1) Вазъи шаҳр ва шаҳрдорӣ дар ин давр чӣ гуна буд? 2) Дар бораи вазъи касбу ҳунар ва аҳволи косибону ҳунармандон маълумот диҳед. 3) § 9-ро такрор намоед.

# МАВЗӮИ V
# ШИДДАТ ЁФТАНИ ЗИДДИЯТ БАЙНИ НАМОЯНДАГОНИ ХОНАДОНИ ТЕМУРӢ ВА ЗАВОЛИ ДАВЛАТДОРИИ ОНҲО

## § 12. МУБОРИЗАИ НАМОЯНДАГОНИ ХОНАДОНИ ТЕМУРӢ БАРОИ ТАХТИ САМАРҚАНД

**Оғоз шудани мубориза байни намояндагони хонадони темурӣ барои ба тахт нишастан дар Самарқанд баъди марги Темурланг.** Темурланг 4 писар ва 32 набераи писарӣ ва 17 духтару набераи духтарӣ дошт. Писарони Темурланг– Ҷаҳонгир, Умаршайх, Мироншоҳ ва Шоҳрух буданд. Ӯ дар охири ҳаёти худ қаламрави давлаташро ба фарзандону наберагонаш тақсим карда, пояи салтанаташро амалан заиф намуд. Ӯ писари калонии худ Ҷаҳонгирро вориси тахт эълон намуд, вале ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт будани падар Ҷаҳонгир вафот кард. Писари дигараш Умаршайх бошад, дар наздикии Бағдод ҳангоми зинда будани Темурланг кушта шуд. Мироншоҳ дучори парешонии мағз гашта, пас аз марги падараш боз чор соли дигар зинда буд, то саранҷом дар соли 1409 дар ҷанг бо сипоҳи Қарақуйюнлу дар ҳудуди Озарбойҷон ба дасти Қароюсуфи туркман ба қатл расид.

Темурланг писари Ҷаҳонгир – Пирмуҳаммадро валиаҳди худ таъйин карда, қаблан ӯро соҳиби тахти худ эълон намуд. Ҳамаи амирон савганд ёд намуданд, ки аз он васият сарпечӣ намекунанд. Пирмуҳаммад он замон ҳокими Қандаҳор буд. Ӯ ба айшу нӯш ва бодахӯрӣ машғул шуда, идораи ҳукуматро ба дӯши яке аз амиронаш Пиралии Тоз гузошта буд. Ҳангоме ки Темурланг аз олам даргузашт, фарзандону набераҳояш дарҳол васияти ӯро фаромӯш карданд. Барои ба тахту тоҷ соҳиб шудан дар байни онҳо муборизаҳои хунини сулолавӣ оғоз гардид. Ҳар яке худро мустақил эълон намуда, аз номаш танга сикка мезад.

**Ҳокимияти Самарқандро гирифтани писари Мироншоҳ – Халил султон.** Яке аз набераҳои Темурланг – Халил султон – писари Мироншоҳ, ки ҳокими Тошканд буд, 18 марти соли 1405 бо лашкари зиёде пештар аз Пирмуҳаммад ба Самарқанд ҳозир шуда, тахтро соҳибӣ кард. Дар Самарқанд ба номи ӯ хутба хонда, танга сикка заданд. Дере нагузашта Халил султон Бухороро низ забт намуд ва амволи зиёдеро ба даст овард.

Ҳокими Хуросон Шоҳрух бо мақсади ба Самарқанд соҳиб шудан моҳи ноябри соли 1406 ба Улуғбек амр дод, ки лашкарашро дар соҳили чапи дарёи Ому ҷойгир намоянд. Мувофиқи нақшаи Шоҳрух ин лашкар бояд ба тарафи рости соҳил убур намуда, бо лашкари Пирмуҳаммад мепайваст. Халил султон аз ин кор огоҳ шуда, пеш аз он ки амалиёти зидди ӯ шурӯъ шавад, вай ба лашкари Улуғбек зарба зад. Бо пешниҳоди Улуғбек миёни онҳо сулҳ имзо шуд ва Халил султон ба

Самарқанд баргашт. Сабаби асосии муборизаро идома надодани Улуғбек ва имзои сулҳ аз он иборат буд, ки лашкари онҳо ба танҳоӣ бо Халил султон муқобилат нишон дода наметавонист. Илова бар ин, Шоҳрух бо лашкари асосӣ аз ҷойи воқеа хеле дур қарор дошт ва Пирмуҳаммад бошад, ҳанӯз дар Балх буд. Халил султон низ ба имзои сулҳ зарурат дошт, зеро лашкари амир Худодод Ҳусайнӣ, ки муғулҳоро ба тарафи худ ҷалб намуда буд, аз тарафи шимол ба ӯ таҳдид мекард.

**Ба қатл расидани Пирмуҳаммад.** Баъди ба Самарқанд баргаштани Халил султон яке аз сарлашкарони Шоҳрух–Шоҳмалик ба Балх омада, ба Пирмуҳаммад ҳамроҳ шуд. Улуғбек низ ба онҳо пайваст ва ҳар се якҷоя шартномаи сулҳро, ки бо Халил султон баста буданд, поймол карда, ба сӯйи Самарқанд лашкар кашиданд. Халил султон ба муқобили онҳо лашкари зиёдро равона намуда, дар назди Насаф (Қаршӣ) онҳоро шикаст дод. Ҳамин тариқ, ба Пирмуҳаммад муяссар нагардид, ки васияти Темурлангро иҷро намояд ва соҳиби тахт дар Самарқанд гардад. Ӯ ноумед ба Балх баргашт.

Яке аз амирони Пирмуҳаммад бо номи Пиралии Тоз, ки дар Балх вазифаи вазириро ба уҳда дошт, бар зидди Пирмуҳаммад исён карда, 13 феврали соли 1407 ӯро ба қатл расонд. Бо ҳамин он касе, ки мувофиқи васияти Темурланг бояд ба тахт менишаст, аз байн рафт.

**Забти Самарқанд аз тарафи хони Кошғар ва барканории Халил султон аз тахти Самарқанд.** Халил султон дар Самарқанд ба айшу ишрат дода шуда, идора кардани мамлакатро дар канор гузошт ва қариб тамоми дороии хазинаҳои Темурлангро ба боди фано дод. Занҳои ҳарамсарои Темурлангро маҷбуран ба издивоҷи маъмурони худ дод. Дар байни амирон ва пешвоёни дин нисбат ба усули давлатдорӣ ва рафтори ӯ норозигӣ ба амал омад. Халил султон дар миёни дигар ҳокимони темурӣ беэътибор шуда, қудрати давлатдории ӯ заиф гардид. Порокандагӣ ва заифии мамлакатро эҳсос карда, амирони дигари темурӣ қарор доданд, ки Халил султонро аз сари қудрат дур кунанд. Бо ин мақсад амири Кошғар Худодод Ҳусайнӣ ва Шайх Нуриддин исён бардоштанд. Амир Худодод қушуни муғул ва қалмиқро муттаҳид намуда, ба сӯйи Самарқанд лашкар кашид. Ӯ 13 апрели соли 1409 дар маҳалли Шероз Халил султонро шикаст дода, ӯро асир гирифт ва Самарқандро забт намуд.

**Лашкаркашии Шоҳрух ба Самарқанд.** Писари хурдии Темурланг–Шоҳрух хабари барканории Халил султонро аз ҳукумати Самарқанд шунида, аз Ҳирот ба сӯйи Мовароуннаҳр лашкар кашид. Ӯ 4 майи соли 1409 вориди Самарқанд гашта, Худododро ба қатл расонд ва Халил султонро аз асирӣ озод намуд. Баъд аз он Халил султон аз ҳуқуқи ворисии салтанат

маҳрум шуда, ҳокими Рай таъйин гардид. Шоҳрух бо мақсади аз туркманҳо озод намудани Ироқу Озарбойҷон ӯро бо 10 ҳазор лашкар мусаллаҳ намуда, 14 майи соли 1410 ба он тараф равон намуд. Халил султон 4 ноябри соли 1411 дар Рай аз олам гузашт.

**Ба тахти Самарқанд нишастани писари Шоҳрух – Улуғбек. Ҳамроҳ шудани Мовароуннаҳр таҳти фармонравоии Улуғбек ба Хуросон.** Писари Шоҳрух – Муҳаммад Тарағай, ки маъруф ба Улуғбек буд, дар Самарқанд на чун ҳокими мустақил, балки чун вориси Шоҳрух ва тобеи ҳукумати Хуросон ба тахт нишаст, ва идораи ҳокимияти олӣ аз тарафи Шоҳрух анҷом меёфт, зеро ки Мовароуннаҳр тобеи Хуросон буд. Илова бар ин, Шоҳрух дар содиқона идора кардани шаҳру вилоятҳо ба фарзандонаш эътимод надошт. Бинобар ин, нафарони боэътимодашро дар назди онҳо нигоҳ медошт ва тавассути он нафарон минтақа, шаҳру вилоёти давлаташро идора мекард. Чунин шахсони мавриди эътимоди Шоҳрух дар Самарқанд нахуст шахсе бо номи Шоҳмалик ва баъди соли 1411 Насируддин Насруллоҳи Хавофӣ буданд.

Дар он замон яке аз сипаҳсолорони темурӣ, ҳокими Туркистон, бо лашкари зиёд ба Самарқанд ҳуҷум намуд ва Улуғбек аз Самарқанд фирор кард. Шоҳрух аз ин воқеа огоҳ шуда, бо лашкари зиёд ба сӯйи Самарқанд ҳаракат намуд. Дар муҳорибаи Самарқанд сипаҳсолори исёнгар мағлуб гардид ва дар Мовароуннаҳр ҳокимияти Шоҳрух комилан барқарор шуд.

Улуғбек то замони марги Шоҳрух сикка ба номи ӯ мезад, хутба дар масҷидҳои Мовароуннаҳр ба номи Шоҳрух хонда мешуд. Ин ҳама далел бар он буд, ки Улуғбек дар идораи кишвари Мовароуннаҳр тобеи Шоҳрух буд. Барои ҳалли масъалаҳои муҳимми давлатӣ Улуғбек доимо бо падараш маслиҳат мекард ва аз натиҷаи корҳояш ба ӯ гузориш медод. Ӯ соле чанд маротиба барои саҷда ба Ҳирот ба назди падараш мерафт ва ҳаргиз барои ширкат кардан дар корҳои давлатдорӣ даъват намегашт. Ҳангоми лашкаркашиҳои падараш ба ӯ ёрӣ мерасонд ва сарбоз мефиристод. Ҳамасола ба хазинаи Ҳирот маблағи муайяне медод. Чун Улуғбек дар иҷрои корҳои худ соҳибихтиёр набуд, бинобар ин, ҳаракат менамуд, ки ягон кори ӯ сабаби бадгумонии падараш нагардад.

**Сарчашма:**

Шарафиддин Алии Яздӣ дар бораи аз тарафи Халил султон ба боди фано додани дороии хазинаҳои Темурланг чунин маълумот медиҳад: «Чун салтанати Самарқанд бар амирзода Халил султон қарор гирифт, дари хазоину кунуз (хазина) баркушод ва умарову аркони давлат ва лашкариёнро… инъомот фармудан оғоз ниҳод ва дар он амр шароити эътидолу иқтисод маръӣ надошт, чунончи нуқудро ба тариқи ғалла, ки аз хирмангоҳ нақл кунад ба тарозуву қайл бахш мешуд ва ба

харвор мебурданд… Муддати сию шаш сол хироҷу моли рубъи маскун (чоряки аҳолинишини рӯйи замин)…(ки Темурланг гирд оварда буд) ба андак замоне ба ҳеҷ баромад ва ба арзи чаҳор сол аз маҷмӯи он хазоину амвол ва шавкату ҷалол асаре боқӣ намонд».

**Шарафиддин Алии Яздӣ. Зафарнома. Таҳия ва танзим аз Исомуддин Урунбоев. – Тошканд, 1972, саҳ. 995 – 997.**

Маълумоти Ибни Арабшоҳ дар бораи ба Халил султон нома навиштани Пирмуҳаммад ва ҷавоби Халил султон ба ӯ: «Пирмуҳаммад писари амуи (амаки) Халил султон, ки пас аз марги бародараш Муҳаммад султон аз ҷониби Темур ба вилояти аҳд баргузида шуда буд, аз Қандаҳор бо сипоҳи бисёр ба оҳанги Самарқанд берун шитофт ва номае ба Халил султон ва вазирону амирони вай нигошт, ки худ валиаҳд ва ҷонишини ҷаддаш Темур аст. Тахти салтанатро, ки аз они ӯст чӣ гуна ба ғасб (бо зӯрию зулм) гирифтаанд ва мулку мамлакатро, ки барои ӯст, аз чӣ рӯй хоси худ доштаанд? Пас ҳар як аз онон чунон ки шоиста буд, посухи вай гуфтанд, аммо Халил султон ба муораза (ба муқобили ӯ) бархост ва ҳар хитоберо ба ҷавобе, ки хилофи он боз расонид, посух дода, чунин гуфт, ки масъалаи истихлоси (раҳоии) мулк дар ин замон аз чанд ҳол берун натавонад буд. Ё аз тариқи насаб ва хешовандӣ ва ё аз роҳи кору кӯшиш. Дар ҳолати аввал он ки аз ману ту сазовортар аст, падарам, Мироншоҳ ва амуи ман Шоҳрух бародари ӯст, ки бояд дар миёни он ду ба ду ним қисмат шавад ва туро бо вуҷуди ин ду маҷоли сухан намонад ва ман сазовортарам, ки дорои он шавам ва ба ҷониби кор биандешам. Ва роҳҳо ва масолики он ҳамвор кунам. Он ду низ шояд, ки ба тарки ҷанҷолу кушокуш гӯянду он чиро, ки аз ин мулки хоси худ донанд, ба ман вогузоранд ва худ бад-он чӣ дар тасарруф доранд, хурсанд гашта, ба ҳифзи он кӯшанд ё маро дар салтанат аз ҷониби худ ба хилофат гузида (интихоб карда), озод гузоранд. Дар ҳолати дуюм низ сухани ту дуруст наёяд, ки мулк чунон ки пешиниён гуфтаанд ақимест ва пеш аз ману ту дар гуфторҳо ин сухан овардаанд:

Теғ гиреду лашкар ороед,
Ки ҷаҳон хоси чирадастон аст.

Аммо агар гумон бурдӣ, ки ҷадди ту мар туро ба валиаҳдии худ гумошта ва кори салтанат ба ту вогузоштааст, магар на, ки ӯ худ аз тариқи пирӯзӣ бад-он даст ёфта ва аз роҳи кушокуш ва пайкораш ба чанг овардааст? Ва амру васият ҳар гоҳ дуруст шумурда шавад, ҷадди ту дар даврони зиндагии хеш кишвари худро дар миёни фарзандону наводагон қисмат кард… Инак, бар шумост, ки он чиро ман ба даст дорам, баҳраи ман шуморед ва ҳар як бад-он чӣ шуморо вогузор ва муқаррар шудааст, хушнуд бошед… Ва агар дар ин амр сухан ба дурустӣ гӯем, мулк чун нахҷир аз они касест, ки зудтар бад-он даррасад. Акнун худои асбоб кор фароҳам намуда ва онро бар ман раво доштааст ва ҳар кас бар мубоҳе (ҳалол) зудтар даст ёбад, бад-он сазовортар аст».

**Ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур. Теҳрон, 2536-шоҳаншоҳӣ, саҳ. 262 – 263.**

**Санаҳои муҳим:**

1405 (18 март) – тахти Самарқандро соҳиб шудани Халил султон
1407 (13 феврал) – ба қатл расидани Пирмуҳаммад
1409 (13 апрел) – забти Самарқанд аз ҷониби амир Худодод
1409 (4 май) – ба қатл расидани амир Худодод
1411 (4 ноябр) вафоти Халил султон дар Рай

**Савол ва супориш:**

1) Темурланг пас аз фавти Ҷаҳонгир киро валиаҳди худ таъйин намуд? 2) Мубориза и Шоҳрухро бо Халил султон барои тахти Самарқанд шарҳ диҳед. 3) Чаро Улуғбек аз мубориза бар зидди Халил султон даст кашид? 4) Пирмуҳаммад аз дасти кӣ кушта шуд? 5) Чаро амирони темурӣ қарор доданд, ки Халил султонро аз сари қудрат дур кунанд? 6) Кӣ Халил султонро аз ҳабс озод намуд? 7) Дар бораи ба тахти Самарқанд нишастани Улуғбек нақл кунед.

## § 13. КӮШИШҲОИ ШОҲРУХ БАРОИ БАРҚАРОРИИ ИМПЕРИЯИ ТЕМУРИЁН. МУБОРИЗАИ ФАРЗАНДОНИ ШОҲРУХ БАРОИ ҲОКИМИЯТ

**Ҳукмронии Шоҳрух дар Хуросон ва Улуғбек дар Мовароуннаҳр.** Шоҳрух баъд аз марги Халил султон ва ба дунболи он қатли султон Ҳусайн (набераи духтарии Темурланг) ва Пирмуҳаммад саҳнаи ҳукуматро барои худ холӣ дид ва ҷойнишини Темурланг гардида, аз Ҳирот ба ҳукмронӣ пардохта, ҳокимияти Мовароуннаҳрро ба Улуғбек чун вобастаи худ вогузор кард. Фарғона дар ин замон аслан дар зери итоати Самарқанд буд, вале ҳокими он Мирзо Мирак Аҳмад, писари Умаршайх, сиёсати мустақилро пеш гирифта, ба Улуғбек итоат намекард ва ба муқобили ӯ мубориза и ошкоро мебурд. Амири Кошғар Саид Алӣ дар ин мубориза Мирзо Мирак Аҳмадро ёрмандӣ мекард. Бинобар ин, Улуғбек ба Фарғона лашкар кашида, соли 1414 ин сарзаминро ба мулки худ ҳамроҳ намуд. Баъдтар ӯ Кошғарро ҳам зери тасарруфи худ даровард.

Улуғбек аз неруманд шудани ӯзбекони бодиянишин ва амирони муғул дар ташвиш афтода буд, зеро онҳо ба ӯ итоат намекардагӣ шуданд. Соли 1425 Улуғбек бо лашкари сершумор бар зидди амирони муғул ҳуҷум намуд. Дар ноҳияи Иссиққӯл ва наҳри Или амирони муғулро мағлуб карда, бо ғаниматҳои зиёд ба Самарқанд баргашт.

Пас аз чанде муносибати Улуғбек бо яке аз ашхоси наздикаш Буроқхон – пешвои ӯзбекони бодиянишин, ки дар соҳили дарёи Сир зиндагӣ мекарданд, бад гардид. Буроқхон мехост заминҳои дар поёноби дарёи Сир воқеъбударо соҳибӣ намояд.

Тобистони соли 1427 Улуғбек бар зидди Буроқхон лашкар кашид, вале дар он муҳориба шикаст хӯрд. Сипоҳиёни Буроқхон мамлакатро талаву тороҷ намуданд ва панҷ ҳазор нафар кӯчманчиёни ӯзбек ба вилояти Сиғноқ кӯчонида шуданд. Барои наҷот ва ёрии Улуғбек Шоҳрух бо лашкараш ба ин сарзамин омад ва ӯзбекони бодиянишин рӯ ба гурез ниҳоданд. Пас аз ин Улуғбек то вафоти падараш дигар ба ҳеҷ ҷой лашкар накашид.

Дар давраи салтанати Шоҳрух (1405–1447) давлати Темуриён гарчанде як қисми қаламрави худро аз даст дода бошад ҳам, то андозае иқтидори пешинаи худро нигоҳ медошт ва дар лаҳзаҳои зарурӣ метавонист бар зидди душмани худ мубориза кунад. Шоҳрух ҳокими давлати ягонаи Темуриён ба шумор мерафт ва амалан ҳукумати Темуриёнро дар саросари Эрон дубора барқарор намуда, қаламрави собиқи падарашро соҳиб гашт ва дар байни аҳли ин хонадон шахси аввал гардид.

**Аз дасти хонадони темурӣ хориҷ шудани фармонравои Ғарби Эрон. Ба ҳукумати Озарбойҷон, Гурҷистон, Қазвин соҳиб шудани Қароюсуфи туркман.** Дар давраи ҳукмронии Шоҳрух сулолаи туркмании Қароқуйюнлу (Сиёҳгӯспандиён) бо Темуриён ҳамеша дар ҷангу ҷидол буданд. Пешвои ин сулола Қароюсуф аз вазъияти дар давлати Темуриён бавуҷудомада истифода намуда, қисматҳои ғарбии империяро, ки Озарбойҷону Ироқи Арабро дар бар мегирифт, ба зери итоати худ даровард. Баъдтар қисмати бузурги Гурҷистон, Қазвин ва Табрез низ таҳти тасарруфи Қароюсуфи туркман қарор гирифтанд. Ба Шоҳрух лозим омад, ки барои барқарор намудани қаламрави аздастрафтаи давлати Темуриён бо авлодони Қароюсуф муборизаҳои шадид намояд.

Қароюсуф моҳи ноябри соли 1420 вафот кард. Шоҳрух соли 1429 дар Озарбойҷон бар зидди яке аз писарони Қароюсуф Қароискандар мубориза бурда, бар ӯ ғолиб омад ва Табрезро зери тасарруфи худ даровард. Сипас соли 1431 Қароискандар бори дигар Табрезро ишғол кард. Шоҳрух дар соли 1434 бори сеюм ба тарафи ғарби Эрон лашкар кашид. Ниҳоят, бо ризояти Шоҳрух идораи Озарбойҷон ва ҳукумати Табрез ба дасти яке аз намояндагони сулолаи туркманӣ, бародари Қароискандар, Ҷаҳоншоҳ супорида шуд.

**Барқароршавии дубораи ҳукумати Темуриён дар саросари Эрон ва эҳёи империяи Темуриён бо сардории Шоҳрух**. Бо вуҷуди ин ки империяи Темурланг дар замони ҳукумати Шоҳрух комилан ҳифз нашуд, аммо давлати ӯ дар муддати қариб 40 сол аз харҷу марҷе, ки баъди марги Темурланг интизори хатари он мерафт, дар амон монд. Дар замони ҳукмронии Шоҳрух ғояи идораи давлат бар асоси андешаҳои исломӣ бар усули давлатдории саҳронишинӣ афзалият пайдо намуд. Дар дарбори Шоҳрух дар Ҳирот хонҳои гумоштаи чингизӣ дигар вуҷуд

надоштанд. Дар ҳуҷҷатҳои расмӣ эълон шуда буд, ки ёсои чингизӣ, яъне қарору қонунҳои онҳо беэътибор дониста, тамоми масъалаҳои давлатдорӣ дар асоси шариати исломӣ татбиқ шаванд. Ёсо – маҷмӯи қонунҳои муғулиест, ки аз тарафи Чингиз мураттаб шуда, соли 1206 дар маҷлиси умумимуғулӣ, ки онро қурултой меномиданд, қабул гардида, соли 1218 ба он тағйирот дохил карда шуд. Таҳрири ниҳоии он соли 1225 анҷом ёфтааст.

Усули идоракунии хилофат дар замони салтанати Шоҳрух эҳё гардида буд. Аз пойтахти давлати Шоҳрух – Ҳирот ба ҳамаи ҳокимони мусулмон аз Ҳиндустон то ба Мисру Осиёи Хурд нома фиристода, талаб карданд, ки онҳо худро ҷойнишини Шоҳрух шуморида, номи ӯро дар хутбаҳо зикр кунанд ва ба исмаш сикка зананд.

Салтанати тӯлонии Шоҳрух дар назари аввал тасвири хуберо ба назар ҷилва медиҳад, зеро дар баъзе аз ноҳияҳои ин империя пешрафтҳои фарҳангӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ сурат гирифт. Аммо эътибори ин беҳбудӣ ва таҳаввулоти умедвор–кунанда ҳама аз они Шоҳрух набуд. Шоҳрух дар муқоиса бо сахтгирӣ ва ваҳшониятҳои падараш бо мулоимат рафтор мекард, аммо далелҳои қонеъкунанда вуҷуд надорад, ки баёнгари маҳорат ва чирадастии ӯ дар корҳои сиёсат ва давлатдорӣ бошад. Зеро дар дарбори Ҳирот шахсиятҳое вуҷуд доштанд, ки нисбат ба худи Шоҳрух аз нуфузи бештаре дар ҳукумат бархурдор буданд. Хусусан, ҳамсари Шоҳрух Гавҳаршод ҳамроҳ бо фарзандонаш ва иддае аз маъмурони давлатӣ, ки низоме дар корҳои давлатдорӣ ба вуҷуд оварда, боиси фароҳам сохтани вазъияти босубот дар империя гардиданд, аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб меравaнд. Аммо мақомҳо ва мансабҳои муҳимми давлатӣ ҳамоно ба касони белаёқат ва нотавон вогузор мешуд, ки муҳимтарин натиҷаи корашон пур кардани ҷайби худашон буд. Аз ин гуна шахсиятҳо, масалан, Ҷалолиддини Фирӯзшоҳро, ки муддати 35 сол фармондеҳи кулли қувваҳои мусаллаҳ, Ғиёсиддин Пиралиро, ки муддати 35 сол муншии олӣ ва амир Алайкай Кӯкалтошро, ки вазири молия ба муддати 43 сол буданд, метавон ном бурд. Дар замони салтанати Шоҳрух пешрафтҳои муҳиме дар ҳаёти фарҳангӣ, бахусус, дар бахши ҳунари наққошӣ, нигоргарӣ (минётура), хушнависӣ, меъморӣ, мусиқӣ, таърихнигорӣ, фиқҳ ва калом сурат гирифтанд. Вале бо ин ҳама марги Шоҳрух сабаби заволи империяи Темуриёнро, ки қудрати сиёсии неруманде дар Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик буд, фароҳам овард.

Шоҳрух тадриҷан фарзандони бародарони худро аз ҳокимият дур карда, қаламрави давлати Темуриёнро ба фарзандонаш тақсим намуд. Соли 1409 идораи ҳукумати Самарқандро ба писараш – Улуғбеки понздаҳсола супорида, худаш ба сӯйи Эрон лашкар кашид. Ӯ дар соли 1414 писари худ –

Иброҳим султонро ҳокими Шероз ва соли 1418 писари дигараш – Сиюрғотмишро ҳокими Кобул, Ғазнин ва Қандаҳор таъйин намуд. Писари дигари ӯ Бойсунғур бошад, дар Ҳирот вазифаи вазириро иҷро мекард.

Соли 1442 Шоҳрух қаламрави зиёдеро аз мамлакати худ бо шаҳрҳои Султония, Рай, Қазвин ва Ҳамадон ба ихтиёри наберааш султон Муҳаммад, писари Бойсунғур супорид. Ҳангоме ки султон Муҳаммад ба сарзамини муқарраргаштааш расид, нахост, ки ӯ чун волии тобеи Шоҳрух ба ҳисоб равад. Султон Муҳаммад бо мақсади васеъ намудани қаламрави худ ва инчунин, ба даст овардани даромади бештар хост, ки шаҳрҳои ғарбии Эрон – Исфаҳон ва Шерозро забт намояд. Сабаби асосии забти ин шаҳрҳо аз он иборат буд, ки даромади аз қаламрави худ гирифтааш ҳатто барои харҷи корҳои дарбор кифоят намекард. Илова бар ин, дар Эрон овозаи беморӣ ва фавти эҳтимолии Шоҳрух паҳн гашта буд ва ба ақидаи аксарият имконияти ба сари қудрат омадани султон Муҳаммад нисбат ба дигар намояндагони хонадони темурӣ бештар буд. Соли 1446 Шоҳрух бар зидди султон Муҳаммад лашкар кашида, ӯро торумор кард. Бо ин шикаст султон Муҳаммад натавонист барномаи ба қаламрави худ ҳамроҳ кардани шаҳрҳои ғарбии Эронро амалӣ намояд.

**Кӯчидани пойтахти Темуриён ба Ҳирот.** Шоҳрух ошкоро алоқамандӣ ва дилбастагӣ ба шаҳри Ҳирот мекард ва аз омадан ба Самарқанд, ки як замон пойтахти давлати Темурланг буд, худдорӣ менамуд. Шоҳрух то замони марги худ, ки дар соли 1447 фаро расид, аз шаҳри Ҳирот бар сартосари империяи Темурланг ҳукумат ронд.

Соли 1452 Ҳирот дар зери тасарруфи набераи Шоҳрух – Абулқосим Бобур буд. Абулқосим Бобур баҳори соли 1454 аз Ҳирот ба Мовароуннаҳр лашкар кашид ва Самарқандро муҳосира намуд. Абӯсаид – яке аз наберагони Мироншоҳ, ки бо Абулқосим Бобур муносибати душманона дошт, бо ёрии Убайдуллоҳи Аҳрори нақшбандӣ тавонист, ки шаҳрро дифоъ намояд. Пас онҳо аҳдномаи сулҳ баста, дарёи Омуро ҳамчун марзи тарафайн эътироф намуданд, ки он то марги Абулқосим Бобур эътибор дошт. Абулқосим Бобур соли 1457 дар Машҳад вафот кард. Дар ин муддат ба ҳеҷ кадоме муяссар нагардид, ки ҳудуди мавҷударо тағйир диҳад.

Баъд аз он вазъият дигаргун шуд. Иброҳим ибни Алоуддавла, фарзанди ёздаҳсола ва ҷонишини Абулқосим Бобурро пас аз чанд ҳафтаи фавти падараш аз Ҳирот ронд. На дар Хуросон ва на дар Ҳирот касе пайдо нашуд, ки ҳокимиятро ба даст гирад. Абӯсаид аз фурсати муносиб истифода бурда, соли 1457 Хуросонро ба даст овард ва онро бо Мовароуннаҳр пайваст намуда, Ҳиротро пойтахти худ интихоб кард.

## Сарчашма:

Маълумоти Хондамир дар бораи аз тарафи Буроқхон шикаст хӯрдани Улуғбек: «Буроқ уғлон, ки аз набоири (набераҳои) Урусхон буд… дар авоили санаи 830 ҳ.қ (1426-27) ба ҳудуди Сиғноқ даромада, қосиде назди мирзо Улуғбек ирсол намуд ва пайғом фармуд, ки дар ин айём, ба ҳиммати худдоми (ходимони) олимақом аз забти улуси Ҷӯчихон фароғат ёфтам, ба инояти беғояти шаҳриёрӣ мустаҳзар буда ба ин ҳудуд шитофтам.Ҷаноби Улуғбекӣ чун шунида буд, ки Буроқ уғлон мегуфта, ки алафи хивори Сиғноқ шаръан ва урфан (аз рӯйи шариат ва таомул) тааллуқ ба ман медорад. Элчии ӯро мувофиқи муддао ҷавоб надод ва муқорини он ҳол Арслонхоҷа тархон, ки ҳокими он сарҳад буд, арзадошт намуд, ки навкарони Буроқ дар ин вилоят харобии бисёр мекунанд ва худро соҳибихтиёри мутлақ тасаввур карда, лофи салтанат мезананд. Бинобар он, Мирзо Улуғбеки Курагон яроқи ҷанги Буроқ фармуда, ҷиҳати истиҷоза (иҷозат хостан) қосиде ба доруссалтанаи Ҳирот фиристод. Ҳазрати хоқонӣ аз низоъ ва хусумат, ки муҷиби вайронист, манъ намуд, аммо лашкаре муқаррар фармуд, ки дар зилли рояти (сояи байрақи) Мирзо Муҳаммади Ҷӯкӣ мутаваҷҷеҳи Мовароуннаҳр карданд ва шоҳзода дар ҳафдаҳуми рабеъулохир аз Ҳирот мутаваҷҷеҳи Самарқанд гашт. Ва қабл аз вусули ӯ Мирзо Улуғбек ба тарафи Сиғноқ наҳзат кард (равон шуд) ва Мирзо Муҳаммади Ҷӯкӣ аз суръати он азимат хабар ёфт ва бешоиба (беосеб) таваққуф аз ақиби бародари олигуҳар дар ҳаракат омада, худро ба вай расонид. Ва шоҳзодагон ҳаминони якдигар тайи масофат намуда, ба ғурури ҳарчи тамомтар азми размй (ҷанги) Буроқ ҷазм карданд (яъне ба қарори қатъӣ омаданд) ва ӯ низ ба қадами муқобала ва муқотила пеш омада. Чун ҳар ду лашкар дар баробари ҳам сафи қиттол биёростанд, Буроқ тамоми иттибоъ (пайравони) худро дар қавл муҷтамеъ сохт (ҷамъ намуд) ва ба якбор бар сипоҳи Мовароуннаҳр тохт ва амвоҷи дарёи пайкор (муҳориба) дар талотум омада, киштии ҳаёти ҷамъе касир (зиёд) аз мардони корӣ ғарқи гирдоби фано гашт ва хун чун рӯди Ҷайҳун дар фазои дашту ҳомун (водӣ) равон шуд».

**Хондамир. Таърихи ҳабиб-ус-сияр. Бо муқаддимаи Ҷалолиддин Ҳумоӣ. Теҳрон, 1380 ҳ.қ. саҳ. 614 – 615.**

## Санаҳои муҳим:

1414 – ба тасарруфи Улуғбек даромадани Фарғона
1414 – ҳокими Шероз таъйин шудани Иброҳим султон
1418–ҳокими Кобул, Ғазнин ва Қандаҳор таъйин шудани Сиюрғотмиш
1420 (ноябр) – вафоти Қароюсуф
1425 – бар зидди амирони муғул ҳуҷум намудани Улуғбек
1427 – ба шикаст дучор гардидани Улуғбек аз тарафи Буроқхон
1429 – фатҳи Табрез аз тарафи Қароюсуф
1431 – дубора Табрезро ба даст даровардани Қароискандар
1442 – ба ихтиёри султон Муҳаммад супоридани шаҳрҳои Султония, Рай, Қазвин ва Ҳамадон
1446 – аз тарафи Шоҳрух торумор намудани султон Муҳаммад
1447 (14 март) – вафот кардани Шоҳрух дар Рай

1452 – Ҳиротро забт намудани Абулқосим Бобур
1457 – вафот кардани Абулқосим Бобур дар Машҳад
1457 – ба Хуросон соҳиб шудани Абӯсаид

**Савол ва супориш:**

1) Улуғбек кай Фарғонаро ба мулки худ ҳамроҳ намуд? 2) Дар бораи муборизаи Улуғбек бо Буроқхон маълумот диҳед. 3) Қароюсуф кӣ буд? 4) Дар бораи зудухӯрди Шоҳрух бо Қароискандар нақл кунед. 5) Шоҳрух қаламрави давлати худро дар байни фарзандонаш чӣ гуна тақсим кард? 6) Чаро Шоҳрух бар зидди наберааш султон Муҳаммад лашкар кашид? 7) Дар бораи кӯчидани давлати Темуриён ба Ҳирот маълумот диҳед. 8) § 11-ро такрор намоед.

## § 14. ВАЗЪИ ДАВЛАТИ ТЕМУРИЁН БАЪД АЗ ВАФОТИ ШОҲРУХ ВА ЗАВОЛИ ОН

**Аз нав шиддат ёфтани муборизаи хоначангӣ байни намояндагони хонадони Темуриён баъди марги Шоҳрух.** Шоҳрух пеш аз марг барои таъйини ҷойнишини худ васияте накард, аммо маълум буд, ки вай мехост писараш Муҳаммад Ҷукӣ, ки ҳокими Балх ва он замон чилсола буд, соҳиби тоҷу тахти оянда бошад. Аммо Муҳаммад Ҷукӣ се сол пеш аз марги падараш дар соли 1444 вафот кард. Бинобар ин, аз миёни чор фарзанди Шоҳрух фақат Улуғбек ба ҳангоми марги падараш дар қайди ҳаёт буд ва чун довталаби асосии ворисӣ тахт ба ҳисоб мерафт.

Шоҳрух 12 марти соли 1447 аз олам даргузашт. Пас аз вафоти Шоҳрух дар Мовароуннаҳру Хуросон бесарусомониҳо оғоз гардид. Марги Шоҳрух он чиро, ки баъд аз марги Темурланг рух дод, такрор кард. Бори дигар ин ҷо маълум шуд, ки шахсияти барҷаста ва қудратманде, ки битавонад дар баробари намояндагони зиёди қудраттталаби хонадони темурӣ пешниҳод шавад, вуҷуд надошт. Ҳамсари Шоҳрух–Гавҳаршод (модари Улуғбек), ки дар идоракунии давлат мавқеи муҳим дошт, мехост ба ҷойи Шоҳрух писари Бойсунғур–Алоуддавларо шинонад. Ӯ ин корро ошкоро карда наметавонист, зеро мувофиқи қонуни мавҷуда ин мансаб ба писари дар қайди ҳаётбудаи Шоҳрух–Улуғбек бояд мерасид. Бо мақсади сар назадани мунокиша ва задухӯрд бо Улуғбек, бо дастури Гавҳаршод писари калонии Улуғбек–Абдулатиф сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ таъйин гардид, лекин ин тадбирҳо пеши задухӯрди байни онҳоро гирифта натавонист. Писарони Бойсунғур–Алоуддавла ва Абулқосим Бобур бар зидди Улуғбек лашкар кашиданд. Алоуддавла ноҳияҳои Машҳад ва Абулқосим Мозандаронро забт намуданд.

Алоуддавла соли 1447 дар Нишопур лашкари Абдулатифро шикаст дода, ӯро асир гирифт ва дар қалъаи Ихтиёриддини Ҳирот зиндонӣ намуд. Улуғбек бо мақсади аз зиндон раҳоӣ намудани писараш бо Алоуддавла гуфтушунид анҷом дода, бастани сулҳро пешниҳод кард. Аммо Абулқосим на ба бародараш Алоуддавла итоат мекард ва на ба Улуғбек. Ӯ мехост, ки ба Ҳирот ва ё ба қисме аз қаламрави давлати Темуриён соҳиб шавад. Вазъияте ба амал омада буд, ки барои ҳар ду рақиб – ҳам барои Алоуддавла ва ҳам барои Улуғбек муваққатан бастани аҳдномаи сулҳ ба манфиати кор буд. Аз ин рӯ, онҳо аҳдномаи сулҳ бастанд. Мувофиқи ин аҳднома бояд Абдулатиф аз ҳабс озод шуда, ба назди падараш ба Самарқанд бармегашт, Улуғбек бошад, аз даъвои гирифтани Ҳироту Хуросон даст мекашид.

**Ҳуҷуми Улуғбек ба Ҳирот. Ихтилофи Улуғбек бо Абдулатиф ва шикасти ӯ.** Баҳори соли 1448 Улуғбек ва Абдулатиф бо баҳонаи риоя нагардидани қисме аз бандҳои аҳдномаи сулҳ ба муқобили Алоуддавла лашкар кашиданд. Дар назди Тарноб, ки дар масофаи 14 фарсах аз Ҳирот воқеъ буд, лашкари Алоуддавла шикаст хӯрд ва Улуғбек бо ҳамроҳии Абдулатиф вориди Ҳирот шуданд. Баъди ба Ҳирот омадани онҳо дар байни Улуғбек ва писараш Абдулатиф, ки даъвои ба даст гирифтани салтанатро дошт, мухолифатҳо ба амал омаданд.

Ҳангоми лашкаркашӣ ба Ҳирот Улуғбек тарафи чапи лашкарро ба Абдулатиф вогузор кард. Дар ин муҳориба ӯ аз худ шоистагӣ нишон дод ва ба ғалабаи Улуғбек ёрӣ дод. Аммо Улуғбек дастур дод баъд аз ғалаба фатҳномаро аз номи писари дигараш Абдулазиз, ки дар Самарқанд буд ва дар ин ҷанг ширкат надошт, бинависанд. Ин боиси ранҷидахотирии Абдулатиф гардид. Замони ҳукмронии Шоҳрух қалъаи Ихтиёриддин чун моли меросӣ ба Абдулатиф мансуб буд ва дар ин ҷо Абдулатиф ҳама гуна ганҷҳои худро, мисли зарфҳои гуногуни тиллоӣ ва нуқрагӣ, инчунин, пулҳои нақдро ҳифз мекард. Ҳангоми лашкаркашӣ ба Ҳирот Абдулатиф дубора ин қалъаро гирифт, аммо Улуғбек ба ӯ иҷозат надод, ки ба чизҳои худ соҳиб шавад. Ин кор Абдулатифро дубора ранҷонид. Абдулатиф барои ба даст даровардани ҳокимият фурсати муносибро меҷуст.

Улуғбек баъд аз гирифтани Ҳирот Абдулатифро дар Ҳирот ҳамчун волӣ таъйин намуда, худаш ба Самарқанд бозгашт. Улуғбек ҳангоми баргашт аз Ҳирот ба Самарқанд боқимондаҳои ҷасади падарашро бо худ бурд ва дар назди қабри Темурланг ба хок супорид.

Улуғбек дар фикри ин буд, ки бори дигар Самарқандро пойтахти Темуриён созад ва Хуросонро яке аз бахшҳои муҳимми империя қарор диҳад.

Ҳангоми дар Ҳирот будани Улуғбек ӯзбекони бодиянишини Дашти Қипчоқ ба Самарқанд ҳуҷум карда, шаҳрро ғорат намуданд ва ба муҳосира гирифтанд. Улуғбек аз ин огоҳ шуда, ба Мовароуннаҳр баргашт. Дар роҳ лашкари ӯ бо дастаҳои ӯзбекони бодиянишин рӯбарӯ гардида, талафоти зиёд дод. Қисме аз лашкараш ба дасти ӯзбекони бодиянишин асир афтоданд. Абулқосим Бобур низ бар зидди ӯ лашкар ҷамъ намуда буд. Ин боиси заиф гаштани нуфузи Улуғбек ва сабаби норозигии мардум гардид.

Абдулатиф аз вазъияте, ки ба сари Улуғбек дар Самарқанд омада буд, истифода карда, бар зидди падараш исён намуд. Ӯ андозеро, ки бояд ба Самарқанд мефиристод, ба мардум тақсим намуда, шумораи тарафдорони худро зиёд кард. Ҳамчунин андозеро, ки бо номи «тамға» Улуғбек аз тиҷорат маҷбурӣ ҷорӣ карда буд, Абдулатиф хилофи шариати исломӣ дониста, дар Балх ҷамъ кардани онро манъ намуд. Улуғбек барои ҳифзи ягонагии давлат писари дигараш–Абдулазизро волии Самарқанд таъйин намуд ва худаш ба муқобили Абдулатиф лашкар кашид. Дар ин ҳангом Абӯсаид (набераи Мироншоҳ) аз урдуи шоҳ фирор карда, дар Самарқанд Абдулазизро ба муҳосира гирифт.

Улуғбек, ки дар соҳили рӯди Ому бар зидди Абдулатиф омодагии ҷангӣ мегирифт, аз воқеаҳои дар Самарқанд бавуҷудомада хабардор гардид. Ӯ аз хавфи аз даст додани пойтахт ҷанг бо Абдулатифро мавқуф гузошта, ба Самарқанд баргашт. Абдулатиф аз ин амали ӯ далертар шуда, дарҳол аз дарёи Ому убур намуд ва Тирмизро ишғол карда, ба сӯйи Самарқанд раҳсипор гардид. Абӯсаид аз ҳаракати Улуғбек ба сӯйи Самарқанд огоҳ шуда, аз муҳосира даст кашида, фирор намуд. Лашкарҳои Улуғбек ва Абдулатиф дар наздикии Самарқанд, дар деҳаи Димишқ, бо ҳам дучор гардиданд. Улуғбек дар ин муҳориба нотавонии лашкари худро эҳсос карда, ба тарафи Самарқанд рафт, вале муҳофизи қалъаи Самарқанд Мироншоҳ дарвозаи шаҳрро ба ӯ накушод. Улуғбек ночор ба қалъаи Шоҳрухия шитофт. Муҳофизи он қалъа Иброҳим Пӯлод низ мисли Мироншоҳ барои ба шаҳр ворид гаштани ӯ иҷозат надод. Сабаби асосии норизогии аҳолии Самарқанд аз Улуғбек дар он буд, ки ӯ ихтиёри ҳукумати Самарқандро ба дӯши Абдулазиз гузошта буд. Абдулазиз бошад, ба мардум ҷабру ситам намуда, ба муқобили хонаводаҳои амирони дар лашкари Улуғбек буда, амалиёти номуносибро пеш гирифт. Ин кори ношоистаи ӯ мардумро ба дод оварда, боиси норизоятии онҳо гардид.

**Қатли Улуғбек аз ҷониби писараш Абдулатиф.** Абдулатиф аз фурсати муносиб истифода бурда, ба Самарқанд ворид шуд. Улуғбек ночор ба назди писараш рафта, худро таслим намуд. Абдулатиф мардеро бо номи Аббос, ки ба дастури Улуғбек падараш бегуноҳ кушта шуда буд, пайдо намуда, пинҳонӣ амр кард, ки Улуғбекро ба қатл расонад. Имомони Самарқанд низ фатвои гирифтани хунбаҳои падарашро аз Улуғбек ба Аббос дода буданд. Абдулатиф Улуғбекро бо баҳонаи адои ҳаҷ бо ҳамроҳии амир Ҳоҷӣ Муҳаммади Хусрав аз Самарқанд гусел намуд. 27 октябри соли 1449 Аббос сари Улуғбекро бо шамшер аз тан ҷудо кард.

Салтанати Улуғбек пас аз як ҳукмронии кӯтоҳмуддати дусола, ки иборат аз нокомиҳо ва иштибоҳҳои сиёсию низомӣ буд, хотима ёфт. Улуғбек бар хилофи падараш Шоҳрух, ки суннатҳои исломиро сахт риоя мекард, ба монанди бобояш ба анъанаҳои муғулӣ дар корҳои дарбор ва лашкар арзиш мегузошт ва ҳатто худро мисли Темурланг «Курагон» лақаб дода буд. Улуғбек на ба шахсияти падараш, балки ба бобояш Темурланг бештар таваҷҷуҳ дошт ва мехост мисли ӯ давлатдорӣ кунад. Хусусиятҳои шахсияти ӯ баёнгари як шоҳзодаи муғул буд, ки барои ӯ қонунҳои ёсои муғулӣ бартар аз шариати исломӣ буданд. Бинобар ин сабаб Шоҳрух писари калонии худ – Улуғбекро лоиқи тахти салтанат надониста, писари хурдии худ, Муҳаммад Ҷукиро ҷойгузини худ дар тахти салтанат меҳисобид.

Новобаста ба эътирози рӯҳониён Улуғбек дар Самарқанд ҳамеша маҷлисҳои айшу нӯш созмон медод. Ӯ андозеро бо номи «тамға», ки муғулӣ буд ва ба шариати исломӣ мухолифат дошт, аз корҳои бозаргонӣ ва тиҷорат маҷбурӣ меситонид.

Он чи дар таърихҳои гузашта дар бораи Улуғбек омадааст, ба ҳеҷ ваҷҳ тасвири воқеии шахсияти ӯ нест. Воқеаҳо ва нооромиҳои баъд аз марги Шоҳрух баамаломада собит намуданд, ки Улуғбек на танҳо сипаҳсолори шоиста набудааст, балки лаёқати давлатдорӣ низ надоштааст. Ӯ натавонист сарзамини густурдаеро, ки бобо ва падараш ба зери ҳокимияти худ оварда буданд, ҳифз кунад ва бо ин исбот кард, ки аз номуваффақтарин амирони хонадони темурӣ ба ҳисоб меравад. Симои Улуғбек дар таърихнигории замони шӯравӣ беш аз ҳад чун олими маъруф ва ҳомии илму ҳунар тасвир ёфтааст. Ин сабаби худро дошт, зеро Улуғбек чун мухолифи сарсахти рӯҳониёни мусулмон барои сохти шӯравӣ дар таблиғ бар зидди дини ислом ва рӯҳониён шахсияти муносибе ба шумор мерафт.

Баъд аз марги Улуғбек ҷангҳои байнихонаводагии Темуриён шиддат гирифтанд. Илова бар ин, дар қаламрави мамлакат қаҳтӣ ба вуҷуд омад ва нархи ғаллаву хӯроквориӣ гарон гардид. Мардум аз ҳукмронии Абдулатиф норизо буданд.

Барои он ки дигар касе даъвогари тахти салтанат набошад, Абдулатиф бародари худ Абдулазизро ҳам нобуд сохт ва соҳиби

тахти Темуриён гардид. Бадбинии аҳолӣ ва мансабдорони Самарқанд нисбат ба қотили падар ва бародар боз ҳам афзуд. Туркони мансабдори дарборӣ бар зидди Абдулатиф сӯйқасд ташкил намуданд ва баъд аз шаш моҳи ҳукмрониаш, 8 майи соли 1450 дар наздикии Боғи Нави Самарқанд ӯ ба қатл расонида шуд.

Бо ташаббуси онҳое, ки Абдулатифро қатл намуданд, ҳукумати Темуриён ба писари Иброҳим султон – Абдуллоҳ, набераи Шоҳрух, супорида шуд. Ӯ аз рӯзҳои аввали салтанати худ барои дубора ба маркази сиёсию фарҳангӣ табдил додани Мовароуннаҳр ва маркази он Самарқанд кӯшиши зиёд ба харҷ дод, вале онҳое, ки Улуғбекро ба қатл расонида буданд, барои аз сари қудрат дур кардани Абдуллоҳ ва ба даст овардани ҳокимият дар Мовароуннаҳр мубориза оғоз карданд. Барои ҳокимият миёни Темуриён боз мубориза шиддат ёфт. Намунаи ин мубориза ҳо ин буд, ки султон Муҳаммад ибни Бойсунғур моҳи марти соли 1450 дар яке аз задухӯрдҳои назди Машҳад ба набераи Шоҳрух – Абулқосим Бобур ғолиб омада, баъзе аз қаламрави дар тобеи ӯ бударо соҳиб гашт. Дере нагузашта Абулқосим Бобур ӯро дастгир карда, зиндонӣ намуд ва ба қатл расонд.

Яке аз намояндагони хонадони темурӣ–Абӯсаид (набераи Мироншоҳ), ки дар замони марги Улуғбек дар зиндон буд, аз асорат раҳоӣ ёфта, даъвои подшоҳӣ кард. Ӯ хост, ки бо ёрии рӯҳониёни соҳибэътибор ва ӯзбекони бодиянишин ҳокимиятро дар Мовароуннаҳр соҳиб шавад. Бо ин мақсад ӯ барои ёрӣ гирифтан ба хони бодиянишини ӯзбек Абулхайрхон мурожиат намуд. Абулхайрхон медонист, ки дар ҳолати ғалаба бар Абдуллоҳ соҳиби ғанимати зиёд мешавад, аз ин рӯ, хоҳиши Абӯсаидро рад накард.

Тобистони соли 1451 дар маҳалли Шерози наздикии Самарқанд байни Абӯсаид ва Абдуллоҳ задухӯрди шадид ба амал омад. Дар ин муҳориба лашкари Абдуллоҳ шикаст хӯрд ва худи ӯ ба қатл расид. Ҳамин тариқ, соли 1451 бо дастгирии рӯҳониён ва ёрии лашкари ӯзбекони бодиянишини Дашти Қипчоқ бо роҳбарии Абулхайрхон ҳокимият дар Мовароуннаҳр ба дасти Абӯсаид гузашта, бо ин салтанати авлоди Мироншоҳ дар Мовароуннаҳр дубора оғоз гардид. Абӯсаид тавонист ҳукумати худро муддати тӯлонӣ, яъне то моҳи феврали соли 1469 ҳифз намуда, дар ин қаламрав субот ва оромии нисбиро барқарор кунад.

Дар давраи ҳукмронии Абӯсаид ҳамаи вилоятҳои ғарбии Эрон аз Озарбойҷон то соҳилҳои укёнуси Ҳинд аз зери тасарруфи Темуриён баромада буданд. Абӯсаид хост, ки ҳокимияти давлати Темуриёнро дар ғарби Эрон дубора барқарор намояд. Бо ин мақсад ӯ ба сӯйи Табрез лашкар кашид. Дар муҳорибаи шадиде, ки 5 феврали соли 1469 ба вуқӯъ

пайваст, ӯ шикаст хӯрда, асир афтод. Абӯсаидро ба Муҳаммад Ёдгор, набераи Шоҳрух, супориданд. Муҳаммад Ёдгор ба хотири ҳамсари Шоҳрух Гавҳаршод, ки 12 сол пеш бо фармони Абӯсаид дар Ҳирот ба қатл расида буд, ӯро шиканҷа дода, қатл кард. Ҳамин тавр, бо марги Абӯсаид ғарби Хуросон ва саросари Эрон аз империяи Темуриён ҷудо шуда, қисмати ғарбии Эрон бошад, дар зери тобеияти сулолаи Оққуйюнлу боқӣ монд.

**Таназзули давлати Темуриён ва аз байн рафтани он тавассути ӯзбекони Дашти Қипчоқ.** Баъд аз марги Абӯсаид муборизаи байниҳамдигарии хонадони Темуриён аз нав шиддат гирифт. Дар ин айём дар қаламраве, ки Шоҳрух замоне дар он чун ҳокими ягона ҳукмфармоӣ мекард, чанд давлате аз мустақилияти худ дарак доданд: туркманон бо маркази Табрез, Темуриёни Мовароуннаҳр бо маркази Самарқанд ва Темуриёни Хуросон бо маркази Ҳирот.

Дар минтақае, ки зери тасарруфи туркманон буд, Узун Ҳасан (то соли 1478), писари ӯ Яъқуб (солҳои 1478 – 1490) ва пас ҷонишинҳои Яъқуб дар он ҳукмронӣ намуданд.

Дар натиҷаи муборизаи тезутунди байнихудӣ султон Ҳусайн Бойқаро, аз авлоди Умаршайх, соли 1469 дар Ҳирот ҳокимиятро ба даст гирифт ва то соли 1506 дар он ҷо ҳукмронӣ намуд. Дар Самарқанд соли 1469 ҳокимият ба дасти писари Абӯсаид – султон Аҳмад гузашт. Вай то соли 1494 ҳукмфармоӣ кард.

Ҳангоми ҳукмронии ин ҳокимон Мовароуннаҳр ва Хуросон муддати зиёде ҳамчун давлатҳои мустақил амал мекарданд. Империяи бузурги таъсисдодаи Темурланг ҳамчун давлати ягона мавҷудияти худро аз даст дод. Илова бар он, муборизаҳои байнихудӣ барои ҳокимият авҷ гирифт. Ин боиси нотавон гардидани иқтидори давлати Темуриён гардид. Қабилаҳои бодиянишини Дашти Қипчоқ аз вазъияти муносиб истифода бурда, бо сардории Шайбонихон давлати Темуриёнро ба итоати худ даровcovered. Сабаби асосии таназзули давлати Темуриён буҳрони сиёсии умумидавлатӣ буд, ки дар натиҷаи он сиёсати марказгурезӣ авҷ гирифта, ҳокимони ҳар вилоят хостанд ба мустақилият расанд. Аммо ин истиқлол пояҳои давлатдории Темуриёнро заиф намуда, сабаби таназзули он гардид.

**Сарчашма:**

Абдурраззоқи Самарқандӣ дар бораи ғорату тороҷи вилояти Ҳирот аз ҷониби Улуғбек менависад: «Мирзо Улуғбек…ҳукм фармуд, ки беруни шаҳри Ҳиротро ғорат кунанд ва гурӯҳи анбӯҳ, ки фитнаю фасод ангехта буданд ва хунҳои мусулмонон ба ноҳақ рехта ба қатл оварданд ва се шабонарӯз ғорати он карданд… Ҳар киро ёфтанд, асири банди каманду гирифтори қайди газанд сохтанд. Наргисвор ҳама чашм ба зар доштанд ва симро қурратулъайн мепиндоштанд… Қандилҳои масоҷид мешикастанд ва имомон меовехтанд ва обрӯйи азизон бар хоки хорӣ мерехтанд… ва ҳамаро чун сир пӯст боз карданд ва аз либоси тубарту

(дарун ба дарун) чун пиёз бениёз сохтанд…Қазияи ғорати беруни Ҳирот дар авохири моҳи рамазон воқеъ шуд ва баъд аз се рӯз акобири шаҳр шафоат карданд ва Мирзо Улуғбек ҳукм фармуд, ки лашкар даст аз ғорат боздоштанд ва мусулмононро дар хонаҳои холӣ гузоштанд ва дар он айём сармо қавӣ буд ва иди сиём қариб…»

**Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн. Ҷ.2, дафтари 2, Теҳрон, 1383 ҳ.ш., саҳ. 660 – 662.**

Хондамир дар бораи Ҳиротро забт кардани султон Абӯсаид менависад: «Султон Абӯсаид аз бидояти (оғози) ҷулус бар тахти Самарқанд…нақши тасхири (забти) мамлакати Хуросон ва соири мамолики Эрон бар лавҳи хотир…менигошт ва баъд аз шунидани хабари фавти мирзо Абулқосим Бобур он доияи (хоҳиши) самт издиёд пазируфт. Дар он асно ҳокими Балх амир Шайх Ҳоҷӣ қосиде ба даргоҳи он подшоҳ фиристод ва арзадошт кард, ки арсаи Хуросон аз вуҷуди султони нофизфармон холист, агар … бад-ин ҷониб наҳзат фармояд, сурати нусрат дар ойинаи мурод чеҳра хоҳад гушуд ва банда камари хидмат дар миён баста, дар мулозамат хоҳад буд. Лоҷарам (бешубҳа) султон Саид бо сипоҳе…аз оби Омуя убур кард ва ба суръати барқу бод рӯйи таваҷҷуҳ ба доруссалтанаи Ҳирот овард…»

**Хондамир. Таърихи ҳабиб-ус-сияр, ч. 4, Теҳрон, 1380 ҳ.ш., саҳ. 67.**

## Санаҳои муҳим:

1447 – аз тарафи Алоуддавла зиндонӣ шудани Абдулатиф
1448–лашкаркашии Улуғбек ва Абдулатиф ба муқобили Алоуддавла
1449 (27 октябр) – бо фармони Абдулатиф ба қатл расонидани Улуғбек
1450 (8 май) – қатли Абдулатиф
1450 – қатли султон Муҳаммад ибни Бойсунғур
1451 – ба қатл расидани Абдуллоҳ
1451 – ба дасти Абӯсаид гузаштани ҳокимият дар Самарқанд
1469 – ҳалок гардидани Абӯсаид
1469 – дар Ҳирот ҳокимиятро ба даст гирифтани Ҳусайн Бойқаро
1469 – соҳиби тахти Самарқанд гардидани султон Аҳмад

## Савол ва супориш:

1) Пас аз марги Шоҳрух Гавҳаршод киро мехост ба тахт шинонад? 2) Дар бораи муборизаҳои Улуғбеку Абдулатиф бо фарзандони Бойсунғур – Алоуддавла ва Абулқосим Бобур маълумот диҳед. 3) Сабаби зиддияти Улуғбек бо Абдулатиф чӣ буд? 4) Дар бораи ҷараёни муборизаи Улуғбек бо Абдулатиф нақл кунед. 5) Пас аз марги Абдулатиф кӣ ба тахти Самарқанд соҳиб шуд? 6) Абӯсаид бо дастгирии кӣ дар Мовароуннаҳр ба сари ҳокимият омад? 7) Дар бораи муборизаи Абӯсаид бо Абулқосим Бобур барои тахт маълумот диҳед. 8) Сабаби таназзули давлати Темуриёнро шарҳ диҳед. 9) § 12-ро такрор кунед.

# МАВЗӮИ VI
# ВАЗЪИ ФАРҲАНГИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР АСРИ XV

## § 15. ОСОРИ ҲУНАРИ МЕЪМОРӢ ВА РУШДИ ОН

**Бинокорӣ ва меъморӣ.** Дар ин давра бинокорӣ ва меъморӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Тараққиёти бинокорӣ, хусусан, дар Самарқанд ва Ҳирот ба авҷи худ расида буд. Дар бисёр шаҳрҳои дигар аз қабили Балх, Астаробод, Марв, Андиҷон ва ғайра низ кӯшиш мекарданд, ки дар масъалаи бинокорию меъморӣ аз шаҳрҳои бузург қафо намонанд. Аз ин рӯ, дар аксари шаҳрҳои мамлакат иморатҳои зебову қасрҳои муҳташам сохта мешуданд.

Аз қасрҳои сершумори онвақтаи Мовароуннаҳр танҳо як қисми пештоқи Оқсарои Шаҳрисабз, ки бо амри Темурланг бино ёфта буд, маҳфуз мондааст. Темурланг, авлоди ӯ ва дарбориёнаш ба сохтани боғҳои беруназшаҳрӣ, ки дорои қасрҳои зебо буданд, таваҷҷуҳ доштанд. Дар гирду атрофи Самарқанд боғҳое, ки дар онҳо қасрҳо бино карданд, бо номи Боғи Чинор, Боғи Дилкушо, Боғи Биҳишт, Боғи Баланд ва мисли онҳо шуҳрат ёфтанд. Дар Ҳирот бошад, биноҳои дуошёна бо тирезаҳои шишадор пайдо гардиданд.

Дар бораи осори меъмории ин замон сарчашмаҳои хаттӣ маълумоти зиёд медиҳанд. Дар он давра сохтмони ин навъ биноҳо ба миқёси васеъ анҷом меёфт. Масалан, бо фармоиши Темурланг дар яке аз хиёбонҳои Самарқанд бозори болопӯшидаи гунбаздор сохта шуд, ки он ба бозори ободу зебо табдил ёфт. Шоҳрух ҳам дар Ҳирот чунин бозори болопӯшида сохт. Дар ду тарафи хиёбони чорсӯ, ки ин бозор дар он ҷо воқеъ гардида буд, биноҳои дутабақа сохта шуда, болои хиёбонро саросар гунбазҳои панҷарадор пӯшонда буданд. Аз сохтмони мадраса, масҷид ва мақбараҳои то замони мо расида дар бораи комёбиҳои муҳандисӣ, лоиҳакашию биносозӣ ва ороишии меъморони он давра маълумот ба даст овардан мумкин аст.

**Усули нави сохтани бомҳои гунбазӣ.** Аввалҳо дар сохтани бомҳои гунбазӣ аз усули дар гузашта маъмул истифода бурда мешуд, аммо баъдтар усули нави ин навъи гунбазсозӣ ба вуҷуд омад. Асли моҳияти усули нав аз он иборат буд, ки акнун гунбаз на бар деворҳои бино, балки ба равоқ ва дигар қисмҳои бино устувор карда мешуд, ки ин ба хеле кам шудани қутри гунбаз имкон медод. Истифодаи усули нав барои гунбазпӯш кардани биноҳои калону васеъ ҳам имконият медод. Илова бар он, бо ин усули нави гунбазсозӣ на фақат дар биноҳои мураббаъ, балки дар биноҳои дарозрӯя ҳам имкони гунбаз ниҳодан фароҳам меомад.

**Истифодаи усул ва василаҳои ороишии гуногун дар сохтани ёдгориҳои меъморӣ.** Меъморон ва бинокорон кӯшиш мекарданд, ки биноҳои боҳашмат сохта, онҳоро бо рангҳои гуногун ороиш диҳанд. Барои амалӣ намудани он аз ҳар гуна воситаҳои ороишӣ истифода мебурданд. Меъморон барои бештар мукаммал гардонидани ҳунарашон аз комёбиҳои пешинзамон ва бозёфтҳои тоза истифода бурда, онҳоро бо ҳам омезиш медоданд ва дар кори худ истифода мебурданд. Дар сохтани ёдгориҳои меъмории он давр аз ҳунари кандакории чӯб ва нақшу нигор ба таври васеъ истифода мешуд. Яке аз хусусиятҳои хоси ороиши ёдгориҳои меъмории он давра иборат аз он буд, ки барои тасвирҳои нафиси наботӣ ва ҳандасӣ аз рангҳои асил (аксаран навъҳои рангҳои кабуду сафеду нилобӣ) истифода шуда, нақшу нигори ҷолиб ва зебову дилкаш меофариданд. Барои ороиши деворҳои дарунӣ усули кундал, ки аз омезиши андудаи тилло бо ягон хел ранг (бештар ранги кабуд) иборат аст, истифода мешуд.

Дар ороиши бино мармари суфта низ корбурд шуда, онро бо катибаву тасвирҳои кандакорӣ ва ё бо нақшҳои нафиси тиллоӣ зинат медоданд. Баъдтар аз усули чидани хишт истифода намуда, дар заминаи он аз хиштҳои сирдор катиба ва нақшҳои одӣ месохтанд.



*Мадрасаи Бибихонум пас аз ҳуҷуми Нодиршоҳи Афшор*



*Мадрасаи Бибихонум пас аз таъмир*

**Мадрасаи Бибихонум.** Мадрасаи Сароймулкхонум, ҳамсари Темурланг, ки бо номи Бибихонум маъруф аст, солҳои 1399 – 1404 бо фармони Темурланг дар Самарқанд дар муқобили масҷиди ҷомеи он, ба тақлиди масҷиде, ки ӯ дар ҳангоми забткориҳояш дар Ҳиндустон дида буд, сохта шудааст. Ин маҷмӯаи меъморӣ бо номи масҷиди Бибихонум низ маъруф буд ва дар Шарқ боҳашматтарин ва бузургтарин бинои ҷамъиятии замон ба ҳисоб мерафт.

Дар қисми шимолии ҳавлӣ, дар маркази мадраса намояндагони авлоди Сароймулкхонум дафн шудаанд. Ин мадраса соли 1740 ҳангоми лашкаркашии шоҳи Эрон Нодиршоҳи Афшор ба Самарқанд хароб гашта, аз мадрасаи Бибихонум вайронаҳои пештоқи калон, се бинои гунбазпӯш ва як манораи кунҷӣ боқӣ мондаанд. Дар ду кунҷи пештоқ ду манораи мудаввар ҷой доранд. Қисми поёнии пештоқ бо мармари хокистарии катибадор рӯйкаш шуда, болотари онро нақшҳои ҳандасии аз хиштҳои хурди рангаи сирдор сохташуда ва катибаҳо ташкил медиҳанд. Ду бинои хурди мадраса, ки дар ду тарафи ҳавлии калони росткунҷа ҷой гирифта, бо ҳам хеле монанданд, намунаи мукаммали санъати меъморианд. Асоси онҳо мураббаъ буда, пояи гунбаз силиндрӣ аст ва худи гунбаз бо ранги нилобӣ ороиш ёфтааст. Дохили биноҳо низ бо нақшу нигор зинат дода шудааст. Дар пешгоҳи саҳни ҳавлӣ бинои калони мадраса воқеъ аст. Ҳамаи ҷузъҳои он муҳташаму бузурганд: тоқи айвон 18 метр васеӣ ва 30 метр баландӣ дорад, қутри гунбази бино 18 метр ва баландиаш аз фарши бино 40 метр баланд аст. Дар ороишоти бино аз ҳамаи навъи усули ороишӣ истифода кардаанд. Як вақтҳо дарвозаи калони тоқдори он ба ҷониби ҳавлӣ кушода мешуд, ки гирдогирди онро қатори долону айвонҳо ташкил медоданд ва гунбази онҳо дар болои 400 сутуни мармари сафед такя мекарданд. Дар даҳсолаи охир мадрасаи Бибихонум таъмир гашта, намои дохили он бо манзараҳои табиат ороиш ёфтаанд.



**Мақбараи Шоҳи Зинда.** Мақбараҳои асри XV гуногуннавъ буда, аз намунаҳои беҳтарини ёдгориҳои меъморӣ мебошанд. Яке аз чунин ёдгориҳои меъмории ин давра мақбараи Шоҳи Зинда ба шумор меравад.

Ба ривояте дар ин ҷо қабри Қусам ибни Аббос ибни Абдулмуталлиб аз амакзодаҳо ва наздикони Муҳаммад аст, ки гӯё дар соли 56 ҳ.қ. / 676 милодӣ бо ҳамроҳии Сайид ибни Усмон барои таблиғу густариши ислом ба ин кишвар омадааст. Ӯро душманонаш дар ин минтақа таъқиб мекунанд ва гӯё санги бузурге, ки дар ин ҷо будааст, дуним мешавад ва ӯро зинда паноҳ медиҳад. Ба ин далел ин марқадро «Шоҳи Зинда» мегӯянд. Темурланг хуб медонист, ки Қусам ибни Аббос чун амакзодаи

Муҳаммад дар Мовароуннаҳру Хуросон миёни мардум аз обрӯю эътибори баланде бархурдор аст. Ӯ ба хотири касби маҳбубияти хонадонаш аз ҷониби мардум дар болои ин қабр оромгоҳи бисёр боҳашмате сохт.

Ин мақбара аз ҷиҳати ҳаҷм на он қадар калон буда, вале аз ҷиҳати ороиш хеле зебост. Сохтмони он дар замонҳои пеш дар қисми шаҳрчаи Афросиёб оғоз ёфта, дар шакли ҳозирааш дар асри XV сохта шудааст. Яке аз қадимтарин биноҳои Шоҳи Зинда мақбараи Қусам ибни Аббос мебошад, ки он то ҳол қисман боқӣ мондааст. Ансамбли Шоҳи Зинда маҳсули ҳунари якчанд насли меъморон, наққошон, хаттотон ва дигар ҳунармандон буда, дар он тамоми комёбиҳои ҳунари меъморӣ, ороишӣ ва тасвирӣ таҷассум ёфтааст.



**Гӯри Мир.** Мақбараи Гӯри Мир аз муҳимтарин ёдгориҳои асри XV ба шумор меравад. Ба сохтани ин мақбара дар Самарқанд соли 1404 бо фармони Темурланг оғоз карданд. Аввалин бор дар ин ҷо ҷасади яке аз рӯҳониёнро бо номи Мирсаид Барака, ки дар лашкаркашиҳои Темурланг ҳамроҳаш буд, гӯронидаанд. Мирсаид Барака дар замони ҳаёт будани Темурланг вафот кард ва ӯро дар Андхӯй дафн карданд, аммо Шоҳрух ҷасади ӯро аз Андхӯй оварда, дар ин мақбара дафн намуд. Аз ин сабаб ин мақбараро Гӯри Мир номидаанд. Баъдтар он ба оромгоҳи хонаводаи Темуриён табдил ёфт. Дар мақбараи Гӯри Мир Темурланг, писарони вай: Умаршайх, Мироншоҳ, Шоҳрух, набераҳояш: Муҳаммад султон, Улуғбек ва ду абераи хурдсолаш дафн шудаанд.

Тарҳ ва сохти ин мақбара одист. Танаи ҳаштгӯшаи он аз мармари сафед бино ёфта, устувонаи он бо навиштаҷоти бошукӯҳ ороиш шудааст. Гунбази он осмониранг буда, аз 64 қираи бо ҳам мувофиқ иборат аст. Пештоқи иморат бо нақшҳои нафис зинат дода шудааст. Дар маркази мақбара сағонаҳое воқеанд, ки онҳоро аз санги мармар ва нефрит тарошидаанд ва бо панҷараи сафеди мармарини кандакорӣ иҳота кардаанд. Қисми дохилии мақбара бо ақиқи сабзранг ва оби тилло оро ёфтааст, ки ба он ҳусни зиёда мебахшад. Мақбараи Гӯри Мир аз намунаҳои олии ҳунари меъморӣ ба шумор меравад.





*Мадрасаи Улугбек* *Расадхонаи Улугбек*

**Мадрасаи Улуғбек**. Улуғбек соли 1417 дар қисмати ғарбии майдони Регистони Самарқанд ба сохтмони мадрасаи бошукӯҳе шурӯъ намуда, соли 1420 сохтмони онро ба анҷом расонид. Ин мадраса бо хишти пухта бино ёфта, андозаи он ба 56х81 метр баробар аст. Дар саҳни дохилии мадраса майдони болокушодае мавҷуд аст, ки дар мобайни он ҳавзи ҳашткунҷа ҷойгир аст. Равоқи даромадгоҳи асосии мадраса бо расми осмон ва ситораҳои панҷ ва даҳбурҷа кошинкорӣ шуда, барои ороиши девор аз хиштҳои мунаққаш истифода гардидааст.

Дар муқобили мадраса масҷиде мавҷуд аст, ки ибтидо он аз 50 хонақоҳи дар ду табақа воқеъбуда иборат буд. Дар ин масҷид зиёда аз 100 донишҷӯ зиндагӣ мекард. Аз ҷумла дар байни ин донишҷӯён ашхоси барҷаставу маъруф, ба мисли шайхи тариқати нақшбандия Хоҷа Аҳрор ва шоир Абдурраҳмони Ҷомӣ дар он таҳсил намудаанд. Дар асри XVIII ин мадраса хароб гардид.

**Расадхонаи Улуғбек.** Яке аз беҳтарин ёдгориҳои он замон бинои расадхонаи Улуғбек ба шумор меравад, ки он бо фармони худи ӯ дар солҳои 1428 – 1429 дар доманаи баландии Чӯпонатои Самарқанд сохта шудааст. Расадхона мудаввар (силиндршакл) буда, 30,4 м баландӣ дошт ва аз се қабат иборат буд. Он бо чӯбҳои кандакорӣ, сафолҳои сирдори нақшин ва сангҳои мармар ороиш шуда буд. Дар расадхона аз асбобу олоти нуҷумшиносӣ, мисли соатҳои офтобию ситоравӣ, устурлоб, афзори зовиясанҷ (кунҷсанҷ) ва ғайраҳо истифода бурда, бо онҳо ҳаракати Офтоб, Моҳ, сайёраву ситораҳоро таҳқиқ макарданд. Қисмати ҷанубии асбоби зовиясанҷ дар чуқурии 11 метр ҷойгир шуда, қисмати дигари он дар самти шимол аз сатҳи замин 30 метр баланд буд. Расадхона китобхонае ҳам дошт. Ҳуҷраи дарунии биноро

тасвири бурҷҳо, харитаи осмон, кӯҳу баҳрҳо, тасвири кураи арз бо мамлакатҳои ҷаҳон зеб медоданд.

Ин расадхона дар рушди илми нуҷуми он давра нақши ниҳоят муҳиме бозидааст. Дар ин ҷо як зумра ситораҳоро муқаррар карда, тавассути он дар соли 1437 ҷадвалҳои нуҷумие, ки аҳамияти умумиҷаҳонии илмӣ доштанд, бо забони тоҷикӣ тартиб дода шудаанд. Дар онҳо вазъияти беш аз ҳазор ситораи ба чашм аён ва мавқеи тақрибан ҳамаи шаҳрҳои Шарқи исломӣ муайян шудааст. Ҷадвалҳои нуҷумии ин расадхона дар зарфи чандин аср ҳам дар Ғарб ва ҳам дар Шарқ доир ба омӯзиши вазъияти илми нуҷум ҳамчун китоби дарсӣ хизмат кардаанд.

Баъди кушта шудани Улуғбек (1449) расадхонаро вайрон карданд ва ҳоло аз ин расадхона фақат қисми дар зери замин маҳфузмондаи асбоби зовиясанҷ (баландиаш 11 метр) боқӣ мондааст.

**Маҷмӯи иморати Мусалло дар Ҳирот.** Дар ин давра Ҳирот низ бо ёдгориҳои меъмории худ шуҳрат пайдо намуд. Дар қомат афрохтани чунин ёдгориҳои меъморӣ ҳиссаи ҳамсари Шоҳрух – Гавҳаршод хеле арзанда аст. Дар байни ёдгориҳои меъмории машҳури Ҳирот маҷмӯи иморати Мусаллоро номбар кардан мумкин аст, ки аз масҷиди калон, мадраса ва мақбара иборат буд. Ин биноҳо дар муддати қариб 20 сол, аз соли 1418 то соли 1437, зери назорати бевоситаи меъмори варзида Қивомиддини Шерозӣ сохта, зебу зинат дода шуданд. Масҷиди ин иморат намозгоҳи бузурге дошта, тавре тарроҳӣ шуда буд, ки барои ҷамъ омадани мардуми зиёд хеле ҳам муносиб буд. Дарозии он 106 метр ва бараш 64 метрро ташкил дода, манораи баланд дошт. Саҳни дохилии он масоҳати 52х29 метрро дар бар мегирифт. Ин маҷмӯаи ёдгорӣ шабеҳи Гӯри Мири Самарқанд буд. Ҳоло аз ин ёдгории меъморӣ қисмати хеле каме боқӣ мондааст. Манораҳои сеҷузъаи бисёр мавзун ва мақбараи хеле ҷолиби Гавҳаршод, ки яке аз гӯшаҳои мадрасаро ишғол намуда, қисми таркибии он ба шумор мерафт, аз ҳашмат ва азамати он гувоҳӣ медиҳанд.

**Мадрасаи Шоҳрух**. Ин мадраса ва хонақоҳи он бо ташаббуси Шоҳрух дар шаҳри Ҳирот бино гардид ва сохтмони он соли 1410 ба итмом расид. Мадрасаи Шоҳрух бо сабки ороишии худ аз шукӯҳу азамати бисёре бархурдор буд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо фаъолияти ин мадраса дар нимаи дуюми асри XV хеле равнақ дошт.

**Мадрасаи Гавҳаршод**. Ин мадрасаро бо фармони Гавҳаршод, духтари султон Ғиёсиддини Ғурӣ, ки завҷаи Шоҳрух буд, меъмори маъруфи Хуросон Қивомиддини Шерозӣ солҳои 1418–1438 сохтааст. Он бо номи масҷиди Гавҳаршод низ маъруф аст. Мадрасаи Гавҳаршод дар замони Шоҳрух ва баъди он хеле шуҳрат ёфта буд. Ҳангоме ки яке аз олимон ё бузургон вафот

мекард, дар ин мадраса бо иштироки шахсиятҳои маъруфи Ҳирот маросими азо барпо мегардид.

Мадрасаи Гавҳаршод аз маҷмӯаи биноҳо: масҷиди калон (намозгоҳ), мадраса ва мақбара иборат буд. Дар мақбараи он Гавҳаршод ва дигар аҳли ин хонадон дафн шудаанд. Баъдтар дар паҳлуи ин маҷмӯаи меъморӣ мадрасаи Ҳусайн Бойқаро сохта шуд. Маҷмӯаи меъмории Гавҳаршод аз пештоқи баланди даромадгоҳ, 4 айвон, 8 манора ва роҳрави дуошёнаи ҳавлиро иҳотакарда иборат буд. Мақбараи Гавҳаршод, ки сохтмонаш соли 1432 ба охир расидааст, дар яке аз толорҳои даромадгоҳи мадраса воқеъ буда, бо нақшу нигор ороиш ёфта, бо кошинҳо рӯйпӯш гардидааст. Дар нимаи дуюми асри XIX ин маҷмӯаи меъморӣ валангор гардида, танҳо мақбараву манораҳо боқӣ монданд.



***Хуҷанд. Мақбараи Шайх Муслиҳиддин.***

Дар ин давра дар шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳру Хуросон низ иншооти меъмории бошукӯҳ қомат афрохта буданд. Аз ҷумла маҷмӯаи меъмории қасри Оқсарой дар Шаҳрисабз, мақбара-масҷиди Хоҷа Аҳмади Ясавӣ дар шаҳри Туркистон, мақбараи Шайх Муслиҳиддин дар Хуҷанд, мақбараи Абдуқодири Ҷелонӣ дар Истаравшан, маҷмӯаҳои меъмории Шоҳи Хомӯш ва Амир Сайиди Алии Ҳамадонӣ дар минтақаи Кӯлоб, мақбараи Муҳаммад Башоро дар Панҷакент ва ғайра.

Қобили қайд аст, ки дар иншооти меъмории ин давр хусусиятҳои хоси меъмории миллии тоҷикӣ мушоҳида мегарданд.

## Сарчашма:

Мирхонд дар бораи бунёди Боғи Шамол чунин менависад: «Ва чун аз лаҳву сурур фароғат ҳосил омад, ҳазрати Соҳибқирон (Темурланг)… ба боғе, ки дар шимоли Самарқанд эҳдос фармуда буда ва ба Боғи Шамол иштиҳор ёфта буд,… ба иморати қасри рафеи дилкаш фармон дод. Ва устодони моҳир ва меъморони содиқ, ки аз Хуросону Ироқ ва Озарбойҷону Бағдод ва соири амсор (шаҳрҳо) ва билод (кишварҳо) дар Самарқанд ҷамъ оварда буданд, тарҳи онро ба килки басорат бар лавҳи маҳорат кашиданд. Ва чун… воқифони дақоиқи фанни нуҷум соате масъуд (хушбахт) ва замоне маҳмуд (писандида) ихтиёр карда, ба таърихи ҷимодиюлохири санаи 799 ҳиҷрии қамарӣ (марти 1397) банноёни (бинокорони) чобукдаст бунёди он ниҳоданд ва чаҳор рукни қасри собити арконро бар умаро қисмат намуда ва ҳазрати соҳибқирон… мултафит (таваҷҷуҳ) ба он шуд то дар муддати чиҳилу панҷ рӯз ба итмом расид».

**Мирхонд. Равзат-ус-сафо. Тасҳеҳ ва таҳияи Ҷамшеди Каёнфар. Ҷилди шашум, бахши аввал. Теҳрон, 1380, саҳ. 4857 – 4858.**

Маълумоти Мирхонд дар бораи сохтани Боғи Дилкушо: «Ва дар поизи (тирамоҳи) санаи 799 (1397)… ҳазрати Соҳибқиронӣ (Темурланг)… фармон фармуд, ки бар канори марғзори Кони Гил, ки дар назҳат ва тароват аз равзаи фирдавс ва боғи ҷаннат нишон медод, муҳандисони муътабар ва банноёни (бинокорони) соҳибҳунар, ки бар даргоҳи подшоҳи ҳафт кишвар муҷтамеъ буданд, дар рӯзи шоиста… бунёди боғи рафеъ ниҳоданд. Ҳар зилъе (тарафе) 1500 гази шаръӣ ва дар миёни ҳар рукне (сутун) аз он аркон (сутунҳо) дарвозаи олӣ тартиб доданд, ки тоқи он дар баландӣ аз фалаки гардун мегузашт ва дар арсаи он наботот ва афрози ашҷори мусаммара (дарахтони мевадиҳанда) ва гулҳои хушбӯ ва раёҳини тозарӯй биншонданд. Ва чун ғунчаи дил ба наззораи он монанди гули садбарг шукуфта мешуд, ба Боғи Дилкушо мавсум гашт. Ва ҳазрати Соҳибқиронӣ аз барои кушодагии хотири Такалхонум бинти Хизрхоҷаи уғлон, ки Шамъҷаҳон ва Ғиёсиддини тархон ба хостгории ӯ фиристода буд, партави илтифот бар итмоми он афканда махсус ба вай сохт».

**Мирхонд. Равзат-ус-сафо. Тасҳеҳ ва таҳияи Ҷамшеди Каёнфар. Ҷилди шашум, бахши аввал. Теҳрон, 1380, саҳ. 4861-4862.**

Маълумоти Мирхонд дар бораи бинои масҷиди ҷомеъ дар Самарқанд: «Темур дастур дод, то масҷиди ҷомеи муътабаре дар Самарқанд бисозанд ва рӯзи якшанбеи чаҳоруми моҳи рамазони соли ҳаштсаду як (рӯзи ҷумъа, 10 майи соли 1399) тарҳи онро рехтанд ва аз сангтарошони Озарбойҷон, Форс ва Ҳиндустон дувист тан дар худи масҷид ба кор машғул шуданд ва 500 тан дар кӯҳҳо ба буридани санг иштиғол доштанд ва 95 занҷири филро, ки аз Ҳиндустон оварда буданд, барои ҳамлу нақли олоту асбоб ба кор гирифтанд. Худи Темур дар сари иморат ҳозир мешуд ва аксар авқот дар мадрасаи Хонум ва хонақоҳи Тумоноғо, ки дар наздикии масҷид буд, мегузаронид. 480 сутуни аз санг тарошида омода карданд, ки тӯли ҳар як ҳафт газ буд ва фаршҳо ва сақфҳо низ аз тахтасангҳо тарошида буд ва иртифои масҷид

то сақф қариб нуҳ газ буд. Чаҳор манора дар ҳар гӯшае сохта шуд ва дари бузурги онро аз «ҳафтҷӯш» дуруст карданд. Гирдогирди деворҳо ва гирди тоқҳо бо катибаҳои аз санг тарошида зинат ёфта буд ва дар он сураи «Каҳф» ва оёти дигари Қуръонро навишта буданд».

**Мирхонд. Равзат-ус-сафо. Таҳзиб ва тахлиси доктор Аббоси Зарёб. Техрон, 1373, саҳ. 1090 – 1091.**





***Катибаҳои рӯйи санг***

**Санаҳои муҳим:**

1399 – 1404 – сохта шудани мадрасаи Бибихонум
1404 – сохта шудани мақбараи Гӯри Мир
1410 – сохта шудани мадрасаи Шоҳрух
1417 – 1420 – сохта шудани мадрасаи Улуғбек
1418 – 1438 – сохта шудани мадрасаи Гавҳаршод
1428 –1429 – сохта шудани расадхонаи Улуғбек
1449 – вайрон гардидани расадхонаи Улуғбек

**Савол ва супоришҳо:**

1) Вазъи бинокорию меъморӣ дар асри XV дар кадом ҳолат қарор дошт? 2) Моҳияти усули нави сохтани бомҳои гунбазӣ аз чӣ иборат буд? 3) Биноҳои боҳашмати он даврро номбар кунед ва дар бораи онҳо маълумот диҳед. 4) Дар бораи расадхонаи Улуғбек нақл кунед ва нақши онро дар тараққиёти илми нуҷуми он давра шарҳ диҳед. 5) § 13-ро такрор намоед.

## § 16. ҲУНАРИ НАҚҚОШӢ ВА МИНЁТУРА

**Ҳирот ҳамчун маркази асосии рушди ҳунари наққошӣ, минётура ва рассомӣ.** Ҳирот дар ин давра ба яке аз марказҳои асосии рушди ҳунари наққошӣ, минётура ва рассомӣ табдил ёфт. Дар нимаи аввали асри XV писари Шоҳрух Бойсунғур дар Ҳирот китобхонае ташкил кард, ки он дар баробари махзани китобҳои нодир будан, боз вазифаи коргоҳи аҳли ҳунарро ҳам адо мекард. Дар он ҷо беҳтарин минётурасозҳо, хаттотон, наққошон ва саҳҳофҳо кор мекарданд. Шумораи хушнависон ба чил нафар мерасид. Дар нимаи дуюми асри XV султон Ҳусайн Бойқаро онҳоро аз ҳар гӯшаю канори мамлакат ба ин ҷо оварда буд.



*Минётураи Беҳзод «Низомӣ фарзандаширо панд медиҳад»*

Дар асри XV аксари деворҳои иморатҳои бошукӯҳи Ҳирот монанди Самарқанд бо тасвирҳои гуногун зебу зинат дода шуда, муҳтавои он тасвирҳоро манзараҳои ҷангу муҳосираи шаҳрҳо, базму зиёфат, русуми пазирої ва амсоли онҳо ташкил медоданд. Дар тасвирҳои рӯйи девори он иморатҳо инчунин, суратҳои ҳокимон, фарзандону наберагон, дарбо-риён ва маликаҳои хонадони темурӣ акс меёфтанд.

Дар ин давра бисёр минётурасозони машҳур асарҳои нодирро бо санъати баланд меофариданд. Дар онҳо ба нафосати тасвир, обуранги фаровон ва ифодаи ҳолати рӯҳӣ диққати махсус дода мешуд. Дар китобхонаи Бойсунғур солҳои 1429–1430 нусхаи «Шоҳнома» китобат гардида буд, ки он бо 20 минётура ороиш ёфта ва он намунаи беҳтарини мактаби минётурасозии он замон ба шумор мерафт.

**Мактаби минётурасозии Ҳирот. Камолиддин Беҳзод ва шоҳкориҳои ӯ.** Мактаби минётураи Ҳирот дар нимаи дуюми асри XV тавассути як зумра ҳунармандони моҳир ба авҷи тараққиёти худ расид. Дар байни ин ҳунармандон машҳуртарини онҳо Камолиддини Беҳзод (таваллудаш байни

солҳои 1450 – 1460, вафоташ соли 1536/37) ба ҳисоб мерафт. Беҳзод дар ҳунари рассомию минётурасозӣ равияи тоза ба вуҷуд оварда, устоди як мактаби махсуси наққошии замон гардид. Ӯ шогирдони бисёре тарбия намуд, ки яке аз онҳо наққоши машҳури он аср Қосим Алӣ буд. Беҳзод ба усул ва услубҳои маълуму муқаррарии тасвиркашӣ эҷодкорона муносибат карда, ба онҳо навигарӣ ворид мекард. Чунин муносибати эҷодкорона ба вай имкон дод, ки минётураҳои беҳамтову беназир офарад. Таъсири мактаби минётурии Ҳирот дар асрҳои минбаъда дар офаридаҳои мусаввирони Табрезу Бухоро ва шаҳрҳои дигар мушоҳида мешавад.



***Минётураи Беҳзод «Мӯйсафед»***

Беҳзод суратгари мумтоз буд. Ӯ дар офаридаҳояш қиёфаи шахсони маъруфи сиёсиро низ инъикос менамуд. Тасвирҳои султон Ҳусайн ва Муҳаммади Шайбонихон аз шоҳкориҳои Беҳзод дар ҳунари рассомӣ ба шумор меравconfigured.

Асарҳои бо маҳорати баланд офаридаи ҳунармандони забардасти Ҳирот яке аз қуллаҳои баланди фарҳанги бадеии Шарқ ба шумор мераванд.

**Самарқанд ва Ҳирот ҳамчун марказҳои бузурги фарҳанг.** Самарқанду Ҳирот дар ин давра ҳамчун пойтахт марказҳои бузурги фарҳангӣ ба шумор мерафтанд. Темурланг дар Самарқанд бисёр намояндагони илму фарҳанг, мисли олимон, шоирон, меъморон ва ашхоси касбу кори гуногунро аз дигар кишварҳо асир карда оварда буд, ки онҳо минбаъд дар рушду нумӯи фарҳанги ин давра таъсири муҳим расониданд. Дар

Самарқанд рӯшанфикрони зиёде умр ба сар бурда, дар соҳаи илм, адабиёт, таърих, ҳунарҳои меъморию наққошӣ ва амсоли онҳо асарҳо эҷод кардаанд.

Ҳирот, ки пойтахти дуюми давлати Темуриён ба шумор мерафт, дар он давра ба пояи баланди тараққӣ расида, дар Шарқи Миёна ба яке аз бузургтарин марказҳои илму фарҳанг табдил ёфт. Дар Ҳирот Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Ҳофизи Абрӯ, Беҳзод барин намояндагони барҷастаи илм, фарҳанг ва ҳунар зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Дар айёме, ки султон Аҳмади Ҷалоир дар Ироқ ва Озарбойҷон ҳукмронӣ дошт, дар Бағдоду Табрез як зумра мусаввирон, хушнависон, наққошон ва ҳунармандонро даъват намуд, ки ба нусхабардорию ороиши китобҳо машғул шаванд. Минбаъд намояндагони Оли Ҷалоир, ки аз авлоди муғул буда, даъвои бевоситаи элхониро доштанд, дар пешбурди ҳунар ва дастгирии нависандагону ҳунармандон саҳм гузоштанд. Дар солҳои 1386 – 1387 аз тарафи хаттот Маҳмуд ибни Муҳаммади Бағдодӣ нусхаи «Хамса»-и Низомӣ бо хатти настаълиқ рӯйнавис шуд, ки он бо 23 минётура ороиш дода шуда буд. Соли 1392 «Калила ва Димна» барои Шоҳвалад писари султон Аҳмад бо хатти насх рӯйнавис шуд, ки он 72 минётураро дар бар мегирифт, шарҳи «Ҳафт иқлим» бо 78 минётура офарида шуд. Яке аз ҳунармандони барҷастаи дарбори султон Аҳмади Ҷалоир – Абдулҳай шогирди Шамсиддин буд, ки баъдтар Темурланг ӯро маҷбурӣ ба Самарқанд овард.

Дар ин давра дар соҳаи ҳунари коркарди филизот як қатор пешрафтҳо ба чашм мерасанд. Маснуот бештар аз тилло, нуқра, мис ва хӯлаҳои биринҷӣ сохта мешуд ва усули коркард ва тазйини онҳо хеле мураккаб буд. Дар асрҳои XIV – XV баъзан маснуоти филизӣ бо устухони кандакоришуда хотамкорӣ мешуд. Намунаи равшани ҳунари коркарди филизоти ин давр деги мақбараи Аҳмади Ясавӣ ва шаш чароғест, ки дар соли 1397 аз ҷониби ҳунарманд Изуддин ибни Тоҷиддини Исфаҳонӣ рехтагарӣ шуда буд.

Маснуоти тиллоии ин давр бо латофату назокати худ шуҳрат дошт. Махсусан, маснуоти тиллоии барои ороиши занҳо истифода мешуда бо як маҳорати хеле хоси он давр сохта мешуд.

Дар ин давра санъати ҳаккокӣ дар рӯйи санг низ ба таври васеъ истифода мегардид. Хусусан, сангҳои мазор бо нақшу нигори хосе омода карда мешуданд.

Ҳунари кулогарӣ низ дар ин давра ниҳоят рушд ёфта буд. Наққошон маснуоти сафолинро бо нақшҳои мухталифи ранга оро дода, аксар вақт дар рӯйи маснуоти нисбатан калонҳаҷм расмҳои паранда ва ҳайвоноти гуногунро мекашиданд.

Ҳангоми ороиши иншооти меъморӣ аз кандакориҳои рӯйи чӯб ба таври васеъ истифода карда мешуд.

## Сарчашма:

Китоби «Таърихи Эрон» дар бораи сабки мактаби Ҳирот чунин маълумот додааст: «Суннати зебо, ки аз муддатҳо пеш дар Ҳирот барқарор шуда буд – ҳиротӣ, ки Бойсунғур, бародари ҷавонтари Иброҳим пуштибони барҷастаи ҳунари насли худ дар ин шаҳр буд, – фаротар аз соли 1425 намерафт. Дарвоқеъ, дар қаламрави хушнависӣ аҳамияти Ҳирот аз соли 1420 ба баъд шурӯъ шуд ва дар замоне буд, ки Бойсунғур барои гӯшмолии ҳокими Табрез дар раъси лашкаре ба он ҷо рафт ва Мавлоно Ҷаъфари Табрезӣ, устоди хатти настаълиқ, Саидаҳмади наққош, Хоҷаалии мусаввир ва Қивомиддини саҳҳофро ҳамроҳи худ ба Ҳирот овард. Ҷаъфар дар соли 1421 аз сабки бойсунғурӣ баҳра гирифт, вале куҳнатарин нусхаҳои хаттӣ бо нигораҳое, ки барои ӯ таҳия шуда буд, шомили ду ҷилди кӯчаки зариф ба таърихи 1426 – 1427 буд ва ин ду ҷилд иборат буданд аз: «Гулистон»-и Саъдӣ, ки худи Ҷаъфар онро таҳрир кард ва як гулчин, ки ба василаи Муҳаммад ибни Ҳисом маъруф ба Шамсиддини Султонӣ мусаннибардорӣ шуд. Ва як нусхаи севум як сол баъд аз рӯйи «Ҳумой ва Ҳумоюн»-и Хоҷӯи Кирмонӣ ба василаи ҳамон хушнавис таҳия гардид. «Гулистон», ки имрӯза дар китобхонаи Частрбеатии Дублин қарор дорад, аз зеботарин нусхаҳои хаттии форсӣ ба шумор меравад, ҳашт нигораи сода ва фиребандаи он иҷрои тоза ва бадеи фазои тасвирҳоро пӯшонидааст. Дар сето аз онҳо корбасти девори хамида ҳамроҳ бо дари бози он таҷриба шуда ва саҳнаи бастае барои амалу куниш ба вуҷуд овардааст, дар ҳоле ки нишондиҳандаи иртиботи дунёи дарун бо дунёи берун аз тариқи дари нимабоз аст. Ҳолатҳои ҳар пайкарае, ки комилан бо рӯҳу гӯё аст, дар иртибот бо дигар пайкараҳост. Пайкараҳои хушк ва расми мактаби Ҷалоирӣ дар ин ҷо зинда шудааст. Дар иҷрои манзараҳо ҳам як чунин пешрафте сурат гирифта. Ин амал то андозае бо тарс ва ларз дар «Хамса»-и Низомӣ солҳои 1376 – 1377 дар мактаби Ҷалоирӣ кор шуда, вале вуруди пайкараҳо ба ҷилва таркиббандӣ аз таъсири зиёди он костааст ва ҳол он ки дар ин замон ҳунармандони Бойсунғур ёд гирифтаанд, ки чӣ гуна уфуқро ба ақиб бибаранд. Матни ашъор дар ҷилватар таркиббандӣ шиновар аст ва ба сони пардае амал карда, ки уфуқи дар дурдастро пӯшонидааст. Рангпардозии он сард аст… Дарвоқеъ, рангҳои фирӯзаӣ, обӣ ва сабз ғалаба дорад. Ин нигораҳо назири нигораҳои Ҷунайдӣ ҳама ҷой баргро пӯшонида ва мисли онҳо катибаҳои тазйини зебои болои сохтмонҳо ироа шудааст. Дар ин ҷост, ки сабки дарбории Ҳирот зода шудааст».

**Таърихи Эрон. Давраи Темуриён. Тарҷумаи Яъқуб Ожанд, Теҳрон, 1378, саҳ. 391 – 392.**

Дар хусуси пастравии ҳунар дар қаламрави Ҳирот дар китоби «Таърихи Эрон» ахбори зерин оварда шудааст: «Ошуфтагии сиёсӣ баъд аз марги Шоҳрух ва Улуғбек аввало дар 1447 ва дуюми дар соли 1449 ва низ коҳиши манобеи хонадони темурӣ дар тавлидоти ҳунарии Эрон вақфае эҷод кард. Аз инҳо гузашта Ҳирот, ки ба муддати сӣ сол маркази ин мактаб ба ҳисоб мерафт, дар арзи бист соли оянда таърихи бесубот ва пурошӯберо аз сар гузаронд. Султон Абӯсаид ибни

Мироншоҳ Ҳиротро дар даҳаи 1458 – 1469 пойтахти худ қарор дод. Аз ин давра нусхае, ки дорои нигора бошад, чизе мавҷуд нест, ҷуз гулчине, ки ба Абӯсаид тақдим шуда».

**Таърихи Эрон. Давраи Темуриён. Тарҷумаи Яъқуб Ожанд, Теҳрон, 1378, саҳ. 399.**

**Санаҳои муҳим:**

1386 – 87 – рӯйнавис шудани нусхаи «Хамса»-и Низомӣ
1392 – рӯйнавис шудани «Калила ва Димна» бо хати насх
1429–30 – китобати нусхаи «Шоҳнома» дар китобхонаи Бойсунғур

**Савол ва супориш:**

1) Дар бораи рушди ҳунари наққошӣ, минётура ва рассомии Ҳирот маълумот дода, ёдгориҳои меъмории онро номбар кунед. 2) Дар бораи Камолиддин Беҳзод ва шоҳкориҳои ӯ нақл кунед. 3) Мавқеи Самарқанд ва Ҳиротро дар рушди илм, фарҳанг ва ҳунари асри XV шарҳ диҳед. 4) § 14-ро такрор намоед.

## § 17. ИЛМ ВА АДАБИЁТ

**Рушди илм.** Дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV соҳаҳои гуногуни илм рушд ёфта, ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расид. Олимон дар соҳаҳои тиб, нуҷум, ҳуқуқ, фалсафа ва таърих асарҳои беҳамто эҷод карда, дар таърихи башарият хизматҳои арзанда намудаанд.

Олими маъруф, файласуф ва адиби ин давр Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад, ки бо номҳои Мири Кабир, Шоҳи Ҳамадон, Ҳазрати Амирҷон ва бо лақабҳои Алии Сонӣ ва Сиёҳпӯш маъруф аст. Ӯ соли 1314 дар шаҳри Ҳамадон таваллуд ёфта, таҳсили ибтидоиро дар кӯдакӣ назди тағояш Алоуддин гирифта, дар мактаби шайхи маъруфи замонаш Алоуддавлаи Симнонӣ тарбият ёфтааст. Дар тариқат пайрави шайхи маъруфи силсилаи кубравия Маҳмуди Маздоқӣ гардид ва ба дастури ӯ ба ҷаҳонгардӣ пардохт. Тӯли беш аз 21 сол барои таблиғи андешаҳои худ миёни халқҳои гуногун заҳмат кашид ва ба кишварҳову шаҳрҳое чун Маккаву Мадина, Бағдод, Басра, Шом, Симнон, Курдистон, Язд, Луристон, Султония, Табрез, Ҳинду Покистон, Хатлон, Балх, Бадахшон ва Чину Сейлон сафар кард. Дар ин минтақаҳо иродатмандону ихлосмандони зиёде ба ӯ мепайванданд ва Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамроҳи онон ба кишварҳои дигар сафар мекард.

Сайид Алии Ҳамадонӣ се маротиба ба Хатлон сафар карда, аз роҳи Балх ва Бадахшони Афғонистон ба Кӯлоб омада,

дар деҳаҳои Алишоҳ ва Чӯбак чанд муддат зиндагӣ кардааст.

Бадгӯён ва ҳосидон назди Темурланг бадгӯйии Сайид Алии Ҳамадониро мекунанд, ки ӯ гӯё дар Хатлон даъвои салтанат мекунад. Темурланг аз ин бимнок мешавад ва аз Сайид Алии Ҳамадонӣ талаб мекунад, ки ин сарзаминро тарк кунад. Сайид Алии Ҳамадонӣ баъди вохӯрӣ бо Темурланг Хатлонро тарк мекунад ва ба Кашмир меравад.

Сайид Алии Ҳамадонӣ бори охир соли 1384 мехоҳад ба ҷониби Хатлон сафар кунад. Роҳи сафараш аз тариқи Покҳлии Покистон мегузашт. Ӯ аз ҷониби ҳокими он–малик Шарафиддини Хизршоҳ бо камоли иззату икром пазируфта мешавад, вале дар ин ҷо ӯ бемор шуда, баъди чанд рӯзе вафот мекунад. Тибқи васияташ ҷасадашро баъд аз шаш моҳи вафоташ ба шаҳри Кӯлоб меоранд ва ба хок месупоранд.

Сайид Алии Ҳамадонӣ бештар аз 70 асари ирфонӣ, илмӣ ва адабӣ дар заминаи фиқҳ, ҳадис, фалсафа, ахлоқ, сиёсат ва ғайра таълиф кардааст. Муҳимтарини асарҳояш: «Захират-ул-мулук», «Авроди фатҳия», «Миръот-ут-тоибин», «Мактуботи амирия», «Рисолаи футувват», «Воридоти амирия», «Чиҳил мақоми сӯфия», «Рисолаи дарвешия», «Одоб-ул-муридин», «Рисолаи Ҳамадония», «Рисолаи зикрия» мебошанд.

Яке аз файласуфон, олимон ва мантиқшиносони маъруфи он замон Саъдуддин Масъуд ибни Умари Тафтазонӣ (1332 – 1389) мебошад. Ӯ дар соҳаи сарфу наҳв, фиқҳ ва илми баён рисолаҳои зиёде таълиф намудааст, ки ҳанӯз дар вақти дар қайди ҳаёт будани вай ба қатори китобҳои дарсӣ дохил гардидаанд. Ӯ дар Ғиждувон, Ҷом, Самарқанд, Ҳирот, Сарахс дарс гуфта, зимнан ба корҳои илмӣ машғул шудааст. Баъди ҳамчун мударрис ва олим шуҳрат ёфтанаш, ӯ ба Самарқанд даъват шуд. Тафтазонӣ дар Самарқанд қариб 18 сол зиста, аксари асарҳояшро дар ҳамон ҷо таълиф кардааст. Асарҳои машҳури ӯ «Таҳзиб-ул-мантиқ ва-л-калом», «Ас-саъдия», «Ал-иршод-ул-ҳодӣ», «Ал-мухтасар-ул-маонӣ», «Ал-мутаввал» мебошанд. Ба якчанд асари пешгузаштагонаш шарҳ низ навиштааст.

Яке аз мутафаккирони асри XV форс-тоҷик Ҷалолиддини Давонӣ (1427 – 1503) ба шумор меравад. Давонӣ аввал дар деҳаи Давон, сипас дар Шероз таҳсил кардааст. Ба ақидаи Давонӣ фалсафа илмест дар бораи мавҷудот ва ҳастӣ, ки аз ду қисм – ҳикмати назарӣ ва амалӣ иборат аст. Ба қалами Давонӣ асарҳои зиёде доир ба фалсафа, мантиқ, ахлоқ, риёзиёт, монанди «Ахлоқи Ҷалолӣ», «Исботи воҷиб», «Шарҳи таҳзиб-ул-мантиқ валкалом», «Шарҳи ишорот», «Рисола дар адолат», «Шарҳи таҷриди Уқлидус» ва ғайра тааллуқ доранд.

Таърихнигори барҷастаи он давр Низомиддини Шомӣ ба шумор меравад, ки солҳои 1392 – 1393 дар шаҳри Бағдод зиндагӣ кардааст. Вақте ки Темурланг Бағдодро забт кард, ба Низомиддини Шомӣ супорид, ки таърихи салтанаташро нависад. Низомиддини Шомӣ дар соли 1404 бо унвони «Зафарнома» китобе навишт, ки дар он ба ҷуз аз ҳуҷумҳои Темурланг ва хунрезиҳои вай, инчунин, доир ба таърихи наҳзатҳои мардумӣ, аз он ҷумла, шӯриши Сарбадорон ва роҳбарони он маълумот дарҷ гардидаанд. Ӯ шоир низ буда, бо тахаллуси Низомии Шомӣ шеър мегуфт ва қисме аз ашъорашро дар «Зафарнома» сабт кардааст.

Таърихнигори машҳури дигари он давр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ (1392–1450) буд, ки дар Димишқ таваллуд ёфтааст. Темурланг соли 1401 Шомро ишғол намуда, Ибни Арабшоҳ ва хешу ақрабояшро чун асир ба Самарқанд овард. Дар Самарқанд аз олимони машҳур таълим гирифт. Ибни Арабшоҳ асарҳои зиёди таърихиро, ба мисли: «Ғуррат-ус-сияр фи дувал ат-турк ват-татар», «Фуқоҳат-ул-хулафо ва муфокаҳат-уз-зурафо», «Аҷойиб-ул-мақдур фи ахбори Темур» ва ғайра таълиф намудааст. «Аҷойиб-ул-мақдур фи ахбори Темур» яке аз асарҳои машҳури ӯ ба шумор меравад, ки дар он аз разилатҳо ва хулқи бади Темурланг, инчунин, аз лашкаркашиҳо ва хунрезиҳои ӯ маълумоти фаровон додааст. Ибни Арабшоҳ ягона таърихнигорест, ки Темурлангро хеле ҷасурона мазаммат ва сарзаниш мекунад.

Яке аз ашхоси маъруфи он давр Муиниддин Муҳаммади Исфизорӣ ба шумор меравад. Ӯ дар Исфизори Ҳирот ба дунё омада, дар он ҷо тарбия гирифтааст. Дар хаттотӣ яке аз устодони бузург ба шумор меравад. Муиниддини Исфизорӣ инчунин, муаррихи варзида буда, соли 1491 доир ба таърихи Ҳирот китоберо бо номи «Равзат-ул-ҷаннот фи авсофи мадинати Ҳирот» таълиф намудааст.

Аз зумраи таърихнигорони машҳури он давр Мирхонд Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд (1433 – 1498) ба ҳисоб меравад, ки бо дастури Алишер Навоӣ асари худ «Равзат-ус-сафо фи сират-ил-анбиё вал мулук вал хулафо»-ро навиштааст, ки ба таърихи пайғамбарон, сулолаҳо, подшоҳон ва халифагон бахшида шудааст. Асар аз 7 ҷилд иборат буда, ҷилди 7 ва хотимаи асарро, ки ҷилди 8-ум низ меноманд, набераи духтарии ӯ Хондамир ба итмом расонидааст.

Таърихнигори маъруфи ин давра Хондамир Ғиёсиддин ибни Ҳумомиддини Ҳусайнӣ (1475 – 1535) ба шумор меравад, ки аввалҳо дар дарбори Темуриёни Ҳирот хизмат кардааст. Баъд аз сарнагун шудани сулолаи Темуриён дар Ҳирот, ба маркази Темуриёни Ҳинд – шаҳри Деҳлӣ рафт. Дар замони ҳукмронии

Бобур ва писари ӯ – Ҳумоюн зиндагӣ ва хизмат кардааст. Хондамир дар Ҳиндустон асари сеҷилдаи худ «Ҳабиб-ус-сияр»-ро навиштааст, ки он таърихи Эрон, Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар мамлакатҳои Шарқро дар бар мегирад. Ба қалами Хондамир инчунин, асарҳои «Дастур-ул-вузаро» ва «Ҳумоюннома» тааллуқ доранд.

Муаррих ва ҷуғрофидони тоҷик Шиҳобиддин Абдуллоҳ ибни Абдуррашиди Ховарӣ, ки бо номи Ҳофизи Абрӯ машҳур аст, дар аҳди салтанати Шоҳрух умр ба сар бурдааст. Ҳофизи Абрӯ бо супориши Шоҳрух якчанд асари таърихӣ ва дар ду ҷилд оид ба ҷуғрофиё китобе таълиф намудааст. Шоҳрух инчунин ба Ҳофизи Абрӯ дастур медиҳад, ки таърихи умумиҷаҳониро дар як китоб ҷамъ оварад. Ҳофизи Абрӯ доир ба таърих «Маҷмӯаи Ҳофизи Абрӯ»-ро навишт. Ӯ дар он тарҷумаи тоҷикии «Таърихи Табарӣ», қисми зиёди «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддин ва «Зафарнома»-и Низомиддини Шомиро рӯйнавис карда, баёни воқеаҳои ин асарҳоро то солҳои ҳукумати Темурланг давом дод. Китобҳои «Таърихи Шоҳрух» ва «Зубдат-ут-таворих» низ ба қалами Ҳофизи Абрӯ тааллуқ доранд.

Дар соҳаи таърихнигорӣ олимони маъруфи зиёде буданд, ки доир ба таърихи ин давр асарҳои гаронбаҳо эҷод намудаанд. Машҳуртарин таърихнигорони ин давр: Ғиёсиддин Алии Яздӣ, Хоҷа Тоҷиддини Салмонӣ, Хусрав ибни Обиди Абаркӯҳӣ, Муиниддин Натанзӣ, Фасеҳи Хавофӣ, Ҷаъфар ибни Муҳаммади Яздӣ, Муҳаммад ибни Фазлуллоҳи Мӯсавӣ, Ҷаъфарӣ, Шарафуддини Яздӣ ва Абдурраззоқи Самарқандӣ мебошанд.

Аз намояндагони варзидаи ин замон дар соҳаи адабиёт ва таърих Абдурраззоқи Самарқандӣ (1413–1482) буд, ки дар Ҳирот таваллуд шуда, қариб тамоми ҳаёташ дар он ҷо гузаштааст. Дар ҷавонӣ илмҳои таърих, ҳадис, тафсир, забон, адабиёт ва санъати шеърро омӯхтааст. Аввалин асари Абдурраззоқи Самарқандӣ шарҳи «Рисолаи Азудия» (оид ба грамматикаи забони арабӣ) буд, ки то замони мо нарасидааст. Ба қалами ӯ асарҳои адабии «Достони сафари Ҳиндустон», «Шарҳи ғароиб ва баёни аҷойиби он» ва девони ғазалиёт тааллуқ доранд. Абдурраззоқи Самарқандӣ дар илми таърих асари дуҷилдаи «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн»-ро таълиф намудааст, ки воқеаҳои таърихии солҳои 1304–1470-умро дар бар мегирад.

Аз олимони маъруфи он замон Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба шумор мерафт. Вай дар соҳаи ваъзу иншо хеле моҳир буд. Кошифӣ доир ба ахлоқ, таърих, тасаввуф, нуҷум, риёзиёт, фиқҳ ва ғайра 37 асари илмӣ ба мерос гузоштааст, ки муҳимтаринашон инҳост: «Оинаи Искандарӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Саҳифаи шоҳӣ», «Рисола дар илми ҳисоб», «Калиди

ганҷҳо дар кимиё», «Анвори Суҳайлӣ» ва ғайра. Ғайр аз ин, Кошифӣ дар шеърнависӣ низ маҳорати баланд дошт. Аз мероси манзуми ӯ маснавие бо номи «Зод-ул-мусофирин» боқӣ мондааст, ки ақидаҳои тасаввуфии ӯро дар бар гирифтааст.

Илмҳои дақиқ аз қабили илми нуҷум ва ҳандаса низ дар ин давр инкишоф ёфтанд. Бо ташаббуси Улуғбек дар Самарқанд мадрасае сохта шуд, ки донишмандони барҷастаи он давр Муҳаммади Хавофӣ, Қозизодаи Румӣ, Алии Қӯшчӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон аввалин муддарисони ин мадраса буданд. Соли 1424 расадхонаи Улуғбек бино ёфт, ки натиҷаҳои кори илмии чандинсола дар ин расадхона дар китоби «Зиҷи Курагонӣ» ҷамъбаст гардид. Ин китоб ба забони тоҷикӣ таълиф ёфтааст.

**Вазъи адабиёт дар XIV ва асри XV. Мактаби адабии Ҳирот.**

Дар ин асрҳо адабиёти бадеӣ низ рӯ ба тараққӣ ниҳода, адибони машҳур ва барҷастае ба майдон ворид гардиданд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ дар ин замон танҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон зиёда аз 132 адиб умр ба сар мебурд. Дар байни онҳо шоирони машҳури форс-тоҷик Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Абдурраҳмони Ҷомиро метавон номбар кард. Асарҳои онҳо бештар дар шакли достон, ғазал, қасида, мухаммас ва рубоӣ офарида шудаанд. Баробари ин, ба навиштани асарҳои насрӣ низ диққати махсус дода мешуд.

Дар адабиёти ин давр ҳаҷву муаммо мавқеи намоёнро ишғол мекарданд. Яке аз хусусиятҳои назарраси адабиёти ин аҳд пайдо шудани шоирони дузабона буд, ки ҳам бо забони тоҷикӣ ва ҳам бо забони туркӣ шеър эҷод мекарданд.

Шоири маъруфи он замон Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ (1321 – 1389) мебошад, ки ӯ дар ҷавонӣ Қуръонро азбар кард ва ба сабаби хуб тиловат карданаш тахаллуси «Ҳофиз»-ро гирифт. Ҳофизи Шерозӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик нақши ниҳоят бузургеро бозидааст. Вай шоирест, ки навъи ғазалро ба дараҷаи олии такомул расонида, ба он мазмунҳои тоза ворид кард. Шеърҳои ошиқонаи Ҳофиз эҳсоси баланд ва шавқу рағбати бепоёни одамиро иброз намуда, дурӯғу риёро мазаммат ва писандидатарин хислатҳои инсониро талқин мекунад.

Аз Ҳофиз як девони ашъор боқӣ мондааст, ки 418 ғазал, 5 қасида, 41 рубоӣ ва се маснавии хурдро дар бар мегирад. Нусхаҳои нодири девони Ҳофиз дар китобхонаҳои машҳури дунё нигоҳ дошта мешаванд. Асарҳои ӯ дар Ғарб ва Шарқ борҳо нашру тарҷума гардидаанд.

Шоири маъруфи дигари ин давр Камоли Хуҷандӣ (байни солҳои 1318 – 1323 – 1400) буда, аз барҷастатарин устодони назм ба ҳисоб меравад. Айёми кӯдакӣ ва таҳсили ибтидоияш дар

шаҳри Хуҷанд гузашта, охири умри ӯ дар Табрез сипарӣ мегардад. Қисми асосии девони Камолро ғазал ташкил медиҳад. Ғазалҳои ӯ равон ва хушоҳанг буда, баъзе аз онҳо бо мавзӯъ ва мазмуни худ ба ғазалҳои Ҳофиз монандӣ доранд. Асоси эҷодиёти Камоли Хуҷандиро ашъори ҳаётдӯстона, ғазалҳои рӯҳбахши ошиқона, таронаҳои вафодорию садоқат, самимияту саховат, мардонагию шуҷоат ва амсоли онҳо ташкил медиҳанд.

Аз Камоли Хуҷандӣ девони ашъор боқӣ мондааст, ки гузаштагон ҳаҷми онро 14 ҳазор байт гуфтаанд, аммо алҳол 7–8 ҳазор байт дорад. Вай аз 917 ғазал, 101 қитъа, 37 рубоӣ, 4 қасида ва байтҳои дигар иборат аст.

Намояндаи дигари маъруфи ин давра Хоҷа Низомиддин Убайдуллоҳи Зоконӣ (1270 ё 1280 – 1371) ба шумор меравад, ки бо номи Убайди Зоконӣ машҳур аст. Ӯ дар деҳаи Зокони наздикии Қазвин таваллуд ёфта, давраи ҷавонӣ ва таҳсилоти ибтидоии худро дар Қазвин гузаронида, сипас барои идомаи таҳсил ба Бағдод рафтааст. Баъд ба зодгоҳаш баргашт, вале аз рӯйи нодорӣ маҷбур шуд ба хизмати ҳукмрони Бағдод бозгардад. Сипас аз Бағдод ба Шероз омада, охири умрашро дар Шероз гузаронид.

Аз Убайди Зоконӣ осори мансуру манзуми начандон зиёд, вале аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва мавзӯъ ғанӣ боқӣ мондааст. Машҳуртарин асари мансури ӯ «Ахлоқ-ул-ашроф» мебошад, ки аз 7 боб иборат буда, масъалаҳои пандуахлоқиро дар бар мегирад. Дар рисолаи «Сад панд» масал, мақол ва ҷумлаҳои андарзӣ фароҳам оварда шудаанд. Асари дигари ӯ «Даҳ фасл» ном дошта, ба шакли фарҳанги тафсирӣ сохта шудааст.

Асари машҳури Убайди Зоконӣ «Рисолаи дилкушо» ном дорад, ки ҳикоёт ва латифаҳои зарифро дар бар мегирад. Чоряки ҳикоёти ин рисола бо забони арабӣ навишта шуда, мавзӯи ҳикояҳои «Рисолаи дилкушо» аз танқиди вазъияти замон – харобию қашшоқии мазлумон, бехонумонӣ ва гуруснагӣ, танқиди подшоҳон, рӯҳониён, бидъат ва хурофоти динӣ, сахтии аҳволи аҳли илму адаб, макру фиреби табақаи ҳоким, ҳозирҷавобии одамони одиву бебизоат ва ғайра иборат аст. Асари ҳаҷвии ӯ «Ришнома» аст, ки дар он танқиди зоҳирпарастӣ, кирдори ношоистаи як гурӯҳ инсонҳо зикр шудааст.

Убайди Зоконӣ дар «Куллиёт»-и худ боз як қатор асарҳои насриашро ҷой додаст, ки аксари онҳо то ҳол дастраси муҳаққиқон нагардидаанд. Дар «Куллиёт» ба ғайр аз асарҳои мансур якчанд асари манзум–қасидаҳо, ғазалҳо, рубоиёт, муқаттаот, таркиббанду тарҷеъбандҳо ва маснавиҳо (тақрибан 3500 байт) фароҳам омадааст.

Убайди Зоконӣ гарчанде дар мавзӯъ ва мазмунҳои гуногун асарҳои манзуму мансур офаридааст, дар таърихи адабиёти форс-тоҷик бо асарҳои ҳаҷвиаш машҳур мебошад.

Яке аз намояндагони бузурги мактаби адабии Ҳирот Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414 – 1492) ба шумор меравад. Ӯ дар деҳаи Ҷоми, наздикии Нишопур, таваллуд ёфта, таҳсили худро дар Ҳирот ба анҷом расонид ва ба фаъолияти илмию адабии худ дар ҳамин шаҳр оғоз бахшид. Ӯ баландтарин дараҷаи дониши замонаро азхуд карда, дар таърихи адабиёти асри миёнаи тоҷик аз сермаҳсултарин шоирон мебошад. Абдурраҳмони Ҷомӣ куллиёташро соли 1490 худаш мураттаб сохтааст, ки 38 асарро дар бар мегирад.

Аз осори бадеии Ҷомӣ се девон, «Ҳафт авранг», «Баҳористон» ва ғайра боқист. Дар девонҳо ғазалиёт, қасоид, қитъаот ва дигар навъҳои шеърӣ ҷамъ оварда шудаанд. Ҳаҷми умумии ин девонҳо бештар аз 16000 байт мебошад. Яке аз асарҳои машҳури манзуми Ҷомӣ «Ҳафт авранг» мебошад, ки аз ҳафт достони бузург иборат аст.

Давраи ташаккули адабиёти туркӣ дар аҳди салтанати Темуриён оғоз ёфт, ки яке аз намояндагони маъруфи он Низомиддин Алишер Навоӣ (1441–1501) ба шумор меравад. Осори Навоӣ бо забонҳои форсӣ-тоҷикӣ ва туркии чағатоӣ эҷод шудаанд.

Пас аз ба тахти Ҳирот нишастани султон Ҳусайн Бойқаро Навоӣ мақоми ходими давлатиро соҳиб шуд. Қариб тамоми умри Навоӣ дар Ҳирот гузаштааст. Ба қалами Навоӣ асарҳои назмию насрӣ, мисли «Хамса», «Лисон-ут-тайр», «Маҳбуб-ул-қулуб», «Таърихи мулуки Аҷам» ва ғайра марбут мебошанд. Шеърҳои бо забони туркии чағатоӣ таълифнамудаи Навоӣ бо унвони «Хазоин-ул-маонӣ» дар чаҳор девон гирди ҳам оварда шудаанд, ки он зиёда аз 3130 ғазал ва шеърҳои гуногунро дар бар мегирад. Девони дигари ӯ бо номи «Девони Фонӣ» машҳур аст, ки дар он 12 ҳазор мисраъ ашъори форсӣ-тоҷикии шоир ҷамъоварӣ шудааст.

Дар ташаккули фаъолияти шоирии Навоӣ нақши Абдурраҳмони Ҷомӣ хеле бузург аст. Навоӣ худро шогирди Ҷомӣ меҳисобид.

**Сарчашма:**

Маълумоти Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи Ҳофизи Шерозӣ: «Нодираи замон ва аъҷубаи даврон буда… ӯро «Лисонулғайб» ном кардаанд. Сухани ӯ бетакаллуф ва сода, аммо дар ҳақоиқу маориф ӯ маонӣ дода ва камолоти аввалӣ ниҳоят аст… ва дар илми қуръонӣ беназир аст. Ва алқобу номи Хоҷа Ҳофиз Шамсиддин Муҳаммад аст ва дар рӯзгори Оли Музаффар дар мулки Шероз зиндагӣ карда, аммо аз

ғояти ҳиммат ба дунё сар фуруд наёвардӣ ва бетакаллуфона маош кардӣ».

**Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро, дастхати № 84 китобхонаи ба номи А.А. Семёнови Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АУ ҶТ саҳ. 293.**

Соммирзои Сафавӣ дар тазкираи худ «Туҳфаи Сомӣ» дар бораи Абдурраҳмони Ҷомӣ менависад: «...Партави фазоили ӯ аз шарқ то ғарб расида...Дар унфувони (давраи) ҷавонӣ рӯйи таваҷҷуҳ ба ҷониби иктисоби фазоил (касби дониш) оварда ва ба андак вақт саромади фузало ва булағои он замон гашт. Дар даври султон Бӯсаид сити (овозаи) донишаш ба ҳама ҷо расид. Султон Саид бағоят дар боби эҳтиромаш мекӯшид... Дар замони султон Ҳусайн Бойқаро бештар аз пештар қабули мартаба ёфта...»

**Соммирзои Сафавӣ. Тазкираи туҳфаи Сомӣ. Тасҳеҳ ва муқаддима аз Рукниддини Ҳумоюнфаррух, Теҳрон, 1347 ҳ., саҳ. 143-145**.

**Санаҳои муҳим:**

1404 – таълифи «Зафарнома»-и Низомиддини Шомӣ

1490 – аз тарафи Ҷомӣ мураттаб сохтани куллиёти ӯ

1491–таълифи китоби «Равзат-ул-ҷаннот фи авсофи мадинати Ҳирот»-и Муиниддини Исфизорӣ

1492 – вафоти Абдурраҳмони Ҷомӣ

**Савол ва супориш:**

1) Ривоҷи илму фан ва соҳаҳои гуногуни онро шарҳ дода, олимони маъруфи ин давраро номбар намоед. 2) Шоирони маъруфи ин давра киҳо буданд? 3) Дар бораи мактаби адабии Ҳирот нақл кунед. 4) §§ 14 ва 15–ро такрор намоед.

# МАВЗӮИ VII

## ВАЗЪИ СИЁСИИ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРИ XVI. ТАЪСИСИ ДАВЛАТИ ШАЙБОНИЁН

### § 18. ВАЗЪИ ДАВЛАТИ ТЕМУРИЁН ДАР АРАФАИ ҲУҶУМИ ШАЙБОНИХОН

Сарзамини Мовароуннаҳр дар ибтидои садаи XVI гирифтори табаддулот ва таҳаввулот дар низоми сиёсӣ ва идорӣ гардид. Қабилаҳои кӯчии муғул ва муғулони туркшудаи Дашти Қипчоқ зери сарварии Муҳаммади Шайбонӣ бо истифода аз низоъҳои дохилӣ ва хонаводагии охирин намояндагони хонадони темурӣ дар Мовароуннаҳр ба ин сарзамин ҳуҷум карда, ин кишварро ишғол карданд. Ин қабилаҳо дар Мовароуннаҳр баъдан бо номи ӯзбек дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр мешаванд.

Соли 1494 ҳокими Самарқанд Аҳмад мирзо (1469–1494) вафот кард. Ӯ ба унвони «султон» танҳо ҳокимият бар Мовароуннаҳр мекард ва фармонравои тамоми давлати Темуриён (манзур Хуросон низ ҳаст) ба ҳисоб намерафт. Баъд аз Аҳмад мирзо ҳокимият дар Мовароуннаҳр ба дасти Маҳмуд ибни Абӯсаид – бародари Аҳмад мирзо, ки он замон ҳокими вилояти Ҳисор буд, мегузарад. Аммо ҳукумати ӯ низ дер давом накард ва баъд аз шаш моҳ Маҳмуд ибни Абӯсаид аз олам даргузашт ва писари ӯ Бойсунғур мирзо ба тахти ҳукумат нишаст. Барои тахту тоҷ Мовароуннахр миёни бозмондагони хонадони темурӣ ба майдони шадидтарин муборизаҳо мубаддал гашт. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо сабаби ихтилофҳо ва муборизоти шадид миёни охирин намояндагони сулолаи темурӣ дар Мовароуннаҳр он буд, ки Бойсунғур мирзо чун дар Ҳисор таваллуд ва бузург шуда буд, бинобар ин, дар идории мамлакат бештар ба ашрофзодагони Ҳисор такя мекард. Ба ин далел аъёну ашрофи Самарқанд худро таҳқиршуда ҳисобида, дар атрофи бародари Бойсунғур – султон Алӣ мирзо муттаҳид гаштанд.

Яке аз шахсиятҳои бонуфузи Самарқанд– Дарвешмуҳаммади тархон дар моҳи майи 1494 бар зидди Бойсунғур исён бардошт ва бо кумаки тарафдорони худ аз Насаф (Қаршӣ) султон Алиро ба Самарқанд даъват карда, ӯро ҳокими Самарқанд эълон намуд. Аммо Бойсунғур бо ҷонибдории яке аз рӯҳониёни бонуфуз Хоҷа Мукаррим ҳукуматро дубора ба даст гирифта, Дарвешмуҳаммади тархонро ба қатл расонид ва амр дод то чашмони бародараш султон Алӣ мирзоро бо оҳани тафта сӯзонанд. Аммо султон Алӣ бо фирор аз ин ҷазо эмин монд ва ба манзили Хоҷа Муҳаммади Яҳё – писари

Хоҷа Аҳрор паноҳ бурд. Бо кумаки ин хоҷа султон Алӣ ба Бухоро фирор кард ва аз ҷониби ҳокимон ва аъёну ашрофи Бухоро хуш пазируфта шуд. Бо иттилои ин хабар Бойсунғур ба ҷониби Бухоро лашкар кашид, аммо дар ин набард лашкари Бойсунғур аз ҷониби лашкари султон Алӣ шикаст ёфт ва Бойсунғур ба Самарқанд ақибнишинӣ кард. Баъди муддате султон Алӣ ба тарафи Самарқанд лашкар кашид ва дерзамоне ин шаҳрро дар ҳалқаи муҳосира гирифт. Ба сабаби муҳосира вазъи Бойсунғур дар Самарқанд бад шуд ва ӯ соли 1497 аз Шайбонихон, ки дар Дашти Қипчоқ буд, имдод хост. Шайбонихон ба баҳонаи кумак, аммо дар асл барои тасхири Самарқанд ба шаҳр наздик шуд, аммо ба сабаби он ки гӯё Бойсунғур мирзо ба ӯ таваҷҷуҳи хоссе накардааст, ба Туркистон боз гашт. Аммо ин хони моҷароҷӯйи Дашти Қипчоқ дарк кард, ки ҳоло фазои комилан мувофиқ барои забти пойтахти Мовароуннаҳр нарасидааст ва ба ин сабаб баҳона пеш овард, ки Бойсунғур эҳтиромашро ба ҷой наёвард ва ӯ ба Бойсунғур ёрӣ нахоҳад расонд.

Дигар аз намояндагони хонадони темурӣ Заҳируддин Бобур – ҳокими Андиҷон, ки ба қавли худаш «дар сар ҳавои ҳокимияти Самарқандро мепарварид», 16 июни 1496 бо лашкари худ ба ҷониби Самарқанд рафт. Сабаби ба Самарқанд лашкар кашидани Бобурро муаллифи «Таърихи Рашидӣ» Муҳаммад Ҳайдари Дуғлот, ки писархолаи Бобур аст, дар он медонад, ки дар асари муборизаҳо ва муҳосираи тӯлонии Самарқанд ҳам лашкари Бойсунғур ва ҳам сипоҳи султон Алӣ заиф гашта буданд ва шаҳри Самарқанд бидуни муқовимат таслим мешуд.

Бойсунғур ҳафт моҳи дигар дар муҳосира буд. Вазъи Самарқанди муҳосирагашта рӯз аз рӯз мушкил мегашт. Бойсунғур чун эҳсос намуд, ки дигар бо рақибони хокимияташ муқовимат карда наметавонад, дар ноябри соли 1497 ба ҷониби Қундуз ақибнишинӣ кард.

Аз миёни ҳокимиятхоҳон нахуст Заҳируддин Бобур дар охири моҳи ноябри соли 1497 вориди Самарқанд гашт, вале ҳукумати ӯ низ дер давом накард. Бобур ҳудуди сад рӯз дар ин шаҳр буд ва ӯ низ бо он сабабе, ки Бойсунғур Самарқандро тарк карда буд, дар охири моҳи феврали 1498 ноилоҷ тарки Самарқанд намуд.

Бо шунидани ин хабар, ки Бобур Самарқандро тарк кардааст, султон Алӣ мирзо бо лашкари худ ба пойтахти Мовароуннаҳр дохил шуд. Мувофиқ ахбори сарчашмаҳои таърихӣ султон Алӣ мирзо (1498 – 1500) – писари хурдии султон Маҳмуд мирзо аз ҳокимони заифиродаи хонадони темурӣ дар Самарқанд ба шумор мерафт.

Дар ин замон мардуми Самарқанд аз гуруснагӣ ва бадбахтӣ ранҷ мекашиданд ва пойтахи Мовароуннаҳр тамоми

шукӯҳу шаҳомати пешинаашро аз даст дода буд.

Бо гирифтани хабари ин ки авзои Самарқанд печида ва мушкил шудааст, Шайбонихон дубора ба ҷониби Самарқанд лашкар кашид, вале чун ба муқовимати шаҳриёни Самарқанд гирифтор шуд, ба ҷониби Насаф (Қаршӣ) ва Кеш (Шаҳрисабз) рафта, ин шаҳрҳоро тороҷ карда, ба Дашти Қипчоқ баргашт. Ин лашкаркашии хони Дашти Қипчоқ хусусиёти истикшофӣ дошт, зеро баъд аз расидан ба Дашти Қипчоқ аз тамоми хонавода ва ҷонибдорони хеш даъват кард, ки то ҳарчи зудтар гирди ҳам оянд ва дар бораи ишғоли сарзаминҳои Мовароуннаҳр машварат намоянд. Ин замон дар ҳукумати Самарқанд султон Алӣ фармонравоӣ мекард.

Зери мафҳуми Дашти Қипчоқ ҷуғрофиёи таърихӣ сарзаминҳои аз Урал то Сибир, ҳавзаи баҳри Арал ва поёноби Сирдарё (ҳудуди Қазоқистон ва қисме аз сарзамини имрӯзаи Русия)-ро дар назар дорад, ки аз асри XI ба баъд дар манбаъҳои таърихӣ бо номи Дашти Қипчоқ зикр мешавад. Дар асри XIII ҳудуди мазкурро муғулҳо забт намуданд. Онҳо ба аҳолии таҳҷойӣ як шуда, забони маҳаллиро қабул карданд. Сарчашмаҳои таърихӣ гузориш медиҳанд, ки дар нимаи дуюми асри XV дар ҳайати қабилаҳои кӯчии Дашти Қипчоқ беш аз 92 қабила, чун киёт, манғит, дурман, найман, уйғур, қарлуқ, қунғрот, таймас, хитой ва ғайра зиндагӣ мекарданд.

Муборизаи Шайбонихон барои ба даст овардани ҳокимият дар Дашти Қипчоқ барор нагирифт. Ӯ дар ин мубориза борҳо аз ёрию дастгирии Темуриён баҳраманд гардида буд.

Шайбонихон ва бародараш Маҳмуд султон баъд аз саргардониҳои зиёде ба Мовароуннаҳр паноҳанда мешаванд. Дар муддати ду соли зиндагӣ дар Бухоро Шайбонихон неруи ҷангии худро қавӣ намуда, дубора барои ба даст овардани ҳокимияти аз дастрафтаашон ба Дашти Қипчоқ ҳамлавар мешавад, ки дар натиҷаи муборизаҳои шадид Шайбонихон ҳокимиятро дар он ҷо ба даст меоварад.

Сарватҳои зиёд, низоми устувори идораи давлат дар Мовароуннаҳр ва дар баробари ин авзои парокандаи сиёсӣ дар ин сарзамин дар андешаи Шайбонихон ба даст овардани ин кишварро ба вуҷуд овард. Барои саҳронавардони Дашти Қипчоқ ҷангҳо василаи ягонаи ба даст овардани эҳтиёҷоти рӯзгорашон ба ҳисоб мерафт. Бо ғорату тороҷ ин қабилаҳо ончиро, ки дар зиндагии саҳронавардии онҳо мавҷуд набуд, пайдо менамуданд.

Хуруҷи қабилаҳои бодиянишини турку муғули Дашти Қипчоқ аз Урдаи Сафед бо сарварии Муҳаммади Шайбонӣ ба ҷониби воҳаҳои кишоварзии Осиёи Миёна ва истилои Мовароуннаҳру Хуросони Шарқӣ дар ибтидои садаи XVI пеш аз ҳама ба ниёзмандиҳои иқтисодии ин қабилаҳо иртибот дошт.

Бодиянишинони Урдаи Сафед тадриҷан ҳама гуна равобитро ба маркази Урдаи Тиллоӣ аз даст дода, бо Мовароуннаҳр, ки онҳоро бо маҳсулоти мухталифи ҳунармандӣ таъмин мекард, дар робитаи наздик қарор гирифтанд.

Ҳамаи халқиятҳои қадим ва асримиёнагии туркзабон фақат ба галадорӣ шуғл дошта, комилан зиндагии бодиянишинӣ ихтиёр мекарданд ва ба ҳаёти муқимии хеш на дертар аз садаҳои IX–X оғоз кардаанд. Бинобар ин бо ин, ки қабилаҳои турку муғули Дашти Қипчоқ фарҳанги кишоварзӣ-муқимӣ ва шаҳрсозӣ надоштанд, аммо дигар наметавонистанд бе маҳсулоти ҳунармандони шаҳр, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон ба дараҷаи баланди рушд расида буд, зиндагии хешро тасаввур кунанд. Дар навбати худ қишри ҳунарманди ин сарзаминҳо бо маводи хоме, ки қабилаҳои Дашти Қипчоқ (бештар чарм) истеҳсол мекарданд, низ ниёзманд буданд. Дар ин поя тараққӣ ёфтани мубодилаи мол бодиянишинонро маҷбур сохт, то ба мардумони муқимии ҳамсоя ошноӣ пайдо кунанд ва ба сарзамини онҳо бо ҳар васила ворид шаванд. Ин буд, ки барои ба даст овардани сарват, заминҳои ҳосилхез ва чарогоҳҳои васеи Мовароуннаҳру Хуросон қабилаҳои Урдаи Сафед дар атрофи Муҳаммади Шайбонӣ муттаҳид шуданд. Ташкили ҳамчунин иттиҳоди бузурги қабилаҳо ҳамеша онҳоро ба истилои сарзаминҳои бегона роҳнамоӣ мекард. Зеро ҷангҳо барои ашрофи қабилаҳо на танҳо чун василаи сарватманд шудан буданд, инчунин, ҷангҳо имкони пойин овардани мушкилоти иҷтимоиро дар дохили қабила низ фароҳам меоварданд.

Бо истифода аз мухолифатҳои шадиди охирин намояндагони сулолаи Темуриён ки барои ба даст овардани ҳукумат аз ҳама гуна воситаҳо истифода мекарданд ва ҳатто аз душманони хонадони худ дар барандохтани ҳамдигар кумак мехостанд, Муҳаммади Шайбонӣ аз Дашти Қипчоқ бо қабилаҳои зери фармони худ ба сарзамини Мовароуннаҳр ҳуҷум кард. Беиродагӣ, нотавонбинӣ ва чоплусии охирин намояндагони ҳукумати темурӣ боис гардид, то қабилаҳои дур аз тамаддуну маърифати Дашти Қипчоқ сарзаминҳои тамаддунофар ва фарҳангхези Мовароуннаҳру Хуросонро ғасб кунанд ва дар андак замоне шаҳрҳо ва рустоҳои сарсабзу ободи онро зери суми маргзои аспони насли чингизӣ ба харобазор мубаддал созанд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ қабилаҳое, ки дар ишғоли Мовароуннаҳр ба Шайбонихон ёрӣ расонидаанд, бо номи «ӯзбек» ё «ӯзбек» зикр мешаванд.



***Тасвири Шайбонихон. Минётураи Беҳзод***

Ҳуҷуми дастҷамъии ӯзбекони бодиянишин бо сарварии Муҳаммади Шайбонӣ ба Мовароуннаҳру Хуросон на танҳо як хуруҷи маъмулии бодиянишинон барои ғорати ҳамсоягони муқимии шарқии худ зикр мешавад, балки ин як зуҳуроти бузурги иҷтимоӣ буд, ки вазъи номусоиди дар биёбонҳои Дашти Қипчоқ ба вуҷуд омада боис шуд, то ӯзбекони бодиянишин талоше барои гузаштан ба зиндагии муқимиро намоянд.

Парокандагии сиёсию иқтисодӣ, таҷзияталабии ҳокимони вилоятҳои мухталиф ва шиддат ёфтани ихтилофоти дохилӣ давлати Темуриёнро заиф намуд ва заминаҳоеро барои мутеъ сохтани Мовароуннаҳр ба бодиянишинони Дашти Қипчоқ фароҳам овард.

Шиддат ёфтани ихтилофоти дохилӣ миёни охирин намояндагони хонадони темурӣ дар Мовароуннаҳр дар он хулоса мешуд, ки ҳар амир худро на намояндаи давлати марказӣ, балки он қабилае медонист, ки аз он бархостааст (мисли барлос, арғун, ҷалоир ва ғайра). Бодиянишинони Дашти Қипчоқ ин мушкилоти давлати Темуриёнро ба хубӣ эҳсос менамуданд ва дар ҳар лаҳзаи муносиб ноҳияҳои сарҳадии Мовароуннаҳрро ғорату тороҷ мекарданд, то расид замоне ки дар ибтидои садаи XVI ба ишғоли комили он иқдом намуданд.

Мардуми Мовароуннаҳр, ки аз ин ҷангҳо ва низоъҳои тӯлонӣ миёни Темуриён дилгиру хаста гардида буданд, дар иваз шудани ҳокимон комилан беалоқагӣ нишон медоданд. Қишри бонуфуси он ҷомеа ба ҳокимони собиқи худ хиёнат намуда, ҳузури ҳукуматдорони навро дар симои Шайбонихон таҳният мегуфтанд.

Қишри рӯҳонии ҷомеаи он замони Мовароуннаҳр, ки дар аҳди Темуриён аз мақоми баланде бархурдор буданд, ба хотири аз даст надодани ин мавқеъ бо Шайбониён ҳамраъйю ҳамдил шуданд ва дар таблиғи ғасбкориҳои хонҳои ӯзбек аз ҳеч кумак дареғ наварзиданд. Ин мусоидати рӯҳониён истилои Мовароуннаҳру Хуросонро барои хонҳои ӯзбеки Дашти Қипчоқ осон намуд ва дар устувор гардидани ҳукумати онҳо мусоидат кард.

Дар ҳамин солҳо душмани ашаддии Темуриён, бодиянишинони қисмати шимолии Мовароуннаҳр–муғулҳо Тошкандро маркази худ қарор дода, ҳар доим ба ноҳияҳои марказӣ ҳамла намуда, аҳолиро тороҷ мекарданд. Темуриён

Шайбонихонро ба муқобили ин душмани худ истифода карданӣ шуданд, вале ӯ аксар вақт хилофи ваъдаи худ амал карда, ба мулкҳои ҳар ду тараф ҳуҷумҳои ғоратгарона менамуд. Оқибат Шайбонихон аз ҳамқавмони худ лашкари бузурге ташкил дода, бо муғулҳо муоҳида баста, ба истилои Мовароуннаҳр шурӯъ менамояд.

**Аз тарафи Шайбонихон истило гардидани шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд.** Пойтахти Мовароуннаҳр–шаҳри Самарқанд дар интизори сарнавишти фоҷиаборе буд. Соли 1500 Шайбонихон бо кумаки ҳокими Тошканд Маҳмудхони муғул, ки 5000 сарбозро дар ихтиёраш гузошта буд, ба ҷониби Самарқанд лашкар кашид ва шаҳрро дар ҳалқаи муҳосира гирифт. Аъёну ашрофи Самарқанд бо эҳос намудани хатари бузурге сокинони шаҳрро ба муҳофизати он бархезониданд. Ин замон буд, ки ҳокими Бухоро Муҳаммад Боқӣ бо 10 ҳазор лашкар тасмим гирифт ба самарқандиёни муҳосирагашта ёрмандӣ намояд. Ин хабар Шайбонихонро маҷбур сохт, ки даст аз муҳосираи Самарқанд бардорад ва ба набарди Муҳаммад Боқӣ тархон равад. Дар наздикии қалъаи Дабусия миёни Муҳаммад Боқӣ тархон ва Шайбонихон ҷанге ба вуқӯъ пайваст, ки дар натиҷа лашкари Муҳаммад Боқӣ тархон шикаст ёфт. Ин пирӯзӣ боис шуд то Шайбонихон ба ҷониби пойтахти дуюми Мовароуннаҳр – шаҳри Бухоро лашкар кашад ва шаҳрро дар муддати се рӯз ҳалқавор дар муҳосира бигирад. Бузургони Бухоро Муҳаммад Алии Хоразмиро ба намояндагӣ аз аъёну ашроф бо туҳфаҳои фаровон барои музокира ба назди Шайбонихон фиристоданд, то ин хабарро расонад, ки Бухоро бидуни қайду шарт ба Шайбонихон таслим хоҳад шуд. Ин буд ки Шайбонихон бе ҷанг Бухороро ба даст овард ва Муҳаммад Солеҳро доруғаи шаҳр таъйин намуд. Ин ҳамон Муҳаммад Солеҳ – шоири туркзабон ва вассофи ҳукумати темурӣ буд, ки рӯй аз хоҷагони собиқи худ бартофт ва ба ҷониби ҳамнажоди дигари худ – Шайбонихон гузашт.

Таслими бешарафонаи Бухоро ба ӯзбекон аз ҷониби рӯҳониён ва аъёну ашрофи шаҳр ба рӯҳияи муборизаи муҳофизони Самарқанд зарбаи ҷонгудозе зад. Иловатан ин замон буд, ки миёни ҳокими Самарқанд султон Алӣ мирзо ва ҳокими собиқи темурии қалъаи Утрор Муҳаммад Мазид тархон, ки баъди забти Утрор аз ҷониби муғулон ба Самарқанд паноҳ бурда буд ва тамоми қудрати идорӣ дар дасташ қарор дошт, низоъ ба амал омад.

Муҳаммад Мазид тархон аз ҷониби омилонаш, ки дар дарбори султон Алӣ мирзо иҷрои вазифа мекарданд, хабар ёфт, ки султон Алӣ мирзо ба ҷони ӯ суиқасд ташкил карданист. Бо иттило ёфтан аз ин хабар ӯ бо писаронаш Дӯстмуҳаммад тархон ва Пирмуҳаммад тархон ва тамоми амирон, ақрабо ва ҷонибдоронаш ба тарафи Кеш фирор кард, то бо ҷанг дубора вориди Самарқанд гардад. Муҳаммад Мазид ба ҷониби Бобур расулони худро фиристод ва ваъдаи ба ӯ додани тахти Самарқандро кард.

Низоъҳои дохилӣ ва қасд ба ҷони ҳамдигар кардани аъёну ашрофи Самарқанд бо ин хотима наёфт. Миёни султон Алӣ мирзо ва Бобур ва пири силсилаи нақшбандияи Мовароуннаҳр – Хоҷа Қутбуддин Муҳаммади Яҳё – писари Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор ва султон Алӣ мирзо ихтилофи шадиде ба миён омад. Султон Алӣ мирзо аз он ҳарос дошт, ки бо он таваҷҷуҳе, ки Хоҷа Қутбуддин Муҳаммади Яҳё ба Бобур дорад, имкони он шояд фароҳам шавад, ки Бобур ба тахти Самарқанд бинишинад.

Шайбонихон аз ин мухолифати сарварони ҳукумати Самарқанд хабар ёфта, замонро мувофиқ дид ва ба ҷониби Самарқанд лашкар кашид. Замоне ки ба рустои Тотканд расид, хабар омад, ки дастае аз аъёну ашрофи Бухоро бо собиқ ҳокими Бухоро Муҳаммад Боқӣ тархон, ки дар Қаршӣ паноҳ бурда буданд, ҳамраъй шудаанд, то Бухороро дубора таслими ӯ гардонанд. Шайбонихон баргашта ба Бухоро омад ва ҳар касеро, ки ба гуноҳи хиёнат муттаҳам намуда буданд, бераҳмона ба қатл расонид ва лашкараш шаҳрро ғорату хароб кард. Ӯ шаҳриёни Бухороро ғаромати бузурге баст, дастур дод, то девори шаҳрро хароб кунанд ва бародараш султон Маҳмудро ҳокими Бухоро таъйин намуд. Муҳаммад Боқӣ тархон, ки дар наздикии Бухоро соати муносиберо барои ворид шудан ба шаҳр интизор буд, баъди вуқӯи ин ҳодиса аз набард бо Шайбонихон даст кашид ва ба ҷониби Насаф ақибнишинӣ кард.

Дар ҳамин ҳол Муҳаммад Мазид тархон, ки паноҳанда дар Кеш буд, ҳама гуна тадбири мубориза ро бар зидди ӯзбекон меандешид. Ӯ Бобурро аз Андиҷон ва султон Увайс, бародари султон Алӣ мирзоро аз Тошканд ба назди худ даъват кард, то як амалиёти муштаракро ба Самарқанд созмон бидиҳанд. Аммо султон Увайс ба ҳеч кадом аз амалиёти низомии муштарак ба Самарқанд ризоят надод ва ба Тошканд баргашт.

Хоҷа Муҳаммади Яҳё, ки Бобурро аз муридони хеш медонист, ҳар замон ба ӯ нома ирсол мекард. Вақте, ки хиёнати султон Алӣ мирзо нисбат ба Хоҷа Яҳё аён гашт, Хоҷа ба Кеш

расули худро фиристод ва аз Бобур тақозо кард, ки омада ҳукумати Самарқандро ба дасти хеш гирад. Султон Алӣ мирзо баъди иттилоъ ёфтан аз ин пешниҳоди Хоҷа Яҳё дар ҳолати ниҳоят парешонӣ бо чанде надимони худ машварат кард ва ба хулосае расид, ки агар Хоҷа Яҳё ҳукумати Самарқандро ба Бобур ваъда карда бошад, пас чаро мо ин ҳукуматро ба Шайбонихон надиҳем.

Ин ҳокими беиродаи темурӣ аз тарси рафтани ҳукумат ба дасти душманони дохилиаш, ба сарнавишти шаҳр ва шаҳриёни Самарқанд хиёнат карда, пинҳонӣ бо Шайбонихон иртибот барқарор намуда, тавассути нома аз таслими шаҳр ба ӯ хабар медиҳад. Шайбонихон бо шодии ҳарчи бештар ин хабарро мепазирад ва намояндаи худ Саид Ҷалолуддин Хованди Бухориро ба Самарқанд барои музокира мефиристад. Саид Ҷалолуддин Хованди Бухорӣ нахуст мехоҳад бо Хоҷа Яҳё суҳбат кунад, аммо Хоҷа ӯро ба ҳузур намепазирад ва билохира, ӯ пинҳонӣ ба даргоҳи султон Алӣ мирзо меояд ва аз ҷониби ӯ пазируфта мешавад.

Хоҷа Яҳё аз хиёнати султон Алӣ хабардор шуда, роҳбарии ҳимояти шаҳрро ба ихтиёри худ мегирад. Аммо мардуми ноумед ва парешони Самарқанд ба даъвати Хоҷа Яҳё барои дифои шаҳр беалоқагӣ нишон медиҳанд ва аъёну ашрофи шаҳр чун Иброҳими Ҷонӣ, Ҳайбати Қучин, султон Ҳусайни Арғун, Абдулваҳҳоби Шақовул бо туҳфаҳои фаровон ба назди Шайбонихон мераванд.

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки модари султон Алӣ мирзо – Зуҳрабегим низ нақши муҳиме дар таслими шаҳр ба Шайбонихон доштааст.

Ҳамин тавр, соли 1500 шаҳри Самарқанд бе набард ба Шайбонихон таслим мешавад. Шайбонихон Ҷонвафо мирзоро, ки аз қабилаи найман буд, бо 600 ҷанговари ӯзбек дар дижи Самарқанд монда, дастур медиҳад то молу амволи аъёну ашрофе, ки аз шаҳр фирор карда буданд, тороҷ кунанд ва ба хазина интиқол диҳанд.

Шоири дарбори Шайбониён Камолуддин Биноӣ тасхири пойтахти Мовароуннаҳр, шаҳри Самарқандро на ба василаи неруи низомӣ ва истеъдоди лашкаркашии Шайбонихон медонад, балки марбут ба хиёнати намояндагони ҳукумати темурии Самарқанд меҳисобад.

**Кӯшиши бебарори Бобур барои барқарор намудани давлати Темуриён**. Бобур баъд аз он ки Самарқандро тарк гуфт, ба Ҳисор омад. Тирамоҳи соли 1500 ӯ бо 240 нафар тарафдоронаш аз тариқи кӯҳҳои Фон ва Киштут ба тарафи шаҳри Самарқанд рафт.

Бобур бовар дошт, ки сокинони шаҳр дар мубориза бар зидди ӯзбекон кумакаш хоҳанд кард. Ин пешбинии Бобур дуруст баромад ва сокинони шаҳри Самарқанд ҳамроҳ бо Бобуру тарафдоронаш бар зидди Шайбонихон бархостанд. Кӯшишҳои Шайбонихон дар бораи нигаҳ доштани ҳокимият дар шаҳри Самарқанд бенатиҷа анҷом ёфт ва Бобур бори дуюм ба тахти Самарқанд нишаст. Бо вуҷуди ин, ки Бобур бо ҷонибдории шаҳриёни Самарқанд ва иддае аз рӯҳониён шаҳрро аз Шайбонихон пас гирифт, аммо бар асари талаву тороҷи лашкари ӯзбек Самарқанд дар ҳолати ниҳоят буҳронӣ қарор дошт. Бобур аз Ҳусайн Бойқаро – ҳокими темурии Хуросон умеди ёрмандӣ дошт, аммо ӯ бетарафиро афзал донист. Ба кумаки Бобур лашкаре аз Фарғона расид, аммо дар ин вазъи буҳрони иқтисодӣ бо хӯрок таъмин кардани ин лашкар хеле мушкил буд. Султон Маҳмудхон – ҳокими муғулии Тошканд, ки бародари модари Бобур буд, 1500 муғулро ба имдоди Бобур фиристод. Бобур дар асараш «Бобурнома» менависад, ки ба ҷойи он ки онҳо дар ҳифзи шаҳр ба ӯ кумак намоянд, баръакс, ба ғорату тороҷи мардум пардохтанд. Шиддати қаҳтӣ ва гуруснагӣ ҳамоно боло мерафт ва ин буд, ки Бобур натавонист дар баробари ҳуҷуми дигари Шайбонихон, ки дар моҳи шавволи 906 ҳ./апрели 1501 милодӣ дар мавзеи Сарипул сурат гирифт, аз ин шаҳр дифоъ кунад ва ба дохили шаҳр паноҳ бурд. Ба муборизони шаҳр силоҳ намерасид ва илова бар ин, дар шаҳри аз тарафи Шайбонихон муҳосирашуда гуруснагӣ ҳукмфармоӣ мекард. Гуруснагӣ то ҳадде расид, ки мардум гӯшти саг ва харро мехӯрданд. Бо дарназардошти рӯз ба рӯз мушкил шудани вазъ Бобур дар нимаи дуюми соли 1501 Самарқандро тарк кард. Шайбонихон ин бор ба тариқи ҳамешагӣ бар Самарқанд пирӯз шуд.

**Ҳуҷуми Шайбонихон ба Балх, Ҳисор, Қундуз ва Хоразм. Муҳосираи Истаравшан. Қатли ом дар Хуҷанд ва Қарокӯл.** Дар тирамоҳи соли 909 ҳ.қ/1503 милодӣ Шайбонихон ба умеди пирӯзӣ аз Самарқанд ба ҷониби Балх лашкар кашид ва аз гузаргоҳи Каркӣ Амударёро убур намуд. Қалъаи Андхӯй, ки Муҳаммад Боқир тархон онро дар ихтиёр дошт, бе набард таслим гашт. Шайбонихон бо 10 ҳазор сарбоз Балхро ба ҳалқаи муҳосира гирифт ва қисме аз сипоҳиёни худро барои тороҷи Шибирғон фиристод. Сафире ба Балх ба назди мирзо Муҳаммадзамон, ки дифои шаҳрро ба зимма гирифта буд, ирсол намуда, тақозои бечунучарои таслими ононро кард. Аммо муҳофизини шаҳр посухи рад доданд ва ба ҷанги зидди лашкари Шайбонхон омодагӣ гирифтанд. Шайбонихон се бор ба Балх ҳуҷум овард ва ба шадидтарин муқовимати муҳофизони шаҳр дучор гардид. Чун дид бо ҳуҷум ба ғасби Балх муваффақ намегардад, он гоҳ усули муҳосира ва бастани ҳамаи роҳҳои даромаду баромад ва хуруҷии

шаҳрро пеш гирифт, ки он се моҳ давом кард. Муҳофизини Балх ба ҳама гуна мушкилот тоб оварда, нагузоштанд то ӯзбекон дохили Балх шаванд. Шайбонихон ба ҷуз аз бозгаштан ба Самарқанд чораи дигаре надид ва дар миёнаҳои зимистони ҳамон сол Амударёро гузашта, ба Самарқанд баргашт.

Пас аз ишғоли аксари шаҳрҳои Мовароуннаҳр Муҳаммад Шайбонихон барои забти яке аз вилоятҳои он – Ҳисор лашкар кашид. Дар асрҳои миёна Ҳисор калиде буд ба дарвозаҳои Хатлон, водии Рашту вилояти Бадахшон ва шимоли Хуросон, ки дар дарозои таърих нақши муҳиме дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин сарзаминҳо доштааст. Ҳисор дар таркиби давлати Темуриёни охири садаи XV дар шумори минтақаҳое бо имтиёзоти хос чун Фарғона ва Бадахшон шомил буд.

Тасхири Ҳисор аз чанд ҷиҳат барои Шайбонихон муҳим буд. Нахуст ин, ки ин сарзамин миёни минтақаҳои Мовароуннаҳр аз шумори ободтаринҳо ба ҳисоб мерафт ва талоши Шайбониён дар забткориҳои Мовароуннаҳр ин пеш аз ҳама ба даст овардани сарзамини ҳосилхез ва сарсабзу обод буд. Дигар ин ки бо тасарруфи водии Ҳисор Шайбониён ба рӯйи худ дарвозаеро ба ҷониби Хатлону Рашт ва Бадахшону шимоли Хуросон боз мекарданд.

Ин замони забткориҳо дар Мовароуннаҳр ҳокимони Ҳисор, Хатлон ва Бадахшон, ки танҳо ба исмаш дар таркиби давлати темуриёни Хуросон шомил буданд, тасмим гирифтанд то дар атрофи Бадеуззамон – писари султон Ҳусайн – ҳокими Хуросон муттаҳид шаванд ва ҷабҳаи муштараке дар муқобили Шайбонихон эҷод кунанд. Аз соли 903 ҳ.қ./1497-1498 милодӣ ҳокими Ҳисор Хусравшоҳ буд, ки ин сарзаминро аз шаҳри Қундуз идора мекард.

Тибқи ахбори «Бобурнома» баъд аз он ки Шайбонихон Андиҷонро забт кард, ба ҷониби Ҳисор лашкар кашида, ишғоли Ҳисорро ба Ҳамза султон ва Маҳдӣ султон (писарони Суюнҷхоҷа–амаки Шайбонихон) вогузошта, худаш дар амалиёти ғасби Кундуз ширкат кард.

Дар моҳҳои март – апрели соли 1504 амалиёти тасарруфи Ҳисор аз ҷониби Шайбониён муваффақона анҷом пазируфт. Бар асари набардҳо миёни Темуриён ва Шайбониён шаҳри Ҳисор дар ибтидои садаи шонздаҳ комилан хароб гардид.

Хусравшоҳ, ки сарзаминҳои зери ҳокимияташ ба дасти Шайбонихон таслим шуда буданд, дар иттиҳоди Темуриёни Хуросон шомил гардида, хост дубора сарзаминҳои аз–дастрафтаашро пас бигирад. Бинобар ин дар лашкаркашие, ки бо сарварии Бадеуззамон барои ҷилавгирӣ аз пешрафтҳои Шайбониён ба ҷониби дигар минтақаҳои Хуросон бар зидди онҳо дар моҳи феврали соли 1505 дар наздикии Марғоб созмон

ёфт, ширкат варзида, аз ин ҷо ба ҷониби Қундуз ҳаракат кард. Мардуми деҳоти атрофи Қундуз ба лашкари Хусравшоҳ пайвастанд. Аммо дар ин набард лашкари Хусравшоҳ аз ҷониби ӯзбекон шикаст хӯрд ва худаш асир афтода, ба қатл расид. Ӯзбекон ба одате, ки дар миёнашон анъана дошт, чун рамзи пирӯзӣ сари ӯро бурида, ба Шайбонихон, ки ин замон Хоразмро ишғол карда буд, фиристоданд. Забти Ҳисору Қундуз ҳукмронии Шайбонихонро дар Кӯлобу қисме аз Бадахшон таъмин намуд.

Баъд аз пойдор гаштан дар Самарқанд Шайбонихон хост Ӯротеппаро низ ишғол намояд. Дар ин шаҳр ҳамагӣ ду ҳазор лашкарӣ нигоҳ дошта мешуд. Ба Шайбонихон ишғоли ин шаҳр ба зудӣ муяссар нашуд, зеро Ӯротеппа барои ҳифзи худ истеҳкоми муҳиме дошт, ки Шайбонихонро ба ҳайрат гузошта, ба хулосае овард, ки ин қалъаро бо ҷанг забт кардан аз имкон берун аст. Бинобар он ӯ қарор дод, ки қалъаро муҳосираи дуру дароз намуда, ҳокимаш Муҳаммадҳусайн мирзо ва сокинонашро ба таслимшавӣ маҷбур созад. Вале кӯшишҳои чандинкаратаи Шайбонихон бе натиҷа анҷом ёфтанд. Аммо ишғоли шаҳрҳои калонтарини Мовароуннаҳр:–Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Фарғона, Хуҷанд, Ҳисор ва қатлу ғорати Шайбониён дар ин ҷойҳо барои истилои Ӯротеппа замина фароҳам овард. Илова бар ин, лашкари истилогар деҳаҳои атрофи шаҳрро ғорат карда, ба зироат оташ зад. Муҳаммадҳусайн мирзо соли 1504 шаҳри Ӯротеппаро тарк намуда, ба Ҳирот меравад.

Шайбонихон бо лашкараш барои ишғоли Хуҷанд равонаи он шаҳр гашт. Сокинони қалъаи Хуҷанд зери фармони шоҳзода Ҷаҳонгир бар зидди душман муқовимат карда натавонистанд. Баъд аз забти Хуҷанд Шайбонихон қатли ом эълон кард, ки дар натиҷа мардуми зиёде ҳалок шуд. Шайбониён шаҳрро оташ заданд.

Ишғоли Хуҷанд роҳи водии Фарғонаро барои Шайбонихон боз кард. Ба Шайбонихон муяссар гардид, ки соли 1504 Фарғонаро ишғол намояд. Як сол қабл аз ин, соли 1503 шаҳри Тошканд ба ӯ тобеъ гашта буд.

Қарокӯл шаҳре дар наздикии Бухорост. Сарчашмаҳои таърихӣ менависанд, ки баъди забти ин шаҳр Шайбонихон онро ба писари амакаш Суюнчхоҷа – Ҳамза султон ба доруғагӣ дод. Ҳамза султон он қадр ситам ба ҷони мардум раво дид, ки қишрҳои гуногуни ҷомеаи Қарокӯл соли 1501 даст ба исён заданд, ки дар маркази онҳо мардумони бебизоат қарор доштанд. Ҳамза султон фирор кард ва ҳокимият ба дасти мардуми исёнгар гузашт. Аз ин исёни Қарокӯл Шайбонихон ба ҳарос афтод ва Ҳамза султонро аз ҳокимияти он ҷо барканор кард ва ба ин васила хост то исёнкунандагонро ором созад. Аммо ин иқдоми Шайбонихон мардуми Қарокӯлро ором накард

ва он исён давом ёфт. Мардуми Қарокӯл лашкари тозавориди ӯзбекон бо сарварии Бубай султонро, ки Шайбонихон ба ивази Ҳамза султон ба Қарокул таъйин карда буд, торумор намуданд ва худи Бубай султон ба асорат афтод.

Бо дарназардошти ин гуна сурат гирифтани воқеа Шайбонихон, ки дар Бухоро буд, барои пахши ин исён худ иқдом кард. Лашкари ӯ бо сарварии Ҷонибек султон ва писараш Муҳаммад Темур ба Қарокул омаданд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо 10 ҳазор аз мардумони Қарокӯл ба мубориза бархостанд ва баъди муқовимати чаҳормоҳа ба Шайбонихон муяссар шуд, ки вориди ин шаҳр гардад. Ғосибон мардуми исёнгари Қарокӯлро, ки аксар ба қалъаи он паноҳ бурда буданд, аз дами теғ гузарониданд. Бояд гуфт, ки баланд кардани манораҳо аз сари инсон маҳсули аъмоли ғайрибашарии Темурланг аст ва Шайбонихон ин кори ғайриинсониро идома дода, дастур дод то аз чаҳорсад сари буридаи мардуми Қарокӯл дар назди бозори аспи он шаҳр манора созанд.

Маркази дигари маъмурӣ ва фарҳангии тоҷикон – Хоразм низ доимо аз ҷониби бодиянишинони Дашти Қипчоқ мавриди ғорату тороҷ қарор мегирифт. Дар ибтидои асри XVI Хоразм бахше аз қаламрави султон Ҳусайн мирзо – ҳокими Ҳирот ба ҳисоб рафта, ҳокимони он аз тарафи Ҳирот таъйин мегардиданд. Дар моҳи октябри соли 1503 Шайбонихон Хоразмро ғасб кард. Аммо баъд аз берун рафтани Шайбонихон аз Хоразм, ҳокимият дар дасти ҳокими мавриди эътимоди Ҳирот – Чин Сӯфӣ боқӣ монд. Барои комилан аз зери итоати ҳокимияти Ҳирот баровардани Хоразм Шайбонихон ибтидои соли 1506 бори дуюм ба Хоразм ҳуҷум кард. Баъди забти Чорҷӯй Шайбонихон сафири худро ба назди ҳокими Хоразм Чин Сӯфӣ фиристод ва талаб кард, ки бечуну чаро таслим шавад. Аммо Чин Сӯфӣ ҷавоби рад дод ва умед дошт, ки ҳокими Ҳирот барои аз даст нарафтани қаламраваш ба ӯ мадад хоҳад расонд. Вале ҳеҷ кадом кумаке аз ҳокими Ҳирот ба вай нарасид ва Чин Сӯфӣ ба ҷанги Шайбонихон омода шуд. Баъди муҳосираи тӯлонӣ, ки ҳамаи захираҳои муҳофизони шаҳр ба охир расида, имкони идомаи муқовимат бо душман намонда буд ва одамон аз гуруснагӣ вафот мекарданд, дар моҳи августи соли 1506 Шайбонихон пойтахти асосии Хоразм–Урганҷро забт кард. Ҳокими Хоразм–Чин Сӯфӣ дар ин мубориза кушта шуд ва муҳофизони Хоразм талафоти зиёде доданд. Ҳамин тавр, темуриёни Хуросон тағйироти дар минтақа, баамаломада, яъне рӯз ба рӯз густариш ёфтани қаламрави зери ҳокимияти Шайбонихонро ба назар нагирифта, аз ҳампаймони худ – Хоразм маҳрум шуданд.

Баъди забти шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр Шайбонихон ба сарҳади Хуросон наздик шуд. Омили асосии ба

шадидтарин бархӯрдҳо мубаддал шудани мубориза барои Хуросон миёни Сафавиён ва Шайбониён дар ибтидои садаи XVI он буд, ки то охири садаи XV ин вилоят аз нигоҳи сиёсӣ, маъмурӣ ва фарҳангӣ бо Мовароуннаҳр робитаи наздик дошт, то бо вилоятҳои Эрони Ғарбӣ. Бинобар ин, хонҳои ӯзбеки шайбонӣ чун хешро аз насли Чингиз медонистанд, ба ин далел ин вилоятро моли меросии худ низ меҳисобиданд, бехабар аз ин ки Чингиз низ ба ин сарзаминҳо комилан бегона буд.

**Заволи давлати Темуриён.** Шайбонихон дар назди худ мақсад гузошт, ки Хуросон ва пойтахти дигари Темуриён – шаҳри Ҳиротро забт кунад. Бо ин сабаб соли 1507 милодӣ Шайбонихон ба ҷониби Ҳирот лашкар кашид. Барои мубориза бо Шайбониён амир Шуҷоуддини Зуннун бо лашкаре аз Ҳирот маъмур гардид ва дар ҷанги шадид бо ӯзбекон дар таърихи 7 майи соли 1507 сипоҳи темуриёни Хуросон шикаст ёфт ва амир Зуннун ба қатл расид. Баъди ин ҳодиса Бадеуззамон ва Музаффар Ҳусайн–писарони султон Ҳусайн Бойқаро, ки баъди вафоти падар муштаракан дар Хуросон ҳокимият меронданд, яке ба ҷониби Қандаҳор ва дигаре ба тарафи Астаробод фирор карданд. Амирони фирорӣ корҳои идорӣ ва дифоии шаҳрро ба шайхулисломи Ҳирот қозӣ Ихтиёруддин вогузор карданд. Шайбонихон, ки ин замон дар Бодғис буд, бо номае ба шайхулислом қозӣ Ихтиёруддин мурочиат намуд, то шаҳрро таслими ӯ намоянд. Сайидон, қозиён, ашроф ва обрӯмандони Ҳирот 20 майи 1507 дар мадрасаи Шайхулислом барои машварат ҷамъ омаданд ва тасмим гирифтанд, ки шаҳрро ба Шайбонихон таслим кунанд. Ба намояндагӣ аз онҳо муҳтасиби Ҳирот Мавлоно Усмон бо ҳадяҳои фаровон ба назди Шайбонихон ҳозир шуд, то эълом дорад, ки шаҳри Ҳирот таслими ӯст ва Шайбонихон вориди Ҳирот гардид. 27 майи соли 1507 дар масҷиди ҷомеи Ҳирот ба номи Шайбонихон хутба хонда шуд.

Шайбонихони ҳарис дар тамоми шаҳрҳои ғасбшуда бо усулҳои мухталиф, бахусус ба зӯр дороиҳои ҳокимони шикастхӯрда ва ақрабои онҳоро мерабуд. Ҳамин корро дар Самарқанд кард ва Ҳирот низ дучори ин бадбахтӣ гардид. Илова бар ғасби дороиҳои сулолаи темурӣ, Шайбонихон ба ҷониби амволи намояндагони илму фарҳанг, шоирон ва адибон низ дастдарозӣ мекард. Ӯ мепиндошт, ки ин қишри ҷомеаи Ҳирот аз хонадони темурӣ туҳфаҳову амволи фаровоне гирифтаанд ва сарватманд гардидаанд.

Дар охири соли 913 ҳ.қ./1508 милодӣ Шайбонихон аз Самарқанд бори дигар ба тарафи Ҳирот лашкар кашид ва дар он сол буд, ки Хуросонро аз тасарруфи фарзандони султон Ҳусайн Бойқаро комилан берун овард ва хонадони темуриро аз

он минтақа барандохт. Ҳамзамон қисмате аз лашкари Шайбонихон ба тарафи Кирмон рафтанд ва ба қатлу ғорати мардуми Кирмон пардохтанд. Ин чо буд, ки дастур дод то котибонаш унвонии шоҳи Эрон – Исмоили Сафавӣ номаи таҳқиромезе нависанд ва ба ӯ ирсол намоянд. Шайбонихон дар ин нома аз Исмоили Сафавӣ хостааст, то ба ҳангоми намоз дар масчидҳо ба исми ӯ хутба хонда ва сикка ба номаш дар зарробхонаҳо зада шавад.

Бо истилои Ҳирот аз тарафи Шайбониён давлати Темуриён завол ёфт ва ба сари ҳокимият дар Мовароуннаҳру Хуросон сулолаи нав – Шайбониён омад.

## Сарчашма:

Камолиддин Биноӣ дар бораи даъвати Хоча Яҳё аз Бобур барои гирифтани ҳокимияти Самарқанд аз султон Алӣ менависад: «Ва чун нифоқи султон Алӣ мирзо ба ҳазрати Хоча Қутбиддин Муҳаммади Яҳё ба вузӯҳ пайваста буд, кас ба Кеш фиристода, султон Муҳаммад Бобурро талаб намуда буд, ки Самарқандро ба ӯ бидиҳад».

**Камолиддин Биноӣ. Шайбонинома. Дастхати №38, китобхонаи А. Семёнов, вараҳи 87.**

Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунчӣ дар бораи ихтилоф байни хонҳои Дашти Қипчоқ менависад: «Хонони ин тоифаро (ӯзбеконро) ҳамеша бо якдигар низоъ аст ва ҳар як қасди якдигар кунанд ва чун ғолиб шаванд, якдигарро фурӯшанд ва ба асирӣ баранд ва молу аҳлро дар миёни худ ҳукми ... ҳалол шуморанд ва аслан аз он эҳтироз нанамоянд...»

**Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунчӣ. Меҳмонномаи Бухоро. Ба эҳтимоми Манучеҳри Ситуда. Теҳрон, 1383 ш. саҳ.41-42.**

Муаллифи «Чаҳонкушои хоқон» дар бораи шикасти Муҳаммади Шайбонихон дар муборизаҳо миёни хонҳои ӯзбеки Дашти Қипчоқ ва фирори ӯ ба чониби Мовароуннаҳр менависад: «Муҳаммадхони Шайбонӣ...чанд гоҳ дар Дашти Қипчоқ ва ҳудуди Хоразм бо лавозимоти ситез ва овез пардохт ва аз зиёдии шавкати мухолифон ва муқовимат очиз шуд ва ба Бухоро гурехт».

**Муаллифи номаълум. Чаҳонкушои хоқон. Исломобод: Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон, 1986. Саҳ. 323.**

Хондамир дар бораи рафтани султон Алӣ мирзо ба назди Шайбонихон менависад: «Баъд аз рафтани чаноби саёдатинтимо (Саид Чалолуддин Хованди Бухорӣ) ба ду се рӯз, дар рӯзи чумъа, ки Хоча Қутбуддини Яҳё ва акобири Самарқанд дар масчиди чомеъ ба адои намоз иштиғол доштанд, (султон Алӣ мирзо) бо тоифае аз махсусон дарвозаи Чаҳорроҳаро кушода, инони яксон ба савби маъаскари Шайбонихон, ки бар дари Боғи Майдон буд, инъитоф дод».

**Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр.Ч.4, нашри. 4. Теҳрон, 1380 ҳ.ш. Саҳ.278.**

Муаллифи «Чаҳонкушои хоқон» рочеъ ба итоати Шабонихон гузаштани Самарқанд менависад: «Чун Шайбакхон аз бартарии Хоча

Яҳё (писари Убайдуллоҳи Аҳрор) бар султон Алӣ мирзо (охирин ҳокими темурии Самарқанд) хабар ёфт, аз дари макр омада, султон Алӣ мирзоро фирефт ва пайғом дода буд, ки ба ин ҷониб таваҷҷуҳ намояд ва (Шайбонихон) аз барои модари султон Алӣ мирзо (Зуҳрабегим) номаи муҳаббатомез фиристод ва ӯро ба издивоҷ ба хеш навид дод ва шоҳзода (султон Алӣ) ҳамроҳи он зани содадил ба он афсона фирефта шуд ва азми мулозимати Шайбакхон ҷазм намуд ва дар рӯзи ҷумъа бо сесад савор ба урдуи Шайбакхон рафт, аммо Шайбакхон аҳдашро шикаст ва ӯро (султон Алиро) кушт ва Хоҷа Яҳё ва бузургони Самарқанд ба ғайр аз итоат чорае надоштанд ва мамолики Самарқанд ва Бухоро ва атрофи онҳо ба тасарруфи Шайбакхон даромад ва ӯзбекон даст ба зулми мардум дароз карданд ва ситам аз ҳад гузашт».

**Муаллифи номаълум. Ҷаҳонкушои хоқон. Исломобод: Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон, 1986. Саҳ. 323.**

Бобур таърихи муборизаи худ бо Шайбонихонро тасвир карда, аз ҳодисаҳои соли 907 ҳ.қ. (1501 – 1502) чунин менависад: «Ман дар Даҳкат меистодам, хабар расид, ки баҳор Шайбонихон ба Ӯротеппа меояд. Даҳкат замини шӯра буд. Бинобар он, мо аз ағбаи Оббурдон гузашта, ба кӯҳистони Масчоҳ омадем. Оббурдон поёнтарин деҳаи Масчоҳ аст. Поёнтар аз Оббурдон чашмае ҳаст. Дар боли чашма мазор аст. Болотар аз чашма ба Масчоҳ ва поёнтар аз чашма ба Фалғар тааллуқ дорад. Дар сари он чашма, дар рӯйи санг ин се байтро сабт намудам:

Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт,
Ба сарчашмае бар ба санге навишт.
Бар ин чашма чун мо басе дам заданд,
Бирафтанд то чашм барҳам заданд.
Гирифтем олам ба мардию зӯр,
Валекин набурдем бо худ ба гӯр.

Дар кӯҳистони мазкур дар рӯйи сангҳо кандани шеър ва дигар матнҳо одат будааст…

**Захириддин Бабур. Бабур-наме. Перевод М. Салье. Ташкент, 1958, саҳ.115 – 116.**

**Санаҳои муҳим:**

1494 – вафоти ҳокими Самарқанд Аҳмад мирзо
1497 – ба ҷониби Қундуз ақабнишинӣ кардани ҳокими Самарқанд Бойсунғур
1497 (ноябр) – вориди Самарқанд гаштани Заҳируддин Бобур
1498 (феврал) – тарки Самарқанд намудани Заҳируддин Бобур
1500 – ба ҷониби Самарқанд лашкар кашидани Шайбонихон ва ишғоли он
1500 (тирамоҳ) – ҳокимияти Самарқандро ба даст овардани Бобур
1501 (апрел) – ҷанг дар мавзеи Сарипул миёни Бобур ва Шайбонихон
1501– исёни аҳоилии шаҳри Қароқӯл бар зидди Шайбониён

1503 – ба ҷониби Балх лашкар кашидани Шайбонихон
1503 – тобеъ шудани шаҳри Тошканд ба Шайбониён
1503 (октябр) – ишғол шудани Хоразм
1504 (март-апрел) – ишғоли Ҳисор аз ҷониби Шайбониён
1504 – ишғоли Фарғона аз тарафи Шайбонихон
1506 (август) – ишғоли пойтахти Хоразм – Урганҷ
1507 (7 май) – шикасти сипоҳи темуриёни Хуросон аз ҷониби Шайбонихон
1507 (27 май) – дар масҷиди ҷомеи Ҳирот хондани хутба ба номи Шайбонихон.

**Савол ва супориш:**

1) Сабаби ихтилоф ва мубориза̄ҳои шадид миёни охирин намояндагони сулолаи темурӣ дар Мовароуннаҳр дар чӣ буд? 2) Султон Алӣ чаро ба Бухоро фирор кард? 3) Сабаби ба Самарқанд лашкар кашидани Бобурро тавзеҳ диҳед. 4) Чаро дар Самарқанд Бобур натавонист ҳокимият кунад? 5)Ҷуғрофиёи таърихии Дашти Қипчоқ кадом сарзаминҳоро дар бар мегирифт? 6) Сабабҳои ҳуҷуми қабилаҳои Дашти Қипчоқ ба Мовароуннаҳрро баён кунед. 7) Чаро султон Алӣ ҳокимияти Самарқандро бе ҷанг ба Шайбонихон супорид? 8) Сабабҳои шикасти дуюмбораи Бобур дар Самарқандро баён кунед. 9) Дар бораи исёни Қарокӯл маълумот диҳед. 10) Сабабҳои шикасти давлати Темуриён дар Мовароуннаҳр ва Хуросонро тавзеҳ диҳед.

## § 19. ТАШКИЛ ЁФТАНИ ДАВЛАТИ ШАЙБОНИЁН

Дар як муддати кӯтоҳ шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр тобеи Шайбонихон гаштанд. Баъди тасарруфи Мовароуннаҳр Шайбонихон пойтахти худ шаҳри Самарқандро интихоб карда, шаҳру вилоятҳои забткардаи худро ба хешу ақрабо ва амирони номии худ тақсим карда медиҳад. Масалан, Бухороро ба Убайдуллоҳхон – писари бародараш Маҳмуд султон, Тошканд ва вилояти онро ба ду амакаш Кучкунчӣ султон ва Суюнҷхоҷа ва вилояти Ҳисорро ба писарони Суюнҷхоҷа – Ҳамза султон ва Маҳдӣ султон ба доруғагӣ дод.

Шайбонихон намояндагони хонадони темуриро бераҳмона таъқиб ва маҳв мекард, то касе дар сар хаёли дубора барқарор кардани давлати Темуриёнро надошта бошад. Ӯ аз қадамҳои аввал барои ба тарафи худ моил кардани заминдорони калон ва рӯҳониёни бонуфуз саъй кард. Дар навбати худ ашроф ва рӯҳониёни Мовароуннаҳр барои аз даст надодани вазъияти иҷтимоии худ бо Шайбониён ҳама гуна ҳамкориҳоро ба роҳ монданд.

Сиёсати дохилии Шайбонихон пас аз истилои Мовароуннаҳр комилан ба манфиати синфи ҳукмрон хидмат мекард. Акнун ба таркиби ин синф ашрофи тоифаҳои бодиянишини ӯзбек низ дохил шуданд.

Истилогарон дар дасти худ сарвати ғораткарда ва ҷабран ситонидаи зиёдеро нигоҳ медоштанд. Ба ғайр аз заминҳои зиёд онҳо соҳиби бисёр иморатҳо, иншоот, осиёбҳо ва ғайра дар шаҳру ноҳияҳои Мовароуннаҳр гардиданд.

Соли 1507 Шайбонихон ислоҳоти пулӣ гузаронид. Мақсад аз гузаронидани ин ислоҳот ба тарафи худ ҷалб кардани табақаҳои ҳокими давлати истилокардаааш ба ҳисоб мерафт. Баробари касбу ҳунар муомилоти пулӣ аз муҳимтарин воситаҳои даромади давлатӣ ва соҳибмулкон ба шумор мерафт.

Ислоҳоти Шайбонихон дар тамоми давлат муомилоти ягонаи пулиро ташкил карда, вазн, ҳаҷм ва навъи тангаҳои нуқрагию мисӣ ва муносибати байни онҳоро муайян кард. Пулҳои ба муомилот баровардашуда дар ҳамаи шаҳру вилоятҳо қурби баробар доштанд. Ислоҳоти пулии Шайбонихон дар мамлакат таъсири бузурги сиёсӣ дошт ва бартарии чорабиниҳои ӯро нисбат ба фаъолияти молиявии намояндагони охири Темуриён нишон дод. Ислоҳоти мазкур ба ҳамаи табақаи синфи ҳукмрон нишон дод, ки аз ивазшавии сулола онҳо бурд карданд.

Дар ташкили низоми сиёсии давлат Шайбониён аз хусусиятҳое, ки ба низоми давлатдории тофеодалӣ хос буд, васеъ истифода карданд. Давлат моликияти шахсии хонадони Шайбонӣ, ки бо номи султонҳо зикр мешуданд, ба ҳисоб мерафт ва сарварии ин хонадонро хон ба зимма дошт. Хон касеро интихоб мекарданд, ки миёни афроди хонадон калонсолтарин бошад. Аммо ин ин қонуни сарваринтихобкунии саҳронавардон дар Мовароуннаҳр гоҳу гузоре риоят намегардид.

Шайбониён баъди ишғоли Мовароуннаҳр имкон доштанд пайравӣ аз усули идории марказонидашудаи давлат, ки баъди Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон ба расми анъана даромада буд, истифода кунанд. Аммо пояҳои низоми давлати Шайбониён дар асоси анъанаҳои иттиҳоди саҳронавардон бунёд шуд, вале дар идораи ин низоми давлатдорӣ дар баробари пешвоёни қабилаҳои ӯзбек, рӯҳониёни Мовароуннаҳр низ шарик гаштанд. Масалан, дар вазифаҳои нақиб, шайхулислом, қозиюлқуззот, садр, аълам, раис, девонбегӣ, додхоҳ, мухрдор, мударрис, китобдори хосса ва ғайра аз шумори сайидҳо, хоҷагон ва дигар рӯҳониёни номдор таъйин мешуданд.

Ба мураккабӣ ва печдарпечии дастгоҳи давлатии Шайбониён нигоҳ накарда, ҳукумати марказии хонӣ дар ин давлат заиф буд. Яке аз сабабҳои заиф будани давлат ин дар ҳифз кардани низоми идории мулкҳои ҷудогона, ки бо номи юрт ва ***улус*** ёд мешуд, зоҳир мегардид. Тамоми қаламрави ишғолшуда дар Мовароуннаҳрро Шайбониён миёни намояндагони хонадони худ ва қабилаҳои бонуфузи ӯзбек ба сифати юрт ва улус тақсим карда буданд ва ҳар ҳокими ин ва ё он вилоят худро дар идораи он комилҳуқуқ мепиндошт.

Шайбонихон ба манзури баланд бурдани нақши ҳукумати марказии хонӣ дар Мовароуннаҳр чанд муддат пеш аз маргаш идораи вилояти Туркистонро аз Кучкунчихон, Бухороро аз Убайдуллоҳ султон ва вилояти Ҳисорро аз Ҳамза султон ва Маҳди султон рабуда, ба дасти хеш гирифта буд ва ба ин сабаб султонҳои мазкур дар муқобили ӯ қарор гирифтанд. Дар асари ин сиёсат миёни намояндагони хонадони Шайбонӣ низоъ ва даргириҳо ба вуқӯъ омад, ки дар оянда боиси заиф шудан ва заволи давлати онҳо гардид.

Низоми давлатии идорӣ дар замони ҳукумати Шайбониён дар Мовароуннаҳр дар асоси сохтори қабилавию авлодӣ бунёд ёфта, ин усули идорӣ ҳама гуна кӯшишҳоеро дар барқарории низоми марказонидашудаи идории давлат рад мекард. Ба ин сабаб Шайбониён натавонистанд дар кишвари ишғолкардаашон назму тартибро ба вуҷуд биёваранд, ислоҳоти муҳимро анҷом диҳанд ва муассисоти муҳимми кишоварзӣ ва саноатиро бунёд кунанд.

**Ҳуҷуми шоҳи Эрон Исмоили Сафавӣ ба муқобили Шайбонихон.** Исмоили Сафавӣ баъди иттилои бедодгариҳо ва ғоратгариҳои Шайбонихон дар хоки Хуросону Кирмон ва хондани он номаи таҳқиромез дар моҳи октябри соли 1510 ба Хуросон лашкар кашид. Чун аз Рай ба Домғон омад, Аҳмад Султон – домоди Шайбонихон, ки ҳукумати Домғонро ба уҳда дошт, ба Ҳирот фирор кард. Шайбонихон, ки дар номаҳояш ба Исмоили Сафавӣ лофи фатҳи анқарибИ Ироқу Озарбойҷонро мезад ва баъди тасхири он сарзаминҳо ҷониби Ҳиҷоз меравам мегуфт, баъди шунидани лашкаркашии Исмоили Сафавӣ ба ҷониби Хуросон, аз Ҳирот ба Марв омад. Исмоили Сафавӣ баъди шикасти лашкари пешсафи Шайбонихон дар атрофи Марв, ин шаҳрро ба муҳосира гирифт, аммо муҳосираи Марв тӯлонӣ давом кард. Он гоҳ Исмоили Сафавӣ роҳи тадбирро пеш гирифт ва 30 ноябри соли 1510 вонамуд кард, ки гӯё ақибнишинӣ мекунад. Ҳудуди 3 километр дуртар аз Марв дар рустои Маҳмудӣ сипоҳи Сафавӣ таваққуф кард. 1 декабри ҳамон сол Шайбонихон бо сӣ ҳазор лашкар ба таъқиби шоҳи Эрон пардохт. Ӯ умед дошт, ки шабехуне зада, он сипоҳро торумор созад ва ба ин васила шарафи аздастрафтаи хони Дашти Қипчоқро барқарор кунад, аммо ба доми Исмоили Сафавӣ афтод. 2 декабри соли 1510 сарбозони шоҳ Исмоил лашкари Шайбонихонро дар муҳосира гирифтанд. Дар натиҷаи ҷанг теъдоди зиёди сарбозон ва сарлашкарони Шайбонихон ба қатл расиданд. Шайбонихон бо 500 нафар аз наздиконаш маҷбур мешавад аз майдони ҷанг фирор намояд. Дар аснои фирор ӯ ба чаҳордеворие расид, ки роҳи бурунрафт надошт ва дар он ҷо зери пойи сарбозони фирории хеш афтид ва бар асари фишор бар пайкараш ҷон дод.

Вақте ки ҳамаи ӯзбекон ба қатл расиданд, иддае аз ҳамрикобони шоҳи Сафавӣ ҷӯёи Шайбонихон шуданд. Яке аз онон ба исми Оди баҳодур, ки пешвои ӯзбеконро мешинохт, пайкари беҷони ӯро дар ин чаҳордеворӣ пайдо карда, сарашро бурида, дар зери қадами шоҳ Исмоил андохт. Баъдан он ҷамҷамаи хони ӯзбекро дар зар гирифта, барои шоҳи Эрон соғари боданӯшӣ карданд ва пӯсти бадани ӯро канда, пур аз коҳ сохтанд ва назди султон Боязиди Усмонӣ – душмани дигари хонадони Сафавия фиристоданд. Дасти буридаи ӯро шоҳ Исмоил назди ҳокими Мозандарон–Рустами Рӯзафзун ирсол дошт, то ба ӯ хабар диҳад, ки ба такягоҳи ӯ чӣ кард ва ба ин васила ӯро ба итоат биоварад.



***Ҷанги Марв. Минётураи Беҳзод***

**Кӯшишҳои Заҳируддини Бобур барои ба даст овардани ҳокимият дар Мовароуннаҳр.** Пас аз забти Ҳирот дар сарзамини давлати Шайбониён се сол сулҳу осоиш ҳукмфармо гардид. Ин замон собиқ ҳокими Фарғона аз авлоди Темуриён Заҳируддин Бобур дар Кобул меистод. Ӯ хабари ҳалок гаштани Шайбонихонро шунида, қарор дод, ки замони мувофиқро истифода намуда, барои барқарор кардани ҳокимияти Темуриён дар Мовароуннаҳр кӯшиш намояд. Чун Заҳируддин Бобур аз ҷонибдорони Сафавиён буд, ба Исмоили Сафавӣ ваъда дод, ки баъди гирифтани ҳокимият дар Самарқанд дар хутбаи намоз номи ӯро зикр мекунад ва ба исмаш дар Самарқанд сикка мезанад. Ин маънои тобеият ба Сафавиёнро дошт. Исмоили Сафавӣ борҳо ба ӯ ёрӣ расонда буд, то ҳокимиятро дар Мовароуннаҳр ба даст биёварад, аммо ӯ кӯтоҳзамоне ҳокимият

карда, ба сабаби фишори ӯзбекон боз аз Самарқанд берун мерафт.

Бо ризояти Исмоили Сафавӣ Бобур дар охири соли 1511 Амударёро убур карда, ба ҷониби Ҳисор лашкар кашид. Ҳокимони Ҳисор Ҳамза султон ва Маҳдӣ султон ва ҳамчунин писари Шайбонихон Муҳаммад Темур тамоми қувваро барои дифоъ равона сохтанд. Дар ибтидои соли 1512 дар наздикии Пули Сангин, ки дар дарёи Вахш буд (назди Норак, ки ҳоло зери обанбор мондааст), байни неруҳои Бобур ва Шайбониён задухӯрди шадиде ба амал омад, ки дар натиҷа Шайбониён шикаст хӯрда, Ҳамза султон ва Маҳдӣ султон асир афтоданд ва лашкари парокандаи ӯзбекон ба ҷониби Самарқанд фирор кард. Бобур баъди гирифтани кумак аз ҷониби Исмоили Сафавӣ ба тарафи Самарқанд юриш бурд ва дар ҳамон сол Самарқандро бори сеюм ишғол кард ва дар масҷиди ҷомеи Самарқанд ба номи Исмоили Сафавӣ хутба хонда шуд. Сокинони шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро, ки тайи чанд сол аз зулму ҷабри ӯзбекон азият мекашиданд, ин ғалабаи Бобурро бо хушнудӣ пазируфтанд. Аммо ҳукумати Бобур ба далели ҷонибдори Сафавиён буданаш ва ба мазҳаби шиа ҳусни таваҷҷуҳ доштанаш, дар миёни мардум устувор нагашт. Бо истифода аз ин мухолифати мазҳабии мардум бо Бобур баҳори соли 1512 Шайбониён бо сарварии Убайдуллоҳхон ва Муҳаммад Темур ба Бухоро ҳуҷум карданд, ки дар натиҷа лашкари Бобур дар назди Кӯли Малик шикаст хӯрда, худи ӯ ба Ҳисор ақибнишинӣ намуд.

Бобур барои ишғоли дубораи Самарқанд қувваи кофӣ надошт. Ӯ ба шоҳи Эрон – Исмоили Сафавӣ муроҷиат намуда, ёрии ҳарбӣ талабид. Исмоили Сафавӣ барои наҷоти ҷонибдори худ Бобур ба ёрмандии ӯ сипоҳеро зери сарварии яке аз маъруфтарин амиронаш ба исми амир Ёраҳмади Хузонӣ, ки бо тахаллуси Наҷми Сонӣ машҳур буд, равонаи Мовароуннаҳр гардонид.

Тирамоҳи соли 1512 лашкари Эрон бо сардории Наҷми Сонӣ вориди Мовароуннаҳр гашт. Дар наздикии Насаф сипоҳи Наҷми Сонӣ бо лашкари Бобур ҳамроҳ гардид ва онҳо муштаракан ба ҷониби Насаф лашкар кашиданд. Баъди се рӯзи муҳосира Насаф таслим гардид ва ба дастури Наҷми Сонӣ қатли оми мардум сурат гирифт, ки 15 ҳазор аҳолии он ба ҳалокат расид. Дар миёни он ҳама кушташудагон шоирон Камолиддини Биноӣ ва Сайид Ҳасани Оғлақчӣ низ буданд. Ин қатли ом боиси норизояти аҳолӣ гардида, нисбат ба Бобур ва эрониён ҳисси нафрат пайдо шуд. Бо истифода аз ин вазъият Шайбониён қисме

аз аҳолии маҳаллӣ ва як гурӯҳе аз ашрофро дар атрофи худ бар зидди Бобур ва Сафавиён муттаҳид карданд. Ин замон Убайдуллоҳхон, Муҳаммад Темур ва дигар султонҳои ӯзбек дар наздикии Бухоро буданд. Начми Сонӣ аз Насаф бидуни мамониат ба Самарқанд ворид шуд ва дар масҷиди ҷомеи он ба номи Исмоили Сафавӣ хутба хонд. Начми Сонӣ тасмим гирифт, ки то фаро расидани хунукиҳои зимистон Бухороро ишғол намояд. Ба ин манзур ба ҷониби Бухоро лашкар кашид ва Ғиждувонро ба муҳосира гирифт. Муҳосираи Ғиждувон чаҳор моҳ тӯл кашид ва дар ин муддат лашкари Эрон натавонист қалъаи Ғиждувонро ба даст оварад. Лашкари Эрон аз нарасидани ғизо азият мекашид ва илова бар ин, иддае аз сипаҳсолорони Эрон ба сабаби мухолифат бо Начми Сонӣ сипоҳро тарк гуфтанд. Ба ҳангоми муҳосира лашкари Начми Сонӣ ба ногаҳ дучори зарбаи сахте аз ҷониби гурӯҳҳои сипоҳи ӯзбек гардид ва сипоҳи Эрон шикаст хӯрда, сипаҳсолори он Начми Сонӣ асир афтода, ба қатл расид. Ин воқеа боис шуд, ки иттиҳоди Бобур ва Исмоили Сафавӣ аз ҳам бипошад ва Бобур ба ҷониби Ҳисор фирор кард.

Дигар аз ҳодисаҳои фалокатбори ин давр, ки мо тасвири онро дар «Таърихи Рашидӣ»-и Муҳаммад Ҳайдари Дуғлот мебинем, ин фоҷиаи қаҳтии Ҳисор дар соли 1512 аст. Тибқи ахбори «Таърихи Рашидӣ» баъди шикаст дар соли 1512 дар Бухоро ва қатли Начми Сонӣ аз ҷониби Убайдуллоҳи Шайбонӣ Бобур ба ҷониби Ҳисор паноҳанда мешавад ва муддате дар қалъаи он ба сар мебарад. Шабе гурӯҳе аз сарбозони муғулии Бобур бо сарварии Аюббекчӣ, Мир Муҳаммад, Ёдгор мирзо ва Назар мирзо бар зидди ӯ шӯриш мебардоранд. Бобур наметавонад ба онҳо муқовимат кунад ва шабе аз қалъаи Ҳисор пинҳонӣ ба ҷониби Қундуз фирор мекунад. Муғулҳои исёнгар ба ҷуз аз қалъаи Ҳисор тамоми навоҳии онро ғорат мекунанд. Ин замон дар Ҳисор барфи зиёде борида буд ва хунукии шадиде ҳукмфармоӣ мекард. Бар асари ғоратгариҳо ва бедодгариҳои сарбозони муғулии Бобур Ҳисор дучори гуруснагӣ ва қаҳтӣ мегардад. Тибқи ахбори ин сарчашма дар шаҳри Ҳисор бар асари ин қаҳтӣ ва хунукӣ танҳо 60 нафар зинда мемонанд, ки онҳо барои бақои зиндагии хеш ҷасади ақрабои фавтидаи худро мехӯрданд.

Заҳируддин Бобур баъд аз шикасти сеюм дар Мовароуннаҳр ба Кобул омад ва то соли 1526 дар Кобулу Қандаҳор ҳукмронӣ карда, дар хаёли тасхири Ҳиндустон афтод. Ӯ ба он ҷониб лашкар кашид ва 20 апрели 1526 султон Иброҳими Лудиро дар Панипат шикаст дода, Агра, Деҳлӣ ва

шимоли Ҳиндустонро аз рӯди Синд то Бангол ба тасарруфи худ дароварда, давлати Бобуриёни Ҳинд, ки онро муҳаққиқони аврупоӣ давлати Муғулони Кабир номидаанд, таъсис дод. Ӯ ҳамагӣ панҷ сол дар Деҳлӣ ҳукмронӣ намуда, 26 декабри 1530 вафот кард. Ҷасади ӯро дар ибтидо дар шаҳри Ҷамна андаруни боғчае бо номи Нурафшон ба хок супориданд. Дар замони ҳукумати Шаҳобиддин Шоҳҷаҳон (1628 – 1657) ҷасади ӯро ба Кобул интиқол дода, барои ӯ дар хориҷи шаҳри Кобул оромгоҳе сохтанд, ки то ҳанӯз вуҷуд дорад. Намояндагони ин сулола беш аз се аср дар Ҳиндустон ҳукумат карда, барои густариши забон ва фарҳанги форсии тоҷикӣ дар ин қаламрав хидмат кардаанд. Дар асари шӯриши бузурге, ки соли 1858 дар Ҳиндустон ба таҳрики англисҳо сурат гирифт, ҳокимияти Бобуриёни Ҳинд завол ёфт.

## Сарчашма:

Амир Маҳмуди Хондамир дар бораи кушта шудани Шайбонихон менависад: «…баъд аз тафаҳҳус (ҷустуҷӯ)-и бисёр ҷасади ӯро (Шайбонихонро) дар зери аҷсоди ӯзбекони мақтул ёфтанд, безахмеву ҷароҳате, дарҳол сараш аз тан ҷудо карданд, назди наввоби комёб (Исмоили Сафавӣ) оварданд. Он ҳазрат пас аз эҳзори сар ҷасади пурҳасади ӯро талаб дошт…Филҳол ҷасади ӯро ҳозир оварданд ва қаҳрамони сафдар (Исмоили Сафавӣ) се зарбати шамшер бар шикамаш зада… баъд аз он фармуд, ки косаи сари ӯро дар тилло гирифта, ба ҷавоҳири гаронмоя тарсеъ дода, қадаҳе сохтанд ва дар суҳбати шароб аз он қадаҳ шароб менӯшиданд».

**Амир Маҳмуди Хондамир. Таърихи шоҳ Исмоил ва шоҳ Таҳмосби Сафавӣ (Зайли таърихи «Ҳабиб-ус-сияр»). Ба нашр омодакунанда Муҳаммадалии Ҷарроҳӣ. Теҳрон, 1370 ш., саҳ. 71 – 72.**

Бобур, ки худ аз қабилаи барлос буд ва барлос низ яке аз қабилаҳои муғули туркшудаи омада ба қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон мебошад, бегонагии ӯзбекон ба ин сарзаминро чунин менависад: «Ҳудуди саду чиҳил сол шаҳри Самарқанд тааллуқ ба хонадони мо дошт. Ӯзбеки номаълум, бегона ва душман омада онро тасарруф кард».

**Захириддин Мухаммад Бабур. Бабур-наме. Перевод М.Салье. Ташент, 1958, саҳ 101.**

Номаи имдодхоҳии Бобур аз Исмоили Сафавӣ барои гирифтани ҳокимият дар Мовароуннаҳр: «Эй шаҳриёр, бузургон бардоштаи худро наяндохтаанд. Чун маро бардоштӣ, умедворам, ки ба тасаддуқи сари худ наяндозӣ, ки Мовароуннаҳр ба беақлӣ аз даст додам. Бори дигар гирифта ба ғуломи худ супоред…»

**Муаллифи номаълум. Оламорои Сафавӣ. Ба чоп омодакунанда Я.Шукрӣ. Теҳрон, 1363 ҳ.ш., саҳ.358.**

Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ дар бораи ба кумаки Исмоили Сафавӣ дар Самарқанд ба тахт нишастани Бобур менависад: «Бобур ибни Умаршайхи чағатоӣ ба имдоди муртадони тоқисурх (Сафавиён) ба Самарқанду Бухоро даромад ва лашкари азими зиёда аз ҳафтод ҳазор савор аз чағатоию муғул ва туркману лашкари Бадахшон то билоди Ҳиндустон ҳамроҳ дошт. Ситораи арбоби дин сӯхта гашт ва оташи бидъати тоифаи мулҳидин афрӯхта шуд. Дар дину дувал (давлатҳо) ва мулуку милал анвои фасоду халал рӯй намуд. Овозаи рафзу илҳод, ки ҳаргиз аз оби Ҷайҳун нагузашта буд, аз авҷи гардун гузашт ва фасоду бидъат, ки осори ӯ аз садри ислом боз бад-ин диёр нарасида буд, ба камоли эътибор расид... Агар, наъузамбиллоҳ, шарори оташи фитнаи эшон боло мегирифт ва давлати нопойдори эшон дар он билод сурати бақо мегирифт, анқариб аз маросими имон осоре ва аз дори ислом дайёре (касе) боқӣ намемонд.

**Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ. Сулук-ул-мулук. Бо тасҳеҳ ва бо муқаддимаи Алии Муваҳҳид. Теҳрон, 1362 ҳ.ш., саҳ.50.**

### Санаҳои муҳим:

1507 – ислоҳоти пулии Шайбонихон
1510 (октябр) – ба Хуросон лашкар кашидани Исмоили Сафавӣ
1510 (2 декабр) – кушта шудани Шайбонихон дар ҷанги Марв
1512 – ғалабаи Бобур бар Шайбониён дар ҷанги наздики Пули Сангин ва ҳокимияти Самарқандро ба даст овардани ӯ
1512 – шикасти лашкари Наҷми Сонӣ дар наздикии Ғиждувон
1530 (26 декабр) – вафоти Бобур дар Деҳлӣ

### Савол ва супориш:

1) Мақсад аз гузаронидани ислоҳоти пулӣ аз чӣ иборат буд? 2) Дар ҳукуматдории Шайбониён давлат моли кӣ ба ҳисоб мерафт? 3) Низоми давлатии идорӣ дар замони ҳукумати Шайбониён дар асоси чӣ бунёд ёфт? 4) Сабабҳои мухолифати Исмоили Сафавӣ ва Шайбонихонро баён кунед. 5) Чаро ҳокимияти Бобур дар Мовароуннаҳр дер давом накард? 6) Дар бораи қаҳтии Ҳисор дар соли 1512 нақл кунед.

## § 20. ҶАНГУ НИЗОЪҲО ДАР МИЁНАИ АСРИ XVI ДАР МОВАРОУННАҲР

Таърихи сиёсии ҳукумати Шайбониён дар Мовароуннаҳр ба се марҳала тақсим мешавад. Марҳалаи аввал аз ишғоли Мовароуннаҳр тавассути Шайбониён оғоз ёфта, то солҳои 40-уми асри XVI идома меёбад.

Дар соли ба қатл расидани Шайбонихон (1510) сараввал Суюнҷхоҷахон ва дере нагузашта намояндаи бузургсоли ин

силсила Кучкунчихон (1510-1530) хони ӯзбекон интихоб гардид. Аммо баррасии сарчашмаҳои таърихӣ баёнгари ин воқеият аст, ки тамоюли ҷудоихоҳӣ ва нифоқ дар миёни Шайбониён, ки дар замони ҳаёт будани Шайбонихон ба вуҷуд омада буд, баъди марги ӯ боиси ба се даста қисмат шудани ин сулола гардид. Яке аз он гурӯҳ Кучкунчихонро, дигаре Суюнҷхоҷахонро ба ҳайси хон пазируфтанд ва дастаи сеюмиро писари Шайбонихон – Муҳаммад Темур султон сарварӣ мекард. Муҳаммад Темур султон бевосита бо Исмоили Сафавӣ музокирот анҷом медод, ки норизоятии баъзе аз хешовандони худро ба вуҷуд меовард. Ӯ ба шоҳ Исмоил ҳадяи фаровоне ирсол дошта, эъломи итоат аз ӯ кард ва хоҳиш намуд, ки ба Мовароуннаҳр юриш набарад. Аз эрониён хост то барои музокира ва имзои муоҳидаи сулҳ Хоҷа Муҳаммад Камолиддинро, ки яке аз шахсиятҳои муҳимми дарбори Шайбонихон ба ҳисоб мерафт ва калиди дарвозаи Марвро ба Сафавиён таслим дода, ҳам акнун дар дарбори Сафавиён буд, маъмур доранд. Хатти марз миёни Мовароуннаҳр ва Эрон тибқи он мушоҳада дарёи Ҷайҳун муайян шуд ва бар асоси ин қарордод тамоми ноҳияҳои соҳили чапи рӯди Ҷайҳун (Ому) ба қаламрави Эрон шомил гашт. Ишғоли минтақаҳои сарҳадие чун Маймана, Форёб, Балх ва Андхӯй имкон дод, ки Исмоили Сафавӣ бар тамоми Хуросон ҳокимияти худро татбиқ кунад. Ин марзбандии Исмоили Сафавӣ сабаб шуд, то ӯзбекони Шайбонии бегона ба ватани тоҷикон–Мовароуннаҳр, ин сарзаминро моли меросии худ ҳисобида, асрҳои тӯлонӣ дар он ҳукумат кунанд.

Баъд аз вафоти Кучкунчихон дар соли 1530 ва ҳукмронии кӯтоҳмуддати писари ӯ Музаффариддин Абӯсаид (1530 – 1533) хони сулолаи Шайбониён Убайдуллоҳхон–бародарзодаи Шайбонихон, ки ҳокими Бухоро буд, интихоб мешавад ва пойтахти давлатро ба Бухоро интиқол медиҳад. Убайдуллоҳхон то замони хон интихоб шуданаш, дар тамоми ғоратгариҳо ва харобкориҳое, ки бар асари лашкаркашиҳои Шайбонихон дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон ба вуқӯъ меомад, фаъолона иштирок мекард. Баъд аз вафоти Шайбонихон ва ба сари ҳокимият омадани Кучкунчихон ва Музаффариддин Абӯсаид тамоми қудрати низомӣ дар дасти Убайдуллоҳхон қарор дошт. Ин буд, ки Убайдуллоҳхон борҳо ба Хуросон лашкар кашида, барои ишғоли он шадидтарин мубориза̣ҳо кардааст. Масалан, 25 майи 1521 милодӣ Убайдуллоҳхон бо 30 ҳазор сипоҳӣ аз оби Ому гузашта, азми забти Ҳирот мекунад, аммо дар ин лашкаркашӣ Хуросонро ғорат карда, бидуни пирӯзӣ ба Бухоро

боз мегардад. Тибқи ахбори сарчашмаҳо Убайдуллоҳхон дар соли 1524 ба иттифоқи хонҳо ва султонҳои шайбонӣ оби Омуро убур карда, вориди сарзамини Хуросон мешавад. Дар ин ҷанг низ Убайдуллоҳхон аз ҷониби Сафавиён шикаст ёфта, ба ҷониби Бухоро фирор мекунад. Соли 1527-28 Убайдуллоҳхон дигарбора ба ҷониби Ҳирот лашкар кашида, аввалҳои баҳори он сол дар қарияи Шодмона, ки дар наздикии дарвозаи Ҳирот буд, хайма мезанад. Убайдуллоҳхон се бор талош варзид, то сангари муқовимати ҳиротиёнро шикаста, вориди шаҳр гардад, аммо бинобар истеҳкоми шаҳр ва шуҷоати ҳиротиён ба чизе муваффақ нашуд. Муҳосираи Ҳирот ҳафт моҳ давом ёфт ва шоҳ Таҳмосби Сафавӣ ба кумаки Соммирзо – бародарии хурдиаш, ки ҳокими Ҳирот буд, ба сӯйи Ҳирот лашкар кашид ва Убайдуллоҳхон бо шунидани ин хабар роҳи фирор пеш гирифт. То соли 1539, ки марги Убйдуллоҳхон фаро расид, Хуросон ба майдони мубоаризаи Сафавиён ва Шайбониён табдил ёфта буд.

Марҳалаи дуюми таърихи сиёсии Шайбониён аз марги Убайдуллоҳхон (1539) оғоз шуда, то ибтидои солҳои 80-уми асри XVI идома меёбад. Ин давра давраи ҷангҳои дохилӣ ва исёну шӯришҳо дар Мовароуннаҳр буда, ҷудоихоҳии хонҳо ва султонҳои шайбонӣ то ба ҳадде расида буд, ки ҳар ҳокими вилоят на аз номи хони Шайбониён, балки аз номи худ сикка мезад ва дар хутбаҳо номи онҳо зикр мешуд. Ҷолиб ин буд, ки ҳатто ба номи Ёрмуҳаммад, ки танҳо ҳокими Бухоро буд, сиккаҳое бароварда шуд, ки номҳои шаҳрҳои Самарқанд ва Балх, ки ҳеҷ гоҳ ӯ дар он ҷо ҳокимият накардааст, зикр гардидаанд.

Баъд аз вафоти Убайдуллоҳхон ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр Абдуллоҳхони I (1539–1540)–писари Кучкунчи–хон меояд ва ба дуҳокимиятӣ дар Мовароуннаҳр оғоз мебахшад. Давлат дучори буҳрони шадиди сиёсӣ гардида, раванди ба вилоятҳои алоҳида тақсим гаштани он оғоз мешавад. Ҳамин тавр, дар Бухоро Абдулазизхон (1540–1550) – писари Убайдуллоҳхон ва дар Самарқанд Абдулатиф (1540–1552) писари сеюми Кучкунчихон хони ӯзбекон интихоб шуда, Самарқанд бартарии сиёсӣ аз Бухороро касб мекунад. Ин замон Бароқхон–писари Суюнчхоҷахон дар Тошканд ва писарони Ҷонибек–Пирмуҳаммадхон дар Балх ва Искандархон дар Миёнкол ва дар Ҳисор Темур Аҳмад султон ҳокими мустақил буданд. Масалан, то чанд гоҳ ба номи ҳокими Ҳисор дар Мовароуннаҳр сикка зарб намуда, ба номаш хутба мехонданд.

Ба ҷангҳои дохилӣ ҳокими Тошканд Бароқхон, ки дар

сарчашмаҳои таърихӣ бо номи Наврӯзаҳмадхон низ зикр шудааст, оғоз бахшид. Ӯ соли 1540 ба ҷониби Бухоро, ки дар он ҷо Абдулазиз–писари Убайдуллоҳхон ҳоким буд, лашкар кашида, шаҳрро ишғол кард. Абдулазиз ба ҷониби Балх фирор кард. Ғалабаи Бароқхон дар Бухороро Хоҷагони Ҷӯйборӣ дар шахси Хоҷа Ислом, ки нақши муҳиме дар корҳои сиёсӣ ва динии Мовароннаҳр дошт, напазируфтанд. Дере нагузашта ба кумаки Хоҷа Ислом Абдулазиз дубора ба тахти Бухоро нишаст. Соли 1550 Абдулазиз вафот кард ва ба ҷойи ӯ Ёрмуҳаммад султон ҳокими Бухоро эълон гардид. Соли 1551 ҳокими Балх Пирмуҳаммадхон Бухороро ишғол намуд ва Ёрмуҳаммад ба Самарқанд паноҳ бурд. Ҳокими Самарқанд Абдулазиз ҳамроҳ бо Буроқхон ба ҷониби Бухоро лашкар кашид. Ҳамин тавр, дар солҳои чилуми асри XVI барои тахту тоҷ миёни хонҳо ва султонҳои шайбонӣ шадидтарин муборизаҳо оғоз шуд.

**Ба саҳнаи муборизаҳо ворид гаштани Абдуллоҳхони Шайбонӣ.** Дар ин муборизаҳо писари 17 солаи ҳокими Миёнкол Искандархон – Абдуллоҳ султон низ ворид шуд ва ба дастгирӣ ва кумаки Хоҷа Ислом рақибони худро аз саҳнаи мубориза дур меандохт. Соли 1557 ӯ Бухороро ишғол намуда, ба забти мулкҳои дигар шурӯъ кард.

Соли 1561 Абдуллоҳ султон падари худ Искандархонро бо машварати Хоҷа Ислом хони тамоми ӯзбекон эълон кард. Аз соли 1561 шаҳри Бухоро дубора пойтахти давлати Шайбониён гардид. Бо вуҷуди ин ки хони ӯзбекон Искандархон буд, аммо ҳама корҳои низомӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар дасти писари ӯ Абдуллоҳ султон қарор дошт. Абдуллоҳи Шайбонӣ дар натиҷаи муборизаҳои шадид, ки ҳатто ба ақрабои худ низ раҳм намекард, тавонист бо лашкаркашиҳо вилоятҳои истиқлолталаби Мовароуннаҳро зери фармони ҳукумати марказӣ оварад. Аз ҷумла октябри соли 1573 ба ҷониби Ҳисор ҳуҷум овард. Дар охири моҳи майи 1574 Абдуллоҳ султон қалъаи Ҳисорро муҳосира кард ва 29 июни 1574 Ҳисор аз ҷониби лашкари Шайбониён ишғол шуд ва ҳокими Ҳисор Ҳошим султон, асир афтода, ба қатл расид. Ҳокимони Бадахшон иттифоқчии ҳокими Ҳисор буданд. Абдуллоҳхон барои юриш ба сӯйи Бадахшон тайёрӣ медид. Дастовардҳои низомии ӯро фаҳмида, ҳокими ин мулк Шоҳрух мирзо писари Иброҳим мирзо (набераи Шоҳсулаймон) тобеяти худро ба Абдуллоҳхон изҳор намуд. Бо ҳамин мардуми Бадахшон аз ҷанги хунрезӣ ва ғоратгарӣ эмин монданд. Тобеияти Ҳисор ва Бадахшон ба Абдуллоҳхон тобеияти Хатлонро низ таъмин намуд. Абдуллоҳ султон соли

1574 Ӯротеппа ва Хуҷанд, баъд аз чор соли дигар Самарқандро ишғол намуд.

Соли 1583 пас аз вафоти падар Абдуллоҳхони II хони ӯзбекони Шайбонӣ эълон гардид ва марҳалаи сеюми таърихи сиёсии Шайбониён аз ин замон оғоз меёбад.

Абдуллоҳхон дар назди худ мақсад гузошт, ки ҳамаи мулкҳои замоне ба Шайбонихон тобеъбударо ба зери фармони худ дарорад. Бо ин мақсад Абдуллоҳхон дар моҳи феврали соли 1584 ба ҷониби Тахористон ва Бадахшон лашкар кашид. Дар ҳамин сол лашкари ӯзбекон Толиқон, Бағлон, Норин, Андароб ва қалъаи Зафарро ишғол кард. Аммо ишғоли Хатлон барои Абдуллоҳхон гарон тамом шуд. Дар ибтидои моҳи апрели 1584 Абдуллоҳхон бо сарварии писараш Абдулмуъмин барои забти Кӯлоб лашкар фиристод. Ҳудуди 40 рӯз Шайбониён натавонистанд қалъаи Кӯлобро бигиранд ва ба сахтарин муқовимати сокинони қалъа дучор шуданд, ки дар натиҷа лашкари Шайбониён талафоти зиёде дода, ақибнишинӣ кард. Ин шикасти лашкарашро Абдуллоҳхон таҳаммул накарда, бо қувваи зиёде худаш ба ҷониби Кӯлоб ҳуҷум овард. Баъди муборизаҳо ва ҷангҳои сахте 1 июли соли 1584 қалъаи Кӯлоб таслим шуд ва тамоми муҳофизини он ба қатл расиданд.

Бо истифода аз нооромиҳое. ки ин замон дар давлати Сафавиён рух дода буд, Абдуллоҳхони Шайбонӣ барои гирифтани Хуросони аздастрафта барномаи амалиёти низомӣ мекашид. Дар санаи 7 июли 1587 милодӣ пойтахти Хуросон – Ҳиротро лашкари Абдуллоҳхон дар ҳалқаи муҳосира гирифт ва 17 феврали 1588 дастаи сипоҳиёни Абдуллоҳхон ва писари ӯ Абдулмуъмин, ҳамчунин, гурӯҳи кишоварзон ва қабоили кӯчии Хуросони Шарқӣ, ки ба сипоҳи ӯзбекон ҳамроҳ шуда буданд, вориди Ҳирот гардиданд. Дар нимарӯзи он сана дар қалъаи Ихтиёруддин танҳо гурӯҳе аз Сафавиён бо сарварии Алиқулихони шомлу дар муҳосра монда ва боқӣ ҳама Сафавиён торумор гардида ва ё ҳамроҳи хонаводаи худ ба асирии ӯзбекон афтида, ки баъдан ба бозори ғуломфурӯшии Бухорову Балх ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр интиқол шуданд.

Баъди ишғоли Ҳирот Абдуллоҳхон ҳамроҳи қисмати асосии сипоҳи ӯзбек ба ғарб, ба ҷониби шаҳри дигари муҳимми Хуросон – Машҳад равона гардид. Аммо айёми ҳузури сипоҳи Абдуллоҳхон дар атрофи Машҳад дер давом накард. Ин замон буд, ки қабилаҳои саркаши Дашти Қипчоқ ба сарҳадоти шимолии давлати Шайбониён ҳуҷум оварданд ва Абдуллоҳхон бо хароб намудан ва вайронии атрофи пойтахти Хуросони Ғарбӣ иктифо намуда, маҷбур шуд ба Мовароуннаҳр баргардад.

Натиҷаи юриши солҳои 1587 – 1588 ӯзбекон ба Хуросон ин буд, ки шаҳри Ҳирот ва вилояти он ба давлати Шайбонӣ ҳамроҳ гардида, ҳокими вилояти Ҳирот яке аз шахсиятҳои наздики Абдуллоҳхон – Мирбобои Кӯкалтош таъйин гардид.

Хабари ишғоли Ҳирот барои шоҳи сафавӣ ғайри мунтазира набуд. Искандари Муншӣ–таърихнигори аҳди Сафавиён, аз ҷумла, ноибуссалтанаи Ҳирот Муршидқулиқонро гунаҳкор медонад, ки гӯё нахостааст ба Алиқулихони шомлу дар шаҳри муҳосирашудаи Ҳирот ёрмандӣ намояд. Аммо воқеият ин буд, ки на шоҳ Аббос ва на ноибуссалтанаи ӯ дар Хуросон он замон аз он неруе бархурдор набуданд, ки кореро дар баробари ҳуҷуми лашкари Абдуллоҳхони Шайбонӣ анҷом бидиҳанд.

Юриши дигари Шайбониёнро дар моҳи марти соли 1589 ба Хуросон ин бор ҳокими шаҳри Балх, валиаҳди Абдуллоҳхон – Абдулмуъмин анҷом дод. Ба лашкари гирдиҳамомадаи Шайбониён аз Балх, Андхӯй ва Шибирғон гурӯҳи Мирбобои Кӯкалтош аз Ҳирот ва дастае бо сарварии хоҳарзодаи Абдуллоҳхон–Динмуҳаммадхон ҳамроҳ шуда, ба ҷониби Машҳад юриш бурда, шаҳрро дар муҳосира гирифтанд.

Бар хилофи шаҳри суннии Ҳирот, маркази шиаи Хуросон – Машҳад комилан ба ихтиёри ӯзбекони ваҳшии кӯчӣ муддате чанд дода шуд. Бо ваҳшонияти беҳадду ҳисоб ӯзбекон бо рӯҳониёни шиамазҳаб муносибат карда, аксари сокинони шаҳрро ба ғуломӣ ба Бухоро фиристоданд. Муллоён ва сӯфиёне, ки дар ҳарами Имом Ризо паноҳ бурданд, дар он макон ба қатл расида ва китобҳои мазҳаби шиа дар оташ сӯзонида шуданд.

Шаҳрҳои Машҳад, Тӯс, Нишобур, Сабзавор, Исфароин ва дигар шаҳрҳои Хуросони Ғарбӣ ба дасти Шайбониён афтоданд. Дар соли 1590 Абдулмуъмин Ҷом, Хафом ва Гуриёнро низ ишғол кард.

Ҳамин тариқ, то соли 1593 қисмати зиёди Хуросон зери фармони ҳукумати Абдуллоҳхони Шайбонӣ гузашт. Ҳукумати Шайбониён, бахусус, дар пойтахти он–шаҳри Ҳирот, ки такягоҳи фармонравоии онон дар Хуросон буд, мустаҳкам гардид.

Дар ин муддат лашкари Сафавиён се бор талоши юриш ба Хуросонро намуд. Нахуст дар соли 1590 яке аз наздикони шоҳ Аббос бо номи Фарҳодхон бо лашкари худ озими Хуросон гардид, вале бидуни анҷоми коре бо сипоҳи худ зуд пас гашт. Бори дуюм дар соли 1592 Сафавиён дар Хуросон кӯшишҳое ба харҷ доданд ва назар ба Фарҳодхон ин бор онҳо фаъолтар шуданд, вале қиёми мардумиро дар Нишобур ва Сабзавор, ки зидди ӯзбекон баланд шуда буд, натавонистанд муассир ба манфиати худ истифода намоянд ва бидуни муваффақияте баргаштанд. Бори сеюм дар соли 1595 худи шоҳ Аббос амалиёти

низомиро бар зидди Шайбониён сарварӣ кард ва шаҳри Исфароинро, ки он замон Абдулмуъмин дар он ҷо истиқомат дошт, аз ишғоли ӯзбекон берун овард ва Абдулмуъмин бо лашкари шоҳ Аббос муқовимат накарда, ба Машҳад ақабнишинӣ кард. Тӯли се соли баъдӣ сипоҳи Сафавиён сарҳади Хуросонро, ки то шаҳри Симнон дар зери ҳукумати Абдуллоҳхон буд, убур накарданд.

Шоҳ Аббос хост қисмати зиёди сипоҳи худро аз ғарби Эрон барои набарди зидди ӯзбекон ба шарқи он равона созад, аммо ин неру дар фурӯ нишондани қиёмҳои ҷудоиталабона дар Форс, Гелон, Луристон ва Кирмон машғули ҷанги дохилӣ гардид. Ва танҳо дар соли 1597 шоҳ Аббос тавонист неруи зиёдеро барои бозпас гардонидани сарзаминҳои аз дастрафтаи вилоятҳои шарқии Эрон гирдиҳам биёварад. Ба ин мақсади Сафавиён ин бор авзои дохилӣ ва хориҷии рӯ ба буҳрон ниҳодаи давлати Шайбониҳо мусоидат намуд. Ин замон буд, ки пояҳои давлати Абдуллоҳхони Шайбонӣ оҳиста-оҳиста заиф мегашт. Ҳокими Ҳирот Мирбобои Кӯкалтош соли 1004 ҳ.қ./1596-97 ба Қазвин номае фиристода, ба шоҳ Аббос пешниҳоди сулҳро кард. Шарти ҳатмии пешниҳоди он сулҳ ин ба давлати Шайбониён вогузор намудани қисмати шарқии Хуросон буд. Аммо шоҳ Аббос ин пешниҳоди сулҳро напазируфт ва нахост бо Шайбониён ҳеҷ кадом музокираеро анҷом диҳад. Он гоҳ Абдуллоҳхон ва ҳокими ӯ дар Ҳирот ба манзури таъсир ба шоҳ Аббос тасмим гирифтанд тохтутозеро ба дохили Эрон анҷом диҳанд. Гурӯҳи зиёде аз аскарони саворони Шайбонӣ тобистони соли 1005 ҳ.қ./1597 милодӣ аз тариқи биёбон дохили қаламрави Сафавиён гардиданд ва атрофи шаҳри муҳимми тиҷоратии Яздро ғорат карданд, вале ин амали ӯзбекон чизе аз худ ба ҷой нагузошт ва ба вазъи ҳукумати шоҳ Аббос таъсире накард.

Шоҳ Аббос аз рӯз ба рӯз бад шудани авзои ҳукумати Абдуллоҳхон хабар дошт ва ба ҳуҷуми густурдае ба Хуросон омодагӣ мегирифт. Агарчи дар охири соли 1597 сафири нави Абдуллоҳхон аз ҷониби дарбори шоҳ Аббос қабул гардида, ҳатто ба ҳузури шоҳ пазируфта шуд, аммо муносибат ба ӯ бисёр таҳқиромез буд. Шоҳ Аббос аз сафири Бухоро омодагиҳои худро ба як юриши густурда бар зидди Шайбониён, ки дар тобистони соли 1598 мехост анҷом диҳад, пинҳон намедошт.

Дар баҳори соли 1598 дар Бастом, ки маркази гирдиҳамоии лашкари Сафавиён дар юриши Хуросон интихоб гардид, 40 ҳазор саворанизом, 30 ҳазор пиёданизом ва 6 ҳазор туфанг дар гирди ҳам омада, интизори дастури оғози амалиёти низомӣ аз сӯйи шоҳ Аббос буданд.

Ҷиддитар аз ин барои сарнавишти давлати Абдуллоҳхони Шайбонӣ шиддат ёфтани буҳрони дохилии кишвар буд, ки он

пеш аз ҳама, иборат аз мухолифат миёни Абдуллоҳхони куҳансол, аммо қудрати идориро дар даст дошта ва писари худхоҳи ӯ Абдулмуъмин буд. Искандари Муншӣ ҳокими Ҳирот Мирбобои Кӯкалтошро сабаби мухолифатҳои Абдуллоҳхон ва Абдулмуъмин медонад. Мирбобои Кӯкалтош ҳар доим падарро бар зидди писар мешӯронид. Ба сабаби ин фитнаангезиҳои Мирбобои Кӯкалтош буд, ки баҳори 1597 Абдуллоҳхон ба ҳама ҳокимони Хуросон амр дод, ки ҳеҷ кадоме аз фармоиш ва ё дастуроти Абдулмуъминро иҷро нанамоянд. Ин мухолифат дар тирамоҳи соли 1597 ба ҷанги ошкоро миёни Абдуллоҳхон ва Абдулмуъмин мубаддал гашт. Ин ҳодиса ба ҳолати рӯҳии Абдуллоҳхон таъсиргузор шуда, ӯро мубталои бемории гардонид. Абдулмуъмин ба Балх боз гашт ва барои юриши нав ба Мовароуннаҳр омодагӣ медид.

8 феврали соли 1598 Абдуллоҳхони Шайбонӣ вафот кард ва аз худ давлатеро дар ҳоли буҳрон ва аз ҳам пошидан ба мерос монд. Баъд аз марги Абдуллоҳхон Абдулмуъмин бе монеа тахти Бухороро гирифт ва онҳоеро, ки дар рикоби падараш бар зидди ӯ буданд, якоякро аз дами теғ гузаронид. Балвое чанд дар кишварашро фурӯ нишонд ва сипоҳе азим гирди ҳам овард ва азми юриши Хуросон кард. Аммо дар роҳи Зомин (наздикии Ӯротеппа) ҷонибдорони падараш бо сарварии Абдусамадбий, ки дар ин юриш ҳамроҳаш буданд, қасд ба ҷонаш карданд ва ӯро 27 июни 1598 ба ҳалокат расониданд. Ҳамин тариқ, бо марги Абдулмуъмин ашрофи кӯчии Шайбонӣ ва намояндагони рӯҳонии суннии Мовароуннаҳр ба ду дастаи бо ҳам душман тақсим шуданд, ки яке дар Бухоро ва дигаре дар Балх фаъолият намуда, ҳар кадоме аз ин гурӯҳ намояндаи худро барои тахти хонӣ номзад мекарданд.

Дар чунин фазои нобасомон, ки миёни хонҳои шайбонӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон вуҷуд дошт, хоҳарзодаи Абдуллоҳхон – Динмуҳаммад, ки аз ҷониби падарӣ ба табори Аштархониён мепайваст, мубориза барои Ҳиротро оғоз кард.

Нифоқу фитна дар Мовароуннаҳр боис шуд, ки сипоҳиёни шайбонӣ, ки дар шаҳрҳои Хуросони Ғарбӣ буданд, худсарона он минтақаҳоро тарк гӯянд ва рӯ ба ҷониби шарқ, ба Мовароуннахр биёваранд. Лашкари дар Машҳад будаи Шайбониён зери сарварии ҳокими Хуросони Ғарбӣ Абдулмуҳаммад баъди чанде дудилагӣ аз тариқи Сарахс ба Мовароуннахр баргашт.

Динмуҳаммад кӯшише кард музокиротро бо Сафавиён бо шароити дигар аз сар бигирад, то Хуросонро ҳифз намояд. Ӯ ба шоҳ Аббос пешниҳод кард, ки Машҳад зери ҳукумати Сафавиён бошад ва Ҳироту вилояти он марбут ба Шайбониён. Аммо ин бор шоҳ Аббос аслан гӯши шунид надошт ва ин пешниҳодро рад

намуд. Динмуҳаммад чорае дигар ба ҷуз мубориза барои Ҳирот надошт.

10 августи 1598 дар наздикии рустои Пули Солор, дар 24 километрии шарқи Ҳирот охирин набард дар ҷанги садсола миёни Сафавиён ва Шайбониён барои Хуросон рух дод. 15 ҳазор сипоҳии Динмуҳаммад дар мубориза бар зидди Сафавиён зери сарварии Фарҳодхон саф оростанд. Ҷолиб ин буд, ки ин лашкари аз ҳар нигоҳ қавии Сафавиён дар соати аввали мубориза аз ҷониби сипоҳи Динмуҳаммадхон комилан торумор гардид. Аммо оташи 6 ҳазор туфангчии Сафавиён, ки аз ҷониби шоҳ Аббос таъсис ёфта буд, саранҷоми ҷангро мушаххас сохт. Тамоми лашкари Шайбониён дар майдони набард кушта шуда, Динмуҳаммад бо бардоштани захм аз набардгоҳ фирор намуд, аммо дар роҳи Моварoуннаҳр вафот кард. Хуросон ба ҳукумати Сафавиён пайваст гардид.

Сабабҳои муносибатҳои тӯлонии душманонаи Шайбониён бо Сафавиён дар садаи XVI илова бар таассуботи шадиди мазҳабӣ, пеш аз ҳама, дар он хулоса мешавад, ки барқарории фармонравоии Сафавиён бар Хуросон барои ҳокимони Моварoуннаҳр на танҳо роҳи тиҷоратро ба ғарб, ба соҳилҳои баҳри Миёназамин мебаст, инчунин бо интихоби шаҳри Ҳирот чун пойтахти Сафавиён дар Хуросон, ки аз маркази муҳимми транзитии тиҷорат дар Моварoуннаҳри садаи XV маҳсуб мегашт, дигар роҳҳои бурунрафти тиҷоратӣ ба ҷануб, ба ҷониби Ҳиндро низ баста сохт. Бинобар ин сабаб тоҷирони бузурги моварoуннаҳрӣ, ки бо тиҷорати байналмилалӣ иртибот доштанд, Шайбониёнро дар мубориза бар зидди Сафавиён барои ишғоли Хуросон фаъолона ҷонибдорӣ мекарданд. Иловатан, рӯҳониёни аҳли суннати Моварoуннаҳр бо эъломи ғазавот бар зидди Сафавиёни дар мазҳаби шиа буда, ки асоси он ба даст овардани мулкҳои ободу ҳосилхези Хуросон буд, ӯзбекони кӯчии Дашти Қипчоқи ҳоким дар Моварoуннаҳрро бар зидди Сафавиён мешӯрониданд.

Баъди марги Абдулмуъмин тамоми қаламрави Моварoуннаҳр дучори нооромиҳо ва ҷангҳои дохилӣ гардид. Дар вилоятҳои Моварoуннаҳр хонҳои гуногун ба сари ҳокимият омаданд. Дар Бухоро Пирмуҳаммади II ва дар Балх Абдуламин хони Шайбониён эълон шуданд. Бо истифода аз ин вазъи нобасомони Моварoуннаҳр хони қазоқ Таваккал ба ин сарзамин ҳуҷум карда, Ахсикат, Андиҷон, Тошканд, Самарқанд ва Миёнколро ишғол карда, ба бародари худ Ишим султон дода, ба ҷониби Бухоро лашкар кашид. Аммо дар ҷанге, ки дар наздикии Бухоро рух дод, Таваккал аз Пирмуҳаммад шикаст хӯрд ва ба тарафи Самарқанд ақибнишинӣ кард. Дар ин муддат аз Ҳирот ба назди Пирмуҳаммад бародари Динмуҳаммад – Боқӣ султон

омад ва дар муборизаҳо миёни лашкари Пирмуҳаммад ва қазоқҳо иштирок карда, дар моҳи август-сентябри 1598 қазоқҳоро бо сарварии Таваккал шикаст дод. Таваккал бо бардоштани захм ба тарафи Тошканд ақибнишинӣ карда, баъди чанде вафот намуд. Ба поси хидмат дар мубориза бар зидди қазоқҳо Пирмуҳаммад Боқӣ султонро ҳокими Самарқанд таъйин кард. Аммо бо гузашти замон Боқӣ султон худро лоиқтар аз Пирмуҳаммад дар тахти Бухоро донниста, бар зидди Пирмуҳаммад мухолифатҳоро сар кард. Пирмуҳаммад барои сарнагун кардани Боқӣ султон лашкар ҷамъ намуд ва аз ҳокими Балх Абдуламин низ имдод хост. Ҳокими Балх ба мадади Пирмуҳаммад 10 ҳазор сарбозро фиристод. Пирмуҳаммад бо лашкари ҷамъомада ба ҷониби Самарқанд ҳуҷум кард. Аммо дар ин мубориза лашкари Пирмуҳаммад шикаст хӯрд ва худаш ба қатл расид. Дар моҳи августи соли 1599 Боқӣ султон ба тахт нишаст ва бо ҳамин давлати Шайбониён завол ёфта, сулолаи нав – Аштархониён ба сари ҳокимият омад.

## Сарчашма:

Мирсаид Шариф Роқими Самарқандӣ дар бораи суиқасди Абдулмуъмин ба падараш менависад: «Рӯзе аз рӯйи хаёлоти хом ва тадбироти нофарҷом (Абдулмуъмин) аз вилояти Балх бо таваҷҷуҳ аз ҳарчи тамомтар равон гардида, ки волиди худро дастгир гардонад. Дар он замон Абдуллоҳхон дар чӯли вилояти Қаршӣ шикор мекарда ва Шоҳмуҳаммад элчиён, ки аз умарои муътабари Абдулмуъминхон буда арза ба пояи сарири аъло ирсол дошта, ки воқеа бад-ин минвол аст, ҳозир хоҳанд буд. Чун ин мазмун ба истимоъ анҷомид, хони мазкур аз рӯйи изтирор бар худ қарор дода, ба ҷониби вилояти Бухоро муовадат намуда».

**Мирсаид Шариф Роқими Самарқандӣ. Таърихи Роқим. Ба кӯшиши доктор Манучеҳри Ситуда. Теҳрон, 1380 ш. саҳ.170.**

Рӯҳонии аҳли суннат Фазлуллоҳ Рӯзбеҳони Хунҷӣ, ки аз таъқиби Сафавиён аз Исфаҳон ба Бухоро фирор карда буд, дар мубориза бар зидди Сафавиён чунин фатво медиҳад: «Фатҳи тоифаи қизилбурук (Сафавиён) ва душманӣ бо эшон ва муқотала бо мардуми савби эшон бисёр фозилтар аз ғазо бо куффори афранҷ, ки ҳеҷ тараддуд дар куфри эшон нест, чи ҷойи қазоқ, ки калимаи шаҳодате дуруст дар миёни эшон ҳаст ва иттифоқи уламои Рум ва Ҳарамайн аст бо ин фақир дар он ки фатво додам, ки тоифаи кулоҳсурх бадтар аз куффори афранҷанд ва муқотала бо эшон афзал аз муҷоҳада бо куффори авранҷ…»

**Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ. Меҳмонномаи Бухоро. Бо эҳтимоми доктор Манучеҳри Ситуда. Теҳрон, 1341 ҳ.ш, саҳ.44 – 45.**

Искандарбеки Туркмон дар бораи ҳуҷуми Абдулмуъмин дар моҳи марти соли 1589 ба Машҳад ва қатлу ғорати ин шаҳр менависад: «Абдулмуъминхон ва Динмуҳаммад султон машҳур ба Ятим султон бо ҷамъе аз баҳодурони номӣ ба шаҳр даромада, ба саҳни остона (-и

Имом Ризо) даромаданд. Ғозиёни қизилбошия (Сафавиён) сина сипари бало сохта, дил аз ҷони ширин бар гирифта, мардона мекӯшиданд ва як-як аз ҷоми бало шарбати шаҳодат менӯшиданд ва ба теғи хунрези мухолифон дар саҳни остонаи муқаддас куштаҳо бар зери якдигар афтода... Ӯзбекия чун аз арбоби ҷалодат пардохтанд, даст ба хуни сулаҳо (порсоён) ва уламову содот (сайидҳо) ёзиданд...Ӯзбекияро ба андаруни равзаи мутабаррика фиристода, як-як аз бечорагони мазлумро аз доруссаёда ва дорулҳифозу масҷиди ҷомеъ берун кашида, ба дараҷаи шаҳодат мерасониданд... Аз саҳҳеҳулқавле истимоъ (шунидан) рафт, ки Мирмуҳаммад Ҳусайн машҳур ба Мир Болоисар, ки аз содоти Машҳади муқаддас ва дар салоҳу тақвӣ ва ибодат дараҷаи олӣ дошт ва ҳамеша ба намозу тоат ва тиловат қиём намуда, камтар аз он мақоми шариф ҳаракат кардӣ. Дар он рӯзи ҳавлнок... ба тиловат машғул буд. Яке аз ӯзбекони худобехабар даст дар камари ӯ зада, берун мекашад. Мири бечора аз ҳавли ҷон ва кашокаши изтироб даст ба панҷараи зариҳ (даври қабр)-и муборак зада, маҳкам гирифт. Ӯзбеки дигар шамшере андохта, қатъи яд (даст)-и ӯ намуд ва дасташ дар маҳаҷар (гирдогирди ҳарам) монда, ӯро берун кашида, пора-пора карданд...»

**Искандарбеки Туркмон. Таърихи оламорои Аббосӣ. Ҷилди аввал ва ниме аз ҷилди дуюм. Зери назари Эраҷи Афшор. Теҳрон, 1387ҳ.ш., саҳ.412 –413.**

Дар бораи суиқасд ба ҷони Абдулмуъмин Искандарбеки Туркмон чунин менависад: «Абдулмуъминхон чун дар амри салтанат истиқлол ёфт, баъзе авқот (вақтҳо) бо умарои Абдуллоҳхон мухотиботи итобомез намуда, суханони киноякомез мегуфт. Ҷамъе, ки гумони адоват (душмани)-и ӯ ба худ доштанд, ба фикри худ афтода, гумон бурданд, ки чун ӯ ба Балх мерасад, нисбат ба эшон макнуни хотири худро (он чи дар фикр пинҳон дорад) ба феъл (амал) хоҳад овард...

Абдулмуъминхон ба ҷиҳати иштидод (шиддат)-и гармии ҳаво шаб кӯч мекард... Шабе аз шабҳо, ки аз паҳлуи деҳе мегузаштанд, Абдулсамад баҳодур ва Муҳаммадқулӣ баҳодур ба девори басти он деҳ даромада, дар канори роҳ паси девор нишаста, камонҳо бар сари чанг оварда, интизори вуруди ӯ доштанд. Баъд аз он ки мардуме, ки аз пеш мераванд, гузаштанд, Абдулмуъминхон бо чанд нафаре, ки ҳамроҳ буданд, чун ба маҳозии камингоҳ расиданд, ҳар ду дар рӯшноии машъал шаст кушоданд. Аз қазои илоҳӣ тири ҳар ду бар ҳадафи мақсуд расида, хато нашуд. Ӯ аз асп ғалтида, эшон бо шамшерҳои охта ба сари ӯ расиданд. Машъалдорон машъалро рехта, гурехтанд.. ва эшон филфавр сари ӯро ҷудо карда... савор шуда, рӯ ба Бухоро оварданд».

**Искандарбеки Туркмон. Таърихи оламорои Аббосӣ. Ҷилди аввал ва ниме аз ҷилди дуюм. Зери назари Эраҷи Афшор. Теҳрон, 1387ҳ.ш., саҳ.556.**

**Санаҳои муҳим**:

1521 (25 май), 1524, 1527–ба Хуросон ҳуҷум кардани Убайдуллоҳхон
1530 – вафоти Кучкунчихони Шайбонӣ
1530 – 1533 – солҳои ҳукмронии Музаффаруддин Абӯсаид
1533 – 1539 – солҳои ҳукмронии Убайдуллоҳхони Шайбонӣ
1540 – ба ҷониби Бухоро лашкар кашидани Бароқхон
1557– ишғоли Бухоро аз тарафи Абдуллоҳхони Шайбонӣ
1561– хони Шайбониён интихоб шудани Искандархон
1574 (29 июн) ишғоли Ҳисор аз тарафи Абдулоҳхон
1583 – хони Шайбониён интихоб шудани Абдуллоҳхони II
1584 (1 июл) – ишғоли қалъаи Кӯлоб ва қатли оми мардум аз тарафи Абдуллоҳхон
1593–гузаштани қисмати зиёди Хуросон зери фармони ҳукумати Абдуллоҳхони Шайбонӣ
1598 (8 феврал) – вафоти Абдуллоҳхони II
1598 (27 июн) – кушта шудани Абдулмуъминхон
1598 (10 август) – ҷанг миёни Шайбониён ва Сафавиён дар наздикии Пули Солор, ки ба шикасти Шайбониён аҷомид

**Савол ва супориш**:

1) Марҳалаи аввали таърихи сиёсии ҳукумати Шайбониён аз кай оғоз мешавад? 2) Марз дар миёни Мовароуннаҳр ва Эрон аз тарафи кӣ баста шуд? 3) Марҳалаи дуюми таърихи сиёсии Шайбониён аз кадом таърих оғоз мешавад? 4) Дар бораи буҳрони сиёсие, ки дар Мовароуннаҳр солҳои чилуми асри XVI ба вуҷуд омад, тавзеҳ диҳед. 5) Аз чӣ замоне марҳалаи сеюми таърихи сиёсии Шайбониён оғоз мешавад? 6) Дар бораи юришҳои Абдуллоҳхон ба Хуросон маълумот диҳед. 7) Сабабҳои ихтилофи Абдуллоҳхон ва писараш Абдулмуъминро муайян кунед. 8) Сабабҳои заволи давлати Шайбониёнро баён созед.

## МАВЗӮИ VIII

## ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР АСРИ XVI

### § 21. КИШОВАРЗӢ. ШАКЛҲОИ ЗАМИНДОРӢ

Тохтутози истилогаронаи Шайбонихон ва ҳуҷумҳои ғоратгаронаи ворисони ӯ ба Мовароуннаҳру Хуросон, ҷангҳои дохилӣ, фитнаангезиҳои ҳокимони вилоятҳо ва ҷангҳои тӯлонӣ миёни Шайбониён ва Сафавиён барои Хуросон дар асри XVI боиси расидани офатҳои зиёде ба мардум, ҳалокати одамон ва харобии бе ҳадду ҳисоби ин сарзаминҳо гашта буд. Масалан, ҳангоми таҷовузи Шайбонихон ба минтақаҳои кӯҳистонии Мовароуннаҳр ва шимоли Хуросон лашкари Шайбониён доройӣ ва сарвати зиёдеро ба даст овард. Дар ин юриш 50 ҳазор нафар асир афтода, ба ғуломӣ бурда шуд. Шайбонихон 10 ҳазор сар гӯсфанд, 50 ҳазор сар асп, сангҳои қиматбаҳо, тилло, марворид ва дигар навъи дороиҳои мардумро ба ғорат бурд. Чунин вазъи ногувор ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросон таъсири ниҳоят манфӣ мерасонид.

Ҷангҳои бардавоми дохилии Шайбониён бо худ харобии низоми обёрӣ ва заминҳои корам, дуздӣ ва ғорат, боло рафтани андоз аз замин ва дигар андозҳоро ҳамроҳ дошт. Ин низоъҳои дохилӣ ба пойин омадани сатҳи кишоварзию обёрӣ дар тамоми минтақаҳои ҳосилхези Мовароуннаҳр сабабгор шуд. Ба қабилаҳои ӯзбек, ки дар ҳайати лашкари Шайбониён Мовароуннаҳрро забт карда буданд, тамаддуни кишоварзӣ бегона буд, бинобар ин бо ишғоли ин мамлакат фаъолиятҳои иқтисодӣ ба маротиб кам шуда, воҳаҳои ҳосилхези он бе одам монданд.

Шайбонихон, ки бо қабилаҳои зиёд аз дашти Қипчоқ ба Мовароуннаҳр таҷовуз карда буд, ба подоши ҷангҳо ва ғоратгариҳои онҳо мебоист ин қабилаҳоро дар минтақаҳои нав ҷойгузин намояд. Табиист, ки ҳар қабилаи таҷовузгар мехост қаламрави ободтарро дар ихтиёр дошта бошад ва дар зимн манфиатҳои мардуми маҳаллӣ – тоҷиконро ба инобат нагирад. Саҳронавардони ғолиб дар Мовароуннаҳр, дар шаҳри Тошканд ва вилояти он, дар Бухоро, Самарқанд ва ноҳияҳои атрофи он, дар водии Фарғона ва Зарафшон, дар ноҳияҳои Қашқадарё ва Сурхондарё сукунат ихтиёр карданд. Теъдоди зиёде аз ин саҳронавардон ба соҳили чапи Омударё (қаламрави имрӯзаи шимоли Афғонистон) низ гузаштанд.

Қабилаҳои саҳронаварди шайбонӣ бо анъанаҳои қабилавию авлодӣ ва низоми иқтисодии хоси худ дар Мовароуннаҳр бо мардуми кишоварз ва аз нигоҳи муносибатҳои

иҷтимоию иқтисодӣ пешрафта дучор шуданд. Ин саҳронавардон заминҳои ишғолкардаи зироатиро ба чарогоҳ табдил доданд. Табиист, ки ин раванд бо зӯрӣ ва фишор берун кардани мардуми кишоварзи муқимӣ аз заминҳо ва чарогоҳҳои онҳо, инчунин, ғасби рама ва галаҳои онҳо ҳамроҳ буд.

Дар натиҷаи таъқибу фишори қабилаҳои шайбонӣ дар Мовароуннаҳр қисми зиёди сокинони муқимии он – тоҷикон, ки ҳазорсолаҳо дар ин сарзамин зиндагӣ мекарданд, шаҳрҳо ва водиҳои ҳосилхезро тарк гуфта, ба ҷониби шарқ, ба қисмати кӯҳистонӣ муҳоҷират карданд. Ин муҳоҷират дар тӯли солҳои ҳокимияти Шайбониён дар ин сарзамин идома ёфт.

Табақабандии синфӣ дар ҷомеа шиддат ёфта, кишоварзон ва косибони истисморшуда дар муқобили заминдорони калон – хонҳо, ашрофон ва рӯҳониён, ки дар хидмати онҳо буданд, қарор мегирифтанд. Кишоварзоне, ки дар заминҳои давлатӣ ва шахсӣ кор мекарданд, андозҳо ва молиёти зиёде месупориданд, ки дар натиҷа дар ҳолати қарздорӣ монда, муфлис ва бебизоат мегаштанд. Мардум ба корҳои иҷборӣ, мисли сохтани қасрҳо, низоми обёрӣ, кушодани роҳҳо ва сохтани кӯпрукҳо ҷалб мешуданд.

Даромади солиёнаи феодалӣ омехта ва иборат аз натуралӣ (иқтисодиёте, ки маҳсулоти худро фақат барои сарфи худ тавлид мекунад), кор дар ивази музд ва пулӣ буд. Дар замина вазъи кишоварзони саҳмкор, ки дар замини заминдор барои як қисме аз зироат кор мекарданд, хеле вазнин мегардид.

Ҳамаи ин дар якҷоягӣ ба зиндагии мардумони заҳматкаши шаҳрҳо ва деҳаҳо таъсири ҳалокатбор дошта, ба иқтисоди кишвар зарари зиёд меовард.

**Кишоварзӣ.** Дар асри XVI асоси иқтисодро зироаткорӣ ва заминдорӣ ташкил медод. Замин бештар дар дасти давлат буд. Хон ё султон ба касе, ки мехост заминро инъом мекард. Бештари заминдорон аъзои сершумори хонадони Шайбониён буданд.

Дар Мовароуннаҳри асри XVI чунин навъи заминҳо мавҷуд буданд: заминҳои давлатӣ, ки бо номи мамлукаи подшоҳӣ ё султонӣ зикр мегардиданд ва заминҳои хусусӣ, ки милки ҳурри холис, милки ушрӣ ва милкӣ номида мешуданд. Мамлукаи подшоҳӣ ва ё заминҳои давлатӣ зери назари вазорати молӣ, ки девони молӣ номида мешуд, қарор дошт. Дар асри XVI, дар замони ҳукмронии Шайбониён заминҳои подшоҳӣ аз тарафи аъзои хонадони хонӣ ва ашрофи қабилаҳои ӯзбек идора мегардид. Ин заминҳо аз ҷониби кишоварзони саҳмкор бо шароити додани хироҷ ба хазина кишт мешуданд. Даромад аз заминҳои давлатӣ миёни ҳокимони шайбонӣ дар шакли маош,

кумаки молӣ ва тухфа тақсим шуда, давлат метавонист заминҳои подшоҳиро фурӯшад ва ё инъом кунад. Дар ин сурат чунин заминҳо ба навъи дигари он дохил мегардиданд.

Заминҳое, ки ба хон тааллуқ доштанд, милки хос ва ё амлоки хос номида мешуданд Ин навъ заминҳо аз майдонҳои ҳосилхез, чаргоҳҳои пуралаф ва мамнӯъгоҳҳое иборат буданд, ки вазъи ба худ хос дошта, даромади онҳо танҳо ба харҷи шахсии хон истифода мегардид.

Заминҳои хусусӣ, ки бо номи милк ёд мешуданд ба се навъ ҷудо мешуданд:

1. **Милки ҳурри холис.** Соҳибони чунин милкҳо аз пардохти андози давлатӣ озод буда, ҳамаи даромад дар дасти соҳиби замин буд. Ин навъи заминҳо дар асри XVI хеле кам ба назар мерасид.

2. **Милки ушрӣ.** Чунин навъи истифодабарӣ аз замин буд, ки аз даҳ як ҳиссаи оидоти он ба фоидаи давлат ва қисми боқимондааш ба нафъи соҳиби замин истифода мешуд.

3. **Милкӣ.** Ин навъи замин ба истеҳсолкунандаҳо–деҳқонон, косибон ва рӯҳониёни камбизоат марбут буд, ки худи онҳо дар ин заминҳо кор карда, ҳосил мегирифтанд. Вазъи деҳқонони соҳибмилк назар ба деҳқонони иҷоракор беҳтар буд. Инчунин, онҳо назар ба қисмати боқимондаи корандагони замин як дараҷа имтиёзҳо доштанд. Масалан, ба давлат камтар хироҷ месупорданд.

**Суюрғол.** Дар асрҳои миёна намояндагони ашроф, ки ба вазифаҳои баланди давлатӣ таъйин мегардиданд, ба хотири ҷонибдори ҳамеша будан ба давлат аз тарафи хон вилоятҳо ва минтақаҳоеро ба инъом мегирифтанд. Чунин мулкҳои инъомшуда дар асри XVI-ро суюрғол меномиданд. Суюрғол аз падар ба писар ба мерос мерасид. Соҳибони суюрғол метавонистанд дар навбати худ як қисми мулки давлатиашонро ба аъёну ашроф тақсим кунанд.

**Заминҳои вақф**. Вақф милкест, ки аз тарафи касе барои масҷид, мадраса, мазорҳо ва умуман, ба муассисоти динӣ дода мешавад, ба шарте, ки аз даромади он фоида гирифта шаваду харидуфурӯш нашавад. Аз ҳисоби даромади замини вақф пулу роҳҳо сохта ё таъмир карда мешуданд. Милкҳои вақф чунин навъҳо доранд:

**Вақфи холис.** Вақфест, ки даромади он пурра ба соҳиби вақф дода мешуд.

**Вақфи даҳяк.** Вақфест, ки даромади он ба мударрисон, толибилмон, ҳоҷиҳо, мутаваллиён, ҷорӯбкашон ба андозаи даҳяк тақсим мегардид.

**Вақфи авлодӣ.** Вақфест, ки сайидҳо, хоҷагон, эшонҳо, тӯраҳо ва ҳокимону амирон ва табори онҳо барои рафъи эҳтиёҷи

мазорҳо, масҷидҳо, хонақоҳу қорихонаҳо, таҳоратхонаҳо ва ғайра ҷудо мекарданд. Тибқи ин вақфнома вақфкунанда масъули харҷу дахли амволи вақф буд ва ин масъулият аз насл ба насл ба мерос мерасид.

Афзорҳои кории деҳқонон асосан, сипор, дос, каланду бел буд. Бо ҳамин афзорҳои одӣ деҳқонон гандуму ҷав, ҷуворӣ, арзан, шолӣ, мошу нахӯд ва дигар зироат рӯёнида, заминро обёрӣ намуда, дар боғҳои атрофи шаҳрҳо ва деҳот себ, нок, зардолу, чормағз ва олу парвариш мекарданд. Яке аз соҳаҳои сердаромад истеҳсоли ғӯза (пахта) ва кирмакпарварӣ буд. Матоъҳои абрешимии косибони Мовароуннаҳр ба давлатҳои ҳамсоя ба фурӯш мерафт. Маҳсулоти полезӣ, кишти харбузаву тарбуз, сабзиву пиёз яке аз соҳаҳои маъмул ва муфиди хоҷагии деҳқонӣ буд.

Аксар деҳқонон замини кам доштанд, вале заминдороне низ буданд, ки замини кишташон дар ҳудуди якчанд ноҳия ё вилоят ҷойгир буд. Яке аз заминдорони маъруфи он давр Хоҷагони Ҷӯйборӣ буданд, ки на танҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, балки дар низоми сиёсии Шайбониён низ нуфузи зиёд доштанд.

**Навъҳои андоз.** Барои истифодаи замин деҳқонон ба давлат андоз месупориданд, ки онро мол ва ё хироҷ меномиданд. Ин андоз вобаста ба сифати замин, макони ҷойгиршавии он, наздикӣ ба бозор ва иродаи ҳоким аз се як то панҷ як ҳиссаи ҳосил муайян карда мешуд. Дар баробари андози мол ва хироҷ инчунин, истилоҳи «молу ғаллот» ва «молу ҷиҳот» низ дучор мешавад. Зери мафҳуми «молу ғаллот» андозе, ки бо ҳосил дода мешуд ва зери маънии «молу ҷиҳот» андозе, ки бо пул пардохт мегардид, дар назар буд. Дар ин аср аз 30 то 40 дарсади даромади деҳқон сарфи андози молу ҷиҳот мешуд. Аз боғҳо ва токзорҳо танобона мегирифтанд. Дар асри XVI ин навъи андоз бо маблағи нақд ситонида мешуд.

Аз тиҷорат ва косибон андоз бо номи «тамға» ва «боҷ» гирифта, инчунин, дар ин аср навъҳои дигари андоз чун авtorизот ва тағор мавҷуд буд, ки дар ҳолатҳои фавқулода, бахусус, ҳангоми ҷанг аз мардум ҷамъоварӣ мегардид.

Мансабдорон дар маҳалҳо аз давлат маош намегирифтанд. Аҳолӣ вазифадор буд андозҳоеро бо номи муҳосилона, мирҳазора зобитона, мушрифона ва кутволӣ супорад. Маблағи супорида аз ин навъ андозҳо барои маоши мансабдорони маҳалҳо харҷ мешуд.

**Сарчашма:**

Рӯзбеҳони Исфаҳонӣ дар бораи чӣ гуна заминҳои мардуми муқимиро, ки раҳо карда, ба дигар ҷойҳо фирор намуда буданд, ғасб кардани Шайбонихон менависад: «Баъд аз истиқрор дар он маҳфили

арҷманд (дар Кони Гил – наздикии Самарқанд) ба тариқи истифто (фатво хостан) аз ҳоли баъзе амлоки хиттаи Самарқанд, ки соҳибони он амлок мақомро холӣ гузошта, рӯ ба ҷониби дигар билод барафроштаанд ва фурӯғи ватанро боир (вайрон) сохта, тухм дар дигар билод кошта, суол фармуданд ва истифсор (пурсиш) намуданд, ки ҷамъе аз мардумонро дар ин билод амлок аст, ки солҳо дар таҳти тасарруфи эшон буда, биломузоҳамати (нороҳат кардани) музоҳиме (ташвишдиҳандае) ва мамониати монеъе ҳоло зиёдат аз сӣ сол бошад, ки он амлокро боир (замине, ки дар он зироат накунанд) ва муаттал (бекор) гузошта ва касе дар ин вилоят нест, ки аз қабли эшон он амлокро мазрӯъ дорад (кишт кунад) ва дар атрофу акноф (сӯй)-и он тухме корад, то ҳам мамлакат аз самти иморат (ободонӣ) рӯй дар вайронӣ ва тааттул (бекорӣ) наниҳад ва ҳам амволи девон қоим гардад ва он амлок ҳоло ҳукми боироти қадима гирифта ва дар ҳукми мавот (мурда) аст. Агар касе ба эҳёи он қиём намояд, чунон бошад, ки мавотро эҳё карда. Оё ин амлок, ки ҳоли ӯ чунин бошад, баъд аз таъмир (обод кардан) мулки он кас гардад, ки ба иморати ӯ иқдом намуда, ба иқомат вазоифи таъмири онро аз мартабаи боирият (вайронӣ) ба мартабаи иморат (ободӣ) расонида ё на?

Аз ҳуззори он маҳфил яке ифтихорулфузало Мавлоно Абдулғаффор қозии Балх буд. Дар ҷавоб гуфт: Ҳукм ба бутлон (ботилшавӣ) ба милкияти собиқ кардан душвор аст… агар эъроз (рӯгардонанда)-и молик аз он милк маълум бошад. Ҳукми ибоҳат (ҳалол донистан)-и зироат дар он сарзамин бар соне ки таъмири арз (замин) карда тавон намуд.

**Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ. Меҳмонномаи Бухоро. Бо эҳтимоми Манучеҳри Сутуда.Теҳрон, 1384 ҳ.ш, саҳ.295.**

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар бораи қаҳтие, ки бар асари ғорату тохтутозҳои Шайбониён мардуми Самарқанд дар зимистони 1512 ба он дучор шуда буданд, менависад: «Дар ин сол гаронӣ ва қаҳтӣ дар Самарқанд ба мартабае буд, ки халқ ба ҷуз қурси моҳу хур (хуршед) бар моида (гирд)-и фалаки мустадир (мудаввар) надидӣ ва гуруснагони фақир шабҳо аз хирмани Парвин ба хаёл хӯша чидӣ.

Гуруснашикам бар намад дӯхт чашм,<br>
Ки ҳамсояи гӯшт будаст пашм.

**Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. Ҷилди 1. Теҳрон, 1349 ҳ.ш., саҳ.65.**

## Савол ва супориш:

1) Ишғоли Мовароуннахр аз тарафи Шайбониён ва ҷангҳои дохилии онҳо ба чӣ сабаб шуд? 2) Чаро дар асри XVI тоҷикон аз шаҳрҳо ба манотиқи кӯҳистон муҳоҷират карданд? 3) Вазъи кишоварзӣ дар чӣ ҳолат қарор дошт? 4) Навъҳои заминдориро муайян созед. 5) Аз мардум кадом навъи андозҳо ситонида мешуд?

## § 22. ВАЗЪИ ҲУНАРМАНДӢ. САВДОИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ

Дар даҳаи аввали садаи XVI таҷовузи Шайбониён ба рушди ҳунармандӣ монеъ шуд. Лашкаркашӣ ва тохтутози бешумори ӯзбекони шайбонӣ бахусус, ба Хуросон барои аҳолии ҳунарманд бисёр гарон омад. Ҷангҳои байнихудӣ, ки қариб ним аср давом кард, аҳволи мардуми ҳунарманд ва кишоварзро ниҳоят табоҳ сохт. Заминҳои кишт поймол, шаҳрҳо тороҷ ва боҷу хироҷ зиёд шуданд. Аммо оҳиста-оҳиста истеҳсоли ҳунармандӣ ва сифати маҳсулоти он дар давоми асри XVI ба ҳолати пешинаи худ баргашт.

Шаҳрҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакат нақши калон бозидаанд. Шаҳрҳои маъруфи ин давр Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Андиҷон, Хуҷанд, Ӯротеппа, Ахсикат, Марғелон, Ҳисор ва ғайра буданд. Ҳунармандон асосан, дар шаҳрҳо зиндагӣ мекарданд. Касбҳои маъруф дар шаҳрҳои ин замон иборат аз рехтагарӣ, силоҳсозӣ, сангтарошӣ, шишасозӣ, заргарӣ, коғазагарӣ, бофандагӣ, кордгарӣ, кулолӣ, оҳангарӣ, бинокорӣ, дӯзандагӣ ва ғайра буданд.

Ҳунармандони шаҳр ба коркарди маҳсулот аз филиз, сангҳои қиматбаҳо, сохтани олоти меҳнат, силоҳ, ороишоти заргарӣ, маснуот аз чӯб, чарм, матоъҳои абрешимӣ ва пашмӣ, зарфҳо аз гил ва шиша, васоили хона машғул мегаштанд.

Сарчашмаҳои таърихӣ аз мавҷуд будани ҳунари чӯянгарӣ дар чаҳоряки асри XVI дар вилояти Тошканд ва Самарқанд ва истифодаи чӯян барои сохтани дегҳоро хабар медиҳанд. Дар ин давр аз биринҷӣ ва мис сохтани зарфҳои филизӣ густариш ёфта буд.

Истеҳсоли маснуоти бофандагӣ, ки аз ҳунарҳои қадимии мардуми Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳисоб мерафт, низ аз равнақ намонд. Матоъҳои абрешимӣ, нимаабрешимӣ, пахтагӣ ва коғазии Мовароуннаҳр бо сифати баланди худ фарқ мекарданд. Ҳунармандон на танҳо матоъҳои мухталиф истеҳсол мекарданд, балки ба дӯхтани либосҳо ва коркарди пӯсту чарм низ шуғл доштад. Баъзе шаҳрҳо ва деҳаҳо ба истеҳсоли матоъҳо аз пахта, абрешим ва пашм махсус гардонида шуда буданд. Дар асри XVI матои абрешимии Бухоро на танҳо дар Мовароуннаҳр, балки дар бозорҳои Русия низ маъруф гашта буд.

Дар миёни дигар ҳунарҳо истеҳсоли силоҳ ҷойи муҳимро ишғол мекард. Ҳунармандон шамшер, корд, сипар, ҷавшан, зиреҳ, кулоҳ ва ғайра месохтанд, ки берун аз кишвар низ харидорони зиёд доштанд. Дар ин давра дар Мовароуннаҳр истифодаи силоҳи оташфишон густариш ёфт, аммо ба ин нигоҳ накарда ҳунармандони Бухоро ба тавлиди камонғулак идома

доданд. Дар миёни шаҳрҳои Мовароуннаҳр Самарқанд дар истеҳсоли силоҳҳои мухталиф пешсаф буд.

Ба иртиботи идома ёфтани бинокорӣ ҳунари ҳаккокӣ, яъне коркарди санг ва кандакорӣ дар болои чӯбу гач низ аз ҳунарҳои маъруфи он замон ба ҳисоб мерафт.

Мавҷуд будани теъдоди зиёди устохонаҳои коғазгарӣ дар ин давр далел бар идома ва рушд ёфтани ҳунари коғазгарӣ мебошад. Ҳунари коғазгарони Самарқанд маъруфу машҳури мамлакатҳои дигар гашта, махсусан, коғази «мирибҳимӣ», ки маҳсули дасти коғазрези маъруфи Самарқанд Мир Иброҳим буд, дар бозорҳои Мовароуннаҳру Хуросон камёб шуда буд. Ба ҷуз аз Самарқанд дар Бухоро, Ҳирот ва он шаҳрҳое, ки дар он ҷо мадрасаҳо мавҷуд буданд, коғаз истеҳсол мекарданд.

Дар таърихи косибии мардуми Мовароуннаҳру Хуросон зиёда аз 100 ҳунар маълуму машҳур аст. Ҳунармандон устохонаи худро доштанд. Косибоне буданд, ки дар устохонаҳои кироя кор мекарданд ва ба ивази корашон музд мегирифтанд. Дар баъзе шаҳрҳо косибони як соҳаи ҳунармандӣ дар гузаре ё маҳаллаҳои алоҳида истиқомат мекарданд. Аз ҳамин сабаб баъзе гузарҳои шаҳрҳо номи «Гузари Кордгарон», «Гузари Собунгарон», «Гузари Дегрезон», «Гузари Мехчагарон» ва амсоли инҳоро гирифтааст.

Дар асри XVI дар дасти нафарони алоҳида теъдоди зиёди корхонаҳои тиҷоратию ҳунармандӣ мутамарказ шуда буд. Бинобар ин неруи иқтисодӣ ва сиёсии намояндагони хонадони Шайбониён на танҳо ба кишоварзӣ, чорводорӣ асос ёфта буд, балки он ба истисмори корхонаҳои тиҷоратию ҳунармандӣ, мисли корвонсаройҳо, бозорҳо, дуконҳо, устохонаҳои коғазгарӣ ва рангуборгарӣ, осиёбҳо, ҳаммомҳо ва ғайра низ хулоса мешуд.

Коркарди маъданҳои зеризаминӣ, истеҳсоли тилло, нуқра ва сангҳои қиматбаҳои конҳои бузург дар ихтиёри хонадони ҳукуматгар қарор дошт. Аз конҳои хурдтари он ҳокимони маҳаллӣ истифода мекарданд, ки як қисме аз ҳисоби даромади онро ба хазинаи хонӣ, ки бо номи девони саркори хосса буд, месупориданд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ зери замини қаламрави густурдаи Мовароуннаҳр аз маъданҳо ғанӣ буд. Дар ин ҷо тилло, нуқра, қалъагӣ, оҳан, мис, олтингӯгирд, сурб ва аз сангҳои қиматбаҳо лаъл, ёқут, лоҷвард, булӯри кӯҳӣ ва фирӯза истихроҷ мекарданд.

**Савдо.** Рушди ҳунармандӣ дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр боиси густариши муносибатҳои тиҷоратӣ ва савдо гардид. Дар асри XVI Мовароуннаҳр бо Ҳиндустон, Эрон, Чин, Туркия ва Русия муносибатҳои тиҷоратӣ ва дипломатӣ дошт. Мувофиқи

ахбори Ҷенкинсон, ки сафири Русия дар Бухоро буд, ҳар сол дар Бухоро ҳамоиши тоҷирон, ки бо корвонҳои зиёде аз давлатҳои ҳамсоя ба ин шаҳр меомаданд, доир мегашт.

Аз Мовароуннаҳр ба дигар кишварҳо асосан навъҳои мухталифи матоъҳо, мисли миткол, зандонӣ, коғази самарқандӣ аз навъҳои мириброхимӣ ва султонӣ, қолинҳо, зарфҳои биринҷӣ ва мисӣ, силоҳ, асп ва меваи хушк барои тиҷорат мебурданд.

Дар асри XVI муносибатҳои дипломатӣ бо Русия барқарор гардид. Ба Маскав сафирҳо, заминдорон, сармоядорони мовароуннаҳрӣ рафтуомад мекарданд. Дар баробари иҷрои супоришҳои дипломатӣ онҳо ба рушди савдо низ мадад мерасониданд. Сафирҳо ҳамроҳ бо корвонҳои калон ба роҳ баромада, ба Русия молҳои гуногун бурда ва аз он ҷо низ молҳои дар бозорҳои Мовароуннаҳр ба фурӯш мерафтаро харидорӣ карда, бармегаштанд. Ин сафирон на танҳо намояндагӣ аз хон, балки аз номи ҳокимони вилоятҳои Мовароуннаҳр низ мекарданд. Савдо барои ҳар ду тараф муфид буд, бинобар он ривоҷ меёфт. Дар ин аср барқарор гардидани робитаи тиҷоратии Мовроуннаҳр бо Русия аз аҳамияти зиёде бархурдор буд. Робитаҳои доимии Мовароуннаҳр бо Русия аз миёнаҳои асри XVI баъд аз ҳамроҳшавии хонии Қазон (1552) ва Сибир (1582) ба Русия равнақи бештар ёфтанд. Навъҳои гуногуни мол ба миқдори торафт зиёд аз Мовароуннаҳр ба Русия содир мешуд. Дар Русия матоъҳои гуногуни пахтагин ва шоҳиворecho Мовароуннаҳр шуҳрат доштанд. Аз Русия ба ин сарзамин матоъҳои пашмин, асбобҳои филизӣ, силоҳ ва дигар лавозимот ворид мекарданд. Маркази асосии тиҷорат байни Мовароуннаҳр ва Русия ин Аштархон буд. Инчунин робитаҳои тиҷоратӣ бештар бо шаҳрҳои Сибир – Тоболск, Тюмен ва Тара барқарор буд. Барои шаҳрҳои Сибир молҳои Мовароуннаҳр ниҳоят ҳаётӣ буданд. Бинобар ин ба тоҷирони мовароуннаҳрӣ дар ин ҷо имтиёзҳо дода мешуд ва тоҷирони Бухоро аз пардохти боҷи гумрукӣ озод буданд. Баъзе тоҷирони Мовароуннаҳр молҳои худро ба шаҳрҳои Самара, Қазон, Маскав ва ҳатто ба Архангелск мебурданд. Аз соли 1583 то соли 1600 ба Маскав панҷ сафорат аз Бухоро ва ду сафорат аз Хива бо корвонҳои пур аз мол рафта буданд, аммо барои ривоҷи ҳаматарафа ва бештари савдои хориҷа шароит мусоидат намекард. Яке аз ин мамониятҳо роҳзании корвонҳо буд. Инчунин, маҳдудияти мазҳабӣ низ садди роҳ мегашт, чунки савдогарони рус, ки насронӣ буданд, аз омадан ба Мовароуннаҳр худдорӣ намуда, бештар ба сифати тоҷир мусулмонҳои дар ҳудуди Русия сокин буда, мисли тоторҳо ва бошқирдҳоро равон мекарданд.

Муносибати тиҷоратии Мовароуннаҳр бо Чин ва Ҳиндустон низ идома ёфт. Новобаста ба ин ки Шайбониён Бобурро аз Мовароуннаҳр ронда буданд, соли 1528-29

Кучкунчихон ба дарбори ӯ, ба Ҳиндустон сафоратеро бо сарварии Амин мирзо фиристод ва Бобур ӯро хуш пазируфт. Ба сафири Шайбониён Бобур 70 ҳазор тангаи нуқра, шамшери қиматбаҳо ва кулоҳи зардӯзишуда туҳфа намуд. Дар замони ҳукумати Абдуллоҳхони Шайбонӣ ин робитаҳо густариши бештар ёфтанд ва пайдо кардани сиккаҳои ҳокимони Ҳиндустон ҳангоми ҳафриёт дар ҷануби Тоҷикистон далели ин гуфтаҳост. Робитаҳои сиёсӣ ва тиҷоратӣ байни Абдуллоҳхони Шайбонӣ ва императори Ҳиндустон Акбар, пеш аз ҳама, бар зидди Сафавиён барои ба даст овардани Хуросон равона шуда буд.

Дар тамоми шаҳрҳои Мовароуннаҳр бозорҳо мавҷуд буданд. Дар шаҳрҳои калон дар як ҳафта ду рӯз бозор доир мешуд. Ҳунармандон маҳсулоти худро ба бозор барои фурӯш низ мебароварданд. Дар асри XVI дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро теъдоди зиёди бозорҳои махсусгардонидашудаи оҳангарон, бофандагон, фурӯшандагони нах, намад, сабад, шамъ, инчунин, бозорҳои аспфурӯшон ва сабзавотфурӯшон фаъолият мекарданд. Дар чаҳорроҳаҳои кӯчаҳои бозорҳои Бухоро дар панҷ қатор равоқҳо сохта шуд. Ин равоқҳо бо номҳои Тоқи Саррофон, Тоқи Тилпакфурӯшон, Тоқи Заргарон, Тоқи Тиргарон ва Тоқи Ордфурӯшон ёд мешуданд. Соли 1586 Абдуллоҳхони Шайбонӣ дар ин маҳалли Бухоро бозори бисёргунбазаи болопӯшидае барои тоҷирони мусофир сохт. Ин замон дар Бухоро корвонсаройҳои зиёде фаъолият мекарданд. Корвонсаройи Говкушон (1570), корвонсаройи назди масҷиди Лесак (1559–60), корвонсаройи Қулбобо Кӯкалтош дар Регистон, корвонсаройи назди пули Саррофон, корвонсаройи Абдуллоҳхон ва ғайра аз маъруфтарини ин корвонсаройҳо буданд.

Дар муддати чандин аср роҳи бузурги корвонгард аз Мовароуннаҳр гузашта, Шарқу Ғарбро ба ҳам мепайваст. Дар асри XVI кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ ба амал омаданд ва ин роҳ аҳамияти байналмилалии худро гум кард ва Мовароуннаҳр аз роҳи асосии ҳаракати молҳои тиҷоратӣ дар канор монд. Ин ҳолат ба истеҳсолоти молҳои дохилӣ таъсир карда, боиси камшавии ҳаҷми маҳсулоти як қатор соҳаҳои касбу ҳунар гардид.

Дар охири асри XVI Абдуллоҳхони II барои беҳтар гардидани шароити тиҷорат як қатор тадбирҳо андешид, ки ба тағйир ёфтани вазъияти савдо ва иқтисод сабаб шуд ва мамлакат каме ба ҳолати эътидол даромад. Ӯ кӯшиш намуд, ки роҳҳои корвонгузар нисбатан бехатар ва аз оби нӯшокӣ таъмин бошанд.



*Бухоро. Тоқи Саррофон.*



*Ҳисор. Мадрасаи Куҳна.*

## Сарчашма:

Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ дар бораи он ки Шайбонихон намехост миёни сокинони Мовароуннаҳр ва ҳамқабилаҳои Дашти Қипчоқи ӯ робитаи тиҷоратӣ бошад, менависад: «Фармони ҳумоюн (Шайбонихон) дар баъзе авқот иззи судур ёфта буд, ки аслан бо туҷҷори мардуми қазоқ мардуми Туркистон муомила накунанд ва миёни эшон ва мардуми ин билод омадушуд ва тараддуди туҷҷор набошад. Чунончи дар баъзе авқот ҳукм шуд, ки дар баъзе мамолики Туркистон ва билоди Хоразм туҷҷори қазоқро ғорат кунанд…»

**Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ. Меҳмонномаи Бухоро. Бо эҳтимоми Манучеҳри Ситуда.Теҳрон, 1384 ҳ.ш, саҳ.106.**



*Пули Абдуллоҳхон*

**Санаҳои муҳим**:

1583 – 1600 – ба Маскав омадани панҷ сафорат аз Бухоро ва ду сафорат аз Хива бо корвонҳои пур аз мол

935 ҳ.қ./1528-29 – ба Ҳиндустон рафтани сафири Шайбониён Амин мирзо

1586– сохтани бозори бисёргунбазаи болопӯшидае дар Бухоро

**Савол ва супориш**:

1) Дар бораи вазъи ҳунармандӣ дар Мовароуннаҳр маълумот диҳед. 2) Косибон бо чӣ навъ ҳунарҳо дар Мовароуннаҳр машғул буданд? 3) Шаҳри Самарқанд бо кадом маҳсулоташ маъруф гашта буд?
4) Мовароуннаҳр бо кадом давлатҳо робитаи тиҷоратӣ дошт?

# МАВЗӮИ IX

# МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСРИ XVI

## § 23. БИНОКОРӢ ВА МЕЪМОРӢ

**Вазъи фарҳанг**. Асри XVI дар таърихи фарҳанги халқи тоҷик марҳалаи ниҳоят мушкил ва мураккабе буд. Ҳуҷуми қабилаҳои саҳронишини Дашти Қипчоқ ба Мовароуннаҳр ва лашкари Сафавиён ба Хуросон ин сарзамини густурдаро, ки таърих, забон ва фарҳанги ягона дошт, ба ду қисмат ҷудо кард. Ба ягонагии мардуме, ки ба як забон сухан мегуфтанд, фарҳанг ва таърихи ягона доштанд, зарбаи ҳалокатборе заданд. Ба ин далел асри XVI марҳалаи ҷудошавии фарҳанги тоҷикони Мовароуннаҳр аз дарахти ягонаи боровари тамаддуни умумиэронӣ ба шумор меравад.

Маҳз дар ин аҳд ба ивази рушди фарҳанг ва тамаддуни ягона, фарҳанги ҷудоихоҳона ва аксаран мухолифи ҳамдигар ба миён меояд. Ин ҷудоихоҳӣ ва мухолифат, пеш аз ҳама, дар тафаккури динӣ зоҳир мешуд. Сафавиён бо эълон кардани мазҳаби шиа дар Эрону Хуросон чун дини давлатӣ баҳонаеро барои ҷангҳои бардавом бо Шайбониён ба вуҷуд овարданд. Ҳамин тавр, ихтилофҳои сиёсӣ миёни Шайбониён ва Сафавиён, ки дар мухолифатҳои мазҳабӣ ва бунёдгароии динӣ зоҳир мешуд, дар ибтидои асри XVI сарзамини ягонаро ба ду бахш тақсим кард ва ҳар кадоме дар ин давра ба баъд на танҳо аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, балки аз нигоҳи фарҳангӣ низ ҷудо аз ҳам ҷараён мегирифт.

Аз асри XVI ба баъд, дар тӯли беш аз 500 сол тоҷикон ба доираи муносиботи дунёи туркону муғулон кашида шуда, ягона мардуми эронитабор ба ҳисоб мерафтанд, ки дар ҳифзи забон ва бақои фарҳанги худ дар Мовароуннаҳр, ки аз қадимулайём аҷдоди онҳо сокин буданд, талошҳо кард. Дар ин муддат қабилаҳои турк ва муғулони туркшуда, ки ватани тоҷиконро ишғол карда буданд, тоҷиконро ҳамеша аз ватани аҷдодии худ танг карда, ба минтақаҳои кӯҳистонӣ муҳоҷир месохтанд.

Хусусияти хоси Мовароуннаҳр баъд аз ишғоли Шайбониён ин ҷангҳои бардавоми дохилӣ ва хориҷии он буд. Ин ҷангҳо ба рушди фарҳанг таъсири манфӣ мерасонд. Дар асри XVI ҳаёти фарҳангӣ ва адабии Мовароуннаҳру Хуросон дар шароити ниҳоят мушкили таърихӣ ҷараён гирифта, низоми ҳаёти фарҳангии ин сарзаминҳо дар замони ҳукумати Шайбониён симои пешинаи худро аз даст дод. Марказҳои илмӣ

ва ҳавзаҳои адабии Самарқанду Ҳирот, ки дар охири асри XV машҳур буданд, аз ҳам пошиданд.

**Бинокорӣ ва меъморӣ.** Миқёси шаҳрсозӣ ва аҳамияти бинокорӣ дар зиндагии ҷомеа ҳамеша зери таъсири бевоситаи шароити мушаххаси иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сурат мегирад. Рушди меъморӣ мисли дигар бахшҳои фарҳанги моддӣ ва маънавии тоҷикони Мовароуннаҳр бо ҳуҷуми қабилаҳои Дашти Қипчоқ дар ибтидои асри XVI халалдор гардид. Ҳунари меъморӣ дар Мовароуннаҳр баъд аз ин таҷовузи харобиовар бо суръати ниҳоят паст эҳё мешуд. Табиист, ки дар ин давр бинокорӣ қатъ нагардид ва ба вуҷуд омадани осори асили меъморӣ шаҳодат аз он медод, ки рӯҳи эҷодкории меъморон ва бинокорони Мовароуннаҳр хомӯш нагардида буд.

Дар ҳунари меъмории нимаи аввали асри XVI анъанаҳои асри XV идома дошт. Аммо барои меъмории асри XVI ба андозаи бузург сохтани биноҳо хос набуд. Андозаи биноҳо ва шакли онҳо дар қиёс бо осори меъморие, ки дар асри XV бино меёфтанд, хурд буданд. Дар ин биноҳо исроф дар ороиш ва пардохти онҳо бо дарназардошти вазъи иқтисодӣ назар ба асри гузашта кам ба назар мерасид, аммо дар ин аср услуби мухталифи ороиши биноҳо дида мешавад. Истифодаи хиштҳои кошиншуда, сафолпораҳои сирдор ва сафолпораҳои сӯхташудаи сурх ва зарданг дар сохтмон намои гуногунранги ороишӣ дар биноҳоро ба вуҷуд меовард. Дохили биноҳо бо нақшу нигор ороиш ёфта, қисмати поёнии деворҳо бо лавҳаҳои гачин ва мармарин рӯйпӯш карда мешуд. Дарҳои биноҳо кандакорӣ мегардид. Тирезаҳои биноҳои ин давр бо panҷараҳои гачӣ, ки ороиши гуногун доштанд, пӯшида мешуданд.

Дар соҳаи кандакории рӯйи санг ва чӯб комёбиҳои устодони асри XVI назаррас буд. Сангҳои рӯйи қабр бо катиба ва нақшу нигор ороиш ёфта, гӯшаҳои онро ба шакли сутунча зеб медоданд. Баъзе сангҳои рӯйи қабр ба худ шакли хурди мақбараи шиббадорро гирифтааст. Умуман, ҳунари сангтарошӣ ва катибаканӣ ба дараҷаи олии худ расида буд.

Беҳтарин намунаҳои кандакории рӯйи чӯб, ҳаккокӣ дар сақфи биноҳо, дару дарichaҳо, сутуни айвонҳо, панҷараҳои тобадонҳо ва мадрасаву масҷид, хонақову мақбараҳо мебошанд.

Биноҳои боҳашмат бо кошинкорӣ зебу зинат дода мешуданд. Зеботарин кошинро дар осори меъмории шаҳрҳои Бухорову Самарқанд метавон ёфт. Пештоқҳои зебо, кошинкориҳои хушнақшунигор ва хушобуранг намунаи ҳунари меъморони ин аср мебошанд.

Бухоро, ки пойтахти давлат буд, бештар обод гашт ва дар ин аср бинокорӣ дар ин шаҳр марказонида шуд. Дар шаҳрҳои Самарқанд, Балх, Кармина, Тошканд, Хуҷанд, Ҳисор, Ӯротеппа ва дигар минтақаҳо низ осори меъморӣ ба мисли бозорҳо, ҳаммомҳо, тиҷоратхонаҳо, мадрасаҳо, масҷидҳо ва қасрҳои боҳашмат сохта шуданд. Барои ривоҷи савдои хориҷӣ дар роҳҳои корвонгард пулҳо, сардобаҳо, корвонсаройҳо бино ёфтанд.




***Бухоро. Масҷиди Калон.***

Дар Бухоро девори нави шаҳр бино ёфт. Намунаи ҳунари зебои меъмории асри XVI дар ин шаҳр Масҷиди Калон, Мадрасаи Мири Араб, Масҷиди Баланд, Масҷиди Хоҷа Зайниддин, Кӯшмадраса, Мадрасаи Модарихон, Мадрасаи Абдуллоҳхон, маҷмааи Баҳоуддини Нақшбанд, маҷмаи Лаби Ҳавз, хонақоҳи Файзобод, тоқи Саррофон, тоқи Телпакфурӯшон ва тоқи Заргарон мебошанд. Дар Ӯротеппа мадрасаи Абдуллатиф султон (Кӯкгунбаз), мақбараи Боботағо ва Саримазор намунаи осори меъмории ин давр буданд. Водии Ҳисор аз ин давр ёдгориҳои зиёди меъморӣ дорад. Ҳисор дар асрҳои XV – XVI ба авҷи равнақи худ расида буд. Дар ин давра ҳудуди он васеъ буда, ҷануби Тоҷикистони ҳозира, ҷануби Ӯзбекистон, вилоятҳои шимолии Афғонистон (Балх, Шибирғон, Қундуз) ва Бадахшонро дар бар мегирифт. Биноҳои Қалъаи Ҳисор, мисли Мадрасаи Куҳна, мазори Маҳдуми Аъзам намунаи ҳунари баланди меъмории Ҳисори онвақта мебошанд.





***Маҷмааи Баҳоуддини Нақшбанд*** ***Хонақоҳи Файзобод***

Намунаи осори меъмории асри XVI масҷиди Абдуллоҳхон дар деҳаи Навгилеми Исфара, мақбараи Лангари Бобо дар Конибодом ва Лангарота дар ноҳияи Нов то ҳанӯз боқӣ мондаанд.

Шаҳрҳо аз ҳисоби сохтани биноҳои гуногун обод мешуданд. Дар чорроҳаи баъзе хиёбонҳо бинои чорсӯ сохта, ба тӯли хиёбон тоқҳо ва корвонсаройҳо бино ёфта буданд.

Дар беруни шаҳр чорбоғҳои пур аз меваю ангур ва дарахтони сарсабз бунёд мешуданд. Дар чорбоғҳои бузург қасру девонҳо сохта, ин биноҳои зеборо ҷӯйҳои оби равон ва фавворахо зеб медоданд.



***Сари Мазор. Истаравшан***



*Мадрасаи Боботаго. Истаравшан*

## Сарчашма:

Дар боби даҳуми «Бадоеъ-ул-вақоеъ» Восифӣ дар бораи мадрасае, ки дар Саброн сохта шудааст, менависад: «Ҳазрати Мири Араб дар маҷлис фармуданд, ки азизонро, ки дар маҷлис ҳозиранд, ба хотир чи мерасад, ки мисли ин мадраса ва зебу тазйин минҳайси он дар вилояти Хуросону Мовароуннаҳр, балки дар ҳама рӯйи замин буда бошад».

**Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. Ҷилди 1. Теҳрон, 1349 ҳ.ш., саҳ. 270.**

Восифӣ дар бораи сохтани корезҳо менависад: «Ва аз умури ғарибае, ки мушоҳида кардем, он буд, ки Мири Араб дар якфарсангии Саброн ду корез ҷорӣ карда буданд, ки мусофирон мисли он ду корез ба ободӣ ва маъмурӣ дар маъмураи олам нишон намедоданд ва қариб дувист ғуломи ҳиндустонӣ лоянқатъ дар он корез кор мекарданд ва бар сарони ду корез қалъаҳо бино карда… Ва дар даруни он қалъа чоҳе эҳдос намуда буд, ки умқаш ба дувист газ расида буд».

**Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. Ҷилди 1. Теҳрон, 1349 ҳ.ш., саҳ.271-272.**

## **Савол ва супориш**:

1) Дар бораи вазъи умумии фарҳанг дар Мовароуннаҳр маълумот диҳед 2) Баъди ишғоли Мовароуннаҳр аз тарафи Шайбониён бинокорӣ ва меъморӣ дар чӣ ҳолат қарор гирифт? 3) Ёдгориҳои меъмории ин давраро номбар кунед.

## § 24. КИТОБХОНАҲО ВА ОРОИШИ ДАСТНАВИСҲО. РУШДИ ҲУНАРИ МИНЁТУРА

Дар раванди омӯзиш ва касби дониш дар асрҳои миёна китобхонаҳое, ки аз тарафи шахсони алоҳида таъсис мешуд ва инчунин, китобхонаҳои вақфӣ, ки дар назди масҷидҳо фаъолият мекард, нақши муайяне мебозиданд. Султонҳо ва шахсиятҳои бомаърифат соҳиби китобхонаҳо буданд. Китобхонаҳо дар он вақтҳо вазифаи коргоҳи китобатро, ки хаттотон дар он адои хидмат менамуданд низ доштанд. Дар ин ҷо мусаввирон дастнависҳоро ороиш медоданд. Дар асри XVI ороиши бадеии китобҳои дастнавис ба ҳукми анъана даромада, ба дараҷаи баланд расида буд. Сарчашмаҳои таърихӣ номи беш аз чиҳил нафар хаттотони маъруфи ин давррo зикр кардаанд, ки дар миёни онҳо Султон Мираки Муншӣ, Миралии Ҳиравӣ, Султон Алии Убаҳӣ, Султон Алии Машҳадӣ ва Юсуфбеки Тушмал машҳури давр гашта буданд.

Дар Мовароуннаҳр китобхонае дар Бухоро, ки дар назди дарбори Абдулазизхон–писари Убайдуллоҳхони Шайбонӣ фаъолият мекард, машҳур шуда буд. Дар ин китобхона хаттотон ва мусаввирони маъруф кор карда, ба хушнависӣ ва нусхабардории осори таърихӣ ва адабӣ, девонҳои шоирон машғул буданд. Мусаввирон китобҳои хаттотишударо бо минётураҳои гуногун ороиш медоданд. Яке аз устодони хат дар ин китобхона Миралии Ҳиравӣ буд, ки барои такомули хатти настаълиқ кӯшиши зиёде ба харҷ дод. Миралӣ донандаи ҳамаи илмҳои амалии замонаш буда, инчунин, ба иртиботи ин ва ё он ҳодиса шеър мегуфт ва таърихи ба вуқӯъ омадани баъзе ҳодисаҳои ҳамзамони ӯро метавон аз ашъораш пайдо кард. Миралии Ҳиравӣ дар соли 951 ҳ.қ. /1544–45 – дар замони ноорoмиҳо дар Мовароуннаҳр дар синни 70 солагӣ ба қатл мерасад. Дар ин китобхона ҳамчунин шогирдони Миралӣ – Хоҷа Маҳмуди Ҳиравӣ ва Саид Аҳмади Машҳадӣ низ фаъолият мекарданд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо мудири ин китобхона мусаввири маъруф ва хаттоти машҳур Султон Мирак буд.

Дар назди дарбори ҳокими Самарқанд султон Саид китобхонае амал мекард, ки мувофиқи ахбори сарчашмаҳо чанд муддате мудири он шоир Абдурраҳмони Мушфиқӣ буд.

Сарчашмаҳои таърихӣ аз китобхонаи Бурҳонхон, ки солҳои 1553 – 1557 дар Бухоро ҳоким буд, ёд мекунанд. Раиси ин китобхона Мавлоно Амини Китобдор, ки бо шоири маъруф Абдурраҳмони Ҷомӣ робитаи хешутаборӣ дошт, будааст. Ин шахс баъдан дар назди амир Муҳаммад Боқибий дар вазифаи китобдор ва мударрис низ кор кард.

Дар асри XVI мусаввирони Мовароуннаҳр дар эҷодиёти худ анъанаҳои наққоши маъруф Камолиддин Беҳзодро идома доданд. Услуби латиф ҳамчун усули махсуси бадеӣ ва зебоипарастӣ дар мактаби минётураи Ҳирот истифода мешуд, ки онро Беҳзод асос гузошта буд. Нафосат, зарофат ва дараҷаи баланди касбӣ хусусияти аслии осори ҳунарии ин мактаб буд. Мавзӯи миётурҳои ин мактаби ҳунарӣ асосан ба тавсифи табиат, шикор, маҷлиси зиёфат, мусобиқаи паҳлавонҳо, инчунин, ба мавзӯи тарбиятӣ аз масалҳо ва достонҳо бахшида шуда буд. Мактаби ҳунарии Беҳзод дар тарбияти иддаи зиёди мусаввирон дар Мовароуннаҳр, Хуросону Эрон нақши муҳим бозид.

Дар нимаи аввали асри XVI мактаби мусаввирон-минётуристҳои Бухоро ташкил меёбад, ки мусаввирон бо минётураҳои худ китобҳои дастнависро ороиш медоданд. Мактаби мусаввирони Бухоро баъд аз он ки мактаби Ҳирот дар асари ҷангҳо миёни Шайбониён ва Сафавиён пароканда мешавад, шуҳрати бештар меёбад. Дар ташаккули мактаби минётурии Бухоро гурӯҳе аз мусаввирони Ҳирот, ки иддае ба ихтиёри худ ва иддаи дигар маҷбурӣ ба Бухоро оварда шуда буданд, нақши муҳим бозиданд. Мусаввирон Хоҷа Муҳаммад, Султон Алии Машҳадӣ ва Табои Наққош аз Ҳирот ба Мовароуннаҳр омада буданд. Дар миёни мусаввирони мактаби Ҳирот, ки ба Бухоро омада, фаъолият мекарданд, Шайхзода Маҳмуд бо тахаллуси Музаҳҳиб ва шогирди ӯ Абдуллоҳ Муҳаммади Муҳассин хеле маъруф гаштанд. Минётураҳои офаридаи Абдуллоҳ Муҳаммади Муҳассин то солҳои 80-уми асри XVI миёни дигар минётураҳо шуҳрати бештар доштанд. Дар Бухоро мусаввир Оғоризо (вафот 1575) зиндагӣ ва кор мекард, ки зодгоҳи ӯ Исфаҳон буд.

Дар минётураҳои асри XVI-и мактаби мусаввирони Бухоро услуб ва тарзи кашидани минётураҳои мактаби Ҳирот возеҳ намудор мешавад. Чун Бухоро мактаби минётурии худро низ дошт, бинобар ин, дар солҳои 50-уми асри XVI услуби мовароуннаҳрии кашидани минётураҳо низ ташаккул меёбад. Ин услуб дар содагии на аз ҳад зиёд, ки бо омезиши рангҳои равшан ва пурҷило ягонагиеро дар минётура ба вуҷуд меовард, баён мегардид. Теъдоди мусаввирони бо ин услуб асар офарида беш аз бист нафар буданд. Бобо Наққош, Муҳаммад Мурод, Муҳаммад Нодир ва Ғуломшодӣ аз зумраи он мусаввиронанд.

Мусаввирон Ҷалолиддини Юсуф, Муҳаммад Муҳассин ва Муҳаммад Муроди Самарқандӣ дар рушди ҳунари наққошии асри XVI-и Мовароуннаҳр мавқеи намоён доранд.

Хусусияти хоси мактаби наққошии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XVI аз он иборат буд, ки дар он ҳаҷв низ дохил карда мешавад. Ин ба он иртибот мегирад, ки дар ин замон осори ҳаҷвӣ, аз ҷумла «шаҳрошӯб» рушд мекунад.

Минётураҳо дар варақҳои алоҳида кашида шуда, асосан зебоибахши дастнависҳо буданд. Ин минётураҳо бо мазмуни ҳар фасли китоб ва воқеаҳои муайяни таърихӣ мувофиқат мекарданд. Бештари вақт достонҳои назмӣ, бахусус, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, достонҳои Низоми Ганҷавӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ бо минётура ороиш ёфтаанд. Бо вуҷуди ин ки дар асрҳои гузашта дар осори таърихӣ ва илмӣ минётураҳо камтар ба назар мерасиданд, аммо дар асри XVI мусаввирони Мовароуннаҳр бештар осори таърихиро бо минётураҳои худ ороиш доданд. Ин ба он робита дошт, ки ҳокимон ба рисолаҳои таърихие, ки худашон ва аҷдоди онҳо дар маркази он қарор доштанд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекарданд. Ба ин сабаб симои як қатор шахсони таърихӣ низ офарида шуд. Ба ин гуна асарҳо «Фатҳнома», «Таърихи Абулхайрхонӣ», «Таърихи гузида» ва ғайраҳо дохил мешаванд. Масалан, китоби «Фатҳнома», ки юриши Шайбонихон ба Мовароуннаҳрро тавсиф мекунад, бо ҳафт минётура оро ёфтааст. Аз ҷумлаи ҳафт минётура дутои он ба ҷанги Сари Пул (1501) ва муҳосираи Самарқанд аз тарафи Шайбонихон бахшида шудааст. Ин минётураҳо на танҳо китоби «Фатҳнома»-ро ороиш додаанд, балки ҳамчунин маводи ҳуҷҷатие дар тасвири симои меъмории шимоли Самарқанд, аз ҷумла қисмати Дарвозаи Оҳанин низ хидмат мекунанд. Дар ин рисола ҳамчунин симои Шайбонихон ва дигар шахсиятҳои таърихӣ дар шакли минётура тасвир шудааст.

Мусаввирони асри XVI-и Мовароуннаҳр кӯшиш кардаанд, ки муҳит ва атрофиёнро дар осори хеш воқеъбинона таҷассум кунанд. Масалан, Маҳмуди Музаҳҳиб дар яке аз минётураҳои худ зиддиятҳои иҷтимоии ҷамъияти асримиёнагиро равшан баён мекунад. Дар ин минётура бофандазани куҳансоле, ки бо султон Санҷар мулоқот карда, ӯро барои гирифтани андозҳои зиёд, ки мардумро фақир кардаанд, сарзаниш мекунад, тасвир ёфтааст.

**Савол ва супориш**:

1) Дар Мовароуннаҳр китобхонаҳо аз тарафи чӣ касоне таъсис меёфтанд? 2) Китобхонаҳои маъруфи асри XVI-ро номбар кунед. 3) Дар бораи хаттотони маъруфи ин давр маълумот диҳед. 4) Мактаби ҳунари минётураи Бухоро дар чӣ асос рушд кард? 5) Мусаввирони маъруфи ин давр киҳо буданд?

## § 25. МУСИҚӢ ВА МАҚОМХОНӢ

Бо вуҷуди ин ки дар асри XVI ҷангҳои дохилӣ ва хориҷии Шайбониён ба вазъи умумии фарҳанг таъсири манфӣ мерасонд ва ба ин сабаб ҳаёти фарҳангӣ дар МоварОуннаҳру Хуросон дар шароити мушкил ҷараён мегирифт, аммо ҳаёти мусиқӣ симои худро, ки дар асрҳои пешин ба даст оварда буд, ҳифз кард. Баъд аз ҳар ҳуҷуми ғоратгарона ва истилогаронаи худ Шайбониён маҷлис ва зиёфатҳои бузург меоростанд. Ин маҷлису зиёфатҳо бе мусиқӣ ва рақсу тарона намегузашт. Бинобар чунин зарурат боис шуд, то мусиқӣ аз рушд намонад. Илова бар ин, сиёсати мазҳабии Сафавиён дар Эрон, ки ба густариши мадҳия, муноҷот ва марсиясарой дар бораи Алӣ ва хонадони ӯ сабаб гардида буд, дар Эрон ва Хуросон мусиқии шодро манъ карда буд. Чунин сиёсат сабаби аз Эрону Хуросон муҳоҷират кардани мусиқинавозон, овозхонон ва раққосаҳо ба Мовароуннаҳру Ҳиндустон гардид. Таваҷҷуҳи Шайбониён ба ҳунари мусиқӣ дар Мовароуннаҳр фазои мусоидеро барои рушди он фароҳам овард. Ҳар ҳокими маҳаллӣ дар назди даргоҳи худ нақорахона, чизе монанди дастаи навозандагони дарборро дошт. Сарвари нақорахонаро унвони «меҳтар» медоданд. Ба вазифаи меҳтар метавонистанд он замон танҳо бо фармони хон ва султонҳо таъйин шаванд. Масалан, меҳтари нақорахонаи дарбори Абдуллоҳхони II Саид Аҳмад ибн Меҳтари Миракӣ аз Ҳирот буд, ки 30 сол дар ин дарбор кор кард ва нақора навохт.

Ҷудонопазирӣ ва ягонагӣ хоси фарҳанги асримиёнагии Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон буд. Бисёре аз шоирон ва олимон донандаи хуби илми мусиқӣ буданд. Ягонагии адабиёт, илм ва мусиқӣ на танҳо дар он зоҳир мешуд, ки шоирон ва олимон ба ҳунари мусиқӣ шуғл доштанд, балки дар он низ дида мешуд, ки наққошон, хаттотон, мусиқинавозон ва саҳҳофон низ ба адабиёт ва илм таваҷҷуҳи хосе доштанд. Ин зуҳурот дар мавзӯъ ва усулҳои эҷодии ҳунар ва адабиёти асри XVI ягонагӣ ва ҳамсониро ба вуҷуд овард. Бинобар ин, дар асри XVI мисли асрҳои гузашта мусиқӣ дар робитаи наздик бо адабиёт ва илм рушд кард. Шоирони соҳибдевон барои шеърҳои худ мусиқӣ меофариданд. Дар сарчашмаҳои таърихии ин давр номи беш аз навад кас, ки шоир ва ҳамзамон мусиқидон буданд, зикр шудааст. Дар байни онҳо Камолиддин Биноӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Бадриддин Ҳилолӣ ва Хоҷа Юсуфи Андиҷонӣ маъруф ва машҳури хоссу ом гашта буданд.

Ҳунари мусиқиро Дарвешалии Чангӣ, Ҳофизи Бобоҷони Удӣ, Алидӯсти Нойӣ, Иброҳими Қонунӣ, Мирзоалии Чангӣ, Маҳди Қонунӣ, Зайни Ғижакӣ, Хоҷа Ҷаъфари Қонунӣ, Ҳусайни Удӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Марворид, Ғулом Шодӣ ва дигарон ба дараҷаи баланди иҷрои расониданд.

Рушди ҳунари мусиқии ин давр бо комёбиҳои ба дастомада дар соҳаи назарияи мусиқӣ низ вобастагӣ дошт. Дар нимаи аввали асри XVI рисолаҳое дар илми мусиқӣ аз ҷониби Наҷмиддин Кавкабии Бухороӣ, Шайхи Табосӣ ва Мавлоно Ошиқӣ навишта шуданд. Масалан, Наҷмиддин Кавкабии Бухороӣ муаллифи рисолаҳое дар илми мусиқӣ, чун «Рисолаи мусиқӣ», «Рисола дар баёни Дувоздаҳмақом» ва «Рисолаи киромия ва илми мусиқӣ» буда, ду девони ашъор низ дошт. Бо сабки мақоми «Ҳусайнӣ» Кавкабии Бухороӣ дар ситоиши пайғамбар Муҳаммад «Зарби фатҳ»-ро офарид. Дар сабки мақоми «Ироқ» ӯ мусиқие дар оҳанги «Чаҳорзарб» эҷод кард, ки ин он то кунун тамоми мусиқинавозони Шаркро мафтун кардааст.

Зиндагии Кавкабии Бухороӣ фоҷиабор хотима ёфт. Ӯ соли 1535 қурбонии мухолифатҳои Сафавиён ва Шайбониён гардид. Кавкабии Бухороӣ баъди зиёрати мазори Имом Ризо дар Машҳад мехост ба Бухоро баргардад ва дар роҳ фиристодагони Таҳмосби Сафавӣ ӯро ба қатл расониданд.

Кавкабии Бухороӣ шогирдони зиёде дошт. Мавлоно Ҳасани Кавкабӣ, Мавлоно Хоҷа Муҳаммад Абулҳасани Кавкабии Самарқандӣ, Мавлоно Ризои Самарқандӣ ва Мавлоно Боқии Ҷарроҳ аз зумраи онон мебошанд. Мавлоно Ҳасани Кавкабӣ дар дарбори ҳокими Ҳисор Темурхон хидмат карда, Мавлоно Хоҷа Муҳаммад Абулҳасан Кавкабии Самарқандӣ бошад, дар дарбори султон Сайидхон (1568–1572) дар Самарқанд кору зиндагӣ намудааст. Мавлоно Ризои Самарқандӣ, ки аз маъруфтарин шахсиятҳои Самарқанд буд, дар оҳанги мухаммас мусиқиеро дар сабки мақоми «Ироқ» эҷод кард. Мавлоно Боқии Ҷарроҳ, ки пешаи ҷарроҳӣ ва шикастабандӣ дошт, аз авлоди Хоҷагони Самарқанд буд. Бад аз он ки бо ҳокими Самарқанд султон Сайидхон муносибаташ сард шуд, ба Ҳисор, ба дарбори Темурхон омада, дар ин ҷо бақияи зиндагии худро гузаронд. Мавлоно Боқии Ҷарроҳ «Зарби фатҳ»-ро дар оҳанги мақоми «Сегоҳ» офаридааст.

Яке аз маъруфтарин мусиқинавоз ва донандаи илми мусиқӣ дар нимаи дуюми асри XVI Дарвешалии Чангӣ буд. Дарвешалӣ ибни Мирзоалӣ ибни Хоҷа Маҳмуд аслан зодаи

Миёнколи Бухоро ва парварда дар хонадони мусиқинавоз ва овозхон буда, дар нимаи дуюми асри XVI ва ибтидои асри XVII зиндагӣ кардааст. Ӯ дар дарбори ҳокимони Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва Андиҷон кор карда, дар илми мусиқӣ асареро бо номи «Туҳфат-ус-сурур» навишт, ки дар бораи беш аз 60 нафар мусиқидон, мутриб ва овозхони Мовароуннаҳр ва Хуросон маълумот додааст.

Аз созҳои мусиқие, ки дар ин давр истифода мешуд дар сарчашмаҳои таърихӣ номҳои танбӯр, чанг, най, қонун, уд, барбат, рубоб, кобуз, руд, ғижак, шамома, найи анбон, чағона, рӯҳафзо ва ғайра зикр гардидаанд.

**Сарчашма:**

Восифӣ дар бораи муҳоҷирати мусиқинавозон ва овозхонон аз Хуросон ба Мовароуннаҳр дар моҳи муҳаррами соли 918 ҳ.қ./март-апрели соли 1512 милодӣ менависад: «Дар он авқот аз иттифоқоти ҳасана он ки қариб панҷсад кас аз вилояти Хуросон азимати мулки Мовароуннаҳр карданд,… (ки) аҳли созу арбоби навоз бисёр буданд. Қосималии Қонунӣ созандае буд, ки моҳи гардун аз барои торҳои қонунаш (номи сози мусиқӣ) аз ҳола (хирмани моҳ) калобаи сим овардӣ… Дигар Чакари Чангӣ – муғанния буд, ки ҳар гоҳ ки чанг дар канор гирифтӣ, Зуҳра дар базми фалак сози худ бар замин задӣ ва аз осмон ба замин омадӣ ва мӯйи гесуи худро тори чанги ӯ сохтӣ… ва саромади созандагон писари устод Саид Аҳмади Ғижжакӣ буд, ки гардун ҷоми заррини хуршеди ховариро аз барои тоси ғижжаки ӯ муносиб медид ва ҳури (зани бисёр хушрӯй дар ҷаннат) хулди барин (биҳишти аъло) гесувони анбарини худро барои тори камончаи ғижак пеши ӯ мекашид…»

**Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. Ҷилди 1. Теҳрон, 1349 ҳ.ш., саҳ.17-20.**

**Савол ва супориш**:

1) Сабабҳои рушди ҳунари мусиқиро тавзеҳ диҳед. 2) Мусиқидонҳо ва мусиқинавозони маъруфи асри XVI-ро номбар кунед. 3) Асарҳои Кавкабии Бухороӣ дар бораи мусиқӣ чӣ ном доштанд? 4) Созҳои мусиқии он давр кадомҳоянд?

## § 26. ҲАЁТИ АДАБӢ ВА ИЛМӢ

Вазъияти сиёсие, ки аз аввали асри XVI дар Мовароуннаҳр ва Хуросон ба вуҷуд омад, ба ҳаёти адабӣ ва илмӣ зарбаи сахт расонид. Ҳокимони аввали хонадони Шайбонӣ дар Мовароуннаҳр аз фарҳанг, адабиёт ва илм

фарсахҳо дур ва чун ҳама саҳронавардон бемаърифат будаанд ва ҳеҷ таваҷҷуҳе ба тамаддун надошта, фикре ҳам дар бораи ба дарбор ҷалб кардани шоирону олимонро намекарданд. Ин буд, ки дар ибтидои асри XVI дар Мовароуннаҳру Хуросон марказҳои адабӣ вуҷуд надошт ва вохӯрии шоирон ва намояндагони фарҳангу илми шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Ҳирот, Балх ва ғайра бештар дар хонаи шахсони алоҳида, мадрасаҳо ва дар растаи косибони бозорҳо сурат мегирифт.

Ҳирот ҳамчун як маркази фарҳангӣ дар ибтидои асри XVI аҳамияти худро аз даст дод. Намояндагони илму адабиёт ва ҳунар аз ин маркази фарҳангӣ ба ҳар тараф пароканда гардиданд.

Дар асри XIII, дар замони ҳуҷуми муғул теъдоди зиёде аз шоирон ва олимону фарҳангиёни Мовароуннаҳру Хуросон аз таъқиби муғулони истилогар ба Ҳиндустон паноҳ бурданд. Ин мавҷи аввали муҳоҷирати намояндагони илму фарҳанги Мовароуннаҳру Хуросон ба Ҳиндустон буд. Ин сарнавишти фоҷиабор дар ибтидои асри XVI дар Мовароуннаҳру Хуросон боз такрор шуд. Бар асари фишору таъқиби Шайбониён теъдоди зиёди шоирону олимон ба Ҳиндустон паноҳ бурданд, ки ин мавҷи дуюми муҳоҷират ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ахбори тазкираи «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Ҳасани Нисорӣ дар нимаи аввали асри XVI аз Мовароуннаҳру Хуросон 39 шоир бо сабабҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба Ҳиндустон муҳоҷират карданд. Дар миёни онҳо шоирон: Низомуддини Абдулбоқӣ, Шиҳобиддини Муаммоӣ, Фозили Андиҷонӣ, Қудси Фарғонӣ, Ҳайдари Кулчапаз, Боязиди Пуронӣ, Маҳрамӣ, Ҳусайни Марвӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ ва дигарон буданд. Ба ғайр аз Ҳайдари Кулчапаз ва Абдурраҳмони Мушфиқӣ, ки ба ватан баргаштанд, боқӣ 37 нафари ин шоир дар Ҳинд зиндагӣ ихтиёр карда, дар доираҳои мухталифи адабии он кору фаъолият намуданд.

Муҳоҷирати шоирон аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XVI низ идома ёфт. Мутрибии Самарқандӣ дар асари худ «Тазкират-уш-шуаро» менависад, ки 28 нафар шоир дар ин давр аз Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон ҳиҷрат карданд. Дар миёни онҳо шоирон: Анҷумӣ, Адамӣ, Ҷандавӣ, Зулолӣ, Кашфӣ, Қадрӣ ва дигарон буданд.

Теъдоди зиёди шоирон, олимон ва ҳунармандон, ки бо сабабҳои гуногун натавонистанд аз Мовароуннаҳру Хуросон берун раванд, аз ҷониби Шайбониён ва ё Сафавиён ба қатл

расиданд. Масалан, соли 1512 шоир Камолиддини Биноӣ дар Насаф аз ҷониби лашкаркаши Сафавиён Наҷми Сонӣ ба қатл расид; шоири маъруфи Ҳирот Бадриддини Ҳилолӣ соли 1529 бо фармони Убайдуллоҳхони Шайбонӣ кушта шуд; мусиқидони маъруф Кавкабии Бухороӣ соли 1535 бо фармони Таҳмосби Сафавӣ сараш аз танаш ҷудо гардид; маъруфтарин хаттоти ҳиротӣ Миралӣ соли 1544-45 м дар Бухоро ба қатл расид; Наврӯзи Хонанда ва Аҷуси Наҷм дар Сирдарё аз тарафи Шайбониён ғарқ гардиданд; соли 1598 бо фармони Абдулмуъмини Шайбонӣ пайкари Султон Муҳаммади Танбӯрӣ бо шамшер дуним карда шуд; бо фармони ҳокими Ҳирот Амирхон дасти рост ва забони шоир Аҳмади Табасиро буриданд. Чунин мисолҳоро аз таърихи фоҷиабори ин даври Мовароуннаҳру Хуросон бисёр овардан мумкин аст.

Дар охири солҳои 50-уми асри XVI ҳавзаи адабии Ҳирот, ки дар замони Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар Шарқ шухрати зиёде касб карда буд, комилан барҳам хӯрд.

Дигаргуниҳои зиёди манфие, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳр чун ҷангҳои дохилӣ, беҳуқуқии мардум, фитна ва гуруснагӣ дар асри XVI домангири кишвар шуд, натавонист комилан пеши роҳи рушди илму фарҳангро дар ин сарзамин бигирад. Муҳоҷирати неруҳои фарҳангӣ аз Мовароуннаҳр дар замони ишғоли Шайбониён бо омадани донишмандон, шоирон, мусаввирон, мусиқинавозон ва овозхонон, ки ба сабаби таъқиби мазҳабии Сафавиён дар Эрону Хуросон рӯй ба Мовароуннаҳр оварданд, то андозае ҷуброн гардид. Дар миёни онҳо шоирон Камолиддини Биноӣ, Зайниддин Восифӣ, файласуф ва донишманди калом Мавлоно Исомуддини Иброҳим, Муллоҷони Шерозӣ, муаллифи рисолаи «Меҳмонномаи Бухоро» Фазлуллоҳ Рӯзбеҳони Исфаҳонӣ ва дигарон буданд.

Муаллифи тазкираи «Музаккир-ул-аҳбоб» (асри XVI) Ҳасани Нисорӣ 250 нафар ходими илму адаби замонашро ном бурдааст, ки аксари онҳо дар таърихи халқи тоҷик мақоми хосе доштанд. Дар доираи адабии Бухоро шоирон: Афсарӣ, Равнақи Бадахшӣ, Касири Бухорӣ, Маҳрамӣ, Мирзо Сабрӣ, Фарҳодӣ, Фатҳуллоҳи Ғиждувонӣ, Сомони Бухорӣ, Мансури Табрезӣ ва дар доираи адабии Самарқанд бошад, Орифи Самарқандӣ, Ҳалвои Самарқандӣ, Лиқои Самарқандӣ, Яҳёи Самарқандӣ, Нодири Самарқандӣ, Фурӯғи Самарқандӣ, Ховари Самарқандӣ ва дигарон фаъолият мекарданд.

Шоир ва таърихнигор Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз зумраи шоирони номдори он замон аст. Ӯ соли 1485 дар Ҳирот таваллуд ёфта, дар Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр умр ба сар бурд. Асари саргузаштии ӯ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ном дорад. Дар он муаллиф дар баробари баёни воқеаҳои замонаш, инчунин, симои шаҳрҳои он замонаро ба таври барҷаста тасвир карда, русуму одоти мардумро муфассал навиштааст. Восифӣ ҳамчун нависандаи мушоҳидакор бисёр нуқсонҳои усули идораи давлати хониро дар асараш ифшо менамояд. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» на фақат шоҳасари насри бадеӣ, инчунин, сарчашмаи муҳимми таърихӣ низ мебошад.

Шоир ва муаррихи номӣ Камолиддини Биноӣ ҳамзамони Восифист. Ӯ соли 1453 дар Ҳирот, дар хонадони ҳунарманди бинокор ба дунё омад. Вай дар овони ҷавонӣ ба шаҳрҳои Эрон сафар карда, соли 1495 ба Самарқанд меояд. Дар ин ҷо ӯ шоҳиди ҷангу низоҳои байни ворисони салтанатталаби темурӣ гардид. Баъд аз заволи давлати Темуриён Камолиддин Биноӣ ба дарбори Шайбонихон даъват мешавад. Ӯ дар дарбори Шайбонихон обрӯ ва нуфуз пайдо кард, ки Шайбонихон навиштани воқеаҳои лашкаркашии худро ба ӯ супоридааст. Биноӣ олим ва адиби пурмаҳсул аст. Ӯ муаллифи девони ашъор, маснавии «Беҳрӯзу Баҳром», рисолаҳои таърихии «Шайбонинома» ва «Футуҳоти хонӣ» буда, дар мусиқӣ «Нуҳранг» ва «Савтуннақш» барин оҳангҳо офарид.

Асари Биноӣ «Шайбонинома» аз таърихи зиндагӣ ва лашкаркашиҳои Муҳаммади Шайбонӣ ривоят карда, воқеаҳои таърихиро тақрибан то соли 1505 фаро мегирад. «Футҳоти хонӣ» ин як шакли густурдатари «Шайбонинома» мебошад ва аз таърихи хонадони Шайбонӣ маълумот дода, бо воқеаҳои соли 1510 поён меёбад. Ин ду асар якдигарро пурра карда, сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ ба ҳисоб мераванд.

Соли 1507 Камолиддини Биноӣ дар лашкаркашии Шайбонихон ба Хуросон ва ишғоли Ҳирот дар рикоби ӯ қарор дошт. Баъд аз он ки дар соли 1510 Шайбонихон дар ҷанги Марв кушта мешавад, Камолиддини Биноӣ ба Мовароуннаҳр, ба Насаф (Қаршии имрӯза) меояд ва дар соли 1512 дар қатли оми ин шаҳр аз тарафи лашкаркаши Сафавиён Наҷми Сонӣ кушта мешавад.

Бадриддини Ҳилолӣ шоири маъруфи ғазалсарои нимаи аввали асри XVI буда, дар солҳои ҳафтодуми асри XV дар Астаробод ба дунё омадааст. Соли 1491 ба Ҳирот омада, ба донишандӯзӣ машғул мешавад. Ҳилолӣ дар ҳеҷ дарборе кор накард ва барои ҳеҷ кадоме аз ҳокимон мадҳия нанавишт.

Ҳилолӣ пеш аз ҳама бо девони ғазалиёташ маъруфи хоссу ом гардида, ба қалами ӯ инчунин се достон – «Лайлӣ ва Маҷнун», «Сифот-ул-ошиқин» ва «Шоҳу дарвеш» низ тааллуқ дорад.

Бадриддини Ҳилолӣ шоҳиди муборизаҳои шадиди Сафавиён ва Шайбониён барои Хуросон гашта буд. Ӯ ҳаҷвияе дар чаҳор мисраъ дар бораи Убайдуллоҳхони Шайбонӣ навишт, ки он чунин аст:

*То кай, Убайдо, пайи толон бошӣ,*
*Тороҷгари мулки Хуросон бошӣ.*
*Ғорат кунию моли мусалмон бибарӣ,*
*Кофар бошам, гар ту мусалмон бошӣ.*

Ин рубоӣ сабаб шуд, ки соли 1529 баъд аз он ки Ҳиротро Убайдуллоҳхон ишғол кард, фармон дод Ҳилолиро ба қатл расонанд.

Шоири дигари ин аср Мавлоно Абдурраҳмони Мушфиқӣ мебошад. Ӯ соли 1525 дар Бухоро ба дунё омада, соли 1588 дар ҳамин шаҳр вафот мекунад. Мушфиқӣ дар давраи таҳсили мадраса ба шеъргӯйӣ пардохт ва илмҳои асосии замонашро азхуд намуд.

Мушфиқӣ ба дарбори Абдуллоҳхони II даъват мешавад ва ба дараҷаи маликушшуароӣ мерасад. Ӯ бисёр қасидаҳои мадҳӣ навиштааст, ки қисме аз онҳо барои омӯхтани таърихи Мовароуннаҳр дар асри XVI ҳамчун сарчашмаи таърихӣ хизмат мекунанд. Дар баъзе қитъа ва рубоиҳои шоир санаҳои лашкаркашӣ, муҳорибаҳои муҳим, вафоти шахсони таърихӣ, аз тахт фаромадан ва ё ба тахт нишастани ин ва ё он шоҳ, солҳои итмоми биноҳои машҳур ва осори меъмории асри XVI зикр шудааст. Ин қисмати эҷодиёти шоир барои омӯхтани таърихи асри мазкур, хусусан, таърихи меъморӣ аҳамият дорад.

Ба ҷуз аз шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, дар дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр низ шоирону донишмандон ҳаёт ба сар мебурданд. Масалан, дар ин давр дар Ҳисор доираи адабие вуҷуд дошт. Шоирон: Дӯсти Ҳисорӣ, Зардаки Ҳисорӣ, Узри Ҳисорӣ, Ишратии Ҳисорӣ, Ғарибии Ҳисорӣ ва дигарон намояндагони ин ҳавзаи адабӣ буданд.

Дар аср XVI таърихнигорӣ ҳам дар байни илмҳои замон мавқеи хосро ишғол кардааст. Яке аз муаррихони барҷастаи ин аср Хондамир буд. Соли 1475 ӯ дар Ҳирот таваллуд шуда, соли 1535 дар Деҳлӣ вафот кардааст. Хондамир асараш «Ҳабиб-ус-сияр»-ро солҳои 1521–1524 навишта, дар он воқеаҳои таърихи умумӣ ва тарҷума и ҳоли одамони машҳурро баён карда, шарҳи ҳодисаҳоро то соли 1510 расонидааст. Инчунин, ӯ муаллифи асарҳои «Дастур-ул-вузаро», «Ҳумоюннома» буда, ҷилди ҳафтум

ва қисми хотимаи асари маъруфи муаррихи номӣ Мирхонд – «Равзат-ус-сафо»-ро низ навиштааст.

Дигар аз таърихнигорони маъруфи ибтидои асри XVI Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ мебошад, ки аз таъқиби Исмоили Сафавӣ аз Исфаҳон ба Бухоро, ба дарбори Шайбонихон паноҳ бурд. Ӯ асареро бо номи «Меҳмонномаи Бухоро» дар соли 1509 навишт. Дар ин рисолаи таърихӣ муаллиф ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони ибтидои асри XVI-ро инъикос кардааст. Ба ҷуз «Меҳмонномаи Бухоро», ки сарчашмаи муҳим ба ҳисоб меравад, Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳони Хунҷӣ муаллифи рисолаҳои «Сулук-ул-мулук» ва «Таърихи оламорои Аминӣ» низ мебошад.

Яке аз шоирон ва муаррихони барҷастаи ин давр Ҳофизи Таниш буд. Ӯ соли 1549 дар Бухоро таваллуд шуда, соли 1635 дар ҳамин шаҳр вафот мекунад. Мероси илмию адабии Ҳофизи Танишро асари таърихии ӯ «Шарафномаи шоҳӣ», ки бо номи «Абдуллоҳнома» низ маъруф аст, ду девони ғазалиёт, касоид ва маснавӣ ташкил медиҳанд. Рисолаи таърихии Ҳофизи Таниш «Шарафномаи шоҳӣ» барои омӯхтани ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва адабии асри XVI аҳамияти калон дорад.

Дар байни солҳои 1540-1551 Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ асари таърихии худ «Таърихи Абулхайрхонӣ»-ро ба дастури Абдулатифхон (ҳокими Самарқанд дар солҳои 1540 – 1552), ки дар дарбори ӯ кор мекардааст, навиштааст. Ин китоб воқеаҳои таърихиро аз қадим то солҳои 60-уми асри XV дарбар мегирад.

Яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ ва адабии асри XVI асари ёддоштии Заҳириддин Бобур «Бобурнома» мебошад. «Бобурнома» аз се қисм иборат буда, қисмати аввалаш ба воқеаҳои дар Фарғона рухдода, ки он замон Бобур ҳокими он ҷо буд, бахшида шуда, инчунин, дигар ҳодисаҳои таърихии Мовароуннаҳрро аз соли 1494 то соли 1509 тасвир мекунад. Қисмати дуюми китоб воқеаҳои сиёсии дар Кобул рӯйдода то соли 1519-ро инъикос мекунад. Қисмати сеюми китоб ҳодисаҳои соҳои 1519–1529 дар шимоли Ҳиндустон ба вуҷудомадаро дар бар мегирад.

Дар шаҳрҳои калону хурди Мовароуннаҳр шахсони соҳибмаълумоте буданд, ки бо рӯйнавис кардани асари муаллифони номӣ машғул мешуданд. Бо ин меҳнати пурмашаққати худ онҳо сабабгори аз насл ба насли дигар ё аз як аср ба асри дигар гузаштани асарҳои нодири ниёгони мо гаштаанд.

## Сарчашма:

Амир Маҳмуди Хондамир дар бораи қатли Ҳилолӣ дар Ҳирот дар соли 1529 аз ҷониби Убайдуллоҳхони Шайбонӣ менависад: «Убайдхон бо лашкари фаровон дар нафаси шаҳр (Ҳирот) нузул намуда, бар маснади салтанат мутамаккин гашт ва ашрори ӯзбекияву ҷамоати самарқандия дасти зулму ситам ба ҷониби турку тоҷик аз дуру наздик дароз кард, фиғони мазлумони дардманд аз сипеҳри баланд даргузашт…Аз ҷумлаи мазлумон ва мақтулони маълум Мавлоно Ҳилолист…, боис бар қатли вай он ки зумрае аз аҳли ҳасад ба хидмати Убайдхон арз карданд, ки Мавлоно рубоие дар ҳаҷви ту гуфта, ки мисрааш ин аст:

Кофар бошам гар ту мусалмон бошӣ.

…Бинобар ин ҷиҳот, он хони ноодил ба ҳабси вай ҳукм кард ва ӯзбекони нокас ӯро дар ҳабс шиканҷа ва қини бисёр карда, пас аз озори бисёр он нодири рӯзгорро дар сари бозор ба қатл оварданд».

**Амир Маҳмуди Хондамир. Таърихи шоҳ Исмоил ва шоҳ Таҳмосби Сафавӣ (Зайли таърихи Ҳабиб-ус-сияр). Ба нашр омодакунанда Муҳаммадалии Ҷарроҳӣ. Теҳрон, 1370 ш., саҳ. 154 – 155.**

Восифӣ аз сафари худ ба Самарқанд, аз он ки чӣ гуна дар сардиҳои ин шаҳр ӯ ва ҳамроҳонаш азият кашидаанд ва чӣ тавр аз султон Абӯсаид – ҳокими Самарқанд, ки бесавод буд ва низ забони тоҷикиро намедонист, гирифтани подош ба ивази мадҳияеро чунин менависад: «Мавлоно Абдулалии Балхӣ, ки яке аз дӯстони ҷонӣ буд, шабе ба хонаи ин камина омада гуфт, ки ин толибилмон ҳама ҳалок мешаванд. Дар бораи эшон чӣ фикре мекунӣ? Гуфтам: «Ман низ ҳайронам ва чорае намедонам». Гуфт: «Дар таърифи соли қаҳт, ба мадҳи Абӯсаид султон қасидае мебояд гуфт ва дар маонии бадеъ, то аз вай ба тариқи сила (туҳфа) ахз намоем ва киштии умри ин фақиронро аз ин дарёи хунхори қаҳт бар карона орем». Гуфтам: «Абӯсаид султон туркест ва аслан форсӣ намедонад, ҳамчуноне ки мо туркӣ намедонем». Гуфт: «Ман ёре дорам, ки имому ноиби султон аст, ҳамин миқдор, ки моро ва ин қасидаро таъриф мекунад, муҳим кифоят мешавад».

**Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. Ҷилди 1. Теҳрон, 1349 ҳ.ш., саҳ. 68.**

## Санаҳои муҳим:

1453 – таваллуди Камолиддини Биноӣ дар Ҳирот

1485 – таваллуди Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар Ҳирот

1512 – қатли шоир Камолиддин Биноӣ дар Насаф

1529 – кушта шудани Бадриддин Ҳилолӣ дар Ҳирот бо фармони Убайдуллоҳхони Шайбонӣ

1535– қатли мусиқидони маъруф Кавкабии Бухороӣ

951 ҳ.қ./1544-45м – қатли маъруфтарин хаттоти ҳиротӣ Миралӣ дар Бухоро

1588 – вафоти Абдурраҳмони Мушфиқӣ дар Бухоро

## Савол ва супориш:

1) Чаро ҳавзаҳои адабӣ ва илмии Мовароуннаҳру Хуросон дар ибтидои асри XVI аз фаъолият бозмонданд? 2) Мавҷи аввали муҳоҷирати шоирон ва фарҳангиёни Мовароуннаҳру Хуросон дар кадом аср буд? 3) Адибон ва олимони Мовароуннаҳр ба куҷо ҳиҷрат карданд? 4) Шоирони маъруфи ин даврро номбар кунед. 5) Кадоме аз шоирони ин давр ба дараҷаи маликушшуароӣ расид? 6) Кадом рисолаҳои таърихии асри XVI-ро медонед?

# МАВЗӮИ X
# ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСРИ XVII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII

## § 27. ВАЗЪИ СИЁСИИ ХОНИИ БУХОРО ДАР АСРИ XVII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII

Пас аз марги Абдуллоҳхони Шайбонӣ ва писари ӯ Абдулмуъмин дар соли 1598 мамлакат дар вазъияти бесарусомонӣ ва парокандагӣ қарор гирифт. Ҳамсояҳои хони Бухоро аз вазъияти номусоиди ин кишвар истифода бурданд. Шоҳи Эрон Аббоси I қисмати зиёди Хуросонро ба сарзамини худ пайваст кард. Ӯ дар шаҳри калони мамлакат Балх Муҳаммадиброҳим ном шахсеро ҳоким таъйин намуд, ки дар назди худи шоҳ тарбият ёфта буд. Султони қазоқҳо Таваккал шаҳрҳои Тошканд ва Самарқандро ишғол намуд. Хоразм дубора ба дасти хевагиҳо гузашт.

Пас аз марги Пирмуҳаммадхони II ашрофи Мовароуннаҳр тахти Бухороро ба Ҷонимуҳаммад султон (Ҷонибек султон) пешниҳод намуданд, ки ӯ се писар дошт: Динмуҳаммадхон, Боқимуҳаммадхон ва Валимуҳаммадхон. Ҷонибек султон аз шаҳри Ҳоҷитархон (Астрахани ҳозира) ба Бухоро омада буд, аз ин сабаб номи ин сулоларо Ҷониён ё Аштархониён меноманд.

Ҷонибек султон аз вазифаи хонӣ даст кашид ва писари ӯ Боқимуҳаммадхон (1599–1605) ба тахт нишаст. Ӯ шаҳри Балхро тобеи Бухоро намуд, ки аз ҳамин вақт сар карда валиаҳди хони Бухоро дар Балх менишаст.

Ҳокими Балх Муҳаммадиброҳим нисбат ба амирони воломақом сиёсати зулму ситамро пеша гирифт. Аҳолии Балх ба ӯ муносибати душманона доштанд, иловатан, Муҳаммад–иброҳим ба таври махфӣ ба мазҳаби шиа гаравида буд, ки ин боиси норизоии мардум гардид.

Бародарон Боқимуҳаммадхон ва Валимуҳаммадхон моҳи июли соли 1601 ба Балх лашкар кашиданд. Балх ба дасти онҳо гузашт ва Валимуҳаммадхон ҳокими он таъйин гардид.

Ҳангоми ҳукмронии Боқимуҳаммадхон дар дохили кишвар ҷангҳои байниқабилавӣ шиддат гирифтанд ва шаҳрҳои зиёде аз тобеияти ӯ берун шуданд.

Пас аз марги Боқимуҳаммадхон дар соли 1605 бародари ӯ Валимуҳаммадхон (1605–1611) ба тахт нишаст. Валимуҳам–мадхон вақте ба Бухоро омад, аз пойтахт ду писари Боқимуҳаммад – Имомқулӣ султон ва Нодирмуҳаммад султонро

ба Балх фиристод. Валимуҳаммад бо корҳои давлатӣ кам машғул буд, қисмати зиёди вақти худро бо айшу нӯш ва фосиқӣ мегузаронд. Дар замони ҳукмронии ӯ ҳокимони маҳаллӣ тақрибан мустақилона фаъолият мекарданд ва мекӯшиданд бо ҳокимияти марказӣ иртиботе надошта бошанд, аз ин рӯ аҳолии маҳаллӣ хеле ҳам азият мекашиданд.

Соли 1607 Валимуҳаммад Шоҳбек Кӯкалтошро ҳокими Балх таъйин кард. Ӯ бо аҳолии Балх зулм ва бераҳмиро раво дид, ки дар натиҷа ӯ дастгир гардида, ба қатл расонда шуд.

Соли 1611 дар байни Бухоро ва Балх барои ба тобеияти худ даровардани ҳудуди васеъ зиддият ба амал омад. Дар натиҷаи муборизаҳои шадид Имомқулихону Нодирмуҳаммад Валимуҳаммадхонро мағлуб сохтанд. Ӯ маҷбур шуд, ки ҳамроҳ бо писаронаш ба Эрон фирор кунад. Шоҳи Эрон, ки фурсати муносибро барои ба Мовароуннаҳр ҳуҷум кардан интизор буд, Валимуҳаммадро бо лашкари 80000 нафара муҷаҳҳаз сохта, барои ишғоли он фиристод. Аммо Валимуҳаммадхон шикаст хӯрда, ба қатл расид ва Имомқулихон (1611–1642) хони Аштархониён эълон гардида, бародари худ Нодирмуҳаммадро ҳокими Балх таъйин намуд ва ба ӯ унвони хониро дод.

Дар замони ҳукмронии Имомқулихон ҳокимият нисбатан неруманд шуд, вале аҳволи мардуми меҳнаткаш аз зулми мансабдорон ва бори гарони андозҳои зиёд ниҳоят вазнин гардид. Имомқулихон бар зидди қазоқҳо ва қалмиқҳо мубориза бурда, шаҳри Тошкандро ба зери итоати худ даровард. Писари ӯ Искандар султон дар Тошканд ҳукмронӣ мекард ва бо баланд бардоштани андозҳо аҳолиро ғорат менамуд. Мардум ба ин фишор тоб наоварда, шӯриш бардоштанд ва ӯро ба қатл расониданд. Имомқулихон баъди ба зери итоати худ даровардани Тошканд қасам ёд кард, ки барои марги писараш аз сокинони шаҳр қасос хоҳад гирифт, то ҳадде, ки хуни кушташудагон то рикоби аспаш расад. Ҳангоми ба шаҳр ворид шуданаш ӯ ба куштори гӯшношунид даст зад ва ҳазорҳо мардуми бегуноҳро ба қатл расонд. Шахсони наздики ӯ аз ин ваҳшоният ва бераҳмӣ ба тарс афтода, аз вай хоҳиш намуданд, ки қатли мардумро бас кунад. Имомқулихон барои ин ки дар қасамаш устувор бошад, аспсавор ба ҳавз даромад ва оби бо хуни одамон омехташуда то рикобаш расид. Дар ҷангҳои дигар ҳам Имомқулихон нисбат ба аҳолӣ бераҳмиҳои зиёд менамуд.

Ба Имомқулихон муяссар гардид, ки бо роҳи қатлу ваҳшоният иқтидори мамлакатро каме қавӣ намояд ва ҳокимияти нисбатан устувор барқарор кунад, вале аҳволи мардум дар натиҷаи андозҳои зиёд мисли пештара вазнин буд.

Имомқулихон дар охири ҳаёташ нобино шуд ва ба нафъи

бародари худ, ҳокими Балх–Нодирмуҳаммад аз тахт даст кашид. Ворисн Имомқулихон Нодирмуҳаммад (1642–1645) ҳамагӣ се сол ҳукмронӣ намуд. Ба номи ӯ дар Бухоро ва Балх тангаҳои нуқрагӣ сикка заданд.

Нодирмуҳаммад сиёсати ҷабру ситамро пеша кард, ки он боиси зиддият ва норизоятии умумӣ ба муқобили ӯ гардид. Дар натиҷа писараш Абдулазизхон (1645–1680) ба тахти салтанат соҳиб шуд.

Дар замони ҳукмронии Абдулазизхон вазъияти дохилӣ ва хориҷии мамлакат мураккаб гардид. Қазоқҳо аз ин фурсат истифода бурда, зуд-зуд ба ҳудуди гирду атрофи Мовароуннаҳр ҳуҷумҳои ғоратгарона мекарданд. Ҳангоми ин тохтутозҳо онҳо ноҳияҳои мухталифи Бухороро талаву тороҷ намуда, асирони зиёдро бо худ мебурданд.

Дар ин замон байни бародарон нобоварӣ ба вуҷуд омад. Абдулазизхон аз тарси мустақилияти бародараш Субҳонқулихон, ки ҳокими Балх буд, бародари дигари худ Қосиммуҳаммад султонро ворисн худ таъйин намуда, бар зидди Субҳонқулихон фиристод.

Муборизаҳои дохилии байниқабилавӣ барои ҳокимият вазъи сиёсӣ ва ҳарбии мамлакатро заиф сохта, сабаби харобшавии кишвар гардид. Хоразмиҳо аз ин вазъият истифода намуда, бо лашкари зиёд ба Мовароуннаҳр тохтутозҳои ғоратгарона карда, асирони зиёдро бо худ мебурданд.

Баъд аз вафоти Абдулазизхон ба тахт бародараш Субҳонқулихон (1680–1702) нишаст. Ҳангоми ҳукмронии Субҳонқулихон байни писарони ӯ дар Балх барои ҳокимият муборизаҳо тезутунд гардид. Дар ин кашмакашиҳо онҳо ҳамдигарро пайи ҳам маҳву нобуд менамуданд. Дар натиҷаи ин муборизаҳо яке аз писарони Субҳонқулихон–Сиддиқхон ҳокимияти Балхро ишғол намуда, бар зидди падараш исён бардошт, амммо ӯ шикаст хӯрда, аз тарафи падараш ба қатл расид.

Субҳонқулихон барои неруманд гардидани ҳокимияти марказӣ кӯшишҳои зиёд намуд, вале ин ба ӯ муяссар намегардид, зеро сарлашкароне, ки ӯ ба онҳо такя менамуд, мехостанд, ки ҳокимияти худро мустаҳкам сохта, аз зери итоати ӯ бароянд. Яке аз чунин шахсон ҳокими Балх Маҳмудбийи аталиқ буд.

Аз низоъҳои байнихудӣ истифода намуда, як қатор вилоятҳо истиқлолият ба даст оварданд, ки Бадахшон аз ҷумлаи онҳо буд.

Барои ҷангҳои бардавом маблағ лозим буд. Бинобар ин Субҳонқулихон пешакӣ аз аҳолӣ барои ҳафт сол андозҳоро ситонид. Ин беадолатӣ сабаби вусъат ёфтани норозигӣ ва бесарусомонӣ дар давлати Аштархониён гардид.

Соли 1702 Субҳонқулихон вафот намуд ва ба ҷойи ӯ писараш Убайдуллоҳхон (1702–1711) ба тахти Бухоро нишаст. Ин замон амирон худро комилан соҳибихтиёр дониста, аксари онҳо ба ҳамқабилаҳои худ такя карда, ҳокимияти марказиро ба эътибор намегирифтанд. Убайдуллоҳхон дар назди худ вазифа гузошт, ки пеши роҳи исён, ҷангҳо ва марказгурезии амиронро бигирад.

Волии Балх Муҳаммадмуқимхон, хоҳарзодаи Убайдуллоҳхон, худро хони мустақили Балх эълон намуд ва Маҳмудбийи атоликро сарлашкар таъйин кард. Муҳаммадмуқимхон бо фисқу фасод машғул шуда, аз корҳои давлатӣ каноргирӣ намуд. Маҳмудбий аз фурсат истифода карда, ӯро ба қатл расонид ва худро хон эълон намуд. Убайдуллоҳхон барои марги хоҳарзодааш хост аз Маҳмудбий қасос гирад ва баҳори соли 1707 ба Балх ҳуҷум намуд, ки он се моҳ идома ёфт. Ниҳоят лашкари Убайдуллоҳхон Балхро ишғол кард.

Солҳои зиёди ҳукмронии Убайдуллоҳхон сарфи ҷангҳои дохилӣ гардид. Дар чунин шароит ӯ ба ҳамон қисме аз ҳокимон такя менамуд, ки барои барқарор кардани низоми муайян дар давлат ва пурзӯршавии ҳокимияти марказӣ манфиатдор буданд.

Убайдуллоҳхон як қатор тадбирҳои муҳим гузаронид. Вай мехост усули идоракунии давлатро нав кунад ва ба он намояндагони табақаҳои поёниро низ ҷалб намояд. Убайдуллоҳхон чандин тадбирҳо андешид, то ки хазинаи давлат ғанӣ гардонида шавад. Ба ин мақсад ӯ соли 1708 ислоҳоти пулӣ гузаронид. Мутаассифона, чораҳои андешидаи ӯ вазъияти мавҷударо дигаргун карда натавонист. Соли 1711 Убайдуллоҳхон дар натиҷаи суиқасд кушта шуд ва дарбори хонӣ тороҷ гардид.

Пас аз марги Убайдуллоҳхон бародари ӯ Абулфайзхон (1711 – 1747) ба тахт нишаст. Ӯ охирон намояндаи сулолаи Аштархониён дар тахти Бухоро буд. Дар солҳои ҳукмронии хони мазкур ҳукумати марказӣ иқтидори худро тамоман аз даст дода, давлати хонӣ ба қисмҳои мустақили ҷудогона тақсим гардид. Абулфайзхон амалан ҳеҷ гуна ҳокимияти воқеӣ надошт ва бо истифода аз ин ҳокимони вилоятҳои алоҳида худсариҳо мекарданд.

Абулфайзхон Муҳаммадҳакимбийро, ки аз қабилаи манғит буд, бо рутбаи атолиқи Бухоро таъйин кард. Муҳаммадҳакимбий вазъи худро устувор намуда, сарвари ҳамаи атолиқҳо гашт. Бо дастгирии ашрофи қабилаи манғит ӯ идораи давлатро пурра ба дасти худ гирифт. Амалҳои ӯ боиси норозигии умумӣ гардид, ки он ба эътибори хон таъсири манфӣ мерасонд.

**Сарчашма:**

Маълумоти Муҳаммад Юсуфи Муншӣ дар бораи зулми Шоҳбек кӯкалтоши фулодчӣ нисбат ба аҳолии Балх ва ба қатл расониданӣ ӯ: «Валимуҳаммадхон дар он замон Шоҳбек кӯкалтошро, ки аз қавми фулодчӣ буд, ҳокими вилояти Балх сохта, бародарзодагони худро ба ӯ супурда буд. Ӯ султононро дар назар надошта, ҷамеи муҳимоти мулкро худ мутасаддӣ гардида, ба навъе зулм пеша буд, ки деворе аз санг сохта ва дар он шикофӣ гузошта ва ҷуфти гове дар он муҳайё карда аз барои муҷримон (гунаҳкорон), ки гардани онҳоро ба зӯри гов меканданд ва ба андак ҷурме (гуноҳе) мардумро дар деги равғани тафсида меандохтанд. Аз оҳан ҳаллоҷӣ рост карда буд. Тамоми аъзои эшонро аз фарқ то қадам бар он ниҳода, метофтанд. Зулми ӯ носихи (чун нусхаи) зулми Ҳаҷҷоҷ шуда буд ва мардум аз ин афъоли (рафтори) ӯ бағоят дилтанг буданд.

…Фармуданд, ки Шоҳбекро дастгир карда, ба сиёсат расонанд (ҷазо диҳанд). Он бадбахт гурехта, дар мадрасаи Абдуллоҳхон даромада, дарвозаро устувор намуд ва тири туфанг ба мардуми асокир (ҷанговарон) андохт. Ҷавонони рамзҷӯй он рӯз гузаронида, шаб як девори мадрасаро шикофта, ӯро дастгир карда оварданд. Ҳукм шуд сари ӯро ба ҷуфти гов канданд, ҷасади ӯро аз ҳаллоҷӣ гузарониданд ва ба деги равғани гарм андохтанд».

**Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Фариштаи Саррофон. Теҳрон, 1380, саҳ. 132-134.**

Маълумоти Муҳаммад Юсуфи Муншӣ дар бораи қатли мардуми шаҳри Тошканд аз ҷониби Имомқулихон: «/Имоқулихон/ баъд аз он Искандар султон, валади худро ба ҳукумати вилояти Тошканд равона намуданд. Шоҳзода ба он мардум сулуки неку (рафтори хуб) накард ва он кофирнеъматон (бешарафон) ғулув карда (аз ҳад зиёд муболиға намуда), шоҳзодаро ба дараҷаи шаҳодат расониданд. Чун ин хабар ба самъи (гӯши) хон расид, дуди оҳи ҷонкоҳ аз дил баровmade, ноираи (оташи) қаҳраш дар илтиҳоб омада (зиёд шуда) ва ин суратро ба Надирмуҳаммадхон, бародари худ, навишт ва худ асокири ҷаррори (зиёди) бешуморро гирифта, озими Тошканд шуданд. Надирмуҳаммадхон низ лашкари Балх ва Бадахшонро гирифта ба мадади бародар рафт ва ҳар ду муттафиқ (бо ҳам иттифоқ) шуда, як моҳ қалъаро муҳосира намуданд. Имомқулихон савганд хӯрд, ки қалъаро гирифта, чунон қатли ом созам. ки то хуни душманон ба рикоби ман нарасад, даст аз куштан бар надорам.

Алқисса, баҳодурони адӯбанди (душманкуши) қалъакушой ва мардони шерафкани (диловари) размозмойро (дар ҷангҳо таҷрибадорро) ҳукм шуд, ки қалъаро чун нигин фурӯ гирифтанд ва аз ҳар ҷониб саркӯб бардоштанд. Чунон сохтанд, ки агар мӯре даруни қалъа меҷунбид, дида ӯро ба новаки (тири) душмангузор ва пайкони ҷоншикор медӯхтанд. Алғараз, бар ин минвол кор бар он мардум душвор сохта буданд. Вақти субҳдамӣ дарвозаро оташ дода, сӯхтанд ва аз он ҷо даромада, шамшер бар пиру ҷавон ниҳода, бедодие шуд, ки

замона ёд надорад. Ва он рӯз то ба вақти пешин бозори аҷал гарм буд. Пири садсоларо бо кӯдаки яксола ба як нарх мегирифт ва ба як нарх мефурӯхт. Шумори куштагон аз ҳавзаи тасаввури хаёл афзун буд. Амирони лашкар бар аҳволи фақирон ва бегуноҳон тараҳҳум сохта, аз хон шафоатхоҳ шуданд (хоҳиш намуданд, ки раҳм кунад). Он хусрави баҳромқаҳр фармуд, ки ман савганд хӯрдаам, ки то хуни тошкандиён ба рикоби ман нарасад, даст аз қитол (куштор) боз надорам. Умаро (амирон) ба аҳли фатво (фатводиҳандагон) руҷӯъ карданд (мурочиат намуданд). Уламо чунон фатво доданд, ки ҳазрат аспи худро дар ҳавзе андозад, ки баландии он то рикоб бошад ва обро ба хуни кушта оғушта созанд. Дар ин сурат хуни онҳо ба рикоби зафармаоб расида бошад (монанди он шуда бошад). Ин мазмунро ба арз расонида, чунон сохтанд ва оташи қаҳри подшоҳиро ба оби шифо таскин доданд».

**Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Фариштаи Саррофон. Теҳрон, 1380, саҳ. 144-146.**

Маълумоти Муҳаммад Юсуфи Муншӣ дар бораи ҳуҷумҳои ғоратгаронаи хевагиҳо ба Бухоро ва ноҳияҳои атрофии он: «Ба таърихи санаи 1076 (1665–1666) буд, ки Абулғозихон ибни Арабхон, волии Урганҷ, бо лашкари фаровон омада навоҳии Мовароуннаҳрро тохт намуд ва фуқаро ва масокинро мутафарриқ (парешон) ва пароканда сохт. Абдулазизхон ба бародар эълом (хабардор) намуд. Он хони олишаън сипоҳи Балх ва Бадахшонро ба мадад фиристод ва он шершикорони бешаи диловарӣ бо лашкари Тӯрон муттафиқ шуда (иттифоқ баста), ӯро мунҳазим сохтанд (шикаст доданд).... Боз он лашкари шаётинасар ҷамъ шуда, дигар бор тохт оварда, шикаст ёфта, баргаштанд. Чунончи ҳаждаҳ бор тохт намуда, бухориёнро ба ҷон расониданд. Ногоҳ тири дуои бечорагон бар ҳадафи иҷобат расида, аҷал мавъуди (вақти муқаррашуда) гиребони ҷонашро гирифта, ба тахтаи тобут мубаддал сохт.

Баъд аз ӯ Анӯшахон, писараш, зиёда аз падар тариқи (роҳи) зулмро паймуда, ба дафъаот (чандин бор) ба навоҳии Бухоро тохт оварди (тохту тоз намуд). Ба ғояте ки Ҷӯйборро, ки муқаррари Хоҷагони олишаън аст, гирифта тороҷ намуд. Дар он вақт Субҳонқулихон ба воситаи ғуборе (ранҷише), ки ба бародари худ дошт, Анӯшахонро таҳрик медод (бармеангехт). Дар он замон Абдулазизхон ба ҷониби вилояти Кармина рафта буд. Ин хабар чун ба арзи он шердил расид, азми Бухоро карда, вақти ними шаб худро ба дорулхилофа (яъне Бухоро) расонида, дид, ки урганҷиён дохили Бухоро шуда, дарвозаҳоро бастаанд. Бо чиҳил нафар аз бандагони худ дарвозаро шикаста даромад. Мухолифоне, ки мутаваккили (масъули) дарвоза буданд, даст ба теғ бурда, ҳамла оварданд. Он сафдари (ҷасури) корзор шамшери хунрезро аз ниём (ғилоф) кашида, ба қитол (куштор) машғул шуд.

...Алқисса, кушта ва хаста ба арки Бухоро омаданд ва бандагони вафодор хонро дохили тахтгоҳ намуданд. Ҳукм фармуд, ки ҳар кас қуввати санг андохтан дошта бошад, дар куштани урганҷӣ тақсир накунад. Он шаб аз ӯзбек ва тоҷик ва раоё ва аҳли бозор ҳама даст ба қитол кушоданд. Дарвозаҳоро баста ба теғу тир ва ба чӯб ва ба корд... ҷанг мекарданд. Вақте ки аз ҷанг халос мешуданд, менишастанд

ва ба ҳалқи якдигар ишорат мекарданд. Ин мегуфт, ки «ман саратро мебурам». Он мегуфт, ки «сани бошингни кесаман». Алқисса, ба он қавм чунон дарафтоданд, …ки аз кушта пуштаҳо сохтанд. Бақиятуссайф (зиндамондагон) ба ҳазор тараддуд худҳоро аз қалъа ба зер андохта, ба хони худ пайвастанд, тоби муқовимат наёварда, ба ҷониби Урганҷ фирор намуданд».

**Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Фариштаи Саррофон. Теҳрон, 1380, саҳ. 172-174.**

### Санаҳои муҳим:

1601 – ба Балх лашкар кашидани бародарон Боқимуҳаммадхон ва Валимуҳаммадхон

1605 – ба тахт нишастани Валимуҳаммадхон

1607 – ҳокими Балх таъйин гардидани Шоҳбек Кӯкалдош

1702 – вафоти Субҳонқулихон ва ба тахти Бухоро нишастани Убайдуллоҳхон

1711 – кушта шудани Убайдуллоҳхон ва ба тахт нишастани Абулфайзхон

### Савол ва супориш:

1) Дар бораи вазъи сиёсии асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII маълумот диҳед. 2) Чаро сулолаи нави дар Бухоро таъсисёфтаро сулолаи Ҷониён ё Аштархониён меноманд? 3) Пойтахти мамлакат кадом шаҳр буд? 4) Барои чӣ рафтори ҳокими Балх Муҳаммадиброҳим боиси норизоии мардум гардид? 5) Дар бораи ҳукуматдории хони Бухоро Валимуҳаммадхон маълумот диҳед. 6) Сабаби ба қатл расидани ҳокими Балх Шоҳбек кӯкалтошро шарҳ диҳед. 7) Оид ба низоъҳои байнихудии ҳокимони ин давра чиҳо медонед? 8) Дар бораи муборизаи хонҳои Бухоро ва Балх барои ба даст даровардани ҳудуди мамлакат нақл кунед. 9) Дар бораи тадбирҳои Убайдуллоҳхон барои қавӣ гардонидани ҳукумат маълумот диҳед. 10) Вазъи мамлакатро дар замони ҳукмронии Абулфайзхон шарҳ диҳед.

## § 28. БАДАХШОН ВА ҲИСОР ДАР АСРИ XVII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII

Минтақаҳои соҳили чапи дарёи Ому – Қундуз, Файзобод, Балх, Шибирғон ва Бадахшон ва дар соҳили рости ин дарё – Тирмиз, Кӯлобу Қубодиён тобеи сулолаи Аштархониён буданд.

Дар замони ҳукмронии Субҳонқулихон мавқеъ ва эътибори баъзе аз сарони қабилаҳо баланд гардид. Яке аз онҳо Маҳмудбийи атолиқ буд. Хон ӯро ҳокими Балху Бадахшон таъйин намуд. Он солҳо Бадахшон мулки мустақил буд. Дар он ҷо асосгузори сулолаи амирони тоҷики бадахшонӣ Ёрбеки Даҳбедии Самарқандӣ ҳукмронӣ мекард. Дар нимаи дуюми асри XVII муносибат байни Бадахшон ва Бухоро сард шуд ва дар натиҷа тохтутози лашкари Бухоро ба Бадахшон вусъат гирифт. Хони Бухоро мехост хазинаи худро бо лаъли Бадахшон ғанӣ

гардонад. Бо ҳамин мақсад тирамоҳи соли 1691 Маҳмудбийи аталиқ як гурӯҳи соҳибмансабонро барои идора кардани фаъолияти конҳо ба Бадахшон фиристод, вале Ёрбек онҳоро ба он конҳо роҳ надод. Он гоҳ Маҳмудбий соли 1692 лашкари зиёд ҷамъ оварда, ба сӯйи Бадахшон лашкар кашид ва шаҳри маркази Бадахшон Ҷузгун (Файзобод)-ро муҳосира кард, вале онро гирифта натавонист. Маҳмудбий маҷбур шуд, ки бо Ёрбек қарордоди сулҳ баста, ақиб нишинад. Мувофиқи қарордод Ёрбек худро тобеи хони Бухоро эътироф кард ва уҳдадор шуд, ки маҳсули дусолаи конҳои лаъли Бадахшонро ба хон супорад, лекин дар амал ӯ ҳокими мутлақи он ҷо буд ва мустақилона кор мекард. Ёрбек дар Бадахшон 50 сол ҳокимият кард.

Дар асри XVI Балх, Тирмиз, Қундуз, Қубодиён, Хатлону Бадахшон тобеи ҳокими Ҳисор буданд. Дар солҳои ҳукмронии сулолаи Аштархониён ин мулкҳо, ҳатто Ҳисор тобеи Балх гашт, чунки дар Балх валиаҳди хони Бухоро ҳоким буд ва ӯро низ «хон» меномиданд.

Дар замони ҳукмронии Имомқулихон дар Ҳисор Давлатбийи кенагас ҳоким буд. Ӯ дар байни ҳокимони вилоятҳои дигари Бухоро мақоми хосеро дошт, ки дар натиҷа сиёсати нимамустақилиро ба даст овард.

Ҳукмронии Давлатбий то соли 1642 давом кард. Баъди ба сари ҳокимияти Бухоро омадани Надирмуҳаммадхон дар вилоятҳо писарони ӯ ҳукмрон шуданд ва Ҳисор ба Қиличмуҳаммад ном писари ӯ расид. Сарзамини дар асри XVI ягонаи Ҳисор дар замони ҳукмронии сулолаи Аштархониён ба қисмҳо тақсим шуда, ба итоати Бухоро гузашт. Вале мубориза барои ба даст овардани ҳокимият дар Ҳисор байни писарони Надирмуҳаммадхон давом мекард, ки билохира, писари сеюми ӯ Баҳром султон ҳокими ин мулк гашт.

Баъд аз ба сари ҳокимияти Бухоро омадани Абдулазизхон (1645–1680) байни хонҳои Бухоро ва Балх барои соҳиб шудан ба ҳокимияти Ҳисор муборизаҳо оғоз шуданд. Аз ин муборизаҳо истифода намуда, як муддати кӯтоҳ ҳокими Самарқанд Ҳисорро тобеи худ гардонид. Итоати мулки Ҳисор ба Балх, Самарқанд ва Бухоро доимӣ набуд. Дар охири асри XVII аз бесарусомониҳои Бухоро истифода намуда, Ҳисор мустақилияти худро барқарор намуд.

Он замон Ҳисор яке аз вилоятҳои саркаш ба шумор мерафт. Дар ин ҷо қабилаи юзи ӯзбек ҳукмронӣ мекард, ки пешвои онҳо Уткан додхоҳ ном шахсе буд. Соли 1703 лашкари Бухоро бо сардории пешвои юзҳои Самарқанд Муҳаммадраҳимбийи аталиқ, ки бо юзҳои Ҳисор, махсусан, бо Уткан муносибатҳои душманона дошт, ба ин сарзамин ҳуҷум намуд. Рафтори душманонаи онҳо боиси хашму ғазаби мардуми Ҳисор гардид. Исёнгарон қароргоҳи лашкари Бухороро торумор карданд.

Лашкари Бухоро ақибнишинӣ карда, аҳолии Ҳисорро ба ихтиёри Уткан вогузор намуд. Он гоҳ аҳолии Ҳисор намояндагони худро ба назди хони Бухоро фиристода, муроҷиат намуданд, ки вазъияти онҳо хеле ногувор аст ва аз хон хоҳиш каданд, ки бехатарӣ ва осудагии аҳолии осоиштаро таъмин намояд. Вале амирон бо намояндагони аҳолӣ муносибати дағалона намуданд ва Назар тентак, яке аз бародарони Худоёрбийи манғит, шамшер кашида, ба ҷониби намояндагони мардум равон гардид. Шӯришгарон сангу калтак ба даст гирифта, бар зидди онҳо бaромаданд. Амирони Бухоро бо сардории Муҳаммадраҳимбий аз тарс роҳи гурезро пеш гирифтанд. Он гоҳ аҳолии Ҳисор хаймаҳои лашкари Бухороро, ки рӯ ба гурез оварда буданд, ғорат намуданд.

Ин шӯриш то андозае оммавӣ буд, ки шӯришгарон бо сангу дастчӯб бар лашкари мусаллаҳи Бухоро пирӯз шуданд. Дар ин шӯриш дар баробари ҳунармандону тоҷирон дигар қишри аҳолии шаҳр низ фаъолона иштирок намуданд. Дар ин маврид манфиати ӯзбекҳои қабилаи юз ва аҳолии муқимии вилояти Ҳисор – тоҷикон ба ҳам омаданд. Халқ барои қатъи ҷанг дар қаламрави худ ба по хестанд ва юзҳо онҳоро дастгирӣ намуданд.

Хабари нокомии лашкари Бухоро дар Ҳисор ба ҳокими Балх Муқимхон расид. Бо фармони ӯ лашкари Балх бо сардории Маҳмудбийи атолиқ моҳи феврали соли 1704 ба сӯйи Ҳисор ҳаракат кард. Вале то омадани онҳо ҳокими Ҳисор Уткани додхоҳ лашкари фирории Бухороро таъқиб намуда, лавозимоти зиёди ҳарбӣ, чодару хайма ва асиронро ғанимат гирифт.

Шикаст дар Ҳисор хони Бухоро – Убайдуллоҳхонро рӯҳан азоб медод. Ӯ аз набудани иттиҳод дар байни қабилаи юз истифода намуда, бори дигар ба сӯйи Ҳисор лашкар кашид.

Ин навбат ҳам Балх бо мақсади ба итоати худ даровардани мулки Ҳисор лашкари сершуморро зери фармони Маҳмудбий ба он мулк равон кард. Ба ӯ муяссар гардид, ки лашкари Бухороро мағлуб намуда, Дарвеш қӯшбегӣ, писари Фозилбийро ҳокими Ҳисор таъйин намояд.

Баъд аз ронда шудани лашкари Бухоро бештар аз 50 сол Ҳисор ҳамчун мулки мустақил арзи вуҷуд дошт. Дар ин муддат ба баъзе ҳокимони Ҳисор муяссар шуд, ки ба сарзамини ҳамсоягони худ лашкар кашанд.

Аз тарафи дигар, хонҳои Бухоро мекӯшиданд, ки Ҳисорро мутеи худ гардонанд. Дар лаҳзаҳои душвори таҳдиди душман Ҳисор муттаҳиди худро пайдо кард, ки яке аз онҳо ҳокимони Ӯротеппа буданд. Ин иттиҳод ба он сабаб ба вуҷуд омад, ки ҳам дар Ҳисор ҳам дар Ӯротеппа намояндагони қабилаи юзҳо ҳукм меронданд.

**Сарчашма:**

Ахбори Муҳаммад Юсуфи Муншӣ дар бораи мухолифати ҳокими Бадахшон Ёрбек бо Маҳмудбийи аталиқ: «Чун муддати як сол аз ҳукумат ва иёлати (идоракунии) Маҳмудбий гузашт, сокинони вилояти Балх дар муҳоди амн (сулҳу осоиштагӣ) ва фароғат буданд.... Дар ин вило (яъне вилояти Балх) бандагон, ки ҷиҳати забти коноти (конҳои) Бадахшон рафта буданд, тиҳидаст (бо дасти холӣ) омада, мухолифати мир Ёрбекро маълум карданд. Умдатулумаро (яъне Маҳмудбий аталиқ) мактуби машъар (огоҳкунанда) ба насоиҳ (насиҳатҳо) навишта, ӯро аз ин афъоли (рафтори) ношоиста манъ фармуд. Ӯ эътимод бар ҳисонати (мустаҳкамии) қалъаи худ карда, бештар дар бағӣ (исён) ва хилоф иқдом намуд. Маҳмудбий дар хашм шуда, ба ҷамъияти (ҷамъ намудани) лашкар амр сохт, ки дар андак замон чандон аз муборизони мардафкани сафшикан фароҳам омаданд, ки муҳосибони (ҳисобкунандагони) хаёл аз уҳдаи шумори он қосир оянд (миқдори онҳоро шуморида натавонанд). Ба таърихи 1103 (1691 – 1692) байрақи шаҳомат афрошта гардиданд.

Чун аз дарёи Кукча убур намуданд, мир Ёрбек ҷамъеро ба ҷанг фиристод ва он бехирадон ба андешаи носавоб (нодуруст) дар тақобул (ба муқобили онҳо) омада табли ҷангро ба навозиш оварданд (табли ҷангро заданд). Ва ҳаракатулмазбуҳӣ (ҳаракатҳои бефоида) намуда, оқибат шикастпарешон афтод, ки пароканда ва парешон гашта, рӯйи ҳазимат ба ҷониби қалъа ниҳоданд (ба сӯйи қалъа гурехтанд). Ҷавонони ҷангҷӯй аз ақиби гурехтагон таваҷҷуҳ намуда, аксарро ба теғу найза ва ханҷар сар аз тан ҷудо карданд. Бақиятуссайф (зиндамондагон) ба ҳазор тараддуд пиёда фирор намуданд. Алқисса, то даҳ рӯз дар қалъадорӣ эҳтимом (сайъ) менамуданд. Донистанд, ки бо он зафар ҷанг ситез (зӯрӣ) аз муҳолот (ғайри имкон) аст. Рӯзи даҳум ҷамъе аз содот (сайидон) ва дарвешон ва аҳли силоҳ ва мӯйсафедонро бо мусҳаф (Қуръон), ки қасам ёд карда буд, фиристод. Истиғфори (бахшиши) ҷароими (гуноҳҳои) худ намуда ва умаро низ муслеҳ (оштидиҳанда) шуданд. Умдатулумаро (яъне Маҳмудбий) узри ӯ пазируфта, дусола ҳосили конотро (конҳоро) талабид».

**Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Фариштаи Саррофон. Теҳрон, 1380, саҳ. 254 – 255.**

Ахбори Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ дар бораи ба Ҳисор фиристодани лашкари Бухоро: «Бо амри Убайдуллоҳхон дар Бухоро барои ба Балх лашкар кашидан машварат барпо шуд. Дар он Муҳаммад Раҳимбий суханронӣ намуда гуфт, ки лашкаркашӣ ба Балх кори ниҳоят зарур аст, вале дар Ҳисори Шодмон Уткан бо қабилаи юз аз итоати шумо саркашӣ намуда, бо ҳилаву найранг қасри Ҳисорро соҳиб гаштааст ва худро мустақил мешуморад. Шояд ӯ мақсади забти Балхро низ дошта бошад. Мо бояд пеш аз ҳама масъалаи Утканро ҳал намоем. Хон ба гуфтаҳои Муҳаммад Раҳимбий бовар карда, қарор қабул кард, ки ба Ҳисор лашкаркашӣ намоянд. Муҳаммад Раҳимбий, ки бо Уткан қаблан душманӣ дошт, дар ин муҳориба сарлашкар таъйин гардид. Ҳангоме ки онҳо ба сӯйи Ҳисор ҳаракат намуданд, пешвоёни қабилаи юзҳо аз авлоди Шодӣ ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Дар он замон ҳокими Ҳисор Холибек мирохур, писари Хушик аталиқ буд.

Қалъаи Уткан дар қисми шимолии соҳили дарёи Кофарниҳон воқеъ гардида буд. Лашкари бухориҳо ва юзҳои авлоди Шодӣ қалъаро аз ду ҷониб иҳота намуданд. Дар наздикии ин қалъа мазори муқаддаси ҳазрати Мавлоно Яъқуби Чархӣ воқеъ буд. Ҷанговарони бухороӣ ба ин ҷойи муқаддас беэътиноӣ намуда, қисми болоии мазорро вайрон карданд. Маҳалла ва хонаҳои сокинони он ҷоро оташ зада, маҷрои обро тағйир доданд, ки дар натиҷа зироати аҳолӣ ба нестӣ табдил ёфт.

Бухориҳо дар дил нисбат ба Муҳаммад Раҳимбий кинаву адоват доштанд ва аслан барои забти қалъаи Уткан бо ӯ якдил набуданд. Аз ин рӯ онҳо бо мухолифини худ рӯ ба рӯ нашуда, лашкари худро қариб як фарсанг дуртар бурданд. Юзҳои Ҳисор аз ин амали онҳо Муҳаммад Раҳимбийро хабардор намуданд, вале ӯ, ки шахси ботаҷриба буд ва медонист, ки дар ин вазъияти ҳассос ихтилоф манфиат надорад, ба наздикони худ амр дод, ки онҳо ҳиссиёти душманӣ зоҳир накарда, мисли лашкари бухориён аскарони худро қафо баранд, зеро мақсади умумии онҳо як аст.

Пас аз он лашкари Муҳаммад Раҳимбий аз ҳар тараф ба сӯйи қасри Уткан тирандозӣ намуданд. Уткан низ аз дохили қаср оташи ҷавобӣ мекушод. Пас аз чанде миёни бухориҳо овозаҳои воҳимаангезе паҳн шуданд, ки агар Маҳбудбий ба ёрии Уткан ояд, ҳоли онҳо бад мешавад.

Дар натиҷаи зиддиятҳои тезу тунд одамони зиёд талаф ёфтанд. Ба бухориён фатҳи қалъа муяссар нагашт, зеро аҳолии Ҳисор ва гирду атрофи он бар зидди лашкари Бухоро исён бардоштанд. Муҳаммад Раҳимбий бо қисми боқимондаи лашкари худ ба Бухоро баргашт.

**Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ. Убайдуллоҳнома. Тарҷума аз забони тоҷикӣ ба русӣ ва тавзеҳоти А.А. Семёнов. Тошканд, 1957, саҳ. 60 – 67.**

## Санаҳои муҳим:

1691 – барои идораи конҳо ба Бадахшон фиристодани гурӯҳи соҳибмансабон аз ҷониби Маҳмудбийи аталиқ
1692 – лашкаркашии Маҳмудбийи аталиқ ба Бадахшон
1703 – лашкаркашии Муҳаммад Раҳимбийи аталиқ ба Ҳисор
1704 – ба ҷониби Ҳисор ҳаракат намудани лашкари Балх бо сардории Маҳмудбийи аталиқ

## Савол ва супориш:

1) Маҳмудбийи аталиқ кӣ буд? 2) Сабаби лашкаркашии Маҳмудбийи аталиқ ба Бадахшон аз чӣ иборат буд? 3) Дар бораи муборизаи ҳокими Бадахшон Ёрбек бо лашкари Маҳмудбийи аталиқ нақл кунед. 4) Дар бораи вазъи Ҳисор дар асри XVII маълумот диҳед. 5) Воқеаҳои соли 1703 дар Ҳисор рӯйдодоро нақл намоед. 6) Чаро лашкари Бухоро дар Ҳисор ба нокомӣ дучор гардид? 7) Муборизаҳои Бухороро бо Балх дар бораи соҳиб шудан ба Ҳисор шарҳ диҳед.

## § 29. ХУҶАНД ВА ӮРОТЕППА ДАР АСРИ XVII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII. ВАЗЪИ ХОНИИ БУХОРО ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ АБУЛФАЙЗХОН

Ду шаҳри қадими халқи тоҷик – Хуҷанд ва Ӯротеппа дар асри XVII баъзан ҳамқисмат гашта, аз тарафи як ҳоким идора мешуданд. Дар ибтидои ҳукмронии сулолаи Аштархониён аз парокандагии рӯйдода истифода намуда, Хуҷанд, Ӯротеппа ва Тошканд аз итоати ҳокимияти Бухоро баромаданд.

Дар солҳои ҳукмронии Имомқулихон Ӯротеппа ва Хуҷанд аз тарафи Суюнчбий ном ҳоким идора мешуд. Ба ӯ муяссар мешавад, ки якчанд шаҳрҳои ба Тошканд тобеъро забт кунад. Дере нагузашта Хуҷанд ва Ӯротеппа ба ҳокими Самарқанд Ялангтушбийи атолиқ тобеъ шуданд.

Намояндаи ин қабила Боқибийи юз амалиёти зидди ҳукумати марказиро сарварӣ намуда, ба қувваи ҳарбии қабилаи қазоқҳо такя мекард. Ӯ пинҳонӣ вориди Хуҷанд гашта, худсариҳо менамуд. Бар зидди қазоқҳо ва Боқибий лашкари Бухоро бо сардории Абдулазизхон фиристода шуд. Вақте ки Абдулазизхон вориди Хуҷанд гашт, Боқибийи юз назди ӯ шарт гузошт, ки ба муқобили падари худ – Надирмуҳаммадхон амал намуда, худро хони Бухоро эълон кунад. Агар ӯ ба суханони онҳо гӯш надиҳад, он гоҳ ба ӯ марг таҳдид мекунад. Дар натиҷа ин тадбир амалӣ гашта, дар Сарой ном музофоти Ӯротеппа Абдулазизхони 25 сола соли 1645 маросими тоҷгузорӣ барпо кард. Падараш, ки дар дашти Қаршӣ машғули шикор буд, аз ин воқеа огоҳ гашта, ба Балх паноҳ бурд.

Боқибийи юз аз тарафи Абдулазизхон ҳокими Хуҷанду Ӯротеппа таъйин шуд. Қабилаи юз мақеъи худро дар ҳукумати Бухоро мустаҳкам намуд. Дар солҳои ҳукмронии Абдулазизхон (1645 – 1680) ҳокимони Хуҷанду Ӯротеппа тобеи Бухоро буданд.

Баъд аз ба сари ҳокимият омадани Субҳонқулихон (1680-1702) дар Ӯротеппа ва мулкҳои тобеи он якчанд сол (1677 – 1686) Муҳаммадмуратойбий ҳокимият кард. Намояндаи қабилаи юз – Муҳаммад Раҳимбийи юз аз тарафи хони Бухоро соли 1703 барои пахш кардани шӯриши халқӣ ба Ҳисор фиристода шуд.

Убайдуллоҳхон баъд аз он ки ба сари ҳокимият омад, барои идора кардани Ӯротеппа ва Хуҷанд писари Раҳимбийи юз – Оқбӯта қушбегиро ҳоким таъйин кард, ки ӯ зиёда аз сӣ сол (1702 – 1734) дар ин ҷо ҳукмронӣ намуд.

Пойтахти Оқбӯта қӯшбегӣ шаҳри Ӯротеппа буд. Сарзамини васеъ–аз ҳудуди Хӯқанд то сарҳади Самарқанд, болооби Зарафшрн–Масчоҳу Фалғар тобеи ӯ буданд. Ба ҳокимияти ин сарзамини густурда қаноатманд нашуда, Оқбӯта қӯшбегӣ хост водии Фарғонаро низ ишғол намояд. Ин хоҳиши ӯ

амалӣ нашуд, чунки соли 1734 аз дасти падарарӯси худ, хони Хӯқанд Раҳимбийи минг (1734–1750) ба қатл расид. Баъд аз ин Раҳимбий Хуҷанд ва Ӯротеппаро забт кард.

Дар нимаи аввали асри XVIII вазъият дар қаламрави ҳокимияти Бухоро боз ҳам мушкилтар гардид. Халқ дар вазъияти бениҳоят вазнин қарор дошт. Амирону ҳокимони маҳаллӣ дар ҳама ҷо ба онҳо зулм мекарданд. Хони охирини сулолаи Аштархониён Абулфайзхон ба корҳои давлатӣ аҳамият намедод ва аз субҳ то шом ба дилхушӣ дода шуда буд. Дар натиҷаи тохтутозҳои ҳафтсолаи қазоқҳо (1723–1730) Миёнколот (байни Самарқанду Бухоро) тамоман ба харобазор табдил ёфт. Кишвар дар шароити бесарусомонӣ ва таназзули иқтисодӣ қарор дошт. Қаҳтӣ ва гуруснагии сахт сар шуд. Касони аз ҷанги фалокат раҳоёфта ба ҳар тараф фирор мекарданд. Шаҳрҳои мамлакат бе одам монданд. Ба харобӣ рӯ ниҳодани ноҳияҳои маркази давлат ба тараққиёти нисбии гӯшаву канорҳои мамлакат сабаб шуд, зеро косибону ҳунармандон барои эмин мондан аз хавфу хатар ва пайдо намудани имкони кори осоишта марказҳои бузурги касбу ҳунар ва тиҷоратро тарк карда, ба гӯшаҳои дурдаст паноҳ мебурданд.

Дар тамоми қаламрави кишвар дар байни ашрофи феодалӣ ва сарлашкарон ҷангҳои дохилӣ ва исёнҳо ба амал меомаданд, ки дар натиҷаи он давлат ба мулкҳои хурд тақсим шуд, ки онҳо мустақилона фаъолият карда, ба ҳокимияти марказӣ итоат намекарданд. Амирон ва мансабдорон аз беназоратии ҳокимияти марказӣ истифода бурда, барои ба даст овардани фоида аҳолиро зулм мекарданд, ки ин норозигии халқро нисбат ба ҳокимон боз ҳам бештар тақвият медод. Ҳокими Самарқанд Фарҳодбий ба аҳолӣ бераҳмона ва душманона муносибат менамуд. Дар ин вазъияти ноустувор соли 1722 ҳокими Шаҳрисабз – Иброҳимбий бо дастгирии ҳокими Кармина Абдулкарим шоҳзодаи хевагӣ Раҷаб султонро хони Самарқанд эълон кард ва ба номи ӯ танга сикка зада шуд. Раҷаб султон душмани ашаддии ҳокими Қаршӣ Муҳаммадҳакимбий буд. Раҷаб султон бо ҳамроҳии ҷонибдорони худ барои сарнагун кардани Абулфайзхон омодагӣ мегирифт. Ӯ барои ба даст овардани Бухоро ба қазоқҳое, ки дар Дашти Қипчоқ кӯчманчигӣ карда, аз сардию бенавоӣ рӯзҳои вазнинро аз сар мегузарониданд, муроҷиат намуд ва ба онҳо ғаниматҳои фаровонро ваъда кард. Кӯчиёни муфлисшуда ва гурусна бо чорво ва чизу чораи худ ба Самарқанд кӯч бастанд ва дар тамоми водии Миёнкол то туманҳои Бухоро паҳн шуданд. Дар давоми ҳафт сол (1723 – 1730) онҳо аҳолиро бераҳмона ғорат карданд ва маконҳои ободро ба харобазор табдил доданд. Кӯчиёни бераҳм зери суми аспони худ киштзор ва боғоту токзорҳои деҳқононро поймол намуданд. Заминҳои кишт ва

чарогоҳҳои мамлакат дар зери суми чорпоёни сершумори бодиянишинон ба биёбон мубаддал шуданд. Маҳаллаҳои шукуфону ободи аҳолии маҳаллӣ ба вайрона ва биёбон табдил ёфт. Нарасидани маҳсулоти хӯрокворӣ эҳсос мешуд. Қаҳтӣ, гуруснагӣ ва қашшоқӣ сар шуда, чанд сол ҳукмфармоӣ кард. Сокинон ба маконҳои нисбатан бехавф кӯч мебастанд, вале қисми зиёди одамон дар роҳ аз гуруснагӣ ба ҳалокат мерасиданд. Халқ дар вазъияти ниҳоят вазнин қарор дошт. Амирону ҳокимони маҳаллӣ дар ҳама ҷо ба онҳо зулм мекарданд. Кишвар дар шароити бесарусомонӣ ва таназзули иқтисодӣ қарор дошт.

## **Сарчашма**:

Маълумоти Абдурраҳмони Толеъ оид ба вазъи Бухоро дар замони ҳукмронии Абулфайзхон: «Идораи Самарқандро ба Фарҳодбийи парвоначии утарчӣ вогузор намуданд. Ӯ нисбат ба аҳолӣ сиёсати зӯровариро пеша гирифта, бедодгариҳои зиёд намуд. Хабари беадолатии ӯ ба аҳолӣ то ҳокимияти марказӣ расид, вале Фарҳодбий аз рафтори худ даст накашид. Дар Мовароуннаҳр бесарусомонӣ рӯй дод. Худоёрбий низ дар Шаҳрисабз муборизаи худро бо кенегасҳо идома медод. Дар соли 1125 ҳ.қ (1713), ҳамаи сарлашкарон дар Бухоро ҷамъ омада, ба чунин қарор расиданд, ки рафтори Фарҳодбийи золим аз андоза берун омадааст. Аз ин хотир, идораи Самарқандро ба ихтиёри Муҳаммадраҳимбийи дурман супориданд. Муҳаммадраҳимбий аз уҳдаи идораи Самарқанд баромада наметавонист ва яке аз хешовандони худ Султон тӯқсаборо аз Шаҳрисабз ба Самарқанд даъват намуд. Кенегасҳо дар Самарқанд ба аҳолӣ бераҳмию зӯроварии зиёд намуданд. Дар натиҷа халқи ба дод омада, шӯриш бардошт ва Султон тӯқсаборо аз Самарқанд берун карданд".

**Абдурраҳмони Толеъ. История Абулфейз-хана. Перевод с таджикского, предисловие, примечания и указатель профессора А.А. Семёнова. Ташкент, 1959, саҳ. 37-39.**

## **Санаҳои муҳим:**

1645 – дар музофоти Сарои Ӯротеппа маросими тоҷгузорӣ барпо кардани Абдулазизхон

1703 – аз тарафи хони Бухоро ба Ҳисор фиристодани Муҳаммадраҳимбийи юз барои пахш кардани шӯриши халқӣ

1734 – ба қатл расидани хони Хӯқанд Раҳимбийи минг ба дасти падарарӯсаш

## **Савол ва супориш:**

1) Дар бора вазъи Хуҷанд ва Ӯротеппа дар асри XVII маълумот диҳед. 2) Дар бораи муборизаи Боқибийи юз бо лашкари Бухоро чӣ медонед? 3) Чаро забти Фарғона ба Оқбӯта қӯшбегӣ муяссар нагардид? 4) Вазъи хонии Бухороро дар замони ҳукмронии Абулфайзхон шарҳ диҳед. 5) Раҷаб султон кӣ буд ва чӣ корҳоро анҷом дод? 6) Оқибати ғоратгариҳои кӯчманчиёни Дашти Қипчоқ мамлакатро ба кадом ҳолат овард?

## § 30. ЛАШКАРКАШИИ НОДИРОШОҲ БА СӮЙИ МУЛКҲОИ БУХОРО ВА СУҚУТИ ДАВЛАТИ АШТАРХОНИЁН

**Ба сари ҳокимият омадани Нодиршоҳ дар Эрон.** Шоҳи Эрон Нодиршоҳи Афшор (1736–1747) аз вазъи мушкили ҳокимони Бухоро истифода карда, хост, ки Мовароуннаҳро ба зери итоати худ оварад.

Дар ибтидои асри XVIII Эрон давраи мушкилро аз сар мегузаронид. Як қисми сарзамини онро Туркия ишғол карда буд. Аз тарафи дигар, қабилаҳои афғон зидди ҳокимияти марказии Эрон шӯриш бардоштанд. Аз қисмати шимоли Эрон Русия як қисми ҳудуди Озарбойҷонро бо шаҳри Боку ишғол намуд. Дар чунин шароит сарлашкари Эрон Нодиршоҳи Афшор ба арсаи идоракунии давлат омад. Ӯ тавонист, ки сарзамини Эронро аз афғонҳо ва туркҳо озод кунад, мамлакатро муттаҳид ва худро шоҳаншоҳи ин кишвар эълон намояд. Бо ҳамин дар Эрон хонадони нав, сулолаи Афшорҳо ба сари давлат омад.

Вазифаи аввалиндараҷаи Нодиршоҳ баланд бардоштани иқтисодиёти Эрон ва пуриқтидор гардонидани лашкар буд. Барои амалӣ намудани нақшаи худ Нодиршоҳ ба сӯйи Хуросон (Афғонистони имрӯз) ва Ҳиндустон лашкар кашид. Ӯ Хуросонро фатҳ карда, ба Лоҳур ҳаракат намуд ва баҳори соли 1737 шаҳри Деҳлиро ба даст овард. Ба писараш Ризоқулихон фармон дод, ки ҳамроҳи сарлашкараш Таҳмосхони Ҷалоир барои ишғоли Балх иқдом намоянд.

**Лашкаркашиҳои эрониён ба мулкҳои хонии Бухоро.** Ризоқулихон бо лашкари зиёд ба сӯйи Балх равон шуд. Лашкари ӯ ба муқовимати сахти муҳофизони Андхӯй нигоҳ накарда, тамоми музофоти онро ғорат намуданд. Пас аз ишғоли Андхӯй онҳо калъаи Ахчаро ба даст оварданд ва ба ҷониби Балх равон гаштанд. Балх ва гирду атрофии он ба тобеияти Ризоқулихон гузашт.

Баъд аз забти Балх Ризоқулихон бо дастури падараш бо дастаи 12 ҳазор нафара аз Амударё гузашта, Ғузорро ишғол намуд ва ба сӯйи Қаршӣ равон шуд. Ҳокими Қаршӣ Муҳаммадҳакимбий инро шунида, тамоми аҳолии шаҳр ва гирду атрофи онро барои дифоъ сафарбар намуд. Ӯ ба шаҳр дастаҳои минғитҳо ва қабилаҳои дигарро ворид сохт. Қабл аз муҳосираи шаҳр ӯ ба он ҷо дастаҳои худро фиристод, ки нони аҳолиро барои захира мусодира намоянд. Пас аз ин вай ба муҳосираи шаҳр оғоз намуд. Ҳокими ҳазораҳо Бобохон бо дастаи сеҳазорнафараи ӯзбекҳо ба тарафи эрониҳо гузашт ва бо ҳамин

лашкари онро тақвият дод. Муҳаммадҳакимбий дар вазъияти мушкил қарор гирифта, барои ёрӣ ба Абулфайзхон муроҷиат намуд. Абулфайзхон тирамоҳи соли 1737 бо лашкари худ ба сӯйи Қаршӣ ҳаракат кард. Ҳокимони вилоятҳои гуногун, то Тошканду Хуҷанд бо лашкари худ ба кумаки хони Бухоро омаданд. Дар ихтиёри Абулфайзхон сад ҳазор лашкар ҷамъ омад.

Лашкари хони Бухоро сафи душманро рахна намуда, вориди Қаршӣ гардид. Аз фурсат истифода бурда, Ризоқулихон тӯпҳои худро ба кор андохт. Лашкари Бухоро бо ин навъ силоҳи оташфишон ошноӣ надошт ва садои тӯпро ҳам нашунида буданд. Ба эрониён муяссар гардид, ки ба лашкари Бухоро талафоти зиёд расонанд. Ҷанги шадид дар назди Қаршӣ ба шикасти лашкари Абулфайзхон анҷом ёфт. Миқдори ғанимати ба дасти эрониён расида ҳадду канор надошт. Касони зиёд аз тири тӯпҳои эрониён кушта шуда, як қисми лашкар пароканда гардид. Аз лашкари садҳазораи хон сӣ ҳазор боқӣ монд. Неруҳои боқимондаи хони Бухоро ба ҷониби Қаршӣ рӯ ба гурез оварданд. Хони Хоразм Илбарс бо лашкари зиёд ба ёрии хони Бухоро омад. Ризоқулихон аз ин хабар ёфта, бо хони Бухоро сулҳ баст ва бо фармони Нодиршоҳ аз дарё гузашта, ба сӯйи Балх омад. Илбарс бошад, ба Хоразм баргашт. Бо фармони Нодиршоҳ Ниёзхони додхоҳ ҳокими Балх таъйин гардид. Минбаъд Балх барои онҳо ҳамчун мавзеи мувофиқу муҳимми стратегӣ барои ҳуҷум ба ноҳияҳои Мовароуннаҳр хидмат менамуд.

Бо ҳамин амалиёт лашкаркашии эрониён дар ҳудуди хони Бухоро зимистони солҳои 1737 – 1738 ба охир расид.

**Ҳуҷуми навбатии Нодиршоҳ ба сӯйи Бухоро ва сукути давлати Аштархониён.** Нодиршоҳ дар муҳорибаҳои Кафқоз, Хуросон ва Ҳиндустон зафар ёфта, дар соли 1740 аз роҳи Балх ва Чорҷӯй ба сӯйи Бухоро лашкар кашид. Дар ин давра табақаи ашрофи қабилаи манғит дар идоракунии Бухоро имтиёзи бештаре пайдо карда буд.

Пеш аз ин Нодиршоҳ ба ҳокими Балх Ниёзхон фармон дод, ки дар гузаргоҳҳои Тирмиз ва Калаф аз болои Омударё пулҳо созанд ва барои дастгирии ӯ аз ҷумлаи музофотҳои тобеи Бухоро лашкар ҷамъ оваранд. Нодиршоҳ аввал ба Балх омада, маводи хӯроквории бо фармони ӯ омодагардидаро гирифта, баъдан тӯпҳоро ба завраққо бор карда, дар ибтидои соли 1740 ба он тарафи соҳили дарёи Ому гузашт.

Ҳокими Қаршӣ Муҳаммадҳакимбийи манғит дер боз орзу дошт, ки ҳокимияти Бухороро ишғол намояд ва барои ин мавриди барояш муносибро меҷуст. Лашкаркашиҳои эрониён ба муқобили лашкари Бухоро барои ӯ чунин фурсати муносибро фароҳам овард. Ӯ ба Нодиршоҳ номаи пурмеҳр ва боилтифот навишта, омодагии худро барои итоат аз ӯ изҳор дошт. Писараш, Муҳаммадраҳимхонро бо туҳфа ва пешкашҳо ба назди Нодиршоҳ фиристод ва аз шоҳ хоҳиш намуд, ки ба Бухоро ояд.

Бояд таъкид намуд, ки ҳарчанд ашрофи ҳокими Бухоро барои дар амал пиёда шудани ҳадафҳояшон ватани худро ба эрониён таслим менамуданд, вале мардум вуруди эрониёнро ба Мовароуннаҳр чун бадбахтии бузург медонистанд.

Нодиршоҳ ба сӯйи Бухоро ҳаракат кард ва дар Чаҳорҷӯй таваққуф намуд. Абулфайзхон аз ин огоҳ гашта, Муҳаммадҳакимбийро бо ашхоси дигари бонуфуз ба назди худ даъват намуд ва онҳоро бо туҳфаҳои гаронбаҳо ба назди Нодиршоҳ фиристод. Абулфайзхон дар номаи худ омодагиашро барои истиқболу меҳмоннавозӣ изҳор дошт. Ин ҳайат бо эҳтироми зиёд аз ҷониби Нодиршоҳ қабул карда шуд. Муҳаммадҳакимбий ба Нодиршоҳ дар бораи вазъи ҳокимияти Абулфайзхон, парокандагии дохилии давлат, норозигии аҳолӣ муфассал ва ошкоро қисса намуд ва омодагии худро барои хидмат ба манфиати шоҳ изҳор кард. Нодиршоҳ ба ӯ ваколатномае дода, ҳамчун намояндаи худ бо салоҳиятҳои зиёд ба Бухоро фиристод.

Муҳаммадҳакимбий ба Бухоро омада, ба назди Абулфайзхон ҳозир нашуда, мадрасаи Мири Арабро қароргоҳи хеш интихоб кард. Ашхоси боэътимоди худро ба тамоми бозорҳо, кӯчаҳо, масҷидҳо фиристода, эълон дошт, ки доир ба масъалаҳои марбут ба амнияти шахсӣ ва моликияташон вобаста ба вазъи пешомада ва наздикшавии лашкари Нодиршоҳ метавонанд ба ӯ муроҷиат намоянд. Мардум барои гирифтани тазмини амнияти худ ва ҳифзи моликияташон ба назди ӯ, ба мадрасаи Мири Араб мерафтанд. Ин шуҳрати Муҳаммадҳакимбийро дар байни аҳолии шаҳр баланд мебардошт, аммо ин амали ӯ боиси хашми доираҳои дарборӣ ва ашрофи ҳоким, ки ӯро дар хиёнат айбдор менамуданд, гардид.

Қарор шуд, ки барои бо лашкари Эрон муқобилат нишон додан бо иштироки ашхоси масъул ва бонуфуз дар арк машварат даъват карда шавад, аммо Муҳаммадҳакимбий нахост ба арк биёяд. Он гоҳ қарор доданд, ки худи Абулфайзхон ба назди Муҳаммадҳакимбий меравад ва ҳангоми ба пешвози хон

омаданаш ӯро ба қатл мерасонанд. Ҳангоме ки хон ба сӯйи Муҳаммадҳакимбий меомад, ба сӯйи ӯ оташ кушоданд. Абулфайзхон ба қаср баргашта, қарор дод, ки ба Нодиршоҳ таслим шавад. Дар наздикии Бухоро, дар мавзеи Чаҳорбаҳр, дар соҳили Зарафшон вохӯрии хони Бухоро ва Муҳаммадҳакимбий бо Нодиршоҳ ба вуқӯъ пайваст. Нодиршоҳ хонро ба сифати зердаст ва тобеи худ боқӣ гузошт, вале амалан ҳокимият ба дасти Муҳаммадҳакимбий гузашт. Хони Бухоро Абулфайзхон вобастаи Муҳаммадҳакимбий гардида, Бухоро ба давлати тобеъ табдил ёфт. Барои тақвияти муносибатҳо онҳо робитаҳои хешовандиро низ барқарор намуданд. Нодиршоҳ ба яке аз духтарони Абулфайзхон издивоҷ намуд ва духтари дигари хони Бухоро ба хоҳарзодаи Нодиршоҳ – Алиқулихон ба шавҳар дода шуд.

Нодиршоҳ корҳои худро дар Бухоро анҷом дода, ҳамон сол (1740) ба Хоразм лашкар кашида, муқовимати хоразмиёнро дарҳам шикаста, ҳокими он – Илбарсхонро дар муҳориба ҳалок намуд. Нодиршоҳ Хеваро низ забт кард ва ба сари ҳокимият қоиммақоми худро нишонд. Ӯ ҳам дар Бухоро ва ҳам дар Хева захираи хӯроквориӣ, пул ва дигар чизҳои пурқиматро мусодира карда, аскарони маҳаллиро ба лашкари худ ҳамроҳ намуд, ки дар байни онҳо писари Муҳаммадҳакимбий, Муҳаммадраҳимхон низ буд. Нодиршоҳ баъди анҷоми ин амалиёти бобарор ба Эрон баргашт.

Соли 1743 Муҳаммадҳакимбий вафот кард. Пас аз марги ӯ дар гӯшаю канори давлат исёнҳо бар зидди Абулфайзхон ва тохтутозҳо дар гирду атрофии Бухоро оғоз гардид ва рӯз ба рӯз тақвият мегирифт. Бо сарварии Ибодуллоҳи хитой-қипчоқ дар Миёнкол шӯриш сар зад, ки он то ҳудуди девори Бухороро фаро гирифт. Барои фурӯ нишондани шӯришҳо ва ҷорӣ намудани низом дар Бухоро Нодиршоҳ бо сарварии Муҳаммадраҳимхон лашкареро иборат аз эрониҳо, афғонҳо ва туркманҳо ба Бухоро фиристод.

Муҳаммадраҳимхон хешовандон ва ҷонибдорони худро ба вазифаҳои баланди давлатӣ таъйин карда, бо ёрии онҳо мавқеи худро дар пойтахт устувор намуда, ба пахш кардани шӯришҳо оғоз намуд. Ӯ ошӯбгарони Миёнкол, Шаҳрисабз, Қубодиён, Бойсун ва болооби Зарафшонро шикаст дода, ҳокимияти Бухороро дар ин ноҳияҳо барқарор намуд. Соли 1747 Нодиршоҳ Муҳаммадраҳимхонро ба Эрон даъват намуда, амр кард, ки Абулфайзхонро аз тахт барканор созад ва идораи кишварро ба уҳдаи худ гирад.

Муҳаммадраҳимхон ҳангоми ба Бухоро баргаштан қосидеро бо пайғом ба назди ашрофи ҳокими Бухоро фиристод, ки дар нома ба онҳо ва мардум сулҳу амният ваъда медод.

Ашхоси бонуфузи Бухоро бо тухфахо ба пешвози ӯ, ба беруни шаҳр баромаданд. Муҳаммадраҳимхон дар Ғозиобод чорбоғи худро қароргоҳ интихоб кард. Ӯ барои сарнагун кардани Абулфайзхон Хоҷаҳои Ҷӯйбориро, ки дар мамлакат эътибори баланд доштанд, ба ҷониби худ ҷалб намуд. Баъд аз ҷустани тадбир Абулфайзхон дастгир шуда, дар зиндони Ғозиобод ба ҳабс андохта шуд ва дере нагузашта ӯро дар мадрасаи Мири Араб ба қатл расониданд.

Ҳамин тавр, соли 1753 ҳукмронии сулолаи Ҷониён ба охир расид. Сабабҳои асосии сукути сулолаи Ҷониён парокандагии давлат, харҷу марҷи сиёсӣ, таназзули иқтисодӣ, вусъат ёфтани ҷангҳои дохилӣ, набудани ҳокимияти марказӣ ва муфлисшавии мардум ба ҳисоб меравад. Ҳуҷуми Нодиршоҳи Афшор ба Мовароуннаҳр ба сукути ниҳоии ҳокимияти Ҷониён (Аштархониён) суръат бахшид.

**Сарчашма:**

Маълумоти Муҳаммадкозими Марвӣ доир ба набарди лашкари Бухоро бо лашкари Нодиршоҳ:

Далерони Эрону тӯрониён,
Ба ҳам рехтанд ҳамчу боди хазон.
Зи абри бало тир борон шуда,
Нами хун чу сели баҳорон шуда.
Зи бас тир дар тан шуда ҷойгир,
Тани ҷангҷӯ гашта қандили тир.
Камонҳо фиканданду шамшери тез,
Ниҳоданд дар ҳам зи рӯйи ситез.
Чакочаки шамшери бурандафарқ,
Заминро ба дарёи хун кард ғарқ.
Зи бас мард хуфта ба хуни набард,
Шуда рӯйи саҳро пур аз сурхвард.
Зи бас сар фитода чу мева зи шох,
Шуда танг он арсагоҳи фарох.
Яке чун баровард шамшери кин,
Дигар як ҳамоил задаш аз камин.
Ҳазорон касу аспро з-он ситам,
Шикам зери зин, зин ба зери шикам.
Чунон шӯрише сахт шуд пойдор,
Ки гӯйи қиёмат шуда ошкор.

**Муҳаммадкозими Марвӣ. Оламорои Нодирӣ. Ба тасҳеҳ, муқаддима ва тавзеҳоти доктор Муҳаммад Амини Риёҳӣ. Ҷилди 2. Теҳрон, 1364, саҳ. 791–792.**

## Санаҳои муҳим:

1737 – фатҳи шаҳри Деҳлӣ ва ба сӯйи Қаршӣ ҳаракат кардани Нодиршоҳ
1740 – лашкаркашии Нодиршоҳ ба Бухоро ва Хоразм
1743 – вафоти Муҳаммадҳакимбий
1747 – Муҳаммадраҳимхонро ба Эрон даъват намудани Нодиршоҳ
1753 – ба охир расидани ҳукмронии сулолаи Ҷониён (Аштархониён) дар Бухоро

## Савол ва супориш:

1. Дар бораи дар Эрон ба сари ҳокимият омадани Нодиршоҳ маълумот диҳед. 2) Нодиршоҳ барои пурзӯр намудани давлат дар назди худ кадом вазифаҳои аввалиндараҷаро гузошт? 3) Дар бораи лашкаркашии Ризоқулихон ба Бухоро маълумот диҳед. 4) Дар бораи муқовимати лашкари бухориён бо лашкари Ризоқулихон чӣ медонед? 5) Ҳуҷуми навбатии эрониёнро ба Бухоро бо сардории Нодиршоҳ баён намоед. 6) Чаро ҳокими Қаршӣ Муҳаммадҳакимбий омодагии худро барои итоат намудан ба Нодиршоҳ изҳор намуд? 7) Воқеаҳои ба Нодиршоҳ таслим шудани Абулфайзхонро шарҳ диҳед. 8) Дар бораи лашкаркашии Нодиршоҳ ба Хоразм нақл кунед. 9) Суқути сулолаи Ҷониён (Аштархониён)-ро шарҳ диҳед.

# МАВЗӮИ XI

# ВАЗЪИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР АСРИ XVII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII

## § 31. БА ИХТИЁРИ ЗАМИНДОРОНИ КАЛОН ГУЗАШТАНИ ҚИСМИ ЗИЁДИ ЗАМИН. САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII ҳуқуқи атоликҳо ва қудрату ихтиёри ашрофи баъзе тоифаҳо назар ба асри XVI хеле афзуд. Идораи давлат комилан ба дасти онҳо гузашта, аксаран мансабҳои калони давлатиро ишғол менамуданд. Дар нимаи аввали асри XVIII дар сарзамини Осиёи Миёна, алалхусус, дар вилоятҳои марказии он иқтисод рӯ ба таназзул ниҳод. Кишоварзӣ дучори бӯҳрон гардид. Ба мардум нон намерасид, вале даромади солонаи заминдорон сол ба сол меафзуд.

Дар натиҷаи зулму истисмор ва ситонидани хироҷ ва молиёти аз ҳад зиёд деҳқононро ба фақирӣ ва қашшоқӣ гирифтор кард. Ҳукумат аз тарси сар задании норозигиҳои мардум дигар ба зиёд кардан ва ё ҷорӣ кардани андози нав ҷуръат намекард.

Замин дар дасти заминдорони калон буд. Яке аз чунин заминдори сарватманд ҳокими Самарқанд – Ялангтушбий буд. Ӯ заминҳои беҳаду канори киштбобро дар вилояти Самарқанд ба даст оварда буд. Даромади зиёде, ки аз замин мегирифт, ба ӯ имкон дод лашкаре ҷамъ овада ба ишғоли мулкҳои дигар машғул шавад. Дар натиҷа сарвати ӯ боз ҳам бештар гардид. Пули коғазии нақдии ӯ бо сиккаҳои хазинаи давлатӣ баробар арзиш дошт. Ин маблағҳои ҳангуфт ба ӯ имкон медод, ки дар Самарқанд иншооти меъмории бошукӯҳе, мисли мадрасаҳои Шердор ва Тиллокорӣ созад. Илова бар ин, вай аз пардохти давлатии даромади солона озод буд.

Заминдори калони дигари ин давр Аллоҳбердибий парвоначӣ аз қабилаи минг ва писари ӯ Аллоҳёрбий буданд, ки заминҳои онҳо бо роҳи хариду фурӯш аз мардуми муфлисшуда ба даст омада буданд. Аллоҳбердибий замоне, ки ҳокими Самарқанд буд, бо Убайдуллоҳхон ҳамеша дар мухолифат қарор дошт. Заминҳои Аллоҳбердибий ва Аллоҳёрбий хеле зиёд буданд. Дар васиятномаи Аллоҳёрбий ба писарони худ 25 заминҳои милкӣ номбар мешаванд, ки аз онҳо қисмеро ба мерос гирифта, қисмеро бошад, ӯ ба пули тилло харида буд.

Бо мақсади дар як ҷой мутамарказ намудани заминҳои худ ӯ заминҳои дар деҳаи Ҳасанхоҷаи Бухоро доштаашро ба заминҳои тумани Шавдори Самарқанд иваз намуд, ки арзиши он 30000 танга таъйин шуда буд.

Миқдори зиёди заминҳо дар ин давра дар дасти рӯҳониён, махсусан, шайхони Ҷӯйборӣ буданд. Яке аз намояндагони шайхони Ҷӯйборӣ Хоҷа Тоҷиддин буд, ки бо ҳар роҳ заминҳои авлодии худро меафзуд. Аз сарҳади Туркистон то марзи дурдасти Хуросон деҳ, кӯҳ, даште набуд, ки дар он ҷо ин шайхҳо замин надошта бошанд.

Дарбори шайхони Ҷӯйборӣ ба дарбори давлатӣ шабоҳат дошт. Сарвари хоҷагии онҳо девони вакил номида мешуд. Вакил ба корҳои молиявии мулки онҳо машғул буд. Мансабдорони дигар–саркору дафтардор дар ихтиёри худ якчанд муншӣ доштанд. Дар дафтархонаи онҳо ба ғайр аз 40 нафар муншӣ, 72 каси дигар доимо ба ҷамъ кардани андози замин машғул буданд. Ғайр аз инҳо, дигар вазифадорон низ фаъолият мекарданд. Масалан, нигоҳубини аспони шайхони Ҷӯйборӣ ба ихтиёри мирохурҳо буд.

Хоҷа Тоҷиддин ҳазор қитъа замини кишт, 50 чорбоғ дар ҳудуди Бухоро, Балх, Самарқанд, Тошканд, Андиҷон, Ҳисор ва ҷойҳои дигар дошт. Ба ғайр аз ин, ӯ соҳиби сарой, ҳавлӣ, ҳаммом, бозорҳои болопӯшида ва осиёб буд. Ӯ шахсан худаш мулкҳои зиёди наверо обод кардааст, ки яке аз калонтарини онҳо деҳаи Ҳасанобод дар ноҳияи Бухоро буд. Он ҳамасола то 1000 ман ғалла даромад меовард. Мулкҳои бародари Тоҷиддин Абдурраҳимхоҷа иборат аз 600 қитъаи замини корам ва 44 ҷаҳорбоғ буд. Бародари дигари Тоҷиддин – Хоҷа 500 қитъа замини милкӣ дошт.

Дар ҳудуди Ҳисор ҳазор нафар мардикорон бо амри шайхони Ҷӯйборӣ кор карда, чорбоғ ва гулбоғ бино карда, заминҳоро обшор гардониданд. Барои обёрӣ кардани замини корами онҳо дар водии Ҳисор даҳ ҳазор мардикор истифода шуда аст. Ба заминдорон чорво ва олоти корӣ тааллуқ доштанд. Дар заминҳои заминдорон чоряккорон низ кор мекарданд.

Дар ҳудуди Ӯротеппа калонтарин заминдори асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII Хоҷа Мӯсо (вафот 1731) ном шахсе буд. Замини корам ва оби Хоҷа Мӯсо дар ҳудуди якчанд деҳаҳои Ӯротеппа ва кӯҳистони Масчоҳ ҷойгир буданд. Хоҷа Мӯсо дар дарбори Бухоро соҳиби обрӯю эътибор буд. Аз ин мавқеъ истифода намуда, ӯ дар назди ҳокимони Ӯротеппа имтиёзҳои хосро доро буд. Масалан, ӯ аз замин андоз намедод. Ӯ ҳатто ба корҳои идоракунии мулки Ӯротеппа дахолат мекард.

**Истихроҷ ва коркарди сарватҳои зеризаминӣ.** Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII дар хонии Бухоро бештар ба истихроҷи тилло шуғл меоварзиданд.

Дар болооби Чирчиқ истихроҷи тилло идома дошт. Дар болооби дарёи Сир, аз ҷумла дар маҳаллаҳои маскунии Кулолбош, Чош ва Қазноқ бо роҳи шустани рег тилло истихроҷ мешуд.

Тилло инчунин аз кӯҳҳои назди шаҳри Туркистон, аз ноҳияҳои Помир, аз болооби дарёи Зарафшон ва Қизилсу ба даст меомад.

Дар Самарқанд, Бухоро, Балх ва вилояти Хатлон истихроҷи маъданҳои тилло, нуқра, квартс, мис, сурб, оҳан ва ғайра ба роҳ монда шуда буд. Дар Бадахшон ва вилоятҳои дигари наздисоҳилӣ ба ҷуз аз тилло боз сангҳои гаронбаҳо низ истихроҷ мешуданд. Дар ноҳияҳои назди дарёи Сир ва болооби Зарафшон селитра истеҳсол мегардид.

Истихроҷи маъданҳои зеризаминӣ дар хонии Бухоро бо усули ибтидоии он амалӣ мешуд. Масалан, барои истихроҷи нуқра маъданро дар дегҳо мепухтанд, ё ин ки барои ҳосил намудани чӯян ва оҳан маъданро дар кӯраҳои хурд мегудохтанд.

**Сарчашма:**

Васиқаи Ялангтушбий аз соли 1606 дар бораи харидани замин дар мавзеи Яримтуғи Самарқанд: «Аммо баъд, ин зикр аст нотиқ (гӯянда) дар баёни он, ки дар таърих 14 шаҳри шаввол... санаи 1014 (12 феврали соли 1606) буд, ки иқрори ... кифояти осори меҳтар (корманди соҳаи молия) Колво ибни Абдуллоҳ, ки дар ин муомила аз қибали (аз тарафи) ҷаноби... Ойбегим, духтари ҳазрати Хоҷа Ҳошими Аҳрорӣ вакил буд, ... бар он ҷумла ки ба ваколати мазкура фурӯхтам ба... амир Ялангтуш Баҳодур Олчин ибни ҷаноби амири кабир Бойхоҷабий ҳамагӣ ва тамоми арозии (заминҳои) милки холиси қобилаи зироат ва солиҳаи ҳароиси (барои зироаткорӣ ва киштукор истифода мешудагӣ) ин муаккалаи мазкураро (замини ба Ойбегим тааллуқдоштаро), ки воқеъ аст дар мавзеи Яримтуғ аз тумани Офаринканти балдаи маҳфузаи Самарқанд маҳдуд аст ба ҳудуди арбаа маийна (ҳудуди аз чор тараф муайяншуда), ки ғарбан пайваст аст баъзе ба ҳарими (ҳудуди мамнӯи) ҷӯйи Девона ва баъзе ба (теппаи) Қаротеппа, шимолан баъзе ба кӯли Шайдор пайваста аст, баъзе ба Тош Марзак ва баъзе ба замини Қаротеппа ва шарқан пайвата аст баъзе ба Тош Ӯзбек Ушлӣ ва баъзе ба Тош Қаротеппаи мазкур ва баъзе ба замини мулки Худойқули муҳрдор ибни Абдуллоҳ ... дар кулли ҳудуд аломоти зоҳира (дар ҳамаи ҳудуд аломатҳо равшан) вуҷуд доранд.

**Докумены к истории аграрных отношений в Бухарском ханстве. Выпуск 1. Акты феодальной собственности на земель XVII-XIX вв. Подбор документов, перевод, введение и примечания О.Д. Чехович. Ташкент, 1954, саҳ. 3-4.**

Амри Ялангтушбий атолиқ дар бораи тасдиқи ҳуқуқи меросии Хоҷабобо: «Ҳукком (ҳокимон), арбоб ва аъмоли (мансабдорони) вилояти Ӯротеппа бидонанд, ки чун севуним оби милк қабл аз ин ба муҷиби (мувофиқи) ҳукми ҳумоюн (муборак) суюрғоли мулло Хоҷаарбоб муқаррар шуда буда, ҳоло ба валади он – Хоҷабобо таалуқ ёфта ва нишони ҳумоюн – Абдуллоҳхонро дар даст дорад. Бояд, ки ба ҳамон дастур амал намуда, оби мазкурро муқаррар (таъйинкардашуда) ва мусаллами (муайяншудаи) ӯ дониста, ба иллати мол ва ҷиҳот ва ихроҷот (хароҷот) музоҳим (заҳматрасон) нашаванд. Ҳарсола нишони

муҷаддад (нав) талаб надоранд ва хилофи ҳукм накунанд. Дар уҳда дониста амал намоянд. Шаҳри (моҳи) муҳаррам, 1052 (март-апрели 1642).

**А.Мухторов. Материалы по истории Ура-тюбе. М., 1963, саҳ. 15.**

Ҳукмномаи Имомқулихон дар бораи аз андоз озод намудани заминҳои Ялангтушбий, ки аз гирду атрофи Самарқанд харидорӣ намудааст: «Бародарони комвор (саодатманд) ва фарзандони саодатёр ва умарои зулиқтидор (боиқтидор) ва вузарои кифоятосор ва аъёну арбоб ва калонтарони вилояти Самарқанд. Бидонед, ки дар ин вило ба арзи ҳумоюн (муборак) расид, ки аморатпаноҳ умдатулумаро (такягоҳи амирон) Ялангтушбий дар тумоноти вилояти мазкур амлоки зархарид дошта, ки мувофиқи шариат ду ҳиссаро ба подшоҳӣ гузошта, як ҳиссаро милки холис сохта ва хутут ва чаки шаръӣ (ҳуҷҷатҳои қонунӣ) ба даст дорад. Бинобар он, мо низ амлоки мазкурро... иноят фармудем (лутфу марҳамат кардем) мебояд, ки амлоки мазкурро милки холиси ӯ дониста, ҳеҷ офарида музоҳим нашавад (ташвиш надиҳад) ҷиҳати молу ҷиҳот (хироҷ) ва ихроҷот (хароҷот) ва аворизот (андозҳо) ва соири таклифот (маҷбуриятҳои дигар) мутаарриз нагарданд (домангир нашаванд)».

**Докумены к истории аграрных отношений в Бухарском ханстве. Выпуск 1. Акты феодальной собственности на земель XVII-XIX вв. Подбор документов, перевод, введение и примечания О.Д. Чехович. Ташкент, 1954, саҳ. 8–9.**

Ҳукмномаи Убайдуллоҳхон дар бораи аз андоз озод кардани заминҳои Ӯзбекхоҷа: «Ҳукком (ҳокимон) ва уммол (андозситонони ваколатдор) ва арбоб (хӯҷаинҳо) ва кадхудоён (арбобони деҳ) ва эликоқосиён (панҷоҳбошиён) ва даҳбошиёни Пойирӯди Бухоро ва кадхудоёни деҳаи Шоҳмуҳаммад бидонед, ки аз қадимулайём мавозеи (баробари) 46 таноб замин аз қарияи Работак милки сулс (сеяк) ва сулсон (аз се ду) шуда, ба муҷиби чаки шаръӣ (ҳуҷҷатҳои қонунӣ) ба дуогӯйи зоти анвар Мулло Мир Шафеъ тааллуқдошта алҳол фавт ёфта, арозии мазкур ба тариқи ирс (мерос) ба дуогӯйи зоти анвари мо Ӯзбекхоҷа валади ӯ мутааллиқ шуда, алвақт (ҳоло) мутасарриф шуда будааст (ба ихтиёри ӯ гузашта будааст), ки дар ин муддат аз тамоми таклифот (андозҳо) суй омада (озод буда), ба ҳеҷ ваҷҳ миналвуҷуҳ (ҳеҷ гоҳ) дирам ва диноре надода будааст. Ҳукм фармудем, ки арозии (заминҳои) мазкурро ба дастури қадим суй ва маврусӣ (меросӣ) ва милки холиси ӯ дониста, баъдалявм (пас аз ин) аз ваҷҳи (аз ҷиҳати) танобона ва аворизот (андозҳо) ва соири таклифот (маҷбуриятҳои дигар) ва ҳаволот (супоришҳо) дирам ва диноре талаб накунанд. Чунончи як мардикурогии (ченаки замини обёришуда) замини мазкур маоф шудааст (аз андоз озод шудааст). Ба қарохат (хатти сиёҳ) чизе ҳавола насозанд (дохил накунанд) ва ваҷҳи (ба мисли) ҳашар ва бегор (навъи маҷбурияти меҳнатӣ) ва мардикор (навъи маҷбурият) ва ҷуфти гов (навъи андоз) ва ғайра ба корандагони ӯ озор надиҳанд. Элчиён (галабонон) баъдалявм (пас аз ин) фурӯд наёянд (дар ин замин қарор нагиранд). Бар ин муҷиб муқарраршумурда аз фармуда во нагузоранд, ҳарсола ҳукми ҷадид талаб нанамоянд».

**Докумены к истории аграрных отношений в Бухарском ханстве. Выпуск 1. Акты феодальной собственности на земель XVII-XIX вв. Подбор документов, перевод, введение и примечания О.Д. Чехович. Ташкент, 1954, саҳ. 98–99.**

**Санаҳои муҳим:**

1731 – вафоти заминдори калони Ӯротеппа Хоҷа Мӯсо

**Савол ва супориш:**

1) Заминдорони калони он даврро номбар карда, дар бораи моликияти онҳо маълумот диҳед. 2) Дар бораи заминҳои шайхони Ҷӯйборӣ чӣ медонед? 3) Дар бораи моликияти заминдори калони Ӯротеппа Хоҷа Мӯсо нақл кунед. 4) Тилло дар ин давра бештар дар кадом минтақаҳои хонии Бухоро истихроҷ мешуд? 5) Селитраро дар куҷо истеҳсол мекарданд? 6) Нуқра ва ҷӯяну оҳан чӣ гуна истиҷроҷ мешуд?

## § 32. КАСБУ ҲУНАР ВА ТИҶОРАТ

**Касбу ҳунар.** Дар давлати Ҷониён (Аштархониён) шароит барои тараққиёти касбу ҳунар номусоид буд, вале косибон ҳунари худро фаромӯш намекарданд. Шоҳиди замон, шоири ширинкалом Сайидои Насафӣ танҳо дар Бухоро дусад навъи ҳунарро ном бурдааст. Касибону ҳунармандон, ки маҳсули дасти онҳо ба хориҷ содир мешуд, як дараҷа вазъи беҳтаре доштанд. Содироти мол дар чунин шароити сахт ба пешрафти истеҳсолот мусоидат мекард.

Косибон матоъҳои ҳархеларо бештар дар хонаҳояшон истеҳсол мекарданд. Ҳунари бофандагӣ ривоҷу равнақ ёфта, матоъҳои пахтагӣ бештар талабот доштанд ва онҳоро ба бозорҳои хориҷ аз кишвар мебароварданд. Харидорони чунин матоъҳо бештар қабилаҳои бодиянишин ва давлати Русия буданд. Бинобар он муносибатҳои тиҷоратӣ бо Русия вусъат меёфт.

Дар шаҳрҳои Бухоро навъҳои гуногуни матоъҳои абрешимӣ ва нимаабрешимӣ, матоъҳои пахтагӣ, ба монанди суфи хом, матоъҳои нақшдор, дастархонҳо, миёнбандҳо ва маҳсулоти дигар бо усули дастӣ коркард мешуданд.

Дар Балх ва шаҳрҳои дигари он карбос, алоча, бахмали рангҳои гуногун, қолинҳои ранга ва абрешимӣ ва амсоли онҳо истеҳсол мешуданд.

Аз касбу ҳунарҳои дигар коркарди чарм рушд ёфта буд, ки дар ҷараёни он чарми дорои сифати баланд тавлид мешуд. Ҳамин тариқ, дар Балх коркарди пӯстҳои қундуз ва паланг, дар Файзобод–пойтахти Бадахшон кафш ва ниммӯзаҳо барои бозори дохилӣ ва содирот истеҳсол мегардид.

Мисли асрҳои гузашта сохтани афзорҳо аз оҳан ва мис афзалият пайдо кард. Устоҳо аз сӯзан сар карда, то юғу сипор ва

афзорҳои рӯзғор истеҳсол мекарданд. Чун пештара устоҳои соҳибҳунари силоҳсоз аслиҳаҳои гуногун–камон, найза, шамшер, корд, ханҷар, ҷавшан, зиреҳ, сипар, тоскулоҳҳои бо сангҳои гаронбаҳо ва нақшу нигори бо тилло ва нуқра ороёфта месохтанд. Дар шаҳрҳои марказӣ, махсусан дар Бухоро, истеҳсоли тиру тӯп ва борут ба роҳ монда шуд. Истеҳсоли маҳсулоти филизӣ бо сабаби кам будани истихроҷи оҳан дар Осиёи Миёна нисбатан маҳдуд буд. Ҳукумати подшоҳии рус ба ин сарзамин овардани мис, оҳан ва пӯлодро манъ кард. Миқдори ночизи филизот дар вилоятҳои Бухоро ва Самарқанд истеҳсол мешуд. Аз филизот зарфҳои навъҳои гуногуни биринҷӣ ва мис, ба мисли кӯзаҳо, ҷомҳо ва ғайра истеҳсол мешуданд, ки намои берунаи онҳо бо нақшу нигор ва гуногуншаклии худ фарқ мекард. Ин зарфҳо аксаран бо катибаҳо ба забони арабӣ ва форсӣ оро дода мешуданд.

Дар Файзобод (пойтахти Бадахшон) ҳунармандони маҳаллӣ аз филизот зарф ва шамъдонҳои нақшдор месохтанд, ки онҳо ба бозорҳо бароварда мешуданд.

Дар вилоятҳо мутахассисоне буданд, ки ба коркарди санги мармар ва гаҷ шуғл доштанд.

Ҳунармандони маҳаллӣ бо сохтани ашёи сафолӣ машғул мешуданд, ки намунаҳои онҳо то рӯзҳои мо расидаанд. Зарфҳои нақшдори зебои сирдор низ истеҳсол мешуданд.

Дар Самарқанд ва Бухоро истеҳсоли коғази баландсифат ба роҳ монда шуда буд.

Истеҳсоли навъҳои гуногуни сангҳои қиматбаҳо ва нимақиматбаҳо бештар дар Бадахшон мушоҳида мешуд. Лаъли Бадахшон дар аксари мамлакатҳо маъруф буд.

Ҳунари дастӣ, ба мисли кошинкорӣ ва кандакорӣ дар гач ва чӯб дар сатҳи баланд қарор дошт.

Касбу ҳунар ва тиҷорат мисли замонҳои пешин аслан дар дасти аҳолии муқимии шаҳрҳо буд.

Нисбатан рушд ёфтани ҳунармандию косибӣ ба густариши савдои дохилӣ ва хориҷӣ сабаб шуд.

**Муомилоти пулӣ.** Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII вазъи умумии сиёсии ҳукумат дар мавриди сикказанӣ ва гардиши тангаҳо ба тараққиёти ҳунармандӣ ва тиҷорат мусоидат намекард. Дар ин давра беқурбшавии бошиддати тангаҳои нуқрагӣ ба чашм мерасид. Тангаҳо аслан аз хӯлаи нуқра ва мис сикка зада мешуд, ки миқдори мис ҳарчи бештар дар он зиёд мешуд. Ҳангоми паст кардани маҳаки тангаҳо хазина доимо фоида ба даст меовард. Аҳолӣ бошад, ҳарчи бештар дучори зарар гардида, бар зидди беқурбшавии тангаҳо мубориза мебурд. Дар чунин маврид манфиати тамоми табақаҳои ҷомеа тақрибан ба ҳам меомаданд.

Дар мубориза барои қурби тангаҳо мардум баъзан ғолиб меомад, ки дар натиҷаи он ҳукумат маҳаки тангаҳоро

муваққатан баланд мекард, вале дар охири чоряки асри XVII тангаҳои баландмаҳак сикка зада намешуданд. Дар соли 1708 Убайдуллоҳхон ислоҳоти пулӣ гузаронида, миқдори нуқраро дар тангаҳо 9% пойин овард, ки ин боиси норозигии аҳолӣ гардид. Ҳукумат бо чунин роҳ аз амалиёти танга фоида ба даст меоварад. Бори аз ин ҳам гаронтар барои аҳолӣ ҳилаву найрангҳо дар муомилаи тангаҳо буд. Дар асри XVII тамоми тангаҳои нуқра дар хонии Бухоро ба «куҳна» ва «нав» тақсим мешуданд. Ҳар лаҳза ҳукумат метавонист «тангаҳои нав»-ро «куҳна» эълон кунад. Қобилияти харидории тангаҳои «куҳна» дар бозор ба таври куллӣ аз маҳаки он вобаста буд. Масалан, тангаҳое, ки дар он 60 % нуқра мавҷуд буд, дар ҳолати «нав» буданашон бо қурби маҷбурӣ гардиш менамуданд ва онҳо тангаҳои баландқурб ба шумор мерафтанд. Чун онҳоро «куҳна» эълон менамуданд, пас 40% қобилияти харидории худро гум мекарданд, яъне аҳолӣ ҳамон замон 40% зарар медид. Дар тӯли асри XVII меъёри истисмор бо амалиёти танга хеле афзуд, ки ин ба муфлисшавии бештари ҳунармандон ва тоҷирон оварда расонд.

Ҳамин тариқ, дар ин давра сарфи назар аз шароити номусоид ҳунармандӣ дар хонии Бухоро хомӯш намешуд ва оҳиста-оҳиста қувват мегирифт, ки ин ба рушди тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамуд.

**Тиҷорати дохилӣ.** Ҳарчанд мамлакат ба вазъияти мураккаб дучор шуда бошад ҳам, дар шаҳру ноҳияҳо тиҷорат дар бозорҳо амал мекард. Дар бисёр ҳолатҳо бозорҳо марказонида шуда буданд. Бозорҳо дар тамоми шаҳрҳо вуҷуд доштанд. Аҳолии шаҳру деҳот, дукондорони хурд, кишоварзон, ҳунармандон ва ашроф ба тиҷорат машғул мешуданд. Дар байни вилоятҳо ва шаҳрҳои мамлакат савдо доимо амал мекард.

Дар қаламрави Бухоро шумораи хеле зиёди бозорҳои марказонидашуда, растаҳои тиҷоратӣ, коргоҳҳои ҳунармандӣ ва дуконҳои тиҷоратӣ мавҷуд буданд. Ҳар як касбу ҳунар дар ин ҷо бозори махсуси худро дошт. Дар бозорҳои Бухоро молу ашёи дар шаҳрҳои дигар истеҳсолшудаи ҳунармандонро пайдо кардан мумкин буд. Ба бозорҳои ин ҷо на танҳо маҳсулоти кишоварзӣ ва баъзе навъҳои маҳсулоти ҳунармандӣ аз деҳаҳои гирду атроф оварда мешуданд, балки ба Бухоро маҳсулот ва маснуоти дар шаҳрҳои дигари Осиёи Миёна сохташуда низ ворид мегашт. Дар байни онҳо ҷойи махсусро амволу ашёи ҳунармандони Самарқанд ишғол менамуд.

Дар бозорҳои Балх, дар баробари ашёи дигар фурӯши молҳои аз ҷониби ҳунармандони маҳаллӣ сохташуда ва истеҳсолшуда, ба мисли афзори асп, карбос, матоъҳои гуногуни абрешимӣ ва ғайра ба савдо бароварда мешуданд.

Дар ин давра байни Бухоро ва Хева робитаҳои наздики тиҷоратӣ барқарор буд. Тоҷирони хевагӣ бо молу ашёи худ зуд-зуд ба шаҳрҳои хонии Бухоро мерафтанд. Молу ашёи маъруфи хевагиҳо матоъҳои абрешимӣ ва катонию пахтагӣ буданд. Бухориҳо дар навбати худ бо молу амволи худ ба Хева аз тариқи дарё бо завраққои на он қадар калони аз тахтапораҳо сохташуда меомаданд.

Тошканд дар нимаи дуюми асри XVIII, ки ба ҳайати хонии Бухоро дохил намешуд, бо тамоми шаҳрҳои муҳимтарини Осиёи Миёна: Бухоро, Самарқанд, Кӯлоб, Балх, Шаҳрисабз ва ғайра робитаи тиҷоратӣ дошт. Беҳтарин тилло дар бозори Бухоро сиккаҳои тошкандӣ буданд. Аз Самарқанд ба Тошканд сурб мебурданд ва онро бо нархи арзон мефурӯхтанд. Тоҷирони бухороӣ молу амволи зиёдеро, ки аз Русия, Хитой, Эрон ва Ҳиндустон ворид мешуданд, ба Тошканд мебурданд.

**Тиҷорати хориҷӣ.** Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII хонии Бухоро бо Русия, Ҳиндустон, Хитой ва дигар кишварҳо робитаи тиҷоратӣ дошт. Мувофиқи шаҳодати сайёҳи англис Ҷенкинсон, ки дар ин давра ба Бухоро сафар карда буд, ҳар сол дар Бухоро ҷамъомади тоҷирон, ки бо корвонҳо аз Ҳиндустон, Русия, Хитой ва кишварҳои дигар ба ин ҷо меомаданд, баргузор мегардид.

Дар ин лавра муносибатҳои тиҷоратии хонии Бухоро бо Ҳиндустон хеле авҷ гирифт. Баъд аз ҳамроҳшавии Астрахан ба Русия (1566) он ба яке аз марказҳои тиҷоратии империяи Русия мубаддал гашт, ки ба тиҷорати Русияро бо Осиёи Миёна ва дигар кишварҳои Шарқ, аз ҷумла бо Ҳиндустон вусъат бахшид. Осиёи Миёна ҳамчун пайвандгари тиҷорати Русия ва Ҳинд ба ҳисоб мерафт. Ин дар навбати худ ба вусъатёбии гардиши мол байни хонии Бухоро ва Ҳиндустон таъсири судманд мерасонид. Ҳамаи ин ба рушди минбаъдаи воридшавии даромадҳо ба хазинаи давлат мусоидат мекард.

Дар Бухоро якчанд маҳаллаҳое буданд, ки дар онҳо тоҷирони ҳиндӣ зиндагӣ мекарданд. Тоҷирони бухороию балхӣ низ барои тиҷорат ба Ҳиндустон мерафтанд.

Дар ин давра аз шаҳрҳои хонии Бухоро ба Ҳиндустон аспҳо, шутурҳо, сагҳои тозӣ, парандагони шикорӣ, абрешим, чарми хом, лаълҳои андозаашон гуногун, зарфҳои булӯрин, меваҳои хушк ва ғайра мебурданд. Дар байни ин молҳо аз ҳама ба асп талабот зиёд буд ва Ҳиндустон ба ҳисоби миёна ҳар сол беш аз 25 ҳазор сар асп мехарид.

Аз Ҳиндустон ба хонии Бухоро асосан матоъҳои ҳиндӣ, ба мисли ҷомавор, амволи нақшину гулдор, шол, ҳарир, пироҳанҳои зардӯзӣ, шероза, дока, ресмон, атриёт, ханҷарҳо, шамшер бо сипар ва анвои дигари аслиҳа, дурдонаҳо, сангҳои

гаронбаҳо, ашёи мухталифи тиллоӣ ва нуқрагӣ ва амволи дигар ворид мегаштанд.

Тиҷорат бо Хитой низ амал мекард. Аз Чин аксаран матоъҳои абрешимӣ ва катонӣ, зарфҳои булӯрин, тамоку, чой, доруворӣ ва амволи дигар оварда мешуданд, ки миқдори зиёди онҳо барои фурӯш ба давлати Русия интиқол меёфт.

Дар тиҷорати хориҷӣ мубодилаи мол бо кӯчиён низ ҷойи муайяни худро дошт. Тоҷирони маҳаллӣ ба онҳо маҳсулоти ҳунармандони шаҳриро дастрас мекарданд ва аз онҳо асосан чорво ва маҳсулоти чармӣ мегирифтанд.

Дар ин давра робитаҳои тиҷоратӣ байни хонии Бухоро ва Русия хеле вусъат ёфта буд. Ба рушди робитаҳои тиҷоратии байни ин давлатҳо, пеш аз ҳама шоҳони рус манфиатдор буданд ва барои беҳбудии ин кор ба тоҷирон имтиёзҳо медоданд.

Молу амвол асосан бо роҳҳои корвонгузар ба воситаи шутурҳо оварда мешуданд, ки ин ба талаботи ҳар ду ҷониб ҷавобгӯ набуд. Барои таъмини тиҷорати мусоид ва зиёдшавии гардиши амвол ҳукумати Русия дар баҳри Хитой барои дарёгардӣ киштиҳои калони бодбондорро нигоҳ медошт. Онҳо дар як сол ду маротиба (баҳор ва тирамоҳ) байни Астрахан ва қароргоҳи Каригон барои тиҷорат бо Хева ва Бухоро ҳаракат менамуданд.

Дар соли 1681 дар Астрахан меҳмонхонаҳо бунёд шуданд ва дар ҳавлии онҳо барои тоҷирони мусофир дуконҳо, таҳхонаҳо ва растаҳо сохтанд. Тоҷирони бухороӣ, ба ғайр аз Астрахан дар Тоболск низ тиҷорат карда, Сибирро бо ашёи ҳунарҳои дастӣ таъмин менамуданд. Дар ин давра роҳҳои тиҷоратӣ ба Волга ва Сибир низ кушода шуд. Сибир, Тоболск, Тара ва Оренбург ба марказҳои калони тиҷоратӣ тадил ёфтанд.

Дар асри XVII аз Осиёи Миёна ба Русия асосан, ғайр аз шоҳроҳи Сибир, се роҳи дигар мавҷуд буд, ки бо онҳо тоҷирони бухороӣ тиҷорати худро амалӣ менамуданд. Яке аз ин роҳҳо аз Бухоро ба Урганҷ ба воситаи дарёи Эмбу ва Яик ба соҳили баҳри Арал то Астрахан мегузашт. Паймудани ин масофа тақрибан 10 рӯзро дар бар мегирифт. Роҳи дигар аз Урганҷ ба шимолу ғарб ба Манқишлоқ, ба бандари Қарағанда мерафт. Аз бандари Қарағанда тоҷирони бухорӣ аз баҳри Хазар гузашта, ба Астрахан мерафтанд. Аз бандари Қарағанда то Астрахан тоҷирон вобаста аз вазъи обу ҳаво бо киштиҳои бодбондори давлатӣ дар давоми 7 – 8 рӯз шино менамуданд. Сеяки роҳе, ки аз Осиёи Миёна ба Русия мерафт, аз тариқи Машҳад, Астаробод, Ашроф, Рашт, Толиш, Боку, Дарбанд, Буйнашӣ ва Таркӣ буд. Ин роҳ аз Бухоро то Машҳад 4 ҳафтаро дар бар мегирифт, аз Машҳад то Астрахан 10 ҳафта. Аз ин роҳ тоҷирон дар мавридҳои истисноӣ истифода менамуданд.

Номгӯйи молҳои аз тарафи тоҷирони ҳар ду ҷониб овардашуда гуногун буданд. Аз Русия ба шаҳрҳои хонии Бухоро аксаран чарм ва мӯйина, асбобу афзори мухталифаи асп ва фойтун, инчунин, моҳутҳои аврупоӣ, муҳраи реза, оинаҳои гуногун, маснуоти ҷавоҳиротӣ ва чарчинворӣ, гӯшворҳо, сӯзан, коғаз, абрешим ва амволи дигар ворид мешуд.

Аз Бухоро ба Русия маҳсулоти бофандагӣ, матоъҳои абрешимӣ ва пахтагӣ мебурданд, ки дар он ҷо ба ин молҳо талаботи зиёд буд.

Дар бозорҳои Русия молҳои зиёди осиёимиёнагӣ чун чарм, камонҳои бухорӣ, баъзе мӯйинаҳо, қолинҳо, коғази пахтагӣ, меваҳои хушк ва амсоли онҳо хеле фаровон буданд.

Дар нимаи аввали асри XVIII вазъи робитаҳои тиҷоратии Бухоро бо Русия боз ҳам беҳтар гардид, ки он ба наздикшавии ҳар ду кишвар дар соҳаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ мусоидат менамуд.

Аксар ҳокиму хонҳои мамлакатҳои номбурда барои ривоҷу равнақи савдои берунӣ чораҳо меандешиданд. Дар роҳҳои корвонгузар чоҳҳои об канда, корвонсаройҳо бино намуда, аз молҳои тиҷоратӣ боҷро кам мекарданд. Тоҷирони бухороӣ аксаран амволи хориҷиро яклухт қарз мегирифтанд ва пас аз фурӯши он тавассути нуқра ҳисобу китоб менамуданд. Ғайр аз он, тибқи шариат, моли харидоришударо метавонистанд дар давоми се сол баргардонанд. Ин амал барои тоҷирони хориҷӣ нороҳатии зиёде пеш меовард. Убайдуллоҳхон барои зиёдшавии воридоти амволи хориҷӣ ин дастури шариатро беэътибор эълон кард.

Баробари ривоҷи муносибатҳои тиҷоратӣ робитаҳои дипломатӣ низ рушд меёфт. Баъзан тоҷирон вазифаи дипломатиро ба уҳда доштанд ва супориши ҳокимони худро иҷро менамуданд.

**Сарчашма:**

Маълумоти Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ дар бораиислоҳоти пулии Убайдуллоҳхон дар соли 1708: Вазъияте, ки соли 1120 (1708) дар Бухоро барои ба мубодила баровардани пулҳо ба амал омад, чунин буд: бо сарнавишти тақдир дар хазинаи ҳокимони баландмартабаи Бухоро пули нақд коҳиш ёфт. Илова бар он, сарфи ҷаноби олӣ Убайдуллоҳхон ба корҳои давлатӣ зиёд гардид. Замина барои ин чунин ташаккул ёфта буд: масъулони соҳаи молияи дарбор аз шахсони давлатманд ва тоҷирон барои сарфи заруратҳои гуногуни хазина пули зиёд қарз гирфта буданд ва маблағи девон барои рӯйпӯш намудани ин миқдор қарзҳо намерасид. Илова бар он, сарфи ҷаноби олӣ рӯз аз рӯз зиёд мегардид.

Дар чунин вазъият шахси фитнаангез ва фиребгар меҳтар Хоҷа Шафеъ ба сардори хазинаи давлатӣ Хоҷа Болтуи сарой, ки ҷаноби олӣ ба суханҳои ӯ эътимод дошт, чунин маслиҳат пешниҳод намуд: Маблағе, ки дар давлат ҷамъоварӣ мешавад, ба сарфи ҳазрати

чаҳонкушой, барои таъмини маоши ҳарбиён ва масъулони давлатӣ, барои қабул ва ирсоли сафирон камӣ мекунад. Роҳҳои ба қарз таъмин кардани ин сарфиёт низ хеле танг гаштааст. Агар миқдори андозҳо ба аҳолӣ боз ҳам зиёд карда шавад, дили онҳо аз ҳокимияти олӣ хунук шуда, вилоят ва шаҳрҳо қашшоқ мегарданд. Агар зарурате барои нохост ҷамъ намудани лашкар ва бо таҷҳизоти лозимӣ таъмин намудани онҳо пайдо шавад, тамоми амр ва тадбирҳо барои амалӣ гаштани ин кор беҳуда мегардад. Ба фикри ман барои ҳалли ин масъала бояд маҳаки тангаҳоро тағйир дода, арзиши онҳоро паст намоем. Агар ин кор амалӣ гардад, роҳи тиҷорат васеъ мешавад, ба хазина пули зиёд ворид мегардад ва касе аз ин зарар намебинад.

Ҳамин тариқ, Хоҷа Болту ба суханони Хоҷа Шафеъ бовар карда, лоиҳаи ин амалро ба хон пешниҳод намуд. Хон амр дод, ки корро тавре амалӣ намоянд, ки он ба манфиати давлат ва аҳолӣ мусоидат намояд. Хоҷа Болту ба хон дар бораи чӣ гуна ба давлат омадани даромадро бо ҷузъиёташ фаҳмонд, вале ӯ намедонист, ки ин меҳтари маймун (яъне Хоҷа Шафеъ) чӣ тавр ҷаноби олиро ба кори хеле ҳам бад гирифтор менамояд.

Ҳамин тариқ, дар сиккаи тангаҳо тағйирот ворид карда шуд. Аз ҳар як тангаи куҳнаи нуқрагин чор тангаи нав сикка зада шуд.

Ин боиси норизоятии умумӣ гардид. Тоҷирони Бухоро гирифтани тангаҳои навро рад карданд, дуконҳои худро бастанд, аз онҳо тамоми амволи худро берун кашиданд. Ҳунармандон намехостанд маҳсулоти худро ба пулҳои беқурбшуда бидиҳанд. Ба сабаби ғайриимкон будани дарёфти маҳсулот, корҳо дар коргоҳҳо қатъ гардиданд. Одамони одӣ аз хӯроквории рӯзмарра маҳрум шуда ба вазъи фалокатбор гирифтор шуданд. Дар бозор чизе фурӯхта намешуд. Дар Бухоро ва гирду атрофи он ҳаёти муътадили иқтисодӣ комилан халалдор гардид. Ин ба гуруснагӣ оварда расонд. Анбӯҳи одамони ба ғазаб омада бо фарёд ва таҳдид ба дарбори хон наздик шуданд.

**Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ. Убайдуллоҳнома. Тарҷума аз забони тоҷикӣ ба русӣ ва тавзеҳоти А.А. Семёнов. Тошканд, 1957, саҳ. 156-158.**

Дар бораи робитаи тиҷоратии Бухоро бо Русия дар асри XVII: «Дар солҳои 1645–1646 бо фармони подшоҳи бузург Алексей Михайлович ба сарзамини Бухоро ба дасти Анисим Грибов ва ҳамроҳони ӯ чунин молҳо фиристоданд: ба маблағи 4251 сӯм пӯсти санҷоб, ба маблағи 100 сӯм 2 гривен устухони моҳӣ, моҳути анорранг 15 аршин, нархаш ба маблағи 143 сӯму 13 олтину 2 динор, 2500 сӯм пули тилло, ҳар кадомаш як сӯми тилло фиристода шуд. Ба Анисим инчунин, 10000 сӯм барои харидани мол дода шудааст, то ки молро аз Москва харида, ба Бухоро барад».

**Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР. Ч. I. Ленинград, 1933, с. 211.**

## Санаҳои муҳим:

1681– барои тоҷирони мусофир бунёди меҳмонхонаҳо дар Астрахан
1708– ислоҳоти пулии Убайдуллоҳхон

**Савол ва супориш:**

1) Дар бораи вазъи касбу ҳунарҳои ин давра чӣ медонед? 2) Дар шаҳрҳои Бухоро кадом навъҳои гуногуни матоъҳо истеҳсол мешуданд? 3) Дар бораи сохтани афзорҳо аз оҳан ва мис ва силоҳсозии он давр маълумот диҳед. 4) Боз кадом навъҳои ҳунармандиро номбар карда метавонед? 5) Дар бораи муомилоти пулӣ ва гардиши тангаҳо маълумот диҳед. 6) Вазъи тиҷорати дохилӣ чӣ гуна буд? 7) Робитаҳои тиҷоратӣ бештар дар байни кадом шаҳрҳо вуҷуд доштанд? 8) Дар бораи тиҷорати хориҷӣ чиҳо медонед? 9) Робитаҳои тиҷоратии хонии Бухороро бо Ҳиндустон шарҳ диҳед. 10) Дар бораи робитаҳои тиҷоратии хонии Бухоро ва Русияро маълумот диҳед.

## § 33. РОБИТАҲОИ ДИПЛОМАТӢ. ҶУНБИШҲОИ МАРДУМӢ

**Робитаҳои дипломатӣ.** Дар ин давра робитаҳои дипломатии хонии Бухоро бо мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Русия, Ҳиндустон ва Эрон густариш меёфт.

Соли 1620 сафири Русия Иван Данилович Хохлов ба Бухоро омад ва Имомқулихон онро хеле хуш истиқбол намуд. Ин сафорат дар Бухоро аз охири соли 1620 то 13 сентябри соли 1622 ҳузур дошт. Дар ин муддат Хохлов ду маротиба аз Самарқанд дидан намуд.

Дар нимаи аввали асри XVII муносибатҳои дипломатии Русия бо Балх низ рушд ёфт. Соли 1638 сафири Балх Хоҷаиброҳим ба Русия сафар карда буд.

Аз нимаи дуюми асри XVII то оғози асри XVIII робитаҳои дипломатии Бухоро ва Балх бо Русия боз ҳам бештар рушд ёфтанд.

Соли 1640 сафири Русия Анисим Грибов ба Хева ва Бухоро омада буд, ки ба зиммаи ин сафорат ҷамъ кардани маълумот дар бораи роҳҳои тиҷоратӣ ба Ҳиндустон вогузор шуда буд. А. Грибов соли 1646 бори дуюм низ ҳамчун сафир ба Бухоро омад.

Моҳи июли соли 1669 ба Бухоро бо сарварии бародарон Борис ва Семён Пазухинҳо сафорати дигаре фиристода шуд, ки ҳайати он аз ҳашт нафар иборат буд. Онҳо ба Бухоро на бо роҳи баҳрӣ, балки аз роҳи заминӣ омада буданд. Ин сафорат дар Бухоро ва Хева тақрибан 30 моҳ (1669 – 1672) иқомат намуд.

Дар давраи ҳукмронии Пётри I байни хонии Бухоро ва Русия табодули сафирон бештар гардид. Сафирони зиёд аз Бухоро ба Русия сафар намуданд. Соли 1717 хони Бухоро Абулфайзхон сафири худ Қулибекро барои барқарор намудани

муносибатҳои дӯстӣ ва тиҷоратӣ бо Русия ба он ҷо фиристод.

Соли 1721 ба Бухоро сафири шоҳи рус Флорио Беневини омад. Пётри I ба ӯ супориш дода буд, ки дар бораи сарватҳои зеризаминии Бухоро, бахусус тилло маълумот ҷамъоварӣ намояд.

Моҳи августи соли 1734 аз Бухоро ба Петербург сафорате иборат аз 21 нафар бо сардории Алибеки парвоначӣ фиристода шуд.

Дар ин давра байни хонии Бухоро ва Ҳиндустон низ робитаи дипломатӣ мавҷуд буд. Ин робитаҳо асосан аз замони ҳукмронии Имомқулихон (1611 – 1642) оғоз гардида буданд. Соли 1625 сафири Балх Шоҳхоҷаи Нақшбанд ба шаҳри Агра рафта, то соли 1635 ӯ дар он ҷо монд.

Соли 1637 аз Балх ба Агра сафири Нодирмуҳаммадхон Мавлоно Абулғаффор омад. Дар навбати худ сафирони ҳиндӣ Ҳотам Булхайр ва Музаффар Ҳусайн бо туҳфаҳои пурарзиш ба Балх фиристода шуданд. Онҳо 14 июни соли 1639 ба Балх расиданд ва худи хон онҳоро қабул кард.

Сафири Ҳиндустон Ҳаким Ҳозиқ соли 1638 ба Бухоро омад, ки ӯро шахсан худи Имомқулихон пазирой намуд.

Соли 1658, хангоме ки Аврангзеб ба тахти салтанат нишаст, хони Бухоро Абдулазизхон барои табрики ӯ сафоратеро бо сарварии яке аз шахсони маъруф ва машҳури Бухоро Хоҷаахмад Ҳусайни Нақшбанд ба Ҳиндустон равон кард.

Баъд аз он дар соли 1660 ҳокими Балх Субҳонқулихон сафорати худро бо сарварии амир Бек уғлӣ ба назди ҳокими Ҳиндустон Аврангзеб фиристод.

Ташрифи ҷавобӣ аз Ҳиндустон ба Балх ва Бухоро 18 июни соли 1664 аз ҷониби ҳайате бо сарварии Мустафохони Хафавӣ сурат гирифт.

Моҳи ноябри соли 1668 сафири Субҳонқулихон Шодмонхоҷа ба Деҳлӣ фиристода шуд. Ҳангоми бозгашт ба ватан ҳокими Ҳиндустон ба ӯ 25 ҳазор рупия, фили ороишёфта ва ашёи мухталифи гаронбаҳо инъом намуд.

Дар даврони салтанати Аврангзеб сафорати аз ҳама пурнамояндаи Ҳиндустон, ки ба Бухоро ва Балх омада буд, ин сафорати Яккатозхон буд, ки он дар он ҷо беш аз 4 сол иқомат дошт ва моҳи ноябри соли 1675 ба ватан баргашт. Баҳори соли 1684 ба Бухоро сафири Аврангзеб Забардастхон ташриф овард, ки ӯ бо худ паёму туҳфаҳои зиёд овард. Робитаҳои мутақобилаи тиҷоратӣ ва дипломатии хонии Бухоро бо Ҳиндустон, сарфи назар аз авзои мураккаби сиёсӣ катъ нагардидааст.

Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII муносибатҳои сиёсӣ байни Бухорову Балх ва Эрон дӯстона набуд, вале ба ин нигоҳ накарда, робитаҳои дипломатӣ дар байни онҳо идома дошт.

Соли 1621 сафири Балх Поянда Мирзо бораи барқарор намудани сулҳ ва дӯстӣ миёни ҳар ду кишвар бо инъомҳои арзишманд ба Эрон омад. Дар навбати худ сафири Эрон Муҳаммад Солеҳбек ба Балх ташриф овард. Соли 1622 аз Балх ба Эрон бо сарварии Сайид Иброҳимхоҷа ҳайати дигаре фиристода шуд.

Сипас бори дигар сафири Нодирмуҳаммадхон – Поянда Мирзо аз Балх ва сафири Имомқулихон, Абдурраҳимхоҷа аз Бухоро бо туҳфаю инъомҳои гаронбаҳо ба Эрон рафтанд.

Дар солҳои минбаъда муносибатҳои дипломатии Бухорову Эрон бо сабаби ихтилофҳо ва набардҳо барои густариши қаламрави худ халалдор шуданд.

**Ҷунбишҳои мардумӣ.** Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII дар натиҷаи ҷангҳои беохир, муборизаҳои дохилӣ, зулми ситами тоқатфарсо ва истисмори бераҳмона норозигии мардум ниҳоят зиёд шуд. Дар манотиқи мухталифи мамлакат ошӯб ва исёнҳои мардум оғоз ёфтанд.

Дар давраи ҳукмронии Абулазизхон (1645–1680), дар деҳаи Даҳбеди наздики Самарқанд шӯриши халқии густурдае оғоз гардид, ки барои саркӯб намудани он худи Абдулазизхон бо лашкари зиёде омад. Ӯ шӯришро пахш намуда, Даҳбедро оташ зад ва харобу валангор намуд.

Соли 1681 дар Миёнкол исёни мардум бар зидди истисморгарон сар зад. Барои саркӯб намудани шӯриш ҳукумат қувваҳои зиёдеро ҷамъ овард ва онро пахш намуд.

Шӯриши аз ҳама калонтарини халқӣ соли 1703 дар Ҳисор ба амал омад. Сабабҳои ин шӯриш ҷанг байни ду заминдор барои ба даст овардани нуфузи бештаре гардид. Лашкари Бухоро бо сардории Муҳаммадраҳимбийи юз ба муқобили Уткан ном ҳокими яке аз қалъаҳои вилояти Ҳисор ҷангро оғоз кард, вале лашкари Бухоро музаффарият ба даст наоварда, ақибнишинӣ намуд. Аҳолии Ҳисор аз низоъҳои хунини байни амалдорон ба танг омада, исён бардоштанд. Шӯришиён аз хони Бухоро талаб намуданд, ки онҳоро ҳимоят намояд. Қиёми халқи ҷабрдида боиси он гардид, ки сарзамини Ҳисор тақрибан дар давоми 50 сол ҳамчун мулки мустақил фаъолият намояд.

Соли 1708, дар вақти эълони ислоҳоти пулии Убайдуллоҳхон, халқи Бухоро бар зидди ӯ шӯриш бардошт. Дукону бозорҳо баста шуданд, кори савдо қатъ гардид. Дар бозор чизе ёфт намешуд. Ин боиси ба шӯриши ошкоро бархостани мардуми фақиру бенаво гардид, вале шӯриши халқӣ

бераҳмона пахш шуд ва барои тарсонидани мардум чанд нафарро ба дор кашиданд. Ин шӯриши мардумӣ ҳукуматдоронро ба ҳарос оварда буд.

Соли 1709 дар натиҷаи низоъ байни қабилаҳои сарой ва найман дар Самарқанд ошӯби мардумӣ ба амал омад. Ин қабилаҳо ба ҳайати лашкари хон дохил мешуданд. Ошӯб дар Самарқанд пас аз мудохилаи намояндагони сӯфиёни силсилаи нақшбандия қатъ гардид.

Сабаби шӯриши дигари мардумие, ки соли 1713 дар Самарқанд ба вуҷуд омад, ин муносибати бераҳмонаи ҳокими Самарқанд Фарҳодбийи парвоначӣ нисбат ба аҳолии шаҳр буд. Ин тазоҳуроти самарқандиён хусусияти шӯриши умумиро дошт, зеро дар он на танҳо бенавоён, балки намояндагони тоҷирон, мансабдорони давлатӣ ҳам иштирок доштанд.

Дар ҳолати ногувор, аз хавфи ишғоли шаҳру вилоятҳо аз тарафи сардорони қабилаҳо ва ҳокимони ҳамсоя, мардум аксар вақт ҳукумати марказиро тарафдорӣ менамуд, зеро онҳо медонистанд, ки ҷангу низомъҳои дохилӣ аҳолии ҳам шаҳр ва ҳам деҳотро хонахароб месозад. Масалан, як гурӯҳи феодалони қабилаи кенагас соли 1714 хостанд ба арки хон дохил шаванд ва дар Бухоро табадуллоти дарборӣ кунанд, вале ин навбат мардум ба ҳимояи ҳукумат бархоста, дар шаҳр сангарҳо сохтанд. Фақат тавассути кумаки мардум ба хон муяссар гардид, ки душманашро саркӯб созад.

Соли 1718 дар Балх ба муқобили ҳокими он Муҳаммадхон, ки зулми беҳадро ба мардум раво дид, шӯриш сар зада, он хусусияти оммавӣ гирифт. Дар натиҷа Муҳаммадхон Балхро тарк намуд.

Дар дигар гӯшаву канори мамлакат низ бар зидди зулму бераҳмии мансабдорон шӯришу ошӯбҳои мардумӣ сурат мегирифт. Ин баёнгари он буд, ки мардум аз сохту шароити мавҷудаи замони худ ба дод омада, барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ бар зидди ҳукумат ба муборизаи ошкоро бармехост.

**Сарчашма:**

Суҳбати сафири Бухоро мулло Фаррух бо дворянин Артаман Сергеевич Матвеев дар соли 1671 оид ба масъалаҳои гуногуни хонии Бухоро: «Котиб Иван Астафьев аз сафир пурсид, ки дар Бухоро чӣ гуна молҳо мавҷуданд? Селитра (намаки борут) ва абрешим ҳаст ё не? Сафир ҷавоб дод: дар онҳо молҳои зандона ва матои одии хитоӣ, матои шоҳии хитоӣ мавҷуд аст, ки миқдори хеле кам мебошанд. Селитра дар давлати онҳо ниҳоят зиёд аст ва сифатан аз селитраи форсӣ хуб аст ва онро бо батман мефурӯшанд. Як батман ба 1,5 пуд баробар аст ва нархаш ба пули Бухоро панҷ тин меистад. Ҳар як тини Бухоро ба 5 тини русӣ баробар аст, яъне бо пули русӣ ҳар як батман ба 25 олтин баробар аст. Абрешим, ки он «паф» номида мешавад, бо пули

Бухоро 2 сӯм меистад.... Дар сарзамини Бухоро чунин молҳо ҳастанд: абрешим, лаъл, қумоши сурх, матои одии хитоӣ, матои шоҳии хитоӣ, маъданҳои нуқра ва сурб, селитра ва дигар молҳо ҳастанд, ки баъзеи онҳоро аз Ҳиндустон мееоранд. Тоҷирон мунтазам рафтуомад доранд ва гавҳару ҷавоҳирот ва молҳои гуногуни зебо мееоранд. Ба давлати подшоҳии ӯ чунин молҳо лозиманд: пӯсти хушсифати самур, рӯбоҳи сиёҳ, қоқум, моҳут, устухони моҳӣ (морж).

... Аз сафир пурсиданд, ки дар мамлакат ӯ гавҳар, маъдани нуқра ва селитра ҳосил менамоянд ё не? Агар ҳосил кунанд, бо кадом усул ва аз як пуд маъдан чӣ қадар нуқра ҳосил мешавад ва нархи шоҳиву нуқра чанд пул аст? Сафир ҷавоб дод, ки гавҳарро дар давлати онҳо кормандони соҳаи саноат ҳосил мекунанд, онҳо гавҳарро дар кӯҳҳо мекобанд ва аз байни онҳо лаъл ва дигар гавҳарҳоро ҷудо карда мегиранд. Масалан, нуқра дар мамлакати онҳо бисёр аст, вале саноатчиён каманд. Маъданро дар дегҳо мегудозанд.

Аз як пуд маъдан чӣ қадар нуқра ҳосил карда мешавад? Инро сафир намедонад.

Абрешимро аз онҳо бо нархи арзон – пудаш 2 сӯм харидан мумкин аст. Селитраи гудохташударо пудаш 10 сӯм бо пули русӣ харидан мумкин аст.

Ба сафир гуфта шуд, ки ба подшоҳ маълум аст, ки дар давлати Бухоро асирони рус мавҷуданд ва дар сарзамини Бухоро зиндагӣ мекунанд ва хон бояд он асирони подшоҳи бузургро фавран ва бегуфтугӯ озод кунад ва бо ин нисбат ба подшоҳи бузург муҳаббату дӯстии худро нишон диҳад.

Сафир гуфт: «Ҳамин ки ӯ ба назди хон баргардад, ба ӯ дар ин бора маълум мекунад ва умедвор аст, ки агар касе аз одамони рус ба давлати худ, назди подшоҳи бузург баргаштан хоҳад, хон онҳоро озод мекунад, аз он сабаб, ки хони онҳо бо подшоҳи бузург аз самими қалб мехоҳад дӯстӣ кунад. Вале одамони асиршудаи подшоҳи бузург дар давлати хони онҳо шуҳрати калон доранд ва бисёрии онҳоро амалдорон таъйин карда, ба дарбори хон ҷалб карда шудаанд».

**Материалы по истории Узбекской, Таджикской и Туркменской ССР. Ч. I. Ленинград, 1933, с. 337 – 338.**

Маълумоти Муҳаммад Юсуфи Муншӣ дар бораи қаҳтию гуруснагӣ дар Балх: «Дар Балх қаҳтӣ ва гуруснагӣ воқеъ шуд, ки хирвори ғалла ба ҳазор рупия расид ва дар он зимистон чунон сард ва соика (раъду барқ) шуд, ки ғуломон (ҳиндуҳо) ангиштсифат ҷонро дар танӯри бадан месӯхтанд ва касеро қудрати он набуд, ки сар аз дарвоза берун карда, бинихорӣ кунад».

**Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Фариштаи Саррофон. Теҳрон, 1380, саҳ. 166.**

Дар бораи қаҳтию гуруснагӣ дар Мовароуннаҳр: «Дар давоми тохтутозҳои бардавоми ҳафтсолаи кӯчиён заминҳои дар байни Самарқанд ва Бухоро ҷойгир буда харобу валангор гардиданд. Дар Мовароуннаҳр гуруснагии гӯшношунид фаро расид… дар ҳама ҷойҳо одамон макони муқимии худро тарк намуда, ба ҳар тараф пароканда шуданд. Дар Бухоро ду гузар аҳолӣ боқӣ монд. Дар Самарқанд бошад, нишонае аз маҳалли маскунӣ намонд».

**Чехович О.Д. К истории Узбекистана в XVIII в. / /Труды ИВ АН УзССР. Вып.3. Ташкент,1 954, с. 72 – 73.**

## Санаҳои муҳим:

1620 – ба Бухоро омадани сафири Русия Иван Данилович Хохлов
1621 – ба Эрон рафтани сафири Балх Поянда Мирзо
1622 – аз Балх ба Эрон фиристодани сафорат бо сарварии Сайид Иброҳимхоҷа
1625 – ба Агра рафтани сафири Балх Шоҳхоҷаи Нақшбанд
1637 – аз Балх ба Агра рафтани сафири Нодирмуҳаммадхон Мавлоно Абулғаффор
1638 – ба Русия омадани сафири Балх Хоҷаиброҳим
1638 – ба Бухоро омадани сафири Ҳиндустон Ҳаким Ҳозиқ
1639 – ба Балх омадани сафирони ҳиндӣ Ҳотам Булхайр ва Музаффар Ҳусайн
1640 – ба Хева ва Бухоро омадани сафири Русия Анисим Грибов
1646 – бори дуюм ҳамчун сафир ба Бухоро омадани Анисим Грибов
1658 – ба Ҳиндустон рафтани сафорати Бухоро бо сардории Хоҷааҳмад Ҳусайни Нақшбанд
1660 – ба Ҳиндустон рафтани сафорати Балх бо сарварии амир Бек уғлӣ
1664 – аз Ҳиндустон ба Балх ва Бухоро омадани сафорат бо сарварии Мустафохон Хафавӣ
1668 – ба Ҳиндустон равон шудани сафири Субҳонқулихон Шодмонхоҷа
1669 – ба Бухоро омадани сафорати Русия бо сарварии бародарон Борис ва Семён Пазухинҳо
1675 – ба Бухоро ва Балх омадани сафорати Ҳиндустон бо сарварии Яккатозхон
1681 – сар задани исёни оммавӣ дар Миёнкол
1684–ба Бухоро ташриф овардани сафири Ҳиндустон Забардастхон
1703 – оғози шӯриши мардумӣ дар Ҳисор
1709 – сар задани ошӯби мардумӣ Самарқанд
1713 – дубора шурӯъ шудани шӯриши мардумӣ дар Самарқанд
1717 – ба Русия рафтани сафири Бухоро Қулибек
1718 – сар задани шӯриш дар Балх
1721 – ба Бухоро омадани сафири шоҳи рус Флорио Беневини
1734 – аз Бухоро ба Петербург рафтани сафорат бо сардории Алибеки парвоначӣ.

## Савол ва супориш:

1) Дар бораи робитаҳои дипломатии хонии Бухоро бо Русия маълумот диҳед. 2) Оид ба робитаҳои дипломатии хонии Бухоро бо Ҳиндустон чӣ медонед? 3) Робитаҳои дипломатии хонии Бухороро бо Эрон шарҳ диҳед. 4) Сабабҳои сар задани ҷунбишҳои мардумӣ аз чӣ иборат буданд? 5) Дар бораи шӯрише, ки соли 1703 дар Ҳисор сар зада буд, маълумот диҳед. 6) Шӯришҳои мардумии дар Самарқанд сарзадаро шарҳ диҳед. 7) Дар бораи ҷунбишҳои мардумии дар дигар шаҳрҳо бавуҷудомада чӣ медонед?

## МАВЗӮИ XII

## МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСРИ XVII ВА НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVIII

### § 34. МЕЪМОРӢ ВА ҲУНАР

**Меъморӣ.** Бо вуҷуди он ки замона пур аз низоъ ва ҷангҳои харобиовар буд, дар шаҳрҳои марказӣ ва дар баъзе маркази вилоятҳо иншооти меъморӣ қомат меафрохтанд. Биноҳои боҳашматро бештар аъёну ашрофи сарватманд месохтанд. Яке аз онҳо Ялангтушбий (1608–1656) буд, ки дар майдони Регистони Самарқанд сохтмони бузургеро анҷом дод. Дар рӯбарӯйи Мадрасаи Улуғбек бо амри ӯ байни солҳои 1619–1631 меъмори номӣ Абдуҷаббор мадрасаеро бино кард. Дар пештоқи даромадгоҳи ин мадраса дарандае ба шер монанд тасвир ёфтааст. Аз ҳамин сабаб онро Мадрасаи Шердор номиданд. Пештоқи мадраса дар марказ, дар гӯшаҳо манораҳо, дар байни дарвоза ва манораҳо гунбазҳои теғдор бино ёфта, болои ду дарсхонаро зеб доданд.

Солҳои 1641–1660 Ялангтушбий дар майдони Регистон боз як имарати дигар бино кард. Чун дар ороишоти ин бино тиллои бисёре истифода шуд, онро мадрасаи Тиллокорӣ номиданд. Дар ин бино мадрасаву масҷид дар як ҷо сохта шуданд. Ҳамин тариқ, дар маркази шаҳри Самарқанд майдоне ба вуҷуд омад, ки як тарафаш кушод, се тарафаш бо се бинои муҳташами хушнамо зинат ёфта бо номи Регистони Самарқанд маъруф гардид.

Дигар аз ёдгориҳои меъмории асри XVII маҷмӯи иморатҳоест, ки дар Бухоро воқеъ гардидааст. Яке аз амалдорони олимақоми он замон Нодир девонбегӣ фармуд, ки ҳавз, мадраса ва хонақоҳе созанд, ки баъдан ин макон бо номи «Лаби Ҳавз» ё худ «Лаби Ҳавзи Девонбегӣ» маъруф шуд.

Дигар маҷмӯаи меъмории дар асри XVII биноёфтаи Бухоро мадрасаест, ки дар рӯбарӯйи мадрасаи Улуғбек сохта шудааст ва он мадрасаи Абдулазизхон ном дорад. Ин бино хеле зебо ороиш ёфта ва боҳашмат аст.

Дар Балх низ дар ин давра маҷмӯаҳои меъмории зиёде, ба мисли Дарвозаи Арк, Давлатхона, мадрасаҳо ва иншооти дигар қомат афрохтанд. Деворҳои Давлатхона бо мармар оро ёфта, ҳуҷраҳои дарун ва долонҳо бо наққошӣ шудаад. Мадрасае, ки дар охири асри XVII дар он ҷо аз тарафи Субҳонқулихон сохта шуда буд, Мадрасаи Калон ном дошт. Ин мадраса дар баландие бино ёфта, ҳавлии дарун ва беруни он аз хишти пухта сохта шуда, он аз аркҳои баланд ва тоқҳои гунбазшакл иборат буд.



***Бухоро. Мадрасаи Нодир девонбегӣ.***

Аз ороиши биноҳо маълум мешавад, ки меъморҳо анъанаи ду асри пешинаро давом додаанд. Дар ин аср комёбии ҳунармандони кандакори рӯйи гаҷ назаррас аст. Дар ориши иморатҳо аз ҳунари хотамкорӣ ва кошинкорӣ ба таври васеъ истифода мебурданд.

Дар вилоятҳои дигари тоҷикнишин дар ин давр биноҳои гуногун сохта мешуданд. Маъруфтарини онҳо манораи мансуб ба номи Абдуллоҳхон дар деҳаи Навгилеми ноҳияи Исфара, мақбараи Хоҷа Ҳотам дар ноҳияи Файзобод, мадрасаи Мирраҷаб Додхоҳ дар Конибодом, мазори Бобои Қосим дар деҳаи Пискокади ноҳияи Ашт, Масҷиди Сангин ва Мадрасаи Нав дар Ҳисор, Мадрасаи Олим Додхоҳ дар Панҷакент, якчанд бинои аз хишти пухта сохташуда дар маҳалли Сarимазори Ӯротеппа мебошанд.

Дар кӯҳистони Помир аз асрҳои XVII ва XVIII қалъаҳои Панӣ дар Рошткалъа, қалъаи Бартанг, қалъаи Вомар дар Рӯшон боқӣ мондаанд. Аксар қалъаҳои Помир дар баландкӯҳҳо бино меёфтанд, то ки барои душманон дастнорас бошанд.

**Мусаввирӣ ва хушнависӣ.** Дар китобхона ва осорхонаҳои мамлакатҳои ҷаҳон нусхаҳои хаттии китобҳои асрҳои XVII ва XVIII маҳфузанд. Баъзе аз ин нусхаҳои хаттӣ бо минётураи мусавиррони Осиёи Миёна зинат ёфтаанд.



*Ҳисор. Масҷиди Нав.*



*Бухоро. Мадрасаи Абдулазизхон.*

Аз намунаи кори онҳо маълум мешавад, ки анъанаи мактаби минётурии асри XVI давом ва рушди босазои худро дар асрҳои баъдина пайдо намудааст. Мисоли онро мо дар асари Шарафиддин Алии Яздӣ «Зафарнома» мебинем. Ин нусха соли 1628 дар Самарқанд китобат шуда, 12 минётураро дар бар мегирад. Ҳамаи тасвирҳо бисёр зебо ва ҷолибанд. Мусаввири забардаст дар саҳнаҳои рамзӣ бо як маҳорати ҳайратангез тавонистааст миқдори зиёди симоҳои одамро ҷой диҳад. Дар ин минётура симои 28 одам, 18 асп ва набарди 20 разманда офарида шудааст. Саҳнаи базми Темур низ пуродам аст: дар ин ҷо аҳли кибор, сипоҳиён, мутрибон, ҳофизон, ровиён ва соқиёнро метавон дид. Саҳнаҳо хеле зебо ва хушранг офарида шудаанд.



*Самарқанд. Мадрасаи Шердор.*

Бо ҳамин навъ ҳунари баланд асари муаллифи мастчоҳӣ Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ – «Таърихи Абулхайрхонӣ»,

асари Ҳотифӣ «Темурнома» зеб ёфтаанд. Яке аз мусаввирони забардасти замон Муҳаммадмуроди Самарқандӣ буд. Ӯ асари маъруфи Саъдии Шерозӣ «Бӯстон»-ро бо ҳунари беназири худ оро додааст.



***Исфара. Манор ва масҷиди Абдуллоҳхон.***



***Рӯшон. Қалъаи Вомар.***

Соли 1642 аз ҷониби Хоҷамуҳаммади Мусаввир симои Имомқулихон бо маҳорати баланд кашида шуд.

Аз ҷониби мусаввир Абдулғаффор доир ба анатомияи инсон тасвирҳои бисёр дилангез офарида шуданд. Дар онҳо устухонбандии одам, низоми асаб ва узвҳои дигари инсон бо маҳорати баланд инъикос ёфтаанд.

Китобҳои гуногунмазмун, махсусан, девони шоирони замонҳои мухталиф, аз тарафи хушнависони маъруфи асрҳои XVII ва ибтидои асри XVIII рӯйнавис мешуданд. Хушхаттарин ва маъруфтарини онҳо дар дарбори хонҳо ва ашроф кору фаъолият мекарданд. Хушнависони маъруфи ин аср Мир Имод, Ҳоҷӣ Ёдгор ва Муҳаммадшарифи Бухорӣ буданд.

Дар асрҳои миёна ҳунари хаттотӣ як навъ машғулияте буд, ки ҳар нафари таҳсилкарда аз он касби маош мекард. Азбаски шоирони доираҳои шаҳр ба воситаи офаридани шеър зиндагии худро таъмин карда наметавонистанд, бисёре аз онҳо дар баробари шеърнависӣ хушнависӣ низ мекарданд. Ин ҳунар барояшон мадади маош мегардид. Яке аз устодони хат Ҳоҷӣ Муҳаммад Собири Самарқандӣ ҳам шоир, ҳам устоди ҳафтқалам (яне устоди ҳафт навъи хат) буд. Дигар аз устодони хат шоири забардаст Мумтози Самарқандӣ ба шумор мерафт.

Дар ин давра ҳунари кандакорӣ ва катибанависӣ дар болои сангҳо низ ба мушоҳида мерасад, вале теъдоди онҳо хеле кам буд. Сабабҳои таназзули ҳунари катибанависӣ ба буҳрони иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат дар XVII вобастагӣ дошт.

Ҳунари хаттотие, ки дар навиштани китобҳо мушоҳида мешавад, аз хаттотии рӯйи сангҳо фарқ мекард. Аз катибаҳои боқимондаи кӯҳистони тоҷик – Мастчоҳу Фалғар, бармеояд, ки дар асри XVII ҳунари зебои хаттотони асри XV – XVI рӯй ба таназзул ниҳодааст. Хаттотоне, ки ҳунари худро дар рӯйи сангҳо дар кӯҳистон озмоиш кардаанд: Ҳоҷӣ Маҳмуд, Боқӣ писари Муҳаммад ва дигарон буданд.

Ба ҳунари мусаввирон ва хаттотони забардаст ҳунари саҳҳофон (муқовакунандаи китоб) илова мешуд. Зебоӣ ва бозоргир шудани китоб ба ҳунари онҳо вобастагӣ дошт. Муқоваро ҳунармандон аз чарм сохта, рӯйи онро бо гулҳо ороиш медоданд. Дар рӯйи муқова ба ғайр аз гулу гулкорӣ ном ва соли ҷилдсозиашонро низ сабт мекарданд. Яке аз саҳҳофони маъруфи асри XVII Мулло Ортиқ писари Сӯфӣ Турсун буд. Ӯ соли 1683 Қуръонро чунон устокорона муқовабандӣ кардааст, ки бинандаро дар ҳайрат мегузорад.

**Сарчашма:**

Маълумоти Муҳаммад Юсуфи Муншӣ дар бораи биноҳои сохтаи Субҳонқулихон: «Дар Балх мадрасае тартиб ёфта, дар ниҳояти вусъат (васеъ) ва рифъат (баланд) ва зоҳири онро ба кошӣ ороста, бар фарози арк иморати музайян ба зару лоҷвард сохта миқдори шаст газ аз поён кор карда, ба фарози арк расонида. Алвақт (ҳоло) қиёс дар камоли вусъат аст. Дар поёни курнишхона (арк) маъаҳу (бо он) айвони

масҷиди ҷомеъ низ бино карда, чунончи дар асоси он андешаи уқало (оқилон) қосир аст (камӣ мекунад). Чаҳорбоғ дар ҷониби шарқии арки олӣ муҳайё намуда (сохта) марсум бо (бо номи) Аминобод. Дар миёни он қалъа ва хандақи амиқ ва иморат тартиб дода ва дар як ҷониби он чаманҳо ороста ба гулҳои алвон (рангоранг) ва меваҳои асноф (меваҳои гуногун) ва онро Боғи Зоғон номидаанд. Дар роҳи остонаи ҳазрати халифаи чаҳорум (манзураш Мазори Шариф) бар ду ҷониби роҳ аз замони Валимуҳаммадхон хиёбоне буда ва дар ин муддати айём барҳам хӯрда буд. Хон онро таҷдид фармуда (аз нав сохта), дарахтони мевапарвар ва ашҷори соягустар нишонида ва баъд аз ҷулус бар тахти Бухоро фармуд, ки дар саҳни Регистони Бухоро ҳавзе сохтаанд, ки ёд аз кавсар медиҳад ва низ дар он ҷо иморате карда ва онро дорушшифо (табобатхона) муқаррар сохта. Чунончи аттибои ҳозиқ (табибони ботаҷриба) дар он нишаста, беморонро ба шарбату ғизо илоҷ мебахшанд».

**Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Фариштаи Саррофон. Теҳрон, 1380, саҳ. 288 – 289.**

Маълумоти Муҳаммад Юсуфи Муншӣ оид ба хушнавис Мавлоно Миралӣ: «Нодираи замон ва ягонаи даврон, умдаи (сардори) котибон, қудваи (пешвои) хушнависони арсаи амкон (ҷаҳон) Мавлоно Миралӣ.... Ӯ шогирди Зайниддин Маҳмуд аст ва ӯро таълим аз Мавлоно Султоналии Машҳадӣ аст. Ва ӯ (Султоналии Машҳадӣ) нисбати шогирдӣ ба Мавлоно Азҳар буда, ки дар хушнависӣ Азҳар минашшамс (аз офтоб ҳам равшантар) аст. Ӯ шогирди Мавлоно Ҷаъфар аст. Мавлонои мазкур шогирди бевоситаи Хоҷа Миралии Табрезӣ аст, ки Мавлоно Султоналӣ ин абёт дар шаъни ӯ гуфта:

Насху таълиқ агар хафифу ҷалист,<br>
Возеъуласли ӯ Хоҷа Миралист.<br>
То ки будаст оламу одам,<br>
Ҳаргиз ин хат набуда дар олам.<br>
Вазъ фармуда ӯ зи зеҳни дақиқ,<br>
Аз хатти насху аз хатти таълиқ.<br>
Найи килкаш аз он шакаррез аст,<br>
К-аслаш аз хоки поки Табрез аст.<br>
...Котибоне, ки куҳнаву наванд,<br>
Хӯшачинони хирмани ӯянд.

Ин ашъор аз Мавлоно (Султоналӣ) аст, ки дар башорат ёфтани худ гуфтааст:

Дар ҷавонӣ ба хат будӣ майлам,<br>
Ишқи хат рондӣ аз мижа сайлам.<br>
Бар сари кӯй кам қадам задаме,<br>
То тавонистаме қалам задаме.<br>
Гаҳ з-ангуштҳо қалам кардӣ,<br>
Ба хаёле хате рақам кардӣ.

Аз қазо мири муфлисе рӯзе,
Пешам омад ба сони дилсӯзе.
Қаламу коғазу давотам ҷуст,
Бисту нуҳ ҳарфро зи ҳарфи нахуст.
Бинавишту равон ба дастам дод,
Шудам аз илтифоти ӯ дилшод.
...З-ин сабаб ишқи хат зиёда шудам,
Дил гирифтори марди сода шудам.

... Мулло Миралиро (хушнависи дар боло зикршуда, яъне Мавлоно Миралӣ) бисёр будаанд. Ҳар як дар маҳорати хат ангуштнамо будаанд. Аршади (аз ҳама калони) онҳо Хоҷа Маҳмуд Сиёвушонӣ аст. Дар аксар мактуботи худ номи устоди худ менавишта ва (устод Мулло Миралӣ) ба рағми баъзе хаттотон дар хафӣ (майданависӣ) беҳтар аз Хоҷа Миралӣ будааст.

...(Мулло Миралӣ) дар маҳорати хат машҳур аст, ки шахсе илтимоси муфрадот (тасвири ҳар як ҳарф) аз Мир кард. Филҳол қалам бардошта, «алиф, бе»-ро то абҷад, ки бисту се сархат аст, навишт. Ҳанӯз нуқта, ки дар «бе» гузошта буд, хушк ношуда, муфрадот ба итмом расида ба навъе, ки:

Ҳар ҳарф чу чавгони хатти маъшуқе,
Ҳар нуқта чу холи лаби хушгуфторе.

**Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Фариштаи Саррофон. Теҳрон, 1380, саҳ. 94–96.**

## Санаҳои муҳим:

1628 – китобати асари Шарофиддин Алии Яздӣ – «Зафарнома»
1642 – кашидани симои Имомқулихон аз ҷониби Хоҷамуҳаммади Мусаввир
1683 – муқовабандӣ кардани Қуръон аз ҷониби Мулло Ортиқ писари Сӯфӣ Турсун

## Савол ва супориш:

1) Осори меъмории аз ҷониби Ялангтушбий сохташударо номбар кунед. 2) Чаро ба бинои дар Регистони Самарқанд сохташуда Мадрасаи Шердор ном ниҳодаанд? 3) Ёдгориҳои меъмории Бухоро кадомҳоянд?. 4) Дар бораи маҷмӯаи меъмории Балх маълумот диҳед. 5) Боз кадом осори меъмории дар кишвари тоҷикон қоматафрохтаро медонед? 6) Минётураи асари Шарофиддин Алии Яздӣ – «Зафарнома»-ро, ки соли 1628 дар Самарқанд китобат шудааст, шарҳ диҳед. 7) Осори ҳунарии кадом мусаввирони ин давраро номбар карда метавонед? 8) Дар бораи ҳунари хаттотӣ ва кандакории рӯйи санг маълумот диҳед. 9) Дар бораи ҳунари саҳҳофон (муқовабандон) чӣ медонед?

## § 35. АДАБИЁТ

Асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII аз давраҳои бисёр муҳимми таърихи адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар аҳди Ҷониён (Аштархониён) якчанд ҳавзаҳои адабӣ фаъолият мекард, ки маъруфтарини онҳо дар Самарқанд, Бухоро ва Балх буданд. Шумораи шоирони ин ҳавзаҳо аз 200 нафар бештар буд, ки қисме аз онҳо ҳунарманд буданд ва баъзеи онҳо кишоварзӣ мекарданд. Симоҳои дурахшони адабиёти ин давр Малеҳои Самарқандӣ, Сайидои Насафӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ ва Мулҳами Бухороӣ буданд.

Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ соли 1650 таваллуд ёфта, аввалҳои асри XVIII вафот кардааст. Падари ӯ аз шахсони соҳибмаърифат ва муътабари Самарқанд буда, дар мадрасаҳои ин шаҳр дарс мегуфт ва ба шеъру шоирӣ муҳаббати фаровон дошт. Малеҳо дар назди падараш ба шеъргӯйӣ оғоз кард. Ӯ то синни 30 солагӣ асосан бо роҳбарии падараш ба омӯхтани илмҳо машғул буд. Донишомӯзиро вай аз омӯхтани забони арабӣ ва илоҳиёт, аз қабили фиқҳ, тафсир ва ғайра оғоз менамояд. Соли 1678 баъд аз вафоти падар Малеҳо ба сафари Хуросон ва Эрон баромада, бо аҳли адаби ин сарзаминҳо мулоқот мекунад.

Баъди бозгашт аз Эрон Малеҳо дар қозихона ба кор даромада, мударриси мадрасаи Шайбонихон низ таъйин мегардад. Ӯ дар баробари адои вазифаи шаръӣ, ба шеъргӯйӣ ва такмили тазкираи худ машғул шуд.

Малеҳо тазкираи худро «Музаккир-ул-асҳоб» номидааст. Аз ҷумлаи 165 шоире, ки дар ин тазкира зикр шудаанд, 56 нафарро шоирони Эрон ташкил мекунанд, ки муаллиф бо онҳо шахсан вохӯрда, ҳамсуҳбат шудааст.

Намунаҳои дар тазкираи Малеҳо омадаи осори шоирони асри XVII барои муайян кардани хусусиятҳои равнақи адабии ин давр аҳамияти бузург доранд.

Дигар аз шоири машҳури асри XVII Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ мебошад, ки аз байни табақаи ҳунармандон баромадааст. Фитрат соли 1657 дар Самарқанд таваллуд ёфта, баробари ҳунари зардӯзӣ дар азбар кардани илмҳои замонааш кӯшишҳо кардааст.

Фитрат соли 1685 ба Бухоро рафт ва дар он ҷо ба яке аз мадрасаҳо дохил шуд. Баробари таҳсил фаъолияти адабии худро низ равнақ дода, дар шеъргӯйӣ ба дастовардҳо ноил шуд ва ба зудӣ дар радифи шоирони машҳури замон қарор гирифт.

Фитрат достони «Толибу Матлуб»-ро офарид ва дар тамоми жанрҳои адабӣ: – қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа ва ғайра асарҳо эҷод кардааст. Соли вафоти ӯ маълум нест.

Абдуллоҳ Мулҳами Бухороӣ аз шоирони тавоно ва номдори асрҳои XVII – XVIII буда, ба ҳунармандони шаҳри Бухоро тааллуқ дошт. Ӯ аз ҷавонӣ ба тарзи зиндагии қаландарон таваҷҷуҳ карда, ҳамроҳи қаландарони ҷаҳонгард ба саёҳат баромад. Баъд аз баргаштан аз шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросон ӯ ба касби худ – хиргоҳсозӣ идома медиҳад. Зиндагии Мулҳам дар нодорӣ ва азобу машаққат сипарӣ шудааст. Соли вафоти Мулҳам чун соли таваллуди ӯ маълум нест.

Мулҳам дар ду жанри адабӣ – ғазал ва маснавӣ табъозмоӣ кардааст. Маснавии ӯ «Лайлию Маҷнун» 1843 байтро дар бар мегирад. Девони ашъори Мулҳам, ки дар соли 1720 китобат шудааст, дорои 2038 байт мебошад. Ғазалиёти ӯ симои эҷодиашро чун шоири ғазалсаро маълум мекунад.

Бузургтарин шоири нимаи дуюми асри XVII ва аввали асри XVIII Сайидои Насафӣ буд (вафот байни солҳои 1707 – 1711). Падару модари Сайидо дар Бухоро истиқомат доштанд. Ӯ ба табақаи ҳунармандон наздик шуда, аз байни онҳо дӯстону ҳамфикрон пайдо кардааст.

Сайидо ҳанӯз дар ҷавонӣ аз рӯйи ниёзмандӣ ба касбу ҳунар пардохта, ба ҳамин восита зиндагии худро таъмин мекард. Чунончи ӯ менависад:

Ба зӯри дасту бозу мехӯрам, эй Сайидо, рӯзӣ,
Маро чун Кӯҳкан хуни ҷигар бошад беҳ аз ширам.

ё

Бахри рӯзӣ мекунам бофандагӣ чун анкабут,
Рахт мебандам, агар зоди сафар бошад маро.

Сайидо дар ғазалиёташ аз қашшоқию гуруснагӣ, ғарибию бекасӣ, касодию беқадрии санъату ҳунар, хориву зиллати аҳли фазлу адаб шикоятҳои ҷонсӯз намудааст. Вай бештар умри худро ба сахтӣ гузаронидааст.

Рӯзгорам ҳама умр ба сахтӣ мегузарад,
Устухонро чу ҳумо рӯзии ман сохтаанд.

Дар эҷодиёти Сайидо яке аз мақомҳои марказиро асари ӯ «Баҳористон» ишғол менамояд. Дар ин асар Сайидо дар тимсоли ҳайвонот табақаҳои мухталифи ҷомеаи он замонро инъикос менамояд. Шоир нишон медиҳад, ки мардуми заҳматкаш, ки мисли мӯрча дар талоши ризқу рӯзии худанд, дар шарофат аз табақаи ҳукмрон болотар меистанд ва агар онҳо муттаҳид шаванд, метавонанд шерро ҳам мағлуб созанд.

Ба ғайр аз шоирони номбурда, дар вилоятҳои дигари тоҷикнишини Осиёи Миёна устодони каломи бадеъ ҳаёт ба сар бурда, асарҳо эҷод мекарданд. Масалан, дар водии Рашт шоир ва олим Ҷомӣ ибни Камолиддини Қаротегинӣ (муаллифи маснавии «Мазҳари кул»), Ҳоҷӣ Шоҳӣ ибни Хоҷа Абдурраҳмони Ҳисорӣ (вафот 1657), Рифъати Ҳисорӣ ва дигарон зиндагӣ ва эҷод мекарданд.

Эҷодиёти шоирони асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII нишон медиҳад, ки адабиёти тоҷик дар чунин як шароити душвори таърихӣ дар марказ ва ноҳияҳо ривоҷ меёфт. Шароити душвори сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар малакаи эҷодии халқи тоҷикро аз равнақ боз дошта натавонист.

**Сарчашма**:

Малеҳои Самарқандӣ дар тазкираи «Музаккир-ул-асҳоб» роҷеъ ба худаш менависад: «Малеҳои Самарқандӣ тахаллуси муҳаррири (нависандаи) ин таҳрир ва соҳиби ин тақрир ва ҷомеи ин зариа (дастовез)-и бадеия Муҳаммадбадеъ валади ҷаноби мағфури марҳуми Муҳаммашариф ал-муфтии Самарқандӣ аст ва нисбати Самарқанд бар ҷамеи обо ва аҷдоди муҳаррир собит аст. Аз ин ваҷҳ мафохират (фахр кардан) бар хеш аз соири сакана ва боқии мутаваттинаи (иқоматкунандагон) балдаи мазкура дорад… Хулосаи калом, то ба ҳадди расидани синни сисолагӣ аз аҳди туфулият дар таҳти ҳимояти падари худ будам ва дар илм аз мантиқ ва калом, аз ҳайат ва ҳикмат авқот баҳри наҳве сарф кардам ва ба қадри насибкарди насибабахши қисоми азал баҳра бурдам ва падари азизи соҳиби тамизам умри гаронмояи худро лайлан ва наҳоран (шабу рӯз) сарфи ислоҳи ҳолу таълими ман кард ва дар ҳафтоду дуюм синни муборакаш маро ба хондани илми арабия амр карда буд».

**Муҳаммадбадеъ ибни Муҳаммадшариф Малеҳои Самарқандӣ. Музаккир-ул-асҳоб. Таҳияи К.Айнӣ, Душанбе, 1385 ҳ.ш., саҳ. 506.**

С.Айнӣ дар бораи Шавкати Бухороӣ менависад: «…падари Шавкат сарроф буда, Шавкат низ дар авоили ҳол ба саррофӣ машғулӣ дошта. Рӯзе ду савори ӯзбек дар пеши дукони ӯ бо ҳам гуфтугӯ доштанд, аспони эшон бисоти дуконро поймол карданд. Шавкат шӯрида ҳарфи нохуше зад. Сипоҳони ӯзбек ба ҳам баромада, ӯро ба дашному тозиёна азият расониданд. Шавкат ҳамон соат дил аз ёру диёр бардошта, роҳи Хуросон пеш гирифт. Ин воқеа дар аҳди ҳукумати Абдулазизхон ибни Нодирмуҳаммадхон воқеъ аст… Баъд аз он Шавкат аз Хуросон ба Исфаҳон рафтаву то охири умр (вафот 1107 ё 1111 ҳ.қ/1695 ё 1699) дар хориҷи шаҳр дар мазори Шайх Алӣ ибни Суҳайл истиқомат кардааст…»

**С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик, Душанбе, 2010, саҳ. 101.**

**Санаҳои муҳим:**

1650 – таваллуди Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ
1657 – таваллуди Фитрат дар Самарқанд
1657 – вафоти шоир Ҳоҷӣ Шоҳӣ ибни Хоҷа Абдурраҳмони Ҳисорӣ
1678 – ба сафари Хуросон ва Эрон баромадани Малеҳои Самарқандӣ
1685 – ба Бухоро рафтани Фитрат
1720 – китобати девони ашъори Мулҳами Бухороӣ

**Савол ва супориш:**

1) Дар аҳди Ҷониён (Аштархониён) кадом ҳавзаҳои адабӣ вуҷуд доштанд? 2) Дар бораи Муҳаммадбадеъ Малеҳои Самарқандӣ маълумот диҳед. 3) Дар бораи Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ чӣ медонед? 4) Ҳаёт ва эҷодиёти Мулҳами Бухороиро шарҳ диҳед. 5) Дар бораи Сайидои Насафӣ ва фаолияти эҷодии ӯ нақл кунед. 6) Боз номи кадом устодони каломи бадеи ин даврро медонед?

## § 36. РУШДИ ИЛМ

Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII бо вуҷуди нобасомониҳои сиёсӣ ва душвор шудани шароити зиндагӣ илм тоҷик ривоҷ дошта, як зумра олимон ба таълифу таснифи асарҳои илмӣ ва тадрис дар мадрасаҳо машғул буданд. Баъзе аз олимон баробари фаъолияти илмӣ ба шеъру адаб низ шуғл меварзиданд. Дар ин даврон на танҳо улуми расмии динӣ, балки илмҳои дунявӣ, монанди ҳайат, зич, ҳандаса, ҷабру муқобала, кимиё ва ғайра низ рушд меёфтанд.

Намоёнтарин олими ин давр Мулло Турсун Фароизи Самарқандӣ бо илмҳои дақиқ машғул буд. Ӯ дар соҳаи илмҳои риёзиёт, нуҷум, кимиё ва ғайра маҳорат дошт. Дар улуми динӣ, мисли фиқҳ, ҳадис ва тафсир низ соҳибфан буд. Фароизи Самарқандӣ ба мисли «Масоили ҳисобия» («Масъалаҳои ҳисоб»), «Шарҳи сироҷият-ул-ҷабрия», «Шарҳи виқоя» (оид ба фиқҳ) ва ғайра асарҳои зиёд эҷод кардааст.

Олим ва шоири намоёни ин давр Қозӣ Лутфуллоҳ Шокири Бухороӣ низ дар улуми динӣ ва дунявӣ забардаст буда, дар фиқҳу ҳадис, калому тафсир, ҳикмату ҳайат, мантиқ ва наҳву сарф маъруфи даврони худ буд. Ин олим ба фанҳои фалсафа (ҳикмат ва мантиқ) ва табиатшиносӣ низ таваҷҷуҳ дошт. Ӯ ҳамчун шоир шуҳрати бештаре пайдо кардааст. Вай дар мадрасаҳои Бухорову Самарқанд дарс мегуфт.

Дигар аз олимон ва шоирони боистеъдоди аср Миршариф Мунсифи Самарқандӣ буд. Ӯ дар мадрасаи Бухоро ба ҳандаса, нуҷум ва арқоми зич машғул шудааст.

Дар ин давр машҳуртарин олими илоҳиётшинос Мирмуҳаммадшарифи Шаҳрисабзӣ ба ҳисоб мерафт, ки мударрис ва аълами Бухоро буд ва бо тахаллуси Шариф шеър низ эҷод мекард.

Зодаи Миёнколи Бухоро Дарвешалии Чангӣ яке аз мусиқидонҳои машҳури он давр буд, ки оид ба назарияи мусиқӣ якчанд асар эҷод кардааст.

Дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII дар баробари намояндагони адабиёт ва илм таърихнависон низ кору зиндагӣ мекарданд. Яке аз таърихнигорони машҳури ин давр Маҳмуд ибни Валӣ ба шумор меравад. Асари ӯ "Баҳр-ул-асрор фи маноқиби-л-ахёр" («Баҳри асрор оид ба рафтори ашхоси накукор») ном дорад, ки он дар нимаи аввали асри XVII навишта шуда, аз ҳафт ҷилд иборат буд. Ҳар як ҷилди он дар навбати худ ба чор бахш тақсим мешуд. Ин асар масъалаҳои гуногунро дар бар гирифта, ҷилди аввали он дар бораи тасвири олам буда, ҷилди дуюми он ба масъалаҳои таърихи давраи тоисломӣ бахшида шудааст. Дар ҷилди сеюм дар бораи ҳаёти пайғамбари ислом Муҳаммад, пайдоиш ва интишори дини ислом ва ҳодисаҳои таърихии он давр маълумот додааст. Ҷилди чоруми асар дар бораи таърихи сулолаҳои Уммавиён ва Аббосиён баҳс менамояд. Дар ҷилди панҷум таърихи сулолаҳои ҳоким дар Эрон ва Мовароуннаҳр оварда шудааст. Чилди шашумро муаллиф аз таърихи ҳуҷуми муғул ба Мовароуннаҳру Хуросон оғоз карда, то давраи ҳукмронии Надирмуҳаммадхони Аштархонӣ овардааст. Ҷилди ҳафтуми асар таърихи Темуриёнро то давраи Шоҳҷаҳон дар бар гирифтааст. Ин асари машҳури Маҳмуд ибни Валӣ то ҳол пурра дастрас нест ва то замони мо баъзе қисматҳои ҷилди аввал ва шашуми он расидаанд.

Таърихнигори дигар Ҳоҷӣ Муҳаммад Салим мебошад, ки асари таърихиеро бо номи «Силсилат-ус-саломат» таълиф кардааст. Ӯ бо хонҳои Бухоро хешутаборӣ дошт, солҳои дароз дар дарбори Аштархониён ҳаёт ба сар бурд. Асари мазкур воқеаҳои таърихиро аз соли 1468 то соли 1711 дар бар гирифта, соли 1730 навишта шудааст. Чун Муҳаммадсалим аз наздикони хонҳои Бухоро буд, воқеаҳои зиёди дарборӣ, низоъҳои байниҳамдигарии хонадони сулолаи Аштархониён ва муносибатҳои онҳо бо давлатҳои ҳамсоя, махсусан, бо Эрону Ҳиндустон ва хонҳои қазоқу Хоразм, ҷабру ситам ба мардум ва ошӯбҳои халқиро бо чашми худ дидааст, онҳоро дар асараш хеле хуб баён кардааст.

Асари дигари таърихие, ки дар ин давра навишта шуд, рисолаи Муҳаммадюсуфи Муншӣ «Таърихи Муқимхонӣ» мебошад. Ин асар дар солҳои ҳукмронии набераи Субҳонқулихон – Муҳаммад Муқимхон (1702–1707) дар Балх навишта шуд. Бинобар ин муаллиф бобҳои алоҳидаи асарашро

ба масъалаҳои мухталифи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии вилояти Балх, таърихи хонҳои Бухоро, хусусан, сулолаи Аштархониён, муносибати байни Бухоро ва Балх бахшидааст.

Муҳимтарин асари таърихии ин давр «Убайдуллоҳнома»-и Мирмуҳаммадамини Бухороӣ аст, ки комилан ба давраи ҳукмронии Убайдуллоҳхон (1702 – 1711) бахшида шуда, воқеоти гуногун, аз ҷумла ислоҳоти пулиро, ки боиси норозигии мардум дар Бухоро ва сар задани шӯриш гардид, дар бар гирифтааст.

Асари арзишманди дигаре, ки дар ин давра таълиф ёфт, «Таърихи Абулфайзхон» мебошад. Муаллифи асар Абдурраҳмони Толеъ воқеаҳои таърихиро дар бораи вазъи сиёсӣ ва иқтисодии хонии Бухоро дар давраи ҳукмронии Абулфайзхон (1711 – 1747) тасвир кардааст.

Яке аз таърихнигорони маъруфи ин замон муаллифи «Таърихи Қипчоқхонӣ» Хӯҷамқулбеки Балхӣ буд. Асари ӯ сарчашмаи таърихии судманд ба шумор меравад, зеро муаллифи он шоҳиди воқеаҳои тасвиркарда дар асараш мебошад.

Дар ин давра як қатор таърихнигорони дигар, ба мисли Мулло Шарафиддини Самарқандӣ, Муҳаммадрафеи Ансорӣ, Мирзо Сомӣ, Авазбеки Балхӣ, Муҳаммадсалоҳи Балхӣ ва дигарон зиндагӣ мекарданд, ки дар бораи таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ин замон асарҳои муҳимми таърихӣ эҷод намудаанд.

**Сарчашма**:

Маълумот дар бораи олим ва таърихнигор Маҳмуд ибни Валӣ: Маҳмуд ибни Валӣ соли 1595 – 1596 дар шаҳри Косони вилояти Фарғона таваллуд ёфтааст. Баъдтар хонаводаи онҳо ба Балх мекӯчад. Соли 1624 – 25 ӯ аз Балх ба сафар баромада, ба Кобул, Пешовар, Лоҳур, Деҳлӣ, Агра, Калкутта, Бирма ва дигар шаҳру мамлакатҳо меравад. Ҳангоми дар Агра буданаш ӯро ҳокими Ҳиндустон Шоҳҷаҳон қабул намуда буд. Соли 1631 ба Балх бармегардад ва дар китобхонаи ҳокими Балх Надирмуҳаммадхон ҳамчун китобдор ба кор даромада, ба навиштани асарҳои илмию адабӣ машғул мегардад.

Асари муҳимми таърихие, ки ӯро машҳури олам намудааст «Баҳр-ул-асрор фи манокиби-л-ахёр» («Баҳри асрор оид ба рафтори ашхоси накукор») ном дорад, ки соли 1634 бо амри хони Балх Надирмуҳаммадхон ба навиштани он шурӯъ намуда, баъди соли 1640 – 1641 онро ба охир расондааст. Ба қавли худи муаллиф ин асар аз муқаддима, хулоса ва ҳафт китоб иборат буда, ҳар китоби он дорои чор рукн буд (аз чор қисм иборат буд). Ин асар аз рӯйи мазмун масъалаҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, космографӣ (тасвири олам), ситорашиносӣ ва ғайраро дар бар гирифта, бо забони тоҷикӣ навишта шудааст. Мутаассифона, ин асар то ҳол пурра дастрас нест.

Маҳмуд ибни Валӣ дар соҳаи адабиёт ҳам табъозмоӣ намуда, як қатор асарҳо офаридааст. Ба қалами ӯ асарҳои адабии «Хамса», ки дар пайравии Низомии Ганҷавӣ навиштааст, рисолаҳои «Равоиҳи тайиба» («Накҳати (бӯйи) хуш»), «Гулкада», «Баҳория», девони ашъори дорои зиёда аз 25 ҳазор байт ва ғайра тааллуқ доранд, ки то ҳол ба мо дастрас нашудаанд.

**Маҳмуд ибни Валӣ. Бахр-ул-асрор фи маноқиби-л-ахёр. Дастхати китобхонаи Индиа Оффиси Англия, № 575, варақҳои 389 а – 398 а.**

Маълумоти академик А.А.Семёнов дар бораи мусиқидон Дарвешалии Чангӣ: «Дарвешалии Чангӣ аслан аз мардуми Миёнколи Бухоро буда, дар хонаводаи навозанда, ҳофиз ва шоир ба дунё омадааст. Аз хурдӣ ба мусиқӣ шавқ пайдо карда, навохтани қонун, най, уд ғижжак, рӯҳафзо ва чангро дар назди мусиқидонони машҳури он давр омӯхтааст ва дар чангнавозӣ шуҳрат ёфт. Пас аз маъруф гаштан, ба дарбори Имомқулихони Аштархонӣ (1611 – 1642) роҳ ёфта, Чангии Хоқонӣ лақаб гирифт. Дарвешалии Чангӣ дар оҳангсозӣ низ шуҳрат дошт. Ӯ оид ба назарияи мусиқӣ чандин китобу рисола навиштааст, ки машҳуртарини онҳо «Туҳфат-ус-сурур» мебошад. Дарвешалии Чангӣ таърихи мусиқиро хуб медонист. Вай хабар медиҳад, ки дар замони ӯ адади мақомҳо 12-то бошанд ҳам, дар аввал танҳо ҳафт мақом будааст. Дарвешалии Чангӣ аз бузургтарин муҳаққиқони созҳои мусиқии мардуми тоҷик ва халқҳои дигари Осиёи Марказӣ буд. Осори Дарвешалии Чангӣ барои омӯхтани «Шашмақом» аҳамияти калон дорад».

**Семёнов А.А. Средневековый трактат по музыке Дарвиш-Али (XVII в.). Ташкент, 1946.**

## Санаҳои муҳим:

1730–навишта шудани асари Ҳоҷӣ Муҳаммад Салим «Силсилат-ус-саломат»

## Савол ва супориш:

1) Асарҳои Мулло Турсун Фароизи Самарқандиро баён кунед. 2) Кадом олимони маъруфи ин даврро медонед? 3) Дар бораи таърихнигор Ҳоҷӣ Муҳаммад Салим маълумот диҳед. 4) «Таърихи Муқимхонӣ» ба қалами кадом муаллиф тааллуқ дорад? 5) Муаррихони дигари машҳури ин давр ва асарҳои онҳоро номбар кунед.

# МАВЗӮИ XIII

# ВАЗЪИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ХОНИ ХӮҚАНД ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XVIII

## § 37. ОҒОЗИ ҲУКМРОНИИ СУЛОЛАИ МАНҒИТИЯ

Баъд аз кушта шудани Нодиршоҳи Афшор (соли 1747) дар Эрон давлати бузурги ташкилкардаи ӯ рӯ ба завол ниҳод. Пас аз он Муҳаммадраҳимбий бо дастгирии ашроф ва рӯҳониён соли 1753 ба тахти хонии Бухоро нишаст, вале ӯ ҷуръат намекард, ки унвони хониро ба номи худ ҳамроҳ кунад, зеро ӯ аз хонадони чингизиён набуд. Аз оғози ҳукронии муғулҳо дар Мовароуннаҳр танҳо намояндагони ин хонадон ҳуқуқ доштанд, ки унвони хониро соҳиб шаванд. Барои қонунӣ кардани ҳокимияти худ Муҳаммадраҳимбий хони дастнишонда, писари хурдсоли Абулфайзхон–Абулмуъминхонро ба тахт нишонд. Дере нагузашта ӯ духтари худро ба Абдулмуъминхон ба занӣ дод, аммо пас аз як сол ӯро ба қатл расонид. Ҳамин тариқ, соли 1753 Муҳаммадраҳимбий дар Бухоро ба силсилаи хонадони Манғитиён асос гузошта, худро хон эълон намуд.

Дар ин солҳо ҳар як ҳокимони мулкҳои алоҳида аз заифшавии ҳокимияти марказӣ ва иваз шудани сулолаҳо дар Бухоро истифода бурда, мекӯшиданд мустақил шаванд. Бинобар он, Муҳаммадраҳимхон барои нерӯманд кардани ҳукумати марказӣ, мухолифати ҳокимони маҳаллиро то дараҷае аз байн бурда, ҳокимияти худро устувор намуд. Ӯ ба ҷудоихоҳии ҳокимони шаҳру вилоятҳо, ки дар итоати хони Бухоро буданд, мехост хотима бахшад. Бинобар он Муҳаммадраҳимхон неруи ҳарбии мамлакатро тақвият дода, дар ҳар вилояти тобеи Бухоро ҳокимони мавриди эътимоди худро таъйин мекард. Масалан, Самарқандро забт карда, ҳокимияти онро ба бародари худ супурд. Дар Шаҳрисабз, Тошканд ва дигар шаҳру вилоятҳо низ шахсони боэътимоди худро ба сари кор овард. Барои расидан ба мақсади асосии худ вай лашкари неруманде ташкил намуда, исёни қабилаҳои ӯзбекро, ки дар Миёнкол ба вуқӯъ омада буд, пахш намуд. Замини қабилаҳои етируғ ва баҳранро мусодира намуда, сокинонашро ба наздикии шаҳри Бухоро кӯчонид, то ки онҳо доим зери назорати ҳукумати хонӣ бошанд.

Баъди ин Муҳаммадраҳимхон хост ноҳияҳои Ургут, Панҷакент ва Ӯротеппаро ба зери итоати худ биоварад. Баъди ҷангҳои пуршиддат ӯ тавонист танҳо Ургутро тобеи худ гардонад, аммо мубориза барои ба даст овардани Ӯротеппа тӯл кашида, бе натиҷа анҷом ёфт.

**Мубориза барои ишғоли Ӯротеппа.** Ҳокими Ӯротеппа Фозилбийи юз писари Содиқбий хонҳои Бухороро ба ташвиш гузошт. Ба сифати сарвари қабилаи юз ӯ ба муқобили Нодиршоҳ низ бархоста буд. Баъд аз ду соли қатли Нодиршоҳ Фозилбий ҳокими Ӯротеппа шуда, бар зидди Хӯқанду Бухоро муқовимат кард. Хони Бухоро Муҳаммадраҳимхон дар мубориза ба муқобили ҳокими Ӯротеппа заъфи худро эҳсос намуда, бо хони Хӯқанд Ирдонабий (1751 – 1770), сарварони қабилаи қипчоқ ва ҳокими Қаршӣ иттиҳод баста, соли 1754 ба ҷониби Ӯротеппа лашкар кашид. Дар чунин ҳолат Фозилбий бо лашкари Ӯротеппа ба муқобили иттиҳоди дар боло зикршуда мубориза карда наметавонист. Бинобар ин ӯ ба хешованд ва ҳамқабилаи худ, ҳокими Ҳисор Муҳаммадаминбийи юз мурочиат намуда, имдод талабид. Ҳашт ҳазор лашкари Ҳисор ба воситаи дараи Қаратоғ, ба сардии ҳаво ва барфпӯш будани ағбаи мушкилгузар нигоҳ накарда, ба ёрии Фозилбий рафтанд.

Барои хони Бухорою Хӯқанд ва дигар муттаҳидони онҳо дар фасли сарди зимистон зери деворҳои қалъа ҳозир шудани Муҳаммадамини юз бо лашкараш ғайричашмдошт буд. Хонҳои Бухорову Хӯқанд дарк карданд, ки омадани Муҳаммадамини юз ба Ӯротеппа барои онҳо оқибати хуб надорад.

18 майи соли 1754 задухӯрди аввал сурат гирифт. Лашкари Ӯротеппа мавқеъи хуб интихоб карда, байни ғору сойҳо ҷойгир шуда буданд, ки ин ҷойҳоро фақат аҳолии маҳаллӣ медонист. Ин буд, ки лашкари Ӯротеппа дар айни авҷи задухӯрд аз ҷойҳои панаҳёфта ногаҳон ба душман ҳамла карда, онро ба танг оварданд. Хони Бухоро мебоист чораҳои фаврӣ меандешид. Бинобар ин, Муҳаммадраҳимхон лашкари Бухороро бар зидди лашкари Ҳисор фиристода, эълон кард, ки ҳар касе сари буридаи душманро оварад, номи ӯро ба тӯмори махсус навишта, баъдтар туҳфа медиҳанд. Хони Хӯқанд низ ба шахсони дар ҷанг шуҷоат нишондода, инъому туҳфаҳо медод, вале ҳамаи ин тадбирҳо хони Бухороро қаноатманд накард. Ӯ медонист, ки бо чунин чораҳо ғалаба ба даст овардан аз имкон берун аст. Бинобар он ӯ ба Насаф (Қаршӣ), Яккабоғ ва Шаҳрисабз намояндагони худро фиристода, лашкари он ҷойҳоро ба назди худ даъват кард. Аз ин нақша ҳокими Ӯротеппа ва Ҳисор огоҳ гаштанд. Муҳаммадамини юз роҳи осони ғалабаро ҷуста, чорае андешид. Ӯ ду мактуб, яке ба номи хони Бухоро ва дигаре ба номи хони Хӯқанд менависад. Ба хони Хӯқанд, Ирдонабий аз номи Фозилбий менависад, ки мо бо ҳам ҳамсоя ва хешутаборем, бинобар ин набояд бо ҳамдигар ҷангем ва хони Бухоро набояд дӯстии моро барҳам занад.

Дар мактуби хони Бухоро навишта буд, ки ба шумо 92 қабилаи ӯзбекияи Мовароуннаҳр мутеъ аст. Мо низ тобеи шумо мешавем. Мактуби ба номи хони Бухоро навиштаро ба Ирдонабий ва мактуби ба ӯ навиштаро ба Муҳаммадраҳимхон мерасонанд. Баъди расонидани мактубҳо ҳар ду тараф (Бухоро ва Хӯқанд) иродаи ҷанг наменамоянд ва лашкари Бухоро ақиб менишинад. Лашкари Хӯқанд бошад, ба сӯйи Хуҷанд ҳаракат мекунад. Нисбат ба бухориҳо хӯқандиҳо камаслиҳа ва кампӯшок буданд. Бинобар он, лашкари Ӯротеппаву Ҳисор хӯқандиёнро таъқиб менамоянд, ки то расидан ба Хуҷанд лашкари Хӯқанд талафоти зиёде медиҳад. Сарбозони зиёде аз онҳо кушта ва асир мешаванд. Аз каллаи сарбозони Хӯқанд дар соҳили дарёи Оқсу калламанора месозанд. Асирони хӯқандиро ба Ӯротеппа оварда, ба қатл мерасонанд ва аз сари онҳо калламанори дуюм бардошта мешавад.

Муҳаммадаминбийи юз баъд аз чанде аз Ӯротеппа ба воситаи Киштути Панҷакент ба ҷониби Ҳисор баргашт. Дар Такоби Киштут ӯ Малик Мизробро, ки ҳокими мулки Фон буд, бо дувоздаҳ нафар ақрабояш ба қатл расонид. Ба ин восита Муҳаммадамин хунбаҳои қозӣ Ҳусейни Мираконӣ–ҳокими Фалғарро, ки соли 1743 Малик Мизроб ӯро кушта буд, гирифт. Дар Киштут Мӯсобий, писари Аллоҳёрбий ҳоким таъйин шуд.

Ғалабаи соли 1754 бар лашкари Бухорову Хӯқанд истиқлолияти Ӯротеппаро ним аср, яъне то охири асри XVIII таъмин намуд.

**Сарчашма:**

Маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи ба Хӯқанд омадани ҳокими Ӯротеппа Фозилбий: «Чун мардуми Хитой аз кори саёдатпаноҳон хотири нопоки худро ҷамъ намуданд, сипоҳи қалмиқро ба ҷониби мулки Фарғона фиристоданд ва эшон бисёри вилоятро мусаххар (забт) намуда, вилояти Хӯқандро муҳосира намуданд. Ва Абдукаримбий миёнро аз сад ҷо баста, бо он кофирони нопок ҳар рӯз ғазо мекард. Муҳосира ба тӯл кашид.

Дар он овон Фозилбий ибни Содиқбийи юз дар Ӯротеппа ҳукумат мекард ва ӯ фарзандхонди Абдукаримбий мебуд. Дар он вақт умраш ба бист сол буд. Чун ин хабарро шунид, ба таъҷили тамом мутаваҷҷеҳи Хӯқанд шуд. Баъд аз қатъи манозил худро ба Хӯқанд расонид. Ба давлати ғазо мушарраф гардид. Аз омадани он аморатпаноҳ Абдукаримбий бисёр шодиҳо намуд ва қадами он аморатпаноҳро муборак دониста, ба меҳмондории ӯ пардохт. Баъд аз чанд рӯз лашкари қалмоқ бисёр ба танг омада, мамлакати Хӯқандро во гузошта, мутаваҷҷеҳи диёри худ шуданд ва мардуми аҳли ислом таоқуб намуда, тороҷ мекарданд. Гӯянд мубориватпаноҳӣ Шермуҳаммад ном

баҳодур Фозил дар ҳамон ҷанги куффор ба як рӯз навад қалмоқро халонида буд. Ҷаноби эшони Султонхон мегуфтанд, ки аз забони худи Шермуҳаммад баҳодур ин суханро борҳо шунидем. Абдукаримбий аз кор халос ёфт ва Фозил ба обрӯйи тамом рухсати иҷозат фармуд».

**Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих. Китоби 2. Таҳиягар, муаллифи муқаддима ва таълиқот ва феҳристҳо А. Мухторов. Душанбе, 1985, саҳ. 378 – 379.**

**Санаҳои муҳим:**

1743 – кушта шудани ҳокими Фалғар қозӣ Ҳусейни Мираконӣ аз ҷониби Малик Мизроб
1747 – кушта шудани Нодиршоҳ
1753 – ба тахти Бухоро нишастани Муҳаммадраҳимхон
1754 – лашкаркашии Муҳаммадраҳимхон ба ҷониби Ӯротеппа

**Савол ва супориш:**

1) Ба тахти хонии Бухоро нишастани Муҳаммадраҳимхонро шарҳ диҳед. 2) Чаро Муҳаммадраҳимбий ҷуръат накард, ки унвони хониро қабул намояд? 3) Дар бораи тадбирҳои Муҳаммадраҳимхон оид ба неруманд гардонидани ҳукумати марказӣ маълумот диҳед. 4) Мубориза Муҳаммадраҳимхон ва хони Хӯқандро барои ишғоли Ӯротеппа нақл кунед. 5) Мазмуни мактуби Муҳаммадамини юзро ба хонҳои Бухоро ва Хӯқанд шарҳ диҳед. 6) Натиҷаи муборизаи хонҳои Бухорову Хӯқанд барои ишғоли Ӯротеппа бо чӣ анҷом ёфт?

## § 38. ЗАБТИ ҲИСОР ВА АМАЛИЁТИ ҲОКИМОНИ ӮРОТЕППА

**Забти Ҳисор.** Муҳаммадаминбийи юз дар баробари марди ҷасур ва сипоҳӣ будан, бо хунхорӣ низ ном бароварда буд. Шахсони зиёд аз ӯ тарсида, норизо гашта, аз вилоят фирор менамуданд. Ҳатто баъзе ноҳияҳо аз тасарруфи беки мазкур баромада, ба тобеияти Бухоро гузаштанд. Ба нокомӣ анҷом ёфтани нақшаи хони Бухоро барои ишғоли Ӯротеппа ва иштироки ҳокими Ҳисор Муҳаммадаминбий дар он корзор, ки норозигии хони Бухороро ба вуҷуд овард, Муҳаммадраҳимхонро водор намуд, ки нақшаи чандинсолаи худро амалӣ гардонад. Ин буд, ки хони Бухоро солҳои 1757 – 1758 ба сӯйи Ҳисор ду маротиба лашкар кашида, баъди ҷангҳои шадид ин сарзаминро ишғол кард. Ҳокими он Муҳаммадаминбийи юз асир афтод ва ӯро дар сари бозори Ҳисор ба дастури хони Бухоро ба дор овехтанд.

Чун Ҳисор ва вилоятҳои атрофи он барои хони Бухоро аҳамияти муҳим доштанд ва ҳокимони ин маҳалҳо доимо

саркашӣ мекарданд, бинобар ин дар Ҳисор истеҳкомоти нав сохта шуд. Муҳаммадраҳимхон амаки худ Дониёлбийро ҳокими Ҳисор ва вилоятҳои Кӯҳистон таъйин намуд. Бо ин ғалабааш Муҳаммадраҳимхон дар Ҳисор, Қубодиён, Қундуз ҳокимияташро татбиқ кард ва вилояти Балх ва мулкҳои он – Кӯлоб ва Бадахшон низ тобеи Дониёлбий шуданд.

**Амалиёти ҳокимони Ӯротеппа.** Баъд аз қатли ҳокими Ҳисор Муҳаммадаминбий ҳокими Ӯротеппа Фозилбий дар қасди қотилони хешованд ва муттаҳиди худ, Муҳаммадаминбий мешавад. Барои иҷрои ин мақсад ӯ мавриди мувофиқ меҷуст. Чунин фурсат баъд аз вафоти Муҳаммадраҳимхон (1758) фаро расид, Фозилбий ба сӯйи Самарқанд, ки бародари Муҳаммадраҳимхон – Баротбек султон ҳокими он буд, лашкар кашид. Баъд аз ишғоли шаҳр Фозилбий Баротбекро ба қасоси марги ҳокими Ҳисор ба қатл расонид.

Фозилбий барои ишғоли пойтахти хонигарӣ–шаҳри Бухоро лашкаркашии худро идома дод. Ӯ Хатирчӣ, Кармина ва Каттақӯрғонро ба даст овард. Ҳамон сол дар музофоти кӯҳистонии хонии Бухоро пораи кӯҳи бузурге пойин омада, пеши оби дарёи Зарафшонро баст. Дере нагузашта дарёи Зарафшон ин сарбандро пора кард ва Зарафшон ба як дарёи азиме мубаддал гашта, ҳарчи ки дар наздикиҳои соҳили он буд, бо худ мебурд, аз ҷумла як қисми лашкари Фозилбий низ дар мавҷи пурталотуми ин дарё ғарқ шуданд. Натиҷаи ин офати табииро ӯ «аз ғайб» пиндошта, «ҷазои илоҳӣ» шумурд ва лашкарашро ба шаҳри Самарқанд баргардонид.

Аз ин ақибнишинӣ истифода намуда, хони Бухоро Дониёл аталиқ Қаршӣ, Нурато ва Миёнколотро ба тасарруфи худ даровардa, ба муҳосираи Самарқанд омода гашт. Набарде, ки тайи 50 рӯз идома ёфт, натиҷае набахшид ва лашкари хон ба Бухоро баргашт. Аммо ҳокими Самарқанд Бобобий писари Фозилбий бе ҷанг шаҳрро ба хони Бухоро таслим кард ва Фозилбий бошад, ба Бухоро, барои зиёрати ҷойҳои муқаддаси он рафта, баъди чанд муддате ба шаҳри Ӯротеппа баргашт.

Дар замони ҳукмронии Фозилбий ва писари калонии ӯ, Худоёр девонбегӣ ҳудуди мулки Ӯротеппа дар қисмати шарқ – Нов, Хуҷанд ва Маҳрами Конибодомро дар бар гирифта, аз Хоҷабоқирғонсой мегузашт. Дар самти шимол ва шарқу шимол – Сирдарё сарҳади ин мулк буда, Бекобод ва Ховасро фаро мегирифт. Дар қисмати ғарб мулки мазкур ба Самарқанд ҳамсарҳад шуда, шаҳрҳои Ҷиззах, Ём, Пишоғар ва Зоминро зери ҳукмронии хеш нигоҳ медошт. Сарҳади ҷанубии мулки Ӯротеппа то қаторкӯҳи Ҳисор расида, Мастчоҳу Фалғар, Фону Киштут ва Панҷакентро фаро гирифт.

Дар нимаи дуюми асри XVIII, дар замони ҳукмронии Фозилбий мулки Ӯротеппа мулки мустақил буда, ончунон неруеро соҳиб буд, ки ба муқобили лашкари Хӯқанду Бухоро муқовимат карда тавонист.

**Сарчашма**:

Маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи лашкаркашии Муҳаммадраҳимхон ва Ирдонабий ба Ӯротеппа: «Дар он аср дар Бухоро Раҳимхони манғит ҳукумат мекард ва ӯ Ирдонабийро фарзанд хонда буд. Дар Ӯротеппа Фозилбий ибни Содиқбий ҳукумат мекард. Чун Раҳимхон лашкар ба ҷониби Ӯротеппа кашид ва Ирдонабий низ дар ҳаракат омада, ҳар ду соҳибдавлат баъд аз қатъи роҳ дар мавзеи Ём рӯй диданд. Бо иттифоқи якдигар Ӯротеппаро муҳосира намуда, ҳар кадом ба мақари худ мурочиат намуданд. Лашкари Ирдонабий ба офати беморӣ ба боди сахт дучор афтод ва аз пушти эшон мардуми юз таоқуб намуда, аксарро гирифта, калламанора сохтанд. Ирдонабий бо чандин машаққат ва меҳнат худро ба Хӯқанд расонид ва шабу рӯз дар тадоруки ин кор буд. Баъд аз чандин вақт бо лашкари анбӯҳ мутаваҷҷеҳи мамлакати Ӯротеппа гашт. Баъд аз қатъи роҳ наздики он балда расид. Ин хабарро Фозилбий шунид. Бе тааммул бо лашкари бисёр истиқбол намуда, ба хотири ӯ чунон расид ин ҳамон ош дар коса аст. Надонист, ки чинӣ ҳар рӯз намешиканад, ба рӯзе мешиканад, ба ҳукми он ки:

Душман чу бинӣ нотавон лоф бар вуҷудат мазан,
Мағзест дар ҳар устухон, мардест дар ҳар пираҳан.

Ва чун ҳар ду дарёи лашкар дар мавзеи Оқсу ба ҳам даровехтанд, чунон ҷанге шуд, ки хоки майдон аз хуни ялон (ҷасурон) арғувонӣ (сурх) гардид. Баъд аз муҳориботи бисёр кавкаби зафар аз ҷониби Ирдонабий тулӯъ намуд, ситораи Фозилбий дар ҳубут (нишебӣ) афтод. Сипоҳи юз рӯй ба ҳазимат овард (шикаст хӯрд) ва лашкари минг таоқуб намуда, ба қатл мерасониданд ва пораеро асир мекарданд. Дар он рӯз Ирдонабий ба дасти худ ҳаждаҳ кас аз бузургони юзро ба қатл расонид. Дар он вақт аз дасташ шамшер хато афтода, ба сари асп хӯрд ва нисфи сари аспро қалам кард. Баъд ихтиёри ин корро накард ва аз он маҳлакаи (ҳалокатгоҳи) пурбим Фозилбий бо чандин меҳнат ва машаққат худро ба соҳили наҷот расонид. Асироне, ки ҷамъ омада буданд, ҳамаро ҳукм намуда, ба қатл расонанд, калламанора созанд. Мисли гӯсфанди бечора... сар мебуриданд ва аз хуни мусулмонон дарёи Оқсу дарёи Сурхоб гашт. Аз сари юзон мингони минг юзкалламанора чи ки каллакӯҳ сохтанд».

**Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих. Китоби 2. Таҳиягар, муаллифи муқаддима ва таълиқот ва феҳристҳо А. Мухторов. Душанбе, 1985, саҳ. 380 – 382.**

**Санаҳои муҳим:**

1757 – 1758 – забти мулки Ҳисор аз ҷониби Муҳаммадраҳимхон
1758 – вафоти Муҳаммадраҳимхон

**Савол ва супориш:**

1) Дар бораи лашкаркашиҳои Муҳаммадраҳимхон ба сӯйи Ҳисор нақл кунед. 2) Ҳокими Ҳисор таъйин шудани Дониёлбиро шарҳ диҳед. 3) Муборизаи ҳокими Ӯротеппа Фозилбийро барои ишғоли Самарқанд маънидод кунед. 4) Чаро Фозилбий аз ишғоли Бухоро даст кашид? 5) Дар бораи қаламрави мулки Ӯротеппа ҳангоми ҳукмронии Фозилбий ва писари ӯ Худоёр маълумот диҳед.

## § 39. ҲУКМРОНИИ ДОНИЁЛ АТОЛИҚ. ТАДБИРҲОИ ШОҲМУРОД БАРОИ МУСТАҲКАМ КАРДАНИ АМОРАТИ БУХОРО

**Ба сари ҳокимият омадани Дониёлбий атолиқ.** Баъд аз марги Муҳаммадраҳимхон, соли 1758 дар Бухоро шӯриш сар зад. Шӯришиён молу амволи сарватмандонро ғорат карда, хонаи онҳоро оташ мезаданд. Сабаби шӯриш ҷорӣ намудани андозҳои наву вазнин буд, аммо шӯриш ба хун оғушта гардид. Дар чунин шароити вазнин Дониёлбий атолиқ ҳукуматро ба дасти худ гирифт, лекин вай тахти хониро қабул накарда, Абдулғозӣ ном набераи Абулфайзхонро расман ба тахти Бухоро нишонид ва худаш маъмури вазифаи атолиқӣ гардид.

Дар солҳои ҳукмронии Дониёлбийи атолиқ (1758–1785) парокандагии ҳокимият ва маҳдудшавии ҳудуди хонии Бухоро ба амал омад. Вилояти Балх истиқлолият ба даст овард ва мулки Ӯротеппа низ истиқлолияти худро нигоҳ медошт. Ташаккули ҳукумати хонии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII ба анҷом мерасид.

Баъд аз ба Бухоро баргаштани Атолиқбий мулки Ҳисор боз мустақил гардид. Қаротегин ва Дарвоз мулкҳои мустақил буданд. Мулкҳои хурди дигар – Рӯшон, Шуғнон, Вахон танҳо ҳудуди як ё ду водиро ишғол мекарданд. Дар байни ҳокимони Ҳисор, Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвоз аксар вақт ҷангҳои дохилӣ ба вуқӯъ меомад. Масалан, яке аз ҷангҳои хунин байни Дарвоз ва Қаротегин соли 1790 дар ҳудуди деҳаи Муҷихарфи ноҳияи Нурободи имрӯза ба амал омад. Дар чунин шароити вазнин хони Хева ва подшоҳи Афғонистон ба Бухоро ҳуҷум оварданд. Ба Дониёлбий ва писари ӯ Шоҳмурод (1785 – 1800) лозим омад, ки таҳдидҳои ба сари хонигарӣ омадаро бартараф намоянд. Онҳо

бояд ҳокимияти худро ба сарзаминҳои бекигариҳои саркаш барқарор намуда, хонии Бухороро аз вазъияти вазнини буҳрони сиёсӣ мебаровfarданд.

Соли 1770 ба Дониёлбийи атолиқ муяссар гашт, ки Қаршӣ, Шаҳрисабз ва Ҳисорро ба худ тобеъ кунад, вале ин пирӯзӣ дер давом накард. Баъди вафоти Дониёлбийи атолиқ дар ҳама гӯшаю канори хонии Бухоро мубориза и ҳокимони хурд барои баромадан аз ҳайати хонигарӣ сар шуд. Ин истиқлолхоҳии ҳокимони вилоятҳо бо муборизаи мардум ба муқобили худсариҳо ва фишори ҳокимон дар як вақт давом дошт. Махсусан, дар маркази хонигарӣ – шаҳри Бухоро шӯриши калон ба амал омад. Норозигии оммаи халқ тамоми аморати Бухороро фаро гирифт.

**Чорабиниҳои Шоҳмурод барои мустаҳкам кардани аморат.** Пас аз вафоти Дониёлбийи атолиқ валиаҳди ӯ Шоҳмурод соли 1785 ба тахти Бухоро нишаст. Дар ин сол косаи сабри аҳолии Бухоро лабрез шуда, онҳо шӯриш бардоштанд. Дар ин шӯриш беш аз ҳазор нафар кушта шуд. Муборизаи халқ вусъат пайдо мекард ва Шоҳмурод маҷбур шуд, то савганд хӯрад, ки аҳолии Бухороро аз ҷабру зулм ва хироҷу андозҳои аз ҳад зиёд озод хоҳад кард. Формони ӯро ба рӯйи санг сабт намуда, дар пештоқи масҷиди ҷомеи Бухоро гузоштанд.

Аҳди салтанати Шоҳмурод (1785–1800) дар таърихи сулолаи Манғития давраи нисбатан устувор гардидани ҳокимият ба шумор меравад. Ӯ аз унвони хонӣ даст кашида, худро амир эълон кард. Ин чунин маъно дошт, ки вай ҳокими танҳо як пораи давлати мусулмонӣ, яъне танҳо хонигарии Бухоро мебошад. Аз ин давра сар карда, хонии Бухоро ба худ номи «аморати Бухоро»-ро гирифт.

Шоҳмурод ба мақсади бартараф намудани норизоятии умумӣ баъзе ислоҳот гузаронид. Вай танҳо андозҳои шаръӣ, монанди хироҷ ва закотро боқӣ гузошта, дигар ҳамаи молиёт, боҷ ва ҷаримаҳоро барҳам дод, лекин ба ивази ин ҷизя – андози аз мардуми ғайримусулмон ситонидашавандаро хеле зиёд кард. Ба аскарон моҳона муқаррар намуд. Бисёр заминҳои вақфро, ки хонҳои собиқ мусодира карда буданд, дубора барқарор кард. Ӯ ислоҳоти пул гузаронид, ки ба ривоҷу равнақи тиҷорат мусоидат намуд.

Шоҳмурод бо мақсади афзудани иқтидори ҳокимияти марказӣ ҳокими вилоятҳоро аз кор барканор карда, ҳокимони нав таъйин намуд. Муқобилати ҳокимони ҷудогона дарҳам шикаста шуд. Ҳатто саркаштарини онҳо назди ӯ сари итоат хам карданд, ки яке аз онҳо ҳокими Шаҳрисабз Ниёзалӣ буд.

Амири Бухоро ба ҳар шаҳру деҳа қозӣ таъйин карданро ҷорӣ намуд. Умури маҳкамаро низ як дараҷа ба тартиб овард. Шоҳмурод рисолае роҷеъ ба ҳуқуқ таълиф намуд, ки барои қозиҳо ҳамчун дастуруламал хизмат мекард. Дар он замон қонуне ҷорӣ гардид, ки мувофиқи он агар касе нисбат ба моликият ҷинояте содир кунад, сарфи назар аз мақоми ҷамъиятии ӯ, ба сахттарин ҷазо гирифтор мешуд. Чунин тадбир ба манфиати табақаҳои гуногуни аҳолӣ буд, зеро он то як андозае пеши роҳи ғорату тороҷҳои аз ҳад зиёдро гирифт. Ҳама медонистанд, ки барои роҳзанӣ ва дуздӣ дасти рости шахсро мебуранд ва аз ин рӯ ба ин кор ҷуръат намекарданд. Шоҳмурод барои муҳофизати расму оин мансаби раисиро ҷорӣ сохт, ки ӯ мебоист иҷрои тамоми фармудаҳои шариатро назорат мекард.

Мустаҳкам шудани ҳокимияти марказӣ боиси таъмини амнияти роҳҳо гардид ва ин дар баробари ислоҳоти пул барои равнақи тиҷорат заминаи мусоид фароҳам овард. Кишоварзӣ дубора рӯ ба инкишоф овард. Наҳрҳои нави обёрӣ канда шуданд. Дар натиҷаи пешрафти корҳои обёрӣ ба зиндагонии муқимӣ гузаштани тоифаҳои бодиянишин дар заминҳои навобод бештар гардид. Дар боби афзудани нуфуси ноҳияҳои камодам чораҳо меандешиданд. Яке аз ин чораҳо аз як ноҳия ба ноҳияи дигар кӯчонидани аҳолӣ буд. Аксар вақт ин тадбир бар хилофи хоҳиши одамон сурат мегирифт.

Баъд аз каме беҳтар гаштани вазъияти дохилии аморат, Шоҳмурод ҷангҳои ғоратгаронаро оғоз кард. Ӯ чанд маротиба ба Хуросон лашкар кашид ва бисёр маҳалҳои онро тороҷу хароб намуд. Дар ин лашкаркашиҳо ҳар каси қобили меҳнатро аз аҳолии Хуросон асир карда, ба Бухоро меовард. Ба ин восита бозори ғуломфурӯшии Бухоро хеле авҷ гирифт.

Дар охирҳои асри XVIII Шоҳмурод дубора Марвро ишғол кард. Пас аз чанде вай ба муқобили бародари худ Умарбий, ки дар Марв ҳоким буд ва барои ҷудо шудан аз Бухоро кӯшиш мекард, мубориза бурда, сарбанди дарёи Марғобро вайрон намуд, ки дар натиҷа сокинони ин водӣ бе об монданд. Шоҳмурод қисмати зиёди аҳолии ин воҳаро ба Самарқанду Бухоро кӯчонида, дар таъмири харобаҳое, ки аз ҷангҳои собиқ ба амал омада буданд, истифода бурд. Вилояти Марв ба харобазор табдил ёфт. Ӯ мекӯшид, ки мулкҳои саркаше чун Ҳисор ва Ӯротеппаро ба худ тобеъ кунад, аммо дар ин роҳ натиҷе ба даст наовард. Ба ҳангоми лашкаркашӣ аҳолии қобили меҳнати атрофи Хуҷанд, Ӯротеппа, Зомин ва Ёмро иҷборан ба Самарқанд бурда, дар сохтмони биноҳо ва иншооти обёрӣ истифода мебурд. Маҳз бо қувваи ин одамон дар Самарқанд 24 масҷид ва дигар иморатҳои гуногун сохта шуданд.

Ҷанги Шоҳмурод бо подшоҳи Афғонистон, ки муттаҳиди ҳокими Ӯротеппа Худоёрбий девонбегӣ буд, ба нокомӣ анҷомид.

**Сарчашма**:

Маълумоти Аҳмади Дониш дар бораи харобии назми аморат дар замони амир Дониёл: «Бидон, ки дар айёми ҳукумати амир Дониёл (1758–1785) ба доруламорати Бухоро хеле тафовути фоҳиш (ошкор) дар умури миллатӣ воқеъ шуда, аксар мадрасаҳо ва масоҷид аз дарсу намоз таътил ёфта, ҳуҷраоти мадорис коххонаи хари обкашу ғалладони баққол шуда, ба сабаби он, ки мардуми ӯзбек (сулолаи хонадони манғитияро номидааст) дар умури давлатӣ тадохул ёфта, ҷиҳати безабтии салтанат шуда, ҳарчи аз ҳар ҷо ёфтаанд, мутасаррифу молик (соҳиб) шуда, шӯъла аз чароғи бевазан ва нон аз анбори ӯ қоқ дуздида, ба масрафи шикаму харҷи худ мерасониданд ва касеро маҷоли бозхост набуд ва бозори хамр (майнӯшӣ), қимор ва фисқу фасод бисёр роиҷу гарм буда, дар миёни умаро ва ҳукком. Лекин фуқаро ва раоёро маҷоли ҳаракату сукун (бепарвоӣ, беҳаракатӣ) набуд аз фарти (барзиёдии) зулму зарҷ ва олқу солуқ, мисли аминонаю вакилона ва арзонии никоҳу қиматии никоҳона. Масалан, маҳри муаҷҷал даҳ дирам ва никоҳонаи қозӣ даҳ динор ва як ман гандум даҳ танга, ҳаққулмизон (тарозупулӣ) понздаҳ танга ва ало ҳазо.

...Ва дар аксари маносиби (мансабҳои) аморат худи писарони амир Дониёл мансуб буда, ишоати фисқу фасод менамуданд.

...Ва худи амир Дониёл аз ҷиҳати пирӣ хазаф шуда, аз тансиқу тадбири мулкӣ оҷиз монда, саранҷоми фатҳу ратқи (идора кардани) муҳимоти мамлакатро ба дасти авлоду аъмол ва умаро дода, аз шебу фарози адлу зулм бехабар будааст ва ҳамаи аҳкому ҳудуди шаръӣ муатталу муҳмал (беэътибор) монда, ба доду фарёди мазлуме касе илтифот (таваҷҷуҳ) наменамуд».

**Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. Душанбе, 2010, саҳ. 20.**

**Санаҳои муҳим:**

1758 – сар задани шӯриш дар Бухоро
1770 – аз ҷониби Дониёлбийи аталиқ ишғол шудани Қаршӣ, Шаҳрисабз ва Ҳисор
1785 – ба тахти Бухоро нишастани Шоҳмурод
1790 – ҷангҳо байни Дарвоз ва Қаротегин

**Савол ва супориш:**

1) Дар кадом шароит Дониёлбийи аталиқ соҳиби ҳукумат гардид? 2) Дар солҳои ҳукмронии Дониёлбийи аталиқ дар мамлакат чӣ гуна тағйирот ба вуҷуд омад? 3) Дар бораи мубориза истиқлолхоҳии ҳокимони хурд баъди марги Дониёлбийи аталиқ маълумот диҳед. 4) Дар бораи шӯриши аҳолии Бухоро ҳангоми ба тахт нишастани Шоҳмурод чӣ медонед? 5) Дар давраи ҳукмронии кадом ҳоким хонигарии Бухоро ба худ номи «аморати Бухоро»-ро гирифт? 6) Шоҳмурод барои пурзӯр гардондани мамлакат чӣ гуна тадбирҳо

андешид? 7) Дар бораи лашкаркашиҳои Шоҳмурод ба мулкҳои Хуросон маълумот диҳед.

## § 40. ТАЪСИСИ ХОНИИ ХӮҚАНД

Фарғона дар охирҳои асри XVIII нимамустақил шуда буд. Дар асри XVIII ин сарзамин аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофии худ назар ба Бухоро, Хева ва Тошканд вазъияти бартаре дошт, зеро бисёр ҳодисоти харобиовар, аз ҷумла ҷангҳои Нодиршоҳ, то он ҷо асар накарда буд. Аз ин рӯ аҳолии Фарғона хеле афзуда, иқтидори иқтисодии он зиёд мешуд. Ҳамин буд, ки барои таъсиси давлати мустақил замина ва имкониятҳои мусоид муҳайё гардид.

Яке аз аввалин хонҳои Хӯқанд Шоҳруххон (1709–1721) ном дошт. Ҳокими Ӯротеппа ва Хуҷанд Оқбӯтабий духтари ӯро ба ақди никоҳи худ дароварда, ба хони Хӯқанд домод шуд. Дар навбати худ ӯ духтарашро ба хони Хӯқанд Раҳимхон (1721 – 1735) ба шавҳар медиҳад, вале бо вуҷуди хешу таборӣ, ҳокими Ӯротеппа ва Хуҷанд намехост, ки Хӯқанд мустақил гашта, бо ӯ ҳамсарҳад гардад. Бинобар ин Оқбӯтабий домодашро ба меҳмонӣ даъват карда, мехост ӯро ба қатл расонад. Раҳимхон аз ин нақша огоҳ гашта, зуд мулки падарарӯсашро тарк намуд, вале Оқбӯтабий аз ин нақшаи худ даст накашида буд. Ӯ бо роҳи ваъдаҳои бардурӯғ бори дигар Раҳимхонро даъват карда, дар Хуҷанд меҳмондорӣ намуд. Хони ҷавони Хӯқанд бори дигар аз макри Оқбӯтабий огоҳ гашта, шабона ба хонаи хоби падарарӯсаш дохил шуд ва ӯро бо ду писараш ба қатл расонид. Соли 1734 як қисми мулкҳои тобеи Оқбӯтабий ба Раҳимхон гузашт. Ин ғалабаи беҷанг сабаб шуд, ки хонии Хӯқанд аз душмани нисбатан тавонои худ эмин гашта, ҳамчун давлати мустақил арзи вуҷуд намояд.

Дере нагузашта, ҳокими Ӯротеппа тавонист Хуҷандро аз нав тобеи худ гардонад. Шаҳри мазкур дар нимаи дуюми асри XVIII борҳо бо роҳи ҷанг аз итоати Ӯротеппа баромада, ба хонҳои Хӯқанд тобеъ гаштааст.

Дар замони ҳукмронии намояндаи қабилаи минг Ирдонабий (1751 – 1769) ва Норбӯтабий (1770 – 1799) ташаккули хонигарии Хӯқанд ба охир расид ва ҳукмронии хонадони мингҳо дар ин мулк оғоз ёфт.

Норбӯтабий пеш аз ба сари ҳокимият омадан бо ҳокимони Ӯротеппа Фозилбий ва Худоёр девонбегӣ дӯстӣ дошт. Вақте ки ӯ фирорӣ гашт, ба Ӯротеппа омада, Фозилбий қалъаи Қизилӣ ва деҳаҳои тобеи онро ба Норбӯтабий дод ва ӯ бо Худоёр

девонбегӣ рафоқат дошт. Бо вуҷуди ин, баъди ба сари ҳокимият омадан дар Хӯқанд, Норбӯтабий лашкар кашида, Хуҷанд ва Ӯротеппаро забт намуд. Ирисқулбий ҳокими Ӯротеппа таъйин шуд. Ҳукмронии ӯ, яъне тобеияти ин шаҳр ба хонигарии Хӯқанд се сол давом кард.

Худоёр девонбегӣ бо ҳокимони Шаҳрисабзу Ургут иттиҳод баста, бо ёрии лашкари ин мулкҳо Ӯротеппа ва Хуҷандро забт намуд, ки дар ин набардҳо Ирисқулбий ҳалок гашт.

Хонҳои давлати ҷавони Хӯқанд аз ибтидои аввали барқарор гаштани ҳокимияти худ на танҳо бо ҳокимони Ӯротеппаву Хуҷанд ва мулкҳои дигари нисбатан хурд, балки бо ҳокимони алоҳида, гурӯҳҳо ва қабилаҳои бодиянишин низ мубориза мебурданд. Бо ин амал онҳо мехостанд давлати худро аз ҳуҷуми қабилаҳои ҳамсояи қирғизу қипчоқ муҳофизат намоянд, зеро ин қабилаҳо тез-тез ба деҳаҳои мардуми муқимӣ ҳамла меоварданд. Мардуми баъзе шаҳрҳо ҳам аз дасти онҳо ба дод омада буданд. Барои иҷрои ин амалиёти низомӣ лашкари неруманд ташкил кардан лозим меомад.

Баъд аз ҷангҳои дуру дароз ба хонҳои Хӯқанд муяссар гашт, ки дар охири асри XVIII давлати нисбатан неруманде ташкил кунанд. Ин сарзамин яке аз хониҳои калонтарини Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт ва он бо аморати Бухоро ва хонии Хева рақиб гашт.

Хонии Хева, ки дар қисмати шимолии Осиёи Миёна ҷойгир буд, дар асри XVIII давраи хеле сахти ҷангу низоъҳои байнихудиро аз сар мегузаронид. Ба замми ин, дар солҳои 60-и асри мазкур саросари онро гуруснагӣ ва вабо фаро гирифт. Ба хони ин мулк Муҳаммадамини қунғурот (1763-1790) муяссар гашт, ки тартибу низоми муайяне ҷорӣ намояд. Ӯ инчунин, ҳукмронии сулолаи қунғуротро дар Хева асос гузошт, ки то соли 1920 онҳо ин давлати хониро идора мекарданд.

Ҳамин тариқ, дар нимаи дуюми асри XVIII дар сарзамини Осиёи Миёна се давлати мустақил: – аморати Бухоро, хониҳои Хӯқанд ва Хева арзи вуҷуд доштанд, ки байни онҳо барои мулкҳои ба онҳо ҳамҳудуд, ба мисли Тошканд, Ҷиззах, Ӯротеппа, Хуҷанд, Ҳисор ва ғайра рақобати доимӣ вуҷуд дошт. Онҳо мехостанд, ки ин мулкҳоро ба худ тобеъ намуда, ҳамчун манбаи даромад истифода баранд.

## Сарчашма:

Маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи хони Хӯқанд Раҳимхон: «Дар лақабаш ӯро Раҳимхони соҳибқирон мегуфтанд. Баъд аз чанд вақт ҳукумати Хуҷандро ба бародараш Абдукаримбий во гузошту худ дар вилояти Хӯқанд қарор гирифт. Дар он вақт Хӯқанд навобод шуда буд ва ӯ бар ободонии он вилоят саъйи балеғ намуд. Ҳукумати Марғелонро ба бародари кӯчакаш Шодибий тафвиз намуд. Чун тамоми мамолики Фарғонаро дар тахти тасарруфи худ даровард, хотири худро билкул аз ин ҷониб ҷамъ сохт. Бо лашкари анбӯҳ мутаваҷҷеҳи Самарқанд шуд. Баъд аз қатъи мароҳил дар вилояти Самарқанд расид ва он мамлакатро саҳл дараҷа фатҳ намуд. Аз он ҷо мутаваҷҷеҳи Янгиқӯрғон гашт ва он балдаро низ мусаххар намуд. Баъд аз он инони якрон ба савби Шаҳрисабз тофт. Дар он вақт дар вилояти Кеш Ҳакимбукрӣ бародари Иброҳими атолиқ ҳукмронӣ мекард. Чун аз омадани Раҳимхон вуқуф ёфт, омодаи ҷангу қитол шуд. Чун Раҳимхон ба наздикии Шаҳрисабз нузули иҷлол фармуд ва элчиёни сухандон дар миён шуда, тарҳи ошноӣ дар мобайн андохтанд. Ҳакимбек дар паси пардаи исмат бародарзодае дошт Ойчучукоим бинти Иброҳими атолиқ дар камоли хубӣ ӯро дар ақди Раҳимхон даровард. Раҳимхон бо обрӯйи тамом ҷониби Самарқанд мутаваҷҷеҳ шуд. Чун ба он балда ворид гардид, дар табиати ӯ маразе саъбе мутавallӣ шуд. Ва порае гӯянд, ки дар мазори ҳазрати шайх Қусам ибни Аббос аспакӣ болои зин баромад. Аз рӯйи беадабӣ ба он касал мубтало гашт. Аз ҷониби худ Анақулӣ додхоҳро ва мулло Бечораро ноиб сохта, худ мутаваҷҷеҳи Хӯқанд гардид. Чун дар вилояти Хуҷанд нузули иҷлол фармуд, маразӣ ӯ аз ҳадди эътидол гузашт. Ва ҳарчанд табибони он рӯзгор муолиҷа карданд, ҳеҷ кадом муфид наафтод. Аз дори дунё рахти ҳастиро барчид, рӯй сӯйи уқбо овард. Наъши ӯро дар Хӯқанд бурда, дафн карданд. Муддати ҳукуматаш даҳ сол ва муддати умраш сию се сол буд».

**Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих. Китоби 2. Таҳиягар, муаллифи муқаддима ва таълиқот ва феҳристҳо А, Мухторов. Душанбе, 1985, саҳ. 377 – 378.**

## Санаҳои муҳим:

1734 – ба дасти Раҳимхон гузаштани як қисми мулкҳои тобеи Оқбӯтабий

## Савол ва супориш:

1) Шароити мусоиди Фарғонаро барои таъсиси давлати мустақил шарҳ диҳед. 2) Дар бораи ҳамчун давлати мустақил арзи вуҷуд намудани хонии Хӯқанд нақл кунед. 3) Аввалин хонҳои хонии Хӯқандро номбар кунед. 4) Ташаккули хонигии Хӯқанд кай ба охир расид? 5) Дар бораи лашкаркашии Норбӯтабий ба Хуҷанд ва Ӯротеппа маълумот диҳед. 6) Доир ба хонии Хева чӣ медонед?

# МАВЗӮИ XIV

# ВАЗЪИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ХОНИИ ХӮҚАНД ДАР АВВАЛИ АСРИ XIX

## § 41. АМИРОНИ БУХОРО

Соли 1800 амири Бухоро Шоҳмурод вафот кард ва ба ҷойи ӯ писараш амир Ҳайдар ба тахти аморат нишаст.

Намояндагони сулолаи Аштархониён (Ҷониён) худро аз авлоди пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад пиндошта, тахаллуси ифтихории “сайид”-ро ба номи худ пайваст мекарданд. Хонадони сулолаи Манғития бошад, аз ин ифтихор маҳрум буданд. Бинобар он, асосгузори ин сулола Муҳаммадраҳимхон духтари хони охирини сулолаи Аштархониён Абулфайзхонро (1711 – 1747) ба издивоҷи худ даровард. Бо ин ӯ мақсад дошт, ки насли ояндаи хонадони Манғития ба унвони муқаддас ва ифтихории «сайид» мушарраф гардад, вале аз ин никоҳ фарзанд нашуд.

Баъд аз ба сари ҳокимият омадан Шоҳмурод зани амакаш Муҳаммадраҳимхонро (духтари Абулфайзхонро) ба ақди никоҳи худ даровард. Аз ин издивоҷ се фарзанд таваллуд ёфт, ки писари калониаш Ҳайдар ном дошт. Азбаски ӯ аз духтари сайид таваллуд ёфта буд, бинобар он, аз амир Ҳайдар сар карда, то Олимхон (1910–1920) амирони Бухоро ба номи худ лақаби ифтихории «сайид»-ро ҳамроҳ карданд.

Дар солҳои аввали ҳукмронии амир Ҳайдар ба лашкари Бухоро муяссар гардид, ки ба Хева зарбаи шадид расонида, аз ҷониби ин хонигарӣ хавфи ҳуҷумро ба Бухоро бартараф намояд. Вале баъд аз чанд соли ин воқеа, ба сабаби заиф гардидани аморати Бухоро, хонҳои Хева, аз ҷумла Муҳаммадраҳимхони қунғурот, муттасил ба Бухоро ҳуҷум намуда, то деворҳои он расид.

Бо мақсади муттаҳид кардан ва мустаҳкам намудани давлати худ амир Ҳайдар ба саргаҳи Зарафшон ҳамла карда, Панҷакент, Фалғар ва Масчоҳро як муддат ба қаламрави худ ҳамроҳ намуд. Муборизаи амир Ҳайдар бо ҳокими Шаҳрисабз, хони Хӯқанд ва Ӯротеппа хеле тӯлонӣ ва тоқатфарсо буд. Ба амир лозим омад, ки ба тарафи Ҳисор ҳам лашкар кашад.

Ӯ сиёсати падари худро дар бораи марказият додани давлат пеш бурда натавонист. Вай худро яке аз уламои замон пиндошта, дар мадрасаи арк, ки бо амри ӯ сохта буданд, ба дарсгӯйӣ машғул шуд. Амир Ҳайдар Қуръонро азбар карда

бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ зоҳиди риёзаткаш набуд ва дар ҳарами худ духтарони зиёдеро ҷамъ меовард. Дар замони ҳокимияти ӯ саркашии ҳокимони маҳаллӣ дубора қувват гирифт. Дар натиҷаи лашкаркашиҳои сершуморе, ки ба муқобили ҳокимони исёнгар ва ҳамсоягони хусуматпарвар анҷом меёфт, инчунин пардохти маоши беш аз ҳазор амалдор ва инъомҳои пулии ҳарсолаи аъёну ашроф, эҳтиёҷи моддии давлатро бештар мегардонид. Дар ин вақт харҷи амир ду баробар аз дахли ӯ зиёдтар буд. Андозҳое ба номи молиёт ва хироҷ, монанди қӯшунпулӣ, танобпулӣ, алафпулӣ, чӯбпулӣ, миробина, кафсан ва ғайра дубора ҷорӣ гардиданд. Ба замми ин, ғоратгариҳое, ки ҳангоми амалиёти ҳарбӣ ба вуқӯъ меомад, ба сари мардуми меҳнаткаш мусибатҳои зиёде оварда, онҳоро боз ҳам қашшоқу бенавотар месохтанд. Дар ибтидои солҳои бистум асри XIX таназзули иқтисодӣ ва харобии саросарии кишвар рух дод. Афзудани ҷабру зулм ва истибдод боиси сар задани шӯбҳо гардид. Яке аз калонтарини он шӯбҳо шӯриши хитойқипчоқҳо буд, ки соли 1821 дар водии Миёнкол оғоз шуда, то соли 1825 давом кард.

Амир Ҳайдар якчанд писар дошт. Насруллоҳ – фарзанди дуюми ӯ мақсад дошт, ки ҳарчи зудтар ба тахти Бухоро соҳиб шавад. Ӯ ҳокими Қаршӣ буд ва падараш амир Ҳайдарро ба хатнасури писараш Музаффар ба он шаҳр даъват намуд. Падараш дар тӯй ширкат варзид, аммо дар роҳи бозгашт ба Бухоро бемор шуд, зеро ки писараш Насруллоҳ ба хӯроки падар заҳр андохта буд. Амир Ҳайдар баъди 18 рӯзи бемори соли 1826 дар синни 48-солагӣ аз дунё гузашт.

Писари калонии амир Ҳайдар – Мир Ҳусайн ба тахти Бухоро нишаст. Қӯшбегии амир Ҳакимбий бо Насруллоҳ забон як карда, ба Мир Ҳусайн низ заҳр дода, ӯро ба ҳалокат расониданд. Мир Ҳусайн 76 рӯз ҳукмронӣ кард, вале пеш аз вафоташ ӯ бародараш Мир Умарро аз Кармина даъват намуда, ба ҷойи худ амир таъйин кард.

Ҳукмронии Мир Умар камтар аз ду моҳ давом кард. Ӯ бештар ба айшу ишрат машғул шуда, ба корҳои давлатӣ аҳамият намедод. Ин бепарвоӣ сабаби норозигии аъёну ашроф ва мардуми Бухоро гардид. Аз ин вазъият истифода намуда, Насруллоҳ бо мақсади ишғоли тахти Бухоро ба сӯйи ин шаҳр лашкар кашид. Барои ба ҳадаф расидан ба ӯ қӯшбегӣ Ҳакимбий кумак мерасонид. Мир Умар маҷбур шуд, ки аз Бухоро фирор намояд. Баъд аз якуним сол ӯ дар Хӯқанд вафот кард ва ҷасадашро оварда, дар Бухоро дафн карданд.

Насруллоҳ соли 1826 ба тахти Бухоро соҳиб шуда, то соли 1860 ҳукмронӣ намуд. Ӯ фавран се бародари дигари худ–

Зубайрхон, Ҳамзахон ва Сафдархонро бо зану фарзандонаш қатл намуда, аз даъвогарони тахти амирӣ худро эмин намуд. Барои ин ки асрори ба тахт соҳибшавиаш пинҳон бошад, Насруллоҳ қӯшбегӣ Ҳакимбийро низ ба қатл расонид. Дар давоми як моҳи пас аз ҷулуси худ Насруллоҳ ҳар рӯз аз 50 то 100 нафарро ба қатл мерасонид. Насруллоҳ дар ибтидои 7 – 8 соли ҳукмронии худ ҳамаи дарбориёни падараш, наздикон, сипоҳиёни ӯро аз вазифаашон маҳрум намуда, қатл кард ва молу мулки ҳар кадом ба манфиати хазинаи амир мусодира шуд. Ӯ бо ғаддорӣ ва хунхории аз ҳад зиёд аз дигар амирони манғития фарқ мекард. Барои ин ба вай мардум лақаби «Амири қассоб»-ро дода буданд. Давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ бо бадкирдорӣ, қатлу куштор, хиёнат, бешарафӣ ва ҳирсу ози гӯшношунид ном баровард.

Амир Насруллоҳ ба Шаҳрисабз, Ӯротеппа, Хӯқанд ва Хева муттасил лашкар мекашид. Кӯшишҳои ӯ дар бораи ба ҳайати аморати Бухоро баргардонидани вилоятҳои соҳили чапи дарёи Ому, ки акнун ба тасарруфи амирони афғон даромада буданд, натиҷа набахшид.


*Амир Насруллоҳ (1826 – 1860)*

Амир Насруллоҳ бо мақсади ҳокими мутлақ гаштан чораҳои ниҳоят бераҳмона дид. Он амирон ва сарони сипоҳро, ки андаке норозиятӣ изҳор мекарданд ва ё майли ҷудошавӣ доштанд, ба қатл расонида ва ё худ бадарға намуда, молу мулкашон мусодира мегардид.

Соли 1842 ӯ беки Мастчоҳ Ботурхоҷаро ба Бухоро даъват намуда, ба қатл мерасонад. Соли 1858 дар яке аз лашкаркашиҳои худ ба Ӯротеппа ба амир Насруллоҳ муяссар мешавад, ки шаҳрро ишғол намояд ва ҳокими он Рустамбек бо дастури вай кушта мешавад.

Амир Насруллоҳ дар пойтахт барои амнияти ҳокимияти худ ҳуқуқи қӯшбегиро маҳдуд намуд. Соли 1837 амир Насруллоҳ ислоҳоти ҳарбӣ гузаронид. То ин вақт лашкари Бухоро аз ду қисмат иборат буд: яке навкарҳо, ки бидуни муҳлат хизмат мекарданд, дигаре қарачирикҳо, ки сершумор буданд. Ғайр аз навкарҳо шогирдпешаҳо низ буданд. Онҳо хизмати қисми тайёрии лашкарро адо мекарданд. Навкарҳо ба ду қисм – ба мерганҳо ва найзадастон ҷудо мешуданд. Мерганҳо бо туфанг ва

ё камон, найзадастон бо найза мусаллаҳ буданд. Қисми махсуси лашкарро силоҳи оташфишони тӯп ташкил медод, ки ба он тӯпчибошӣ фармонравоӣ мекард.

Қарачирикҳо аксар вақт бесилоҳ буданд. Мардони бе силоҳ, аз рӯйи амри амир, ба ҳангоми зарурат белу каланд ба даст мегирифтанд.

Асоси қисми муназзами лашкари амир асирони рус, форсҳо ва дигарон буданд. Барои онҳо либоси махсуси низомӣ ҷорӣ шуда буд. Ҳамаи сарбозони ин қисм мусаллаҳ буданд.

Соли 1860 Насруллоҳ–ин амири золими хунхор аз тарафи зани ба зӯр гирифтааш–духтари беки Шаҳрисабз Кенагасхоним ба ҳалокат расонида шуд. Мувофиқи баъзе ривоятҳои таърихӣ Кенагасхоним ҳангоми хоб ба гӯши амир Насруллоҳ симоб рехтааст. Амир Насруллоҳ аз дарди ҷонкоҳ бедор шуда, пеш аз марг фармудааст, ки он зан ва ҳамаи фарзандони ӯро кушта, ба чоҳ партоянд.

**Сарчашма**:

Ахбори Мирзо Шамси Бухорӣ оид ба вафоти амир Шоҳмурод: «Амир Шоҳмурод дар соли 1199 ҳ.қ (1785) пас аз барканории Абулғозихон зимоми ҳукмронии Бухороро дар даст гирифт. Амир пас аз шонздаҳ соли ҳукумат дар соли 1215 ҳ.қ. (1800) ба синни шастусесолагӣ мурд ва дар ҷивори (ҳамсоягии) мазори ҳазрати Ҳоҷӣ Ҳабибуллоҳ..., ҷониби Ҷӯйбори Бухоро мадфун гардид. ... Амир фармонравои неруманд ва пуртавон буд. Ӯ сарзаминҳои кишоварзиро густариш дод. Бисёре аз молиётро, ки дар замони падараш Дониёлбек вазъ шуда буд ва барои мардум сангин ва тавонфарсо буд, лағв (бекор) кард. Дар замони вай Осиёи Марказӣ ба се амирнишин: Бухоро, Хева ва Хӯқанд тақсим гардид, ки маркази сиёсии онҳо Бухоро буд».

**Мирзо Шамси Бухорӣ. Таърихи Бухоро, Хӯқанд ва Кошғар. Теҳрон, 1998, саҳ. 159.**

Маълумоти Аҳмади Дониш дар бораи усули давлатдории амир Насруллоҳ: «Дар айёми ҳукумати худ касонеро, ки дар фитнаи элу улус машҳур шуда буданд, ё ба амирони собиқ кӯрнамакӣ карда, ҳамаро қаҳру қатъ кард ва давлатхоҳони худро нек истимолат дод.... Духтари раз (май) дар асри ӯ дар пардаи исмат (бегуноҳӣ) нишаст ва бонги наю даф аз даҳлезҳо ба зӯр берун меомад ва дар ҳамаи вилоятҳо, ки бо падари ӯ мухолафат медоштанд, мухолифонро гӯшмол ва воҷибе дод ва давлати ӯ бастату (вусъату) фасҳат гирифт, то Хӯқанду Кеш ҳама мутеъ ва мунқоди (мутеи) ӯ шуданд.

...Ин маслакро (роҳро) ҳам аз падари худ омӯхта буд, ки амир Ҳайдар баъд аз он ки ба фитна ва мухосамаҳои (низоъҳои) элу улус (қабилаҳо) воқиф шуд, аксар умарои элдор (соҳибқабила) ва номварро бар замин нишонда, он гоҳ ба фароғат ҳукмронӣ менамуд. Ин шева

агарчи барои ҳифзи давлат дар зоҳир мурзӣ афтад, лекин дар охир зарари бисёр ба ҳавошии салтанат расонид, зеро ки ҳеҷ касе дар айёми давлати писари ӯ (ки амир Насруллоҳ аст) аз уҳдаи ҳеҷ коре барнаёмаданд ва вилоятҳоро ба хасм тафвиз (вогузор) намуданд.

Муҷмалан он ки баъд аз он ки санаи ҳиҷрӣ аз панҷоҳ (бар ҳазору ду сад) (1834) мутаҷовиз шуд, таназзул дар умури миллатӣ ва давлатӣ рӯй додан гирифт. Чун амир Насруллоҳ шеваи ярғу (низоъ) ва мусодара бар гардани сипоҳ ниҳод, уммолу (ҳокимону) мутасаррифон (моликон) ночор ба зулм даст ниҳоданд. Уламо низ аз гирифтани гири ӯ битарсиданд ва бо хушомад фатвоҳои мулоим (мувофиқ) медоданд ва касеро маҷол намонд, ки ҳақиқати шаръро бар амир тавонад маълум кард».

**Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. Душанбе, 2010, саҳ. 34-35.**

### Санаҳои муҳим:

1800 – вафоти амир Шоҳмурод
1826 – аз олам гузаштани амир Ҳайдар
1826 – ба тахти Бухоро нишастани амир Насруллоҳ
1837 – ислоҳоти ҳарбии амир Насруллоҳ
1842 – қатли беки Мастчоҳ Ботурхоҷа аз ҷониби амир Насруллоҳ
1858 – қатли ҳокими Ӯротеппа Рустамбек аз ҷониби амир Насруллоҳ
1860 – ба ҳалокат расидани амир Насруллоҳ

### Савол ва супориш:

1) Шарҳ диҳед, ки ба чӣ сабаб намояндагони сулолаи Манғитиён ба унвони ифтихории «сайид» ноил гардиданд? 2) Дар бораи ҳукмронии амир Ҳайдар маълумот диҳед. 3) Чаро дар замони ҳукмронии амир Ҳайдар дар кишвар таназзули иқтисодӣ ва харобии саросарӣ рух дод? 4) Сабаби аз олам гузаштани амир Ҳайдар дар чӣ буд? 5) Дар бораи ҳукмронии кӯтоҳмуддати Мир Ҳусайн ва Мир Умар маълумот диҳед. 6) Амир Насруллоҳ бо мақсади аз даъвогарони тахти амирӣ худро эмин намудан ва ҳокими мутлақ шудан, кадом корҳоро амалӣ намуд? 7) Ислоҳоти ҳарбии амир Насруллоҳро шарҳ диҳед.

## § 42. ХОНҲОИ ХӮҚАНД

Хонигарии Хӯқанд дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX сарзамини васеъро фаро мегирифт. Шаҳрҳои Хӯқанд, Намангон, Андиҷон, Марғелон, Ӯш (дар водии Фарғона), Тошканд ва Туркистон, ноҳияҳои ҳозираи Тоҷикистон–Исфара, Конибодом, Ашт, каме дертар–Дарвоз, Қаротегин ва Помир тобеи ин хонигарӣ буданд. Бо ин қаноат накарда, хонҳои Хӯқанд барои густариш додани сарзамини худ лашкаркашӣ ва хунрезиҳои зиёде кардаанд.

Норбӯтабий панҷ писар ва панҷ духтар дошт. Баъд аз вафоти ӯ писараш Олимхон ба тахт нишаст. Ӯ зиёда аз даҳ сол (1800–1810) ҳокимият ронда, дар синни 36-солагӣ аз тарафи бародараш Умархон кушта шуд. Олимхон барои мустаҳкам намудани хонии Хӯқанд баъзе тадбирҳо андешид. Ӯ иқдом кард, ки баъзе урфу одатҳое, ки ба шариати ислом мувофиқат намекунанд, барҳам диҳад. Касонеро, ки худро бардурӯғ сайидзода ва шайхзода номида буданд, аз ин унвонҳо маҳрум сохт.

Дар Мовароуннаҳр расм буд, ки дар ҳар ҷо дарахти азиме бошад, он ҷойро мазор пиндошта, ба он латтапора мебастанд, дар наздаш чароғ фурӯзон мекарданд, аз ин ҷо барои рафъи мушкилоти худ ёрӣ металабиданд ва худро дар гумроҳӣ меандохтанд. Бо фармони Олимхон ин дарахтҳоро аз беху бунёдаш барканданд.

Тадбири дигари Олимхон нисбат ба талбандаҳо ва гадоён буд. Шахсоне, ки бо вуҷуди таъмин будан бо мавод ва васоили зиндагӣ гадоӣ мекарданд, ҳамаро хон ҷамъ намуда, ба ҳар кадоме аз онҳо як сар шутур дод, то ки нигаҳбонӣ кунанд ва дар вақти зарурӣ ба корвонсаройи хон ҳозир созанд.

Аз рӯйи мушоҳидаи Олимхон дар қаламрави ӯ шахсоне буданд, ки худро валӣ сохта, бардурӯғ кароматфурӯшӣ мекарданд ва мусулмононро мефиребтанд. Хон ин гуна одамонро ҷамъ намуда, имтиҳон мегирифт. Онеро, ки кораш ба шариат мувофиқ буд, ба иззати тамом рухсату иҷозат медод. Онеро, ки кораш бар хилофи шариат буд, ба чандин хорӣ тавба медод. Аз ин тадбирҳо бармеояд, ки Олимхон марди соҳибмаърифат будааст. Ӯ дар тариқати қодирия буд ва ҳар рӯз баъд аз хуфтан дар қасри худ ҷаҳр мекард.

Чораҳои андешидаи Олимхон сабаби норизоятии баъзе табақаҳои ашроф ва сарварони қабилаҳои бодиянишин гашт. Барои муҳофизати худ Олимхон сафи сарбозонро аз ҳисоби ҷавонони кӯҳистон: Мастчоҳ, Қаротегин ва Дарвоз афзун гардонид. Қисми савораи лашкари Хӯқанд ба даҳ ҳазор сарбоз расида буд. Барои ин миқдор сарбозро аз хӯрок ва лавозимоти ҳарбӣ таъмин намудан Олимхон барои ишғоли мулкҳои дигар лашкар мекашид. Ӯ борҳо ба ҷониби Хуҷанд, Ӯротеппа ва Ҷиззах ҳуҷум кардааст. Амалиёти ишғолгаронаи хони Хӯқанд ба иззати нафси амири Бухоро мерасид. Байни ин ду давлат барои ишғоли мулки Ӯротеппа ҷангҳои зиёде ба миён омад.

Чун тасарруфи Ӯротеппа ба Олимхон муяссар нашуд, ҷуброни онро аз ҷойи дигар гирифт ва дар охирҳои ҳукмрониаш Тошканд ва сарзамини қабилаҳои қазоқи ҳамҷавори онро ба қаламрави худ дохил кард.

Олимхон барои марказонидани давлат талошҳо ба харҷ

дод, вале дар ин замина мухолифати доираҳои бонуфуси аъёну ашроф ва рӯҳониёнро бартараф карда натавонист.

Ба гурӯҳҳои аз Олимхон норозӣ муяссар гашт, ки дар суиқасде хонро ба қатл расонанд. Ба ҷойи ӯ бародараш Умархон (1810–1822) ба тахт нишаст. Дар аҳди салтанати ӯ сохти маъмурии ҳукумат ташаккул ёфт. Умархон ба тарафи шимол лашкар кашида, масоҳати паҳновари даштҳои қазоқнишинро аз баҳри Арал то Ҳафтрӯд ишғол намуд. Ҳамин тариқ, як қисме аз сарзамини қабилаҳои қирғизу қазоқ ба қаламрави хони Хӯқанд пайваст гардид. Табақаи ашроф дар солҳои ҳукмронии ӯ имтиёзҳои зиёдеро ба даст оварда, мансабҳои олии давлатиро соҳиб гаштанд. Умархон борҳо барои ишғоли Хуҷанду Ӯротеппа ва Ҷиззах бо ҳокимони ин мулкҳо ва амири Бухоро ҷангидааст. Хунрезӣ ва қатлу ғорати лашкари Хӯқанд ҳадду канор надоштанд. Масалан, соли 1816 Умархон Ӯротеппаро ишғол намуда, зиёда аз ду ҳазор касро ба қатл расонида, сездаҳ ҳазор аз мардуми Ӯротеппаро асир намуда, ба мулки худ бурд. Бо қувваи ин асирон шаҳре бо номи Шаҳрихон бино карда, садҳо таноб замини бекорхобида обшор шуд. Аз рӯйи фармони Умархон асирони мазкур дар муддати ҳафт сол ҳуқуқи хона пӯшидан надоштанд. Онҳо дар чайлаву чодарҳо истиқомат мекарданд. Бо роҳи қатлу ғорат ва истисмори мардуми зеридаст ба Умархон муяссар мешавад, ки иқтидори иқтисодии мулки худро ба дараҷае баланд бардорад.

Умархон худ шоир буд ва бо тахаллуси Амирӣ шеър мегуфт. Дар солҳои ҳукмронии ӯ дар Хӯқанд доираи адабӣ арзи вуҷуд намуд. Яке аз шоираҳои соҳибсалиқаи ин доира ҳамсари Умархон – Моҳларойим буд, ки бо тахаллусҳои Макнуна, Нодира ва Комила шеър эҷод мекард.

Баъд аз вафоти Умархон писари 15-солааш Муҳаммадалихон ба тахти Хӯқанд нишаст. Дар ибтидо ӯ шахсони ба худ номаъқул ва маҳдудкунандаи фаъолияти ӯро аз дарбор дур кард. Сиёсати падар ва амакашро давом дода, ӯ борҳо барои ишғоли Кошғар, вилоятҳои ҷануби Қазоқистон, Ӯротеппа, Ём ва сарзаминҳои дигар лашкар кашид. Қаротегин, Кӯлоб, Дарвоз ва як қисми Помир дар замони ҳукмронии хони мазкур як муддат тобеи Хӯқанд гаштанд.

Дар хонии Хӯқанд баъди ба сари қудрат омадани Муҳаммадалихон воқеаҳои бисёре рух доданд. Мақсади ин хон ба даст овардани шаҳрҳои Ҷиззах, Хуҷанд ва Ӯротеппа буд.

Соли 1828 Муҳаммадалихон Ӯротеппаро забт намуда, ба амир Насруллоҳ созишномаи сулҳро пешниҳод кард. Амири Бухоро ин пешниҳодро қабул намуда, сулҳ байни ин ду давлат аз соли 1830 то соли 1840 барқарор гашт.

Аз соли 1840 то соли 1866 байни хонии Хӯқанд ва аморати Бухоро муборизаҳои шадид ба вуқӯъ омаданд. Дар ин муддат

шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа ҳар якуним сол аз дасти яке ба дасти дигаре мегузаштанд.

Яке аз баҳонаҳои риоят нашудани сулҳи даҳсола дар соли 1840 ин ба амир Насруллоҳ паноҳ бурдани бародари Муҳаммадалихон – султон Маҳмудхон буд. Амир Насруллоҳ ӯро пазирой карда, ба ӯ меҳрубониҳо зоҳир менамуд.

Барои дар зери хатар нигоҳ доштани мулкҳои зери тасарруфи хони Хӯқанд, амири Бухоро султон Маҳмудро ҳокими Урметан таъйин кард. Хони Хӯқанд бар зидди Бухоро ҷанг эълон намуд, вале ӯ дар назди Ӯротеппа шикаст хӯрда, ба ақибнишинӣ маҷбур гашт. Хуҷанд ба амири Бухоро бе ҷанг таслим шуд.

Амир Насруллоҳ аз ақиби лашкари Муҳаммадалихон лашкари даҳҳазорнафарaро равона кард. Хони Хӯқанд эҳсос намуд, ки кор аз даст рафтааст. Бинобар ин, ӯ ба назди амири Бухоро писарашро бо муҳри давлатӣ равон кард. Сафирҳои Хӯқанд ба амир хабар расонданд, ки ин хон ба Насруллоҳ шаҳрҳои Хуҷанд, Тошканд ва Туркистонро бо хироҷи яксолаи давлатӣ ва боҷи аз тоҷирон ҷамъовардааш медиҳад. Илова бар ҳамаи ин, дар хутба номи амир Насруллоҳ зикр мешавад. Ҳамаи ин гузаришҳо маънии аз даст додани истиқлолият ва тобеи аморати Бухоро гаштани хонии Хӯқандро дошт. Амир Насруллоҳ бо ин гузаришҳо қаноатманд шуда, бародари Муҳаммадалихон – султон Маҳмудро ҳокими Хуҷанд таъйин карда, ба Бухоро баргашт.

Муҳаммадалихон дар зоҳир ба шартҳои амири Бухоро розӣ шуда, дар амал бар зидди Бухоро ба ҷанг омода мегашт. Дар ин кор модараш Моҳларойим, ки яке аз тахаллусҳои шоириаш Нодира буд, ба ӯ кӯмак мерасонд. Ин зан ба Хуҷанд, ба назди писари хурдиаш султон Маҳмуд омада, ӯро барои оштӣ бо бародараш Муҳаммадалихон моил намуд. Созиш намудани ду бародар маънои онро дошт, ки Хуҷанд аз тасарруфи Бухоро баромада, боз ба хонии Хӯқанд ҳамроҳ мешавад.

Ин хабар амир Насруллоҳро ба ғазаб овард ва ӯ соли 1842 ба тарафи Хӯқанд лашкар кашид. Ин навбат пойтахти хонигарӣ шаҳри Хӯқанд аз тарафи амир ишғол шуд ва бо амри Насруллоҳ хони Хӯқанд Муҳаммадалихон бо писараш, модараш Нодира ва бародараш султон Маҳмуд ба қатл расиданд.

Муҳаммадалихон марди золим ва бераҳме буд. Дар муддати ҳукмрониаш ӯ одамони зиёди бегуноҳро ба қатл расонид. Чун шуҳратпарасти фосиқ умр ба сар мебурд, айшу нӯш ва кайфу сафо шуғли доимии Муҳаммадалихон ба шумор

мерафт. Муҳаммадалихон кафтарбозиро дӯст медошт. Дар ҳар кучҷое, ки кафтарҳои бозингар парвариш мекарданд, ба он ҷо лашкар кашида, соҳиби ин кафтарҳо мешуд. Ҳамнишини ӯ аксар вақт кафтарбозон ва авбошон буданд. Рафтори ғайришаръӣ ва номуносиби хони Хӯқанд баҳоне барои лашкаркашӣ ва ишғоли ин мулк, қатли Муҳаммадалихон ва наздикони ӯ аз тарафи амир Насруллоҳ буд.

Баъд аз дуним моҳи ин воқеа ҳокимияти Бухоро дар Хӯқанд аз тарафи сарварони қабилаҳои қирғизу қазоқ бо иттифоқи мардуми шӯришбардоштаи шаҳри Хӯқанд сарнагун гашт. Ба сари ҳокимият ҷияни Норбӯтабий – Шералихон (1842 – 1844) омад. Ӯ тавонист, ки ҳокимияти Хӯқандро бори дигар дар Тошканд, Қурама, Хуҷанд ва ҷануби Қозоқистон барқарор намояд. Дар солҳои ҳукмронии ӯ қабилаи қипчоқ бо сарварии Мусулмонқул дар мулки Хӯқанд нуфуз пайдо намуд. Мубориза барои тахти хонӣ байни ворисони Олимхону Умархон аз як тараф ва қипчоқҳо аз тарафи дигар, ба хунрезиҳои зиёде овард, ки дар натиҷа Шералихон кушта шуд. Писари ӯ Худоёрхон соли 1844 тахти Хӯқандро соҳиб гашт, вале дар ин сарзамин худсарии қипчоқҳо то дараҷае зиёд шуда буд, ки онҳо соҳибихтиёр амал намуда, мардуми таҳҷойии Хӯқандро таҳқир мекарданд. Дар натиҷа соли 1852 бар зидди Мусулмонқул – пешвои қипчоқҳо ва қабилаи қипчоқ мардум ба исён бархоста, Мусулмонқулро ба қатл расонида, ҳокимияти бодиянишинонро барҳам доданд.

**Сарчашма**:

Маълумоти Муҳаммад Ҳакимхон оид ба лашкаркашии хони Хӯқанд Олимхон ба сӯйи Ӯротеппа: «Чун чанде бар ин бигзашт, амир Олимхон хост, ки боз саёдатпаноҳӣ Маҳмудхонхоҷаро гӯшмол диҳад. Муҷмали сухан ин ки қабл аз ин муқаддима ёздаҳ маротиб бар сари Ӯротеппа лашкар кашида, он вилоятро бисёр ба танг оварда буд. Агар ҳар кадомро хуллас баён кунем, ба тӯл меанҷомад, то мустамеонро малоли хотир нагардад. Бинобар он фақир қасиртар гардонидам. Ва ин сафари дувоздаҳум буд, ки шурӯъ мекунам. Зубдаи калом он ки амир Олимхон бар тамоми мамолики Фарғона ҷорчӣ занонд, ки ҳар кас маркаб дошта бошад, саворӣ намояд. Агар аҳаде аз ин сафари нусратасар монад, сараш бар бод меравад ва молаш ба тороҷ. Дар он маврид чунон лашкар ҷамъ шуда буд, ки на дар кӯҳ мегунҷид ва на дар ҳомун (саҳро). Ба чандин шаън ширкатсаворӣ намуда, мутаваҷҷеҳи мақсад гашт. Баъд аз се кӯч дар вилояти Хуҷанд ворид гардид. Аз он ҷо ба як кӯч қалъаи Ӯротеппаро чун нигини ангуштарӣ дар миён гирифта, ба муҳосира ва муқотила машғул гашт. Ва саёдатпаноҳӣ низ шарти қалъадориро ба ҷой оварда, ба андохтани тири туфанг пардохт. Рӯзи дигар амир Олимхон ароба ва манҷаниқҳое, ки аз баҳри фатҳи

қалъа дурустӣ карда буд, пеш андохт. Юриш кард ва аз як ҷониб дар тахти тоб гирифта, тӯбхона мутаваҷҷеҳи қалъа шуд ва аз ҷониби Ювонғор шаҳзода Умархон Эрисқулбии кӯчак ва Ҷумъабои қийтоқӣ ва дигар умаро рӯ ба қалъа оварданд ва аз ҷониби Ҷувонғор шаҳзода Раҳмонқулибӣ ва Холиқул мирзо ва ғайри дигар юриш оварданд. Дар он рӯз чунон оташи пайкор афрӯхта шуд, ки сарҳо чун гӯй дар майдон ғалтон шуда, дастҳо чун алам (парчам) қалам гардида, борони марг боридан гирифт. Каси бисёр аз ҳар ду ҷониб рӯ ба манзили охират оварданд.

Баъд аз муҳорибаҳои зиёд амир Олимхон дид, ки фатҳи қалъа бо осонӣ муяссар намешавад, бозгашт намуда, ба урдуи худ нузул фармуд. Ҳар рӯз баҳодурони кинахоҳ аз хуни хеш хоки майдонро гулгун мекарданд. Муддати муҳосира ба ҳаждаҳ рӯз кашид».

**Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих. Китоби 2. Таҳиягар, муаллифи муқаддима ва таъликот ва феҳристҳо А. Мухторов. Душанбе, 1985, саҳ. 419-420.**

### Санаҳои муҳим:

1816 – қатли зиёда аз ду ҳазор нафар дар Ӯротеппа аз ҷониби Умархон
1842 – Хӯқандро ишғол намудани лашкари Бухоро
1844 – ба тахти Хӯқанд соҳиб гаштани Худоёрхон
1852 – қатл шудани Мусулмонқул

### Савол ва супориш:

1) Дар ҳудуди хонии Хӯқанд кадом минтақаҳо дохил мешуданд? 2) Барои мустаҳкам намудани хонии Хӯқанд Олимхон чӣ гуна тадбирҳо андешид? 3) Дар бораи лашкаркашиҳои Олимхон ба мулкҳои дигар нақл кунед. 4) Кӯшишҳои Умархонро барои пурқувват гардондани мамлакат шарҳ диҳед. 5) Дар бораи ишғоли мулкҳои дигар ва қатлу ғорати Умархон маълумот диҳед. 6) Умархон бо кадом тахаллуси адабӣ шеър эҷод мекард? 7) Дар бораи лашкаркашиҳои Муҳаммадалихон ба мулкҳои ҳамсоя нақл кунед. 8) Рафторҳои номуносиби Муҳаммадалихонро зикр кунед. 9) Давраи ҳукмронии Шералихон ва писари ӯ Худоёрхонро шарҳ диҳед.

## § 43. БЕКҲОИ ҲИСОР ВА КӮЛОБ

Амир Ҳайдар (1800–1826) ҳангоми ба тахти Бухоро нишастан, ба қароре омад, ки ҳокимони вилоятҳоро иваз намояд. Бо ин мақсад ӯ баъзеро ба осонӣ аз вазифа озод кард ва барои иваз намудани баъзеи дигар лашкар кашид. Беки Ҳисор Аллоҳбердии тоз нисбат ба аморати Бухоро сиёсати мустақилона пеш мебурд. Ин вазъият барои амир Ҳайдар баҳонае шуд, то ӯ ба Ҳисор лашкар кашад. Дар натиҷа амир

ғалаба ба даст оварда, Аллоҳбердии тоз ба қатл расид. Дар Ҳисор нуфуси қабилаи юз зиёд буд. Амир Ҳайдар инро ба инобат гирифта, бо мақсади такягоҳ пайдо кардан Саидбийи юзро дар ин ҷо ҳоким таъйин кард. Барои тобеияти Ҳисорро ба Бухоро мустаҳкам кардан, амир Ҳайдар духтари Саидбийро ба никоҳи худ даровард ва ҳокими мазкур ба рутбаи атоликӣ сазовор гашт ва муддати тӯлонӣ дар ин мулк ҳокимият ронд. Бо даъвати амир Ҳайдар Саидбий бо лашкараш соли 1825 дар пахш кардани шӯриши хитойқипчоқҳо дар Миёнкол иштирок кард.

Баъд аз Саидбийи атолиқ писараш Сӯфибийи девонбегӣ беки Ҳисор таъйин шуд, ки ӯ тағои амир Насруллоҳ буд. Бинобар сабаби хешу таборӣ ин ҳокими Ҳисор ба ҳуқуқҳои бештаре соҳиб мешавад. Сӯфибий дар лашкаркашиҳои амир Насруллоҳ ширкат кардааст, аз ҷумла ӯ бо 500 нафар лашкари Ҳисор дар лашкаркашии амир Насруллоҳ дар соли 1842 ба Хӯқанд ва ишғоли он нақши муҳим дошт.

Ҳукмронии Саидбий ва писари ӯ Сӯфибийи юз дар Ҳисор тақрибан ним аср давом кард. Баъди Суфибийи девонбегӣ писари дигари Саидбийи атолиқ Абдулкаримбийи парвоначӣ ҳокими Ҳисор шуд. Ҳокимият дар ин мулк меросӣ гашта, аз як насл ба насли дигар мегузашт. Шоири маъруфи Ҳисор Парии Ҳисорӣ асари худ «Зафарнома»-ро ба Абдулкаримбий бахшида, аз ҷумла гуфтааст:

Нигорад ба имдоди табъи салим,
Ба парвоначӣ ибни Абдулкарим.
Шаҳи покгавҳар, муқаддассифот,
Зи бурҷи саёдат ду хуршеди зот…
Аморатпаноҳ асту вологуҳар,
Муҳаммадсаидбий атолиқ падар.

Дар замони ҳукмронии Абдулкаримбийи парвоначӣ муносибати беки Ҳисор бо ҳокимони Кӯлоб, Балҷувон ва Дарвоз ба душманӣ гароид. Беки Балҷувону Кӯлоб – Каттабек ба сӯйи Ҳисор лашкар кашида, мағлуб мешавад ва асир афтода, ба қатл мерасад. Писари ӯ Мизробшоҳ (1849–1859) барои қасоси қатли падарро гирифтан бо шаҳи Дарвоз Исмоилхон иттиҳод баста, ба сӯйи Ҳисор лашкар мекашад. Мизробшоҳ Файзободро ишғол намуда, ба сӯйи Душанбе ҳаракат мекунад. Баъд аз ишғоли ин шаҳр бо фармони Мизробшоҳ ва Исмоилхон Душанберо оташ мезананд.

Баъд аз Мизробшоҳ бародари хурдиаш Сарабек ҳокими

Кӯлобу Балҷувон шуд. Ҳокими Ҳисор кӯшиш кард, ки бо ӯ муносибати дӯстона барқарор намоянд. Сарабек ин пешниҳодро қабул кард ва онҳо байни худ иттиҳод баста, якҷоя ба муқобили шаҳи Дарвоз лашкар кашиданд. Иттифоқчиён лашкари Дарвозро дар Обигарм мағлуб карданд ва ин ғалаба душмании байни Ҳисору Кӯлобро аз миён бардошт.

Ҳисор худро мулки мустақил мешуморид. Барои ба итоати худ даровардани Ҳисор амир Музаффар соли 1867 ба ин ҷо лашкар кашид. Лашкари Бухоро дар назди Деҳнав ғалаба ба даст оварда, лашкари Ҳисорро дар қалъаи он ба муҳосира гирифтанд. Лашкари Бухоро шабохун зада, Деҳнавро ишғол намуд. Сарбозони амир қатли омми даҳшатангезе карда, ҳар каси ба дасташон афтодаро мекуштанд.

Ба чанде аз сарварони Ҳисор ва иттифоқчиёни онҳо муяссар гардид, ки ба мулки Қаротегин, Дарвоз ва Кӯлоб фирор карда, ҷон ба саломат баранд. Аз он ҷумла беки Ҳисор Абдулкаримбий додхоҳ ба Кӯлоб паноҳ бурд. Ҳокими ин ҷо Сарабек бо мақсади беҳтар намудани муносибати худ бо амири Бухоро Абдулкаримбий додхоҳро бо чанд нафаре аз ҳамрикобонаш ба амир Музаффар таслим кард, ки дар натиҷа беки Ҳисор бо тамоми хонаводааш ба қатл расид.

Яқуббек қӯшбегӣ ҳокими Кӯлоб ва Раҳмонқул парвоначӣ ҳокими Ҳисор таъйин шуданд. Баъди шикасти лашкари амир аз русҳо дар назди Самарқанд (соли 1868) Раҳмонқул парвоначӣ аз итоати Бухоро баромад.

Барои забти Шаҳрисабзу Ҳисор амир аз русҳо имдод талабид. Соли 1870 бо ёрии лашкари рус ба амир Музаффар муяссар мешавад, ки Ҳисору Кӯлобро ишғол намояд. Амир дар Ҳисор панҷ ҳазор касро қатл кард. Барои дар зери итоати худ нигоҳ доштани Ҳисор чор ҳазор сарбозро бо 11 адад тӯп дар сарзамин ҷойгир намуд.

Яқуббек қӯшбегӣ дар ин қаламрав ҳоким таъйин шуд ва баъди як сол вафот кард. Ба ҷойи ӯ Салим дастархончӣ ҳоким таъйин шуд. Ҳукмронии ӯ низ дер давом накард. Салимро писари амир Музаффар – Абдулмуъминхон иваз кард. Вай дар давоми понздаҳ сол (1871–1886) идоракунии худсаронааш сарзамини Ҳисорро ба харобазор табдил дод. Тобистони соли 1886 амир ӯро аз ҳокимии Ҳисор озод карда, ҳокими Бойсун таъйин кард.

**Сарчашма**:

Маълумоти Е.К. Мейендорф дар бораи мулкҳои Ҳисор ва Кӯлоб: «Ҳисор дар водии шукуфон воқеъ буда, дорои заминҳои ҳосилхез ва чарогоҳҳои сабзу хуррам буд. Тақрибан се ҳазор иморат

дошт. Ҳокими Ҳисор, ки падарарӯси амир Ҳайдар буд, ба вазифаи атоликӣ соҳиб шуда, иттифоқчии бовафои амири Бухоро ба шумор мерафт. Ба Ҳисор шаҳри Деҳнав, Саричӯй, Тӯпаланг, Регар, Қаротоғ, Даштобод, Чокмазор ва Хӯҷатаман тааллуқ доштанд. Ҳокими Обигарм баъзан бар зидди ҳокими Ҳисор лашкаркашӣ мекард.

Кӯлоб, ки тақрибан се ҳазор иморат дошт, дар шарқтари Ҳисор, дар роҳи аз Бадахшон ба сӯйи Хӯқанд воқеъ буд ва мулки мустақил ба шумор мерафт».

**Мейендорф Е. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. Москва, 1975, саҳ. 77.**

**Санаҳои муҳим:**

1825 – ширкати Саидбий дар пахш кардани шӯриши хитойқипчоқҳо дар Миёнкол
1842 – иштироки лашкари Ҳисор дар ишғоли Хӯқанд
1867 – лашкаркашии амир Музаффар ба Ҳисор
1868 – аз итоати Бухоро баромадани Раҳмонқул парвоначӣ
1870 – Ҳисору Кӯлобро ишғол намудани амир Музаффар

**Савол ва супориш:**

1) Баҳонаи ба Ҳисор ҳуҷум намудани амир Ҳайдар аз чӣ иборат буд? 2) Натиҷаи ҳуҷуми амир Ҳайдар ба Ҳисор бо чӣ анҷомид? 3) Бо кадом мақсад амир Ҳайдар Саидбийи юзро ҳокими Ҳисор таъйин намуд? 4) Дар бораи ҳукмронии Сӯфибийи девонбегӣ дар Ҳисор маълумот диҳед. 5) Муносибати Ҳисор бо ҳокимони Кӯлоб, Балҷувон ва Дарвоз дар замони ҳукмронии Абдулкаримбийи чӣ гуна буд? 6) Дар бораи лашкаркашии амир Музаффар ба Ҳисор чӣ медонед? 7) Муборизаи амир Музаффарро бо ҳокимони Ҳисору Кӯлоб шарҳ диҳед.

## § 44. ҲОКИМОНИ ӮРОТЕППА ВА ХУҶАНД

Соли 1800 аз тарафи лашкари Бухоро Ӯротеппа забт шуд. Бародари Худоёрбий – Бобобий ҳокими ин мулк ва писари Худоёрбий Бекмуродбий ҳокими Хуҷанд таъйин шуданд. Бекмуродбий ба сӯйи Ӯротеппа лашкар кашида, амак ва падарарӯси худ Бобобийро ба қатл расонид. Аз ин вазъ истифода намуда, хони Хӯқанд Олимхон Хуҷандро ишғол кард. Бекмуродбий барои баргардонидани Хуҷанд ба қаламрави худ ба боҷаи худ, амир Ҳайдар муроҷиат намуда, аз ӯ ёрӣ талабид. Соли 1802 амир фурсатро ғанимат шуморида, бо лашкари худ озими Ӯротеппа гашт. Бекмуродбий ба пешвози вай баромад. Амир Ҳайдар Бекмуродбийро дастгир намуда, ба дасти писарони Бобобий супорид, ки ӯро ба қатл расониданд. Ба ҷойи ӯ Ирназарбий ҳокими Ӯротеппа таъйин шуд. Барои дар итоати худ нигоҳ доштани Ӯротеппа дар ин шаҳр чор ҳазор лашкари Бухоро мустақар гашт.

Хони Хӯқанд Олимхон соли 1805 ба сӯйи Ӯротеппа лашкар кашида, Ирназарбийи манғитиро аз ҳокимият маҳрум сохт. Дере нагузашта, Маҳмудхони Хоҷаахрорӣ шаҳрро ишғол кард ва то соли 1810 ӯ дар тобеияти амир Ҳайдар буд. Баъд Маҳмудхон аз Бухоро рӯй гардонида, бо хони Хӯқанд Умархон ҳамзабон шуд. Бо вуҷуди ин, хони мазкур эътимоди ӯро ба даст наовард ва Маҳмудхонро аз вазифа бартараф кард.

Соли 1814 Муҳаммадраҳими атолиқ ё худ Атолиқбек ҳокими Ӯротеппа таъйин шуд. Дар замони ҳукмронии ӯ (қалъаи) Ҷиззах, Ём ва Зомин аз нав тобеи Ӯротеппа гаштанд. Ҳукмронии ҳокими мазкур дар Ӯротеппа ва дар ҷойҳои номбурда то соли 1828 давом кард. Ӯро хони Хӯқанд Муҳаммадалихон (1822–1842) аз ҳокимияти Ӯротеппа маҳрум гардонид ва Муҳаммадраҳим ба Шаҳрисабз омада, хост мулки худро аз дасти хони Хӯқанд баргардонад, вале нақшааш амалӣ нагашт ва ӯ кушта шуд. Шоҳи парвоначӣ пеш аз ҳокими Ӯротеппа таъйин шудан, Хуҷандро идора мекард. Ҳукмрони номбурда дар Ӯротеппа то соли 1832 ҳокимият кард. Ӯро Гадойбой парвоначӣ иваз намуда, то соли 1839 ҳокимият ронд.

Амири Бухоро Насруллоҳ соли 1841 ин мулкро забт намуд ва Карамқул додхоҳро ҳокими Ӯротеппа таъйин кард.

Баъд аз ғалабаи соли 1841 аз болои Хӯқанд амир Насруллоҳ дар бозгашт ба сӯйи Бухоро писари хурдии Нодира султон Маҳмудро ҳокими Хуҷанд ва Бердиёрро ҳокими Ӯротеппа таъйин намуд.

Соли 1842, ҳангоми ба сӯйи Хӯқанд лашкар кашидани амири Бухоро лашкари Ӯротеппа бо сарварии ҳокими он Бердиёр ҳамроҳи амир Насруллоҳ вориди Хӯқанд гашт. Баъди чанде Бердиёр вафот кард ва ба ҷойи ӯ амир Насруллоҳ аввал Исобеки манғит ва баъди як сол Исобеки юзро, ки набераи Худоёрбий буд, ҳокими Ӯротеппа таъйин намуд.

Ҳукмронии аввали ӯ аз соли 1843 то соли 1849 давом кард ва дар охири соли 1849 Исобек аз ҳокимият ронда шуда, Абдулғаффорбек ҷойи ӯро гирифт. Ҳукмронии вай низ дер напоид ва ҳокимияти ин мулк ба Аллоҳшукурбек расид. Исобек бо ёрии лашкари қипчоқ ба мулки Ӯротеппа ҳамла оварда, ғалаба кард. Аллоҳшукурбек асир афтода, ба қатл расид. Ҳукмронии дуюми Исобек дар Ӯротеппа то соли 1852 давом кард. Дар ин сол Рустамбек ба тахти Ӯротеппа соҳиб гашт. Исобек ба назди хони Хӯқанд Худоёрхон баргашт ва хон ӯро ҳокими Андиҷон таъйин кард. Дере нагузашта ӯ аз он ҷо ба пойтахти хонӣ даъват шуда, ба қатл расид.

Ҳукмронии Рустамбек то соли 1858 давом кард. Дар ин муддат ӯ дар пойтахти худ корвонсарой, мадраса, ҳаммом, масҷид ва дигар биноҳои азим бино намуд. Рустамбек соли 1858 баъд аз забти мулки Ӯротеппа аз тарафи амир Насруллоҳ ба қатл расид. Аз соли қатли ӯ то забти мулки Ӯротеппа аз тарафи лашкари Русия дар соли 1866, дар ин мулк якчанд нафар дастнишондагони Бухорову Хӯқанд, ба мисли Бозорбий, Баротбек, Абдулғаффорбек ва дигарон ҳукм ронданд.

Ҳамаи ҳокимони ба сари қудрат омада ҳаракат кардаанд, ки хазинаи худро аз ҳисоби халқи қашшоқшуда пур кунанд. Як қисми мардум маҷбур шуданд, ки ба кӯҳистони дурдаст ва вилоятҳои дигар ҳиҷрат намоянд. Бинобар қатлу ғорат ва ба мулки дигар муҳоҷират намудани мардум, саршумори аҳолии он зиёд намешуд. Дар нимаи аввали асри XIX дар шаҳри Ӯротеппа ҳамагӣ даҳ ҳазор одам зиндагӣ мекард.

**Сарчашма**:

Ахбори Муҳаммад Ҳакимхон оид ба лашкаркашии хони Хӯқанд Олимхон ба Хуҷанд: «Дар он вақт хабар расид, ки Бекмуродбек Бобо парвоначиро ба дараҷаи шаҳодат расонида ва худ бар маснади ҳукумат нишаст. Амир Олимхон ин хабарро шунида, билоэҳмол бо лашкари анбӯҳ мутаваҷҷеҳи Хуҷанд шуд. Чун дар мавзеи Конибодом расида буд, ки хабари вафоти ҷаноби саёдатпаноҳӣ Ҳакимтӯра, ҷадди фақир ҷамъ шуда расид. Амир Олимхон шаҳзодаи оламиён амир Умархонро гардонида фиристод ва он шоҳзода дар камоли таъҷил ҳамон шаб дар Хӯқанд рафта, рӯзи дигар саёдат ва уламо ва фуқаро ҷамъ шуда, ба ҳою ҳув наъшашонро (ҷасадашонро) бардошта, ба хокдонашон бурда супурданд. Муддати умр чилу ҳашт сол буд. Алқисса, аз манзили мазкур амир Олимхон бо сипоҳи ҷаррор Раҷаб девонбегиро амири лашкар сохта, пеш фармуд. Он донои соҳибтадбир дар камоли таъҷил шабгир зада, қабл аз дамидани субҳ худро ба дарвозаи Хуҷанд расонида, макин карданд. Дарвозабони аз бозии фалак бехабар дарвозаи фатҳ ба рӯйи эшон боз кард. Эшон мунтазири он вақт буданд, якбора худро ба шаҳр дохил карданд. Даст ба қатлу тороҷ кушоданд ва мардуми шаҳри Хуҷанд аз ин ғавғо дар ҳайрат афтода, ба ҳар сӯ медавиданд. Бекмуродбий аз ин воқеаи ҳоила воқиф гашта, билоэҳмол бо сипоҳи худ аз арк ба зер омада, дар миёни шаҳр ба ҷанг пайваст. Чунон ҷанге сохт, ки лашкариёни Фарғона ангушти ҳайрат ба дандон газиданд. Баъд аз муҳориботи бисёр Бекмуродбий дид, ки кор аз даст рафтааст, гашта ба арк дохил шуда, ба андохтани тири туфанг машғул гашт. Амир Олимхон низ ба шаҳр даромада, аркро чун нигини ангуштарӣ дар миён гирифта, ба муҳориба ва муқотила пардохт. Баъд аз панҷ рӯз Бекмуродбий бисёр ба танг омада, сулҳро дар миён андохт. Амир Олимхон сухани ӯро қабул намуда, оштӣ намуданд. Бекмуродбий худро маъа (бо) молу амвол гирифта ва аркро холӣ гузошта, бо чандин дарду ҳасрат мутаваҷҷеҳи Ӯротеппа гашт».

**Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих. Китоби 2. Таҳиягар, муаллифи муқаддима ва таъliқот ва феҳристҳо А. Мухторов. Душанбе, 1985, саҳ. 409 – 410.**

**Санаҳои муҳим:**

1800 – ишғоли Ӯротеппа аз тарафи лашкари Бухоро
1802 – озими Ӯротеппа гардидани амир Ҳайдар
1805 – лашкаркашии хони Хӯқанд Олимхон ба сӯйи Ӯротеппа
1814 – ҳокими Ӯротеппа таъйин шудани Муҳаммадраҳими атолиқ
1841 – ишғоли Ӯротеппа аз тарафи амири Бухоро Насруллоҳ
1842 – ба сӯйи Хӯқанд лашкар кашидани амири Бухоро
1849 – аз ҳокимият ронда шудани ҳокими Ӯротеппа Исобек
1858 – қатли ҳокими Ӯротеппа Рустамбек аз тарафи амир Насруллоҳ

**Савол ва супориш:**

1) Мубориза байни ҳокимони Хуҷанд ва Ӯротеппаро шарҳ диҳед. 2) Оид ба лашкаркашии хони Хӯқанд ба сӯйи Ӯротеппа чӣ медонед? 3) Дар бораи ҳукмронии ҳокими Ӯротеппа Муҳаммадраҳими атолиқ маълумот диҳед. 4) Лашкаркашиҳои амир Насруллоҳро ба Хуҷанд нақл кунед. 5) Ҳукмронии ҳокимони Ӯротеппа Исобек ва Рустамбекро шарҳу эзоҳ диҳед. 6) Фаҳмонед, ки чаро саршумори аҳолии мулки Ӯротеппа зиёд намегардид.

## § 45. ҶАНГҲО БАЙНИ АМИРОНИ БУХОРОЮ ХОНҲОИ ХӮҚАНД ВА ОҚИБАТИ ХАРОБИОВАРИ ОНҲО

Дар ибтидои асри XIX барои соҳиб шудан ба шаҳрҳои Тошканд, Ҷиззах ва баъзе дигар мулкҳои хурди кӯҳистон амири Бухоро ва хони Хӯқанд муборизаҳои хунин мебурданд. Ин муборизаҳо гоҳ ба нафъи як тараф ва гоҳ ба нафъи тарафи дигар анҷом меёфт. Муборизаи ин ду давлат барои Ӯротеппа зиёда аз ним аср давом кард. Сабаб он буд, ки ин шаҳр аҳамияти муҳимми стратегӣ дошт. Роҳҳои иртиботии ду давлат аз ҳамин мулк мегузаштанд. Сабаби дигари мубориза барои Ӯротеппа омили иқтисодӣ дошт. Ин вилояти сернуфус барои хазина даромади бисёр дода метавонист. Аз ин ҷо миқдори зиёди ғалла ба деҳаҳои саргаҳи Зарафшон, Самарқанду мулкҳои дигар содир мегардид.

Бист соли аввали асри XIX мубориза барои ба даст даровардани Ӯротеппа ва Хуҷанд ба ҳеҷ тараф нафъ наовард. Амири Бухоро Ҳайдар ва хони Хӯқанд Умархон маҷбур шуданд, ки амалиёти ҷангиро қатъ гардонида, байни худ «сулҳи абадӣ» имзо кунанд. Онҳо ба ворисони худ васият карданд, ки сулҳи мазкурро «муқаддас ва вайроннашаванда» донанд.

Бо ҳамин давраи аввали мубориза барои Хуҷанду Ӯротеппа ба охир расид. Дар ин муддат хони Хӯқанд неруманд гардид, зеро ошӯбҳои халқии соли 1810 ва солҳои 1821 – 1825 аморати Бухороро заиф гардонида ва мардуми он гуруснагиро

аз сар мегузаронид.

Бухоро аз пурқувват гаштани хонии Хӯқанд зери хатар монда буд. Хони нави ба тахт нишастаи Хӯқанд–Муҳаммадалихон (1822–1842) аз мушкилиҳои дар аморати Бухоро рӯйдода хост ба манфиати худ истифода намояд. Ӯ ва амири Бухоро Насруллоҳ (1826–1860) «сулҳи абадӣ»-ро вайрон намуда, муборизаро барои Хуҷанду Ӯротеппа ва дигар мулкҳо аз нав сар карданд. Ин мубориза дар ибтидо ба Бухоро натиҷаи дилхоҳ надод. Нокомиҳои ҳарбӣ ҳар ду тарафро водор намуд, ки сулҳи навро имзо кунанд. Ин созишнома аз соли 1830 то соли 1840 нисбатан риоя мешуд. Дар ин солҳо Хуҷанд ва Ӯротеппа зери тобеияти хони Хӯқанд буданд.

Аз соли 1840 давраи дуюми мубориза барои ин ду шаҳр оғоз шуд, ки дар он амири Бухоро пирӯз гардид. Амир Насруллоҳ талош кард, ки хонии Хӯқандро зери тасарруфи худ дароварад. Барои иҷрои ин мақсад сабабе бояд меёфт, ки дар натиҷа фосиқӣ ва ишратпарастии Муҳаммадалихон баҳонаи ҷанг шуд. Соли 1841 амир лашкар кашида, то наздикии Конибодом расид. Хони Хӯқанд неруи муқовимат надошт. Ӯ ба назди амир сафирони худро равон карда, ваъда кард, ки яксола хироҷи мулки худро ба ӯ медиҳад, инчунин, шаҳрҳои Хуҷанду Тошканд ба итоати Бухоро мегузаранд ва амир Насруллоҳ бо ин қаноатманд мешавад. Ӯ дар Хуҷанд султон Маҳмудро ҳоким гузошта, ба Бухоро删бармегардад. Дере нагузашта, бо миёнаравии модараш Нодира ба Муҳаммадалихон муяссар гашт, ки бо бародараш султон Маҳмуд забон як карда, Хуҷандро аз нав ба итоати худ дарорад.

Соли 1842 Насруллоҳ бо лашкари якҷояи Ӯротеппа бо сардории ҳокими ӯ Бердиёр, лашкари Мастчоҳ бо сардории беки он Ботурхоҷа, лашкари Ҳисор бо сардории Сӯфибийи девонбегӣ, лашкари Самарқанд бо сардории Иброҳимбийи манғит, лашкари Ургут бо сардории Одил додхоҳ ба сӯйи Хӯқанд ҳамла оварда, онро ишғол мекунад.

Амир Насруллоҳ барои идора кардани хонии Хӯқанд шахси боэътимоди худро таъйин намуда, ба Бухоро бармегардад. Дар ин ҷо ӯ беки Мастчоҳ Ботурхоҷаро низ қатл кард.

Бераҳмиҳои сарбозони Бухоро ва сарлашкарони онҳо дар Ҳӯқанд боиси шӯриши бузурге шуд, ки дар натиҷа ҳокими амири Бухоро дар ин мулк сарнагун гардид. Баъди воқеаҳои пурошӯби соли 1842 Исфара, Конибодом ва Хуҷанд зери тасарруфи хонии Хӯқанд ва Ӯротеппа зери ҳокимияти Бухоро

монданд.

Аз воқеаҳои рӯйдода маълум мешавад, ки низоъҳои байниҳамдигарии хонҳо тақдири мардуми зери дасти онҳоро ҳал мекард. Сабаби ҷангҳои байниҳамдигарии онҳо дар он буд, ки амиру хонҳо мехостанд қаламрави худро васеътар ва хазинаашонро ғанитар гардонанд.

Хулоса, дар нимаи аввали асри XIX муборизаи хунини аморати Бухоро бо хонии Хӯқанд барои соҳиб шудан ба ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза шиддат ёфта буд. Танҳо барои ба даст даровардани Ӯротеппа онҳо зиёда аз чиҳил маротиба ба ин шаҳр лашкар кашиданд. Дар ин муддат сӣ маротиба ҳоким иваз шуд.

Дар байни аморати Бухоро ва Шаҳрисабз низ муттасил ҷанг ва муборизаҳо ба амал меомаданд. Соли 1856, пас аз 32 бор ҳуҷум овардан, ба амир Насруллоҳ муяссар шуд, ки Шаҳрисабзро ба худ тобеъ намояд, вале ин ғалабаи муваққатӣ буд.

Хонҳои Хева зуд-зуд ба ҳудуди Бухоро ҳамла карда, ба талаву тороҷ даст мезаданд. Амир Насруллоҳ тамоми лашкари аморати Бухороро фароҳам оварда, соли 1834 ба сӯйи Хева лашкар кашид. Ҳарчанд ин мулкро тобеи худ нагардонида бошад ҳам, ба амир муяссар мешавад, ки қаламрави худро якчанд муддат аз ҳуҷуми Хева амон нигаҳ дорад.

**Оқибатҳои харобиовари ҷангҳои амирони Бухоро ва хонҳои Хӯқанд.** Аз ҷангҳое, ки дар ҳар як-якуним сол барои ишғоли Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҷиззах ва Шаҳрисабз ба вуқӯъ меомаданд ин шаҳрҳо ва атрофи онҳоро ба харобазор табдил медоданд. Хони Хӯқанд Олимхон дар яке аз лашкаркашиҳояш ба сарбозонаш амр намуд, ки шаҳри Ӯротеппаро тороҷ кунанд. Дар натиҷа мувофиқи маълумоти шоҳиди воқеа дар шаҳр «ба ҷуз хоку санг ҳар он чӣ ки ин вилояти пурбаракат дошт, рабуданд». Аҳолии боқимондаи Ӯротеппа, марду зан пойи луч ва тани нимбараҳна, нолаву фиғонкунон, мисли гадоён ба назди сарбозони хон омада, ҳоли табоҳи худро баён мекарданд ва хӯроку пӯшок металабиданд. Шоира Дилшоди Барно дар хотираҳои худ навиштааст, ки ишғолгарон аввал деҳаҳоро ғорат карданд, боғҳо, пулҳо ва иморатҳои беруни шаҳрро оташ заданд. Баъди ба шаҳр даромадан, сарбозон, навкарон ва муқаррабони хони Хӯқанд хона ба хона гашта, моли мардумро талаву тороҷ, фосиқӣ ва беномусӣ мекарданд. Дар ҳар ҷо дорҳо сохта, аз субҳ то ба шом одамонро ба дор мезаданд. Деҳаҳо тамоман валангор гардида, киштзорҳо поймол ва сӯзонда

шуданд.

Ҷангҳои бардавом ҷойҳои дигарро низ хароб карда буд. Масалан, ишғоли қалъаи Шаҳрисабз ба лашкари Бухоро муяссар нагардид, сарбозони амири Бухоро деҳаҳои атрофи онро ғорат ва хароб менамуданд. Ҳар сол баҳорон амир Насруллоҳ барои нобуд кардани киштзорҳои ғалла дастаҳои савораи худро ба Шаҳрисабз равон мекард. Дар натиҷаи харобкории онҳо гуруснагӣ сар мезад, нархи ғалла ва дигар хӯроквориҳо бениҳоят баланд мешуд ва мардуми зиёде ба ҳалокат мерасид.

Таҷовузгарон аҳолиро на танҳо ғорат мекарданд, балки асир карда, ба ҷойҳои дигар мебурданд ва мисли ғулом кор мефармуданд. Тавре ки қаблан зикр шуд, соли 1816 хони Хӯқанд Умархон, баъд аз ишғоли Ӯротеппа зиёда аз ду ҳазор одамро ба қатл расонида, сездаҳ ҳазори дигарро асир карда, ба даштҳои беоби мулки худ бурд. Дар натиҷаи ҷангҳои пайдарпай аҳолии шаҳрҳо ва миқдори заминҳои корам кам мешуданд.

### **Сарчашма**:

Маълумоти Аҳмади Дониш дар бораи амир Умархон: «Азбаски дар табъаш фиску фасод муставлӣ буда, дар муддати андак ҳам хеле доди айшу комронӣ дода, аз бари бақияи умр захира андӯхта, дар авқоти шабурӯзӣ бе майу мутриб зист накарда, мудом масту беҳуш буда, то ки дар айёми ҳукумати худ аз муҳосараи Бухоро ва омадани амир Насруллоҳ – бародари ӯ аз Самарқанд бехабар буда. Ва овози тири туфанг, ки аз беруни шаҳр меомад, муқаррабони ӯ мегуфтанд: «Мерганҳои хосса ба беруни шаҳр машқи тири туфанг доранд ва нишона меандозанд, шумо дилҷамъ бошед. То соате ки асокири амир Насруллоҳ Бухороро фатҳ карда, ба дарвозаи арк омада, ду дарвозаи аркро бишкастанд. Амир ҳам дар он ҳол дар самои чангу чағона ва дафу дойра иштиғол дошта, он гоҳ яке аз фуҳуди уламо ба ӯ восита шуда, занвор дар фаранҷӣ андохта, аз арки Бухоро (бароварда) ихроҷ карданд, то рафт, он ҷо ки рафт».

**Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Душанбе, 2010, саҳ. 32 – 33.**

### **Санаҳои муҳим:**

1834 – ба сӯйи Хева лашкар кашидани амир Насруллоҳ
1842 – ишғоли Хӯқанд аз ҷониби амир Насруллоҳ
1856 – Шаҳрисабзро ба худ тобеъ намудани амир Насруллоҳ

### **Савол ва супориш:**

1) Сабаби ҷангҳои амирони Бухоро бо хонҳои Хӯқанд аз чӣ иборат буд? 2) Давраи аввали мубоhelp муборизаи амири Бухоро Ҳайдар ва хони

Хӯқанд Умархон барои Хуҷанду Ӯротеппа бо кадом натиҷа анҷом ёфт? 3) Мубориза барои Хуҷанду Ӯротеппа ва мулкҳои дигар байни ҳокимони Бухоро ва Хӯқанд кай аз нав оғоз ёфт? 4) Дар бораи лашкаркашии амир Насруллоҳ ба хонии Хӯқанд маълумот диҳед. 5) Сабаби ҷангҳои байниҳамдигарии амиру хонҳоро шарҳу эзоҳ диҳед. 6) Дар бораи ҳамлаи хонҳои Хева ба ҳудуди Бухоро нақл кунед. 7) Оид ба харобиҳои ҷангҳои амирон ва хонҳо чӣ медонед? 8) Оқибати ин ҷангҳо ба Ӯротеппа ва Шаҳрисабз чӣ гуна таъсир расонид?

## § 46. СОХТИ МАЪМУРИИ АМОРАТИ БУХОРО

Ҳукмронии сулолаи Манғитиён дар Бухоро меросӣ буда, бо ҳеҷ гуна қонун маҳдуд карда намешуд. Амирон соҳибихтиёр давлатро идора мекарданд. Қонуни ягонае, ки ҳукмронии онҳоро нисбатан маҳдуд мегардонд, шариати ислом ва баъзе расму оини анъанавии ниёгон буд.

Баъди амир қӯшбегӣ дар мақоми дуюми аморати Бухоро буд. Вай аз тарафи амир таъйин шуда, танҳо ба ӯ итоат мекард. Тамоми корҳои маъмурӣ ва хоҷагӣ дар ихтиёри қӯшбегӣ буд.

Қӯшбегӣ вазифаи сарвазириро адо намуда, ба ӯ дигар мансабдорон итоат мекарданд. Онҳое, ки дар ҳудуди ҳокимҳои вилоят вазифаи девонбегиро иҷро мекарданд, ба қӯшбегии поён тобеъ буданд.

Яке аз мансабҳои дарборӣ иноқи калон ном дошт. Шахси ба ин рутба расида дар ҳузури амир фармонҳоро қироат мекард ё тартиб медод. Мутасаддии амалиёти ҷосусӣ дар ихтиёри кӯкалтош буд.

Корҳои дигар ба зиммаи мансабдорони дараҷаашон поён гузошта мешуд. Амалдорони амирӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешуданд: табақаи аъёну ашрофи ғайрирӯҳонӣ ва аҳли уламо. Амалдорон ва сипоҳиён ба гурӯҳи аввал, фақеҳ, муллоҳо, мударрисон, ҳуқуқшиносон, шайхулислом, қозӣ, муфтӣ, раис ва дигарон ба гурӯҳи дуюм, яъне ба аҳли уламо дохил мешуданд. Вале аталиқ, шайхулислом ва баъзе мансабҳои дигар дар асрҳои XVI – XVIII, ки мақоми баланд ба ҳисоб мерафтанд, дар замони ҳукмронии сулолаи Манғитиён ба мансабҳои ифтихорӣ табдил ёфтанд.

Аморати Бухоро ба вилоятҳо ва туманҳо тақсим мешуд. Ҳар кадоми онҳоро наздикони амир, писарони ӯ ва хешовандонаш идора мекарданд. Сардорони ин мулкҳоро дар Ҳисор ва Кӯлоб бек ё ҳоким, дар Қаротегин ва Дарвоз – шаҳ (ё шоҳ), дар Ӯротеппа ва Хуҷанд ҳоким, дар Масчоҳу Фалғар мир ном мебурданд. Бекигариҳо ба амлокдорӣ тақсим мешуданд, ки амлокдор онро идора мекард. Дар баъзе вилоятҳои кӯҳистон

(Ҳисор, Қаротегин, Кӯлоб ва ғайра) амлокдорӣ ба мири ҳазора ҷудо мешуд, ки аз якчанд деҳа иборат буд. Деҳаро арбоб ё амин идора мекард.

Дар Қаротегин ва Бадахшон ба ғайр аз шоҳ, миру арбобҳо дар идораи маъмурӣ мавқеи муҳимро ишғол менамуданд.

Муҳофизати шабонаи шаҳрҳо, кушодан ва бастани дарвозаҳои Бухоро дар ихтиёри миршаб буд. Дар Хӯқанд ва Ӯротеппа онҳоро қӯрбошӣ меномиданд. Миршаб ва қӯрбошӣ ба оромию осудагии шаҳр назорат мебурданд.

Ба воситаи мансабдорони номбурда хону амир, беку ҳокимон мулки худро идора мекарданд, хироҷу андоз ҷамъ меоварданд. Амалдорони амирӣ аз тарафи давлат маош мегирифтанд. Онҳо аз ҳисоби мардум, аксар аз ҳисоби деҳқонон ва косибон зиндагӣ карда, бори вазнини дӯши мардуми меҳнатиро дучанд мегардониданд.

Воҳиди маъмурӣ дар болооби Зарафшон–Мастчоҳ, Фалғар ва Фон, сада ё даҳа буд, ки ба амир ва арбоб тобеъ буданд. Ҳар як сада қозӣ, муфтӣ ва раис дошт.

Дар Хӯқанд хонҳо аз қабилаи минг, мисли сулолаи хонадони Манғитияи Бухоро, ҳукмрони мутлақ буданд. Ҳокимияти хонро ҳеҷ гуна қонун маҳдуд намекард. Дар ин ҷо баъди хон мингбошӣ дар мақоми дуюм буд. Дар хонии Хӯқанд бекҳо ё ҳокимони вилоятҳо, сарзакотчӣ ва қозикалон нуфузи калонро соҳиб буданд. Дар ин хонигарӣ чун аморати Бухоро мансабҳои хоҷакалон, мири асад, нақиб, саркор, девонбегӣ, амлокдор, кадхудо, арбоб (дар деҳаҳо) мавҷуд буданд.

Аз аҳли уламо қозикалони Бухоро дар ҷойи аввал қарор мегирифт. Ӯ аз тарафи амир таъйин мегардид ва ба ӯ ҳамаи қозиёни аморати Бухоро итоат мекарданд. Шахсони ба ҳукми қозӣ норозибуда мебоист ба қозикалони Бухоро шикоят кунанд, вале ин навъ мавридҳо ниҳоят кам мешуд. Ҳукми қозикалонро танҳо амири Бухоро ҳуқуқи бекор кардан дошт.

Қозикалон ва қозиҳо дар маҳкама, биноҳои махсус, ки қозихона ном дошт, нишаста корафтодагон ва гунаҳкоронро қабул мекарданд. Қозиҳо мирзоён, пешхизматон ва дигар мардуми хизматгорро дар ихтиёри худ доштанд. Вақфнома, ваколатнома, тақсими мерос ва дигар асноди расмӣ дар ҳузури қозӣ тартиб ёфта, бо муҳри ӯ тасдиқ мешуданд.

Қозиёни вилоятҳои Қаротегин ва Дарвоз аз тарафи ҳокимони он ҷо таъйин мегардиданд. Ҳаққултарака (моли645 меросӣ) ва никоҳона аз рӯйи одати мардуми ин ҷойҳо, ба ҳоким мерасид. Дар ҷойҳои дигар ин навъи даромадҳо ба манфиати қозӣ ва қозихона мегузашт.

**Лашкар ва аслиҳа.** Лашкари аморати Бухоро асосан аз

саворанизом иборат буд. Онҳоро навкар меномиданд. Навкарон барои хизмати худ аз навъҳои гуногуни андози давлатӣ озод буданд. Барои хизмати сарбозӣ ҳар кадоми онҳо ҳарсола ғалладона (гандум, ҷуворӣ), сарулибос ва миқдори ночизи маош мегирифтанд. Дар вақти эълони ҷанг навкар вазифадор буд, ки бо силоҳ ва аспи худ ба назди ҳокими вилоят ҳозир шавад. Агар аспи навкар ҳангоми амалиёти ҷангӣ ҳалок шавад, ба ӯ аз ҳисоби давлат аспи дигар медоданд. Ҳамчунин, хӯроки лашкарро аз ақиби қӯшун бо уштурҳо бор карда мебурданд.

Лашкари амир аз тарафи даҳбошӣ ва юзбошиҳо роҳбарӣ мешуд. Сарварони лашкар аз давлат ба сифати танхоҳ замин мегирифтанд.

Силоҳи навкарон асосан найза ва шамшер буд. Як қисми ночизи онҳо камонҳои пилтагӣ доштанд. Дар ибтидои асри XIX як қисми сарбозон ҳатто бо камонғӯлак мусаллаҳ буда, сипари оҳанӣ ё чармӣ дар даст доштанд.

Дар вақти амалиёти ҷангӣ барои муҳосира намудани истеҳкомҳо, сохтмони пулҳо ва дигар корҳо ба ҳайати лашкар аз ҳисоби деҳқонон ва косибон қарачирикҳо даъват мешуданд. Онҳо бо аспони худ ба ҷанг мерафтанд. Азбаски силоҳ намерасид, қарачирикҳо каланду бел мегирифтанд.

Лашкари амир бо тӯпҳои мисӣ низ мусаллаҳ буд. Тӯпҳоро ба ароба бор карда, мебурданд. Аз ҳар тӯп дар як рӯз аз 5 то 6 тир меандохтанд.

Дар ибтидои асри XIX аморати Бухоро дорои 3600 навкар буд. Як қисми онҳо муқими шаҳри Бухоро, қисми дигараш дар вилоятҳо истиқомат мекарданд. Онҳо дар вақти ҷанг бо фармони амир фавран ҷамъ меомаданд.

Соли 1837 амир Насруллоҳ лашкари пиёдагарди доимӣ ва баталиёни тӯпчиёнро ташкил кард. Онҳоро сарбоз меномиданд. Сарбозҳо дар давраи ҷанг сарулибоси махсус, камзӯли сурх, шалвори сафед ва телпак мепӯшиданд. Миқдори сарбозон 2000 нафар буд. Муҳлати хизмати сарбозӣ маълум набуд. Дар миёнаҳои сари XIX миқдори тӯпҳои лашкари Бухоро ба 80 адад мерасид.

Бо ин қувва ва неруи сарбозон ба амир Насруллоҳ муяссар шуд, ки давлати нисбатан мутамарказ ташкил намуда, бар мулкҳои дигар ғалаба ба даст оварад.

Қувваҳои ҳарбии хонии Хӯқанд дар нимаи аввали асри XIX аз аморати Бухоро кам фарқ мекард. Лашкари саворҳои хон доимӣ набуд. Онҳо дар вақти ҷанг ҷамъ меомаданд. Саворaҳои низомии муайян ва силоҳи якхела надоштанд. Аз хазина ҳар кадом сарбоз орду биринҷ ва дар як сол ду ҷома мегирифт. Ба ивази маош ба сарбозон ва сардорони онҳо баъзан инъомҳо медоданд. Сарбозони савора аз хон асп ва баъзан замини кишт мегирифтанд. Силоҳи лашкари Хӯқанд аз силоҳи лашкари

Бухоро беҳтар набуд. Танҳо як қисми ками сарбозон бо камони пилтагӣ мусаллаҳ буданд. Лашкари хон дорои 100 адад тӯп буд.

Қисми ташкилии қувваи ҳарбии хони Хӯқанд дар нимаи аввали асри XIX аз қувваи низомии аморати Бухоро кам фарқ мекард, вале назар ба лашкари Бухоро заифтар буд. Бинобар ин, ба амирони Бухоро муяссар мегашт, ки дар ҷангҳои бо хони Хӯқанд суратгирифта борҳо пирӯз гашта, чандин маротиба маркази хонигарӣ – шаҳри Хӯқандро ишғол намоянд.

**Сарчашма:**

Маълумоти Н. Хаников дар бораи баъзе вазифаҳои амир ва шаҳрдор дар аморати Бухоро: «Сардори давлат амир аст. Ҳукми ҳаёту мамоти аҳолии шаҳру деҳоти мамлакат дар ихтиёри ӯст ва амалиёти ӯро дар ин боб танҳо қонунҳои исломӣ, ки аз рӯйи Қуръон амал мекунанд, маҳдуд мегардонд. Амир дар шаҳрҳои аз Бухоро дур воқеъ буда шаҳрдор (раиси шаҳр) таъйин мекард ва тамоми ҳуқуқҳои худро, ба ҷуз аз ҳуқуқи ҳаёт ва марг, ба ихтиёри ӯ медод. Ба ҷо овардани ҳукми қатл танҳо бо иҷозати амир амалӣ мегашт.

Шаҳрдорон аз тамоми ҳодисоти дар маҳалҳо рӯй дода бояд амирро огоҳ менамуданд. Ҳар ҳафта рӯзҳои ҷумъа, баъди адои намози ҷумъа, онҳо ахбори худро ба амир пешниҳод мекарданд. Агар дар итоати шаҳрдор шаҳрҳои хурди дигар бошанд, он гоҳ сардорони онҳо маълумоти заруриро ба шаҳрдори асосӣ пешкаш менамуданд ва ӯ онҳоро ба амир мерасонд.

Ҳангоми лашкаркашии амир барои ҷамъ намудани ҷангиён, шаҳрдорон фармони амирро гирифта, дар бозорҳои шаҳр эълон мекарданд. Ашхосе, ки барои ин кор дар Бухоро ва маҳалҳои дигар қаблан номнавис шуда буданд, дар вақти муайяншуда ба ҷойи лозимӣ ҷамъ меомаданд. Бо аслиҳа ва аспҳо таъмин намудани ашхоси ҷамъшуда ба уҳдаи шаҳрдорон вогузор буд.

Ҷамъоварии хироҷро низ шаҳрдорон иҷро мекарданд. Ҷамъоварии навъҳои дигари андоз аз ҷониби ашхоси масъули дигар иҷро мешуд».

**Н. Ханыков. Описание Бухарского ханства. Санкт-Петербург, 1843, саҳ. 179 – 181.**

**Савол ва супоришҳо:**

1) Сохтори маъмурии аморати Бухоро чӣ гуна буд? 2) Қӯшбегӣ дар аморати Бухоро кадом вазифаҳоро иҷро мекард? 3) Амалдорони амирӣ ба чанд гурӯҳ тақсим мешуданд? 4) Ба гурӯҳи аввали амалдорони амирӣ киҳо дохил буданд? 5) Аморати Бухоро аз ҷиҳати маъмурӣ ба кадом қисматҳо ҷудо мешуд? 6) Сардорони мулкҳои аморати Бухороро чӣ ном мебурданд? 7) Бекигариҳоро кӣ идора мекард? 8) Идораи деҳа ба дӯши кӣ вогузор буд? 9) Вазифаи миршаб аз чӣ иборат буд? 10) Дар бораи сохтори маъмури хонии Хӯқанд маълумот диҳед. 11) Вазифаҳои қозикалони Бухороро шарҳ диҳед. 12) Ба уҳдаи қозиҳо кадом вазифаҳо вогузор буданд? 13) Лашкари савора дар аморати Бухоро чӣ ном дошт? 14) Навкар кадом вазифаҳоро иҷро мекард? 15) Лашкари амир аз тарафи киҳо идора мешуд? 16) Сарбозҳо киҳо буданд? 17) Дар бораи қувваҳои ҳарбии хонии Хӯқанд дар нимаи аввали асри XIX маълумот диҳед.

# МАВЗӮИ XV
# ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДӢ ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

## § 47. ҶОЙГИРШАВИИ АҲОЛӢ ДАР АМОРАТИ БУХОРО ВА ХӮҚАНД. ҲАЁТИ КИШОВАРЗӢ

Дар нимаи аввали асри XIX дар қаламрави аморати Бухоро ва Хӯқанд тоҷикон дастаҷамъона зиндагӣ мекарданд.

Дар аморати Бухоро тоҷикон асосан дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳисор, болооби Зарафшон, дар ҳавзаи Қашқадарё, Сурхондарё, ноҳияҳои кӯҳистони Шеробод, Деҳнав, Бойсун, Сариҷӯй, дар шохаи ҷанубии қаторкӯҳҳои Ҳисор (водии Шерхондарё, Қаратоғдарё, Хонақоҳдарё, Лучоб, Варзоб, Симиганҷ, болооби Кофарниҳон), водии Файзобод, Кӯлоб, Рашту Дарвоз ва Помир истиқомат доштанд. Тоҷикон нисфи зиёди аҳолии Шаҳрисабз, Китоб ва Чирчиқро ташкил медоданд. Дар хонии Хӯқанд тоҷикон дар тамоми ноҳияҳои он буданд, аммо онҳо асосан дар шаҳрҳои Хуҷанд, Шаҳрихон, Марғелон, Намангон, Истаравшан, Конибодом, Исфара, Ашт, Сух, Риштон, Чуст, Қувва, Косон ва дигар минтақаҳои водии Фарғона дастаҷамъона ҳаёт ба сар мебурданд. Дар дарбори хонии Хӯқанд тоҷикон вазифаҳои масъул ва аввалиндараҷаро ишғол мекарданд.



***Мусаввараи ду тоҷики шаҳрнишин***

Аҳолии ноҳияҳои кӯҳистони аморати Бухоро ва хонии Хӯқандро тоҷикон дар бар мегирифтанд. Низоъҳои дохилӣ ва ҷангҳои феодалӣ, ки дар нимаи аввали асри XIX фазои нобасомонеро ба вуҷуд оварда буд, бисёре аз хонаводаҳои

тоҷиконро маҷбур сохт то аз сарзаминҳои муқимии худ кӯч баста, ба маҳалҳои амнтаре раванд. Ин раванд боис шуд, то дар ҳудуди Фарғона ва дигар водиҳо деҳаҳое бо номҳои Мастчоӣ, Қаротегинӣ, Дахбедӣ ва ғайра пайдо шаванд. То ба имрӯз дар Самарқанд маҳаллаҳое бо номҳои Ховасӣ, Зоминӣ, Хуҷандӣ мавҷуданд.

Маҳалҳои аморати Бухоро аз ҷиҳати ҷойгиршавии аҳолӣ яксон набуданд; водии Зарафшон (Миёнколот) ва Қашқадарё сернуфус ва вилоятҳои Бухорои Шарқӣ нисбатан камнуфус буданд. Албатта, дар ин қисмати аморат водиҳое ҳам буданд, ки аҳолии хеле зиёд доштанд.

Солҳои 1830–1840 дар аморати Бухоро тақрибан ду миллион, дар шаҳри Бухоро дар чаҳоряки аввали асри XIX 70 ҳазор, дар Самарқанд 30 ҳазор, дар шаҳри Хуҷанд 17 ҳазор ва дар Истаравшан 12 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекард. Дар вилояти Хуҷанд аҳолӣ тақрибан 74900 нафарро дар бар мегирифт. Аз ин миқдор рӯҳониён ҳудуди 600 нафар (0.8 дарсад), тоҷирон ва косибон 2636 (тахминан 3.5 фоиз) ва кишоварзон 71664 нафар буданд.

Дар пойтахти аморат–шаҳри Бухоро, бештар сеяки тамоми аҳолии шаҳрнишини аморат истиқомат менамуд. Аҳолии асосии ин шахр тоҷикон буданд. Ба ҳисоби соли 1820 онҳо ба миқдори аз чор се ҳиссаи теъдоди умумии аҳолии пойтахти амората ташкил мекарданд.

Дар ҳудуди аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд ба ғайр аз тоҷикон ӯзбекҳо, туркманҳо ва яҳудиён низ зиндагӣ мекарданд. Умуман, дар шаҳрҳо фақат даҳяки аҳолӣ, ҳатто аз ин ҳам камтар зиндагонӣ доштанд, ки ин теъдодро асосан тоҷикон ташкил мекарданд. Аҳолии деҳот назар ба шаҳр чандин баробар зиёдтар буд.

**Кишоварзӣ.** Асоси иқтисоди аморати Бухоро ва хонии Хӯқандро кишоварзӣ ва чорводорӣ ташкил медод. Мисли дигар мамлакатҳои Шарқ кишоварзӣ ба воситаи усули зироати обии ба шароити хоку иқлими ноҳияҳои гуногун мувофиқ рушд мекард.

Дар Осиёи Миёна тарзҳои ниҳоят оқилонаи истеҳсолоти кишоварзӣ ва муносибати обу замин ба вуҷуд омада, дар амал ҷорӣ гардида буданд. Деҳқонон меҳнати хеле зиёд сарф намуда, заминро барои зироат омода месохтанд. Барои ин кор мардуми кӯҳистон заминҳои корами худро ҳамасола аз санг тоза мекарданд.

Деҳқонони безамин ё камзамини кӯҳистон барои ба кишт омода сохтани замини санглох маҷбур буданд, ки хокро аз дигар ҷой бо ҳар васила кашонда биёранд. Аз ин замин танҳо як навбат ҳосил мегирифтанд, чунки барфу борон хоки кашонидаи

онҳоро шуста мебурд. Соли дуюм деҳқон маҷбур мешуд, ки боз аз нав хок кашонад.

Боғдорӣ ҳам шуғли осон набуд. Масалан, ба анор дар як сол аз 6 то 10 бор об додан лозим меомад. Тирамоҳ бо машаққати зиёд дарахти анору анҷир ва токи ангурро зери хок намуда, аввали баҳор онҳоро аз хок берун меоварданд. Бо меҳнати сахт деҳқон биёбонҳо ва санглохҳоро ба киштзор табдил медод.

Шудгори замин дар вилояти Кӯлоб дар моҳи март, дар болооби Рашт ва водиҳои баландкӯҳи шохобҳои Сурхоб дар моҳи апрел ва май шурӯъ мешуд, ки дар моҳи июл–август ҳосили гандумро ҷамъоварӣ менамуданд. Олоти меҳнат хеле сода буд. Бо сипор шудгор ва сипас бо мола ва сихмол замини шудгоршударо ҳамвор мекарданд. Каланд ҳамчун муҳимтарин ва муносибтарини олоти меҳнат васеъ истифода мегардид. Бо дос дарав мекарданд. Барои бод кардани гандум панҷшоха ва бели чӯбиро ба кор мебурданд. Дар боғдорӣ досткалла ва каҷкорд истифода мешуд. Дар кӯҳистон чигина ва дар ҳамвориҳо хелҳои гуногуни аробаи дучарха вазифаи нақлиётро иҷро мекард. Барои пурзӯр ва ҳосилхез кардани замин ва киштзор пору, хоки теппа ва кулӯхи девори иморатҳои куҳнаро хока карда мепошиданд.

Сохт ва таркиби майдонҳои кишти заминҳои обии байни ноҳияҳои ҷудогона фарқи калон доштанд. Чунончи, дар ноҳияи Хуҷанд 60 дарсади заминро киштзори ғалла (аз он нисфаш гандум, баъд ҷуворӣ ва шолӣ, камтар ҷав ва арзан) ташкил медод. Тақрибан 14 дарсади майдон аз боғу токзор иборат буд. Пахтаи маҳаллӣ (ғӯза) 11,5 дарсад, юнучқа 6,4 дарсад, обчакорӣ 4,5 дарсади майдонро ишғол менамуд. Дар маҳалҳои ба шаҳр наздик бештар боғдорӣ ва обчакорӣ равнақ меёфт. Дар боғҳо ангур, себ, нок, анор, олу, зардолу, бодом, анҷир, тут ва ғайра парвариш мешуданд, ки бо навъҳои олии худ шуҳрат пайдо карда буданд. Дар баъзе ноҳияҳое, ки об фаровон буд, мавқеи асосиро зироатҳои саноатӣ ишғол менамуданд, ки муҳимтарини онҳо пахта, тамоку, зағир ва рустаниҳои рангдиҳанда буданд, вале олоти кишоварзӣ ба дараҷаи ибтидоӣ буд. Истифодаи обу замин низ бо усулҳои ақибмонда сурат мегирифт. Бинобар ин ба заҳмати хеле зиёд ва маҳорати деҳқонон нигоҳ накарда, самараи кишоварзӣ хеле ночиз буд.

Дар нимаи аввали асри XIX миқдори ҳосили гандум ва ҷав дар вилоятҳои Ғузор, Ширбадан, Бойсун ва Ҳисор 500 ҳазор батман буд. Дар ин замон дар вилояти Ҳисор ҳосили хуби шолӣ ба даст меоварданд. Дар вилояти Рашт (Қаротегин) шолӣ ва пахта кишт намешуд ва дар Дарвоз бошад, ба сабаби кам будани

заминҳои обӣ мардум бо гандуми маҳаллӣ таъмин намегардид. Бинобар ин аз Кӯлоб ва Рашт, ки ҳосили фаровони гандум ба даст меоварданд, ба Дарвоз гандум мекашонданд. Дар навбати худ иқлими гарми Дарвоз боиси кишти ғуза мегардид, ки ҳамсояҳои атрофро бо пахта таъмин мекард.

Шароити кишоварзӣ дар ноҳияҳои Помири Ғарбӣ ва умуман Бадахшон бисёр мушкил буд. Дар ин ҷо аксари заминҳои киштбоб дар нишебии кӯҳҳо қарор доштанд, ки замини онҳо санглох буда, бо сипор ҷуфт кардани он мушкилии зиёдеро ба бор меовард. Ба ин сабаб аксари замиҳоро бо каланд шудгор мекарданд.

Ба чорводорӣ тақрибан дар тамоми вилоятҳо машғул буданд. Сарчашмаҳои ин замон аз рушди чорводорӣ, қароқулпарварӣ бахусус, дар миёни чорводорони қирғиз ва ӯзбекони сокин дар Рашт, Кӯлоб ва Бухоро хабар медиҳанд. Дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд асосан асп, хар, гов, гӯсфанд, буз ва шутур парвариш мекарданд. Ҳар як хонавода якчанд чорво дошт, ки он аксаран аз гову барзагов ва бузу гӯсфанд иборат буд. Дар Помир ва дигар ноҳияҳои кӯҳистон чорводорӣ соҳаи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Чорво мардумро бо хӯрок ва пӯшок таъмин мекард.Чорводорони тоифаҳои нимкӯчӣ ва алалхусус, кӯчӣ хусусияти дигар доштанд. Рамаҳо ва ҳамроҳи онҳо аҳолӣ ё худ қисми он аз як чарогоҳ ба чарогоҳи дигар мегузаштанд. Давраи дар чарогоҳ нигоҳ доштани чорво хеле мушкил ва тӯлонӣ буд.

Аҳолии шаҳрҳо дар баробари касбу ҳунар ва тиҷорат ба боғдорӣ, ангурпарварӣ ва умуман, кишоварзӣ низ машғул мешуданд. Масалан, қисми зиёди аҳолии шаҳри Ӯротеппа соҳиби боғҳои ангур буданд. Ё худ машғулияти асосии мардуми Самарқанд боғдорӣ, истеҳсоли абрешим ва пахта буд.

**Сарчашма:**

Олим ва шоири олмонӣ Ж.Перти дар бораи маҳалли сукунати тоҷикон менависад: «Форсҳо ва ё тоҷикон (чи хеле ки онҳо худро чунин ном мебаранд) дар Осиё мардуми аз ҳама маъмуланд. Онҳо дар паҳнкӯҳҳои Эрон то дарёи Ҳинд ҷойгузин шудаанд; онҳоро ҳатто дар Тӯрон ва қисмати ғарбии болои Осиё вомехӯранд. Онҳо деҳотеро дар Русия ва Сибир асос гузоштаанд».

**Нақли қавл аз Н.В.Ханыков. Записки по этнографиии Персии. Москва, 1977, саҳ.27.**

Н.В. Хаников (1819–1878) донишманди бузург, сайёҳу ҷуғрофидони маруф ва шарқшиноси шинохтаи асри XIX-и Русия дар бораи хислатҳои тоҷикон менависад: «Тоҷикон мардуми оромтабиат буда, ба ҳокиме, ки дар сари давлат аст, итоат мекунанд. Онҳо ғайр аз кишоварзӣ ба баъзе навъҳои тиҷорат ва истеҳсоли молҳое, ки барои афғонҳо қобили рағбат нест, машғул мешаванд. Умуман, онҳо нармхӯ

буда, мардуми одӣ ва меҳнатдӯстанд. Гарчанд онҳо бо афғонҳо монанд ҳастанд, ногуфта наметавонам, ки дар раванди омезиш аз онҳо танҳо сифатҳои некашонро пазируфтаанд. Тоҷикон ба ҷумлаи халқҳои ҷангҷӯ шомил намешаванд…»

**Н.В. Ханыков. Записки по этнографиии Персии. Москва, 1977, саҳ. 97 – 98.**

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар бораи кишоварзии вилояти Хатлон менависад: «Зироат дар ин вилоят аз анвои ҳубубот ва аснофи мазруот мавҷуд аст. Ва аз ин вилоят аз роҳи дарё ҳамроҳи сал (амад) ва қаиқ ба иёлати Лабиоб ҳарсола мутаҷовиз аз даҳ ҳазор ман ғаллот ҳамлу нақл мешавад. Дар ин вилоят ғалла фаровон ва нархи он арзон. Ба асокири муҳофизи Дарвоз низ аз ин вилоят ғалла меравад».

**Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи Ҳумоюн. Таҳиягар Ҷ.Назриев, Душанбе, 2006, саҳ.142.**

### Савол ва супориш:

1) Дар нимаи аввали асри XIX тоҷикон дар Осиёи Миёна дар кадом шаҳру вилоятҳо зиндагӣ доштанд? 2) Аҳолии аморати Бухоро дар солҳои 1830–1840 чӣ миқдор буд? 3) Кишоварзони вилояти Хуҷанд дар нимаи аввали асри XIX чӣ қадар буданд? 4) Зироати асосиро дар заминҳои аморати Бухоро чӣ ташкил мекард? 5) Дар аморати Бухоро боз кадом соҳаи рушди иқтисодӣ мавҷуд буд?

## § 48. ҲУНАРМАНДӢ. САРВАТҲОИ ЗЕРИЗАМИНӢ

Дар нимаи аввали асри XIX дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд ҳанӯз меҳнати ҳунармандӣ аз кишоварзӣ ҷудо ба назар намерасид. Бинобар он, сокинони шаҳрҳо ҳамзамон бо тавлиди маснуоти дастӣ ба кишоварзӣ низ машғул мешуданд. Сокинони деҳот бошанд, на танҳо кишоварзӣ ва чорводорӣ, инчунин, косибӣ низ мекарданд. Вобастагии ҳунармандӣ бо кишоварзӣ вазъи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муомилоти молии ин замонро инъикос менамуд, ки он дар сатҳи поин қарор дошт.

Дар деҳот истеҳсолоти ҳунармандӣ дар хонаҳои сокиннни он ба роҳ монда шуда буд. Деҳотиён бештар читу хомсуф ва карбос мабофтанд. Дар шаҳри Истаравшан аз 1041 дукони косибон 187-тоаш дар деҳаҳои гирду атрофи он ҷойгир буданд. Ин шаҳр бештар ба истеҳсолоти лавозимоти пашмӣ, корд ва теғ (поку), матоъҳои дастдӯз ва дастбоф шуҳрат пайдо карда, маҳсулоти он на фақат эҳтиёҷоти дохилиро қонеъ мегардонид, балки ба берун ҳам содир карда мешуд.



***Мисгар***



***Дастгоҳи шоҳибофӣ***

Дар деҳот касбу ҳунар ривоҷ ёфта бошад ҳам, аммо сатҳи тараққиёт ва такомули техникии касбу ҳунари шаҳр баландтар буд.

Дар ин замон касбу ҳунар ихтисосҳои зиёдеро фаро мегирифт, ки мардум асосан ба чунин ҳунарҳо шуғл доштанд: пардози филизот, бинокорӣ, даббоғӣ, кулолгарӣ, чӯбкорӣ, либосдӯзӣ, ошпазӣ ва дигар касбу кор, ки тавассути он дигар ашёи рӯзгорро тайёр мекарданд. Ҳар як соҳа дар навбати худ ба гурӯҳҳо ҷудо мешуд. Чунончи, пардози филизот ба панҷ гурӯҳ тақсим гардида буд: оҳангарӣ, дегрезӣ, мисгарӣ, рехтагарӣ ва заргарӣ. Дар айни замон худи як гурӯҳи оҳангарӣ чунин пешаваронро дар бар мегирифт: челонгар, наългар, қуфлсоз, кордгар, сӯзангар ва мехчагар. Чунин гурӯҳбандиҳо дар дигар соҳаҳои касбу ҳунар низ вуҷуд доштанд.



***Тасвире аз маросими чӯянгудозӣ***

Дар нимаи аввали асри XIX кулолгарӣ, ки занону мардон ба он шуғл доштанд, рушд кард. Ҳунари чӯбкорӣ низ густариш ёфт. Ҳунари заргарӣ бағоят инкишоф ёфта буд. Заргарҳо аз тиллову нуқра ва мис зебу зинати занона месохтанд ва ба онҳо аз сангҳои қиматбаҳо ва камқимат нигин васл мекарданд. Илова ба тоҷикон дар ҳунари заргарӣ ҳиндуҳо, ки дар шаҳрҳои Бухоро, Хӯқанд, Шаҳрисабз, Қаршӣ ва Ҳисор зиндагӣ мекарданд, низ маъруф буданд.

Аз охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX Хӯқанд чун як маркази истеҳсоли коғаз шуҳрат пайдо кард. Ҷувозҳои коғазгарии Хӯқанд дар Сух, Чоркӯҳ, Ворух, Хуҷанд,

Истаравшан ва дар деҳаи Қӯштегирмон воқеъ буданд. Дар ин ҷойҳо коғази хом тавлид мекарданд ва онро ба маркази хонигарӣ–шаҳри Хӯқанд интиқол дода, коркард намуда, онро ҷилодор карда, баъдан ба бозор барои фурӯш мебаровcovarданд.

Ҳамаи кори ҳунармандони моҳир дастӣ иҷро мешуд, ки ин меҳнати зиёдеро талаб менамуд. Бинобар ин, ҳаҷми маҳсулоти аксари косибон чандон зиёд набуд. Музди меҳнати косибон барои рӯзгор ва харидани ашёи хом кифоят намекард.

Ҳар як ҳунарманд шогирди худро дошт. Ҳунармандон ҳунари худро ба писар, бародар ё наздикони худ ҳатман меомӯзонданд, ки ба ин васила силсилаи ҳунармандони авлодӣ ба вуҷуд меомад.

Ҳар як ҳунар оинномаи худро дошт, ки онро рисола меномиданд, ки дар он навъ ва андозаи ин ва ё он маҳсулот навишта мешуд. Косиб ин қоидаи пешбинишударо бояд риоя мекард.

Дар тамоми шаҳрҳои аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд ҳунармандони як касб як навъ иттиҳодияҳоеро таъсис карданд, ки дар маҳаллаҳои алоҳида ҷойгир буданд. Масалан, баъзе маҳаллаҳои шаҳрҳои Хуҷанд ва Истаравшан ба коркарди филизот махсус гардонида шуда, дар Хуҷанд маҳаллаҳои сангарон, ниёздегча, кунгурасозон, милтиқсозон, дар Истаравшан бошад, маҳаллаҳои дегрезон, сӯзангарон, мехчагарон ва кордгаронро ба вуҷуд оварданд.





***Кӯзаҳо***

Рушди маснуоти дастӣ ва ҳунармандӣ боиси бузург шудани шаҳрҳо гардид. Дар ин давр шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, Намангон, Ҳисор, Тирмиз, Истаравшан ва Хуҷанд шаҳрҳое буданд, ки аҳамияти муҳимми иқтисодӣ доштанд.

Ҳунармандӣ дар ҳаёти иқтисодии аморати Бухоро нақши муҳим мебозид. Аксари аҳолии шаҳр аз косибону ҳунармандон

иборат буд. Дар шаҳри Бухоро тақрибан 10–15 ҳазор ҳунарманд мезист, ки бо аҳли хонаводаи худ қариб чоряки аҳолии шаҳрро ташкил медоданд.

Пешаварон бо аҳли хонаводаи худ қисми муҳимми аҳолии Хуҷандро ташкил мекарданд. Дар ин шаҳр зиёда аз 100 навъи истеҳсолоти ҳунармандӣ вуҷуд дошт. Хуҷанд бо абрешими худ маъруф буд ва ба ин сабаб дар ин шаҳр касби бофандагӣ равнақи бештар пайдо кард. Ҳисор бо теғ, шамшер ва кордҳои худ шуҳрат ёфта буд, ки ин маҳсулотро ба тамоми шаҳрҳои аморат мебурданд. Дар дигар шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ оҳангарӣ ривоҷ ёфта буд, ки ин ҳунар бо маҳсулоти худ махсус гардонида шуда буд. Масалан, як оҳангар танҳо занҷир, дигараш наъл, сеюмӣ мех, чаҳорумӣ каланд ва ғайра истеҳсол мекарданд.

Мардуми ноҳияҳои кӯҳистони Рашту Дарвоз бо кулолгарӣ шуғл доштанд. Бо ин ҳунар ҳам занон ва ҳам мардон машғул мешуданд. Ҳунари чӯбкорӣ низ равнақ ёфта буд. Устоҳо асбобу олоти кишоварзӣ – сипор, чоршох ва панҷшох, белҳои чӯбин, афзорҳои гуногуни рӯзгор–кафш, чарх, қуфл, дастгоҳи бофандагӣ, гаҳвора, дару дарича, панҷараҳои зебо ва ғайраҳоро месохтанд. Устоҳо зини асп ва зини хар тайёр мекарданд, ки дар бозори маҳаллӣ талабот ба он зиёд буд.

Матоъҳои ҳархела ва гуногунранг, гулпартоии устоҳои маҳаллӣ, ки ба он ҳам мардон ва ҳам занон машғул буданд, бағоят тараққӣ карда буд.

Пешонабандҳои арӯсӣ, куртаҳои чакан, пӯшоки пашмӣ (чакман) ва куртаҳои рағза, парпарӣ, халтачаҳо барои ҷиҳози арӯсӣ, гулдӯзиҳои ҳархела (ҷойнамоз, рӯҷо, борпӯш, сӯзанӣ ва ҳоказо) аз ҳунари баланди чеварон ва дигар ҳунармандон гувоҳӣ медоданд.

Дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар аморати Бухоро истеҳсолоти ҳунарҳои дастӣ бо маҳсулоти корхонаҳо, ки аз кишварҳои гуногун ворид карда мешуд, наметавонист рақобат кунад ва ин сабаби заиф гаштани истеҳсоли навъҳои анъанавии маҳсулоти ҳунармандӣ гардид.

**Сарватҳои serизаминӣ.** Маводи хомро барои истеҳсолоти ҳунармандӣ аз соҳаи кишоварзӣ ва чорводорӣ, инчунин, аз истихроҷи маъдан ба даст меоварданд. Аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд аз сарватҳои зеризаминӣ ғанӣ буд. Дар ин сарзамин конҳои маъдан зиёд буданд, вале ба сабаби ҳанӯз дар ҳолати ибтидоӣ қарор гирифтани тариқи истихроҷ ва хеле афзун будани талабот эҳтиёҷи кишварро қонеъ карда наметавонистанд.

Тоҷиконе, ки дар ду тарафи соҳили Зарафшон ва Искандардарё зиндагӣ мекарданд, инчунин, аз соҳилҳои дарёҳои

дар Рашту Дарвоз ҷорӣ мешуда бо усули заршӯйии тилло ба даст меоварданд. Дар нимаи аввали асри XIX истихроҷи филизоти ранга вусъат ёфт. Ин замон тилло на танҳо дар соҳилҳои дарёҳои Зарафшон ва Вахш инчунин, дар Балҷувон, дар миёнаоб ва болооби рӯди Панҷ, бахусус, дар деҳаи Гармчашма, дар тарафи соҳили рости ин дарё ва дар Бадахшон фаровон ба даст меомад. Бо вуҷуди ин ки маҳалҳои зиёди истихроҷи тилло зиёд буданд, аммо тиллои ба тариқи заршӯйӣ бадастомада талаботи кишварро наметавонист қаноатманд созад, бинобар ин аз Ҳиндустон, Эрон ва Хитой ба аморати Бухоро ва Хӯқанд тилло ворид карда мешуд.

Дар кӯҳҳои Шаҳрисабз, Бойсун, Ҳисор, дар болооби дарёи Ванҷ ва дигар маҳалҳои Бадахшон маъдани оҳан, дар Кӯҳитанг, кӯҳсори Фарғона ва Варзоб сурб (қӯрғошим) истихроҷ мекарданд. Бо вуҷуди ин ки конҳои истихроҷи маъдани оҳан маълум буданд, дар бисёр ноҳияҳо аз реги дарё ба даст овардани онро афзал медонистанд.

Дар ибтидои асри XIX дар баробари истифодаи силоҳи оташфишон ба сурб ва селитра, ки барои тайёр кардани тир ва борут зарур буданд, аҳамият медоданд. Сурб, нуқра ва селитраро дар кӯҳҳои Истаравшан ва Фарғона, намак ва графитро дар наздикии Бухоро, фирӯза, мис, сурма ва оҳанро дар Нурато ва гаҷро дар Самарқанд истихроҷ мекарданд.

Болооби Зарафшон–Мастчоҳ, Фалғар, Фон, Киштут аз тиллою олтингӯгирд, селитраю сурма, ангиштсанг ва дигар сарватҳои зеризаминӣ ғанӣ буд. Олтингӯгирд дар наздикии қалъаи Сарвода (Фалғар) ба даст оварда мешуд, ки ҳуқуқи истихроҷи онро танҳо бекҳои водии Фондарё доштанд.

Намак дар ноҳияҳои Қаршӣ, Бойсун, Норак, кӯҳҳои Хоҷасартез, Хоҷамуъмин ва ҷойҳои дигар фаровон истеҳсол мешуд. Онро ҳам ба шакли суда (масалан, дар Ашт) ва ҳам ба шакли намаксанг (конҳои машҳури намаки рангини кӯҳҳои Ғузор, намаки кӯҳи Хоҷамуъмин – наздикии Кӯлоб ва ғайра) ба даст меоварданд.

Дар кӯҳистони Бадахшон ва Фарғона ҳар гуна ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо, чун лаълу ёқут, фирӯза, лоҷвард ва амсоли инҳо ба даст оварда мешуд. Дар ибтидои асри XIX, дар соҳили дарёи Панҷ, дар наздикии Шуғнон лаъл ба даст меоварданд. Ин макони истихроҷи лаъл меросӣ аз насл ба насл мегузашт. Пешаварони ин ҷой ҳунари истихроҷи ин санги қиматбаҳоро ба меросбарони худ меомӯзониданд. Дар солҳои бистуми асри XIX баъд аз он ки ҳокими Қундуз Муродбек Бадахшонро ишғол кард, коргарони лаъл истехроҷ мекардаро маҷбур сохт бемузд барои ӯ лаъл истихроҷ кунанд, аммо онҳо аз ин фармони ҳокими Қундуз сарпечӣ карданд, ки дар натиҷа

миёни эшон задухӯрд ба амал омад. Муродбек онҳоро ба ботлоқзорҳои Қундуз муҳоҷир кард, ки аксари ин пешаварон ҳалок шуданд.

Таваҷҷуҳ ба филизоти қиматбаҳо чун тиллову нуқра ва дигар маъданҳо аморати Бухороро водор сохт ба Русия муроҷиат намояд, то дар муайян кардани конҳо ва истихроҷи маъданҳо дар аморат ба онҳо ёрӣ расонанд. Ин буд, ки дар солҳои сиюми асри XIX Русияи подшоҳӣ гурӯҳи муҳандисонро бо сарварии Бутенев ба Бухоро фиристод. Ин ҳайат корҳоеро дар муаяйн намудани конҳои филизот ва сангҳои қиматбаҳо дар Бухоро ва болооби Зарафшон анҷом дод.

Дар нимаи аввали асри XIX набудани василаҳои техникӣ ва мутахассисон истихроҷи сарватҳои зеризаминиро дар қаламрави аморат душвор мегардонид.

## Сарчашма:

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар «Таърихи Ҳумоюн» дар бораи машғулияти мардуми Ҳисор менависад: «Аҳолии Қаратоғ ва Ҳисор ба илми саноат низ машғуланд. Чунончи, ба алочабофӣ ва кордсозӣ ба муҳрканӣ маъруфанд. Алоча ва корду дашнаи Қаратоғ забонзади аҳли олам аст, дӯсту душман ба нафосати саноеи онҳо инкор надорад ва аҳли Қаратоғ ба муҳрканӣ низ маҳорати тамом доранд».

**Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи Ҳумоюн. Таҳиягар Ҷ.Назриев, Душанбе, 2006, саҳ. 125.**

Т.С. Бурнашев, ки сафаре ба аморати Бухоро дар охири асри XVIII дошт, дар бораи ин ки мардуми деҳот мисли шаҳриён ба ҳунармандӣ машғул буданд, менависад: «Як иддае аз сокинони деҳаҳо мисли шаҳриён коғаз ва абрешим мересанд ва матоъ мебофанд. Аммо онҳо ва дигарон бинои махсусе барои кор надоранд ва онро дар хонаҳои худ дуруст мекунанд».

**Бурнашев Т.С. Путешествие от сибирской линии до города Бухары в 1749 и обратно 1795 г. /Сибирский вестник. Санк-Петербург, 1818, саҳ. 80.**

## Савол ва супориш:

1) Дар ин давра вобастагии ҳунармандӣ бо кишоварзӣ чиро инъикос мекард? 2) Дар он замон кадом касбу ҳунарҳо маъмул буданд? 3) Рушди маснуоти дастӣ ва ҳунармандӣ боиси чӣ мегардад? 4) Чаро дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX истеҳсолоти ҳунарҳои дастӣ заиф гардид? 5) Филизоти қиматбаҳо дар куҷо истихроҷ мешуд? 6) Дар Бадахшон чӣ навъ маъданҳо ба даст меоварданд? 7) Дар бораи пешаварони Шуғнон маълумот диҳед.

## § 49. ТИҶОРАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶӢ

Тиҷорат яке аз воситаҳои асосии муомилоти қишрҳои гуногуни ҷомеаи он вақт, инчунин, робитаи аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд бо кишварҳои дигар ба ҳисоб мерафт. Дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд тиҷорати дохилӣ асосан дар байни сокинони маҳаллӣ, яъне тоҷикон ва кӯчманчиён сурат мегирифт. Ин тиҷоратро асосан ҳосили бадастомада аз заминҳои зироатӣ ва боғҳо, молҳои истеҳсоли ҳунармандони шаҳру деҳот ва маҳсулоти чорводорӣ, ки онҳоро асосан кӯчманчиён ба савдо мебароварданд, ташкил мекард.

Табодули мол ё хоҷагии натуралӣ, ки асоси иқтисоди он замонро дар бар мегирифт, инчунин, андозҳои гуногуни аз кишоварзон ва ҳунармандон ситонидамешуда дар пешрафт тиҷорат монеаҳо ба вуҷуд меовард.



***Бозори деҳа***

Маркази асосии тиҷорат дар шаҳрҳо ва деҳаҳои бузург бозорҳо ба ҳисоб мерафтанд. Бозорҳои Ӯротеппа ва Хуҷанд қариб болопӯшида буданд. Растаҳои бозор ҳар яке моли муайян доштанд. Бозорҳои шаҳрҳо аз дуконҳои зиёди ҳунармандӣ ва тиҷоратӣ иборат буд. Дуконҳо на он қадар калон буда, дар паҳлуи ҳам зич ҷой мегирифтанд. Дар Хуҷанду Истаравшан дуконҳои савдо асосан дар бозорҳои шаҳр ҷой гирифта буданд. Ду бозори Хуҷанд 790 дукон дошт. Аз 854 дукон ва устохонаҳои

ҳунармандии Истаравшан 642-тоаш дар бозор ва 212-тоаш дар гузарҳои шаҳр ҷойгир буданд. Аз ин дуконҳо маҳсули косибони маҳаллӣ ва косибони шаҳру вилоятҳои дурдаст ва мамлакатҳои дигарро пайдо кардан мумкин буд.

Дар нимаи аввали асри XIX Самарқанд 19 бозор дошт, ки теъдоди дуконҳои он ба 2414 адад мерасид.

Дар шаҳрҳои аморат корвонсаройҳо бисёр буданд. Дар корвонсаройҳо асосан тоҷирони мусофир ва баъзан маҳаллӣ иқомат мекарданд. Ба Бухоро ҳар сол 12 то 13 ҳазор корвон меомад ва он ҳама борҳо, одамон, аспу аробаҳо асосан, дар корвонсаройҳо ҷой мегирифтанд. Соли 1820 дар Бухоро 14 корвонсарой буд, ки шумораи онҳо дар соли 1825 ба 35 адад расид. Самарқанд дорои 35 корвонсарой буд. Дар чоряки аввали асри XIX Хуҷанд 5 корвонсарой, Истаравшан як корвонсарой дошт. Корвонсаройҳо на фақат дар пешравии тиҷорат, инчунин, дар ҳаёти фарҳангӣ ва илмии аморат нақши муҳим мебозиданд. Ҳамроҳ бо корвонҳои тиҷоратӣ ба шаҳрҳои аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд намояндагони илму фарҳанг омада, гоҳу гузоре дар ин ҷой зиндагии доимиро ихтиёр мекарданд.

Хусусияти хоси шаҳрҳо аз он иборат буд, ки дар чорсӯ ва хиёбонҳои асосӣ марказҳои тиҷорат воқеъ гардида, дар он тими дарози гунбаздор сохта мешуд. Аз байни тим кӯча мегузашт ва дар тарафи он қатори дуконҳо сохта шуда буданд. Маркази тиҷорати Самарқанд ва Шаҳрисабз ҳамин гуна тим дошт. Дар Бухоро панҷ тим мавҷуд буд. Чунин иморатҳои бозорро дар Самарқанд ва Шаҳрисабз «чорсӯ», дар Бухоро «тоқ» мегуфтанд. Маркази шаҳри Бухоро асосан аз бозорҳо иборат буданд. Дар майдони Регистон ва дигар майдонҳо низ дуконҳо вуҷуд доштанд. Одатан, дар назди дарвозаи шахр бозор мавҷуд буд.

Шаҳри Хуҷанд аз марказҳои калони тиҷоратӣ ба ҳисоб мерафт, ки ба воситаи он тоҷирон моли худро ба бозорҳои хонии Хӯқанд ва аз он ҷойҳо ба аморати Бухоро мебурданд. Бозорҳои Истаравшан калон ва серодам буданд. Ба ин ҷо мардуми Мастчоҳ, Фалғар, Ҳисор ҳатто Рашт омада, маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводории худро фурӯхта, аз он ҷо молҳои зарурии рӯзгор ва афзорҳои кишоварзӣ мехариданд. Баъзе аз тоҷирони Истаравшан ба минтақаҳои дурдасти водии Рашт матоъҳо, рӯймол, зини асп, пойафзор, панҷшоха, оина ва дигар молҳо оварда, бо чорво ва пӯсти он ва аз водии Рашт бошад, баъзе шахсони алоҳида ба Ҳисор чакман оварда, онро бо карбос, алоча ва адрас иваз мекарданд. Аз Ҳисор ва Кӯлоб ба водии Рашт пахта меоварданд. Аз водии Рашт ба Хӯқанд рамаҳои гӯсфандро бурда, бо маҳсулоти косибӣ иваз мекарданд.

Бисёр шаҳру вилоятҳо бо навъи муайяни маҳсулоти ҳунармандӣ ва молҳои фурӯшии худ шуҳрат доштанд. Масалан, Ҳисор бо матои алоча, ханҷар ва гӯсфандони худ, Истаравшан бо корд, матоъҳои пашмин ва кашидадӯзиҳояшон, Хуҷанд бо адрасу шоҳӣ ва Қаршӣ бо матои алоча маъруф буданд.

Илова ба бозорҳои доимоамалкунанда дар шаҳрҳо ва деҳаҳои калон инчунин «давраи бозор» ё «бозорнавбат» вуҷуд дошт, ки дар рӯзҳои муайян барпо мешуд. Масалан, дар Бухоро бозори Когон рӯзи сешанбе, бозори Баҳоуддин рӯзи чоршанбе, дар Қаратоғ рӯзҳои сешанбе ва шанбе, дар Душанбе рӯзҳои чоршанбе ва якшанбе, дар Ҳисор рӯзи душанбе, дар Файзобод рӯзи сешанбе ва дар Регар шанбе рӯзи бозор буд. Ин гуна тақсимоти рӯзҳои бозор байни шаҳру деҳот аз он сабаб буд, ки косибон ва тоҷирон аз як бозор ба бозори дигар рафта, моли худро фурӯхта тавонанд.

Дар бозори шаҳрҳо ва ноҳияҳои аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд пулҳои тилло, нуқра ва мисӣ дар гардиш буданд. Бо афзоиш ёфтани тиҷорат байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд бо Русия пулҳои русӣ низ дар муомилоти тиҷоратӣ нақш мебозиданд. Тоҷирон барои аз як мулк ба мулки дигар бурдани моли худ боҷ ва дар бозорҳо закот медоданд.

Робитаи тиҷоратии аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд бо дигар мамлакатҳо барқарор буд. Тоҷирони бухороӣ ва фарғонагӣ бо Эрон, Ҳиндустон, Хитой, махсусан, Кошғар муомилоти тиҷоратӣ доштанд. Аз Эрон ба Бухоро шоҳӣ, газворҳои пахтагӣ меоварданд. Аз Ҳиндустон ба ғайр аз чунин молҳо чой, нил, марворид, дигар сангҳои қиматбаҳо, дорувор, зарфҳо, аз Хитой дорувор, ширинӣ ва зарфҳои чинӣ ворид мешуданд.

Дар нимаи аввали асри XIX робитаҳои тиҷоратӣ бо Русия нисбатан рушд ёфт. Аз аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд ба ин мамлакат навъҳои гуногуни қолин, меваи хушк, пӯст, пахта ва матоъҳои пахтагӣ, пӯсти қароқулӣ ва ғайра содир мешуд. Масалан, соли 1818 10 ҳазор ва соли 1836 36,5 ҳазор пуд пахта ба Русия содир шуд. Аз Русия ба ин кишварҳо парандаҳои шикорӣ (боз, шоҳин), сурб, тангаҳои тилло, мис, оҳан, пӯлод, чӯян, моҳут, қанд, маҳсулоти чармӣ ва мӯйина меоварданд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ фақат дар даҳсолаи 1840–1850 бо роҳи Оренбург аз Русия ба хониҳои Осиёи Миёна тақрибан 40 ҳазор пуд мис, беш аз 400 ҳазор пуд оҳан, 75 ҳазор пуд чӯян, 25 ҳазор пуд пӯлод ворид шудааст. Тоҷирони Бухоро баъзе аз ин молҳои аз Русия воридшударо ба Ҳироту Балх ва Кобул барои тиҷорати мебурданд. Аз густариши тиҷорат миёни аморати Бухоро ва Русия ин шаҳодат медиҳад, ки дар намоишгоҳи савдои Нижегородск тоҷирони Бухоро 19 дукони доимоамалкунандаи худро доштанд.

Муносибатҳои тиҷоратӣ дар нимаи аввали асри XIX дар шаҳрҳо ва водиҳо нисбатан рушд мекард. Дар манотиқи кӯҳистон бошад, он хеле заиф ба назар мерасид, зеро сокинони кӯҳистон асосан, бо маҳсулоти бадастовардаи худ рӯзгор мегузарониданд.

Ҳукмронии сохти мавҷуда дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд ба ривоҷи бештари тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ монеъ буд. Боҷу хироҷ ва иҷорапулии аз ҳад зиёд, харобии роҳҳо ва набудани амният чи дар роҳу чи дар шаҳрҳо пеши тараққиёти босуръати тиҷоратро мегирифт. Дар роҳҳо аз дасти ғоратгарон молу ҷони савдогарон ҳамеша дар хатар буд.

**Сарчашма:**

Низомии рус И.В.Виткевич, ки аз 2 январ то 13 феврали соли 1836 дар Бухоро буд, дар бораи тиҷорати он менависад: «Нуқра ба Бухоро аз Кошғар барои молҳои русӣ ворид мешавад; тилло ҳамоно аз Русия меояд ва баъдан аз тариқи саррофони ҳинду ба Кобул меравад. Он (сиккаи тилло) дар Бухоро он қадр кам аст, ки ду-се червон (даҳ рубли тилло)-ро бисёр ба мушкилӣ пайдо кардан мумкин аст. Пулҳои қалбакӣ дар муомила ҳастанд. Тоҷирон ҳамеша илтимос мекунанд, ки пулҳои ҳақиқӣ доранд ё не ва дар ҳоли ҷавоби рад додан, пулҳои қалбакиро низ мегиранд».

**Записка И.В. Виткевича. Дар китоби «Записки о Бухарском ханстве», Москва, 1983, саҳ. 105.**

**Савол ва супориш:**

1) Тиҷорат дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд чӣ гуна сурат мегирифт? 2) Дар пешравии тиҷорат кадом монеаҳо буд? 3) Корвонсаройҳо илова ба рисолати тиҷоратӣ боз дар ҳаёти ҷомеа чӣ гуна нақш мебозиданд? 4) Аморати Бухоро бо кадом кишварҳо робитаи тиҷоратӣ дошт? 5) Давраи бозор ва ё бозорнавбат чӣ маънӣ дорад? 6) Дар бораи муоимилаи тиҷоратӣ байни шаҳрҳо ва минтақаҳои аморати Бухоро нақл кунед.

## § 50. ОБЁРӢ. ШАКЛҲОИ ЗАМИНДОРӢ

Дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд корҳои зиёди обёрӣ анҷом дода шуданд. Муҳимтарин шабакаҳои обёрии водии Фарғона ба вуҷуд омаданд. Масалан, аз дарёи Норин ва Қарадарё шабакаҳои обёрӣ, аз ҷумла наҳри Янгиариқ канда шуд. Ба сабаби обёрии заминҳои беоб шаҳрҳои нав бунёд ёфтанд. Яке аз чунин шаҳрҳо, ки бо қувваи асирони истаравшанӣ поягузорӣ шуд, Шаҳрихон мебошад.

Дар ҳавзаи Зарафшони аморати Бухоро низ корҳои обёрӣ анҷом ёфтанд. Дар давраи ҳукмронии амир Шоҳмурод (1785 – 1800) дар дарёи Зарафшон каналҳои Қазонариқ (дарозиаш 40 км, чуқуриаш 2 м.), ки заминҳои Ургутро обёрӣ мекард, Таймонариқ

(24 км дарозӣ, чуқуриаш 1.6 м.), ки заминҳои тумани Шерозро обёрӣ мекард ва ғайра кофта шуданд. Илова бар инҳо, аз Оқдарё ва Қарадарё, ки шохобҳои Зарафшон мебошанд, наҳрҳо канда шуданд.

Дар ҳудуди Панҷакент наҳрҳои Ҷӯйи Хурмӣ (дарозиаш 4 км) ва Ҷӯйи Саразм (дарозиаш 3 км) заминҳои бисёреро обёрӣ гардониданд.

Шоҳмурод сохтмони шабакаҳои обёрикунандаро зери назорати худ гирифта, бо роҳи меҳнати маҷбурӣ деҳқононро ба ин кор сафарбар мекард. Барои анҷоми ин корҳо ӯ бо номи «қӯшпулӣ» андози махсусеро ҷорӣ кард. Дар ибтидо маблағҳои ба ин восита ҷамъовардаро барои кандани наҳрҳои нав истифода мебурданд ва баъдтар барои эҳтиёҷоти дигар низ сарф мекардагӣ шуданд.

Наҳру ҷӯйборҳоро на фақат ҳукумат, балки заминдорони калон ҳам месохтанд. Яке аз чунин шахсон муҳандиси бузурги соҳаи обёрӣ ва донишманди исломӣ Халифа Ҳасани Қаротегинӣ буд, ки дар ҳудуди ноҳияҳои Рашту Конибодом ва Самарқанду Панҷакент ҷӯйборҳо канда, об бароварда, ободиҳо кардааст.

Заминҳои нави аз ҳисоби шахсони сарватманд сохташуда ба ихтиёри худи онҳо мегузашт. Онҳо меҳнати деҳқононро дар ин заминҳо истифода мебурданд. Барои кандан ва тоза кардани наҳру ҷӯйборҳо мардуми гирду атрофро ба ҳашар ҷалб мекарданд.

Дар ин бора хатҳои рӯйи сангҳо гувоҳӣ медиҳанд. Масалан, дар ҳудуди деҳаҳои Поршнев ва Шидзи ноҳияи Рӯшони Бадахшон дар рӯйи сангҳои солҳои 1758 чунин катиба сабт гаштаанд: «Умаршоҳи Назарбек дар кандани наҳр бисёр ранҷ кашидааст». Ё худ, аз навиштаҳои соли 1764 маълум мешавад, ки ҷӯйборро Шогадо писари Хоҷа Салмон кандааст, ки аз авлоди Носири Хусрав буд.

Дар қатори заминҳои обӣ киштзорҳои лалмӣ дар баландиҳо, нишебиҳо ва доманаҳои кӯҳҳо бисёр буданд.

**Заминдорӣ ва шаклҳои он.** Дар нимаи аввали асри XIX асосан, ҳамон шаклҳои пешинаи моликияти хусусии заминдорӣ – замини амлокӣ–заминҳои давлатӣ, милки ҳурри холис, заминҳои милкӣ, заминҳои вақф ва хироҷӣ ҳифз шуданд.

Заминҳои давлатиро «замини амлок» ё «замини подшоҳӣ» меномиданд. Заминҳои амлокӣ ё давлатиро харидану фурӯхтан, ба мерос мондан, ба гарав додан ва ё аз ин ҳисоб заминҳо додани заминҳои вақф иҷозат набуд. Заминҳои амлокӣ чун туҳфа барои хизмати муайян дода шуда, вале баъди вафоти соҳиби он, замин ба ихтиёри давлат баргардонида мешуд. Заминҳои амлокӣ мусодира намешуданд. Онҳоро деҳқонон кишт

карда, барои истифодаи замин ба хазина андоз медоданд.

Заминҳо, ки давлат аз онҳо ҳеҷ гуна андоз намегирифт, замини милки ҳурр ё милки ҳурри холис ном доштанд. Аз чунин заминҳо асосан сайидҳо, ки худро ба авлоди пайғамбари ислом Муҳаммад (с) нисбат медоданд ва дигар рӯҳониёни бонуфуз истифода мекарданд. Заминҳои милки ҳурр асосан дар ҷойҳои беҳтарин ҷойгир шуда, ҳамеша аз об таъмин буданд ва ҳосили хуб медоданд. Ин заминҳоро кишоварзон, ки онҳоро коранда меномиданд, ба ивази қисми муайяни ҳосил ба иҷора мегирифтанд. Дар ин давр чунин заминҳо дар қисмати шимоли Тоҷикистон ва водии Ҳисор хеле зиёд буданд.

Заминҳои милкӣ аз тарафи амир ба соҳиби он ба подоши хидматҳояш ба таври доимӣ бахшида шуда, бо иваз шудани ҳоким ба номи соҳибаш аз нав санад тайёр мекарданд ва ё санади пешинаи заминро бо муҳри ҳокими нав тасдиқ менамуданд.

Дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар аморати Бухоро бо сабаби пурзӯр шудани нуфуси рӯҳониён замини вақф бисёр шуд, ки он 24 дарсади замини киштро ташкил медод. Деҳқонони дар замини вақф кишткунанда бештар ба мутаваллиҳо вобаста буданд. Кишт кардани чунин заминҳо барои деҳқонон кори пурмашаққат буд, зеро онҳо дар заминҳои вақф тамоми сол аз субҳ то шом кор карда, ба ивази заҳмати худ танҳо аз чор ва ё панҷ ҳиссаи ҳосилро мегирифтанд.

Дар атрофи Панҷакент ва деҳаи Киштут то ду ҳазор таноб заминҳои вақф буд. 70 деҳаи заминҳои Истаравшан заминҳои вақф доштанд, ки 10000 таноб заминро ташкил медоданд

Заминҳои вақф дар ин замон ба се навъ тақсим мешуданд:

1. Заминҳои вақф, ки даромади он ба манфиати муассисаи динӣ:–хонақоҳ, мазору масҷидҳо ё мактабу мадрасаҳо сарф карда мешуд.

2. Заминҳои вақф, ки фоидаи он ба нафъи ҷамъият – сохтмон ё таъмири роҳ, кӯпрукҳо ва ғайраҳо харҷ мегашт. Ин навъи вақфро вақфи омма меномиданд.

3. Заминҳое, ки мутаваллии он аз авлоди вақфкунанда таъмин мешуд. Ин навъи вақф ба манфиати меросхӯрон буда, «вақфи авлодӣ» номида мешуд.

Ба масҷиду мадрасаҳои Самарқанд 51 991 таноб замин вақф шуда буд. Дар ҳудуди Панҷакент (деҳаҳои Хурмӣ ва Ёрӣ) дар нимаи аввали асри XIX калонтарин соҳиби вақфи авлодӣ Халифа Ҳасани Қаротегинӣ буд, ки зиёда аз ҳазор таноб замин, якчанд осиёбу наҳрҳоро дар ихтиёр дошт.




***Панҷакент. Мақбараи Халифа Ҳасан.***

Усули ба танхоҳ додани замин аз оғози ҳукмронии сулолаи Манғитиён ба таври васеъ ҷорӣ гардид. Замини танхоҳ ин тариқи ба шахсони ҷудогона инъом намудани қитъаи замини як ва ё якчанд деҳ ва ҳатто вилояти тамом аст, ки даромади он комилан дар ихтиёри танхоҳдор буд. Баъзан соҳиби танхоҳ илова бар он ки аз замини танхоҳ фоида ба даст меовард, музде ба маблағи муайян низ аз хазинаи амир дарёфт менамуд.

Аксар вақт минтақаҳои начандон калон ба тариқи танхоҳ ба шахсони гуногуни соҳибмансаб, аз ҷумла ба сипоҳиён инъом карда мешуданд. Дар чаҳоряки аввали асри XIX миқдори танхоҳдорон фақат дар аморати Бухоро то 36 ҳазор нафар расида буд. Агар танхоҳдор ба ҷойи дигар мекӯчид, заминаш ба танхоҳгири нав дода мешуд. Андози замини ба сифати танхоҳ додашуда ба рутбаи шахс вобаста буд; соҳибони рутбаи пойинтари ҳарбӣ аз 1 то 5 гектар замин мегирифтанд. Шахсони олирутба аз қабили саркардаҳо як деҳаи тамомро бо садҳо гектар замин, осиёб ва дигар дороиҳояшон ба даст меоварданд. Агар писар ба мансаби падар таъйин шавад, ба танхоҳӣ ӯ низ соҳиб мешуд.

Дар мулкҳои кӯҳистон – Қаротегину Дарвоз танхоҳ дорои хусусиятҳои ба худ хосе буд. Дар ин ҷо на замин, балки хоҷагиҳои деҳқонӣ ба танхоҳ дода мешуданд. Онҳо ҳар сол ба ҳиссаи маълуми ҳосили деҳқонӣ соҳиб гардида, дар айни замон, аҳолии деҳаҳои зердасти худро ба корҳои хоҷагии шахсии худ низ ҷалб менамуданд. Аз ҳамин сабаб барои деҳқононе, ки

хоҷагиашон ба танхоҳӣ гузаштааст, рӯзҳои сахт пеш меомаданд. Танхоҳхӯрҳо деҳқононро ғайр аз корҳои кишоварзӣ боз дар дигар корҳои гуногун ба манфиати худ истифода мебурданд. Хулоса, танхоҳ ба ивази мавоҷиби пулӣ ва ғалла дода мешуд, ки аз он фоидаи бузурге ба даст медароварданд.

Заминҳое, ки барои истифодаи онҳо андози замин – хироҷ ва ушр медоданд, заминҳои хироҷӣ ном доштанд. Қисми зиёди ин навъ заминҳо лалмӣ буда, ҳосилашон ба боду ҳаво вобаста буд. Дар миёнаҳои асри XIX дар музофоти Хуҷанду Истаравшан 82300 таноб замини хироҷӣ буд. Соҳибони чунин заминҳо ба хазинаи ҳокимон даромади зиёд меоварданд.

Ба ғайр аз заминҳои номбаршуда, заминҳои истифодашавандаи ҷамъиятӣ низ буданд. Онҳо бештар дар дашту биёбонҳо, дар маҳалҳои зимистонгузаронии кӯчманчиён ва дар доманакӯҳҳо воқеъ буданд. Марғзор ва чарогоҳҳо дар баъзе ноҳияҳо умумӣ ҳисоб меёфтанд. Чарогоҳи умумии дар водии Ромит воқеъбуда «замини мирӣ» ном дошт. Дар Мастчоҳу Фалғар чарогоҳҳо моликияти ҷамъиятӣ ҳисоб меёфтанд. Онҳо аз замонҳои қадим байни деҳаҳо ё якчанд деҳа тақсим шуда буданд.

Дар минтақаҳои дашт ё худ дар доманакӯҳҳо (масалан, дар водии Ҳисор) аксар вақт заминҳои лалмӣ заминҳои умумӣ ҳисоб меёфтанд. Ин заминҳо баъд аз кишт шудан аз тарафи деҳқонон ба қатори заминҳо хироҷӣ дохил мешуданд ва аз ҳамин ҳисоб ба давлат андоз месупориданд. Ҷангалҳои кӯҳӣ низ дар баъзе ноҳияҳо умумӣ ҳисоб меёфтанд.

Дар хариду фурӯши замин ҳеҷ гуна маҳдудият набуд ва танҳо фурӯшандаву харидор мебоист қоидаҳои шариатро риоя кунад. Хариду фурӯш дар назди қозӣ расмият мегирифт. Нархи замин ба ҳосилнокии он, обёрӣ шуданаш, масофаи роҳ то деҳа ё то шаҳр вобастагӣ дошт. Токзорҳо ва боғот назар ба замини кишт нархи баланд доштанд. Дар баъзе музофотҳои камоб (масалан, дар Истаравшан) об ҳам манбаи хариду фурӯш буда, нархи он аз нархи замини кишт болотар меистод.

**Сарчашма:**

Бар асари ҳодисаҳо баъзе вақфномаҳо аз байн мераванд ва амир Шоҳмурод дастур медиҳад санадҳои онҳоро аз нав барқарор кунанд. Дар ин хусус Аҳмади Дониш менависад: «(Амир Шоҳмурод) ба масҷидҳо имому муаззин ва ба хонақоҳ машоих ва ба мадрасаҳо мударрис насб намуд, авқофи (вақфҳои) ботилшударо ҷорӣ карду сиҷҷилот (дафтарҳо)-и онро таҷдид фармуд».

**Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. Душанбе, 2010, саҳ.26.**

**Савол ва супориш:**

1) Кадом шабакаҳои обёрӣ сохта шуданд? 2) Шаклҳои заминдории ин даврро номбар кунед? 3) Дар аморати Бухоро чанд дарсади заминҳоро заминҳои вақф ташкил мекард? 4) Заминҳои танхоҳ чӣ гуна заминҳо буданд? 5) Аз кадом заминҳо мардум ройгон истифода мекард? 6) Кадом навъи заминро харидану фурӯхтан, ба мерос мондан ва ба гарав додан иҷозат набуд?

## § 51. АНДОЗҲО

Дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд ҳар ду навъи даромад аз андозҳо – пулию молӣ ва бегорӣ, яъне бе музд кор фармудан мавҷуд буд. Ба фоидаи давлат ва сарватмандон кишоварзон, косибон ва дигар қишрҳои бебизоати ҷомеа андозҳои зиёде, мисли хироҷ, таноб, закот ва ғайра месупориданд. Дар шаҳрҳо ва деҳот раванди ситонидани андоз аз тарафи девонбегӣ, амлокдор, амин, арбоб ва оқсақолҳо иҷро мешуд. Онҳо ба ҳокимон андозҳои ҷамъоваришударо супорида, забонхат гирифта, барои ин хидмати худ на аз ҳоким, балки аз андозсупорандагон ҳаққи заҳмат меситониданд.

Шакли гуногуни истисмори деҳқонон тақрибан дар ҳамаи навъи андоз аз замин мушоҳида мегардид. Махсусан, аҳволи сокинони ноҳияҳои кӯҳистон ниҳоят вазнин буд. Дар болооби Зарафшон кишоварзони безамин 25 дарсади аҳолиро ташкил медоданд. Онҳое, ки чорвои корӣ надоштанд, маҷбур буданд ба сифати муздур кор кунанд.

Дар ибтидои асри XIX заминҳои хироҷӣ барои амиру хонҳо ва ҳокимон даромади зиёд меовард. Миқдори хироҷ аз ҳар таноб замин ба дараҷаи обёрии замин вобастагӣ дошт. Аз заминҳои обӣ аз чор як ва аз панҷ як ҳисса, аз заминҳои лалмӣ ба андозаи аз шаш як қисми ҳосил андоз меситонданд.

Аз деҳқонони деҳаҳои кӯҳистони болооби Зарафшон аз панҷ як қисми ҳосилро хироҷ мегирифтанд. Дар бекигариҳои Моғиёну Фороб хироҷ ба шакли мол (натура) гирифта мешуд, ки тахминан аз 14 то 20 ҳазор пудро ташкил мекард. Андозҷамъкунандагон дар Фалғар, Фон ва Яғноб хироҷро бо пул мерӯёниданд, дар Мастчоҳ бошад, нисфи он бо пул дода мешуд. Дар қисмати ҳамвориҳои водии Ҳисор хироҷро бо пули нақд, дар бахши кӯҳистонии он бошад, дар шакли мол меситониданд.

Аз боғу токзор, кишти юнучқа, полиз ва обчакорӣ андоз бо номи «танобона» ситонда мешуд. Дар аморати Бухоро солҳои 1807 –1808 аз ҳар таноб ба маблағи як тилло ё худ ба тариқи мол

сеяки ҳосилро ба сифати танобпулӣ меситонданд. Дар хонии Хӯқанд ва баъзе ҷойҳои дигар ин андоз пулакӣ ситонда мешуд. Бинобар ин, «танобпулӣ» ном гирифтааст.

Барои ситонидани танобпулӣ замин дар ҳар се сол як маротиба андоза карда мешуд. Танобпулӣ ҳангоми муғча бастани дарахтон, яъне қатъи назар аз миқдори ҳақиқии ҳосил, рӯёнда мешуд. Дар ин маврид офати табиӣ, ки ба ҳосил зарар мерасонид, ба эътибор гирифта намешуд.

Вақте ки андозҳо бо пул ситонида мешуданд, пешакӣ нархи зироат муқаррар мегардид. Усулан, вай мебоист ба нархи бозор баробар меомад, аммо амалан онро хеле баланд мебардоштанд.

Дар баъзе мавридҳо дар Моғиён, Фороб, Киштут, инчунин, дар болооби Зарафшон ба ҷойи танобпулӣ закот мерӯёниданд. Кафсан низ як навъи андоз буд.

Кӯчманчиёни чорводор ҳам закот медоданд. Аз ҳар 40 сар гӯсфанд як сар, аз ҳар 10 сар уштур низ як сар гӯсфанд дода мешуд. Кӯчманчиён инчунин, барои мансабдори худ як миқдор пулу молро ба сифати маоши онҳо медоданд.

Ҳунармандон ва тоҷирон низ ҳангоми фурӯхтани моли худ ба хазинаи ҳоким андоз месупориданд. Ба ҷуз андози «тарозупулӣ» ва «тахтиҷой» дар бозор боз аз онҳо андози махсус, ба мисли «далолипулӣ» низ меситониданд.

Барзгарон ва ҳунармандоне, ки дар корҳои таъмири ҷӯйбору дарғотҳо иштирок намекарданд, «боқипулӣ» ном андоз месупурданд.

Ба замми ин хироҷу маҷбуриятҳои маъмул боз бисёр андозҳои дигар низ мавҷуд буданд. Онҳо махсусан, дар давраи амалиёти ҳарбӣ вусъати зиёд пайдо мекарданд. Яке аз ҳамин гуна андозҳои фавқулода «ҷул» буд, ки пардохти он барои аҳолӣ хеле гарон меафтод. Масалан, амир Насруллоҳ дар арафаи омодагиҳо ба юриши Хуҷанд дар муддати се рӯз 100 ҳазор туман пул ҷамъоварӣ намуд. Ҳангоми ҷанг ё баъди ба охир расидани он ғолибон аз мағлубон ба ном «пайпулӣ» ё «амонпулӣ» андоз мегирифтанд. Ҳаҷми он ба худсарии ғолиб вобаста буд.

Ҳангоми рӯёндани андозҳо андозгирандагон ба суиистеъмоли вазифа роҳ медоданд. Аз маврид истифода бурда, аз мардум ба ҳаҷми зиёд молиёт меситонданд. Андозгирандагон, бек ва хазинадор аз ҳисоби андоз дуздӣ мекарданд. Вазъи деҳқонон ва дигар қишрҳои бебизоати ҷомеа боз аз он мушкил мегардид, ки маъмурон аз давлат маош нагирифта, аз ҳисоби ҷамъоварии андозҳо зиндагӣ ба сар мебурданд. Амир фақат бо ҳамин қаноат мекард, ки миқдори муайяннамудаи андоз пурра ҷамъоварӣ гардида, ба хазинаи ӯ ворид шавад.

Хироҷу молиётҳои иловагӣ ва маҷбуриятҳои гуногуни меҳнатӣ, алалхусус, дар Бухорои Шарқӣ ҳадду ҳисоб надоштанд. Ба деҳқонон лозим меомад, ки маҷбуриятҳои гуногунро низ иҷро намоянд. Яке аз маҷбуриятҳои хеле вазнин ҳашар буд. Ҳашар дар корҳои маҷбурие, ки деҳқонон бояд иҷро мекарданд, мисли сохтан ва таъмир кардани наҳрҳо, иншоот, қалъаҳо, кӯпрукҳо, роҳҳо, инчунин, киштукор ва ниҳолнишонӣ дар заминҳои мир ё хон истифода мешуд. Гоҳе дар як ҳашар то 10 ҳазор кас иштирок мекард. Деҳқонон вазифадор буданд, ки ба ҳашар бо хару асп ва асбобу афзори худ ҳозир шаванд.

Дар хонии Хӯқанд муқарар гардида буд, ки ҳар як деҳқон бояд се рӯз дар ҳашар ширкат намояд. Ғизои одамон ва хӯроки чорворо хон ба зиммаи худ мегирифт. Дар водии Рашт муддати ҳашар 15 рӯз тӯл мекашид. Дар баъзе ҷойҳо деҳқонон ҳангоми ҳашар аз ҳисоби худ хӯрок мехӯрданд.

Дар Қаротегин ва Дарвоз аҳолиро маҷбур мекарданд, ки барои амалдорон ва ҳокимони худ ҳезум тайёр намоянд.

Дар Хӯқанд, Дарвоз ва Қаротегин давлат аз маблағи ақди никоҳ ва тақсими мерос низ андоз мегирифт. Дар ҷойҳои дигар ин маблағ ба қозӣ дода мешуд.

Дар сари пулҳо ва гузаргоҳҳо барои гузаронидани бор ва чорво боҷ ситонида мешуд. Бори гарони андозҳо бар дӯши деҳқонони бебизоат меафтод. Онҳо барои додани андозҳо аксар вақт пул пайдо карда наметавонистанд. Аз ҳамин сабаб онҳо маҷбур буданд, ки аз бойҳо пул ё маҳсулот қарз бигиранд. Барои қарзи гирифта мебоист чанд дарсаде (фоизе) илова намуда, баргардонанд. Ин кор ба хонахаробии касони бисёр сабаб мегардид. Деҳқонон маҷбур мешуданд, ки барои рӯз гузаронидан ба шаҳрҳои калон раванд, ки дар он ҷойҳо ба сифати мардикор, саис, машкоб ва боғбон кор мекарданд.

Дар ин замон ғулом кардан ва ба ғуломӣ фурӯхтани одамон дар шаҳрҳои бузурги аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд, мисли шаҳрҳои Бухоро, Хӯқанд ва Тошканд ба назар мерасид. Намояндагони синфи ҳоким на танҳо ғуломонро мефурӯхтанд, балки барои ҳамдигар инъом низ менамуданд. Соҳибмансабон ва заминдорони калон соҳиби даҳҳо ғулом буданд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо сарватмандони бухороӣ маъмулан, то 40 нафар ғулом доштанд. Манбаи ба даст овардани ғуломон ҷангҳои дохилӣ, тохтутоз ба ноҳияҳои шимолу шарқи Эрон, гуруснагӣ ва қашшоқии мардум буд. Дар баъзе ҷойҳо дар корҳои кишоварзӣ, косибӣ ва дигар машғулиятҳо меҳнати арзони ғуломон истифода мегардид. Ғуломон аз субҳ то шом кор карда, нимгурусна шабро рӯз мекарданд ва дар тан либоси пора-пора доштанд.

**Сарчашма:**

Аҳмад Махдуми Дониш дар бораи ситонидани андоз менависад: «Ва ҳамчунин дар обе, ки ҳанӯз аз манбаъ начӯшида, мироб ришва ситонад, ки аввал фалон касро об диҳад ва об ояду бигзарад ва он шахсро об нарасида бувад. Ё ба умеди омадани об чандин бор мардикори вилоят талабад, то наҳрҳо пок доранд ва аз омадаву наомада ду танга ба зулму ғасб биситонад. Ва ҳамаи ин пулҳо ба хазина оид шавад, ки ҳар моҳе ва ду моҳе чанд ҳазор танга ба номи мироб ва (ё) мири асас санад бинависанду бифиристанд, ки ин маблағ танга ба давлатхона равона кунад, ё ба фалон шахс бидиҳанд.

Ва боз ба ҳар деҳаву қишлоқ қаровулу нигаҳбон вазъ кардаанд, ки роҳҳо аз дузду роҳзан пок бошад. Инҳо аз ин пул, ки бад-ин наҳҷ ҷамъ мешавад, мавоҷиб мехӯранд. Ва агар касеро ба дари қаровулхонаи эшон бикушанду молаш бибаранд, касе аз эшон баромада тафтишу тафаҳҳус намекунад».

**Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. Душанбе, 2010, саҳ.74.**

**Савол ва супориш:**

1) Дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд кадом навъи даромад аз андозҳо мавҷуд буд? 2) Соҳибмансабон аз ҳисоби кӣ маош мегирифтанд? 3) Хироҷ чӣ гуна андоз буд? 4) Аз чӣ чизе танобона меситониданд? 5) Боқипулӣ чӣ гуна андоз аст? 6) Андози ба ҳангоми ҷанг ҷамъоваришуда чӣ ном дорад? 7) Кадом кори маҷбурӣ дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд истифода мешуд? 8) Боҷ дар куҷо ситонида мешуд? 9) Дар бораи ғулом кардан ва меҳнати ғуломон маълумот диҳед.

## § 52. ШӮРИШҲОИ МАРДУМӢ

Заҳмати тоқатфарсо, андозу маҷбуриятҳои сершумор, суиистифода аз мансаб, хонавайрон ва қашшоқшавии мардум, ҷангҳои харобиоваранда сабаби асосии шӯришҳои оммавии мардуми ҷабрдида гардиданд.

Дар ибтидои асри XIX ҷунбишҳои мардумӣ теъдоде аз вилоятҳои Осиёи Миёнаро фаро гирифтанд, ки бузургтарин ҷунбиши мардумӣ дар ибтидои соли 1810 дар Бухоро рух дода буд. Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ зимистони он сол чунон сард шуд, ки то се моҳ ях дар замин боқӣ монд. Гандум ва ҷавро куллан сармо зад ва нархи ғалла ниҳоят баланд шуд. Илова бар ин, ончунон чорво дар он солҳо ҳалок шуд, ки ҳеҷ намонд. Нархи гӯшту равған низ баланд гардид. Нисфи мардуми Бухоро аз чунин шароити тоқатфарсо ба ҳар ҷониб рафтанд.

Гуруснагӣ ва қаҳтӣ ба миён омад. Аз 1 апрел то 16 май чунон тӯфони сахте дар пойтахт вазид, ки якчанд деҳаҳои наздики он зери рег монданд. Ҳаёти сокинони ин деҳаҳо дар хатар афтода, маҷбур шуданд ба деҳаҳои дигар кӯчанд. Ин фалокат қаҳтӣ ва гуруснагиро дучанд гардонид. Бозорҳо холӣ монда, дуконҳо баста ва одамони зиёд талаф шуданд. Дуздӣ авҷ гирифт. Дастаҳои дуздон халқро ғорат мекарданд ва мекуштанд. Шаҳри Бухоро ва атрофи он тамоман хароб гардид. Дарбори амир барои сабуктар гардонидани вазъияти ниҳоят сахти аҳолӣ ягон чорае намеандешид. Ҳамаи ин қаҳру ғазаби халқро дучанд намуда, сабаби ба вуҷуд омадани шӯриш гардид.

Сокинони Бухоро дар майдони марказии шаҳр – Регистон, дар назди қасри амир ҷамъ омаданд. Амир аз қаҳру ғазаби халқ тарсида, пойтахтро тарк намуд. Ӯ барои паст намудани ғазаби халқ ва пахш намудани шӯриш амр намуд, ки ҳамаи сокинони Бухоро дар муддати се рӯз берун аз шаҳр баромада, ба мазори ҳазрати Баҳоуддини Нақшбанд раванд ва намоз хонанд. Хонаҳои мардуми шаҳр холӣ монданд. Амалдорони амир хонаҳои бесоҳибмондаро кофтуков карда, чизу чораи шаҳриёнро ба яғмо бурданд. Онҳо ғаллаи эҳтиётии баъзе касонро ба мардуми гурусна тақсим накарда, ба нархи қимат онро фурӯхтанд. Аксари мардум пуле надоштанд, то чизе харанд.

Ниҳоят ба амир муяссар шуд, ки бо неруи силоҳ шӯришро пахш кунад ва дар пойтахти худ вазъи нисбатан муътадилро барқарор намояд. Ин замон ба амир хабар доданд, ки ду корвони бухориёнро дар роҳи баргашт аз Эрон туркманҳо ғорат кардаанд ва корвониёнро ба қатл расонидаанд. Амир ҷавоб гуфт, ки ҳоло ки дар Регистон ҳеҷ хатаре нест, дигар чизҳо барояш аҳамият надоранд.

Гуруснагӣ ва қаҳтӣ ноҳияҳои дигари аз пойтахт дурро низ фаро гирифт. Дар ин бора шоҳиди ҳодиса Мулло Ҷумъақули Ургутӣ (1727–1855) мутахаллис ба Хумулӣ зимистони соли 1810 ба ноҳияи Панҷакент, ба деҳаи Ёрӣ омада, мушоҳидаашро ба таври зайл ба риштаи назм кашидааст.

Шаб ҳама шаб чашми аспам баҳри як ҷав мепарид,
Хостам бар дидааш коҳе ниҳам, пайдо нашуд.

Ҳодисаи соли 1810 вазъи сиёсии Бухороро заиф гардонид, ки дар натиҷа Ургут, Моғиён, Фороб ва дигар мулкҳои хурд аз аморат канорагирӣ карда, Истаравшан зери тасарруфи хони Хӯқанд даромад.

Шӯру ошӯбҳои халқӣ дар аморати Бухоро солҳои 1819 – 1820 низ ба вуқӯъ омада буданд. Ҷунбиши калони мардумӣ соли 1821 дар қисмати миёнаи водии Зарафшон, байни Самарқанду Бухоро, дар Миёнкол ба амал омад. Дар ин ҷо тоифаи нимкӯчии ӯзбек-хитойқипчоқҳо зиндагӣ мекарданд. Сол аз сол зиёдшавии андозҳо, ба хизмати ҳарбӣ сафарбар кардани миқдори зиёди мардони қабилаҳо – ҳамаи ин сабаби бевоситаи шӯриш гардид. Соли 1821 ҳукумат дубора сарбоз гирифтанро сар кард. Ин амал хитойқипчоқҳоро маҷбур сохт, ки ба шӯриши ошкоро бархезанд. Қарақалпоқҳои сокинони ин маҳал низ ба шӯришиён ҳамроҳ шуданд. Тамоми тоифаи ноҳияҳои байни Самарқанду Каттақӯрғон ба зери ливои шӯришгарон даромаданд. Шӯришгарон маъмурони амирро ронда, Каттақӯрғон, Чалак, Янгиқурғон ва ҷойҳои дигарро забт намуданд. Бебизоатони ин ҷойҳо ба сафи шӯришгарон шомил шуданд. Аъёну ашроф барои аз даст надодани сарвати худ ба амир кумак карданд. Амир Ҳайдар борҳо кӯшиш намуд, ки қалъаи хитойқипчоқҳо–Чалакро ба даст дароварда, шӯришро пахш кунад, вале талошҳои ӯ чандин сол бе самар монданд. Хитойқипчоқҳо хостанд ба Бухоро зарба зананд, вале ба ин муваффақ нашуданд. Шӯришгарон кӯшиш карданд, ки деҳқонони ноҳияҳои гуногунро ба тарафи худ кашанд, аммо ин ҳам нашуд.

Дар ҳамин вазъият соли 1825 амир Ҳайдар муҳимтарин нуқтаҳои муқовимати шӯришгаронро ишғол намуд. Дар пахш кардани шӯриши хитойқипчоқҳо ба амир ҷосусони англис, ки он вақт дар Бухоро буданд ва силоҳи оташфишони барои аҳолии маҳаллӣ номаълумро ба кор мебурданд, ёрӣ расониданд.

Соли 1826 шӯриши мардуми Самарқанд рух дод, ки он ҳам ба нокомӣ анҷомид.

Дар солҳои 1840 – 1842 муносибат байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд хеле тезутунд гардид. Амир Насруллоҳ соли 1842 лашкар кашида, Хӯқандро ишғол кард. Мансабдорони амири Бухоро дар Хӯқанд мардумро маҷбур намуданд, ки на танҳо ҳамаи андозҳои дар аморати Бухоро муқarrargардидаро супоранд, балки бар замми ин талаб намуд, ки аз чор як ҳиссаи ҳосилро ба хазинаи давлат бидиҳанд. Мардуми Хӯқанд аз ин худсариҳо ба дод омада буданд. Онҳо бо қабилаи қипчоқ забон як карда, ба сари ҳокимият Шералихонро оварданд.

Баъд аз ду соли ин воқеа дар Хӯқанд шӯриш ба амал омад. Сардори шӯришиён Хоҷа Қаландари мисгар буд. Ҳазорон камбағалони шӯришгар бо сардории ин марди шуҷоъ пойтахти мамлакатро ишғол намуда, манзилҳои амалдорони хонро ба хок

яксон карданд. Соҳибмансабони низомӣ ва ғайринизомӣ ба гӯшаҳо пинҳон шуданд. Сипас шӯришгарон дарбори хонро иҳота намуданд. Доираҳои ҳукмрон фақат бо макру фиреб ва душвориҳои зиёде тавонистанд, ки ин шӯришро фурӯ нишонанд.

Дар натиҷаи шӯриши халқӣ ҳокимияти амири Бухоро дар Хӯқанд барҳам хӯрд. Сарбозони Бухоро бо амалдоронаш ба қатл расиданд. Ҳокими аз тарафи амир таъйиншуда роҳи гурезро пеш гирифт.

Муборизаи синфӣ дар ноҳияҳои ҷудогонаи кӯҳистони Помири Ғарбӣ ҳам бо шиддати тамом давом мекард. Дар ибтидои солҳои 60-ум деҳқонони Шуғнон, Рӯшон ва Вахон шӯриш бардоштанд, ки ба он Шайхзодаи Рӯшонӣ сардорӣ намуд. Шӯришгарон нишемангоҳи Мири Рӯшон–Қалъаи Вомарро ба даст даровარданд. Сипас онҳо ба сӯйи қароргоҳи мири Шуғнон Қалъаи Барпанҷа ҳаракат карда, лашкари онҳоро торумор намуда, тамоми дороии ҳокимонро дар байни деҳқонон тақсим карданд. Ин шӯриш фақат пас аз он ки ҳукмрони кулли Бадахшон ба Помири Ғарбӣ қувваи зиёди ҳарбӣ фиристод, шикаст хӯрд.

Чунон ки дида мешавад, ошӯбҳои мардум ҳам дар шаҳру ҳам дар деҳот ба амал меомаданд. Ин ҷунбишҳо ба таври пароканда ва ғайримуташаккил сар мезаданд ва дер давом намекарданд. Ҳамаи шӯришҳо хусусияти маҳаллӣ дошта, тамоми қаламрави давлатро фаро намегирифтанд. Мақсади асосии шӯришгарон барҳам додани суиистифода аз вазифа ва ноинсофиҳои аз ҳад зиёди намояндагони ҳокимияти давлатӣ, аз кор дур кардани ҳокимони ҷудогона, беҳтар кардани аҳволи моддӣ ва амсоли инҳо буданд.

Ошӯбҳои мардумӣ дар чаҳоряки асри XIX мавқеи амаратро хеле заиф гардонид. Муборизаи тӯлонии бенатиҷа бар зидди шӯриши хитойқипчоқҳо обрӯй ва эътибори амирро дар назари мардум коҳиш дод.

**Сарчашма:**

Аҳмад Махдуми Дониш дар бораи нооромиҳои дар замони ҳукумати амир Ҳайдар менависад: «Воқеан, дар айёми давлати ӯ аксар умаро (амирон) ба мухолифату адоват бархостанд ва душманонро шӯрониданд, ки ҳама элу улус (қабила ва сарзамини ӯ) ва қӯрғонҳои қаламрави Бухоро ба бағй (саркаши)-у фасод бархостанд ва мудом лашкаркашиву ҷангу ҷидол дар мобайни элот (қабилаҳои кӯчманчи)-и ӯзбек воқеъ буд».

**Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития. Душанбе, 2010, саҳ. 30.**

Мирзо Абдулазими Сомӣ дар рисолаи худ дар бораи яке аз сабабҳои ноорамиҳо дар соли аввали ба тахт нишастани амир Ҳайдар менависад: «Подшоҳи мавсуф (амир Ҳайдар) дар суҳбати уламо ва аҳли илму адаб роғиб буд ва қаробат бо аҳли фазилату карам дошт. Ин равия ба умаро ва арокини давлат, ки ӯзбекия буданд, писандида нашуда, аксар аз подшоҳ дил гаронӣ доштанд. Ба сабаби иғро (шӯронидан) ва таҳрики эшон соли дуюми ҷулус хони Хоразм бо лашкари ҷаррор (анбӯҳ)-и бисёр омада, атрофи Бухороро наҳб (тороҷ)-у ғорат кард».

**Мирзо Абдулазими Сомӣ. Таърихи салотини Манғития. Нашри факсимил, Москва, 1962, вароқи 63а-63б.**

Дар бораи гуруснагӣ ва ошӯби соли 1810 дар Бухоро муаллифи «Тоҷ-ут-таворих» Муҳаммад Шариф менависад: «Дар таърихи шаҳри муҳаррам-ул-ҳароми санаи 1225 (феврал–марти 1810) буд, чунон зимистон сард шуд, ки то се моҳ ях ба миқдори як қулоч боқӣ монд. Гандуму ҷавро куллан сармо зада, нарх ба сад танга расид. Дар як ҳафтаи моҳ ба ҳаштод, баъд аз 20 рӯзи дигар ба 60 танга баромад. Чунон савоим (чорво) дар он сол ҳалок шуд, ки ҳеҷ намонд. Нархи равған ба якуним ашрафӣ, дуним ман гӯшт 14 танга шуд. Мардумони Бухоро қариб ба нисф ба ҳар ҷониб рафтанд».

## Санаҳои муҳим:

1810 – шӯриш дар Бухоро
1819 – 1820 – шӯру ошӯбҳои мардумӣ дар аморати Бухоро
1821 – ҷунбиши калони мардумӣ дар Миёнкол
1825 – аз тарафи амир Ҳайдар ишғол намудани муҳимтарин нуктаҳои муқовимати шӯришиён
1826 – шӯриши мардумӣ дар Самарқанд
1840 – 1842 – тезутунд гардидани муносибат байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд. Лашкар кашидани амир Насруллоҳ ба ҷониби Хӯқанд

## Савол ва супориш:

1) Сабабҳои шӯришҳои мардумиро дар соли 1810 баён кунед. 2) Барои пахш кардани шӯриши мардумӣ дар Бухоро амир чӣ тадбир дид? 3) Ҳодисаи бавуҷудомадаи соли 1810 дар Бухоро ба чӣ сабаб гардид? 4) Соли 1821 дар куҷо ҷунбиши мардумӣ ба вуҷуд омад ва сабабҳояш дар чӣ буд? 5) Дар бораи муносибат байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд дар солҳои 1840 – 1842 маълумот диҳед. 6) Ошӯбҳои мардумӣ дар чаҳоряки асри XIX ба чӣ оварда расонид?

# МАВЗӮИ XVI
# МАДАНИЯТИ МОДДӢ ВА МАЪНАВӢ ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

## § 53. БИНОКОРӢ ВА МЕЪМОРӢ

Дар асри XVIII Осиёи Миёна бухрони шадиди иҷтимоиро аз сар гузаронид. Аз ҳам пошидани пояҳои давлатдорӣ, харобии шабакаҳои обрасон, поин омадани ҳосили зироат, гуруснагӣ ва бемориҳои мухталиф, ҳуҷуми саҳронишинон ба шаҳрҳои аморати Бухоро ва дигар омилҳо боис шуд, ки фаъолиятҳои бинокорӣ тақрибан қатъ шавад. Танҳо дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар қаламрави аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд эҳёи фаъолиятҳои меъморӣ ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, дар нимаи аввали асри XIX сатҳи рушди ҳунари меъмории Осиёи Миёна, алалхусус, сохтмони биноҳои бошукӯҳ пойин буд. Бо ҳамин сабаб аз ёдгориҳои меъмории ин давра то замони мо теъдоди каме боқӣ мондаанд. Дар ин давр бинокорӣ асосан дар шаҳрҳои марказӣ, мисли Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд ва шаҳрҳои Тошканд, Андиҷон, Хуҷанд, Истаравшан ва гоҳе дар деҳоте, ки он ҷо маконҳои муқаддас буданд, идома пайдо кард.

Ба меъмории ин замон аксар хусусияти бузургандозаӣ ва шукӯҳу ҷалоли зоҳирӣ хос буд. Ин меъморӣ аз дастовардҳои нав маҳрум буда, бо сифати паст ба анҷом мерасид. Дар замони бухрони сиёсӣ ва иҷтимоӣ идомакорӣ ва пайдарпайии малакаи бинокорӣ канда шуда, асрори тайёр намудани кошинҳои хотамкоришуда ва парчинҳои гуногунранг фаромӯш гардид.

Аз биноҳои боқимондаи ин давр мадрасаи Халифа Ниёзқул, ки бештар бо номи Чорманор (1807) машҳур аст ва силсилаи иморати Халифа Худойдод дар Бухоро диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб менамоянд. Ҳар як манораи Чорманор бо гунбази фирӯзаӣ пӯшонида шудааст.

Дар Самарқанд якчанд биноҳои калон сохта ва ё сохтмони нотамоми иморатҳои куҳна анҷом шуданд. Масалан, дар миёнаи асри XIX дар таҳкурсии қаблӣ бинои масҷиди Ҳазрати Хизр сохта шуд (намуди ҳозираи бино дар натиҷаи азнавсозии соли 1915 пайдо шудааст).

Дар ҳамин давра дар Хуҷанд, Истаравшан, Ҳисор, Панҷакент ва дигар шаҳрҳо низ иморатҳои бисёр қомат афрохтанд. Масалан, масҷид ва якчанд мадрасаҳои начандон калон дар Хуҷанд сохта шуданд, қисман масҷиди Шайх Муслиҳиддин, мақбараи Тӯпхона ва масҷид дар Чорбоғ таъмир



гардиданд. Хуҷанд дар нимаи аввали асри XIX ҳашт дарвоза дошт, ки роҳи ҳар яки он ба маркази шаҳр мебурд. Маркази косибию тиҷоратии Хуҷанд бозори Панҷшанбе ба ҳисоб мерафт, ки дар маркази қисми шарқии шаҳр ҷойгир буд Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо ин дар ин давра дар Хуҷанд 146 маҳалла, 150 чойхона ва 47 мадраса мавҷуд буд. Деворҳои атрофи шаҳри Хуҷанд ва Истаравшанро тез-тез таъмир мекарданд.

Аз ёдгориҳои меъмории Истаравшан бинои мадрасаи Рустамбек қобили зикр аст. Ин бино солҳои 50-уми асри XIX аз тарафи ҳокими ин мулк Рустамбек сохта шуда буд.

***Бухоро. Чорманор.***

Бинои мазкур дуошёна буда, 49 ҳуҷра дошт. Дар ду гӯшаи пеши мадраса ду манор сохта шуда буд. Пештоқи мадраса бо пораи кошини сурху кабуд ва сафед ороиш дошт. Дар ду тарафи пештоқи мадраса тасвири ду ҳайвон ба назар мерасид, ки ба паланг ё аспҳои афсонавӣ монандӣ доштанд. Аз сохтмонҳои калони онвақтаи Истаравшан мадрасаи Намозгоҳ, Айвони Тиллокорӣ дар пойтахти қароргоҳи ҳоким дар болои Муғтеппа, ҳаммом, корвонсарой ва масҷид бино ёфта буданд.

Дар ҳамин давра баъзе иморатҳои Регистони Ҳисор (Мадрасаи Нав), дар Панҷакент Мадрасаи Миролим Додхоҳ сохта шуданд. Дар Конибодом Мадрасаи Ойим бино гардид, ки бо ҳуҷраҳо иҳота шуда буд. Дар қисмати марказии шаҳри Исфара дар охири асри XVIII Мадрасаи Сарибозор, ки аз се ҷониб бо ҳуҷраҳо иҳота шуда буд, қомат меафрозад.

Дар нимаи аввали асри XIX дар ноҳияҳои кунунии Тоҷикистон қалъаҳо ва қасрҳо сохта мешавад. Ба чунин ёдгориҳои меъморӣ қалъаи беки Бешкент дар Шаҳритӯс, қалъаи Кистакӯз, Сариҳисор (дар деҳаи Чоркӯҳ) ва қалъаи Сарводаро (водии Фондарё) метавон шомил кард. Ин замон дар Помир як теъдод қалъаҳои начандон калон, ки ба ҳокимони маҳаллӣ тааллуқ доштанд, мисли қалъаи Панҷ, Рошткалъа дар Шуғнон, Барпанҷа дар Вахон ва Қалъаи Бовар дар Рӯшон низ ҳифз шуда буданд. Ҳамаи ин қалъаҳо деворҳои баланди муҳофизатӣ бо дарвозаҳо доштанд, ки дар дохили он хонаҳо ва сохтмонҳои

дигари хоҷагӣ мавҷуд буданд. Дар ин қалъаҳо сокинони деҳаҳои наздик дар замони ноороми ҳо ва ҷангҳои дохилӣ паноҳгоҳ меҷустанд.

Дар хонии Хӯқанд низ бинокорӣ вусъати зиёде пайдо карда буд. Дар шаҳрҳои ин мамлакат бисёр иморатҳои муҳташам, қасрҳо, корвонсарой, ҳаммом, қалъаву манораҳо, инчунин, масҷиду мадраса ва мақбараҳо сохта шуданд. Аз биноҳои бошукӯҳи ин давраи Хӯқанд мақбараи Модари Хон ва Дахмаи Шоҳон ҷолибанд. Тақрибан дар як вақт бо ин биноҳо масҷиди Хонақоҳ дар Марғелон ва масҷиди Чинорлик дар Хӯқанд, мақбараи Хуҷам Қабрӣ дар Намангон ва дигар биноҳо сохта шудаанд. Сарфи назар аз баъзе ҷиҳатҳои норасоии биноҳои мазкур, меъморон дар сохтмони онҳо асосан анъанаи меъмории давраи асри миёнаи Фарғонаро давом додаанд.

Аммо дар бинокории оммавӣ қатъи анъана ва таназзул мушоҳида намешавад. Баръакс, маҳз дар ин давра навъҳои маҳаллии манзилҳои Осиёи Миёна комилан ташаккул меёбад. Зимнан, дар тарҳ, ороиш ва масоҳат ду навъ бино – манзили одамони давлатманд ва манзили одамони камбағал аз ҳам тафовути ҷиддӣ пайдо мекунанд. Чор тарафи манзилгоҳ бо деворҳои баланд иҳота мегардиданд. Ба тақозои иқлим дар ҳар манзилгоҳ саҳни ҳавлӣ аҳамияти калон дошт, зеро сокинони он аксаран рӯзҳои солро дар зери сояи дарахтон мегузаронданд.

Ҳавлӣ аз ду қисмат иборат буд: ҳавлии дарун ва ҳавлии берун. Дар ҳавлии дарун хонаи зист, ошхона ва ғайра ҷой мегирифт. Дар ҳавлии берун одатан саисхона, меҳмонхона, дарвозахона ҷойгир мешуд. Гоҳе ҳавлии хурди махсуси хоҷагӣ ва қитъаи боғро ҳам ҷудо мекарданд. Аксаран дар пеши хонаҳо айвон месохтанд. Биноҳо на фақат якошёна, балки дуошёна ва гоҳо сеошёна ҳам бунёд мегардиданд.

Дар бинокориҳои деҳот ҳавлӣ ва қитъаи боғ бо деворҳои баланди гилӣ иҳота гардида, работ ва ё қӯрғон аксар вақт зеварбандӣ карда мешуд. Беҳтарин намунаҳои чунин манзилҳо дар Самарқанд боқӣ мондаанд.

Хонаву айвонҳо чунон сохта мешуданд, ки касро дар тобистон аз гармо ва зимистон аз сармо муҳофизат мекарданд. Хонаи зист ғайр аз дари асосӣ, дарича ва тобадон ҳам дошт, ки барои равшанӣ ва тоза кардани ҳавои хона хизмат мекард. Дар даруни хона барои хӯрокпазӣ ошхона ҷудо мекарданд, ки оташдону мӯрӣ дошт. Барои гарм шудан дар фасли зимистон дар хонаҳо сандалӣ мавҷуд буд.

Барои ороиши қисмати дохилии сохтмон тамоми навъҳои ҳунари амалии мардум, мисли кандакории чӯб, гаҷкорӣ, нақшунигор ва ғайра истифода мешуд, аммо ин ҳама зебоӣ ба қасрҳо ва манзили одамони доро мутааллиқ буд. Мардикороне, ки барои онҳо хизмат мекарданд, дар кулбаҳои ҳақирона, баъзан дар таҳхонаҳо мезистанд.

**Сарчашма:**

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар «Таърихи Ҳумоюн» дар бораи мадрасаҳои вилояти Ҳисор менависад: «Дар ин вилоят ду мадрасаи сангини ҷасиму рафеи дуошёна, муштамил бар ҳуҷуроти сангин ва як хонақоҳи ҷумъа ва идайнхонии сангин дорад дар муозии қӯрғон. Ва як мадрасаи чӯбин машҳур ба Чашмаи Моҳиён низ мавҷуд аст. Ва чанд адад мадрасаи кӯчаки дигар низ дорад…».

**Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи Ҳумоюн. Таҳиягар Ҷ. Назриев, Душанбе, 2006, саҳ.124.**

**Савол ва супориш:**

1) Чӣ сабаб шуд, ки дар нимаи аввали асри XIX фаъолиятҳои бинокорӣ тақрибан қатъ шавад? 2) Хусусиятҳои меъмории ин замонро баён кунед? 3) Кадом ёдгориҳои меъмории Бухорои ин давраро медонед? 4) Дар бораи ёдгориҳои меъмории Хуҷанд ва Истаравшан маълумот диҳед 5) Дар нимаи аввали асри XIX дар ноҳияҳои кунунии Тоҷикистон кадом қалъаҳо бино шуданд? 6) Дар бораи бинокории Хӯқанд маълумот диҳед. 7) Ин замон бинокории оммавӣ чӣ гуна сурат мегирифт?

## § 54. ТАЪРИХНИГОРӢ

Таърих аз муҳимтарин донишҳоест, ки инсоният ба он ниёзи бепоён дорад. Чун ин илм аз гузаштаи инсоният баҳс мекунад, инсонро чунон зарурате пеш меояд, ки гузаштаи ҷамъияти одамонро бо ҳар роҳу равише барои худ дарёбад, то шахсияти худ ва чӣ будани ҷамъияти хешро беҳтар дарк карда бошад.

Омӯзиши воқеаҳои таърихӣ ва баррасии холисонаи онҳо танҳо бар пояи сарчашмаҳои таърихӣ метавонад анҷом ёбад. Маъхаз ва ё сарчашмаи таърихӣ боқимондаи фарҳанги моддӣ ва маънавии замони худ буда, маҳсули фаъолияти фарҳанги муайяни иҷтимоӣ дар гузашта мебошад, ки дар худ маълумоти ҳақиқиро дар бораи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳо дорад ва онҳо дар раванди шинохти таърихӣ истифода мешаванд.

Дар нимаи аввали асри XIX асарҳои муҳимми соҳаи таърих бахшида ба сулолаи Манғитиён дар Бухоро ва хонадони мингҳо дар Хӯқанд навишта мешаванд. Асарҳо оид ба таърих асосан шакли воқеанигориро ба худ гирифта буданд. Онҳо дар омӯхтани ҳаёти асри XIX арзиши зиёд доранд. Яке аз ин гуна сарчашмаҳо асари Муҳаммад Яъқуб «Гулшан-ул-мулук» мебошад, ки замони ҳукмронии манғитиҳоро то аҳди амир Насруллоҳ (1826 – 1860) тавсиф мекунад. Муаллифи ин китоб аз доираи дарбориён, шоҳид ва иштирокчии бевоситаи бисёр воқеаҳои таърихии замонаш буд. Аз ҳамин сабаб маълумоти ӯ аҳамияти таърихӣ дорад.

Дар хонии Хӯқанд навиштани таърихномаҳо ба ҳукми анъана даромад. Соли 1822 бо фармони амир Умархон Мирзо Қаландар Мушрифи Исфарагӣ ба навиштани «Шоҳнома» дар наср пардохт. То ин вақт як пораи ин «Шоҳнома»-ро Фазлии Намангонӣ ба назм даровардa буд. Ба назар мерасад, ки сабки баёни Фазлии Намангонӣ ба Умархон писанд намеояд ва навиштани ин асарро ба Мирзо Қаландари Мушрифи Исфарагӣ месупорад.

Таърихи аморати Бухоро ва хониҳои Хӯқанду Хиваи охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар рисолаи «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон шарҳу баён ёфтааст. Муаллиф хоҳарзодаи хонҳои Хӯқанд Олимхон ва Умархон буда, аз аҳволи дарбор хабар дошт ва бисёр воқеаҳоро ҳамчун ширкаткунанда ва шоҳиди он ба қалам додааст. Воқеаҳои дар асар тасвирёфта аз замони ҳукмронии Норбӯтахон (1770–1799) то айёми салтанати Муҳаммадалихонро (1822–1842) фаро гирифтааст.

Падари Ҳакимхон–Маъсумхон аз шахсиятҳои ба хонҳои Хӯқанд–Олимхон ва Умархон наздик буд ва соли 1815 дар замони ҳукумати Умархон шайхулислом таъйин шуд. Ҳакимхони нуҳсола ба гирифтани унвони нақиб, ки аз рутбаҳои баланди хонии Хӯқанд ба ҳисоб мерафт, сарфароз гашт. Пас аз ба сари ҳокимият омадани писари Умархон – Муҳаммадалихон дар Хӯқанд дар атрофи одамоне, ки ба Умархон наздик буданд, муҳити носолиме фароҳам омад. Муаллифи «Мунтахаб-ут-таворих» Муҳаммад Ҳакимхон ва падари ӯ Маъсумхон низ дучори бадбинии хон гашта, аз мамлакат ронда шуданд. Муҳаммад Ҳакимхон пас аз ронда шуданаш аз қаламрави Хӯқанд ба кишварҳои зиёде сафар карда, маросими ҳаҷро ба ҷо оварда, соли 1259 ҳ.қ. (1842–1843) дар Шаҳрисабз «Мунтахаб-ут-таворих»-ро ба итмом расонидааст.

Муаллифи «Ҷаҳоннамо» ё «Таърихи ҷаҳоннамоӣ» Ҷунайд Мулло Аваз Муҳаммад писари Мулло Рӯзӣ Муҳаммад Сӯфии Аттор мебошад, ки асари хешро соли 1868 таълиф намудааст. Мулло Аваз аз ҷамоаи тоҷирони хурди Хӯқанд ба шумор мерафт, ки ба чарчинфурӯшӣ шуғл дошт. Ӯ бо доираи дарбори Хӯқанд робита надошт. Рисолаи «Таърихи ҷаҳоннамоӣ»-ро муаллиф дар тӯли 15 сол навиштааст, ки асосан ба муносибати байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд бахшида шудааст. Ҷилди дуюми ин асар аз таърихи хонии Хӯқанд дар асри XIX ҳикоят мекунад.

Доир ба таърихи хонии Хӯқанд, асарҳои дигар, аз қабили «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёзмуҳаммад ва «Таърихи муҳоҷирон»-и Дилшоди Барно навишта шудаанд. Дар ин асарҳо бисёр ҳодиса ва воқеаҳои таърихии нимаи аввали асри XIX инъикос ёфтаанд.

Мулло Ниёзмуҳаммад яке аз адибони маъруфи нимаи дуюми асри XIX-и Хӯқанд буда, рисолаи «Таърихи Шоҳрухӣ»-ро дар поёни умраш, дар байни солҳои 1871–1875 эҷод кардааст. Муаллиф таърихи хонии Хӯқандро аз ибтидои таъсисёбӣ то соли 1875 ба қалам додааст. Мулло Ниёзмуҳаммад шогирди Домулло Махдум, писари Домулло Қозии аълам буда, дар замонаш дар мадрасаҳои Хӯқанд дониш андӯхта, ба иртиботи хатми сохтмони мадраса ва масҷиду мазорҳои Хӯқанд таърихҳо гуфтааст. Мулло Ниёзмуҳаммад дар замони ҳукмронии Шералихон (1842–1845) ва то давраи охири ҳукумати Худоёрхон (1875) дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии хонии Хӯқанд ширкат кардааст ва ба ин далел навиштаҳои таърихии ӯ аз аҳамияти муҳимми илмӣ бархурдоранд.

Муаллифи «Таърихи муҳоҷирон» Дилшоди Барно (1800 – 1907) шоираи тоҷик, духтари Раҳимқул Сӯфии Истаравшанӣ, ҳангоме ки амир Умархон (1787–1822) – хони Хӯқанд соли 1816 Истаравшанро ишғол кард, дар қатори 13 ҳазор асир ӯро ба Хӯқанд бурд. Чанде нагузашта Дилшоди Барноро амир Умархон озод намуд ва ӯ дар хонаи Тошмахдум ном шахсе паноҳ бурд, ки баъдан ин шахс ҳамсари ӯ гардид. Дилшоди Барно 51 сол дар Хӯқанд мактабдорӣ карда, ба зиёда аз 800 нафар духтар савод омӯзонидааст. Шоираҳои доираи адабии Хӯқанд Хайринисо, Баҳринисо, Анбаротун ва Тӯтиқиз аз ҷумлаи шогирдони ӯянд. Аз Дилшоди Барно «Мунтахаб-ул-ашъор», рисолаи «Таърихи муҳоҷирон» ва 1200 мисраъ ашъори пароканда ба мерос мондааст. Дар «Таърихи муҳоҷирон» Дилшоди Барно дар бораи тороҷгарӣ ва куштορҳои амир Умархон, таърихи ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ва аз ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ин давр сухан мегӯяд. Аз ҷумла дар як ғазалаш авзои замонаашро инъикос кардааст:

Замона каҷраву золим бувад шоҳи замон, эй воҳ,
Халоиқ аз уқубатҳо намеёбад амон, эй воҳ.
Ба мулки хештан аҳли замон бегонамонанданд,
Дар ин ҷо аҷнабии рахнагар дорад макон, эй воҳ.
Ба деҳқон на замин, не ҷуфти гову олати кор аст,
Зи мева маҳрум аст, ҳар фаълаву ҳар боғбон, эй воҳ.
Ҷафоҷӯ аз муғул найрангкунон дар тахт оромад,
Ба монанди магас бар шарбату нон ҳукмрон, эй воҳ.

Аз силсилаи асарҳои таърихии ин давр рисолаи Мир Олими Бухорӣ «Фатҳномаи султонӣ» арзиши муҳимми таърихӣ дорад. Ин асар дар баробари баён воқеаҳои сиёсии нимаи аввали асри XIX маълумоти зиёде оид ба ислоҳоти андоз ва шӯриши хитойқипчоқҳоро додааст.

Барои омӯхтани таърихи маҳалҳо ба мисли Панҷакент, асари Мулло Ҷумъақули Ургутӣ мутахаллис ба Хумулӣ қобили қайд мебошад. Хумулӣ қозии вилояти Ургут буд ва дар шеър, таърихёбӣ ва хушнависӣ маҳорат дошт.

Ҳамаи асарҳои таърихии номбурда ба забони тоҷикӣ таълиф шудаанд, ки барои омӯхтани таърихи мардумони Осиёи Миёнаи нимаи аввали асри XIX сарчашмаи беҳтарин ба шумор меравáнд.

Дар қатори асарҳои таърихии ба забони тоҷикӣ офаридашуда рисолаи Шермуҳаммади Мунис «Шоҳиди иқбол»-ро, ки ба забони ӯзбекӣ иншо шудааст, метавон ёдовар шуд. Ахбори чаҳоряки аввали асри XIX, ки дар ин китоб инъикос ёфтааст, бисёр муҳим мебошанд. Баъди вафоти Шермуҳаммади Мунис ҷиянаш Муҳаммад Ризо, ки бо тахаллуси Огаҳӣ маъруф аст, ин асарро идома дода, ахбори воқеаҳоро то соли 1872 зикр кардааст.

## Сарчашма:

Пораҳое аз асари Муҳаммад Ҳакимхон «Мунтахаб-ут-таворих»: «Давлату насаби ду хонадонро баён мекунам, ки баъд аз шутури хонӣ ба инҳо расидан, аввал манғият (манғитиҳо), ки дар Бухоро салтанат мекунанд, дуюм минг дар Хӯқанд алҳол салтанат мекунанд. Давлати юзу кенагас ва ғайри дигарро дар замми ин ду давлат бар сабили иҷмол (кӯтоҳ) хоҳам баён кард, иншоаллоҳ…».

**Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих, ҷилди 1, чопи факсимилӣ. Таҳияи А. Мухторов, Душанбе, 1983, вараҷи 218.**

«Зикри лашкар кашидани амир Умархон дар болои амир Ҳайдар подшоҳ ва ин хабарро шунида, боз гаштани амир Ҳайдар подшоҳ ба савби Самарқанд.

Чун ин хабарро амир Умархон шунид (яъне лашкаркашии амир Ҳайдар ба ҷониби Ӯротеппаро), билотавaққуф бо лашкари Фарғона мутаваҷҷеҳи Ӯротеппа шуд. Баъд аз тайи масофат дар он вило (вилоят) расид ва шунид, ки амир Ҳайдар подшоҳ дар болои Пишоғар қурултой (шӯро) сохтааст. Билоэҳмол бо лашкари кинахоҳ мутаваҷҷеҳи лашкаргоҳ мунқият шуд ва аз омадани амир Умархон амир Ҳайдар подшоҳ вуқуф ёфта, саросема аз он ҷо кӯч карда, ба ҷониби Самарқанд мурочиат фармуд. Амир Умархон шабгир зада, дар камоли таъҷил худро вақти тулӯи офтоб дар қалъаи Пишоғар расонид. Дид, ки пай ҳасту Ҳайдар нест ва ҳам ин лафз таърих аст ва қалъаи Пишоғарро чун нигини ангуштарин дар миён гирифта, ба муҳосира пардохт…»

**Муҳаммад Ҳакимхон. Мунтахаб-ут-таворих, ҷилди 2. Ба чоп омодакунанда Ё. Ковоҳоро ва К.Ҳонадо, Токио, 2006, саҳ. 131.**

## Савол ва супориш:

1) Сарчашмаҳои таърихӣ чӣ аҳамият доранд? 2) «Гулшан-ул-мулук» ба қалами кӣ тааллуқ дорад ва воқеаҳои кадом замонро дар бар мегирад? 3) Дар бораи Муҳаммад Ҳакимхон ва асари ӯ маълумот

диҳед. 4) Муаллифи «Ҷаҳоннамо» ё «Таърихи ҷаҳоннамоӣ» кист, кай навишта шудааст ва дар бораи чӣ нақл мекунад? 5) Мулло Ниёзмуҳаммад муаллифи кадом асари таърихист ва он кай иншо шудааст? 6) Дар бораи Дилшоди Барно ва рисолаи ӯ «Таърихи муҳоҷирон» маълумот диҳед. 7) Боз кадом рисолаҳои таърихии ин давраро медонед?

## § 55. ҲАЁТИ ИЛМӢ ВА АДАБӢ

Забони тоҷикӣ дар нимаи якуми асри XIX дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд, чи дар дастгоҳи давлатию идоравӣ ва чи дар доираҳои адабӣ, мавқеи асосиро ишғол мекард. Ду навъи мактаб вуҷуд дошт: мактаби ибтидоӣ ва олӣ, яъне мадраса. Дар мактабҳо кӯдакон савод меомӯхтанд ва тарбия мегирифтанд. Таълиму тадрис ба забони тоҷикӣ ва арабӣ сурат мегирифт. Муаллимони мактабҳо асосан рӯҳониён буданд, ки табақаи босаводтарини аҳолӣ ба ҳисоб мерафтанд. Талабагон ва толибилмон асосан, дар фасли тирамоҳу зимистон ба мактабу мадраса мерафтанд.

Дар мадрасаҳо қариб тамоми дарсҳо ба забони арабӣ гузашта, забони тоҷикӣ барои шарҳ ва тарҷумаи фанҳо хидмат менамуд. Дар ин вақт омӯхтани илми фиқҳ, тафсири Қуръон ва шарҳи китобҳои дарсии динии асри миёна хеле ривоҷ ёфт. Ба ҳамин сабаб муддати таҳсили мадраса ниҳоят дароз шуда, аз 8 то 20 сол давом мекард. Илова бар осори динӣ дар мадрасаҳо, чор амали арифметикӣ ва баъзе масъалаҳои алгебра ва геометрия низ омӯзонида мешуданд. Дар замони ҳукмронии Шоҳмурод танҳо дар мадрасаҳои Бухоро то 30 ҳазор нафар таълим мегирифтанд. Дар ин мадрасаҳо бештар фарзандони рӯҳониён ва шахсони дорову сарватманд таҳсили илм мекарданд ва дарвозаи мадрасаҳо ба рӯйи оммаи васеи заҳматкашон пӯшида буд. Маоши толибилмон, мударрисон, мутаваллӣ, ходимони дар ин даргоҳ хизматкунанда ва инчунин, таъмири бинои мадраса аз даромади заминҳои вақф буд.

Хатмкунандагони мадраса бештар ба вазифаи қозии шаҳру вилоятҳо, муфтӣ, имоми масҷидҳо таъйин мешуданд, ё худ дастнависҳоро нусхабардорӣ мекарданд.

Дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Кангурт Панҷакент, Конибодом ва ноҳияи Ғарм мадрасаҳо амал мекарданд, вале обрӯмандтарин таълимгоҳҳо мадрасаҳои пойтахти аморат – шаҳри Бухоро ба шумор мерафтанд. Бухоро дар ин давра маркази динии тамоми Осиёи Миёна ба шумор мерафт.

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо дар нимаи аввали асри XIX дар хонии Хуқанд беш аз 320 мадраса мавҷуд буд. Танҳо

дар шаҳри Хӯқанд 36 мадраса, 30 қорихона ва беш аз 50 мактаб фаъолият мекард. Шумораи мударрисон беш аз 120 нафар ва теъдоди умумии толибилмони мадрасаҳои Хӯқанд то ба 3000 нафар мерасид.



***Хева. Мадрасаи Аликулихон.***

Духтарон имкони дар мадрасаҳо хонданро надоштанд ва мадрасаи махсус барои занон вуҷуд надошт. Бибиотуни (муаллимаи) мактабҳои занона асосан, занони муллоҳо ва мударрисон буданд. Бибихалифаҳо ба духтарон асосҳои дину шариати исломро таълим медоданд.

Дар нимаи якуми асри XIX дар пойтахти ҳамаи хониҳои Осиёи Миёна ҳаёти адабӣ дар авҷ буд. Дар аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд ба ду забон – ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър эҷод мекарданд, ки боиси ба вуҷуд омадани шоирони дузабона гардид. Дар миёнаи асри XVIII ҷараёни тозае дар адабиёт зуҳур карда буд, ки дар асарҳои баъдина низ идома ёфта, дар таърихи адабиёти тоҷик ба номи «сабки бедилӣ» машҳур гашт. Намояндагони ин ҷараён беш аз ҳама ба тасаввуфи Бедил тақлид менамуданд. Сабки бедилӣ муқаллидони пешқадами худро дошт. Дар байни пайравони Бедил шоироне буданд, ки дар асри XIX эҷодиёти худро то андозае ба ҳаёти иҷтимоии халқ наздиктар намуда, ғояҳои нисбат ба он замон пешқадамро таблиғ мекарданд. Умуман, равияи озодандешӣ ба назми ин давра роҳ пайдо менамуд. Чунончи, Мулло Ҳусайн, ки бо

тахаллуси Дониши Бухорой машҳур аст, Мирзо Муҳаммадсодиқи, Мунши, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Муҳаммадшарифи Гулханӣ, Махмур, Маъдан, Дилшод ва дигарон дар ҳамин давра умр ба сар бурда, ашъоре дар ин сабк офариданд. Дар эҷодиёти Гулханӣ, Махмур ва Маъдан ҳаҷви иҷтимоӣ ҷойи намоёнро ишғол менамуд, ки он ба мазмуни лирикии шоирони маорифпарвар таъсир кардааст. Достони Ҳозиқ «Юсуф ва Зулайхо», масалҳои Гулханӣ, шеърҳои иҷтимоии шоира Дилшод ва дигарон аз ҷумлаи асарҳои озодфикрона мебошанд.

Дар ин давр доираҳои адабӣ мисли асрҳои пешин дар Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд, Хуҷанд, Истаравшан, Шаҳрисабз ва ғайра ба назар мерасанд. Чун доираи адабии Бухоро дар нимаи аввали асри XIX низ доираи адабии марказӣ шинохта мешуд, бинобар ин шоирон аз шаҳрҳо ва ноҳияҳои аморати Бухоро, хонии Хӯқанд ва ҳатто берун аз ин қаламрав ба ин ҷо омада, ба маҷрои умумии шеъру адаби тоҷик ҳамроҳ мешуданд.

Яке аз шоири соҳибдевони доираи адабии Бухоро Султонхони Адо мебошад, ки дар Самарқанд таваллуд шуда, дар замони ҳукумати амир Ҳайдар шоири дарбори ӯ буд ва дар аҳди амир Умархон ба Хӯқанд рафта, дар замони ҳукумати амир Насруллоҳ боз ба Бухоро бармегардад. Ӯ аз авлоди Хоҷа Аҳрори Валӣ буд.

Дигар аз шоирони доираи адабии Бухоро Ҷунайдуллоҳ Махдум Ҳозиқи Ҳиротӣ буд. Ӯ дар замони ҳукумати амир Ҳайдар ба Бухоро омада, баъди чанде ба дарбори Умархон ба Хӯқанд рафт. Баъд аз вафоти Умархон дар замони ҳукмронии амир Насруллоҳ ба Бухоро баргашт. Ҳангоми сафаре дар Самарқанд дар рикоби амир Насруллоҳ буд ва шеъре аз зулму золимии ӯ гуфт. Ин шеър ба воситаи душманонаш ба дасти амир Насруллоҳ афтод. Чун Ҳозиқ ба воситаи дӯстонаш аз ин хабар ёфт, ба тарафи Шаҳрисабз фирор кард. Амир Насруллоҳ қотилеро ба Шаҳрисабз фиристод, ки шоирро дар рахти хобаш ба қатл расонид. Қатли шоир байни солҳои 1830 – 1834 иттифоқ афтодааст.

Шоир, олиму мударриси номдор Мир Иноятуллоҳ Мавлавӣ, ки бо тахаллуси Рашид шеър мегуфт, дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX зиндагӣ кардааст. Амир Ҳайдар аз шогирдони ӯ буд. Баъд аз ба сари ҳукумат омадан, амир Ҳайдар ӯро ба вазифаҳои козикалони Бухоро, унвони мавлавӣ, охунди кӯкалтош ва ба вазифаи мирасадӣ сарфароз сохтааст. Ашъораш аз 4 ҳазор байт бештар буд. Ӯ соли 1813 вафот кардааст.

Шоири маъруф Мирзо Муҳаммадсодиқи Муншӣ дар аҳди амир Ҳайдар иншонависи дарбор буд. Девони ашъораш иборат аз 15 ҳазор байт аст. Шоири бадеҳагӯй, нуктасанҷ, ҳозирҷавоб ва беназири замони худ буд.

Раҳматуллоҳи Бухорӣ, ки бо тахаллуси Хиҷлат шеър

мегуфт, шоири аҳди амир Насруллоҳ аст, ки бо фармони амир вазифаи қозигиро низ иҷро кардааст. Ӯро дар тазкираҳо шахси олим, донишманд ва муътақиди ашъори Бедил ба қалам додаанд.

Шоир ва фозили ин замон Мулло Абдулазиз Маҳмуд ибни Ғании Балхӣ аст, ки бо тахаллуси Ҳайрат шеър сароидааст. Тибқи ахбори тазкираҳо тамоми китобҳои маъруф хоҳ ба арабӣ ва хоҳ ба форсӣ дар ҳар илме, ки бошад мутолиа карда, дар ҳошияи онҳо назари хешро баён намудаст. Ӯ низ бо фармони амир Насруллоҳ ба мансаби қозигӣ расида ва соли 1832 вафот кардааст.

Дар ин давр шоироне мисли Гулмуҳаммадбийи Афғон, ки дар аҳди амир Насруллоҳ ҳокими Нурато буд, Мулло Раҷаб Парии Ҳисорӣ, Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ, Хазонии Қаротегинӣ, Муллоҳусайн Махдум Дониши Бухороӣ, Муллораҷаб Дониши Бухороӣ (вафот 1832 – 33), Забеҳои Яҳудии Самарқандӣ, Мулло Муҳаммад Шарифхоҷа Шевани Бухороӣ (вафот 1845), Шавқии Каттақӯрғонӣ (вафот 1861–62), Муҳаммадзамони Самарқандӣ ибни Муҳаммадризои Фалғарии Похутӣ (1788–1849) ва дигарон зиндагӣ ва эҷод кардаанд.

Дар нимаи аввали асри XIX, дар давраи ҳукмронии амир Олимхон (1800–1812) доираи адабии Хӯқанд таъсис ёфта, дар аҳди амир Умархон (1812–1822) ин доираи адабӣ шуҳрат пайдо кард. Худи амир Умархон бо тахаллуси Амирӣ шеър мегуфт ва ҳамсараш Нодираи Андиҷонӣ бо тахаллуси Нодира ва Макнуна шеър менавишт. Шоирони зуллисонайн, ба мисли Умархон, Макнуна, Гулханӣ ва дигарон ба арсаи адабиёт омадаанд, ки асарҳояшонро бо забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ иншо мекарданд. Ин хусусияти доираи адабии Хӯқанд аз он гувоҳӣ медод, ки забони ӯзбекӣ дар ҳаёти иҷтимоии хонигарӣ оҳиста-оҳиста ҷойгоҳ пайдо мекард. Агар дар асрҳои гузашта шоирони турկзабон асосан, шеърҳои худро ба забони тоҷикӣ меофариданд, дар ин аҳд раванди баръакс рух дода, шоирони тоҷик, мисли Гулханӣ, Ҳотифи Хуҷандӣ (вафот 1842-43), Дилшоди Барнои Истаравшанӣ ва дигарон бо зарурати зиндагӣ ва тақозои замон ба забони туркӣ шеър мегуфтанд. Ҷойгоҳ пайдо кардани забони ӯзбекӣ дар доираи адабии Хӯқанд аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии хонигарӣ сарони қабилаҳои ӯзбек нуфуси бештаре ба даст овարданд. Бо вуҷуди ин, забони расмии давлатии хонигарӣ забони тоҷикӣ буда, коргузорӣ асосан ба забони тоҷикӣ сурат мегирифт, ки далели он санадҳои мухталифи ба ёдгор монда аз ин давранд.

Дар «Таърихи муҳоҷирон»-и Дилшоди Барно аз 13 тан шоирону шоираҳои доираи адабии Хӯқанд ёд мешавад, ки дар аҳди Умархон зиндагӣ кардаанд. Шоирон: Маҳҷуб, Мунтазир, Маҷзуб, Гулхании Қаротегинӣ, Махзанӣ, Туробӣ, Баҳорӣ,

Низомӣ, Сабуҳӣ, Садоӣ, Девона Қорӣ, шоираҳо: Нодира, Фидоия, Маҳбону, Ҳафизаотун ва Увайсӣ аз зумраи онҳо мебошанд.

Шоири маъруфи доираи адабии Хӯқанд Фазлиддини Намангонӣ мебошад, ки бо тахаллуси Фазлӣ шеър меофарид. Фазлӣ «Тазкират-уш-шуаро»-и дарбори Умархонро бо унвони «Маҷмуат-уш-шуаро» таълиф намуда, дар он ашъори тоҷикӣ ва туркии шоиронро гирди ҳам овардааст.

Шаҳри Хуҷанд дар саргаҳи водии Фарғона ҷойгир буда, дар сарнавишти хонии Хӯқанд мавқеи муайяне дошт. Бино ба навиштаи «Тазкират-уш-шуаро»-и Абду, «Маҷмуат-уш-шуаро»-и Фазлии Намангонӣ, «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Возеҳ ва «Маҷлисафрӯз»-и Абдурраҳмонхоҷаи Носеҳ дар ин замон дар Хуҷанд шоирон: Шайдони Хуҷандӣ, Шукуҳӣ, Нозили Хуҷандӣ, Фозили Хуҷандӣ, Дониши Хуҷандӣ, Кошиф, Зинати Хуҷандӣ, Нузҳати Хуҷандӣ, Шаҳдии Хуҷандӣ, Росихи Хуҷандӣ, Домулло Ҳоҷибой Лисонии Хуҷандӣ (вафот 1851 – 52), Маъюси Хуҷандӣ, Ҳотифи Хуҷандӣ, Равнақи Хуҷандӣ ва дигарон зиндагӣ ва кор мекарданд.

Авазмуҳаммади Мусаввир (вафоташ 1852) шоир ва хаттоти маъруфи Хуҷанд буд. Ӯ пас аз хатми мадрасаҳои Бухоро ба Хуҷанд баргашта, дар Мадрасаи Намозгоҳи шаҳр дарс мегуфт. Авазмуҳаммад девони ашъори Нозили Хуҷандӣ, Ғании Кашмирӣ ва чанде шоиронро хаттотӣ намудааст.

Иддае аз шоирони Хуҷанд баъд аз хатми мадрасаҳои Хӯқанд ба доираи адабии Хӯқанд мепайвастанд ва дар ҳаёти фарҳангии он ширкати фаъол мекарданд. Маъюси Хуҷандӣ, Нозили Хуҷандӣ, Самеи Хуҷандӣ ва Кошифи Хуҷандӣ аз шоирони доираи адабии Хӯқанди аҳди Умархон буданд. Кошифи Хуҷандӣ баъд аз вафоти Умархон ба баҳонаи ҳаҷ Хӯқандро тарк мегӯяд ва пас аз адои ҳаҷ ба Қоҳира рафта, муддате дар дарбори шоҳи Миср Муҳаммад Алиподшоҳ вазифаи вазириро адо мекунад ва баъдан бо фармони шоҳ маъмури мадрасаи Айн дар Қоҳира таъйин мешавад.

Дар ин давр эҷодиёти шифоҳии халқ дар сурудҳо, ҳикояҳо ва гуфторҳо зоҳир мегашт. Сокинони шаҳрҳою деҳаҳоро намоишҳои масхарабозон, дорбозон ва театрҳои лӯхтак, ки маъмулан, дар кӯчаҳо доир мегашт, шод мегардониданд. Мусиқинавозони боистеъдод тавассути созҳои одии гуногуну сершумор оҳангҳои дилнишин меофариданд.

Дар байни халқ бозиҳои варзишӣ, мисли бузкашӣ, гӯштингирӣ, аспдавонӣ, пойга ва ғайра машҳур гардида буданд. Навъҳои гуногуни ҳунари амалӣ: нақшунигори деворҳо, кандакории чӯб, гилкорӣ, ҳаккокӣ, кулолӣ ва ғайра низ хеле равнақу ривоҷ ёфтанд. Нақшунигори деворҳо ва сақфи биноҳо аз гаҷ хеле густариш пайдо кард.

## Сарчашма:

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар бораи ба касби илм шуғл доштани мардумони кӯҳистони аморати Бухоро менависад: «Аҳли илму талабаи ин вилоят (Ҳисор) бисёр фаровон аст, мутаҷовиз аз даҳ ҳазор нафар талаба мавҷуд аст, чаро ки ба ҳар дараву қария як адад, ду адад мадрасаи чӯбин мавҷуд аст. Аҳолии кӯҳистон ба касби илм иштиғоли тамом доранд ва ғайрати ҷибиллӣ (фитрӣ) доранд, лиҳозо аксар аҳли хаймаву хиргоҳ ва косибу тоҷири он ба қадри зарурат аз аҳли илм аст… ва заруриёти дин ва эътиқодотро хуб медонанд. Аҳолии кӯҳистон ба касби илм гӯйи сабқатро аз аксари аҳолии соири иёлоти Бухоро рабудаанд».

**Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи Ҳумоюн. Таҳиягар Ҷ. Назриев, Душанбе, 2006, саҳ. 124.**

С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи Султонхони Адо менависад: «Султонхоҷа шайхулислом Аҳрории Самарқандист. Мумоилайҳи дар Бухоро ба аҳди амир Ҳайдар, дар Хӯқанд ба аҳди Умархон боз дар Бухоро ба аҳди амир Насруллоҳ ба мартабаҳои олӣ расида ва сухансароӣ карда. Дар форсӣ ва туркӣ девонаш тамом аст… Вафоташ дар Бухоро, қабраш дар Самарқанд, ба мазори Хоҷа Аҳрор аст».

**С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик, Душанбе, 2010, саҳ.121 – 122.**

С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи хони Хӯқанд амир Умархон, ки бо тахаллуси Амирӣ шеър мегуфт, менависад: «Амир Умархон, илова бар ин ки мураббии шуаро ва фузало буд, аз шуарои намоёни давраи охир ба шумор мерафт. Бисёр истеъдодҳои адабӣ дар маҳди тарбияти ин модари адаб ба камол расида.

Амир Умархон дар сиюпанҷсолагӣ вафот кард. Дар ин умри кӯтоҳ бо вуҷуди касрати ашғоли ҳукуматдорӣ, дар олами адаб бисёр кор кард. Шеъри туркӣ, ки баъд аз Алишер Навоӣ дар Туркистонривоҷе надошт, дар аҳди ин амир дубора курсибандӣ дид. Дар форсӣ низ қудратнамоӣ кард. Девони туркӣ ва форсиаш мавҷуд аст».

**С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик, Душанбе, 2010, саҳ.121 – 122.**

## Тестҳо

1. Хусусияти ин давра он аст, ки дар ҳар вилояту кишваре аз ин сарзаминҳо давлату ҳокимиятҳои зиёди мустақилу нимамустақиле, мисли Ҷалоириён дар Бағдоду Ироқи Араб, Оли Инҷӯ дар Форс, Чӯпониён дар Озарбойҷон, Музаффариён дар Язду Кирмон ва Форсу Исфаҳон, Сарбадорон дар Хуросони Марказиву Ғарбӣ, Куртҳои Ҳирот дар Хуросони Шарқиву Ҷанубӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Муайян кунед, ки сухан дар бораи кадом давраи таърихӣ меравад?

   **Ҷавоб:**

   A) охири асри XV аввали асри XVI C) нимаи дуюми асри XIV
   B) асрҳои XIII-XIV D) аввали асри XVII

2. Чаро хонҳои муғул дар Мовароуннаҳр аз бутпарастӣ даст кашида, исломро қабул мекарданд?

   **Ҷавоб:**

   A) барои он ки аз мубаллиғони хориҷӣ маблағҳои калони пулӣ дарёфт кунанд;

   B) барои пойдории ҳукумати худ, зеро намехостанд мусулмонон ба онҳо нафрат дошта бошанд

   C) барои мубориза бурдан бо салибдорони масеҳӣ исломро қабул карданд;

   D) барои аз маркази ягонаи идорӣ Муғулистон ҷудо шуда, истиқлол ба даст овардан;

3. Муаррих Ибни Арабшоҳ дар бораи оғози ба қудрати сиёсӣ роҳ ёфтани ин чеҳраи машҳури таърих чунин менависад: «Аз он замон, ки .... аз итоати султон сар боз зад, бо ёрони хеш дар билоди Мовароуннаҳр роҳзанӣ пеша кард…Ва ҷамъе аз аҳли фасод бад-эшон пайвастанд ва шумораи ҳамроҳони ӯ ба 300 тан расид».

   **Ҷавоб:**

   A) амир Ҳусайн C) Мавлонозода
   B) Қазаған D) Темур

4. 13 феврали соли 1407 нафаре, ки мувофиқи васияти Темурланг бояд ба тахт менишаст, ба қатл расид. Муайян кунед, ки сухан дар бораи кӣ меравад?

   **Ҷавоб:**

   A) Улуғбек C) Мироншоҳ
   B) Шоҳрух D) Пирмуҳаммад

5. Кадоме аз ин табақаҳои иҷтимоӣ аз тарзи идораи мулк ва андешаву ахлоқи Улуғбек норозӣ буданд?

   **Ҷавоб:**

   A) ҳунармандон C) лашкариён
   B) рӯҳониён D) донишмандон

6. Мақбараи Гӯри Мир, ки дар Самарқанд ҷойгир аст, ба хотири кадом шахс ном гирифтааст?

   **Ҷавоб:**

   A) Темурланг C) Мирсаид Барака
   B) Амир Исмоил D) Мирсаид Алии Ҳамадонӣ

7. Ин муаррихро Темурланг пас аз забти Димишқ ҳамроҳи хонаводааш асир гирифта, ба Самарқанд овард. Муҳимтарин асари таърихии ӯ «Аҷойиб-ул-мақдур фи ахбори Темур» ном дорад.

**Ҷавоб:**

A) Мирхонд C) Хондамир

B) Ибни Арабшоҳ D) Рашидаддин Фазлуллоҳ

8. Ба ҷои нуқтаҳо ҷавоби дурустро пайдо карда гузоред: Сарзаминҳои аз Урал то Сибир, ҳавзаи баҳри Арал ва поёноби Сирдарё (ҳудуди Қазоқистон ва қисме аз сарзамини имрӯзаи Русия) аз асри XI ба баъд дар манбаъҳои таърихӣ бо номи..... зикр мешавад.

**Ҷавоб:**

A) Дашти Қипчоқ C) Кавири Лур

B) Саҳрои Аҷам D) Дашти Лангон

9. Мулкҳои инъомшуда ба намояндагони ашроф, ки ба вазифаҳои баланди давлатӣ таъйин мегардиданд, дар асри XVI чӣ номида мешуданд?

**Ҷавоб:**

A) иқтаъ C) суюрғол

B) хоҷагии ёрирасон D) хоҷагии деҳқонӣ

10. Ин шоир ва таърихнигори тоҷик соли 1485 дар Ҳирот таваллуд ёфта, дар Бухоро, Самарқанд, Тошканд ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр умр ба сар бурдаст. Маъруфтарин асари ӯ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ном дорад.

**Ҷавоб:**

A) Зайниддин Маҳмуди Восифӣ C) Абдурраҳмони Ҷомӣ

B) Бадриддин Ҳилолӣ D) Сайидои Насафӣ

11. Кадом сулола ҷойгузини Шайбониён дар Мовароуннаҳр гардид?

**Ҷавоб:**

A) Темуриён C) Сафавиён

B) Аштархониён D) Манғитиён

12. Соли 1740 ӯ ба Хоразм лашкар кашида, муқовимати хоразмиёнро дарҳам шикаста, ҳокими он – Илбарсхонро дар муҳориба ҳалок намуд. Сухан дар бораи кӣ меравад?

**Ҷавоб:**

A) Амир Ҳайдар C) Абулфайзхон

B) Нодиршоҳ D) Абдуллоҳхони II

13. Ин рассоми чирадаст тасвирҳои султон Ҳусайн ва Муҳаммад Шайбонихонро кашидааст, ки аз шоҳкорҳои ҳунари рассомӣ ба ҳисоб меравнд:

**Ҷавоб:**

A) Камолиддин Беҳзод C) Миралӣ

B) Навоӣ D) Қосим Алӣ

14. Кадом шоир ва мутафаккири тоҷик асарҳои «Захират-ул-мулук», «Авроди фатҳия», «Меръот-ут-тоибин», «Мактуботи амирия», «Рисолаи футувват» ва ғайраро навиштааст?

**Ҷавоб:**

A) Абдурраҳмони Ҷомӣ C) Камоли Хуҷандӣ

B) Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ D) Муҳаммад ибни Арабшоҳ

15. Намояндаи сулолаи Темуриён, ҳокими Андиҷон, ки орзуи расидан ба қудрат дошта, аз ҷониби пири тариқати нақшбандия Хоҷа Яҳё пуштибонӣ медид, чӣ ном дошт?

**Ҷавоб:**

A) Шохрух C) Увайс

B) Мироншоҳ D) Бобур

16. Муҳаммад Шайбонихон соли 1507 бо кадом мақсад ислоҳоти пулӣ гузаронд?

**Ҷавоб:**

A) барои танг кардани пулҳои давлати Темуриёни Ҳинд, ки дар Мовароуннаҳр гардиш мекарданд;

B) барои густариши муносибатҳои тиҷоратӣ бо давлати Рус ва кишварҳои Аврупо;

C) ба тарафи худ ҷалб кардани табақаҳои ҳокими давлати истилокарда;

D) барои коҳиш додани нуфуси ашроф ва рӯҳониёни маҳаллӣ, ки зидди Шайбониён буданд.

17. Матнро хонда, муайян кунед, ки сухан дар бораи ҳодисаҳои кадом марҳалаи таърихӣ меравад: «Баъди се рӯзи муҳосира шаҳр таслим гардид ва ба дастури Наҷми Сонӣ қатли оми мардум сурат гирифт, ки 15 ҳазор аҳолии он ба ҳалокат расид. Дар миёни он ҳама кушташудагон шоирон Камолиддини Биноӣ ва Сайид Ҳасани Оғлақчӣ низ буданд».

**Ҷавоб:**

A) ҷанги Муҳаммад Шайбонӣ ва Исмоили Сафавӣ дар Марв соли 1510;

B) ҳуҷуми Темурланг ба Хуросон ва забти давлати Сарбадорон, соли 1381;

C) лашкаркашии Наҷми Сонӣ ба Насаф дар соли 1512;

D) ҳуҷуми Муҳаммад Шайбонихон ба дашти Қипчоқ, соли 1496.

18. 20 апрели 1526 ҳодисаи муҳими таърихӣ ба ҳисоб меравад, зеро ин санаи таъсиси як давлати абарқудрат шумурда мешавад. Он давлат кадом аст?

**Ҷавоб:**

A) Бобуриёни Ҳинд ё Муғулони Кабир;

B) Сарбадорони Хуросон ё давлати Оли Масъуд;

C) давлати Шайбониён ё ӯзбекҳои шайбонӣ;

D)давлати қизилбошон ё Сафавиён.

19. Корвонсаройи Говкушон (1570), корвонсаройи назди масчиди Лесак (1559–60), корвонсаройи Қулбобо Кӯкалтош, корвонсаройи назди пули Саррофон, корвонсаройи Абдуллоҳхон дар кадом шаҳр амал мекаранд?

**Ҷавоб:**

A) Самарқанд C) Бухоро

B) Машҳад D) Ҳирот

20. Кадом омил боиси авҷ гирифтани зиддияти Шайбониён ва Сафавиён ва аз ҳам ҷудо гаштани сарзамини ягонаи Хуросону Мовароуннаҳр гардид?

A) гароиши Шайбониён ба самти Русия ва Сафавиён ба Аврупо;

B) робитаи хуби Сафавиён бо Ҳинд ва рақобати Шайбониён бо Рус;

C) омили мазҳабӣ, яъне расмӣ шудани мазҳаби шиа дар Эрон;

D) зиддияти тиҷоратӣ дар Роҳи бузурги абрешим.

21. Асари «Шайбонинома» ба қалами кадоме аз ин шоирон тааллуқ дорад?

**Ҷавоб:**

A) Камолиддини Беҳзод C) Камолиддини Биноӣ

B) Бадриддин Ҳилолӣ D) Алишери Навоӣ

22. Яке аз ин шоирон барои ҳаҷвия сурудан аз тарафи Убайдуллохон ба қатл расид?

**Ҷавоб:**

A) Бадриддини Ҳилолӣ C) Сайидои Насафӣ

B) Низомии Ганҷавӣ D) Абдурраҳмони Мушфиқӣ

23. Аҳамияту ҷойгоҳи кадоме аз ин минтақаҳои Тоҷикистони имрӯза аз асри XVI сар карда бештар мешавад?

**Ҷавоб:**

A) Кӯлоб C) Варзоб

B) Ҳисор D) Ғарм

24. Нахустин амири сулолаи манғитиён, ки худро "сайид" номид, кадом буд?

**Ҷавоб:**

A) Муҳаммад Раҳимбий C) Ҳайдар

B) Шоҳмурод D) Дониёл

25. Солҳои 1821–1825 дар водии Миёнкол шӯриши калон сар задааст. Муайян кунед, ки ин шӯриш ба номи кадом халқ иртибот дорад.

**Ҷавоб:**

A) туркману салҷуқиҳо C) хитойқипчоқҳо

B) ӯзбекҳои Дашти Қипчоқ D) кунғуроту лақайҳо

26. Ин амири ситамгарро духтари беки Шаҳрисабз Кенагасхоним ба қатл мерасонад:

**Ҷавоб:**
A) Темурланг  C) амир Насруллоҳ
B) амир Ҳайдар  D) амир Шоҳмурод

27. Дар охири асри XVIII ва ибтидои асри шаҳрҳои Хӯқанд, Намангон, Андиҷон, Марғелон, Ӯш (дар водии Фарғона), Тошканд ва Туркистон, ноҳияҳои ҳозираи Тоҷикистон – Исфара, Конибодом, Ашт, каме дертар – Дарвоз, Қаротегин ва Помир тобеи ин давлат буданд. Сухан дар бораи кадом давлат меравад?
**Ҷавоб:**
A) аморати Бухоро  C) хонии Хева
B) хонии Хӯқанд  D) хонии Регар

28. Шахсияти маъруфи тоҷик дар асри XIX, ки дар ҳудуди Қаротегин, Самарқанду Конибодом ва ноҳияи Панҷакент ҷӯйборҳо канда, об баровардааст, кадоме аз инҳост?
**Ҷавоб:**
A) Сайидалишоҳ  C) Сулаймоншоҳ
B) Халифа Ҳасан  D) Яъқуби Чархӣ

29. Солҳо ва ҳодисаҳоро мувофиқ кунед:
A) забти Самарқанд аз тарафи Бобур 1. 1588
B) ҷунбиши Сарбадорони Самарқанд 2. 1526
C) таъсиси давлати Бобуриёни Ҳинд 3. 1365
D) вафоти Мушфиқӣ дар Бухоро 4. 1524 5. 1501

30. Мафҳумҳои сутуни рост ва чапро мувофиқ кунед:
A) муассиси давлати Муғулони Кабир 1. 1588
B) Мадрасаи Кухна 2. 1526
C) «Бадоеъ-ул-вақоеъ» 3. Восифӣ
D) вафоти Мушфиқӣ дар Бухоро 4. Бобур
5. Ҳисор

31. Мувофиқ кунед:
A) «Таърихи Абулхайрхонӣ» 1. Хондамир
B) «Ҳабиб-ус-сияр» 2. Фазлуллоҳ ибни Рӯзбеҳон
C) «Меҳмонномаи Бухоро» 3. Ҳофизи Таниш
D) «Шарафномаи шоҳӣ» 4. Ҳабибуллоҳи Каллаконӣ
5. Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ

32. Солҳои ҳукмронии хонҳои сулолаи Ҷониёнро мувофиқ кунед:

A) Нодирмуҳаммад 1. 1645 – 1680
B) Абдулазизхон 2. 1599 – 1605
C) Имомқулихон 3. 1611 –1642
D) Валимуҳаммадхон 4. 1605 – 1611
5. 1642 – 1645

# МУНДАРИҶА

**§ 1. Пешгуфтор**........................................................3
**Мавзӯи I**............................................................................6
**Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV**
..........................................................................................6
**§ 2.** Шиддатёбии муборизаи байни хонҳои муғул дар Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 60-уми асри XIV .........................................6
**§3.** Мубориза барои ба даст овардани ҳокимият дар Самарқанд....11
**Мавзӯи II**
**Ҷунбиши Сарбадорон ва муборизаи онҳо бар зидди муғулҳо**..........16
**§ 4.** Омилҳои ба вуҷуд омадани ҷунбиши Сарбадорон....................16
**§ 5.** Муборизаи аҳолии Самарқанд бар зидди истилогарони муғул.19
**Мавзӯи III**
**Ба сари қудрат омадани Темурланг дар Самарқанд ва забткориҳои ӯ**
**§ 6** Ҳокимияти Мовароуннаҳрро гирифтани Темурланг...............24
**§ 7** Оғози лашкаркашиҳои Темурланг. .....................................28
**§ 8** Муносибати Темурланг бо Тухтамишхон. Усулҳои муборизаи Темурланг ба ҳангоми забткориҳояш.. .....................................38
**Мавзӯи IV**
**Вазъи иҷтимоию иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросон дар асри XV**..50
**§ 9.** Вазъи кишоварзӣ ва заминдорӣ..........................................50
**§ 10.** Вазъи муносибатҳои молию пулӣ.....................................57
**§ 11.** Шаҳр ва шаҳрдорӣ..........................................................66
**Мавзӯи V**
**Шиддат ёфтани зиддият байни намояндагони хонадони темурӣ ва заволи давлатдории онҳо**.......................................................69
**§ 12.** Муборизаи намояндагони хонадони темурӣ барои тахти Самарқанд..........................................................................69
**§ 13.** Кӯшишҳои Шоҳрух барои барқарории империяи темурӣ. Муборизаи фарзандони Шоҳрух барои ҳокимият.......................73
**§ 14.** Вазъи давлати Темуриён баъд аз вафоти Шоҳрух ва заволи он.......................................................................................78
**Мавзӯи VI**
**Вазъи фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар асри XV**... ..................85
**§ 15.** Осори ҳунари меъморӣ ва рушди он...................................85
**§ 16.** Ҳунари наққошӣ ва минётура..........................................93
**§ 17.** Илм ва адабиёт...............................................................98
**Мавзӯи VII**
**Вазъи сиёсии Мовароуннаҳр дар асри XVI. Таъсиси давлати Шайбониён**........................ .............................................106
**§ 18.** Вазъи давлати Темуриён дар арафаи ҳуҷуми Шайбонихон...106
**§ 19.** Ташкил ёфтани давлати Шайбониён...............................121
**§ 20.** Ҷангу низоъҳо дар миёнаи асри XVI дар Мовароуннаҳр.....129

**Мавзӯи VIII**
**Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар асри XVI**. ....................................140
**§ 21.** Кишоварзӣ. Шаклҳои заминдорӣ.................................140
**§ 22.** Вазъи ҳунармандӣ. Савдои дохилӣ ва хориҷӣ...................145
**Мавзӯи IX**
**Маданияти моддӣ ва маънавии халқи тоҷик дар асри XVI**...........151
**§ 23.** Бинокорӣ ва меъморӣ....................................................151
**§ 24.** Китобхонаҳо ва ороиши дастнависҳо. Инкишофи ҳунари минётура.................................................................................156
**§ 25.** Мусиқӣ ва мақомхонӣ....................................................159
**§ 26.** Ҳаёти адабӣ ва илмӣ.......................................................161
**Мавзӯи X**
**Халқи тоҷик дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII**..............169
**§ 27.** Вазъи сиёсии хонии Бухоро дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII.....................................................................................169
**§ 28.** Бадахшон ва Ҳисор дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII.........................................................................................175
**§ 29.** Хуҷанд ва Ӯротеппа дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII. Вазъи хонии Бухоро дар замони ҳукмронии Абулфайзхон.............................................................................180
**§ 30.** Лашкаркашии Нодиршоҳ ба сӯйи мулкҳои Бухоро ва суқути давлати Аштархониҳо..............................................................183
**Мавзӯи XI**
**Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар асри XVII ва нимаи аввали XVIII**.189
**§ 31.** Ба ихтиёри заминдорони калон гузаштани қисми зиёди замин. Сарватҳои зеризаминӣ............................................189
**§ 32.**Касбу ҳунар ва тиҷорат....................................................193
**§ 33.** Робитаҳои дипломатӣ. Ҷунбишҳои мардумӣ.......................200
**Мавзӯи XII**
**Маданияти моддӣ ва маънавии халқи тоҷик дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII**....................................................................206
**§ 34.** Меъморӣ ва ҳунар.......................................................... 206
**§ 35.** Адабиёт.........................................................................213
**§ 36.** Инкишофи илм.............................................................. 216
**Мавзӯи XIII**
**Вазъи сиёсии аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд дар нимаи дуюми асри XVIII**.......................................................................220
**§ 37.** Оғози ҳукмронии сулолаи Манғитиён.................................220
**§ 38.** Забти Ҳисор ва амалиёти ҳокимони Ӯротеппа......................223
**§ 39.** Ҳукмронии Дониёл аталиқ. Тадбирҳои Шоҳмурод барои мустаҳкам кардани аморати Бухоро..........................................226
**§ 40.** Таъсиси хонии Хӯқанд......................................................230

**Мавзӯи XIV**
**Вазъи сиёсии аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд дар аввали асри XIX**......233
**§ 41.** Амирони Бухоро......233
**§ 42.** Хонҳои Хӯқанд......237
**§ 43.** Бекҳои Ҳисор ва Кӯлоб......242
**§ 44.** Ҳокимони Ӯротеппа ва Хуҷанд......245
**§ 45.** Ҷангҳо байни амирони Бухоро ва хонҳои Хӯқанд ва оқибати харобиовари онҳо......248
**§ 46.** Сохти маъмурии аморати Бухоро......252
**Мавзӯи XV**
**Вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар нимаи аввали асри XIX**
**§ 47.** Ҷойгиршавии аҳолӣ дар аморати Бухоро ва Хӯқанд. Ҳаёти кишоварзӣ......256
**§ 48.** Ҳунармандӣ. Сарватҳои зеризаминӣ......260
**§ 49.** Тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ......267
**§ 50.** Обёрӣ. Шаклҳои заминдорӣ......270
**§ 51.** Андозҳо......275
**§ 52.** Шӯришҳои мардумӣ......278
**Мавзӯи XVI**
**Маданияти моддӣ ва маънавӣ дар нимаи аввали асри XIX**......283
**§ 53.** Бинокорӣ ва меъморӣ......283
**§ 54.** Таърихнигорӣ......286
**§ 55.** Ҳаёти илмӣ ва адабӣ......290

АҲРОР МУХТОРОВ, ҲАМЗА КАМОЛ,
АБДУҚАҲҲОР САИДОВ

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Китоби дарсӣ барои синфи 8 – уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

| | |
|---|---|
| Муҳаррир: | Қиёмиддин Сатторӣ |
| Муҳаррири техникӣ: | Қобилҷон Саъдуллоев |
| Тарроҳ: | Иқбол Сатторов |
| Мусаҳҳеҳ: | Манижа Сафаралиева |

Ба матбаа 23.11.2015 супорида шуд.
Ба чоп 04.02.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60х90 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 19.
Адади нашр 135000 нусха. Супориши № 174/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66. E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи КВД «Комбинати полиграфии ш. Душанбе» бо супориши №22 аз 04.02.2016 чоп шудааст